Ато Мирхоча

# Саройи Санг



**Ато Мирхоҷа**

# САРОЙИ САНГ

***Романи таърихӣ***

***Қисми дуюм***

*Ба муаллифи китоби «Таърихи Шуғнон»*
*Ҳайдаршо Муҳаббатшозода ва нигорандаи таърихчаи*
*Рӯшони асри 19 Лахман Ҳусейнзода мебахшам.*

Душанбе
«ЭР-граф»
2019

ББК 84Тоҷик 7–4 + 63.3(2Тоҷик)
М–65

**Муҳаррирон: Низом Қосим**

**Ато Мирхоҷа**. Саройи санг (романи таърихӣ, қисми 2). Душанбе: «ЭР-граф», 2019. – 368 саҳ.

Қисми дуюми романи таърихии «Саройи санг» давраи солҳои 1870-1874-уми тоҷикони Бадахшонро дарбар мегирад. Дар ин замон Шуғнону Вахон хироҷгузори Бадахшон бошанд ҳам, амалан ба ҳукумати марказӣ тобеъ набуданд. Бадахшон давлати мустақил ҳисоб шуда, ҳудуди ғарбии он то Тахористон доман паҳн мекунад. Таҳти пуштибонии англисҳо дар Кобул ҳукумати афғонҳо батадриҷ шакл гирифта, ба неруи муҳимми сиёсии минтақа табдил меёбад.

Муаллифи роман дар ин қисмат ба зиддиятҳои хурду камаҳамияти дохилӣ машғул гардида, аз авзои воқеии ҷаҳон бехабар мондани ҳокими Шуғнон ва талошҳои заифонаи ӯро барои нигоҳ доштани ҳукумати худ ба риштаи тасвир кашидааст.

ISBN 978-99975-78-69-3

© Ато Мирхоҷа, 2019

# ХИРПИЧОР

Сол камбарф омад. Аз Йӯрх пойи раҳгузар канда нашуд. Зеро, аз як тараф, тармаву роҳбандӣ кам буд, аз тарафи дигар, одамон гурӯҳ-гурӯҳ аз Шуғнону Рӯшон ҷониби Дарвоз мегурехтанд. Муҳаббатхон бародарашро ба фирор маҷбур намуда, акнун тарафдорони вайро ҷазо медод. Онҳое, ки пойи равандаву ҷони ҷунбанда доштанд, тарки ватан менамуданд. Медонистанд, ки Муҳаббатхон на раҳм дорад, на шафқат. Дар дилаш нисбат ба касе заррае гумони бад пайдо шавад, бидуни пурсишу тафтиш, ӯро бо аҳли хонаводааш ба азоби алим гирифтор месозад.

Хайримаҳмаду Доробшоҳ дар Йӯрх одамони худӣ шуданд. Шабҳоро дар миннатхона дар суҳбати шайхи фозил Соҳибназари Қаландар рӯз мекарданду рӯзҳо ба соҳибхонаи ҳимматбаланду меҳрубон Шайхзода ёрӣ мерасонданд. Чанд маротиба ба кӯҳи болои деҳ ба шикор баромада, бо нахчирҳои гаронҷусса баргаштанд.

Доробшоҳ аз Хайримаҳмад ҳунарҳои зиёде ёд гирифт. Пеш аз ҳама, интизому тартиб омӯхт. Хайримаҳмад, ба чи коре, ки даст занад, бо ҳавсалаву назофати хоса анҷом медод. Баракси дӯсташ, Доробшоҳ як миқдор хунгарму шитобзада буд. Гоҳе дар назараш чунин менамуд, ки Хайримаҳмад дар сабуриву мураттабӣ қасдан ифрот мекунад. Бетоқат мешуд, дилаш танг мегашт, мехост андешаашро дар ин бора ба рӯяш кашад. Вале ибо мекард. Тамкину салобати сангини ин марди солор эътирозаки дар банди дил печидаашро гиреҳ мебаст. Як ҳезумшикании Хайримаҳмад чи аҷобате дошт! Шоху барги чӯбро аввал паст мебурид, баъд ба андозаи баробар мешикаст. Сипас чунон зебо сарчин мезад, ки ангор наққоше расм мекашад, на ҳезумшикане барои танӯри сиёҳ аловӣ омода мекунад. Ё сайдро ба чи назокат забҳ мекарду ба чи малоҳат пӯст канда, ба узвҳо ҷудо менамуд! Биё тамошо! Дар оғози ҳама кор исми Худо вирди забонаш буд. Барои иҷрои ҳар амал дуои хосае дошт: дуои хӯроки саҳар, дуои хӯроки чошту шом, дуои ширинӣ, дуои назр, дуои хоб, дуои хестан, дуои сафар, дуои ҳар гуна дард … Вақте ба кӯҳ мебаромад, ба ғайр аз кофтукови нахчир, ҳамзамон гулу гиёҳ ва сангу хоки гирду атрофро бадиққат аз назар мегузаронд. Буттаву гулҳоро бӯй мекашид, маззаашонро мечашид; ба сангу хоке, ки ба назараш аҷиб метофтанд, дер гоҳ ба чашми таҳқиқ менигарист, ҳатто бӯю маззаи онҳоро ҳам месанҷиду намунаашонро ба халтача андохта, бо худ мегирифт.

Доробшоҳро ақли доништалабу чашми ҷӯянда ва дасти ба ҳама кор часпони ҳамсафараш тасхир карда буд. Дар муддати як моҳ алифборо аз вай омӯхту китобхон шуд! Батадриҷ бисёр калимаҳои порсиро ҳам ёд гирифт. Дар моҳи дуюм, ба душворӣ бошад ҳам, чи гуфтани шайхро мефаҳмид.

Хайримаҳмад ба ӯ камондорию тирпаронӣ ёд дод. Рӯзона ҷавонмардони деҳ дар майдони назди миннатхона ҷамъ омада, гӯштӣ мегирифтанду лаш[1] мебозиданд. Бозиҳо бо шӯру мағал ва шавқу рағбати беандоза мегузаштанд. Маълум шуд, ки мардони Йӯрх ҳамагӣ паҳлавону чолок будаанд. Хайримаҳмад дар гӯштин моҳир бошад ҳам, аз як нафар, ки Зулфиқор ном дошт, шикаст хӯрд. Доробшоҳ дар лаш ҳамоварде надошт. Вақте ки «дасти попо»-ро «дам бар дам аз чаҳорӣ»[2] мегирифт, фиғони ҳарифони гурӯҳи ӯ ба фалак мепечид. Зеро онҳо дар ин марҳилаи мушкил ҳатман ба хато роҳ дода, дигар пеш рафта наметавонистанд. Аммо Доробшоҳ бидуни иштибоҳ ба зинаи «мум кулча»[3] расида, ҳарифонашро масхараву саворӣ мекард ва таҳсину офарингӯйии тамошобинони хушҳол ба фалак мепечид.

Субҳи рӯзи Хирпичор[4] Шайхзодаи олиҳиммат пас аз адои намоз бо як лаган гандум аз хона баромад. Онро се маротиба ҷониби офтоббаро гирди сар гардонда, ба замин гузошт ва ба нимовоз даст ба дуо бардошт:

– Худоё, Худовандо! Моро, ки аз нестӣ ба қудрати Худ ҳаст фармудӣ ва нафси ҷӯяндаву пои пӯянда атоямон бинмудӣ, рӯзии моро ҳам Ту бахшоӣ, чашми сар ва чашми дили моро ҳам Ту сер бинмоӣ. Ба инояти бениҳояти Худ обҳоро дар обшор нигоҳ дорӣ ва киштаҳоро дар киштзор бисабзонӣ ва ҷамъеи бандагони Худро аз куфрони неъмат дасткӯтаҳ гардонӣ! Омин Аллоҳу Акбар!

---

[1] Лаш – чиллик, лашбозӣ – чилликбозӣ

[2] «Дасти попо» яке аз зинаҳои мураккабу душвори лашбозӣ. Бозигаре, ки ба ин марҳала аз ҳама пеш мерасад, ду ё чор бор партофтани лаш дар ихтиёри ӯст. Лашро аввал бо дасти рост зада, ба ҳаво мехезонад, сипас калтакро аз пушташ гузаронда, ба дасти чап медиҳад ва боз бо дасти рост қапида, лаши бархостаро зада, дур мепарронад. Агар хато кунад, бозии ин марҳиларо аз сар мегирад.

[3] «Мум кулча» («Кулчаи момо») - охирин зинаи лашбозӣ.

[4] Хирпичор (шуғнонӣ: айнан «Офтоб дар мард») – иди Сада; рӯзест, ки мувофиқи тақвими шуғнонии «Хирасоб» («Хуршедшуморӣ»), ки тақвими «Марди шикорчӣ» низ меноманд, офтоб ба андоми марди шикорчӣ медарояд. Он аз нохун сар шуда, бо мағзи сар анҷом меёбад ва пас аз чиллаи тобистон аз мағзи сар оғоз шуда, бо нохун анҷом меёбад. Иди Хирпичор ба 12-и далв (2-юми феврал) рост меояд.

Ӯ як мушт гандумро ба чор тараф пошиду лаганро бардошта, ба миннатхона рафт.

– Навиди баҳор муборак! – хитоб кард Шайхзода ба меҳмонони худ ва лаганро назди оташдон гузошт.

Шайх, Хайримаҳмад ва Доробшоҳ, ки чой мехӯрданд, баробар посух доданд:

– Худо муборак!

– Имрӯз Хирпичор аст, ҷаноби шайх. Шумо онро Сада мегӯед. Дуои хайре мекардед.

Шайх луқмаи даҳонашро андешакунон хоида, фуру бурду гуфт:

– Дуо додан, албатта, амри хайр аст, вале на дар Сада, ки иди маҷусон мебошад.

Шайхзода, ки дар интизори дуо дастонашро баҳам оварда буд, аз чунин посухи ғайрчашмдошт дар шигифт афтод.

– Иди маҷусон? – садои норозиёнаи Хайримаҳмад баланд шуд: – Ту гуфтаниӣ, ки мо мусулмон нестем? Охир, Хирпичор айёми[1] аҷдодии мост.

– Нагуфтам мусулмон нестед, мегӯям, ки мусулмони комил боистӣ аз идҳои ғайриисломӣ бипарҳезад, то имонаш накс нагирад.

– Наход? – гулу афшонда, пурсид Шайхзода, – Бе Садаву Наврӯзу Меҳргон чӣ тавр мешавад зиндагӣ кард? То ҳол зиёнашонро надидем.

Сухани шайх ҳатто Доробшоҳро, ки аз иллати ба порсӣ равон гап зада натавонистан, дар маҷлисҳо хомӯш менишаст, ба забон овард:

– Аро, шех, ту аҷаб гапи безеб задӣ-а? Дар куистон амин идо набошанд, дили мардум мекафад. Пур одами бераъм будаӣ ту.

– Дороб рост мегӯяд, – гапи шарикашро қувват дод Хайримаҳмад. – Дар куҷо навиштаанд, ки мардум аз идҳои бобоии худ рӯ гардонад? Агар дар Қуръон мебуд, пирони мо барвақт манъашон мекарданд.

– Дар Қуръон нест, лекин ислом иду ҷашнҳои хоси худро дорад. Бузургтаринашон Фитр ва Қурбонанд. Идҳое, ки шумо мегӯед, аз мушриконанду мушрикон – душманони ислом. Пас шумо дар ин идҳо ҳамдилии худро бо душманони ислом намоиш медиҳед.

---

[1] Айём ё аём – ид

– Барои мо ҳам Фитру Қурбон иданд, ҳам Садаву Наврӯзу Меҳргон, – ситезомез эътироз кард Шайхзода. – Наздики чошт мардум ҷамъ мешавад.

– Ин идҳоро низ ба номи Аллоҳи таоло мегузаронему ояҳои Қуръон мехонем, – гапи соҳибхонаро тақвият бахшид Хайримаҳмад. – Ба ту маъқул набошад, иштирок накун.

Дар тамоми муддати будубошаш дар Йӯрх, шайх бори аввал медид, ки гапашро гардонанд. Дилаш сиёҳ шуда бошад ҳам, табассуми сохтае карду гуфт:

– Ин хел бошад, гузаронед. «Тарки одат – амри муҳол» гуфтаанд.

Барои он ки соҳибхона аз вазъи ноҳинҷор берун ояд, Хайримаҳмад даст ба дуо бардошт:

– Илоҳо, ба мо ақлу фаросат ато фармо, то шукронаи неъматҳои хурданиамонро ва тандурустиамонро ва шукронаи ин неъматро, ки аз аҳли имонем ва дар дини ҳабиби Туем, ба ҷо биорем ва дар ҳаққи соҳибони ин хайр чунин дуо бикунем, ки мақбули даргоҳи самадияташ бигардад: Раббано отино фӣ дунё ҳасанатав ва фил охирати ҳасанатав ва қинно азобуннор.

**Кушода бод ба давлат ҳамеша ин даргоҳ,**
**Ба ҳаққи ашҳаду ан ло Илоҳу ил-л-Аллоҳ.**

Омин ё Раббалоламин!

Ҳама даст ба рӯй кашиданд. Шайхзода аз рӯи таомул дасти Хайримаҳмадро бӯсид, тарафи Соҳибназари Қаландар таъзиме кард ва лаганро бардошту берун рафт.

Сукути гарон хонаро фаро гирифт. Шайх ба косаи ширчойаш равғани зард андохта, то пурра об шудан онро бо чумча гирд гардонд. Доробшоҳ ба оташдон чанд пора ҳезум партофту диккак нишаста, ба чарс-чурси чӯбу аланга гирифтани оташ гӯш андохт. Димоғи Хайримаҳмадро андешаи зишти Соҳибназар дар бораи расму таомули қавмаш сӯзонд. Вай шунида буд, ки мардуми кишварҳои ҳамсоя ба кешу русумоти шуғнониён[1] хушбин нестанд, вале дар зиндагиаш бори нахуст ба шахсе дучор омад, ки дар ин хусус фикрашро рӯирост баён кард. Гапи шайх ба дили ӯ таъсири бад гузошт. Худро таҳқиршуда эҳсос намуд. Эътироз дар вуҷудаш талотум зад, аммо

---

[1] Он замон сокинони Рӯшон, Бартанг, Марғов, Ғорон ва Шуғнонро дар маҷмӯъ «шуғнонӣ» ё «шуғнӣ» мегуфтанд.

домани ихтиёрро аз даст надод. Се бор зери лаб ояи «ло ҳавла вало қуввата илло биллоҳ ал али ва-л-азим»-ро хонда, таскин ёфту ба шайх рӯ овард:

– Ҳазрат, ҳазор ваъз хонӣ ҳам, халқи мо ин гапатро қабул намекунад. Шукри Худо, аз раҳнамо бенасиб нестем.

Соҳибназар бо ангуштонаш ба косаи чинӣ ҷиринг-ҷиринг зада, табассуми фарохе карду посух дод:

– Дӯстам, ҳар дину оин қоидаву қонун дорад. Агар ин қоидаву қонунҳо муроот нашаванд, он дину оин заиф гашта, аз байн меравад. Медонӣ, ҳар қавм ба ислом чизе аз худ биафзояд, ё кам бикунад, оқибаташ чист? Олам аз нав кофаристон мешавад! – Чашмони шайх фарох ва ба ду лахчаи оташ монанд шуданд. – Мусалмон дар тамоми олам бояд дар доираи шариат зиндагӣ кунад. Он гоҳ муқтадир, тавоно ва оламгир мешавем.

Хайримаҳмад, ба ақидаи шайх розӣ набошад ҳам, ҷавоби саҳеҳу пухта надошт. Сар поин андохту дам назад.

Нохост Доробшоҳ ба забон омад:

– Шех, аммо бақуват гап гуфтӣ. Аъне, ама якҷо бояд шавем.

Соҳибназар сар ҷунбонд.

– Ту амин Мабатхон мешиносӣ?

– Шахсан намешиносам, лекин медонам, ки ҳокими Шуғнон аст.

– О, худди худаш. Шех, агар якҷо шавем, Мабатхонро аз тахт карда метавонем?

Аз ин савол лабони шайх ба табассум мойил гашта, андешаҳои гарони Хайримаҳмад низ пароканданд. Вай гӯш ба қимор шуд.

– Албатта, метавонем. Лекин шахси мусалмонро бо гуфтугӯву маслиҳат аз роҳи бад баргардондан лозим.

– Маслиат? Бо Мабатхон? Ба куни мурда – оби сард! Вай фақат як илоҷ дорад: куштан!

Шайх ришашро панҷа зада, даме андеша карду гуфт:

– Аҷабо, барои чӣ?

– Аз дасти Мабатхону бародараш Исуфалихон рӯз надорем. Аз вақте ки ба ҳақлам соиб шудам, корашон фақат куштан, бедод, зӯрӣ. Падарамро куштанд, хоарамро ба Кобул гуфтанӣ шаър бурда, фурӯхтанд. Дили ман ин, ки агар мусулмонро якҷо кунему иноро зинда ба зинда сӯзонем, халқ ба муроду мақсад мерасад. Амин кор шавад, на Сада даркору на Гамунд.

Дар назари Хайримаҳмад дар чеҳраи шайх лаҳзае равшанӣ барқ зад. Вай ҷунбиду тасбеҳ гирифт ва муҳраҳоро гардонда, гуфт:

– Зулм бадтарин гуноҳ аст, Доробшоҳ. – Бори нахуст шайх номи ӯро ба забон гирифт. – Ба хотири иттиҳод аз баҳри бисёр чиз гузаштан лозим аст. Аз идҳои маҷусиву шоҳони золим ҳам.

Офтоби бошитоби зимистон аз равзани миннатхона як ламъа нурашро ба пойи сутун партофт. Дар кушода шуду Маликзеб бо табақи кочӣ даромад. Онро болои дасторхон ниҳода, ба ҳар сеяшон дастбӯс салом доду гуфт:

– Хирпичор муборак!

– Худо муборак! – посух доданд Хайримаҳмаду Доробшоҳ.

– Амакҳо, кадоматон дар баҳор таваллуд шудаед?

Пас аз дақиқаи сукут Хайримаҳмад ҷавоб дод:

– Ман.

– До, пас ҳаққи сӯзондани офтоб бо туст, – гуфт Маликзеб ва аз пешбухорӣ ҷорӯб гирифту дар дами оташ дошт. Чун сӯз гирифт, онро ба дасти Хайримаҳмад доду ҷониби посутун ишора кард. Вай ҳам бедудилагӣ “ман борҳо ин корро кардаам” – гӯён ҷорӯбро ба партави офтоб пахш карду ҷониби осмон рӯ овард:

– Эй офтоби оламтоб, ту саракамро бисӯз, ман поякатро бисӯзам. То биштобиву бар киштаву пуштаи мо битобӣ, моҳиро дар об ва гиёҳро дар хоб биҷунбонӣ, дили моро неру бахшӣ ва бар сари мо ба некӣ дурахшӣ!

Хайримаҳмад ҷорӯбро ба ҷояш гузошт. Маликзеб бо нӯканд[1] аз даруни оташдон лахча бардошт, ба табақчаи мисӣ ниҳод ва бар болояш ситирахм[2] гузошт. Бӯи хуш дарҳол миннатхонаро пур карда, димоғҳоро фараҳ бахшид. Ва баргашту дар чибе[3] кочӣ гирифта, бо дасти рост андак-андак аз он ба сутуну часпаксутунҳо[4] молид. Сипас ситирахмро се бор зиёрат карду иҷозаи рафтан хост:

– Падарам мол мекушад, ман ёриаш меравам.

– Шумо худоӣ медиҳед? – пурсид шайх.

– Халқ ба дилхушӣ ҷамъ меояд, боҷ[5] мепазем.

– Чӣ дилхушие мекунед?

---

[1] Нӯканд – белча барои хокистаргирӣ.

[2] Ситирахм – як навъ гиёҳи хушбӯй, ки муқаддас шумурда мешавад.

[3] Чиб – қошуқи чӯбӣ

[4] Часпаксутун – сутуни танаи девор.

[5] Боҷ – хӯрокест аз гандуми нимкӯфта ва ишкамбаву каллапоча; мисоли далда, дангича

– Аввал хона мерӯбанд, дар чорраҳа гулхан афрӯхта, партовашро ба он меандозанд, баъд аз болои алов мепаранд, баъд гуштӣ мегиранд, баъд лаш мебозанд, суруд мехонанд, рақс мекунанд, мишк мезананд[1].

– Тамошои аҷибе мешавад, бигӯ, – ба шавқ омад Доробшоҳ, – мо ҳам аз қафоят расида меоем.

Шайх сар ҷунбонду гуфт:

– Мардуми аҷоибед шумо, хурсандӣ карда метавонед.

Маликзеб рафт, Доробшоҳу Хайримаҳмад ҳам бархостанд.

– Ман пагоҳ нийяти сафар дорам, – гуфт Соҳибназари Қаландар. – Агар хоҳед, ҳамроҳ шавед.

Аз ин хабар дар бадани Хайримаҳмаду Доробшоҳ ҷони тоза дамид.

– Мо омодаем, – гуфт Хайримаҳмад, – куҷо меравем?

– Ба Кобул, барф кам, роҳҳо кушодаанд. Хостам то Шуғнон биравам, ҷангу ҷидол имкон надод. Дигар фурсат намонд.

Ҳар се ба рӯйи ҳавлӣ баромаданд.

## ИҶРОИ ҲУКМ

Тобистон қадами сабзи худро барчида, барои тирамоҳ ҷой холӣ мекард. Моҳи ғӯзшивден[2], бо нақш задани рангҳои тоза, мусавварои дар тобистон кашидаи табиатро боз ҳам назарработар месохт. Барфи сафеди сари қуллаҳо, пиряххои тирафоми гарданаҳо, шахпораҳои хокистарии риштакӯҳҳо, буттаву гиёҳҳои рангоранги пуштаву новаҳо, ҷангалакҳои ҷигаритоби соҳили рӯдборҳо, киштзорони зумуррадгуни водиҳо, рӯдхонаҳои ҳазорчилваи дараҳо ба чашм зиё, ба дил фараҳ мебахшиданд. Кӯҳистон арӯси афсонавиро мемонд. Рангҳо ҷое ҷанг доштанд, ҷое омехтаву дар оғӯши ҳам меорамиданд. Ғурму оҳу гала-гала сар-сари кӯҳу даман сайругашт ва хушмаззатарин гулу гиёҳҳоро нӯши ҷон мекарданд. Ваҳшу тайр шикамсерӣ мехӯрд, медавид, мепарид, меболид. Олам моломоли нашъаи сериву ризоият аз зиндагӣ буд.

[1] Мишкзанӣ – бозиест бо муҳраҳои устухони чорво; мишк – муҳра.

[2] Ғӯзшивден (рӯшонӣ-шуғнонӣ: ғӯзхӣвден – чормағзафшонӣ) – моҳи аввали поиз, баробар ба 21 сентябр – 22 октябр

Парини[1] Верз, монанди тарошаи аз бом афтода, банохост сари роҳ мебарояд. Мусофир маҷбур аст, ҷон ба каф гирифта, се пули ларзонакро гузарад. Дигар роҳ нест. Кӯҳи лайс ба дарозии дусад-дусаду панҷоҳ қадам дар поён ба рӯди хурӯшони пур аз санг пайваста, партгоҳи хавфноке ба вуҷуд овардааст. Гузаштан аз пулҳо заҳраву чолокии хос мехоҳад. Бартангиён ба ин пулҳо одат кардаанд. Онҳо аниқ медонанд, ки дар кадом нуқтаи пул худ, асп ё харашон чи тавр қадам гузоранд. Як қадами ноҷо ё ҷунбиши нодуруст бас, ки сарозер гардӣ. Афтидӣ, тамом! Мурдаат туъмаи лошахорон мешавад. Кӣ фурсату ҷуръат дорад, ки дар ин тангнои касногузар ҷасадатро ҷустуҷӯ кунад?

Оврингӣ даҳшатнок дар боло ҳаво дораду дар поён об, на такяву не такягоҳе. Ақл ҳайрон мемонад, ки дар синаи чун оина ҳамвори кӯҳ се гузаргоҳи ҳавоиро чӣ тавр сохтаанд? Ангор одамони ин дара бол доранд. Вагарна инсони одӣ ба чӣ қудрате дар шах сӯроххо шикофтаву тирчӯбҳо халондааст? Чӣ тавр ба ин партгоҳ танобу чӯб баровардааст? Ба куҷо такя зада, онҳоро ба ҳам баста, бадана сохтаву аз навдаҳо раҳрави устувор бофтааст? Боз аз ин пулҳои ҳавоӣ улоғи пурбор ҳам мегузарад!

– Ба пули Сирот ҳам расидем, – гуфт Ханҷартило ва аз асп фаромаду тоқиашро аз сар гирифта, бо он ба ҷониби парини воҳиманок ишора кард.

– Уҳууу, ин хелаша ягон бор надида будам! – Ношак, ки кафашро ба пешонӣ соябон карда, аз болои асп манзараи вахими парини Верзро тамошо дошт, ба ваҷд омад. – Чашм сиёҳӣ мезанад-е.

– Фарову валъаматро ҳам фарор, – амр кард Ханҷартило, ки масъулияти сафарро ба уҳда дошт.

Ношак пиёда шуду назди модиёне, ки зане бо духтарчааш савори он буданд, омад ва гуфт:

– Валъамат, Гулнозро ба ман бидеҳу худат ҳам боэҳтиёт фаро.

Зан ду бари шоли қаҳварангашро ҷамъ карда, болои шонаҳояш партофту кӯдакро ба дасти Ношак дод.

– Дам мегирем? – аз асп поин омада, пурсид зан.

– Аз овринг савора гузашта намешавад. Андак нафас рост кунем, баъд мегузарем.

Духтарак парпарзанон худро аз нав ба оғӯши модар андохт. Мард ба назди ҳамроҳаш рафт. Ханҷартило пондаҳ-бист қадам дур-

[1] Парин – овринг

тар, ду даст ба миён гузошта, бодиққат пулҳои овезонро тамошо мекард.

– Нанҷон, ман тарсидам. Дар ин ҷо албастӣ нест? – Гулноз шахи девлесеро[1] нишон дод, ки дар пои он истода буданд.

– Ин ҷо на дев дорад, на албастӣ. Натарс, ширинакам, – аз ду рӯяш бо ангушт бӯса гирифта, ба лаб гузошт модар. – Ман туро ба ҳеҷ кас намедиҳам.

– Гуфтӣ, ки ана ин шаб, ин шаб хоб кунем, мерасем, – Гулноз ду ангушташро як-як хобонда, шумориду лаб инҷ кард. – Лекин нарасидем-ку?

– Ҳамин шаб мерасем, ҷонам, – тасаллоомез гуфт модар. – Баъд баҳузур дар хонаи бобоят хоб мекунӣ.

– Чи хел нағз! – духтарак аз завқ дастаконашро ба синаи модар кӯфт. – Лекин тезтар, шаб нарасем, ман гашта, ба қалъа меравам.

Духтари дунёбехабар аз куҷо медонист, ки дари қалъаро абадан ба рӯи вайу модараш бастаанд. Баҳрпанҷае, ки дар он хуни нофи Гулноз рехтаву Сарвиноз аз канизӣ ба маснади шаҳбону расид, дигар барояшон бегона аст.

Ханҷартило, гӯё бори нахуст Ношакро дида бошад, ӯро саропо синчакунон аз назар гузаронду гуфт:

– Ягон бор одам куштаӣ?

Ношак, ба чи андешае муштонашро гиреҳ карду ҷавоб дод:

– Албатта, дар Ғорон пайрадори анбори ғалла, дар Хоруғ Мардихудо, дар Жомарч зани оқсақол...

– Пас занакро ҳам худат ҷар кун, – гапашро бурид Ханҷартило.

– Худат чӣ?

– Ту занакро бар, ман духтарашро хафа мекунам.

– Духтаракро ҳам мекушӣ? – ба таҳлука афтод Ношак, – вай чӣ гуноҳ дорад?

– Амри шоҳ чунин аст.

Ношак ба оҳанги илтиҷо гуфт:

– Андувол, ману ту рафиқи куҳнаем. Гушнагиро якҷо гузарондему як навола нонро баҳам хӯрдем, ғарибиро дидему ҳукуматро ҳам. Медонӣ, ки ман фарзанд надорам. Гуфтам зани дигар бигирам, ки ғарибии шашсола пеш омад. Бозгаштам, ки за-

[1] Девлес – сангеро меноманд, ки бар асари бод хӯрда шуда бошад.

нам нозо шудаст. Чор мӯчалу[1] шаш сол гирифтам, дигар рағбати зангирӣ дар кучо...

– Ту мехоҳӣ духтаракро хонаат бибарӣ? – мақсади ҳамсафарашро пай бурд Ханчартило.

– Бисёр мехоҳам, ошно, бисёр. Ӯро духтархонд мекунам.

Ханчартило аз ҳайрат ҳуштак кашид.

– Ношак, гӯшат даҳанатро мешунавад ё не? Ту мехоҳӣ туъмаи шамшери шоҳ шавем?

Ношак тоқиашро гирифту пеши пойи Ханчартило партофт ва гуфт:

– Дар умрам зӯрӣ кардаам, зорӣ не. Лекин ҳоло зорӣ мекунам, хоҳӣ, пеши поят меафтам, андувол. Ба номи Худо қасам мехӯрам, ки ин сирро дар дили худ ба гӯр мебарам.

Ханчартило андешиду гуфт:

– Ин тавр бошад, занакро худат чар мекунӣ.

Ношак дарҳол розӣ шуд:

– Мекунам, лекин, илтимос, духтарро нобуд накун.

– Дар бораи ман ин қадар бад фикр накун, ман ҳам аждаҳо нестам. Ба ту даркор бошад, бигир. Лекин дониста мон: агар ин гап барояд, шоҳ на ба ман раҳм мекунад, на ба ту.

– Медонам, андувол, медонам. Ҳазорон раҳмат. Ман ин хизмататро, албатта, бармегардонам.

Афсару навкар бо ҳамин маслиҳат ба назди Сарвинозу духтараш омаданд. Модар ба Гулноз кулчаву мавиз мехӯронд. Гулноз сар ба синааш гузошта, бо мухраҳои гарданаш бозӣ мекард.

– Бародарон, то Сарез чӣ қадар роҳ мондааст? Гулноз бетоқат шудааст.

– Якрӯза роҳ монд, валъамат, – чавоб дод Ханчартило. – Ҳоло бояд аз парин ба саломат гузарем. Аввал туву Ношак бо аспаш, баъд ману Гулноз бо аспҳои туву ман.

– Не, духтарамро бо худ мегирам, вай бе ман метарсад.

– Валъамат, мо намедонем, ки пулҳо дар чи ҳоланд. Чони кӯдакро ба хатар гузоштан чӣ лозим? Шумо вақти гузаштан пулҳоро месанчед. Хатаре бошад, ба мо мегӯед. Агар набошад, ману Гулноз ҳам мегузарем.

[1] Мӯчал – як навъ ҳисоби мардумӣ, ки як давраш 12 сол буда, ҳар сол номи як ҳайвонро дорад.

Сарвиноз дид, ки чашмони духтараш аз таъсири хоб мурғак рафтаанд, розӣ шуд:

– Ин хел бошад, ма, дар бағалат бигир. То мо мегузарем, ки каме хоб ҳам мекунад.

Модар Гулнозро ба Ханҷартило доду аз ду чашмаш бӯсид.

Гулноз нимбедор гуфт:

– Наник, ту куҷо мелавӣ?

– Ман дур намеравам, ширинакам.

– Дур нал ... – духтар давоми гапашро ба забон наоварда, хобаш бурд.

Сарвиноз дилнигарон ба духтараш нигаристу ба роҳ даромад. Ношак ҷилави аспро гирифта, аз қафои ӯ қадам гузошт.

Вақте онҳо бар фарози саргаҳи парин баромаданд, Сарвиноз, пеш аз қадам гузоштан ба пули овезон, ба қафо нигарист. Духтараш дар канори Ханҷартило масти хоб буду вай ба харсанги канори роҳ нишаста, онҳоро наззора мекард. Як кунҷи дили модар сиёҳ гашт. Ҷониби духтараш даст афшонду пас гашт ва ба пули ваҳмангез пой гузошт. Ношак ҳам "Бисмиллоҳи раҳмонирраҳим" гӯён аз пасаш равон шуд. Асп арғамчину шохаҳои ба ҳам бофтаи пулро бӯй кашиду аз паси соҳибаш нобоварона қадам гузошт.

Аз лаппиши пул дар андоми Сарвиноз раъша афтод. Пушташ ларзид, қадамҳояш ноустувор гаштанд. Хост ба қафо бингараду дасти Ношакро бигирад, вале аз тарс гарданаш шах шуда буд. Пул на дар тарафи шах ҷойе барои қапидан дошт, на дар тарафи партгоҳ. Вақте ки асп қадам мегузошт, ҷунбиш бештар мегардид. Зан пойҳояшро мурғобивор виҷеғ[1] карда, мувозинаташро базӯр нигоҳ медошт. Дар ин ҳол дилаш беҳузур мегашт, аммо, аз бими хам шудану дидани ҷарии бетаги зери по, қайи ба гулу омадаро фуру менишонд. Ба ҳамин минвол даҳ-понздаҳ қадам рафтанд. Ношак дид, ки Сарвиноз бе дахолати ӯ ҳам сарозер шуда метавонад, тарзе қадам гузоштан гирифт, ки пул ҳар чи бештар лаппад. Барои тақвияти ин амал лаҷоми аспро низ силтав медод. Аз лаппиши афзоянда бадани занро арақи сард пахш кард, чашмонаш сиёҳӣ заданд. Банохост андешаи дар парини Бартанг ҷар шудани модараш тирвор аз хаёлаш гузашту банди дилаш ларзид. Яқин кард, ки шоҳ

[1] Виҷеғ – кушод гузоштани пойҳо.

ба ин навкарон амр додааст, ки ӯро ба ҷар партофта, ҳалок кунанд! “Аҷабо, чаро ин фикр пештар ба сарам наомад?” – бо ҳарос андешид зан ва чеҳраи хоболуди Гулнози ба ҷон баробараш пеши назар омад. Вай тамоми ҷуръати боқимондаашро ҷамъ оварду ба хотири дидани духтараш қафо гашт. Аммо Ношаку аспи болобаланд роҳи назарашро баста буданд.

– Ту маро куштанӣ-а? – дод зад Сарвиноз.

Ношак ҷавоб дод:

– Камтари дигар монд, валъамат, биҷунб. – Ва қадамашро боз ҳам тезтар кард.

Пул ончунон лаппиш хӯрд, ки Сарвиноз монанди раққосон ду даст боло карду хам гашта, тобе хӯрд. Пояш миёни роғе фуру рафт. Онро башаст кашид, аммо мувозинат гум карду даступозанон ба партгоҳ сарозер шуд.

– Гулнооооо... – чанд сония садои зан дар кӯҳҳо аксандоз гашту хомӯш гардид.

Ношак бидуни ихтиёр даст ба рӯй кашиду бо гузоштани ҳаштдаҳ қадами дигар пулро гузашт. Чанд дақиқа ҷойеро, ки Сарвиноз афтода буд, тамошо кард. Он тахминан сӣ-чил газ умқ дошт. Дарёи хурӯшон сар ба харсангҳои соҳили нимкамоншакл, ки аз байнашон чанд буттаи сершохубарг намоён буданд, зада, башаст пас мегашту кафккунон роҳашро давом медод.

Ношак сари аспро гардонду роҳи бозгаштро пеш гирифт. Ханҷартило, ки сурати воқеаро бодиққат тамошо карда буд, Гулнози масти хобро ба Ношак супурда пичирросзанон гуфт:

– Боракаллоҳ, чи фиреби оқилонае ба кор бурдӣ, на ҷанҷол, на фиғону нола.

Ношак бори дигар ба парини ваҳмангез назаре афканду чизе нагуфта, Гулнозро сари китф гирифту ба асп баромад. Аз ин ҳаракати тунд духтарак чашмонашро нимроғ карда, пурсид:

– Наник, ту ҳам бихоб, – ва чун Ношак, аз бими бедор нашуданаш дам ба дарун зад, боз ба хоб рафт.

Аз гапи духтар дили Ношак таҳ кашид.

Тифлак аз куҷо медонист, ки ин ӯ навакак модарашро куштаву худашро аз марг наҷот додааст.

Саворон ҷониби Рӯшон ҳаракат карданд.

# АЗО БА ҶОЙИ БАЗМ

Ду ҳафта Шуғнон ба сукути гарон рафт. Гӯё на шӯриш буд, на подшоҳгардиш, на доду бедоди навкарон, на гурезогурези лашкариёни Муҳаббатхон. Ангор ин ҳама бизан-бигирҳо маҳсули тамузи тобистон буданд, ки бо расидани нахустин рӯзи тирамоҳ даст аз гиребони халқ боздоштанд. Дар алафзорони даравгашта сабза дубора қад мекашид, ғаллазорон дар байни чаманистонҳо чун тангаҳои бузурги заррин медурахшиданд, дарахтони аз бори мева озодшуда қомат рост карда, аз ҳавои серуни поиз нафаси сабук мегирифтанд. Мардум хирман мекӯфту асбоби хурсандии иди Меҳргонро фароҳам меовард.

Овозаи бо лашкари гарон омадани Юсуфалихон дурӯғ баромад. Шоҳи фирорӣ, бо сад-саду панҷоҳ надиму пайрадор, панҷ рӯз баъд аз вафоти Муҳаббатхон, наздики чоштгоҳ, бе ғалоғулаву ҳамҳама вориди пойтахт шуд. Девонбегӣ Қозӣ, сипаҳсолор Отизул ва оқсақолони гирду атроф, ки ба пешвози шоҳ то Виёд рафтанд, бе дафу сурнай корвонро ба Баҳрпанҷа даровварда, ҷойгузин карданд. Хурсандиву маҳфилоройӣ зеб надошт. Ба ҳар ҳол, душман ҳам бошад, Муҳаббатхон бародари ҳамтани Юсуфалихон буду шоҳи Шуғнон. Ба ҷойи базму хушҳолӣ девонбегӣ маросими ҳафти шоҳи даргузаштаро ташкил кард. Баробари ба қалъа даромадани Юсуфалихон, халифаҳо оят хонда, дар ҳақи Муҳаббатхон дуо карданд. Шоҳи наврасида бо чеҳраи гирифтаву табъи хира, бар тахте, ки дар саҳни ҳавлӣ омода карда буданд, ба саломи аҳли дарбор нишаст. Аъёну ашроф як-як ба аломати таъзия дасти ӯро бӯсида, ҳарфи таслият мегуфтанд ва сари дасторхон нишаста, боҷ мехӯрданду фотеҳа хонда, мерафтанд. Малакбози хонсолор дасторхонро назорат мекарду Қозиву Отизул ба қабулу гусели мардум машғул буданд. Манзаршоҳ ҳамроҳи даҳ навкар дар пушти тахт рост истода, ба рафтору гуфтори одамони гирду атрофи шоҳ диққат медоданд.

Рӯзе, ки Юсуфалихон қариб шаш сол интизораш буд, ба наҳве сурат гирифт, ки дар тасаввураш намеғунҷид. То даромадан ба хоки Шуғнон нийят дошт ба шарафи дубора соҳибтоҷ шудан, чунон базми осмонкафе сомон диҳад, ки душманонаш дилкаф шаванд. Вале баъд андешид, ки бояд сиёсатро нигаҳ дорад, то дар дили касе заррае гумон наафтад, ки дар масмум шудани бародараш коре карда бошад. Бинобар ин, ба Баҳрпанҷа қосид фиристод, ки хурсандӣ барпо накунанд, баракс ба мотами Муҳаббатхон бинишинанд.

Инак, тахти Шуғнон зери пойи ӯст, аммо куҷост эҳсоси мамнунияту қаноатмандӣ? Ҳатто лабханд зада наметавонад! Аҳли дарбор ҳамагӣ дар назараш душман метобанд. Фикр мекард, ки агар Манзаршоҳи гурд бо ҳайкали босалобаташ дар паси тахт истода набошад, ҳатман касе ба тахтапушташ ханҷар мезанад. Дар муддати ғоибии вай ҳама чиз тағйир ёфтааст: на фақат одамон, балки табиат ҳам аранге дигар шудааст. Қалъаи овозадори Баҳрпанҷа ҷониби осмон мағруру бовиқор сар афрохта бошад ҳам, андоваи ҳарҷо-ҳарҷо рехта намудашро зишт гардондааст. Муҳаббатхон ба тармимаш ё бетаваҷҷуҳ будааст ё фурсат наёфтааст. Аммо девори гирди қалъаро гардонда, аз нав баландтару маҳкамтар бардоштаанд. Дарвозаро ҳам наву васеътар сохта, дар паҳлуи росташ барои посбонон хонаи дутабақа рост кардаанд. Табақаи дуюм барои назорат ҳам аз ҷониби кӯча, ҳам аз ҷониби ҳавлӣ тоқҳо дошт. Дар тарафи чапи саҳн ҳам ба дарозии дусад қадам бинои наве қомат афрохтааст, ки афсарону сарбозон иқомат мекарданд. “Хуб шуд, ки ин бетармолиҳо[1] ба пойи худ ба Қундузашон гурехтанд, – бо мамнуният аз дил гузаронд шоҳ. – Раванд, ватани худашонро аз афғон муҳофизат кунанд! Шоҳи Қундуз дигар дар хоби шабаш ҳам боҷи Шуғнонро намебинад”.

Юсуфалихон ҳанӯз дар Файзобод нақша кашида буд, ки аз қавму мулки бегона сипоҳ накунад. Ҳукумат то Балху Тахористон дар дасти Ҷаҳондоршоҳ буду хатари ҳуҷум ба Шуғнон асосан аз байн рафта. Барои муҳофизати ӯ ва амалдоронаш, аз Шуғнон то Рӯшон, дусад навкар кофист. Аксари деҳқонони кишвар ҳунари ҷангу масоф низ доштанд, зеро падару бобоён аз хурдсолӣ онҳоро бодурӣ[2] меомӯхтанд. Ғайр аз ин, медонист, ки ҳангоми ҳуҷуми бегонагон шуғниён чи тавр муттаҳид шуда, мардонавор меҷанганд. То душманро шикаст надиҳанд, аз баҳри ҳама гуна оромишу нозу неъмат мегузаранд.

Шоҳ қариб ду соат таъзия ва таслият қабул карду бархост.

– Ман дам мегирам, шумо давом диҳед. Манзаршоҳ, ту бо ман бош.

Манзаршоҳ аз пасаш роҳ гирифт. Қозӣ хост пеш даромада, раҳнамоӣ кунад, аммо шоҳ ишора кард, ки аз ҷояш наҷунбад.

---

[1] Бетармолӣ – вожаи таҳқир, шояд маънояш одаме, ки моли тар надорад, яъне бенавову фақир бошад.
[2] Бодурӣ – баҳодурӣ.

– Туву Отизул маъракаро нигоҳ доред. Раҳи боргоҳро худам меёбам.

Аз ин рафтори вай ба хотири девонбегӣ гарди ташвиш нишаста бошад ҳам, онро ба хастагиаш рабт дод: “Аз роҳ хаста шуда омада-аст, истироҳат кардан мехоҳад”.

Вале баробари ворид гаштан ба боргоҳ, дар рагу пайи Юсуфа-лихон оташи ғайрат якбора забона зад. Гӯё на роҳкӯфта буд, на мотамдор. Аввал дастҳо ба пушт бо гомҳои реза-реза чор девори хонаро бодиққат аз назар гузаронд. Баъд чанд маротиба бафурҷаву ҳавсала онро аз сару бар қадам зад. Манзаршоҳ бори аввал ба ҳуҷраи хоси шоҳони Шуғнон, маконе, ки дар он сарнавишти ҳазорон одам ва тақдири мамлакат ҳал мешуд, қадам мегузошт. Дарозиву бараш як хел – тахминан даҳ-дувоздаҳ қулоч меомад. Баландиаш аз панҷ қулоч бештар набуд. Бори тирчӯбу вассаҳоро ду сутуни бедии кандакорӣ мебардоштанд. Равзани чор тарафаш яққулочии мобайни сақф ҳаворо тозаву хонаро равшан нигоҳ медошт. Барои он ки равшанӣ афзояд, ҳар чор деворро бо чодари сафед пӯшондаанд. Тахти шоҳро дуруст мобайни девори шарқӣ, пушт бар офтоббарову рӯ ҷониби офтобнишин, болои суфаи на он қадар баланд, ҷой додаанд. Ба дарозии девори ғарбӣ ҳам суфае вуҷуд дошт. Он, яқинан, ҷойи қабули меҳмонон аст, зеро дасторхон густурда, кӯрпачаву болиштҳо андохтаанд. Майдони боқимондаи боргоҳ аз пойгаҳи қолинпӯш иборат буд. Дар сари сутунҳо дутоӣ сокинак[1] шинондаанд, ки аз машъалашон шабона хона равшан мешуд. Дар пушти тахт сандуқи калони сиёҳи хутути паҳлуяш зард мехобид. Рост бар болои он, ба девор сӯзаниии кабудранг овехтаанд, ки нақши офтоби шуълаафшон дошт. Шуълаҳои зарди ғафс кокулони ҷингилаи ба тарафи рост хамзадаро мемонданду доираи хуршедро чархандаи[2] сабзфоме зиннат медод. Ин гуна нақшро устоҳо дар бучкагиҷи[3] хона ҳак мекарданд. Аммо ба чи ваҷҳ онро бар сари тахти шоҳи Шуғнон овехтаанд, барои Манзаршоҳ аҷоиб намуд. Ҳисси кунҷковиаш боло гирифту сукутро шикаст:

– Шоҳам, ин сӯзании аҷиб чӣ фазилат дорад?

---

[1] Сокинак – почароғӣ.

[2] Чарханда (шуғнонӣ – ҷāрхӣҷак) – салибкаҷ (свастика).

[3] Бучкагиҷ (шуғнонӣ – бучкиүӣҷ рӯшонӣ – бучкаwуҷ) – бузкуш, бузовез. Тирчӯбе, ки ду сутуни даромадгоҳи хонаи помириро пайванд мекунад ва дар фасли зимистон моли забҳшударо ба он овехта, пӯст мекананд.

Юсуфалихон чашм бар сӯзанӣ, бо оринҷаш ба тахт такя заду посух дод:

– Ин сӯзанӣ не, дирафш аст, дирафши Шуғнон.

Манзаршоҳро гӯё барқ зада бошад, дақиқае шах шуд.

– Чӣ хел дирафш?

– Ҳамин хел, – шоҳ аз ноогоҳии сипаҳсолор рӯҳ гирифту бо мароқ гапашро давом дод. – Шуғнон ҳам, ба мисли ҳар кишваре, аз қадим дирафш дорад. Мардумаш зери ҳамин дирафш ҷанг мекард. Вақте ки мулк мусулмонободу хонадони шоҳони кофари он нест шуд, дирафш ҳам аз ёдҳо рафт.

– Чӣ тавр аз ёд рафтааст, ки ... – Манзаршоҳ пурсишашро ба охир нарасонда, шоҳ суханашро бурид:

– Бобоям Шованҷихони диловар сипоҳи куффори Рӯшон, Шуғнон, Шохдара, Сучон ва Ғундро торумор карда, соҳиби иззату обрӯи калон шуд. Овозаи исломпарварии вай то Балху Бухорову Чин расид. Баъд аз марги ӯ писараш Қубодхон, набераҳояш Шоҳванҷии дигару Қубодхони дигар низ халқро бар дини ҳақ нигоҳ медоштанд. Вале чун навбати кулоҳдорӣ ба Амирбек расид, аз авлоди шамирон зан гирифт ва таҳти таъсири хусуронаш, ки зоҳиран мусулмону ботинан мушрик буданд, ба кеши маҷусон гаравид. Барои он ки аз тохтутози мусулмонони Бадахшону Қундуз эмин бошад, пойтахтро аз Шуғнон ба Сучон бурд. Он замон дарбор дар қаълаи Сармочид буд. Онро тарк карда, қалъаи Истанбули Сучонро нишемангоҳ гирифту бар гунбазаш дирафши шуғнониёнро барафрошт. Фуқаро зиддияте нишон надоданд. Баракс, хурсанд шуданд, ки кокулзарии аҷдодиашон ба дарбор баргашт.

– “Кокулзарӣ”, яъне чӣ?

– Шуғниҳо дирафшашонро ҳамин тавр меномиданд. Яқинан, ба он сабаб, ки офтоби кокулдор дорад. Барои ин кор писараш Ҷалолиддинхон бо вай душман гардид ва аз Қуқанд лашкар оварда, падарашро шикаст доду фармуд, ки қатлаш кунанд. Ҷалолиддинхон аввал ҳамин қалъаи мустаҳкамро сохту сипас дарборро аз нав ба Шуғнон кӯчонд. Аммо, баробари рафтани қуқандиҳо, дар балои халқ монд. Фуқарои Шохдараву Сучон маҷбураш карданд, ки кокулзариро бар манораи қалъа биафрозад. Дар ин байн чанд бораш гирифтанду бардоштанд. Оқибат барои он ки ҳам лаъл ба даст ояду ҳам ёр наранҷад, падарам Абдураҳимхон онро ба девори пушти тахт овехту дили ҳама таскин ёфт.

Юсуфалихон гапашро тамом карду ба як ҳаракати чобук, гӯё ба асп савор мешуда бошад, худро рӯи тахт гирифт. Ангор устувории онро санҷид, ки ду дастмонакашро қапида, пешу қафо ҷунбид, сипас бархосту дар паҳлуи Манзаршоҳ, ки ғарқи тамошои дирафш буд, истод ва гуфт:

– Маълум, ки писандат афтод.

– Хеле. Дирафш нишони давлатдории тӯлонист, шоҳам. Онро истифода кунем, намешавад?

– Мешавад, лекин тарафдораш кам аст.

– Мо онро ба маъракаҳо барорем, чашми мардум одат мекунад. Одат ки кард, тарафдор мешавад.

– Мардум-ку чизе намегӯяд, лекин пиронатон ҳангома барпо месозанд.

– Пирон? – мулоҳизакунон сар ҷунбонд Манзаршоҳ, – онҳоро намепурсем!

Шоҳ ба китфи Манзаршоҳ тап-тап зад ва баланд хандид.

– Ку ҳамин гапатро дар пеши фақире бигӯ. Чашматро меканад. – Овози Юсуфалихон оҳанги норизоият гирифт. – Ин худозадаҳо намебуданд, дар Шуғнон сад сол пеш тартиб ҷорӣ мешуд. Лекин гапи як пир барои ҳазор-ду ҳазор буна қонун аст.

– Ба ҳар ҳол, агар иҷоза диҳӣ, дар Рӯшон чунин дирафш месозам.

Шоҳ ришашро қабзакунон ҷавоб дод:

– Ман иҷоза додам, аммо ту бояд зирак бошӣ. Бин, ки барои як парчаи беҷон беҳуда душман пайдо накунӣ. Воқеан, ду рӯз пас ба Рӯшон ҳаракат куну ҳукуматро ба даст гир. Ман дар муддати як моҳ кори Шуғнонро дуруст карда, баъд ба наздат меоям.

– Қубодхон куҷост, шоҳам?

– Вай бо занаш ҳафтае пас ба Шуғнон меояд. Баъд худам ба Рӯшон бурда, ҳоким таъйин мекунам. Аммо корро аз ту мепурсам, на аз Қубод. Худат медонӣ, ки нав ба шонздаҳ қадам мегузораду ақли ҳукмронӣ надорад.

Манзаршоҳ, ки чунин меҳрубониро чашмдор набуд, мутаассир гашт.

– Шоҳам, мани сагбонатро ин қадар ҷоҳу ҷалол бахшидӣ, тасаддуқ!

– Ман туро бародар гирифтаам. Ба худат чун ба худам бовар дорам. Ба душманонамон раҳм накун. Ҳоло ки зӯр дар бозу дорӣ, са-

рашонро бикӯбу чашми фуқароро битарсон. Шарти аввали давлатдорӣ ҳамин аст.

## СИЯҲБАРДОРӢ

Сияҳбардорӣ[1] ниҳоят серодам гузашт. Як рӯз пеш ҳамсояҳо гӯсфанде кушта, шаб гӯшташро барои шӯрбо реза карданд. Шаб ним шуд, ки дар тараддуди пухтан афтоданд. Субҳи барвақт халифа ва Мулло Хишол омада, пас аз адои намози якҷоя ба қабули таъзиягарон омода шуданд. Бо сар кашидани нурҳои нахустини хуршед аз паси кӯҳҳои сарбаафлоки Хоруғ, хонаи Ҷаҳонгири шаҳид пур аз одам гашт. Мирзоазиз ва писари аммааш Пурдил, ки ягона хешованди наздикаш буд, дар вогзнэх[2] ва Азизмоҳ дар суфаи танӯр нишаста, номусдорӣ мекарданд. Гулпочои паҳлавон покуву кӯзача ба даст даромаду гуфт:

– Ситирахм сӯзонед, ки вақти мӯйсаргирӣ расид. Пурдилшо, аввал ту саратро нам бизан.

Занон ситирахм дардоданд. Гулпочои чолок мӯи сари Пурдилу Мирзоазизро тарошиду халифа дуо кард. Ҳақу ҳамсояҳо, хешони дуру наздик, дӯстону ҳамсилоҳони паҳлавони қаҳрамон, ҳар касе чизе дар даст – яке газвор, дигаре каллақанд ё набот, сеюмӣ кӯзаи равған, чорумӣ рӯймол, панҷумӣ яктак ва ғайра – хона даромада, ба соҳибхона медоданду чизе хӯрда-нахӯрда, ба одамони навомада ҷой холӣ мекарданд. Гоҳе халифа, гоҳе Мулло Хишол ояте хонда, мардумро мегуселонданд.

Ғами гум кардани бобое, ки ба хироҷи як мамлакат меарзид, дар қалби Мирзоазиз заррае сабук намегашт. Чеҳраи нуронӣ, пайкари бузургу тавонмандаш дақиқае аз пеши назари ҷавон дур намешуд. Гоҳе ки шабаҳи вай аз кадом кунҷи фазо сабук парвоз карда, дар пеши чашмонаш барқе зада, нопадид мешуд, дили Мирзоазиз даме аз тапиш мемонду ғуссаи шадид гулуяшро мефушурд. Ба фишори андӯҳу дард тоқат наоварда, як рӯз пас аз сияҳбардорӣ, аз Гулпочову Пурдил хост, ки бо вай ба сари гӯри бобояш раванд. Гулпочо розӣ шуд ва маслиҳат дод, ки Мулло Хишолро ҳам бо худ бигиранд.

---

[1] Сияҳбардорӣ (шуғнонӣ – тэризэҳт) – маросиме, ки дар рӯзи ҳафтуми вафоти шахс барои таслияти азодорон баргузор мешуд.

[2] Вогзнех (шуғнонӣ – воүжнэх) – суфаи поён.

Гӯри Ҷаҳонгир мобайни қабрҳои шаҳидони ҳамнабардаш воқеъ буд. Мулло Хишол “Таборак” хонду Пурдил такбир гуфт. Мирзоазиз дар сари қабри бобояш зону зада, бесадо шашқатор ашк рехт. Пас аз анҷоми дуо Мулло Хишол далилаке ба дасташ доду гуфт:

– Ба тоқча гузор.

Охон далилак даргиронд. Мирзоазиз онро боэҳтиёт ба тоқчаи қабр гузошту чашм ба шуълаи хираи рақсони он, мустағраќи ёди бобояш гашт. Пурдилу Мулло Хишол ба гӯри ҳамсафарони охирати қаҳрамони Шуғнонзамин як-як далилак гузошта, болои сангҳо нишастанд.

Ин асно касе бо овози дағалаш сукути манзили хомӯшонро шикаст:

– Бархезед!

Зиёраткунандагон қафо нигариста, ду марди бо камону шамшер мусаллаҳро диданд. Мулло Хишол пурсид:

– Шумо кистед ва ба мо чӣ кор доред?

– Намебинӣ, ки навкарем. Гулпочо кист? – дӯғ зад оне, ки саллаи тунук ва яктаку танбонҳои фарох дошт.

Гулпочо аз ҷо баланд шуд:

– Ман.

– Рафтем.

– Куҷо? – пурсид бо ҳайрат Гулпочо.

– Ба қалъа.

– Ман дар қалъа коре надорам, андувол.

Навкари дуюм – марди ҳузарби рағзапӯши[1] паколдор[2], пеш гузашту аз бозуи Гулпочо дошт.

– Кор надошта бошӣ, пайдо мекунем. Пеш даро!

Мулло Хишол дид, ки ҷанҷол ногузир аст, ба миён даромад:

– Ассалому алайкум, бародарон! Шумо ба ин кас аввал мақсадатонро фаҳмонед, ки аз вай чӣ мехоҳед. Вай муттаҳам набошад, ки бардореду бибаред.

– Ошно, ту Гулпочо набошӣ, чӣ қатӣ мешавӣ? – салладор дӯғзанон ба охон наздик шуд. – Мо амр дорем, ки ин мардакро ба Баҳрпанҷа барем.

---

[1] Рағза – як навъ ҷелаки бофташ маҳин.
[2] Пакол – тоқии шуғнонӣ.

– Кӣ амр додааст? – пурсиданд Мулло Хишолу Гулпочо ба як овоз.

– Шумо ба ин чӣ кор доред? Амр доданд, иҷро кунед, вассалом.

Гулпочо эҳсоси хатар карда гуфт:

– Набошад ба қалъа баргардеду фаҳмед, ки амрро кӣ ва барои чӣ додааст.

Навкарон дақиқае гаранг ба ҳам нигоҳ карданду сипас дудаста ба ӯ часпиданд. Гулпочои палангчангол аз гардани дуяшон қапида, калла ба калла задан гирифт.

– Сар деҳ!

– Ҷони худоӣ!

Гулпочо фишори панҷаҳояшро суст кард, ки навкари салладор аз пояш кашида, ба замин ғалтонд ва ба синааш савор шуд. Пурдилу Мирзоазиз диданд, ки вақти дахолаташон расид, аввал салладор ва аз паси ӯ рағзапӯшро аз бозувонашон дошта, ба нишебӣ ҳаво доданд. Саллаву тоқиву камонҳояшон ба ҳар сӯ парешон афтоданд. Захмдору хунолуд, ба ҳамворӣ расам-нарасам, ҷонашонро гирифта, афтону хезон ҷониби қалъа шитофтанд. Мирзоазизу ёронаш, ин манзараи музҳикро тамошокунон, лаҳзае ғаму андӯҳро ҳам аз ёд бурда, бо завқ хандиданд.

– Наход Юсуфалихон ҳам роҳу равиши бародарашро пеш гирифта бошад? – бидуни муроҷиат ба касе, изҳори ҳайрат кард Гулпочо. – Исёни мо бар зидди бародараш буд. Ошкоро ҳам набошад, гӯё барои аз Муҳаббахон кашида ба вай додани ҳукумат ёрӣ кардем.

– Дилу нийяти ин шоҳонро Худованд худаш надонад, мо – бандагони хокӣ, ҳазор сол ҳам зиндагӣ кунем, дониста наметавонем, – гуфт Мулло Хишол. – Боз балое хезонданист...

– Бало хезонад, мо ҳам ором намеистем, – ба гап ҳамроҳ шуд Мирзоазиз, – сипоҳ дорем, қалъаро як бор гирифтем, боз мегирем.

– “Гов ба як говрона”, пайи қатаған кӯр нашуда, хунхорони худамон гиребонгир шуданд, – афсӯсхӯрон каф ба ҳам зад Пурдил.

Онҳо вазъиятро ба муҳокима гирифта, раҳбараҳ ашёи афтодаи навкаронро ғундошта, ба хона баргаштанд.

Бегаҳи рӯз, баробари нишастани офтоб, саворе ба хонаи Мирзоазиз сар зад. Вай пас аз салом ба лаҳни рӯшонӣ гуфт:

– Пас аз соате шоҳ ба хонаатон сияҳбардорӣ меояд.

Аз шунидани ин хабар хун дар бадани Мирзоазиз карахт шуд.

– Шоҳ? Юсуфалихон? – нобоварона, қариб ба як овоз, пурсиданд Мирзоазизу Пурдил.

– Оре, худи шоҳ Юсуфалихон! – тасдиқ кард савор ва ҷониби дар қадам зад. – Шумо омода бошед, ман дар рӯйи ҳавлӣ ба посбонӣ меистам.

Мирзоазиз бо модараш ба маслиҳат нишаст. Қарор бар ин шуд, ки барои дуо хондан халифа ва барои хизмат кардан чанд ҳамсояи наздикро даъват кунанд. Ба ин мақсад Мирзоазизу Пурдил аз хона баромаданд. Барои он ки қосиди шоҳро огоҳ намояд, Мирзоазиз пурсид:

– Амак, номатон чист?

– Камонгир.

"Чи номи аҷибе" – аз дил гузаронд ҷавон ва матлабашро баён кард: – Мо барои хизмат халифаву чанд ҳамсояро даъват кунем?

– Албатта, даъват кунед. Лозим бошад, ман ҳам ёрӣ медиҳам.

Пурдилу Мирзоазиз аз муносибати хуши навкар рӯҳ гирифта, чун бозҳои паррон аз ҳавлӣ баромаданд.

Дар ним соат таом пухтанду хон оростанд. Азизмоҳ аз анбор барои аспи меҳмон ҷав баровард. Камонгир онро ба турба рехту ба сари асп кашид ва суол кард:

– Шавҳарат куҷост, ки ту ҷав мекашӣ?

Зан сар хам кард кард ва дардолуд ба нимовоз посух дод:

– Шаҳид шуд. Мисли хусурам.

Камонгир дар ҳоли ногувор монда, гулу афшонду тасаллоомез гуфт:

– Худованд биомурзадашон, бахшиш, нафаҳмидам.

Зан ҳар ду даст бар даҳон ниҳода, гиряашро базӯр нигоҳ дошт ва сар ҷунбонду рафт. Камонгири хиҷолатзада ҳам як банд ҳезуми шикастаро бағал карду ба хона даромад. Аз чи бошад, хона дар назараш худӣ намуд. Ҳатто чунин эҳсос ба ӯ даст дод, ки гӯё дар ҳамин хона зодаву ин зани баландқомати бузургустухон модараш бошад. Рӯйи ин ҷавонписари чолоку паҳлавонҳайкал аз нигоҳи аввал ширин тофт. "Чи дасти пурқуввате дорад", – чунин буд нахустин таассуроташ пас аз салом кардан бо Мирзоазиз. – "Кош ҳамин гуна як бародар медоштам". Дили Камонгир ба ёди модари ҷавонмаргаш гум зад. Бо ҳамин эҳсосу андеша банди ҳезумро пеши танӯр гузошту дар чаҳлак нишаст. Ҳозирон аз хоксории навкари шоҳ ҳамагӣ ҳайрон монданд. Наход сипоҳии дарбор ба ҷойи дағдағаву иззатталабӣ ба-

рои алов ҳезум биёраду пеши танӯри пурдуд бишинад. Ҳарчанд халифа ба суфаи боло даъваташ кард, Камонгир бо табассум рад намуд:

– Халифа, чаҳлаку сӯлакро[1] сахт ёд кардаам, илтимос, ҳамин ҷо бошам.

Зане барояш як табақ кабоб овард ва меҳрубонона муроот кард:

– Бачаҷон, то омадани шоҳ ишкаматро сер кун, ки дигар вақт намеёбӣ.

Бӯйи хуши гӯшти тозабирён иштиҳои ҷавонро кушод. Вай бо ҷунбондани сар ба зан миннатдорӣ изҳор намуду даст ба таом бурд.

Халифа, Камонгир, Мирзоазиз ва Пурдил шоҳ ва ду савори ҳамроҳашро, ки яке либоси чинтаҳи[2] афсарӣ ва дигаре ҷелаку салла доштанд, пешвоз гирифтанд. Баробари пиёда шудан, Юсуфалихон бо халифа дастбӯс салом карду пурсид:

– Ворисони Ҷаҳонгир ҳаминҳоянд?

– Ин ҷавон, – халифа Мирзоазизро нишон дод.

Шоҳ сари ӯро ба синааш пахш карду гуфт:

– “Бе ҳукми Худо барг нарезад зи дарахт” гуфтаанд. Бобоят ифтихори мамлакат буд. Халқро аз шарри хасмони бешумори Шуғнонзамин муҳофизат мекард. Аминам, Аллоҳи таборак ва таоло ҷаннати аднро насибаш гардондааст, чун шаҳидон азизтарин мардуми Худованданд.

Пас аз анҷоми расми салому таслият меҳмонони олимақом даст шуста, ба хона даромаданд. Ҳамроҳони шоҳ дар ҳамовозӣ ба ҳам фотиҳа хонда, ба арвоҳи Ҷаҳонгиру гузаштагони ӯ бахшиданд. Аз рӯи таомул Мирзоазиз ба аломати сипос дасти онҳоро бӯсид. Шоҳ китфу бозу ва қомати ҷавонро бо чашми харидорӣ аз назар гузаронда гуфт:

– Субҳ дар кӯфтани навкаронам ту ҳам иштирок кардӣ?

Ин савол хотири ҳамаро мушавваш сохта бошад ҳам, Мирзоазиз оромона ҷавоб дод:

– Оре.

– Пушаймон нестӣ?

Халифа бо чашм ишора кард, ки “ҳа” бигӯяд, вале ҷавон эътиное накард:

– Не.

---

[1] Сӯлак – подарии танӯр

[2] Чинтаҳ – либоси танги бедоман.

Ҳозирон бесаранҷом шуда, музтарибҳол ба даҳони Юсуфалихон дида дӯхтанд. Дар чашмони шоҳ шуълаи хурсандӣ барқ зад. Қаноатмандона сар ҷунбонду гуфт:

– Боракаллоҳ, Набераи Ҷаҳонгир бояд ҳамин тавр бошад. Агар дудилаву мунофиқона посух медодӣ, ба дасторхонат даст дароз накарда мерафтам.

Аз чунин сурати ғайриодӣ гирифтани кор ҳама нафаси сабук кашиданд. Халифа рӯҳ гирифта, бо нидои "бисмиллоҳ!" даст ба табақ бурд. Аҳли нишаст аз ҳузури шоҳ шармида, танҳо аз рӯи назокат луқмае мегирифтанду дуру дароз меғавҷиданд. Шоҳ бо иштиҳои қозгир хӯрок хӯрду ношпотие тоза карда, бо нӯги корд ба даҳон бурд.

– Манзаршоҳ, тамоми Файзобод ин хел меваи бамазза надорад.

Манзаршоҳ сар ҷундонда гуфт:

– Ба меваи ватани мо меваи ягон мулки олам намебарояд.

Бо шунидани номи Манзаршоҳ ангор дили Мирзоазиз, ки ба эҳтироми меҳмонон дар дупеча[1] рост истода буд, аз синааш ҷаста, дар гулуяш дармонд. Пушташ виҷиррос зад, кафи дастонаш арақ кард. Халифаву Пурдил низ гӯшбақимор шуданд.

"Наход, қотили амакам ба пойи худ ба хонаам ояду ман ба ҷойи шикастани гарданаш, ӯро дар ҷойе шинонам, ки бобоям намоз мегузошт". Хун дар бадани ҷавон ба ҷӯш омад. Ҷониби хасми хуниаш нигоҳи тунде афканд ва агар садои шоҳ намебаромад, яқин, давида гиребонашро мегирифт.

– Мирзо! – бо амри хоҳишомез хитоб кард Юсуфалихон, – медонам, ки ноҷӯр шудӣ, аммо сабр! Медонам, ба ту гуфтаанд, ки падарат, яъне амакатро Манзаршоҳ куштааст. Маҳмадазим туро чун фарзанди худ калон кард ва ту вайро падар медонистӣ. Баъд аз шаҳид шудани падарат Ҷаҳонгир мехост, ки модаратро ба никоҳи амакат дарорад. Агарчи дар шариат чунин кор равост, вале Маҳмадазим гирифтани беваи бародарашро айб мешуморид. Чунин инсони мард буд амакат. Лақабаш "Бабри баён" буд. Вақте Манзаршоҳу Маҳмадазим ба майдони масоф баромаданд, рӯшониён аз болои парин амакатро чанд тир зада, захмдор карданд. Манзаршоҳ дар ин ҳила даст надорад. Мардони ҳақиқӣ дар ҳама ҳолат ҷавонмардиро нигоҳ медоранд. Агар мехост, Маҳмадазими аз тир заифшударо мекушт, вале ба ин умед, ки шифо меёбад, ӯро изн дод, ки аз майдон бароянду ба

---

[1] Дупеча – даромадгоҳи хона.

лашкаргоҳаш равад. Ҳақи гап ҳамин аст, ки гуфтам. Барои он гуфтам, ки дар оянда байни туву Манзаршоҳ хусумате набошад. Аз коре, ки бо фиристодаҳои ман кардед, хушам омад. Шумо мубориз буданатонро нишон додед. Барои ҳифзи мамлакат одамони ғаюр лозиманд, на тандеҳу беҳамият. Ман на лашкари Қатағанро нигаҳ медорам, на Бухорову Қуқандро. Мулке, ки сипоҳи ғайр дорад, хайр надорад.

Суханони шоҳ он қадар аҷиб буданд, ки гӯё оташи танӯр ҳам лаҳзае аз сӯхтан монд. Сукутро халифа шикаст:

– Шоҳам, тамоми гапат росту дуруст аст. Ба мисли бобову падараш Мирзоазиз ҳам дар хизмати дарбор бошад, рӯҳи онҳо шод мегардад. Худованд паҳлавониву майдондориро бар ин авлод хатм кардааст. Аммо як хоҳиш дорем...

Халифа лаб басту ба шоҳ нигарист. Юсуфалихон сар ҷунбонда гуфт:

– Бигӯ, бишнавем.

– Илоҷат бошад, Гулпочоро зиндон накун, вай барои муҳофизати мо камон гирифт. Агане як деҳқони фақир асту ба касе кор надорад.

Шоҳ лабханде заду ҷавоб дод:

– Ман барои он навкар нафиристодам, ки Гулпочоро ба ҳабс гиранд. Бо вай маслиҳате доштам. Аммо он зӯроварон аз нодонӣ дағалӣ карданд, ки ҷазои сазовор ҳам диданд. Пагоҳ не, фардо, наздики чошт, ба боргоҳ биёед. Ба Гулпочо салому даъватамро расонед.

Дар чеҳраи ҳозирин хушҳолӣ падид омад. Шоҳ ба дасторхон дуо кард, ҳама бархостанд. Ҳангоми баромадан чун дӯсти дерин бозуи Мирзоазизро дошту гуфт:

– Дар пеши чашми худам туву Манзаршоҳ ба ҳамдигар даст диҳед.

Шоҳ дар ин чанд дақиқа фикри Мирзоазизро нисбат ба Манзаршоҳ билкул дигар кард. Меҳрубонии ногаҳонии шоҳ ҷавонро ба риққат оварда, кину кудуратро аз синааш шуст. Ӯ худро одами даркории мулк эҳсос намуд. Ифтихор кард, ки чунин одамони муътабар ба суроғаш омаданду ба хизмати падару бобояш арҷ гузоштанд.

Манзаршоҳ сари Мирзоазизро ба синаи фарохаш пахш намуда, аз пешониаш бӯсид ва гуфт:

– Дониста бош, ки ман чизе нестам. Паҳлавону силаҳшӯр Маҳмадазиму Ҷаҳонгир буданд. Ту азизтарин фарзанди манӣ. Ман ба суроғат меоям.

Дар чашмони Мирзоазиз ашк ҳалқа зад. Хост вулқони эҳсосашро сар диҳаду сели сиришки ҳасрати бепадарӣ ва ҷудо шудан аз бобои азизашро то қатраи охирин бар ин синаи ситабр резад, аммо ори мардӣ боло гирифту сар бардошт ва танҳо ҳамин ду ҳарфро ба забон оварда тавонист:

– Хуш омадед...

Дар берун шоҳиди манзараи аҷиби дигаре шуданд: се хизматгор бори асперо ба ҳавлӣ мекашонданд. Шоҳ барои видоъ дасти халифаву Мирзоазизро фишурда гуфт:

– Ин чанд молу колоро ба расми сияҳбардорӣ қабул кунед. Паноҳ ба Худо!

## ТАРҲИ ХЕШОВАНДӢ

Нишебзамине дар соҳили рости рӯдаки Баҳрчид дар доманаи камоншакли байни дара ва деҳаи Возм тӯл кашидааст. Он, ба сабаби санглоху беоб буданаш, соҳиби мушаххас надошт. Тобистон бунаҳои гирду атроф алафашро даравида, ба хонаҳои худ мекашиданд, меваҳои худрӯяшро талошӣ мекарданд, тирамоҳу зимистон сутуру молашон дар он мечарид. Пир[1] қарор дод, ки ба ин мавзеъ ҷӯй кашида, онро ба боғу бӯстони хурраму тамошобоб табдил диҳад. Муддати ҳафт соли дар Бомбай буданаш бо чашми сар дида буд, ки чи тавр бо ҳиммати Имоми замон ҷӯлистонҳо ба гулистонҳо табдил меёфтанд. Ҳангоме ки Ҳозиримом сиҷили пириро ба ӯ супурд, пандаш дод, ки пир будан меҳрубон будан аст. Баргузидаи Имом бояд на танҳо ба мардум, балки ба тамоми офаридаи Худованд – ҳайвон, об, хок, замин, гиёҳ, ҳаво, ҳатто регу санг меҳрубон бошад. “Ашёи олам дар назари ом сокиту беҷон аст, – фармуд Имом, – аммо ту бояд набзи ҷонашро эҳсос намоӣ, забонашро ба гӯши дил шунавӣ”. Сайид Фаррухшоҳ дар пирхона[2] муносибат ба мардумро омӯхт. Гуфтори гарму рафтори нарм нахустин шартҳоеанд, ки пешвои мазҳабиро аз дигарон мумтоз мегардонанд. Вай бояд муридони худро ба худотарсӣ, кушодадилӣ, олиҳимматӣ, саховатпешагӣ, ҷавонмардӣ, ободкорӣ даъват намояд ва қабл аз ҳама, худаш ин атворро дошта бошад. Барои ҳамин, чун аз таҳсили ҳафтсола ба Поршинев баргашт,

[1] Пир – раҳбари рӯҳонии исмоилиён, ки аз ҷониби Имоми вақт таъйин мешуд.

[2] Пирхона – дарбори Имоми вақт дар шаҳри Бомбайи Ҳиндустон

тасмим гирифт, ки бар алайҳи номеҳрубониҳои молики Баҳранҷа ва Саройи санг, кӯшку бӯстони тамошозебе созаду “Саройи баҳор” ном ниҳад. Бигузор, дар муқобили Саройи санг – ин маркази зулму фитнаву ғавғову ғайбат, Саройи баҳор чун маъвои адлу доду лутфу дилсӯзӣ қомат афрозад. Вақте ки фуқароро он боргоҳи меҳнату навмедӣ хаста менамояд, ин даргоҳи раҳмату умед дари худро ба рӯяшон мекушояд. То бидонанд, ки шоҳ дар сарояш чӣ даъвоҳо дораду пир дар сарояш чӣ давоҳо! Худованди дунё бо халқ чӣ мекунаду худованди уқбо чӣ!

**Чи иқбол аст, ё Раб, мавҷаи дарёи раҳматро,**
**Ки ҳар кас раҳ надорад ҳеҷ сӯ, сӯйи ту меояд.**

Дар муддати чаҳор сол остин барзада, бо мадади хешу табор бар баландии соҳили рости рӯди Баҳрчид кӯшку боғи бисёрдарахт бунёд кард. Он ба мисли Саройи санг боҳашамату бузург набошад ҳам, устоҳои гулдаст ҳар ҷузвашро ба асари ҳунар табдил доданд. Дар деворҳо бо хаттотӣ нақшҳо кашиданд, бар тиру вассаҳо катибаҳо нигоштанд, шифту дарашро кандакорӣ намуданд. Ва, чунонки соҳибаш нийят карда буд, Саройи баҳораш парваришгоҳи ақлу хирад ва густаришгоҳи фазлу адаб гардид.

Аз Баҳрчиддара шамолаки субҳгоҳӣ, ки нафаси сарди фасли поиз дошт, бо ришу ҷелаки Сайид Фаррухшоҳ бозӣ карда, ҷониби офтоббаро мешитофт. Акнун ки баргҳо рехтаву киштзоронро даравидаанд, аз баландии Саройи баҳор тарҳи боғу заминҳои атроф чун дар рӯйи каф намоён аст. Вай ба пуштаи он тарафи соҳил чашм дӯхта, аз даҳани дара то миёнаи деҳаи Возм бо нигоҳаш ҷӯйеро кашид, ки орзуи баровардани он рӯзҳои охир дар дилаш маҳкам нишастааст. Агар ин наҳрро бисозад, беш аз бист анбон замин шодобу киштбоб мегардад. Ба камӣ ҳазор бех дарахти гуногунмева шинонда, нозу неъмати Аллоҳи Таъолоро зиёд кардан мумкин аст. Анбори халқ пур бошад, зиндагӣ ҳам мефорад. Шоҳ ҳам хироҷашро мегираду ҷамъ овардани закот низ ба таъхир намеафтад.

Сайид Фаррухшоҳ дар дил дуои кушоиш хонду қарор дод, ки худи ҳамин рӯз аз сухан ба амал гузарад. То барфу яхбандӣ яку ним моҳ мондааст. Дар ин муддат сохтани ҷӯйборро анҷом додан мумкин аст. Ба ин кори хайр як миқдор пул ҳам гузошта метавонад. Ғайр аз ин, халқи қишлоқҳои гирду атроф дар орзуи онанд, ки пирашон ишорае кунаду онҳо ба сар даванд.

Бо чунин хаёлоти хуш боғашро давре заду ба рӯйи ҳавлӣ гузашт, ки назди дарвоза хусураш Сайидҷаъфар ва писараш Юсуфалишоҳ пайдо шуданд. Ӯ ба пешвози хусураш шитофт. Онҳо даст бӯсиданду Сайид писарашро дар канор гирифт.

**– Субҳи содиқ бардамиду рӯшанист,**
**Хобро аз дида берун карданист,**

– чун ҳамеша Сайидҷаъфар суханашро бо шеър сар кард: – Субҳат ба хайр!

Сайид Фаррухшоҳ табассуми малеҳе карду гуфт:

– Аммо Аттори ширингуфтор субҳро чи таъвили аҷибе фармудааст:

**Чу дорӣ офтобе, соя бигзор,**
**Чу шири модар ояд, доя бигзор!**
**Ба қадри заррае гардад ҳисобе**
**Зи хуршеди илоҳӣ дар ҳиҷобе.**
**Касе, к-ӯ дар ғалат мондаст, аз он аст,**
**Ки дар баҳри шаку тайҳи гумон аст.**
**Валекин ҳар кӣ дорад Каъба даргоҳ,**
**Нагардад дар миёни Каъба гумроҳ.**
**Касе, к-ӯ дар миёни Каъба зодаст,**
**Ҳама сӯйе бар ӯ Каъба кушода-ст.**

Сайидҷаъфар аз лаззати шеър чашмонашро нимпӯш карда, “баҳ-баҳ” гуфт ва ба Юсуфалишоҳ рӯй овард:

– Таваҷҷуҳ кардӣ?

– Оре, – ҷавоб дод писар, – ҳатто дар ёдам нишаст.

– Ку бихон, – нобоварона хоҳиш кард падар.

Юсуфалишоҳ чашмонашро пӯшида, дақиқае абёти шунидаро дар зеҳнаш гардон намуд ва айнан, бидуни ғалате, бозгуфт. Сайид Фаррухшоҳ бо ҳайрат даст бар сараш гузошт ва гуфт:

– Барака ёб, писарам, боракаллоҳ! – Ва ба Сайиҷаъфар миннатдорона нигарист. – Дар охонӣ аз ман бамаротиб беҳтар будаӣ.

Сайид Фаррухшоҳ таълиму тарбияи Юсуфалишоҳро ба хусураш бовар карда буду писари хурдиаш Сайид Козимро худ таълим медод.

– Пирам, зеҳни гироро Худо медиҳад, на охон, – ба аломати инкор сар ҷунбонд Сайидҷаъфар. – Ман Юсуфро танҳо раҳнамоӣ мекунам.

Падар табассуми қаноатмандӣ дар лаб, сари Юсуфалишоҳро сила карду гуфт:

– Писарам, ту хона дарову ба мо чой биёр. Ману бобоят ба қӯшхона медароем.

Сайид Юсуфалишоҳ ҷониби хона давид. Домоду хусур аз паси ӯ равон шуданд.

Шоир Сайидҷаъфар марди панҷоҳ-панҷоҳупанҷсолаи болобаланди ботану тӯш буд. Риши мошубиринҷи шероза, чашмони сиёҳи барроқ, рӯи гирду сари калон, абрӯвони кӯтоҳи сермӯй ва пешонии баландаш ба вай шукӯҳу салобати хос мебахшиданд. Китоб-китоб шеър медонист, дар тақводориву порсоӣ, ба ҷуз пир, дигар ҳамтое надошт. Ба деҳқониву боғкорӣ хонадони калонашро меҳӯронду мепӯшонд. Дар баробари ин муаллимӣ ҳам мекард. Ҳар сол дувоздаҳ шогирд мегирифт, на кам, на зиёд. Дари мактабаш ба рӯйи бойу камбағал баробар боз буд. Дастмузди муайян намепурсид. Қаноат мекард ба чизе, ки медодандаш. Ба шогирдони фақир худ қаламу коғаз медод. Соли сеюм аст, ки Юсуфалишоҳ дар пешаш мехонад. Ба тезии зеҳни ӯ ҳайрон мешуд. Дар муддати ҳафт моҳ Қуръонро комилан фаро гирифт. Сура ба сура, оя ба оя медонад, ҳатто гуфтан мумкин аст, ки мебинад. Вақти зарурат ояи лозимиро бидуни андешае ба забон меорад. Ҳоло Ҳофизро фароварда, ба Саноӣ гузаштааст.

Пас аз нӯши ҷон кардани ғӯзчойи балаззат Сайидҷаъфар сабаби ташрифашро баён кард:

– Пирам, халқ имсол аз камобӣ душмани ҳамдигар шуд. На боғ меваи дуруст баст, на ғалла қад кашид. Барои он ки шабона обро duздид, Худоназарро бо бел зада, маъюб карданд. Аҳволашро худат аз ман беҳтар медонӣ. Нобародариву нохоҳарӣ ба авҷ расидааст. Дар Хосаву Миденшор касе намондааст, ки барои об ба рӯйи ҳамсояаш наовехтааст. Дирӯз мардони обрӯманди қишлоқҳо назди ман омада, хоҳиш карданд, ки бо ту гуфтугӯ кунам. Бовар кун, ҷигари мардум бирён шудааст. Ҳосил нест, шоҳ мосал[1] фиристодааст, ки хироҷ гиранд. Ман ба онҳо ваъда додам, ки арзашонро мерасонам. Ҳоло раҳбараҳ ҳамин рубоиро гуфтам:

**Дорам аламе, бигӯям, эй ҳамнафасон,**
**Беобии Хоса шуд маро коҳиши ҷон.**

---

[1] Мосал – кӯтоҳи муҳассил, хироҷгир.

**Аз як падаре агар ду фарзанд бувад,**
**Дар мавсими обдиҳӣ шаванд душмани ҷон.**

Фаррухшоҳ рубоиро бо табассум истиқбол намуду сар ба ҷайби андеша фуру бурд. Ягона ҷӯйборе, ки оби Баҳрчиддараро то деҳаи Хоса мерасонд, аз шағалу лой пур гаштааст. Обаш ҳатто ба деҳқонони Саройи Баҳор, ки деҳаи аввал аст, намерасад. Онро саду бист сол пеш, бо амри Шоҳ Амирбек, дар синаи доманакӯҳи Поршинев канда, беш аз сад анбон заминро ба боғу бӯстон табдил додаанд. Деҳқонон, ҳар сол наҳрро тоза кунанд ҳам, регу шағали бо мурури замон шиббагаштаро танҳо ба андозаи як-якуним бел канда метавонистанду халос. Фароху амиқ кофтани он неруву фурсати зиёд мехост. Дар Миденшору Хоса баландии ҷӯй ҳамагӣ ду-се ваҷаб боқӣ монда, дар айёми хокову[1] обшорӣ боиси хархашаву ҷидолҳои калон мешуд.

– Пир Шоҳносир асояшро болотар мехалонд[2], ҳоло Хосаву Миденшор ҳам сероб мебуданд, – пир сукуташро бо шӯхии малеҳ шикаст. – Ҳақ бо деҳқонон аст. Аммо тамоми бунаҳои Поршинев шаш моҳ корёрӣ[3] кунанд ҳам, наҳрро то мавсими обдиҳии замин сохта наметавонанд. Дар натиҷа аз ҳамон як чумча об низ маҳрум гашта, бенон мемонем. Барои он ки кор кунанд, ду-се бор хӯроки нағз бояд хӯранд. Гӯраш сӯзад, Муҳаббатхон пешонии мардумро ба хоки сиёҳ расонд.

– Лекин, агар даст болои даст гузошта шинем, магарам баъди ду сол кӯчамонро бандем, – бо ташвиш изҳор дошт Сайидҷаъфар. – Илоҷи корро ту наёбӣ, аз каси дигар бӯйи умед нест.

– Ман каме пул дорам. Ҳамин саҳар нийят кардам, ки бо он ба тарафи Возм ҷӯй барорам. Аз баҳри ин мақсад гузашта, пулро ба тармими ин наҳр гузорам, ҳатто тамоми сарватамро сарф кунам ҳам, баробари уштурро бо кафлес об додан аст. Дар тамоми Поршинев шахсе пайдо намешавад, ки ба ман шарик шавад. Ягона касе, ки ба додамон расида метавонад, Юсуфалихон аст. Лекин...

Пир забон хойиду хомӯш монд. Сайидҷаъфар каме интизор нишасту андешаи ӯро давом дод:

– ... лекин сер кай парвои гурусна дорад. Юсуфалихон то сару ҳисоби давлатдориашро меёбад, ки чанд сол мегузарад. Намепурсад,

---

[1] Хоков – бори аввал об додани замин баъди кишт.
[2] Ишора ба чашмаи Носири Хусрав.
[3] Корёр, корёрӣ – кори дастаҷамъона, ҳашар.

ки об доштед, ё на, амр медиҳад, ки молиёт супорем. Халқ хонасалот мешавад.

Хусуру домод дақиқае чунин пешомади нохушро хомӯш мулоҳиза намуданд.

– Ягона роҳи наҷот ба даст овардани дили шоҳ аст, – хулосаи андешаашро баён кард Сайид Фаррухшоҳ. – Ҳоло ки тоза ба тахт нишастааст, сари вақт ӯро аз вазъ огоҳ намуда, ба мардум сабукӣ талаб кардан даркор. Шояд гапамро гирад.

Сайидҷаъфар ба аломати тасдиқ сар ҷунбонду гуфт:

– Фикри олиҷаноб, лекин агар нагирад-чӣ?

Сайид Фаррухшоҳ китф дарҳам кашид.

– Ба обрӯйи худат ҳам фикр кун. Мардум чӣ мегӯяд? Муридонатро ҳам аз ёд набарор.

– Тамоми ҳунари дилёбиамро ба кор мебарам, агар камӣ кард – ҳаволаи тақдир.

– Пирам, ту бояд аз назди шоҳ ғолиб бадар ойӣ, ғолиб! Вазъият ҳаминро тақозо дорад. Шоҳ набояд суханатро рад кунад, мефаҳмӣ?

Фаррухшоҳ гапи хусурашро мулоҳизакунон зери лаб ин байтро хонд:

**Осоиши ду гетӣ тафсири ин ду ҳарф аст:**
**Бо дӯстон мурувват, бо душманон мадоро.**

Падар, дидӣ, Хоҷа Ҳофиз дар ин маврид чӣ мегӯяд? Юсуфалихон аз бародару падараш бартарие надорад. Вай ҳам аҳли дунёсту аз ҳазор сухани пурҳикмат як тангаи тилоро авлотар медонад. Рӯзи панҷшанбе бо ҳадяву армуғон ба саломаш меравам. Бо ҳамаи ин, Юсуфалихон на аз валӣ ба ман хеш аст, на аз васӣ[1]. Дилаш хоҳад, гапамро мегирад, нахоҳад, не.

– Оҳооо, илоҷи корро ёфтӣ! – бо ҳарорат хитоб кард Сайидҷаъфар, – ёфтӣ!

– Чӣ хел илоҷ? – ҳайрон шуд Сайид Фаррухшоҳ.

– Тадбири корро гуфтӣ.

– Чӣ гуфтам?

– Бо шоҳ тарҳи хешовандӣ афкандан! Тадбире аз ин коромадтар нест.

---

[1] На аз валӣ, на аз васӣ хеш набудан – на хеши падарӣ будан, на модарӣ.

Сайид Фаррухшоҳ, ки ҳоло ҳам ба умқи маънии гапи хусураш нарасида буд, пурсид:

– Хешовандӣ?! Яъне?

– Яъне, хоҳари Юсуфалихонро ба занӣ металабӣ!

– Барои кӣ?

– Барои худат, дигар барои кӣ мешуд?

Аз ин гап Сайид Фаррухшоҳ ҳангу манг монд. Вай ҳеҷ гумон надошт, ки дар ҳаёташ чунин масъалаи барояш гарон – гирифтани зани дуюм пеш меояду онро ҳам на каси дигар, балки хусураш ба миён мегузорад.

– Медонам, – суханашро давом дод Сайидҷаъфар, – духтари ман бо ту хушбахту ту ҳам аз вай гилае надорӣ, аммо "зарур бошад, раво бошад" гуфтаанд. Тамоми пирҳо аз Ёрканд то Дарвоз ду-сетоӣ зан доранд. Барои чӣ? Худат беҳтар медонӣ, ки ҳар як занашон духтари ягон шоҳ ё амирест. Пайғамбарамон ҳам духтари азизашон Фотимаи хотуни қиёматро барои он ба Алии Муртазо дод, ки баракати дин аз хонаводааш берун наравад. Ту ҳам агар духтари шоҳро бигирӣ, ба як тир чанд фохта мезанӣ: дилашро ба даст меорӣ; эътиборат дар байни аҳли дарбор зиёд мешавад; дар умури давлатдорӣ дахолат карда метавонӣ; муридонат эминтар мегарданд; байни фуқаро обрӯят меафзояд; ниҳоят, ҳар гуна мушкили зиндагии худ ва мардуми Поршиневро ба як ишора осон карда метавонӣ.

Сайид Фаррухшоҳ сар ба гиребони андеша даркашид. Дарёфт, ки хусураш ба хотири амнияти халқу ободии диёр аз вай чунин амалро интизор аст. Набошад, кадом падар дар хонаи фарзандаш абин[1] мехоҳад. "Аввал халқ, баъд Худо" гуфтани мардум ҳамин маъноро доштааст. Корд ба устухони мардум расидааст. Агар ягона тадбири дуруст хешовандӣ бо шоҳ бошад, Сайид Фаррухшоҳ омода аст, ки ба хостгорӣ биравад. Лекин, оё Юсуфалихон чунин ҳамхонагиро мехоста бошад?

– Агар салоҳи кор ҳамин бошад, ман розӣ, – посух дод вай, – аммо мабодо шоҳ рад кунад, обрӯям оби ҷӯй мешавад.

– Аминам, ки Юсуфалихон ин гуна имконро аз даст намедиҳад. Чӣ, вай намехоҳад, ки дар Шуғнон гапаш гапу кораш кор бошад? Фикр мекунӣ, ки шоҳонамон хоҳарону духтаронашонро аз рӯйи муҳаббат ба пирони Чатрору Бадахшону Ёрканд ва ғайра

[1] Абин - палонҷ

додаанд? Албатта, не. Ту фақат дил кун[1], шоҳ ҷон-ҷонгӯён розӣ мешавад.

Домоду хусур бафурҷа тамоми ҷузъиёти мулоқот бо шоҳи навдавлатро муҳокима ва рӯзашро муайян карданд.

## ВАСВАСАИ ҲОКИМИЯТ

Расо дар рӯзи даҳуми ба тахт нишастан Юсуфалихон ба поксозии аҳли дарбор, баровардани қусуру ситондани қасос шурӯъ кард. Шаб амр дод, ки девонбегиву сипаҳсолор ва Занҷири ҷаллодро ба ҳабс гиранд. Чунин сурат гирифтани ҳодисаро ҳеҷ кас чашм надошт.

Қозӣ фикр мекард, ки шоҳ ба хотири хизмати бузургаш – ҳалок сохтани Муҳаббатхон – вайро на танҳо дар мансаби девонбегӣ нигоҳ медорад, балки имтиёзу имкониятҳои дигар низ медиҳад.

Отизул ҳам дар назди ҳокими нав ҳеҷ гуна гуноҳ эҳсос намекард. Ҳамагӣ ду-се рӯз сипаҳсолор буду ба ғайр аз ҷанги кӯтоҳе бо Ҷаҳонгиру қавми ӯ, дигар коре накарда буд. Дуруст аст, ки роҳи гурезогурези сипоҳиёни қатағаниро нагирифт. Аммо ин иқдомаш низ хато набаромад: чунин менамояд, ки Юсуфалихон сипоҳиёни ғайрро дар Шуғнон дидан намехоҳад. Талабгори мансаб ҳам нест. Падараш девонбегии Абдураҳимхон буд, чӣ шуд? Шохдараиҳо шабохун зада, дар даруни қалъа, дар хонаи худаш, ӯро реза-реза карданд. Ин ҳодиса барои ҳафт пушти Отизул дарси ибрат шуд: пойро ба андозаи гилеми худ дароз кардан лозим аст. Чунон ки Марғов ҷавлонгоҳи шуғниён нест, дар ҳукумати Шуғнон низ қирғизро роҳ намедиҳанд. Отизул, барои он дудаста ба қалъаи Баҳрпанҷа харпанҷа андохтааст, ки чашми манҷуриҳову хитойиҳоро тарсонад. Онҳо бояд донанд, ки қирғизони Помир аз ҳимояи Шуғнон бархурдоранд ва ба чарогоҳҳои нопайдоканори Булункӯл, Аличор ва Марғов дасти тааррuз дароз накунанд.

Занҷири ҷаллод, пас аз кушта шудани Ҷаҳонгир, худро Амирҳамзаи соҳибқирон ҳис мекард. Савганд хӯрда буд, ки Ҷаҳонгирро мекушад, кушт! Вақте ки дусад савори якачин ба паҳлавони пир ҳуҷум оварда, борони найзаву шамшеру шивезнро[2] ба сараш рехтанд, вай дар аввал чун фили дамон муқобилат намуд. Вале

[1] Дил кардан – нийят кардан

[2] Шивезн – чӯбдасти мустаҳками ҷангии шуғнониён ба дарозии найза.

пояш ба санге бархӯрду мувозинаташро нигоҳ дошта натавониста, барои наафтодан лаҳзае эҳсоси дифоъро гум кард. Дар ҳамин лаҳза Занҷир шофашро ба паҳлуи рости паҳлавон халонду зӯр овард. Дар умри сараш хуни даҳҳо нафарро рехтааст, вале вақте ки силоҳаш ба ҷигаргоҳи Ҷаҳонгири овозадор халид, бори нахуст аз ҳунари шамшерзаниаш лаззат бурд. Ҳамон лаҳза дарк кард, ки паҳлавон кисту ҷаллод чист. Паҳлавонӣ манзалат асту ҷаллодӣ мазаллат. Ин қадар сол одам кушт, ӯро ба кас нашумурданд, акнун номаш чун кушандаи Ҷаҳонгире, ки пушташ заминро надида буд, дар таърих мемонад! Савори саманди чунин хаёлот, гарде ба доман надошт[1], ки офтоби ҳаёташ сари кӯҳ расидааст.

Пас аз зуҳр дар асптози қалъа сад-саду бист одам ҷамъ омад, ки аксар оқсақолон ва кордорони дарбор буданд. Онҳо Қозӣ-девонбегӣ, Отизули сипаҳсолор, Занҷири ҷаллод ва чанд мансабдори калонро бо дастони баста дида, гиребон доштанд. Тасаввур кардан душвор буд, ки то бегоҳи рӯзи гузашта бурути ин мансабдоронро табар намебуриду ба як ишораашон чанд хизматгор давида, “ҳаманнову саддақ!” мегуфтанд.

Пас аз он ки бандиён саф оростанду аъёну акобир гирду атрофашонро пур карданд, шоҳ ҳамроҳи чанд нафар аз дари боргоҳ берун омад. Ҳамроҳони вайро дида, чашми ҳозирон аз ғояти ҳайрат даҳони пиёла гашт. Саркардагони шӯришгарони зидди Муҳаббатхон – Гулпочо, Мирзоазиз ва ду баҳодури дигар ба айвон баромада, дар пушти шоҳ истоданд. Юсуфалихон бо нигоҳҳои таҳдидомез ҷамъомадагонро аз назар гузаронду гуфт:

– Онҳое, ки дар баландиҳои Ёрканду Помир ва Ғунду Шохдараву Ғоронед, онҳое, ки дар водиҳои Дарвозу Язгулому Рӯшону Бартангед, бидонед ва огоҳ бошед, ки ман Юсуфалихон писари Абдураҳимхон писари Қубодхон писари Амирбек писари Қубодхон писари Шоҳванҷӣ писари Қубодхон писари Шоҳванҷӣ писари Шоҳ Худодод писари Сайид Шоҳи Хомӯши дурдаргӯш мебошам, ки авлод ба авлод шоҳони Шуғнон будаем ва ин барои ҳама чун офтоб равшан аст. Касе шакку гумон дорад, зиндагӣ дар ин мулк бар ӯ нагуворад, беҳтар он ки фиғон бикашад ва ҷониби шимол ё ҷануб, шарқ ё ғарб инон бикашад. Касе бар зидди мост, душмани ҷидди мост, касе дар бари мост, бародари мост.

---

[1] Гарде ба доман надоштан – заррае огоҳ набудан.

Бидонед ва огоҳ бошед, ки субҳи ҳамин рӯз писарам Қубодхонро дар Рӯшон ҳоким таъйин кардам. Сипаҳсолории Шуғнонро ба Гулпочои баҳшорӣ, сипаҳсолории Рӯшонро ба Мир Манзаршоҳ раво дидам. Ҳамчунин барои заҳр дода, ҳалок кардани бародарам шоҳ Муҳаббатхон ба девонбегӣ Қозӣ ҳукми қатл додам...

Ғалоғулаи ҳайратомези ҳозирон гапи шоҳро бурид. Вай ғазаболуд ҷониби майдон нигоҳе партофт ва даст бардошту дод зад:

– Хомӯшшш! – ва давом дод: – Девонбегӣ ба бадтарин ҷиноят – куштори шоҳи мамлакат даст задааст. Исбот шуд, ки ин бетармолии бешараф дар таоми Муҳаббатхон заҳр андохта, ӯро куштааст. Шахсе, ки дар ҳақи валинеъмати худ чунин кунад, ҷони мо ҳам аз вай дар амон нест. Занҷири ҷаллод ва зани фоҳишааш Сафармоҳ, ки хотири падарамро шикаста, ҳарами ӯро ҳаром намуд, дар оби Панҷ ғарқ карда шаванд. Либосашонро аз санг пур кунед, то туъмаи моҳиён гарданд. Ин касифон сазовори гӯру кафан нестанд. Бо амри ман чанд рӯз қабл Сарвинози худозадаро, ки бо тилисму ҷоду шоҳро гирифтори худ сохт, дар парини Бартанг ба ҷарӣ партофтанд. Ҳамин занони хушлиқои бадсиришт буданд, ки дар хонаводаи мо тухми нифоқ кориданду моро ба ҳам душмани ҷон намуданд. Ба ёд дошта бошед, ки:

**Дарахти макри зан сад реша дорад,**
**Фалак аз дасти зан андеша дорад.**

Отизули қалмоқро ба Помир бадарға мекунам. Бетармолӣ, то гуноҳашро нашӯяд, пояш рӯйи замини Шуғнонро нахоҳад дид. Ба ғайр аз Ширинбек ва Муборак, ки занони кордорони собиқро нагирифтаанд, оқсақолони дигарро ба сабаби никоҳ кардани занони акобирони фирорӣ, бо ҳафтоду панҷ дарра ҷазо медиҳам. Ҳамаашонро аз вазифа маҳрум карда, амволашонро ба хазинаи давлат месупорам. То нишастани офтоб иҷро шавад!

Шоҳ, барои санҷидани таъсири суханаш, ба чор тарафи майдон чашм давонду ба Гулпочо рӯ овард:

– Занҷиру аҷузаи бетармолиашро бо дасти худ ғарқ созед, Қозиро барои тир задан ба Ношак супоред, чор навкарро фармоед, ки Отизулро авор[1] кунанд. Оқсақолони бадаҳкорро чӯб зада, занони гирифтаашонро ба шавҳарони қаблиашон баргардонед.

Ва бо қадамҳои тунд майдонро тарк кард.

---

[1] Авор (шуғнонӣ) – бадарға

Ду рӯз пеш Юсуфалихон, тибқи ваъдааш, Мирзоазизу Гулпочоро бор доду гуфт:

– Ман овозаи баҳодуриву далерии ҳар дуятонро шунида, мақсад гузоштам, ки шуморо ба сарварии сипоҳ баргуморам. Худатон фикр кунед, ки аз чӣ бояд барои лашкари бегона пулу мол сарф кунем? Магар мо мард надорем? Магар мардони мо номуси ҳимояи мамлакати худро надоранд? Гулпочо, ту сипаҳсолор мешавӣ, Мирзоазиз – ёрдамчиат. Сад нафар рӯшониро, ки бо ман буданд, дар Вомар дар ихтиёри Манзаршоҳ гузоштам. Ҳоло дар қалъа шастҳафтод навкар дорем. Шуморашонро ба дусад расонем, кифоя. Аз деҳот шахсони нотарсу паҳлавонро мегирӣ. Озуқаву либосу силоҳ – ҳар чи лозим бошад, арз кун, медиҳам. Шумо тарбияти Ҷаҳонгирро гирифтаед. Бовар дорам, ки чун аз ӯ, аз ҳайбати шумо ҳам бетармолитарин душман бепарупо мегардад.

Баъд шоҳ ба онҳо ҷомаҳои фохир ва камону шамшер инъом ва дар қалъа ҳуҷраи зист ҷудо карду амр дод, ки бидуни диранг ба кор шурӯъ намоянд. Чунин меҳрубониро на Гулпочо чашмдор буд, на Мирзоазизе, ки, ба қавле, аз даҳонаш ҳанӯз бӯйи шири модар меомад. Бегоҳи ҳамон рӯз ба хонаи Мулло Хишол рафта, барои пешбурди кор аз вай маслиҳат хостанд. Охонро ин навигарӣ ҳайрон сохт, вале хурсанд накард.

– Ҳамнишинии шоҳ қадам гузоштан рӯйи яхро мемонад. Лағжидӣ, тамом – ба партгоҳ уқобак[1] мешавӣ! Пир Шоҳ Носир чи аҷаб гуфтааст, ки:

**Ҳар он к-ӯ нест аз ту беҳ ба дониш,**
**Ба суҳбат ҳамдаму маҳрам мадонаш.**
**Макун бо аҳли ҷаҳл, эй ёр, суҳбат,**
**Ки з-он суҳбат расӣ ҳар дам ба меҳнат.**

Аммо вақте охон фаҳмид, ки шоҳи нав аз мулки бегона лашкар намекунад, дилаш каме гарм шуд.

– Ин мард он қадар беномус наметобад, – гуфт охон, – барои ин, дар рикобаш будан мазаллат нест. Лекин дар ҳама кор инсофу додро нигоҳ доред. Ба фуқаро зулм накунед, зулм намебинед.

[1] Уқобак шудан – дар ҳаво муаллақ гардидан.

Дар маслиҳат бо Мулло Хишол тарзи баргузиниш ва баргу сози сипоҳ рехта шуд. Рӯзи дигар шоҳ андешаи сипаҳсолорро шунида, қобили қабул донисту дар охир чунин маслиҳат дод:

– Рӯҳу ҷисми сипоҳӣ обутоби доимӣ мехоҳад. Дар рагаш бояд хуни ғайрату диловарӣ биҷӯшад. Барои он ки ин мақсад ба даст ояд, навкарону афсарон бояд ҳар рӯз дастаҷамъона машқи ҷанг бикунанд. Чун шумо таҷриба надоред, ман аз сипоҳиёни Манзаршоҳ нафареро ба Шуғнон металабам. Ӯ одамонатро машқ медиҳад. Пагоҳ душманони шоҳро ҷазо медиҳам. Омода бошед.

Ҳарчанд шаби дароз ҳазору як тахмин заданд, Мирзоазизу Гулпочо кӣ будани душманони шоҳро мушаххас карда натавонистанд. Субҳи рӯзи дигар, вақте ки шоҳ онҳоро ба ҳузур талабиду номи ашхоси маҳкумшударо эълон кард, оҳи ҳайрон монданд[1]. Онҳо тасаввур ҳам карда наметавонистанд, ки девонбегиву сипаҳсолор – онҳое, ки ба қавмашон ҷабру зулми бисёр раво диданд – ва Занҷири ҷаллод – оне, ки Ҷаҳонгир аз захми теғаш ҳалок гашту Мирзоазиз ташнаи хунаш буд – ба чунин осонӣ ба дасти кайфарҷӯяшон афтоданд.

Ҳукми шоҳ иҷро гардид. То фаро расидани торикӣ асптоз аз нолаву ғиреви оқсақолони чӯбхӯрдаву нимзинда ва дашному кашокаши навкарон монанди боҷ ҷӯшид[2]. Гулпочо Занҷиру Сафармоҳи бадбахтро, ки яксара нолаи ҷигарсӯз мекард, ҳамроҳи ду навкар дар лаби дарё пуштбапушт баҳам бастанд ва дар эзорҳояшон санг андохта, ба об партофтанд. Сипаҳсолор Мирзоазизро ба тамошои ин манзараи ваҳмнок роҳ надод. Пеш аз он ки Занҷирро лаби дарё баранд, Мирзоазиз ба рӯяш туф карду гуфт:

– Хаёл кардӣ, ки барои куштани ҷаҳонпаҳлавон туро болои сар мешинонанд. Ҷаҳонгир аз он дунё ҳам душманашро нест мекунад!

Садои гирудори майдон то ҳуҷраи Юсуфалихон расад ҳам, хаёли вай тамоман ба чизи дигар банд буд. Ӯ корди зебои дастааш устухонии мунаққашро рӯйи даст гардонда, тамошо мекард. Дастаи он ду нигини лоҷвардӣ, ғилофаш як радда нигорҳои резаи чортарки зарҳалӣ дошт. Ин гуна корд ё маҳсули ҳунари туркони куқандӣ буд, ё тошқӯрғонӣ. Соате қабл оқсақол Муборак бор хосту онро ба дасташ дод ва гуфт:

– Шоҳам, нафаре аз номи Сайид Фаррухшоҳ ин ҳадяро ба ту овард ва гуфт, ки фардо ба саломат мерасад.

---

[1] Оҳи ҳайрон мондан – ҳайрати беандоза.

[2] Монанди боҷ ҷӯшидан – гирудори пуршиддат.

Аз дидани корд ва шунидани исми бонуфузтарин пири шуғнониён табъи Юсуфалихон чоқ шуд. Ҳанӯз ҳангоми аз Файзобод баромадан, дар андешаи ба даст овардани дили Сайид Фаррухшоҳ буд. Танишҳояшро бо Муҳаббатхон медонист. Бинобар он, метарсид, ки агар пир нисбат ба ӯ низ мавқеи мухолиф бигирад, ҳукуматаш равнақ нахоҳад дошт. Юсуфалихон, ки дар Шуғнон таваллуд ва калон шудаст, беҳ аз ҳар каси дигар медонист, ки Сайид Фаррухшоҳи поршиневӣ ва Сайид Мирзо Ашраби сучонӣ кистанду чи иқтидоре доранд. Шоҳ танҳо бар ҷисми фуқаро ҳукумат дорад, рӯҳи мардум дар ихтиёри онҳост. Амри онҳо барои ҳар як мурид қонун, ҳатто болотар аз қонун ба ҳисоб меравад. Пирон ба шоҳ танҳо барои нашикастани хотираш эҳтиром мегузоранду халос. Пас ҳоло ки Сайид Фаррухшоҳ ба Юсуфалихон корд фиристода, мехоҳад, ки ба ӯ пайванди хешутаборӣ дошта бошад, чунин имконро аз даст додан лозим нест. Ин фоли нек дар кушоиши кори давлатдории ӯст. Аллоҳи таоло худаш хостааст, ки Сайид Фаррухшоҳ бо ӯ тарҳи дӯстӣ андозад, набошад чӣ маҷбураш кардааст, ки болои духтари Сайид Ҷаъфари номдор боз зан бигирад. Шоҳ кордро ба ғилоф андохту чеҳраи духтарони ба синни арӯсӣ расидаашро як-як пеши назар овард. Айни замон шоҳ соҳиби панҷ зани қонунӣ буд. Се нафарашон яктоӣ духтари қадрас доштанд. Кадоме аз онҳо ба хонадони чунин шахсияти бузурги рӯҳонӣ сазовортар бошад? Ё шояд хоҳарашро ба занӣ хоҳад? Икронбегим хурдтарин фарзанди Абдураҳимхон буд. Вақте падараш мурд, даҳ сол дошт. Ба балоғат расида буд, ки байни бародаронаш нифоқ афтоду Муҳаббатхони саргарми куштори фуқарову шайдои Сарвиноз боре ҳам ӯро ёд накард.

Юсуфалихон сари андеша чанд бор пойгаҳи боргоҳро чарх заду ахиран дар рӯбарӯйи тахт қарор гирифт ва хулосаашро ба ним овоз сари забон овард: “Икронбегим!! Зуд одам фиристода, ӯро ба Баҳрпанҷа баргардондан лозим аст”.

## БОДАФРОҲ

Панҷ аз ғояти софӣ оинаи тамомнамои нилфомро мемонд. Рӯдҳои кӯчаки кӯҳистони баланд дар саргаҳҳо ях баста, танҳо кӯлҳои таги пиряххои бузург, ки дар сардиҳои зимистон ҳам гармии худро нигоҳ медоранд, оби зулоли хешро саховатмандона ба дарё ме-

рехтанд. Тирамоҳи фарох ҳукм меронд. Мардум ғаллашонро дар анбор, коҳу бедаашонро дар каҳдон анбошта, дару даргоҳашонро ба резиши борону бориши барф омода менамуд. Аз осиёбҳо шабу рӯз навбат канда намешуд. Халқ ғаллаашро орд, туташро талқон мекард. Соли фаровонҳосил зимистону баҳори сериву пуриро дар батн дошт.

Корвони Манзаршоҳ қад-қади соҳили чапи рӯдбори Панҷ ҷониби Рӯшон роҳ мепаймуд. Он аз панҷоҳу панҷ навкар ва даҳ-дувоздаҳ зану бача – аёлу кӯдакони онҳое, ки дар Файзобод кадхудо шудаанд, – ҳамчунин сутурони савориву боркаш иборат буд. Даҳ хачир бори давлатсарой дошт, яъне барои қалъаи ҳокимнишини Вомар қолину газвор, асбобу ускунаи рӯзгор ва аслиҳаи сарду оташфишон мебурд. Ҳар қадар ба хоки Рӯшон наздик мешуданд, баҳри дили Манзаршоҳу ҳамсафарони ташнаи дидори ёру диёраш ҳамон қадар мекушод. Ҳавои ватан дилашонро қувват, чашмашонро рӯшноӣ мебахшид. Вақте ки охирин деҳаи Шуғнонро пушти сар гузоштанд, қалби Манзаршоҳро шодии дардолуд ё шояд дарди шодиомез – хуллас, як ҳисси печидаи изтироббарангез, – фаро гирифт. Мехост чашмонаш манзараҳои атрофро ба монанди ташнае, ки оби ҷонбахшро баякбор дам мекашад, то сер шудани ҷисму ҷонаш фуру баранду фуру баранд. Балки аз обу ҳавои гуворои диёр на ҷисм серӣ дораду на ҷон. Бори нахуст Манзаршоҳе, ки дар ҳама ҳолат худро ба даст гирифта метавонист, домани ихтиёр аз даст дод. Дилаш мехост талотуми дарёи эҳсоси ботинро аз даричаи забон берун резад. Аммо намедонист чи ҳарфе ба забон биёварад, ки дилаш ором бигирад. Ин лаҳза дар ҳавои “Якбайта”[1] садои форами ҷавонмарде, ки аспашро этак карда, дар аввали корвон раҳ мепаймуд, дар кӯҳҳои атроф аксандоз гашт:

**Ба ғам барбод додам зиндагонӣ,**
**Баҳорам рафту умрам шуд хазонӣ.**
**Хазонам гашт умри навниҳолам,**
**Шикаста қоматам аз нотавонӣ.**
**Дареғо, дурри макнун кардаам гум,**
**Шабобу лаззати умри ҷавонӣ.**
**Ғамолудем доим рӯйи олам,**
**Парешонам зи дарди бенишонӣ.**
**Ба олам як замон ҳаргиз надидам**
**Дами осудагиву шодмонӣ.**

---

[1] Якбайта – охирин қисмати дафсоз.

– Шаҳ бош, Гардоншо, чи сухани дилошӯбе! – бо овози баланд хитоб кард Манзаршоҳ. – Кӣ гуфта бошад?

– Мирзоибоди шидзӣ, сипаҳсолор, – посух дод Гардоншо, – шоири зиндаи худамон.

Бо шунидани номи деҳаи Шидз табъи болидаи сипаҳсолор якбора хира гашт. Сар хам кард ва гӯё дарзамон ғанабаш бурда бошад, дам ба дарун кашид. Ин деҳа зиндони зани дӯстдошта ва Меҳтаршоҳи ҷигарбандаш буд. Дар ин деҳ номуси ӯро, номуси Манзаршоҳеро, ки аз шунидани номаш банди дили паҳлавонони наррашер меларзад, зери по карданд. Наход Булато фикр накард, ки дунё ба як қарор намемонаду одамон боз ба ҳам дучор меоянд. Ӯ бояд аз сари ҷонаш мегузашт, аммо зани Манзаршоҳро намегирифт! Акнун кафанашро бояд бо дастони худ бидӯзад.

Бегоҳ дар дашти рӯбарӯи деҳаи Вомар шабаргаҳ[1] интихоб карданд. Манзаршоҳ пас аз тановули хӯрок аҳли корвонро ҷамъ оварду гуфт:

– Шумо дар ин макон бошед. Ман бо даҳ савор поёнтар ҳаракат мекунам. Фардо гашти рӯз ба Вомар медароям. То аз он соҳил худам ишора накунам, аз дарё нагузаред. Аз рӯйи шунидам, Мавҷудхон тарафи Дарвоз гурехтааст, вале набояд фориғбол шуд. Муш ҳам барои ҳелчааш одамро мегазад. Заренро ба шумо сардор мемонам.

Сипаҳсолор бист нафар сарбозро баргузиду ба асп нишаста, маҳмез задан хост, ки ҷавони сиёҳҷурдаи баландболои ҳиндунамое раҳашро гирифт.

– Сиб, бҳ маъ йҷозат кун бҳ ҳамраҳат.

Манзаршоҳ ҳайрон ба афту андоми ҷавон нигаристу пурсид:

– Лахман, мо шояд ҷанг кунем, ту ҳоло бисёр ҷавон ҳастӣ.

Вале Лахман аз раъяш нагашт:

– Сиб, як шаф дҳӣ, асп ҳам даркар не, ҷанг микънам.

Манзаршоҳро самимияту шердилии ҷавон хуш омад.

– Чандсолаӣ?

– Чордаҳ, сиб.

Манзаршоҳ китфу бозуи расо, синаи пурқувват, шонаҳои паҳн ва қомати баланди Лахманро синчакорона аз назар гузаронду амр дод:

– Камонгир, ба Лахман аспу силоҳ бидеҳ.

---

[1] Шабаргаҳ – ҷойи шабгузаронӣ

Фурсате баъд ҷавон савори аспи тезтак бо шамшери ҳамоил аз паси дастаи Манзаршоҳ равон гашт. Чун дар тан либоси мардуми ҳинду дошт, монанди аккаи миёни селаи зоғон афтода бармало бегона ва ҳатто ба назари бинанда як навъ хандаовар метофт.

Лахман як ҳафта пеш дар роҳи Шева ба онҳо пайваст. Аҳли корвон барои дамгирӣ маҳмил кушод ва навкарон пас аз хӯрок даст ба гӯштин заданд. Поқени чоснудӣ бар се нафар ғолиб омад ва бо лаъбу ғурур боз ҳариф хост. Корвониён истихора карданд. Банохост Лахман, ки дар қатори мардуми Шева ба тамошо нишаста буд, қанотакзанон худро ба Поқен расонд ва ӯро ба ҳаво бардошт. Ғиреву ҳаёҳӯи тамошобинон ба фалак печид. Поқен ҳам паст наомад ва ҳангоме ки Лахман пушташро ба замин меовард, пойи росташро бар гардани ҳариф чангак кард ва бозуяшро ба даст оварду чунон зӯр зад, ки ҳар ду якпаҳлу афтиданд. Аз ин гашти ғайричашмдошт тамошобинон ба ваҷд омаданд. Паҳлавонон чолок ба по рост шуданду бозиро аз сар гирифтанд. Баъд аз чанд кӯшиш Лахман ҳарифашро ба пушт хобонд ва бар синааш нишаст. Поқен даст бардошт, ки таслим шудам.

Манзаршоҳ ҷавони ғолибро ба ҳузураш хонд ва аслу насабашро пурсид.

– Намъм Лахман аст, аз Читрар астъм, – ба порсии шикаста фикрашро баён кард ҷавонпаҳлавон. – Ғариб дар ӣ ҷаҳастам, беганастам.

Манзаршоҳ аз нақлаш фаҳмид, ки Лахман на падар дорад, на модар. Онҳо дар овони кӯдакиаш аз беморие мурдаанд. Ӯро амакаш ба хонаи худ оварда, хар барин кор мефармудаву саг барин сарқут медодааст. Илова бар ин, агар фарзандонаш гуноҳе содир намоянд, ба ҷойи онҳо низ дар пеши чашмашон Лахманро кӯфта, мегуфтааст, ки агар ӯ намебуд, ин мушту лагадҳо ба тани онҳо мефаромад. Аз чунин хориву зиллат андешаи гурехтан ба сараш омадааст. Рӯзе ба пуштазор молбонӣ баромада, роҳи гурезро пеш мегирад. Дара ба дараву гардана ба гардана ба Шева мерасад ва дар хиргоҳи чӯпоне қарор мегирад.

Дили Манзаршоҳ ба ин ҷавонписари дар ҳукми гул, ки чашм кушода, дар дунё рӯзи хуше надидааст, сӯхт. Лаҳзае чеҳраи маъсуми писаракаш пеши назараш ҷавлон заду тасаввур кард, ки Лахмани чатрорӣ ҳамон Меҳтаршоҳи азизи ӯст, ки дар чорраҳаи тақдир зору ҳайрон мондааст. Манзаршоҳ низ пас аз даҳ-понздаҳ сол писарашро айнан ҳамин гуна паҳлавони пилзӯр меангошт, ки аз ҳайбаташ паланг дар кӯҳу наҳанг дар дарё карахт шавад.

– Бо ман будан мехоҳӣ? – пурсид Манзаршоҳ.

Ҷавон чашмони барроқашро нимпӯш карда, лаҳзае андешид ва савол дод:

– Маъ бҳ чҳ кар аям?

– Писари ман мешавӣ.

Аз ғояти ҳайрат нафаси Лахман дар гулу печид.

– Ман Манзаршоҳ астам, лашкардори шоҳи Шуғнон. Туро бо худ ба Рӯшон мебарам. Дар хонаи ман зиндагӣ мекунӣ.

Ду қатра ашк ба рухсораҳои ҷавон давиданд. Вай чизе нагуфт ва ба расми ҳиндувон пеши Манзаршоҳ зону зада, сар ба пояш бурд. Манзаршоҳ ӯро ба по рост карду ба оғӯш кашид. Аз ҳамон соат Лахмани чатрорӣ писархонди Манзаршоҳ ва дастёри беминнати аҳли корвон гашт.

Дастаи Манзаршоҳ наздики субҳ ба Човад расиду пас аз як соати дамгирӣ рӯди Панҷро убур карда, ба соҳили рост гузашт. Ҳама гумон карда буданд, ки Манзаршоҳ ба зодгоҳаш – деҳаи Йӯрх рафта, хешу таборашро диданист. Вале акнун донистанд, ки мақсадаш деҳаи Шидз аст, на Йӯрх. Манзаршоҳ аввал зани худро ба даст овардан мехоҳад.

Оҳ, чи рӯзи наҳсест барои оқсақол Булато ин рӯз! Шаш сол боз Манзаршоҳ нақша мекашад, ки он номардро чи гуна азият медиҳад ва чи тавр ба гулуяш ханҷар ниҳода, каллаи кадуворашро аз тани мурдораш ҷудо мекунаду бо дастони худ ба шохи дарахт меовезад. Ҳар қадар Шидз наздиктар мешуд, шуълаи ғазаб дар мардумаки дидагонаш ҳамон қадар бештар барқ мезад; на танҳо Булато, балки тамоми деҳа дар назараш манфур метофт. Одати Манзаршоҳ чунин буд, ки як касро дӯст дорад, бо тамоми зоту заминаш дӯст медошт, бад бинад, бо тамоми ёру диёраш бад медид. Медонист, ки ин гуна муносибат ба одам аз рӯи адолат нест, вале хулқашро дигар карда наметавонист. Боре дар овони наврасӣ аз ҷангалаки назди хонааш буме ба даст овард. Онро чунон дӯст дошту дӯстдорӣ кард, ки ангор Худованд дар олам ба ҷуз ин паранда чизи дигаре наофарида бошад. Беш аз се моҳ саргарми муҳаббати он буду хушбахттарин инсони кураи арз. Рӯзе, барои сар додани об ба ҷӯй, то саргаҳи дара рафту вақте ки баргашт, ду чашми зебои бумашро кӯру хунолуд дида, деҳаро ба сараш бардошт. Он қадар гирист, ки дили аҳли хонадонаш об гашт. Вақте фаҳмид, ки чашмони шаҳлои бумашро зоғон кофтаанд, аз ҳисси интиқом орому карорашро аз даст дод. Ба куштани ҷинси зоғ даст зад. Қирони ин парандаи шумро, ки ба ғайр аз

қарқари дилбеҳузуркунанда ва кофтани чашми бум ҳунаре надорад, баровард. Он қадар кушташон, ки дар нишонзанӣ моҳир гашту зоғон ба дарахтони атрофи хонааш дигар наменишастанд.

Вой бар ҳоли Булато ва авлоди ӯ! Манзаршоҳ аз ғояти хашм дандонҳояшро чунон баҳам фушурд, ки ғиҷиррос заданд.

Вақте ки ба Шидз даромаданд, субҳи содиқ медамид. Деҳа аз лаби дарё то кӯҳдоманаи фарохпаҳно доман густурда буд. Аз аҳли даста касе намедонист, ки хонаи оқсақол куҷост. Саворон дар назди ҳавлии нахустин пиёда шуданд.

– Палла, дарову хонаи оқсақолро пурс, – амр дод Манзаршоҳ ба навкаре.

Навкар ҳанӯз аз ҷояш наҷунбида, дар ғиҷирросзанон кушода шуду марди шамшердоре берун баромад ва хитоб кард:

– Оқсақоле, ки меҷӯед, манам. Ба хона кордор набошед, ки аз ман нест.

Аз ин пешомади ғайримунтазир аҳли даста ҳайрон монд. Манзаршоҳ нобоварона ҷониби мард қадам гузошт ва ҳаяҷономез пурсид:

– Булато туӣ?

– Манам, – ором посух дод мард. – Манзаршоҳ, медонам, ба қасди ман омадаӣ. Оре, вақти бодафроҳ[1] ҳам расид. Ҳар карда ҷазо дорад. Барои он ки халқро натарсонед, дар хонаи аввали деҳ дар роҳатон нишастам. На лашкар дорам, на гурезгоҳ. Якаву танҳо ба ҷанги ту омадаам.

– Ба ин андоза мард буданатро намедонистам, – ба заҳрханд гуфт Манзаршоҳ, – Мехоҳӣ, ки бо ман тан ба тан биҷангӣ?

– Оре, лекин ба як шарт.

– Шарт ҳам доштаӣ, мутаҳҳам? Хайр, бигӯ.

– Нафаронатро зинҳор бидеҳ, ки агар ман ғолиб омадам, ба қасоси ту маро накушанд, агар ту пирӯз шудӣ, авлоди маро амон бидиҳӣ.

Аз ин гап хун ба сари Манзаршоҳ зад. Даст ба шамшер бурд ва гуфт:

– Туе, ки дидаву дониста зани маро гирифтӣ, боз шарту шароит ба миён мегузорӣ? Туе, ки ба сари номуси авлоди ман лаҳзае андеша накардӣ, ҳоло мехоҳӣ, ки авлодат дар амон бошад?

---

[1] Бодафроҳ, бодафро - интиқом

– Мир! – ҳамоно хунсардона, вале бо овози баландтар хитоб кард Булато, – медонӣ, ки Муҳаббатхон валъаматро зӯран ба ман дод. Бо ҳамаи ин, тан медиҳам, ки бояд ин корро намекардам. Хато кардам. Пушаймонам, вале ин акнун аҳамияте надорад. Ба Худо савганд мехӯрам, ки боре ҳам бо ин зани покдоман муносибати заношавҳарӣ надоштаам ва ӯро дар хонаам ба гул озор надодаам. Инро худи валъамат низ иқрор хоҳад кард.

Раги номуси мардии Манзаршоҳ, ки Булаторо як одами тарсуи даюс гумон мекард, аз рафтору гуфтори бошарафонаи вай ҷунбид.

– Шартатро қабул мекунам, лекин барои хиёнатат ё ман бояд зинда бошам, ё ту.

Ҳарифон ба пушти хона гузашта, ба ҳам дарафтоданд. Бо вуҷуди ҷангозмудагиаш Манзаршоҳ базудӣ бар Булато даст наёфт. Танҳо пас аз ним соат шамшерзании пуршиддат сипаҳсолор нӯги теғашро ба синаи оқсақол халонда тавонист. Булато дар ҳоле ки ҷон медод, боз ҳам таъкид кард:

– Қавлатро нигаҳ бидор, Манзаршоҳ.

Пас аз тамом шудани кори Булато Манзаршоҳ аз рӯйи эҳтиёт ба хона даромад. Дар он ҷо, ба ғайр аз як кампири касалнамо, ки рӯйи ҷогаҳаш чорғов хуфта буд, дигар касеро пайдо накард. Манзаршоҳ пурсид, ки хонаи Булато дар куҷост. Кампир аз шиддати дамкӯтаҳӣ базӯр овоз баровард:

– Худашро пурс, бачам. Ду рӯз боз ҳамин ҷост, нав берун баромад.

– Дар берун ҳеҷ кас нест, модар.

– Пас хонааш рафт. Калон ҳам бошад, гоҳе аҳволи мани дармондаро мепурсад. Набошад, барвақт мемурдам. Худаш он қадар моле нест, лекин ду зан дорад, ки ҳар дуяш хатми одаму одамгарианд. Махсусан, Бибианораш зан не, фариштаи осмонист. Агар вай ба ман меҳрубонӣ намекард, оқсақол дар суроғу пайам ҳам набуд. Писари шаҳидам андуволи ҷонбаҷони шавҳари пештарааш будааст. Ба хотири Бибианор оқсақол ҳам ба ман меҳрубон шуд. Худо умрашро дароз кунад, сари касаламро дида, ду рӯз боз шабро дар хонаам мегузаронад.

Бо шунидани ситоиши Бибианору гапи писари шаҳид, сухани то ин замон ба назари Манзаршоҳ беаҳамияти кампир, маънӣ пайдо карда, чеҳраи пажмурдааш ҳам ширин тофт.

– Мод, писарат чӣ ном дошт?

– Бобак.

Ба сари Манзаршоҳ гӯё як нова оби хунук рехт.

– Гуроз барин писар доштам, ки баҳои олам буд. – Кампир оҳи ҷигарсӯзе кашида, гапашро давом дод. – Думи Манзаршоҳ гуфтанӣ як сакалтуи чоснудиро гирифту ба ғазаби шоҳ гирифтор шуд. Муҳаббатхон бачаи нозанинамро кушту ман бекасу вовайло мондам.

Дили сипаҳсолор такон хӯрд. Чанд сол қабл, вақте ки Манзаршоҳ барои Юсуфалихон навкар ҷамъ меовард, дар Шидз ҳамин Бобак ба ихтиёри худ ба навкарон пайваст. Азбаски ҷавони ҳузарби саворпое буд, Манзаршоҳ хоҳишашро рад накард. Дар муҳорибаҳо пешгому сафшикан буд. Дар ҷанги Пастхуф асир афтоду дигар аз ӯ дараке нарасид.

Манзаршоҳ дар кучо будани хонаи Булаторо дақиқ карду берун баромад ва фармуд, ки ба кампир як сарупо газвор ва як миқдор озуқа диҳанд. Барои он ки дар ҳавлии оқсақол доду фиғон барнахезад, Манзаршоҳ қарор дод, ки бидуни сарусадо ҳамроҳи як нафар ба хонаи ӯ равад. Ду навкар дар сари мурда монанду дигарҳо ба шоҳроҳ бароянд. Вақте ки Бибианору Меҳтаршоҳро баровrouting, навкарон мурдаи оқсақолро ба хонааш расонда, сипас ба даста ҳамроҳ шаванд.

## ОШКОРИ РОЗ

Пас аз фирори Муҳаббатхон дар Рӯшон ҳам ҳаёт ба маҷрои табиӣ баргашт. Солҳо пайиҳам осуда омаданд. Гурезаҳо баргашта, аз нав хонаву дари худро обод намуданд. Шумори аҳолӣ афзуд. Деҳаи Вомар ҳам батадриҷ дар ду соҳили рӯди сероб доман густурд. Резишгоҳи рости Вомароб дар ихтиёри давлат монд. Дар ин ҷо қалъаи мустаҳками ҳокимнишин, якчанд иморати давлатӣ ва хонаҳои барҳавои кордорони дарбор, ки халқ ҳамаи онҳоро кӯтоҳак “мир” мегуфт, ҷойгир буданд. Азбаски заминҳои ҷониби офтобнишини деҳро тобистон оби саркаши Панҷ зер мекард, мардум бешазори анбӯҳи тарафи офтоббароро бурида, киштзорони нав мекушоданд. Санглоххо ҳавлӣ, даймҳо[1] ғаллазор мешуданд.

Шоҳдаврон нийят кард, ки дар назди хонаи Беҷодамоҳ ду-се анбон заминро аз буттаву дарахт пок намояд ва то тирамоҳ шикаста, барои кишт омода созад. Мӯйсафеди дурандеш медонист, ки агар

[1] Дайм – замини табиӣ.

ҳозир аз пайаш нашавад, баъди як-ду сол, ҳар касе, ки пешдастӣ кард, ин қитъаро соҳиб мегардад. Он гоҳ ягон даъво фоидаву ҳеҷ гуна пушаймонӣ суд надорад. Худо накарда, агар Камонгир ҳалок шавад ё ба сабабе барнагардаду Шоҳдаврон ҳам бимирад, Беҷодамоҳ набояд чун моҳии сари сангов бефарёдрас бимонад. Оҷизаи бекасу кӯву бемолу манолро ягон марди ғариб нагирад, дигар ба касе лозим нест. Замин дошта бошад, дар оянда шавҳар ҳам мекунаду фарзанд ҳам меёбад. Ва аз арвоҳи Шоҳдаврон домангир намешавад, ки ӯро фарзанд хонду падарӣ карда натавонист.

Вай хешу табору ҳамсояҳояшро барои поксозии беша корёрӣ даъват кард. Барои он ки муносибати мураккаби байни онҳоро пай набаранд, Шоҳдаврон Беҷодамоҳро ба сари замин намебурд. Духтар хӯрок мепухту бачаҳои ҳамсоя онро ба корёрон мебурданд. То оғози тирамоҳ замин аз буттаву дарахт озод гашт. Барои он ки хок мулоим шаваду ҷуфти барзагов онро шикаста тавонад, баҳорро мунтазир бояд шуд. Ҳоло ҳангоми чидани сангу сангреза аст.

Як рӯзи офтобии тирамоҳ Шоҳдаврону Беҷодамоҳ машғули сангчинӣ буданд, ки банохост ду савор бошитоб ҷониби онҳо омаданд. Шоҳдаврон каф ба пешонӣ лапар карда, кӣ будани онҳоро муайян кардан мехост, ки Беҷодамоҳ нидои фиғономез баровард:

– Камонгииир!

Ва чанд қадам пеш рафту рӯнокӣ ба замин афтод.

Шоҳдаврон духтарро бардошту сарашро дар бағал гирифт, ки саворон ҳам расидаңду ҳарду аз рӯи зин ба замин ҷаҳиданд.

– Хоҳарҷон, ба ту чӣ шуд?! – хитоб кард Камонгир ва, назди онҳо ба зону нишаста, ба ҳамроҳаш амр кард: – Сипинёр, об биёр! – Ва сари хоҳарашро дар канор гирифт.

Сипинёр дар тоқиаш об оварду ангуштонашро нам зада, ба рӯйи Беҷодамоҳ чошид. Пилкони бастаи духтар чанд бор париданду сипас боз шуданд. Вай дастонашро ба гардани бародари азизаш ҳалқа кардду пешониву чашмонашро бо ҳасрат бӯсид ва сар ба синааш гузошта, гоҳ ба овозу гаҳ беовоз тӯфони ашки чанд сол дар сина ҷамъгардидаашро аз роҳи дида берун рехт.

– Бародарам, бӯйи падарам, умеди модарам, тоҷи сарам, ду дидаи равшанам, ҷони сӯхтаам, ҷигари гудохтаам, сутуни хонаам, ба зиндагӣ баҳонаам, ҷонам фидоят, сарам хоки поят, диламро кӯзаи захр кардӣ, ҷигарам зулбиё шуд, чашмонам чашми сӯзан гаштанд...

Беҷодамоҳ мегуфту мегирист, мегиристу мегуфт. Мардон ҳайрон монданд, ки чунин суханони дилошӯби шоирона дар забони духтари ҳушбохта чи хел қатор мешаванду баробари ашки шашқатораш бефосила мерезанду мерезанд.

– Ором шав, хоҳарҷон, – Камонгир аз ҳоли Беҷодамоҳ ба танг омад, – ғарибӣ гузашт, дигар аз барат дур намешавам.

Беҷодамоҳ мадҳуш аз ҷо хест ва ангуштони ишораро ба гӯшҳояш қуфл карда, ба оҳанги ҷонсӯзи фалакӣ ин рубоиро хонд:

**Рафтӣ ту ба шаҳрҳо, ғамат кушт маро,**
**Кардӣ ба даруни дил фаромушт маро.**
**Ё нома навис, ё хати безорӣ,**
**Ин гуфтугузори мардумон кушт маро!**

Дар овози духтар он қадар лойбалою тобато ғусса ниҳон буд, ки ба бадани шунаванда ғайриихтиёр мурғак медавиду дилаш талотум мезад. Барои он ки Беҷодамоҳро аз чунин ҳолат бадар орад, Шоҳдаврон аз бағалаш най бароварда, ба он нафас дамонд. Мусиқии фараҳбахши рӯҳнавоз ба фазо пар кушоду уштулуми Беҷодамоҳ ҳам паст гардид.

Мӯйсафед найро аз лаб гирифту садои форами дилнавозаш чун чашма фаввора зад:

**Шинум сари санг, ки аз Бадахшон ойӣ,**
**Дуторча ба дасту масту ғелон ойӣ.**
**Дуторча ба даст, гӯшакаш марворӣ,**
**Моро ба ғамат куштӣ, чӣ армон дорӣ? –**

Ва покӯбону дастафшон оҳанги ҳузнангезро ба суруди шодмонӣ иваз кард:

**Омада меҳмони мо, меҳмони мо, хуш омадӣ!**
**Роҳати ин ҷони мо, ин ҷони мо, хуш омадӣ!**
**Ташна будам ар ҷамолат, бар ҷамолат ташналаб,**
**Ташна бар оби равон, оби равон, хуш омадӣ!**
**Гул шукуфта дар ҷаҳон, андар ҷаҳон гулзор шуд,**
**Боғи мо бустони мо, бустони мо, хуш омадӣ!**

Шоҳдаврон сурудро ба охир расонду Камонгирро ба оғӯш кашида, падарвор меҳрубонӣ кард. Сипас Сипинёрро низ дар канор гирифту гуфт:

– Хуш омадед, қадами сафо овардед, ҷонам ба фидои дидори мубораки шумо!

Камонгир намедонист чӣ гӯяд. Ҳайрону дилнигарон гоҳ ба Шоҳдаврон нигоҳ мекарду гоҳ ба Беҷодамоҳ. Мӯйсафед андешаи вайро ба фаросат дарёфт ва шӯхиомез гуфт:

– Албат, фикр мекунӣ, ки каллаамро бигирӣ ё зинда ба зинда пӯстамро биканӣ.

– Амаки Шоҳдаврон, ҳамин субҳ аз дарё гузаштаму шунидам, ки...

Ҷавон давоми суханашро ба забон наовард. Чун дид, ки вақти ифшои рози чандсола ҳамин ҳангом аст, Беҷодамоҳ забон баркушод:

– Бародари ҷон, агар гуфтаанд, ки ман ба ин кас шавҳар кардаам, дуруст гуфтаанд, аммо...

Духтар забон хойид. Камонгир бесаброна пурсид:

– Аммо чӣ? Медонам, рӯзгор маҷбурат кард ...

– Камонгир, ин кас шавҳарам нест...

– Чӣ хел *шавҳарат нест*? Шавҳарат набошад, кист, ки ҳамроҳи ту зиндагӣ дорад?

– Падарам, падархондам.

Камонгир аз ғояти ҳайрат панҷа ба даҳон бурд, Сипинёр нишасту сарашро дудаста қапид.

Шоҳдаврон дид, ки вақти дахолаташ расидааст, ба гап ҳамроҳ шуд:

– Муҳаббатхони гӯрсӯхта Беҷодамоҳро маҷбуран ба ман никоҳ кард. Агар ҳаёти ин духтар дар миён намебуд, ҷонамро аз даст медодаму розӣ намешудам. Лекин андешидам, ки агар ман ба ҳамин роҳ наҷоташ надиҳам, шоҳи беимон ҳаёташро месӯзонад. Аз соати аввале, ки ба хонаам қадам гузошт, ман Беҷодамоҳро духтари қиёматӣ хондаму Беҷодамоҳ маро падари қиёматӣ. Боқӣ шумо донеду Худо.

– Ин гап рост аст? – Камонгир боз ҳам бо шубҳа ба хоҳараш рӯ овард.

– Наход бовар накунӣ-а? – посух дод Беҷодамоҳ хиҷолатзадаву ашкрезон. – Агар ин инсони бузург ба ҳамин баҳона маро аз чанголи ифлоси Муҳаббатхон намекашид, ҳоло ё канизи ҳарам мебудам, ё ба ягон бадахшиву қатаған мефурӯхтандам. Дар ин шаш соле, ки дар хонааш зистам, аз падар ҳам ба ман бештар ғамхорӣ кард. Лекин аз бими шоҳу ҷосусони вай гуфта наметавонистем, ки мо на зану шавҳар, балки духтару падарем. Бори аввал ин ҳарфро ба ту мегӯям, бародари ҷон. Медонӣ, барои он ки ин розро ба забон оварам, чи

қадар хуни дил шудаму чи қадар ғаму ғуссаро таҳаммул кардам? Фақат меҳрубониву дилбардории падархондам маро қувват бахшид, ки зери бори ин маломат зинда бимонам. Бовар кун, Камонгир, бовар кун, бародарҷон...

Бечодамоҳро гиря гулугир кард. Камонгир худро ба пеши пойи Шоҳдаврон партофт ва гуфт:

– Маро бибахш, падарҷон, бибахш, ки дар ҳақат гумони бад ба дил роҳ додам. Ту боимонтарин мусулмон, азизтарин бандаи Худованд астӣ! Маро ҳам ба фарзандӣ қабул бикун, падар!

Шоҳдаврон аз эҳсоси хушбахтиву ғалабаи ҳаяҷон ҳайкалвор шах шуда, ҳарфе ба забон оварда наметавонист. Одатан, инсонҳо дар назди мансабу ҷоҳ зону мезананду таъзим менамоянд. Ва дар аксари мавридҳо бидуни хоҳиши худ, аз рӯйи тамаъу хушомад. Аммо болотар аз мансабу ҷоҳ манзалати дигаре ҳам вуҷуд дорад, ки инсон дар назди он бидуни ихтиёр на танҳо ба зону меафтад, балки замин мебӯсад, на фақат таъзим мекунад, балки сар ба саҷда мегузорад. Ин манзалати сафову порсоист! Аҳли ҷоҳ манзалати худро ё мехаранд, ё бо роҳи таҳқиру куштори мардум ба даст меоваранд, аҳли тақво бо роҳи меҳрубониву муҳаббат. Тафовут байни дину дунё, байни эътиқоду бутпарастӣ ҳамин аст. Ин лаҳза он қадар саршор аз қудсияту бехудӣ буд, ки аввал Бечодамоҳ, аз паси вай Сипинёр низ ба пойи Шоҳдаврон афтоданд ва домани ҷелакашро ба дида молиданд. Ангор ошиқон маъшуқ, толибон матлуб, муридон пири худро ёфтанд!

**Онон ки талабгори Худоед, Худоед,**  
**Берун зи шумо нест, шумоед, шумоед!**  
**Чизе, ки накардед гум, аз баҳри чӣ ҷӯед?**  
**В-андар талаби гумнашуда баҳри чароед?**  
**Дар хона нишинеду магардед ба ҳар сӯй,**  
**Зеро ки шумо хонаву худ хонахудоед[1].**

Соате пас хонаи холиву андӯҳзадаи Бечодамоҳ аз гуфтугӯйи шодонаи одамон пур шуд. Шоҳдаврон фармуд буққаи чорсолаашро, ки махсус барои ҳамин рӯзи хуҷаста парвариш мекард, бикушанд. Ба тамоми Вомар ҷаҳтгар фиристоданд, ки се рӯз дар хонаи Бечодамоҳ суру дилхушист, Камонгири гурд аз Бадахшон зиндаву саломат баргаштаву ташнаи дидори ҳар яки шумост.

---

[1] Шамси Табрезӣ.

Ҳамтабақон[1] дегу дегпояҳо оварда, дар чакалаки қафои ҳавлӣ шинонданд. Сипас корро байни худ тақсим карда, ба хизмат пардохтанд: ҳезум мешикастанду оташ меафрӯхтанд, об мекашонданду гӯшт реза мекарданд; дасторхон меандохтанду хӯрок медоданд; косаву табақ мешустанду меҳмон мепазируфтанду мегуселонданд. Хулласи калом, мекӯшиданд, ки сур бе камбуд гузарад ва соҳиби хона танҳо бо меҳмонон машғул бошаду даст ба косаи тар назанад.

Субҳи рӯзи дуюм Камонгир ба ёди кӯдакиву волидони марҳумаш гирду навоҳи хонаро бо ҳавсала қадам зад. Дару девор, боғ, киштзор ва ҷуйбори рӯйи ҳавлӣ ҳама ороставу пероста буд. Ҳатто шаш сол пеш – дар замони будубоши худаш, ин қадар зебу тартиб надоштанд. Камонгир бо чашми сараш медиду ҳеҷ бовар намекард, ки муддати шаш сол дар ин хона касе зиндагӣ накардааст. Нохост дар кунҷи боғ чашмаш ба хоначае афтоду дилаш таҳ хӯрд. "Ин сагхонаро барои чӣ сохта бошанд?" – ба худ андешид ҷавон ва намадпораеро, ки хизмати дарро адо мекард, бардошта, ба коза даромад. Аммо бӯрёи рӯйи фарш, лиҳоф, кӯрпача ва болиштро диду яқин кард, ки козаро на барои саг, балки барои одам сохтаанд. Дар дили Камонгир ҳисси шубҳаву гумон талотум зад ва ҳамоно хомӯш шуд. "Ҳа, фаҳмидам, Шоҳдаврон касеро ба посбонии хонаи беодам гумоштааст". Ин фикрашро шивезне, ки дар паҳлударӣ ба қади девор рост гузошта буданд, тақвият дод. Ӯ ҷӯбдастро гирифту вазну маҳкамиашро санҷид ва боз ба ҷояш гузошту берун баромад.

Шоҳдаврон як банд ҳезум дар бағал бо табассуми малеҳу рӯйи хандон дучораш омад.

– Ба пойи қадамат тирамоҳ ба тобистон бадал шуд, – хушгӯйӣ кард Шоҳдаврон, – ҳозир ҳамсояҳо меоянд, сурро давом медиҳем. Он тарафаш "аҷаб шамол астее"[2].

– Хаста набошӣ, падар, – гуфт Камонгир ва ҷониби коза ишора карда пурсид: – Ин чайларо ту сохтаӣ?

Мӯйсафед ба оҳанги ҳайрат посух дод:

– Не. Инро худат насохтаӣ магар?

– Ман? – Камонгир ҳам ҳайрон шуд, – Ман барои чӣ коза месохтаам?

Шоҳдаврон нобоварона ба Камонгир нигоҳ кард.

---

[1] Табақ – иттиҳоди чанд хонавода барои гузарондани маъракаҳои тӯйу азо.
[2] Мисраъ аз як суруди шӯхи сурона.

– Тавба аз тағфор[1], ман гумон кардам, ки ту барои истироҳат дар рӯзҳои гармо сохта бошӣ.

– Дар гӯшаи хаёлам ҳам набуд, падар. Наход Беҷодамоҳ сохта бошад?

– Не, бачам, аз духтарворис чунин кор намебарояд. Наход хонаи калонро монда, дар пучоқи чормағз баҷо шавад?

– Ман ҳам ба ҳамин ҳайрон, – гуфт Камонгир, – ту сохта набошӣ, вай сохта набошад, ин козаи булаҷаб аз куҷо пайдо шуд?

– Ин муамморо фақат Беҷодамоҳ мекушояд. Дастамро холӣ кунам, худашро мепурсем.

Онҳо ба хона даромаданд. Беҷодамоҳ дасторхонро аз анвои хӯрданӣ пур мекард.

– Биёед, барои ношто кочиву ҳалвои шир пухтам, – дар овози Беҷодамоҳ оҳанги хушбахтӣ мавҷ мезад. – Кулчаву бурсоқ, чалпаку дунбаҷигар, шинниву зиндабоҷ, мосту дӯғ, ҳар чи мехурӣ, бихӯр!

Мардон сари дасторхон нишастанд.

– Духтарам, ҳоло ба як саволи одии Камонгир ҷавоб дода натавонистам.

– Пид, наход ту барин як одами афлотун[2] ҳам ба саволе ҷавоб дода натавонӣ, – шӯхиомез ҷавоб дод духтар. – Саволи Камонгир чӣ будааст?

– Ҳамин козаи кунҷи ҳавлиро кӣ сохта бошад?

Авзои Беҷодамоҳ якбора дигаргун гашт. Ба чеҳрааш тирагӣ соя андохт. Русораҳояш дар они воҳид чун кулчаи навканда суп-сурх шуданд. Камонгир ҳатто лаҳзае ларзидани тахтапушти хоҳарашро мушоҳида кард.

– Ин козаро ... Доробшоҳ сохт, – бо сари хаму садои шикаста ниҳоят посух дод духтар.

– Доробшоҳ?! – мардон қариб баробар нидо бароварданд.

Беҷодамоҳ ба ишораи тасдиқ сар ҷубонд.

– Ҳамон Доробшоҳе, ки дӯсти ҷонии ман аст? – Дар саволи Камонгир изтироб, нобоварӣ, хурсандӣ ва ҳайрат ба ҳам омехта буданд.

Духтар сар ҷунбонд.

– Вай ҳамроҳат зиндагӣ мекард? – Камонгир аз ноҳинҷорӣ нимхез шуду дузону зад.

---

[1] Ибораи маъмулест дар Помир, вайроншудаи «астағфуруллоҳ».

[2] Афлотун – дар ин ҷо ба маънии донишманди беназир омадааст.

Шоҳдаврон ҳам дар ҷояш ҷунбиду сулфаи бардурӯғе кард.

– Оре, – ҷавоб дод духтар ва пас аз сукуте давом дод, – не..., вай омад, гуфт, ки ҳамроҳаш ба Бартанг гурезам, ман... қабул накардам. Вай гуфт, агар бо ман ҳодисае рӯй диҳад, дар назди дӯсташ Камонгир шармсори ду олам мешавад. Баъд чайла сохту маро посбонӣ кард, ки шуғниҳо омаданд. Вай бо онҳо ҷанг кард. Онҳо бисёр буданду вай тоқа. Охир зада, маъюбаш карданд. Баъд ҳар дуи моро пешандоз карда, ба қалъа бурданд. Мегӯянд, ки аз зиндон гурехтааст.

Барои нишон надодани ҳаяҷонаш Беҷодамоҳ худро ба пора кардани нон андармон сохт. Камонгир даҳон ҷуфт карда буд, ки Шоҳдаврон каф ба пешонӣ зада, хитоб кард:

– Ҳалло, тавба кардам, Худоё! Наход ҳамон ҷавонест, ки ҳамроҳ дар банд будем? Ронаш ҷароҳат дошт, ман дорую малҳам кардам. Гуфт, ки шуғниҳо вайу духтари холаашро ба қалъа асир гирифтанд.

– Худи худаш! – хурсандона нидо баровард Беҷодамоҳ, – вай куҷо шуд?

– Як шаб ҳамроҳи Хайримаҳмад ном мард гурехтанд, ҳарчанд кофтанд, наёфтанд.

– Аҳсант! – пас аз дарки ҳақиқати ҳол Камонгир ҳам ба гап ҳамроҳ шуд. – Ман аз вай замин то осмон миннатдорам. Ҷавонмардӣ ҳамин қадар мешавад.

– Эй духтари золимбило[1], барои чӣ ин қадар сол ягон бор ҳам номашро ба забон нагирифтӣ? Охир ману вай мисли падару писар будем. Ин хел бачаи баномусу сахтбардоштро дучор наомадаам.

Аз ин хабар, ки Шоҳдаврон бо Доробшоҳи фаррухлиқо ҳамнишин будааст, эҳсоси номафҳуме духтарро музтарибҳол гардонд. Яқинан, агар бародараш намебуд, сар ба синаи падархонд мениҳоду ғамашро то қатраи охирини ашк мегирист. Аммо ба ҷойи ин, ҷониби мӯйсафед нигоҳе пур аз миннатдориву меҳр афканду гуфт:

– Ту напурсидӣ, ман ҳам лозим надонистам.

Барои он ки ҳолаташро пай набаранд, Беҷодамоҳ ба баҳонае берун баромад.

– Шояд тарафи Дарвоз рафтаасту хабари марги Муҳаббатхонро шунида, баргардад, – тахминашро баён кард Камонгир.

– Худованд нигаҳбонаш! Илоҳо, дар шаш ҷиҳати дунё ӯро дилхоҳ ва муборак гардон ва ба хайру хубӣ ба хоки падар, канори

[1] Золимбило – шум, гапнодаро

модар ва дӯстонаш бирасон, – дуо кард Шоҳдаврон ва афзуд: – Ҳамроҳи Хайримаҳмад бошад, роҳашро меёбад.

– Падар, ман бояд ба қалъа биравам, – арза дошт Камонгир. – Манзаршоҳу ҳамтингони дигарамро ба сур мехонам.

– Манзаршоҳ? – бовар накард Шоҳдаврон. – Наход худи Манзаршоҳ биёяд?!

– Барои чӣ намеомадааст, падар? Ғурбату саргардонӣ моро аз бародарони ҳамхун ҳам наздиктар кард. То чоштгоҳ ҳамроҳи онҳо меоям.

– Ин хел бошад, омин! Дар тараддуди маърака шудан даркор.

## ВАРТА

Чизи тезе ба кулчаи зонуяш халид. Баъди дақиқае такрор ёфт. Ин бор сахттару дардноктар. Пояшро ҷунбонд, ки аввал қарқари изтиробомези зоғе баланд шуду чанд хамҷинсаш ба он ҳамроҳ гаштанд. Баъд ғуввоси шиддати об ба гӯш расид. Аввал аз дур, сипас тадриҷан наздик омаду он қадар баланд гашт, ки дилашро воҳима зер кард. Чизе такрор ба такрор рӯйи пешонияш мехазиду гум мешуд, пойи чапашро ҳам чизе қапида, гоҳ меларзонду гоҳ меҷунбонд. Пойи рост эҳсоси гармиву нармӣ дошт. Гардан аранге месӯхт, мӯйи дароз сарашро гоҳе бардошта, боло мекашид, гоҳе сар медод. Баракси тахтапушт, ки эҳсоси роҳату гармӣ мекард, синаву ишкамаш хунук хӯрда буданд. Бӯйи дилбеҳузуркунандае бо ҳар нафас ба димоғ меомад. Мехост атсае бизанаду сӯзиши биниро боздорад, аммо наметавонист. Мехост дида боз кунад, аммо пилкҳояш аз фарти гаронӣ бардошта намешуданд. Мехост биҷунбад, вале ягон узви бадан итоаташ намекард.

“Худоё, дар куҷоям?”. Нахустин фикре, ки майнаи Сарвинозро такон доду ба кор даровард, ҳамин буд. Баробари дурахшидани ин савол бӯйи ғализ тундтар гашту ба гулу роҳ ёфт ва роҳи нафасро баст. Ба хоҳиши атса задан сулфа кардан низ илова гардид. Ҷони зан ба танг омад, вале ғаризаи зинда мондан боло гирифт. Сулфаи наҷотбахш аз банди гулу раҳо гашту таркид. Чун даҳону забон ҷунбиданд, атсаи деринтизор тирвор берун ҷасту чашмон ҳам кушода шуданд.

Нахустин чизе, ки нигоҳаш ба он афтид, каллаи нимпӯсидаи хар буд! Калла, фук ҷониби осмону гӯшҳо баробари гардан, бо чашмони

кофта, андаке поинтар аз пойҳои Сарвиноз, рӯйи харсанге, ки аз бараш оби пурталотум мегузашт, мехобид. Манзараи рақиқ маҷбураш кард, ки нимхез шавад. Ин асно бо қағқағу қарқари талвосаомез, аз чор тараф селаи зоғон ба ҳаво бархостанд. Хост ба дастонаш такя кунад, онҳо дар нармие фуру рафтанд. Барои кашиданашон дубора ба пушт хобид. Кафҳояшро аз назар гузаронду ҳайрон монд: онҳо пур аз пуман[1] буданд. "Аҷабо, мурдаи хар, пашми буз – ман дар куҷо бошам?". Боло нигарист. Чашмаш аввал ба шохаи камбарги бед, сипас ба кӯҳи лайси осмонбӯсе афтод, ки дар камараш пули овезон дошт. Ба маҳзи дидани пул хотираи Сарвиноз якбора равшан гашт. Лаҳзаҳои чархидани чеҳраи пурриши Ношаку чашмони ваҳмзадаи аспи хӯсидаи ӯ ва омехтани замин бо осмон пеши назараш ба ҷилва омаданд.

– Ман зиндаам, зинда! – хурсандона овоз баровард зан ва ба умеде, ки духтараш садои ӯро мешунавад, фарёд кашид: – Гулнооз!

Аммо ба ҷуз ғуввоси рӯду шарфаи шамоли сабук ҷавобе нашунид. Наход Гулнози кӯдакро ҳам ин кофармоҷароён ҷар карда бошанд? Ин андешаи муҳлик тамоми рагу пайи баданашро ба таҳрик андохт. Дудаста шохеро, ки мӯйи сараш дар панҷаи он андармон шуда буд, қапида, ҷуссаашро боло кашид. Пойи росташ ба осонӣ раҳо гашт, вале буҷули пойи чап, ки байни душохии бед монда буд, бо андак зӯр овардан ҷонгузо дард мекард. Гулноз ин мавзеи аҷиброро, ки аз баландии тоқиафкан[2] ба он афтода, зинда монд, аз назар гузаронд. Он майдончаи сербуттаву дарахте буд дар лаби рӯди пуртуғён. Чор тарафашро харсангҳо иҳота кардаанд. Харсанге, ки се баробари хона меомад, бо танаи азимаш роҳи обро ҷониби ҷангалак баста, байни девори кӯҳу оби рӯд чунин мавзеи нимҷазирамонандро ба вуҷуд овардааст. Дар зери пойи Сарвиноз ду қанори пур аз пашм, дар зери қанорҳо ҷасади хар, дар зери ҷасади хар тахтасанги бузурге хобида буданд. Маълум мешавад, ки хар низ айнан аз мавзее, ки вай парт гашт, ба ин ҷо афтодааст.

"Худованд соҳиби ин харро, агар зинда бошад, аз тамоми балоҳо бираҳонад, агар мурдааст, биёмурзад", – зан чи хел ба хари нимпӯсида миннатдорӣ баён карданашро надониста, ҳамин суха-

[1] Пашми нарми буз

[2] Баландии тоқиафкан – баландие, ки ҳангоми ба фарозаш нигаристан тоқии бинанда аз сар меафтад.

нонро аз дил гузаронд. Шукрона кард, ки Эзиди пок ба ӯ дубора ҷон бахшид. Аз ин мебарояд, ки Сарвиноз ҳанӯз дайни худро дар рӯйи замин адо накардааст. Агар чунин набошад, дар ин партгоҳи ҷаҳаннамнамо зинда монданаш дигар чӣ маъное дошта метавонад? Мемурду мурдааш ба мисли ҳамин хар туъмаи зоғу заған мешуд. Пас дастбарқазо набояд нишинад. Бояд талош кунад, то аз ин варта берун ояд!

Қанорҳоро бо чилбур ба танаи хар бастаанд. Агар шикофтаи бар асари ба шохи дарахт андармон шудани қанори зери пояшро ба назар нагирад, онҳо бар пушти хар устувор боқӣ мондаанд. Дили Сарвиноз пур шуд ва шохаро раҳо карду болои қанор нишаст ва ба дастонаш такя карда, бунлағжон худро ба гардани хар расонд. Пас аз печутоби зиёд, ахиран химчаи шохеро, ки пояш ба он дармонда буд, ба даст оварду якпоя қомат рост кард. Чанд лаҳза пас тадбири раҳоиро ёфт: банди пехашро[1] кушоду аввал нолишкунон пояшро аз даруни он кашид, сонӣ худи пехро аз қапқони душоха бадар овард. Он пур аз хуни карахшбаста буд. Сарвиноз худро болои санг гирифту дар паҳлуи калла нишаст ва пояшро аз назар гузаронд. Лахти хун ҷӯроби чорсихаро то зону ба пояш яклухт часпондааст. “Агар ҷӯроб намебуд, хунам бемонеъа мерехту ба ҳуш наомада, мемурдам ” – хулоса баровард зан. Дар ҷойи нишасташ давр гашту пояшро ба об андохта, даме нигоҳ дошт. Сардии он дарзамон то фарқи сар расиду батамом ҳушёраш сохт. Пояшро берун кашиду пехи намзадаашро баэҳтиёт кашидан гирифт. Аз шиддати дард дандонҳояшро ба ҳам фишурда, ниҳоят пойафзорро бадар кард. Он ним ваҷаб болотар аз пошна сӯрох шудааст. Пас, ҳангоми афтидан шохаи шикастаи нӯгтезе аз пеху ҷӯроб гузашта, мушаки соидашро даррондааст. Навбати ҷӯроб расид. Онро ба осонӣ кашида намешуд, зеро хавфи кушодани захм ва аз нав ҷорӣ шудани хунро дар пай дошт. Интизор бояд шуд, ки бахубӣ нам гираду лахти хун об гардад. Сарвиноз аз нав пояшро ба об гузошту гирду атрофро аз назар гузаронд. Ӯ дар соҳили рост қарор дошт. Дар ду тарафи рӯд кӯҳҳои лайси сиёҳи бегиёҳ ба гардун сар афрохтаанд. Онҳоро дарае, ки бештар ба тангно шабоҳат дошту рӯди пуробе аз байнаш ҷӯшидаву хурӯшида бо нолаву афғон ба поён мешитобид, аз ҳам ҷудо мекард. Аз ҷойе, ки ӯ нишастааст, танҳо ҷониби болои дараро ба масофаи панҷсад-шашсад қулоч дидан мум-

---

[1] Пех – маҳсии маҳаллӣ

кин асту бас. Ҷониби поён кӯҳпораи азамате роҳи назарро бастааст. Зоғу зағани хӯсида чанд бор болои сари Сарвиноз чарх зада, ба селаҳо тақсим шуданд ва билохира болои ҳамон кӯҳпора нишастанд. Пайт мекобанд, ки кай ҷонаш мебарояду гӯшташро нӯши ҷон кунанд.

Банохост андешае ба сараш омад, ки ин ҷонварони шум Гулнози хурдакаки вайро бо нӯлу панҷаҳои наҳсашон шикофтаву дарронда, гӯшташро хӯрдаанду лошааш ҳоло дар ҳамин гирду навоҳ хобидааст! Ҳарчи зудтар ба ҷустуҷӯяш баромадан лозим! Сарвиноз бархосту атрофро ба синча гирифт. Болои харсангҳо, шохаи дарахтон, дар ялангиҳо чизе ба назар намерасид. Акнун бояд пояшро бибандаду таги сангу дарахту буттаҳоро бисанҷад.

Аз паси қуллаҳои осмонбӯс абрҳои гарони сиёҳ намудор гаштанд. Рӯзи тоза равшаншуда тирафом шуд. “Борон борад, тамом, ҳаракат карда наметавонам”. Дили Сарвиноз ҷӯкид. Шитобон ҷӯробашро, ки лахтаи хуни дарунаш таровида буд, кашиду пояшро муоина кард. Шохаи мехмонанд гӯшташро аз поёни соид то буҷул дарондааст. Зан захмро шусту почаи даридаи пойи рости эзорашро канда, онро баст. Сипас ҷӯробу пехи хунолудашро покиза шусту таротар пӯшид, то ҳангоми ҳаракат захмаш накушояд. Барои аз харсанги баланд ба замин паридан на ҷуръат дошт, на имкон – пойи маъюбаш иҷоза намедод. Илоҷи ин коро ҳам ёфт: як шохаи дарози бедро интихоб карда, ба як ҷаҳиш онро дудаста қапид ва хам зада, беозор ба замин фаромад. Аз шохаи хушкидае ҷӯбдаст сохту ба он такязанон дар пайи кофтани духтараш шуд. Дар ним соат нимҷазираи кампаҳноро чарх зада, таги ҳар сангу буттаро аз назар гузаронд, аммо Гулнозашро наёфт. Ниҳоят хулоса баровард, ки духтараш яқинан ба дарё афтодааст. Ва ба об ҳамовоз гашту ғиреву шевани гиреҳбастаашро ба гӯши фалак сар дод. Нолиду зорид, мӯйиду мӯй канд. Тақдири бадашро лаънатҳо хонд, ки дар ивази ду рӯзи шодӣ ӯро аз ягона дороии зиндагӣ – Гулнози азизаш, маҳрум сохт. Аз фарзанде, ки дар баҳои бист соли маҳрумиятҳо дар ҳарами шоҳон ӯро ба даст овард. Ҳатто намедонад, ки ба чӣ гунохе муттаҳамаш карданду чунин ҳукми ваҳшиёнаро барои ӯ ва духтари аз ҷаҳон бехабараш раво диданд? Чун бозича бо ӯ дилхушӣ карданду ба партовгоҳ ҳаво доданд. Аз куҷое дар зеҳнаш ин байтҳо шарора заданд ва бо ангушт гӯшҳояшро қуфл заду фарёд кашид:

**Фарёд, ки фарёдрасе нест маро,**
**Дил сӯхт, аниси дил касе нест маро.**
**Гуфтум, ки ба ҷониби ту парвоз кунум,**
**Афсӯс, ки боли магасе нест маро.**

**Эй дуди сиёҳ, дар осмонҳои манӣ,**
**Зангори фалак дарду аламҳои манӣ.**
**Бишкуфта гули сафед дар боғи ҳама,**
**Эй хори ҷафо, ҳамеша дар пои манӣ – ееее!!**

Зани ҷигархаста дар ин чанд байт он қадар қувваву сӯзи дил ҷой кард, ки сараш чархиду бемадор ба рӯйи санге нишаст.

– Ҳоооййй!!! – садое ба гӯш расид.

Сарвиноз фикр кард нӯфи[1] ӯст, ки аз кӯҳҳо бармегардад. Аммо он боз такрор шуд:

– Эйййй, ҷавоб бидееех!!

Овози марғӯладори мардона ин бор Сарвинозро ба по хезонд. Дилашро чароғаки умед равшан сохт. Ӯ боло, ҷониби пули овезон, нигарист. Касеро ташхис накарда бошад ҳам, дод зад:

– Оооооййй!

– Ба ҳотӣ[2] баро! – амр кард овоз.

Сарвиноз лангон ҷониби рӯд давид ва дар чакалаки соҳили он қарор гирифт.

– Дииидаам, ба шахи бағали рости пул нигоҳ кун!

Сарвиноз ба шах нигаристу суроби ду мардро дид, ки ҷониби ӯ даст меафшонданд. Даст ҷунбонд, ки "шуморо дидам".

– Баъди соате мо ба ту расан мепартоем, – фарёд кашид мард ва ҳар ду ғайб заданд.

Абрҳои сиёҳ хирман назада бошанд ҳам, обашон яккатраӣ ба сару рӯйи зан чакидан гирифт. Ӯ Худоро тавалло кард, ки то бармаданаш борон шитоб нагирад. Мабодо шохборон шавад, ба кӯҳи чун оина лайс баромадан амри муҳол мегардад. Зан дар интизори раҳоӣ аз варта беқарор гоҳ ҷониби шах мерафт, гоҳ ҷониби рӯд. Чи пешомади аҷибе! Фалакзаниро[3] худи Худованди Таъоло ба дилаш андохт, набошад ин мардони раҳгузар гумон

---

[1] Нӯф – акси садо
[2] Ҳотӣ – ялангӣ, майдони кушод
[3] Фалакзанӣ – ба ҳавову оҳанги «Фалак» хондани суруд

ҳам намекарданд, ки дар буни партгоҳ одами зиндае дар талвосаи раҳоист.

Суръати борон бештар гардид. Қатраҳои он ба сару танаш мерасиданду камзӯли пахтагинашро, ки гиребон, остин ва пешбарҳои сармадӯзӣ[1] дошт, тар мекарданд. Рӯймол надошт, ки сарашро пӯшад. Яқин, вақти афтидан шамолаш бурдааст. Зан хунук хӯрд, аммо аз биму он ки наҷотдиҳандагонашро нафасе ҳам маътал насозад, ночунбон ҷониби шах нигоҳ мекард. Ним соат зиёд гузашт. Аз камзӯлаш об чакидан гирифт, пойи дардмандаш карахт шуд, дандонҳояш баҳам заданд. Ба дилаш эҳсоси навмедӣ соя партофта буд, ки садои деринтизори мард баланд шуд:

– Расан мепартоооям! – ва ҳалқаи печони он ба ҳаво баланд шуд.

Сарвиноз ба таги шах давид. Ҳалқа босуръат кушода шуда, дар баробари китфонаш омаду қарор гирифт. Зан онро саросема ба дастонаш печонд.

– Ба миёнаат бaанд!

Ин таъкид оташи иштиёқи ба кӯҳ часпиданро дар дилаш хомӯш кард. Бале, дастон бори танашро ба имтидоди даҳ қулоч ҳам бардошта наметавонанд.

– Камтари дигар сар диҳед! – чанд қадам ақиб рафта, фарёд кашид Сарвиноз.

– Дигар надорем, – ҷавоб омад аз боло.

Зан маъюс шуд. Ин қадар азобро паси сар карду акнун ки расани наҷотбахшро ба ҷонибаш дароз кардаанд, доштан наметавонад.

– Куртаатро кашу ба нӯгаш банд! – Аввал садои марғуладор ба гӯш расид ва аз паси он овози ҷарангосии ҷавоне такрораш кард.

Банохост фикри тозае дар хаёлаш дурахшиду Сарвиноз ҷониби ҷасади хар давид. Бо такя ба чӯбдасташ ба тахтасанги зери лоша баромад ва гиреҳи чилбуреро, ки бо он қанорҳоро ба пушти хар баста буданд, ёфт. Бо нохуну дандон бозаш карду печҳои бандро аз таги хару болои қанорҳо кашида баровард. Сипас аз харсанг фаромада, чилбурро силтав дода буд, ки қанорҳо низ аз пасаш афтиданд. Бӯйи тунди димоғсӯзи мурдор фазоро пур кард. Сарвиноз нафасашро дарун заду нӯки дигари бандро ба даст овард ва ҷониби кӯҳ шитофт. Ними раҳро тай кард, ки расан ба чизе андармон шуду шасташро гардонд. Қафо баргашту дид, ки ҳалқааш ба решаи буттае дармонда-

[1] Сармадӯзӣ - зарҳалкорӣ

аст. Онро бардошт, ки ҳамроҳаш халтачаи пӯстии пурборе низ бархост. Банди даҳони халтачаро ба чилбур баста будаанд. Зан саросема роҳашро давом дод. Борон шиддат мегирифт. Ҳарсасзанон таги шах расид. Чилбурро ба расан гиреҳ заду мустаҳкамиашро санҷид. Қисмати боқимондаашро гирди миён печонда, таранг баст. Халтача ҳам дар камараш кашол шуд. Аввал хост кушояду партоядаш. Аммо ҳисси кунҷковӣ боло гирифту дар лаҳзаи ахир аз фикраш гашт: шояд ашёи лозимие дошта бошад. Дар ҳоле ки борон имкони чашм кушодан намедод, боло нигаристу ба тамоми овоз дод зад:

– Кашееед!

Расан аввал чанд бор сусту таранг шуд, баъд сӯйи боло хазид. Аз ғояти тарс Сарвиноз чашмонашро баст. Гоҳ сараш ба санге бармехӯрд, гоҳ зонуҳояш башаст ба тани шах мезаданд, гоҳ ба монанди серхи[1] пашмресӣ гирди худ давр мезад, гоҳ дастонаш ба теғае расида, харошида мешуданд, гоҳ ғайриихтиёр чашм мекушоду ҷарии бетагро дида, меъдаи холиаш мекӯчиду то гулу меомад. Ангор тамоми аъзои даруниаш беҷо шуда, ҳоло берун мерезанд. Ларза бар андомаш афтод. Гӯшҳояш қуфл заданд.

## АЗ РӮШОН ТО КОБУЛ

Шаби аввалро дар Моймай гузаронданд. Соҳибназари Қаландар ин деҳро махсус ба хотири дидани дидори Шайх Мансур ном дӯсти деринаш интихоб намуд. Мансур онҳоро рӯзи дигар ҳам меҳмон гирифту бо иззату икром ва туҳфаву тӯша гуселонд. Ҳатто асп ҳам додан хост, вале Соҳибназар қабул накард. Гуфт, ки дар пайраҳаҳои таёқпартои Дарвоз асп надошта бошанд, беҳтар. Ба ҷуз турбаҳои сабук ва камони Хайримаҳмад дигар боре ҳам надоштанд. Шайх Соҳибназар ҳамсафари чусту чолок баромад – сифатеро, ки Доробшоҳу Хайримаҳмад аз вай интизор набуданд. “Наход аз бисёр нишастан поҳояш беқувват нашуда бошанд?” – меандешид Хайримаҳмад. Вале баъд ба ёд овард, ки шайх дар Йӯрх, субҳи ҳар рӯз, ду соат пеш аз хурӯсҷеғ, берун баромада, дуру дароз қадам мезад, ҳатто, гоҳе медавид. Он вақт сабаби ин рафторашро намедонист. Акнун бори дигар мутмаин гашт, ки Соҳибназари Қаландар

[1] Серх - асбоби пашмресии дастӣ.

одами одӣ нест. Чи қадар дониш дорад ин мард! Қуръонро нуқта ба нуқта азбар кардааст, китоб-китоб шеър, фиқҳу фалсафа, абҷаду нуҷум медонад; ба арабиву туркӣ равон гап мезанад. Дар Арабистон мадраса хондааст. Хулоса, барои Хайримаҳмад бозёфти нодири сарнавишт буд ин мард. Аз ин рӯ, суханашро то охир бо таҳаммул гӯш карда, агар лозим бошад, андешаҳои худро баён менамуд. Хайримаҳмад, ки дар мазҳаби худ дониши хубе дошт, гоҳе масъалаи матраҳнамудаи шайхро аз назари худ шарҳ дода, ӯро ба баҳс мекашид. Масалан, агар шайх мегуфт, ки нури Худованд дар одаму тамоми ашёи олам таҷаллӣ дорад ва боз ба Ӯ бармегардад, Хайримаҳмад иброз менамуд, ки мазҳари нури Худои таборак ва Таъоло Имоми замон аст ва инсонҳо танҳо аз тариқи шинохти вай ба саодатҳои дунёвиву ухравӣ расида метавонанд. Аммо шайх ба ҳеҷ ваҷҳ ин ақидаро қабул надошту дар шинохти Ҳақ Таъоло оёту ривоёти бисёре қатор мекард.

Доробшоҳ на гапи шайхро мефаҳмид, на гапи Хайримаҳмадро. Вақте ки баҳс сар мезад, аввал мекӯшид, ки аз он суде бигирад. Вақте ки хаста мешуд, миёни гапашон медаромаду мегуфт: "Худошиносӣ охир надорад, вале ҳезум ҳам лозим аст". Аз ин лутф ҳамсафаронаш механдиданду ба мунозира нуқта мегузоштанд.

Ин тадбири шӯхиомез ҳам маҳсули андешаи Доробшоҳ буд. Рӯзе дар як работи сари роҳ мубоҳисаи дӯстон ба тундӣ кашид. Сари ӯ варам кард. Аз хашм мехост ҳар дуро калла ба калла занад. Ногоҳ латифае, ки дар маҳбас аз Бандайшо шунида буд, ба ёдаш омад. Ду даст ба ҳаво бардошту гуфт:

– Аро, ба ман ам як гап иҷозат диед.

Шайху Хайримаҳмад мубоҳисаро қатъ карда, ҳайрон ба ӯ нигаристанд.

– Бигӯ, – норозиёна иҷозат дод Соҳибназар.

– Як деҳқон барои езум ба ҷангал рафтан хостаст. Дар ро чанд бекор таги дарахт нишаста, чақчақ мекарданд. Вайро ам ҷеғ заданд, ки бишин. Гапи мардако аз худошиносӣ будааст. Деҳқон чанд бор хестан хост, оно намонданд. Рӯз бего шудаст, ки вайам дигар тоқат накардасту хеста гуфтаст: "А бачао, ин худошиносӣ охир надорад, лекин езум ам даркор".

Ин латифа ба Соҳибназар сахт писанд омад ва минбаъд ҳар боре, ки Доробшоҳ ба забонаш меовард, завқ мекарду домани Хайримаҳмадро сар медод.

Аз ҳамнишинӣ бо шайх, Доробшоҳ порсӣ ёд гирифту ба ӯ меҳр баст. Шайх ҳанӯз дар Йӯрх ба вай падарвор муносибат мекард. Шояд барои он ки Доробшоҳ ҷавони содафеъл, ростқавл ва дурусткоре буд. Вале як хислати дар назари худаш нек, дар назари дигарон бад, ҳуснашро мекоҳонд: заррае тобу тоқати танқиди қавму диёрашро надошт. Хас барин дармегирифту ихтиёр аз даст медод. Ба ин сабаб, Соҳибназари Қаландар дар ҳузури вай дар бораи Рӯшону Шуғнон фақат сухани нек мегуфт. Ин ба Доробшоҳ мефорид.

Роҳ аз Дарвоз то Соланг ёздаҳ рӯз тӯл кашид. Вақте ки дараҳои хушманзара пушти сар монданду ҳамсафарон ба таҳдашт фаромаданд, Доробшоҳу Хайримаҳмад ба чашми худ дида, бовар намекарданд, ки дунёи Худо ин қадар фарох будааст. Аввали ҳут бошад ҳам, чор тараф майса дамидаву аз сабзии табиат чашм роҳат мекард. Ҳатто дар баъзе ҷоҳо дарахтони зардолу бо гулҳои барвақтӣ худнамоӣ доштанд.

Онҳо дашти нопайдоканореро дар ним рӯз паймуда, ба водии фарохдоман расиданд. Деҳаҳои обод, киштзорони васеъ, боғҳои хуррами сердарахт фарсах ба фарсах ҳамдигарро иваз мекарданд. Табиат ба истиқболи арӯси баҳор пироҳани нав ба бар менамуд.

– Аз рӯйи ҳисоби мо имрӯз рӯзи сеюми харомез[1] аст, – ба Доробшоҳ рӯй овард Хайримаҳмад. – Дар Рӯшон мавсими шамолу тарма сар шуд, дар ин ҷо – кишту шудгор. Чи мамлакати хушҳавое будаст Хуросон!

– Ин ҷо бад нест, лекин Рӯшони худам беҳтар, – гапи рости Хайримаҳмад ба ҷавон нафорид. – Шамол мегузарад, тарма об мешавад. Чӣ бадӣ доранд онҳо?

– Ман барои муқоиса мегӯям, – аз ғурури ноҷои Доробшоҳ ба лаби Хайримаҳмад табассум дамид. – Ин диёр ҳам барои мо бегона нест. Пирамон Носири Хусрав аз ҳамин ҷост.

– Ба ростӣ? – чеҳраи Доробшоҳ кушоду нигоҳаш ба гирду атроф якбора дигар гашт. – Пир аз ҳамин ҷост?

– Оре. Худаш фармудааст:

**Салом кун зи ман, эй бод, мар Хуросонро,**
**Мар аҳли фазлу хирадро, на ому нодонро.**
**Хабар биёвар аз эшон ба ман, чу дода бувӣ**
**Зи ҳоли ман, ба ҳақиқат, хабар мар эшонро.**

[1] Харомез – узви таносули инсон

**Маро макон ба Хуросон, замин ба Юмгон аст,**
**Касе чаро талабад дар сафар Хуросонро?**

Соҳибназари Қаландар, ки пеш-пеши онҳо мерафт, қадам суст карду пурсид:

– Хуб аст, ки дар Носири Хусрав ҳам мутолиа дорӣ. Дигарон кӯҳанд, ӯ қулла. Бибин, чи нағз мегӯяд:

**Муроди Худой аз ҷаҳон мардум аст,**
**Дигар ҳар чи бинӣ дар ӯ, сарсарист.**
**Набинӣ, ки бар осмону замин**
**Мар Ӯро худовандиву меҳтарист.**
**Худованди тамйизу ақли шариф,**
**Худованди тадбиру қавловарист.**
**Матоб, эй писар, сар зи фармони Он-к**
**Аз Ӯ-т ин бузургиву ин сарварист.**
**Ба тоат бикун шукри эҳсони Ӯ,**
**Ки ин дод назди хирад Уммарист.**

Хайримаҳмад ҳайрон монд. Ҳеҷ гумон надошт, ки шайх дар бораи Носир чизе медонад, зиёда аз он, шеърашро хонда бошад. Чунки то ҳол дар борааш ҳарфе ба забон наоварда буд.

– Шайх, гумон надоштам, ки аз шеъри Носир ҳам баҳра дорӣ, – гуфт ба оҳанги миннатдорӣ Хайримаҳмад. – Дар миннатхона аз ӯ ҳарфе дар миён наёвардӣ?

– Касе напурсид, ман ҳам нагуфтам. На танҳо аз Носир, балки аз мавлои шумо ҳам чизе медонам, ки муридонаш намедонанд.

Хайримаҳмаду Доробшоҳро гӯё барқ зад, ки аз роҳгардӣ бозистоданд.

– Ту аз вай чӣ медонӣ? – суол кард Доробшоҳ.

– Бисёр чиз, ба Кобул бирасем, мегӯям. Ҳоло мавридаш нест.

– Кай мерасем?

– Намози шом ё хуфтан.

– Шаб мерасем, бигӯ, – ба гап ҳамроҳ шуд Хайримаҳмад.

– Шуморо рост ба хонаи худ мебарам. – хотири ҳамсафаронашро ҷамъ кард Соҳибназар. – Чи қадар лозим бошад, меистед.

Хайримаҳмад изҳори миннатдорӣ кард:

– Аллоҳи Таъоло гузаштагонатро биёмурзад, бисёр инсони нек ҳастӣ. Ду-се рӯз биистем, он тараф раҳамонро меёбем.

– Сад сол бимонед ҳам, ишколе надорад. Дар Кобул ду ҳавлии калон дорам. Якеаш ҳамеша дар ихтиёри ёру дӯстон аст.

– Ман гумон кардам, ки ту ам ман барин як одами фақир астӣ, – ҳайраташро изҳор кард Доробшоҳ.

– Гумонат саҳист. Падарам бозоргони бузург буд, ин ҳама мероси ӯст. Ман аз дунё даст кашидаам.

– Чаро? – пурсид Хайримаҳмад.

– Тану ҷонро ба ризои Ҳаққу равнақи дин дардодаам. Ҳар чи дорам, дар ҳамин роҳ сарф мекунам.

– Аёлу фарзанд дорӣ? – кунҷковӣ кард Доробшоҳ.

– Албатта, дорам, – посух дод шайх ва баъди сукут илова кард: – Иншоаллоҳ, хешу табори туро ҳам пайдо мекунам.

– Кадом хешу табор?

– Дар Рӯшон гуфта будӣ, ки онҳоро ба Кобул бурда, фурӯхтаанд. Ё дурӯғ гуфтӣ?

– Шайхо, наход дурӯғ гӯям-а? Дарвозио хоарамро ақиқатан ба Кобул бурданд.

– Номаш чӣ буд?

– Марҷон.

– Зинда бошад, иншоаллоҳ, вайро мебинӣ.

Доробшоҳ аз хурсандӣ тоқиашро ба осмон партофту боз моҳирона қапид. Соҳибназару Хайримаҳмад бо завқ хандиданд.

Бегоҳи рӯзи дигар ба Кобул расиданд. Ҳанӯз ба шаҳр ворид нашуда, аз бисёрии одам, ки савораву пиёда ба ҳар сӯ мерафтанд, рӯшониён ба ҳайрат афтоданд.

– Магар ид аст, ки мардум ғалаба доранд? – пурсид Доробшоҳ.

– На, рӯзи муқаррарист, – посух дод шайх. – Кобул шаҳри бузурги шоҳнишин аст. Ҳар қарияааш садҳо лак бошанда дорад. Инҳое, ки мебинед, мардуми саҳроианд, ки ба шаҳр озуқа мебаранду онро савдо карда, боз ба деҳаҳои худ мераванд. Ҳар рӯз аз чор ҷониб даҳҳо корвон ба Кобул медарояду хориҷ мешавад.

– Камонамро паноҳ кунам? – ҷониби дарвоза ишора карда, пурсид Хайримаҳмад.

– Зарурате надорад. Ба ману шумо диққат ҳам намедиҳанд. Посбонон танҳо корвониёнро тафтиш мекунанд.

Вақте ки ба шаҳр даромаданд, аз бисёрии одаму ғалоғулаи онҳо сари мусофирони кӯҳистонӣ чарх зад. Ҳатто Хайримаҳмади пуртоқат низ безобита гашт. Чизи аввале, ки мушоҳида карданд,

сиёҳҷурдагиву серҳаракатии халқ буд. Сурату либоси одамон ҳам аҷиб метофт. Бархе ба қирғизҳо монанд буданд, иддае ба шуғниён, баъзе сип-сиёҳи ҷингиламӯй. Мусофирони мо тасаввур ҳам карда наметавонистанд, ки либоси мардум ин қадар рангорангу ҳархела мешудааст. Дар ин миён одамоне ҳам дучор меомаданд, ки ё нимбараҳна буданд, ё чанд навъ куҳнапоргӣ баданашонро мепӯшонд. Бори аввал дар умрашон аробаро диданд, ки баъзеашон бор мебурданд, баъзеашон мардум. Ба бозори сари роҳ даромаданду Соҳибназари Қаландар озуқаи бисёр харид. Сипас аспаробае киро карду бар он нишастанд ва чанд кӯчаву тангкӯчаро гузашта, охир назди дарвозаи хонаи барҳавое истоданд.

– Ин хонаи ман аст. Дар ин ҷо шумо зиндагӣ мекунед, – гуфт Соҳибназари Қаландар ва аз ароба фаромад.

Меҳмонон низ пиёда шуда, борро зуд ба даҳлез кашонданд. Хона дуошёна буд. Тавораи атрофаш баландии ду қади одамро дошт. Саҳни ҳавлиро дарахтони маҷнунбед, чанор, санҷид ва ду бех токи бар шохаҳои онҳо хазида оро медоданд. То расидан ба ин кӯча, Хайримаҳмаду Доробшоҳ иморатҳои ҳархелаи пасту баландро диданд, ки деворҳояшон ё номутаносиб, ё каҷу килеб метофтанд. Аммо ин сохтмон бо тарҳу бофти зебо ва мавзунию мутаносибӣ аз тамоми биноҳои гирду атроф фарқ дошт.

– Ин хонаро падарам дар охири умраш сохту як шаб ҳам дар он хоб накарда, ба Ҳақ пайваст. Дар нақшааш аз шеваи румиён кор гирифт. Дар ин ҷо як дӯсти ангирезиам зиндагӣ мекунад. Вай ҳоло нест, даҳ рӯз пас меояд. Биёяд ҳам, боке не, ҷойи ӯ табақаи дуюм, ҷойи шумо табақаи якум аст. Бифармоед!

Соҳибназар меҳмононашро ба хона даровард. Он аз даҳлез, ошхона ва ду ҳуҷраи фарохи гаҷкории қолинфарш иборат буд. Ҳар ҳуҷра ҷевонҳои чӯбини гаронбаҳо ва мизҳои пасти сурхчатоб дошт, ки Доробшоҳу Хайримаҳмад ҳатто чи буданашонро намедонистанд.

– Хоҳед, алоҳида, хоҳед, дар як ҳуҷра ҷой гиред, – пас аз нишон додани ҳуҷраҳо маслиҳат дод Соҳибназари Қаландар. – Пас аз соате хизматгорам меояд ва дар ихтиёратон хоҳад буд. Ҳоло нон бихӯред ва истироҳат бикунед. Ман фардо пас аз зуҳр меоям.

Меҳмонони шигифтзада соҳибхонаи дарёдилро гусел карда, ба тамошои ҳавлӣ пардохтанд. Меҳрубонии ҳамсафари кобулиашон гӯё кӯфти роҳро ҳам бароварда буд.

# ВАСВАСАИ ТАҲСИЛ

Моҳи мизон ним нашуда, нафаси сарди зимистон боз ба Ғунди боло расид. Дар ин ҷо барф якбора намеборад. Он аз сари қуллаҳои абадан барфпӯш, чун солхӯрдагони камқувват дам гирифтаву ҳар қадамашро шумурда, тадриҷан поён мефарояд. Дар водиҳо, аввал шабнами саҳарӣ заминро дар ҳарири нафиси сафед мепечонад, баъд кӯлу ҷӯйборҳои тунукоб ях мебанданд. Села-села кафтарони симинбол, гунҷишкони хокистарранг ва ғоҷҳои[1] қиргун бо навбат нишаставу парвоз карда, замину осмони поизонро аз нишоти зиндагӣ саршор месозанд. Хуршеди аз дарозии рӯзҳои тобистон хасташуда ба коҳилии зиёд аз пушти қуллаҳо рух менамояду бо кӯтоҳтарин роҳ ба манзили ғуруб мерасад. Агар ба камқувватии шуояш, дақиқаҳои тӯлонии дар паси теғаҳои осмонхарош ниҳон гаштанро илова намоем, гуфтан мумкин, ки он танҳо барои фаромӯш нагаштанаш аз ёди мардум, ба сайри осмон мебарояд.

Як субҳи ҳамин рӯзҳо Ғазанфар дари оғилашро кушоду ба занаш, ки ҳамроҳи духтараш гову мол медӯшиданд, амр кард:

– Чории[2] сафеди чанбаршохамонро барор!

– Чӣ кораш мекунӣ?

– Гуфта будам-гу, ба мулло Сайидшоҳ мебарам, ги ба ман Қуръон ёд бидиҳад.

– Ой мардак, ҳушата ба сар бигир, – садои норозиёнаи зан баланд шуд, – ин барраро барои бахтбӯсии[3] духтарам мондагиам.

– То шӯ гардани духтарат даҳ барраи дигар галон мегунем. Барор гуфтам, барор!

– Хостгорон оянду ту ҳамин хел онҳоро ҷавоб додан гирӣ, Анҷиракамон оқубат пирдухтар мемонад.

– Ман духтари ба саҳро ҳаво медодагӣ надорам. – Овози Ғазанфар ҳам баланд шуд. – Ё ба сайидон медиҳам ё ба шоҳон!

– Ҳо, бин, ки бо аспу уштури қатор наоянд. – Занак зардоби дилашро кафонд. – Шоҳону сайидон дар пеши хонаи мо барои духтарамон ҷанг шаванд, сарамонро ба куҷо мезада бошем? Боз кӣ онҳоро аз ҳам ҷудо мекунад? Халқия?!

– Меоянд, меоянд, – гуфт шавҳар ва бетоқат шуда, ба духтараш амр кард:

---

[1] Ғоҷ – паррандаи зоғмонанде бо нӯлу пойҳои сурх.

[2] Чорӣ – кучқор

[3] Бахтбӯсӣ – моле, ки ҷониби арӯс дар маросими саршӯён ба хонаи домод мебаранд.

– Духтарам, ту чориро барор, ги маътал шудам.

– Ҳозир, татҷон, – ҷавоб дод Анҷирбегим ва чанд дақиқа пас каллаи чанбаршохи қӯчқор дар таги дар пайдо шуд.

Ғазанфар ба гарданаш банд овехт, ки занаш ҳам расид ва гуфт:

– Бибар, лекин дониста бош, ки ин бор саг ҳам ба остонамон даромад, ман духтарамро медиҳам.

– Ман духтарамро ба сагу пишак ҳайф намегунам, – гуфт Ғазанфар ва бандро кашид.

– Биист, лоақал бӯяшро гирам. – Занак аз пойи рости чорӣ пашм канду ба шифти оғил халонд ва сарашро силакунон се бор вирд хонд: – Маринэс, мабинэс[1].

Ғазанфару писараш Шириншоҳ чориро кутал карда, бурданд. Хонаи мулло дар баландии болои рӯди дара, ки обаш дар чор фасли сол лойолуд намешуд, ҷой гирифта буд. Раҳораҳ Ғазанфар фикр мекард, ки чи суханҳое бигӯяд, то Сайидшоҳ хоҳишашро рад нанамояд. Ҳоло, дар вазъияте, ки ӯ қарор дорад, азбар кардани Каломи Аллоҳро ягона тадбири дурусти баромадан аз вазъи ноҳинҷор мешумурд. Ӯ, пас аз шунидани хабари марги Муҳаббатхон, гӯшбақимор шуд, ки кай Юсуфалихон суроғаш мекунаду подоши хизматашро медиҳад. Он гоҳ Ғазанфар ҳам орзуи ягонаи зиндагиаш – оқсақолии Ғунди болоро хоҳиш мекунаду охируламр ба мақсадаш мерасад. Вале, мабодо, бозхост кунаду донад, ки Ғазанфар бардурӯғ лофи сайидзодаӣ мезанад, кӣ медонад, бо сабуктарин ҷазо – радди маърака гаштан, ҷонаш халос мешавад ё не? Агар қозӣ барояш ҳукми эъдом барорад-чӣ? Хабари бо дастури шоҳ қатл гаштани девонбегӣ Қозӣ ва чанд тани дигар ҷиддан ӯро ба таҳлука андохт. Ба умеди Худо шудан лозим, вале буттаро ҳам қапидан даркор. Қуръонро аз бо-и бисмиллоҳ то то-и таммат фаро мегираду вақте қазияаш ба додгоҳ меафтад, бо дониши худ арбобони мазҳабу тақворо қоил карда, мансаб нагирад ҳам, лоақал дилашонро мулоим мегардонад. Кори дигар ҳам карданаш мумкин: бо ду аспи зебои филҷусса ба саломи Сайид Фаррухшоҳ меравад. Аспҳое, ки чӯпонаш ҳоло дар Булункӯл парвариш мекунад, дар тамоми Помир ба худ ҳамто надоранд. Дулдули Алиянду Рахши Рустам! Сайид бинад, ҳатман шалоини[2] онҳо мешавад. Дафъаи гузашта хатояш дар

---

[1] Мāринэс, мāбинэс (шуғнонӣ) – аз ёд набар, гум накун.

[2] Шалоин (шуғнонӣ) - ошиқ

ин буд, ки аспро ба Сайид Фаррухшоҳ нишон дода натавонист. Ин бор коре мекунад, ки чашми пир ҳатман ба онҳо биафтад.

**Макун бовар суханҳои шунида,**
**Шунида кай бувад монанди дида?**

Вақте аспҳо моилаш карданд, Ғазанфар, пайт ёфта, дар ҳузури вай оятҳое мехонад, ки пир аз ҳеҷ муллое онҳоро нашунидааст.

Бо ҳамин хаёлу орзуҳо ба хонаи Сайидшоҳ расид. Сайидшоҳ, марди тануманди қадбаланди зардриши кабудчашм, падару писарро дар чакалаки таги хона пешвоз гирифт: бо писаронаш дар сабадҳо ба он ҷо хок мекашид.

– Қуввати гор, ҳазрати сайид! – хитоб кард Ғазанфар.

– Ҳиммати ёр, – посух дод мулло ва сабади пурхокро аз сари китф ба замин чаппа карду ҷониби меҳмонон қадам гузошт.

Ғазанфар банди чориро ба дасти писараш қапонда, бо ду ҷаҳиш худро ба Сайидшоҳ расонд ва дасташро бӯсида, ба чашм молид.

– Аз ҷоят наҷунб, ҳазратам, маро гунаҳгор гардӣ, хари сиёҳ шудам, ба Худо.

– Шаб арвоҳи Иброҳими Халилуллоҳ ба хобат даромад, ки бо қучқорат ҳозир шудӣ? – шӯхӣ кард мулло.

– Тамоми арвоҳҳоро дидам, пирам, – хушгӯӣ кард Ғазанфар. – Гуфтанд, бирав ба назди Сайидшоҳи мушкилгушо, додатро фақат он ҷаноб дода метавонад.

Ин асно писарони мулло – Сайидхоразму Сайидгавҳар низ корашонро партофта, ба истиқболи меҳмонон расиданд. Ғазанфар бо онҳо низ салому хушсуханӣ карду ба писараш рӯй оварда:

– Ширишоҳ, бачам, пеш биёву барраи хамирмастатро ба дасти соҳибаш бисупор!

Ширишоҳ бо қучқор ба наздашон расиду хиҷолатомез салом дод. Сайидшоҳ сари навҷавонро сила карда, гуфт:

– Ширишоҳ ҳам, иншоаллоҳ, ба мисли падараш одами доно мешавад. Зеҳнаш бурро, ҳар чи ёд диҳам, ширеш барин ба мағзаш мечаспад.

– Мошоаллоҳ, дар забонат асал, ҳазратам. Охир, пирам, донише, ги ту дорӣ, дарёро банд мезанаду сангро хоги сиёҳ мегардонад. Заҳмататро бар мо пиҳил намо.

– Лекин ҳаққи шогирдии Ширишоҳро гирифта будам. Инаш барои чӣ?

– Пирам, ҳазратам, бар ин саги даргоҳат бибахш. Ҳар мушти хоку ҳар регрезаи гӯйи маърифатбӯят сурмаи ду чашми аъмои ман, ги боз ҳам барои таҳсили худам ташвишат медиҳам.

– Таҳсили худат? – мулло аз ҳайрат тоқӣ аз сар гирифту ду се бор ба кафи дасташ зад.

– Амак, ту хондӣ-ку? – ба гап ҳамроҳ шуд Сайидхоразм. – Хамсабақи ман будӣ.

– Ҳаққ асту рост, – посух дод Ғазанфар, – аз пири дастгирам ҳазрати Сайидшоҳи олинасаб, ки дарёи бепаҳнои илму дониши Худованди Азза ва Ҷалла мебошанд, хондану навиштан ва “Сӣ пора”[1]-и қудсиро ёд гирифтам, ги ҳазор сол ҳам дар рӯйи ҷаҳон зиндагӣ гунам, як нуқтаи онро ҷуброн гарда наметавонам. Аммо ҳоло мехоҳам Қуръон гуллан дар синаам бошад.

Ҳайрати беинтиҳо ҳозиронро фаро гирифт. Пешниҳоди Ғазанфар барои Сайидшоҳ чунон ногаҳонӣ буд, ки боз тоқӣ аз сар гирифту ин мартаба чанд бор бар сина кӯфт ва гуфт:

– Хондани Каломи Худо, албатта, бузургтарин савоб аст, вале ба ин ташвишҳое, ки ту дорӣ, оё каллаат қабул мекарда бошад?

– Ин тарафашро фигр нагунед, пирам. Аз дидори муборагатон бенасиб шавам, агар дар таҳсил гӯтоҳие аз ман брояд. Аз муздатон бепарво бошед, барои ин гор ду гӯсфандро истоёндаам.

Ғазанфар дар ҳоле ки сухан мегуфт, ду дасти Сайидшоҳро қапида, гоҳ бар сина мениҳод, гоҳ бӯса мекард.

– Хай, бисёр иштиёқ дошта бошӣ, аз рӯзи сешанбе омадан гир.

– Тасаддуқ, пирам, худи ҳозир сар гунем-чӣ?

– Тибқи китоби шуғнонӣ[2], оғози таҳсил дар сешанбе муборак меояд. Ҳоло ба хона медароем, хоҳарат чарбукулча ваъда карда буд.

– Ваҳ-ваҳ, чи хушбахтист нон хӯрдан аз дасти валъамати шумо. Ин хел дасти бамаззаро на дар Найрубот дидам, на дар Файзобод. Рафтем, рафтем.

Ғазанфар, гӯё соҳиби хона бошад, пеш даромад. Дигарон дунболашро гирифтанд.

---

[1] «Сӣ пора» – сӣ пораи мунтахаб аз панҷ сураи Қуръон.
[2] Мардуми Шуғнон китобҳои форсиро «шуғнонӣ» мегуфтанд.

# ХОСТГОРӢ

Як рӯз пеш аз рафтан ба хостгорӣ, Саид Фаррухшоҳ ба Сучон чопор фиристод, ки Авазбекро ба ҳузураш расонад. Намози пешин буд, ки Авазбек ҳамроҳи бародараш Нағзибек дар назди ахтахона аз аспҳо фаромаданд. Пир ба истиқболи муридонаш бо оғӯши боз баромад ва ҳар дуро ба айвон даровардa, сари дасторхон шинонд.

Вақте ки Сайид Фаррухшоҳ Авазбекро ба Поршинев даъват мекард, ҳама медонистанд, ки кори муҳимме дар миён афтодааст. Сайид ҳазорон мурид дошт, вале дар байнашон Авазбек бо садоқати бепоён ва сарсупурдагии шигифтовар фарқ мекард. Ин мард ба хотири пири худ аз ҳама чиз, лозимояд, бидуни андешае ҳатто аз ҷони худ ҳам мегузашт. Ба ин сабаб пир лақабашро “Авази билоиваз” монда буд. Падараш Шикорбек бо падари Сайид Фаррухшоҳ – Шоҳпартовӣ дӯстони ҷонӣ буданд. Шикорбек калонтарин заминдори водии Сучон буд ва ривоят мекунанд, ки Шоҳпартовиро ҳамин Шикорбек дар деҳаи Сижд соҳиби хонаву дар кардааст. Воқеа чунин сурат гирифтааст: Шоҳ Қубодхон мехостааст, ки пас аз вафоти Шоҳмаланг, муридони ӯ бо пири шоҳихомӯшиён байъат кунанд. Чунки шоҳихомӯшиён бо шоҳони Шуғнон ҳамреша буданд. Вале дар роҳи ин мақсад Шоҳпартовӣ, ки бунаи деҳаи Киронҷи деҳкадаи Демурғон буд, садди роҳаш гашт. Ӯ расман пир эълон нашуда бошад ҳам, бо донишу заковати камназири худ пешвои муридони Шоҳмаланг буд. Шоҳ бо чунин ҳол муросо карда натавониста, ба баҳонае молу мулкашро тарака ва ӯро бо аҳли хонаводааш, аз ҷумла Сайид Фаррухшоҳ, ки он вақт даҳ-дувоздаҳ сол дошт, ба Ғунд бадарға мефармояд. Бадарғашудагон шаб дар деҳаи Боғев дар хонаи Шикорбек лангар мепартоянд. Шикорбек, ки ҷавонмарди адабпарваре будааст, ба муносибати ба манзилаш ташриф овардани ҳампираву[1] донишманди шуҳратманди Шуғнонзамин зиёфати калон ороста, ба он ходимони мазҳабу аҳли адаби деҳаи худ ва чанд рустои наздикро низ даъват менамояд. Ҳангоми суҳбат, соҳиби хона аз Шоҳпартовӣ ба чанд саволаш ҷавоб меҷӯяд. Аз ҷумла мепурсад:

– Охон, ман падарбабобо посбони қалъаи Истанбулам. То сад соли пеш қалъа паноҳгоҳи хуршедпарастон буду мо оташтозакуни он. Мардони қавмамон мӯйи дароз мемонданд. Истанбулро мусул-

---

[1] Ҳампира – муридони як пир

монон хароб карда, Кофарқалъа ном гузоштанд. Хуршедпарастон мусулмон шуданд. Фармуданд, ки пайваста сар битарошем, чун дар ислом раво нест, ки мард мӯйи сар дошта бошад. Мо ҳам мусулмон шудем, аммо аҳли диёр маро барои мӯйи дарозам мазаммат мекунанд. Мегӯянд, ки ту мусулмон нестӣ. Лекин ман сарамро тарошам, худро бисёр нороҳат ҳис мекунам. Ба дараҷае, ки гӯё каллаи одами бегонаро ба гарданам шинонда бошанд. Оё гапи мардум дуруст аст?

– Мутлақо нодуруст, – ҷавоб медиҳад донишманд. – Мусулмонӣ ба либосу ришу фаш ягон муносибат надорад. Ҳар қавмеро дар олам мувофиқи тақозои иқлиму русум либосеву намудест. Аз тарошидан ва натарошидани мӯй имони кас на кам мешавад, на зиёд. Имонро фақат омӯзиши илму ба ҷо овардани фарзиёти динӣ тақвият мебахшанд.

Шикорбек ба аҳли маҷлис ғолибона нигоҳе афканда, боз савол медиҳад:

– Охон, як дӯсти қирғиз дорам, ки хеле воёб[1] аст. Рӯзе байнамон баҳс афтод ва ӯ гуфт, ки мардуми шумо ба сабаби эътиқод доштанаш ба он ки пас аз мурдан ҷони инсон ба ҷисми ҳайвонот медарояд, мусулмон нест. Дар ҳақиқат ҳам, доноёни мазҳабамон моро метарсонанд, ки агар одами бад бошем, баъди марг ҷонамон ба ҷисми ягон сагу гург, мӯру малах ё мору карбаш меафтад. Даъвои дӯстам дуруст аст ё на?

– Дӯстат дуруст мегӯяд. Аз ҷисме ба ҷисме ворид гаштани ҷонро таносух гӯянд. Дини мо таносухро инкор мекунад. Инсон бо ҳамон ҷисму ҷони худ рӯзи Растохез дар назди Худованд ҳозир мешавад. Ба фикри ман, муллоҳои мо барои бим додани мардум ва ҳидояташон ба сӯи некиву эҳсон, чунин шеваро ба кор мебаранд. Халқи одӣ растохезро он қадар равшан тасаввур карда наметавонад, вале чун фикр мекунад, ки барои кирдори бадаш дар зиндагии дигар ба каждум ё мор табдил меёбад, даст аз бадӣ боз медорад.

– Пас халифаҳо мардумро гӯл мезадаанд?

– Вазифаи халифа тарбияи мардум аст. Вай ба ҳар кас мувофиқи донишу зарфияташ гап мезанад. Ба як оми абаданг як умр дар бораи таносух ваъз бихонӣ, аздусар, чизе намефаҳмад. Лекин агар халифа гӯяд, ки барои дуздӣ пас аз мурдан муш ва барои зино хук мешавӣ, ин гапро ҳатман ба гӯшаш мегирад. Пас, чун нийяти халифаҳо нек аст, зоҳиран корашон нодуруст, вале амалан дуруст мебошад.

[1] Воёб – огоҳ, бохабар

Аз чунин осон ҳал гаштани масъалаҳое, ки Шикорбекро чанд сол боз азоб медоданд, на танҳо ӯ, балки тамоми ҳуззори маҷлис ба ҳайрат афтоданд ва бар ақлу заковати меҳмон офарин хонданд.

Шикорбек дасти Шоҳпартовиро бӯсида, чунин мегӯяд:

– Ту барин инсони Афлотуннасақро Худованд худаш ба диёри мо расондааст. Тамоми Сучону Ғундро ба нӯги сӯзан бикобем, ба мисли ту шахси фарзонаву оқил пайдо карда наметавонем. Ту бо суханат аз адабу мазҳаб ҷони моро маст кардӣ. Ман дигар намемонам, ки аз Сучон як қадам фаротар по бигузорӣ.

Шоҳпартовӣ посух медиҳад, ки:

– Эй марди соҳибдил, ба ғазаби шоҳ гирифтор намебудам, дар Киронҷи худам меистодам. Ман қурбони лутфу ҷавонмардии туам, аммо агар шоҳ бидонад, ки дар Сучон мондаам, ба сари ту ҳам балое меорад. “Шӯхӣ макун бо арбоб, арбоб занад ба ҳар боб” гуфтаанд.

Вале Шикорбек касе набуд, ки аз раъяш баргардад. Бо хешу ақрабояш маслиҳат карда, охируламр, ба чунин қарор омаданд, ки ба Шоҳпартовӣ дар Сижд, нахустин деҳаи Ғунд, хона ва барои он ки аз донишаш мардум истифода намоянд, дар бараш мактаб бисозанд. Меҳмон ин пешниҳодро бо мамнунияту миннатдорӣ қабул кард.

Ба ҳамин минвол, Шоҳпартовӣ ватандори Ғунд шуд. Он замон ду писар дошт: Фаррухшоҳу Шоҳиҷаҳон. Шоҳикалон, Шоҳниёз, Саидмӯсо ва хоҳаронашон дар Сижд ба дунё омада, калон шуданд. Чун писарони дигараш, Сайид Фаррухшоҳро низ худаш таълим дод. Вақте ки солаш ба чаҳордаҳ расид, ҳамроҳи як рӯҳонии сучонӣ, ба Ҳиндустон равон кард. Он мард моли закот мебурд, Сайид Фаррухшоҳ қасди таҳсил дошт. Бо ҳамин дувоздаҳ сол дар Бомбай монд. Дар ин муддат дар мадраса таҳсил кард, ба дарбори Имоми Замон Шоҳ Алишоҳ роҳ ёфт ва, мартабаи пириро ба даст оварда, ба Шуғнон баргашт. Он замон Қубодхон мурда буду писаронаш байни худ мунокиша доштанд. Абдураҳимхон аз Файзобод ба сари бародараш Абдулазизхон, ки шоҳи Шуғнон буд, лашкар овард. Абдулазизхон ҷониби Дарвоз гурехт, вале дар деҳи охирини Шуғнон навкарони бародараш ӯро дарёб карда, ба қатл расонданд. Сайид Фаррухшоҳ, ки аз Ҳиндустон тоза баргашта буд, аз беҳокимиятӣ истифода бурда, рост ба хонаи аздастрафтаи падариаш рафт. Соҳиби хона – оқсақоли Киронҷ, чун донист, ки Сайид Фаррухшоҳ бо фармони Ҳозиримом пир таъйин гаштааст, дар як рӯз хонаро холӣ карда, ба ихтиёри ӯ гузошт. Абдураҳимхон ҳам, баъди ба даст овардани тахту тоҷ, ба мулки

Сайид Фаррухшоҳ дастдарозӣ накард. Зеро медонист, ки ба маҳкама кашидани пири тозатаъйингашта ба зарари худаш анҷом меёбад. На қозӣ тарафи шоҳро мегирад, на халқ. Сайид аҳли хонаводаашро ба деҳа баргардонд ва худ аз шоҳ барои сохтани кӯшк дар Поршинев васиқа гирифту Саройи баҳорро бунёд кард.

Овозаи пири қонунӣ таъйин гаштани Сайид Фаррухшоҳ ба тамоми Помир паҳн гашт. Шоҳмалангиён, аз ҳар ҷониб рӯ ба манзилаш оварда, бо ӯ байъат карданд. Нахустин касе, ки ба хизматаш расиду расми байъатро ба ҷой овард, ҳамин Шикорбеку писаронаш буданд. Шикорбек закоти чанд сол насупурдаи худро ба ӯ таслим карду гуфт:

– Пирам, акнун ошамон ҳалол шуду беташвиш аз гулуямон мегузарад. Ҳар чи фармоӣ, бо тамоми авлод дар хизматат истодаам.

Шикорбеку Шоҳпартовӣ пасупеш олами фаноро тарк карданд, аммо дӯстии фарзандонашон ба ҳамон шеваву ҷазаба, балки беҳтару бештар аз он давом ёфт. Шоҳи Шуғнон ду-се маротиба ба Авазбек мансаб доданӣ шуд, вале ӯ, ба хотири он ки дар дили пираш гумони баде наафтад, қабул накард.

Инак, Авазбеку Нағзибек ба як ишораи ӯ боз роҳи тӯлонии байни Сучону Поршиневро дар ду соат паймуда, ба хизматаш расиданд. Чун ҳарвақта дасташон ҳам пур буд: Авазбек ду буҷӣ[1] гандум, Нағзибек як тахта намаксанг, як даст рағзаи хушбофт ва як сиркаи навкушта савғотӣ оварданд. Сайид бародаронро ба суфаи баланди айвон сари дасторхон шинонду даст ба дуо бардошт:

– Бор Илоҳо! Меҳру муҳаббати Худатро ба мо ва меҳри мухаббати моро ба Худат ва меҳру муҳаббати бандагонро бар якдигар зиёдаву софу бехалал бигардонӣ! Илоҳо, тавфиқро рафиқи мо бинамоӣ ва моро ба роҳи рост ҳидоят бифармоӣ!

Даст ба рӯ кашиданд, ҳоли ҳам пурсиданд ва сари тановули фатиршӯрбои бомазза Авазбек сабаби даъватро пурсид. Пир тасмимашро дар хусуси ҳамхона гаштан бо хоҳари шоҳ баён кард ва дар охир ба саволи ӯ чунин ҷавоб дод:

– Нахостам, ки пеш аз вақт ниятам дар байни дӯсту душман овоза шавад. Лиҳозо, аз аҳли Поршинев фардо касеро ҳамроҳ намегирам. Агар шуду Юсуфалихон рад кунад, ин гап байни мо мемонад, агар розӣ шавад, танҳо дар рӯзи никоҳ афё[2] мекунем. Чунонки Худо-

[1] Буҷӣ, буҷин - халта
[2] Афё - ошкор

ванд худ мегӯяд: “Ва сухани худро пинҳон кунед ё онро ошкоро гӯед, ҳамоно Худо ба он чи дар синаҳо бошад, Доност”.

Рӯзи дигар Юсуфалихон либоси фохир пӯшид ва бар аспи сурхранги дӯстдоштааш нишаста, дар байни Авазбеку Нағзибек роҳи Баҳрпанҷаро пеш гирифт. Наздики чоштгоҳ Панҷро убур намуда, рост ба Баҳрпанҷа ҳай карданд. Ду надими шоҳ онҳоро пешвоз гирифта, ба боргоҳ даровbooарданд. Шоҳ Сайид Фаррухшоҳро бағал кашиду аз ду китфаш бӯсид. Чунин тарзи вохӯрдиро Авазбеку Нағзибек бори аввал дида бошанд ҳам, ҳайраташонро ошкор нанамуда, ҳар ду дар назди шоҳ ба зону нишастанд.

– Ҳар қадамат болои дида, пири равшанзамири мулк, Сайид Фаррухшоҳи волонасаб! Кулоҳам ба кайвон расид, аз чеҳраи нурониат боргоҳам мунаввар гашт, – ширинзабонӣ кард Юсуфалихон ва даст ба китфи Авазбеку Нағзибек гузошта, онҳоро ба пой хезонд.

Фаррухшоҳ даст ба дуо бардошт:

– Илоҳо, гузаштагони ин манзил ва маконро раҳмат кунӣ ва мондагонашонро дар паноҳи исмати Худат нигоҳ дорӣ ва оқибати корашонро ба хайр гардонӣ. Омин ё Рабб-ил-оламин!

Пас аз он ки даст ба рӯ кашиданд, Юсуфалихон меҳмононро ба суфаи дарозе, ки дасторхони пур аз анвои хӯроку мева дошт, даъват кард.

– Расо дувоздаҳ сол ҳамдигарро надидаем, – гуфт шоҳ. – Чи ҳодисаҳое аз сарамон гузашт, Сайид! Азоби ғарибиро ту аз ман беҳтар медонӣ. Нотавонбинон байни мо ихтилоф андохтанд, аз ману бародарам душмани ҷони ҳам сохтанд. Шукри беҳад Худоро, ки боз домани давлат ба каф овардему шарафёби сарварии раъиятро ба мо насибу рӯзӣ гардонид.

– Ман бисёр афсӯс мехӯрам, ки муддате ситораи наҳс дунболагири хонаводаи шоҳӣ буду мусулмонон дар азобу зиллат. Аммо Худованд ба мо башорат додааст, ки “Шуморо ба чизе аз тарсу гуруснагӣ ва нуқсони молҳову ҷонҳо ва меваҳо меозмоем. Ва собиронро мужда деҳ”. Касоне, ки озмоиши Худовандро ба шикебоӣ мурур менамоянд, роҳёфтагонанд. Шоҳам, хушнудам, ки дар мағоки торикӣ пушт ба навмедӣ надодӣ ва ба водии рӯшноӣ қадам ниҳодӣ. Мо осудагии хонадонатро мехоҳему аз даргоҳат ободии мулкро интизорем.

– Агар нухбагони мамлакат дар ин амр мададгор набошанд, халқро лаҷом задан корест душвор. Бахусус, аз худат, ки на танҳо ҳазорон мурид орзуи дастбӯсатро доранд, балки пирҳо ҳам аз ту қазоват мегиранд, умеди ёрии бисёр дорам.

– Шоҳо, ту аз ҳар касе беҳтар медонӣ, ки гузаштагони раҳматии ман барои ислоҳу салоҳи умури давлатдорӣ чи хидматҳое кардаанд. Гузашта аз ин, мо ҳама вақт аз хонадони ҳамдигар умед кардаему аз ин пайвандҳо самарҳои наку бисёр дидаем. Алъон ҳам ба ҳамин мақсади наҷиб остони баландатро зиёрат омадаем.

Юсуфалихон ханҷари ба камар овехтаро аз ғилоф кашида, рӯи дасторхон гузошт ва гуфт:

– Аз расидани ин корд ниҳоят шодмон гаштам. Худи ҳамон лаҳза ба паҳлуям овехтам. Акнун мехоҳам, бидонам, ки Сайид киро аз хонаводаи банда шарафёб кардан мехоҳад?

Фаррухшоҳ гулу равшан кард ва посух дод:

– Шоҳо, Худованди Таборак ва Таъоло баракати хонадонатро зиёда гардонад! Дар овони ҷавонӣ ҳам шодии ҳамхона гаштан бо аҳли байти вологавҳари шоҳиро доштам, аммо сафорати тӯлонӣ дар Ҳиндустон ва баъдан ҷидолҳои солҳои ахир имкон надоданд, ки ба ин боргоҳ қадам гузорам. Ҳоло ақли гирову дасти тавонои ту чунин фурсатро фароҳам овард, ки боракаллоҳ ва боз ҳам боракаллоҳ! Ман дар шоҳидии ин ду наздиктарин дӯстам ба талаби зиндагӣ омадам ва мушаххасан таваққуъ дорам, ҳамшираи хушному батақвоят, ки ба бахти банда ҳадяи ягон талабгорашро қабул накардааст, бо ҳузури муборакаш кошонаи маро музайян мегардонад.

Чеҳраи Юсуфалихон якбора шукуфт. Ҳам аз он ки дар хусуси киро ба занӣ хостани Фаррухшоҳ тахминаш дуруст баромад, ҳам барои он ки ниҳоят хоҳари дилгиру хасташудааш соҳиб пайдо мекунад ва барумандтарин шахси Шуғнонзамин бо ӯ ҳамхона мегардад. Шоҳ бархосту гуфт:

– Қабул! Сарамро ба осмон расондӣ, Сайид.

Меҳмонон низ сабук аз ҷо бархостанд ва Фаррухшоҳ ба шоҳ даст дароз кард. Шоҳ ӯро оғӯш гирифту аз ду китфаш бӯсид. Сипас дасти Авазбеку Нағзибекро ҳам як-як фишурда, бори дигар меҳмононро хайра мақдам гуфту боз дар ҷояшон нишастанд.

Фаррухшоҳ даст ба дуои хайр бардошт:

– Худоё Худовандо! Бузургӣ ва меҳрубонӣ бикун ва моро ба раҳмати бекаронат аз шарри ду олам нигаҳ бидор ва забонамонро ба зикри Худ гӯё бисоз ва диламонро аз ишқу муҳаббатат бетоб бигардон ва бар мо миннат бигузор ва дуоямонро мустаҷоб бифармо ва аз лағзишамон бигзар ва хатоямонро бибахш! Инак, рӯ ба сӯи Ту овардем ва дасти ҳоҷат ба даргоҳи Ту дароз кардем, пас ба иззат ва иқтидорат қасам, ки дуоямонро мустаҷоб бигардон ва моро ба орзуямон бирасон ва умедамонро ба фазлу карамат ноумедӣ магардон ва аз шарри душманонамон аз ҷинну инс кифоят бифармо! Омин, Аллоҳу Акбар!

Ҳама даст ба рӯ кашиданд. Юсуфалихон гуфт:

– Сайид, ин кори хайрро кай анҷом додан мехоҳӣ?

– То охири моҳ, ҳоло ки барф наборидаву роҳҳо яхбандон нестанд.

– Ҳаманнову саддақ, аммо як масъалаи хурде дар миён афтодааст. Хоҳарам дар деҳаи Вуж дар хонаи амакаш зиндагӣ дораду ба қалъа омадан намехоҳад. Ман ҳам то ба ҳол ӯро надидаам. Одам фиристодам, ки баргардад, нахост. Агар малолатон наояд, ҳамроҳ ба Вуж меравем.

Юсуфалихон розӣ шуд:

– Албатта, шоҳам, бояд ба дари ҳамон хонае биравем, ки валъамат зиндагӣ мекунад.

Юсуфалихон каф ба ҳам зад. Ҳоҷибе башитоб даромад.

– Ягон нафари чеклингро[1] ба Вуж ба хонаи амакам Абодилло бифирист. Гӯяд, ки ман ҳамроҳи Сайид Фаррухшоҳ омада истодаам. Барои ман ҳам тӯшаву улоғ тайёр кунед.

Ҳоҷиб даст ба сина гузошту бадар рафт.

– Меҳрубониат сарамонро ба осмон расонд, – минатдорӣ изҳор кард Сайид, – чашмҳо рӯшан! Ин ду бародарро шинос накардам. Авазбеку Нағзибек – писарони Шикорбеки сучонӣ.

Шоҳ бародаронро бо нигоҳи тези зерипешонӣ аз назар гузаронду гуфт:

– Падарашонро мешинохтам, гоҳе ба қалъа меомад, ин бародарро ҳам дидаам. – Ӯ Авазбекро нишон дод.

– Авазбек дар Сучону Ғунд нуфузи калон дорад, – афзуд Сайид Фаррухшоҳ, – агар гӯям, ки дар хонаи инҳо калон шудаам, муболиға нест.

---

[1] Чеклинг (шуғнонӣ) – бодпо, тезгард.

– Шумо Ғазанфарро мешиносед? – банохост суол кард Юсуфалихон. – Муҳассили мо дар Ғунди болост.

– Албатта, мешиносем, шоҳам, – посух дод Авазбек. – Ғазанфарро кӣ намешиносад? Марди шуҳратмандест.

– Гузоратон ба он тарафҳо афтад, гӯед, ки ба наздам биёяд.

– Албатта, шоҳам, – баробар даст рӯйи дил гузоштанд бародарон.

Сайид Фаррухшоҳ як хӯша ангури кишмиши сиёҳрангро бардошту онро чарх занонда, тамошокунон гуфт:

– Шоҳо, барои барқарории салоҳи давлат маслиҳати хурде дорам. На шоҳ Муҳаббатхон, на шоҳ Абдураҳимхон онро ба назар нагирифтанд.

Юсуфалихон фикр кард, ки Сайид Фаррухшоҳ аз сирри байни ӯ ва Ғазанфар хабаре дорад, бинобар ин, устухонеро, ки боиштиҳо дандон мезад, рӯйи дасторхон гузошту пурсид:

– Чӣ маслиҳате будаст он?

– Ҳамин дирафши маҷусонро аз сардевории тахт бигир. Ба инояти Аллоҳи Таъоло мулкамон мусулмонобод аст, даври он бебозгашт гузашт.

Шоҳ хурсанд аз он ки Сайид аз Ғазанфар гап накушод, гӯё дирафшро бори аввал медида бошад, сар бардошту дақиқае онро аз назар гузаронд ва гуфт:

– Сайид, сари ин дирафш чи қадар кашмокашу ғавғо буд, худат аз ман беҳтар медонӣ. Аммо кандани он боиси норизоии як иддаи бузурги халқ мешавад, ки ҳикояти барои як кайк ба оташ афкандани пӯстинро мемонад. Дур наравем, яке аз сарсахттарин тарафдоронаш оташдорони Истанбул – падару бобоҳои ҳамин ду муриди ҳозиру нозират буданд.

– Аз муридони ман дилат пур бошад, – ба оҳанги ифтихор гуфт пир. – Ман барои кокулзарӣ бадалии[1] шоистае сохтаам. Бовар дорам, ки агар онро ба фуқаро нишон дода, дирафши Шуғнон қарор диҳем, ҳама розӣ мешаванд.

– Тадбири дуруст, – қаноатманд сар ҷунбонд Юсуфалихон. – Пирон халқро розӣ кунанд, нуран ало нур. Барои ман муҳим салоҳи мамлакат аст.

---

[1] Бадалӣ – ивазкунанда

Сайид Фаррухшоҳ дуои дасторхон хонду ҳамагӣ берун баромаданд. Юсуфалихон савғотии овардаашро тақдим карду ҳамроҳи чанд мулозими шоҳ озими деҳаи Вуж шуданд.

## ШОҲДУХТАРИ САРГАШТА

Икронбегим химакҳоро[1] даруни ғидораи[2] пуроб гузошту ҷавони нуздаҳ-бистолаеро, ки аз навдаҳои вихтис[3] шохҷорӯб дуруст мекард, пурсид:

– Азизхон, замши[4] ваъдакардагиат дар куҷост?

Азизхон шохаҳоро ба замин гузошту ҷавоб дод:

– Дар тоқи даҳлез монда будам, – ва чолок сӯи хона рафт.

Ин асно саворе дартоз расиду аспашро рост дар назди духтар нигоҳ дошту гуфт:

– Валъамат, Абодиллоро огоҳ кун, ки пас аз чоштгоҳ шоҳ ҳамроҳи пир Сайид Фаррухшоҳ ба хонааш омаданист.

Икронбегими аз густохии чопор ва шунидани номи бародараш нороҳатшуда бо ситеза посух дод:

– Ассалому алайкум, бародари саворагард, одоб чунин аст, ки савор пиёдаро салом медиҳад.

– Бибахш, хоҳар, аз саросемагӣ фаромӯш кардам. Абодиллоро бинам ё гапамро мерасонӣ?

– Вай ҳоло дар хона нест. Вақте ки омад, албатта, мерасонам. Фаро, обу таом кунем.

– Не, боз чанд амри дигар дорам, ки то омадани шоҳ бояд анҷом диҳам.

Чопор аспашро маҳмез зад. Азизхон баромад ва савори шитобзадаро даме тамошо карду пурсид:

– Ин оташбасар чӣ мехост?

– Гуфт, ки баъди чошт шоҳу Сайид Фаррухшоҳ ба хонаамон меоянд.

– Худи Юсуфалихон? Наход? – нобоварона гуфт ҷавон ва кисачаи замшро ба дасти ӯ дод.

---

[1] Химак (шуғнонӣ: хӣмак) – ришта баъди ресиш

[2] Ғидора – ташти калони сафолӣ

[3] Вихтис (шуғнонӣ: wиχтиц) – як навъ буттадарахти кӯҳӣ, ки чӯби мустаҳкам дорад.

[4] Замш ё замч – моддаи зардчатоби табиие, ки барои поистани ранг ба он меомехтанд.

Икронбегим даҳони кисаро кушоду ними моддаи зардрангро ба ғидорае, ки обаш хун барин сурх буд, рехт ва бо чӯбе химакҳоро бардоштаву ғӯтонда, аввал се бор:

– Шогун, шогун, сух, сух. – гӯён вирд хонду пас ба ҷавон рӯ овард: – Ҳа, худи Юсуфалихон ҳамроҳи пири мулк омаданианд.

– Таъйин[1] барои дидани ту меоянд, хоҳар, набошад, бовар дорам, падарам дар гӯшаи хаёлашон ҳам нест.

– Шояд барои дидани ман, шояд кори дигар дошта бошанд. Дар ҳар сурат, падаратро зуд ба хона ҷеғ зан. Ман гесувории арӯси туву ҷомаи барраи қурбониро ранг кунам, ҳамроҳи модарат пайи ошу нон мешавем.

Азизхон шохҷорӯби нимтайёрро даруни айвон ҳаво доду роҳи хонаи ҳамсояашонро, ки кушмсур[2] дошту падараш ба он ҷо рафта буд, пеш гирифт. Икронбегим ресмони рангшударо бароварда, рӯи тахта гузошт ва боз як даста химаки тозаро ба ғидора андохта, паҳлугардон кардан гирифт.

Ӯ бародараш Юсуфалихонро понздаҳ соли расо надидааст. Ҳоло ҳам дидан намехост, вале илоҷ надорад. Зеро соҳиби хона амакаш буду Абодилло бо ҷиянҳояш ифтихор накунад ҳам, ҳурматашонро нигоҳ медошт. Икронбегим аз дасти бародаронаш ягон рӯзи хуше надидааст. Даҳсола буд, ки онҳо бар зидди падарашон исён бардошта, тахташро соҳиб шуданду ӯро ба деҳаи Баҷув, ки ба мисли кӯҳи Қоф миёни қуллаҳои барфпӯши осмонбӯс ҷой гирифтааст, бадарға карданд. Икронбегим ҳамроҳи падару модараш чанд сол хориву маҳрумиятҳои ин ҳабсхонаи табииро кашид. Агар меҳрубониву инсондӯстии баҷувиён намебуд, онҳо, ки дар умрашон, ба қавле, даст ба оби сард назада буданд, яқинан, ҳалок мешуданд. Духтар, ки ба навозиши дояву парасторон ва дарбори серодаму пурбачча одат карда буд, дар ин деҳае, ки ҳашт моҳ зимистони пурбарфу бисёр хунук дошт, дилгир шуда, падару модарашро зора мекард, ки ба Баҳрпанҷа баргарданд. Аммо онҳо бо ваъдаҳо ӯро баумед мекарданду халос. Ҳатто ба деҳи Пастбаҷув, ки аз сари кӯҳ боғу роғ ва хонаҳои бунаҳои он бармало менамуд, намефаромаданд. Танҳо пас аз се сол, вақте ки Икронбегим баду неки ҷаҳонро мешинохтагӣ шуд, рӯзе модар аз саволи навбатии “Нанҷон, кай ба хо-

[1] Таъйин (лаҳҷавӣ) – аниқ

[2] Кушмсур (шуғнонӣ: куҳ̊мсӯр) – қалинсур; сури хурде, ки як рӯз пеш аз сури калон ба хотири супурдани кушм, яъне қалини арӯс, ба ҳамсояҳо дода мешуд.

наамон меравем?” ба танг омада, ҷавоб дод, ки “бародаронат намемонанд”. Вале Икронбегим бовар накард. Андешид, ки модар баҳона мебофад, набошад, фарзанд чӣ ҳадд дорад, ки падару модари худро ба хонаи худашон даромадан намонад?

– Барои чӣ намемонанд?

Аз ин савол модар он қадар ғамгин гашт, ки ангор як даста гули пажмурдаро ба чеҳрааш пошиданд.

– Аз падарат пурс, – посух дод модар ва сар хам карду оҳи бадарде кашид.

Икронбегим аз падараш метарсид. Қиёфаи ҷиддӣ, камгапӣ ва нигоҳҳои ҳама вақт норизоёнааш имкон намедоданд, ки духтар дар назди ӯ худро озод ҳис кунад. Аз фикри он, ки чӣ тавр саволи дили худро аз падар пурсад, шаб хобаш набурд. Гоҳе ҳам, ки ғанаб мезад, бародаронаш Муҳаббатхону Юсуфалихон ба хобаш медаромаданд. Духтар чеҳраи онҳо ва, бахусус, бародарони ҳамсолаш – Абдулғозию Абдулшаҳидро ба ёд оварда, дилаш гум мезад. Вай онҳоро сахт пазмон шуда буд, ба дараҷае, ки мехост паранда шаваду ба наздашон парвоз кунад! Рӯзи дигар тамоми ҷуръаташро ҷамъ оварду аз падараш, ки дар суфаи айвон субҳона мехӯрд, пурсид:

– Татҷон, барои чӣ Юсуфу Муҳаббат моро намемонанд, ки ба хонаамон баргардем?

Чумчаи дасти Абдураҳмонхон чанд сония муаллақ монд. Нигоҳи тезаш рӯйи духтарро аввал харошид, сонӣ тундиаш коҳиду ҷойи онро ифодаи яъсу навмедӣ гирифт. Вай чумчаро даруни корсон гузошт, сулфаи қалбакие карду гуфт:

– Каме сер шаванд, мемонанд, духтарам.

Солҳо гузаштанд, аммо бародаронаш ҳеҷ серой надоштанд. Рӯзе ҳафт навкари мусаллаҳ омаданду хонаводаи Икронбегимро бо кӯчу бандаш ба аспу хачирҳо бор карда, ба Ғунд ҳай карданд. Вақте ба Поршинев расиданд, падар аз сардори навкарон хоҳиш кард, ки духтарашро аз дарё гузаронда, ба хонаи Абодиллохон барад. Пас аз он ки шоҳ чанд танга ба кафаш гузошт, афсар розӣ шуд. Ҳангоме ки корвонашон рӯбарӯи қалъаи Баҳрпанҷа расид, Абдураҳимхон ба духтараш рӯ овард:

– Бибӣ, дар ҳамин ҷо сарнавишт туро аз ман ҷудо мекунад. Ба қалъа надаро, он барои падарам мол нашуд, барои ман мол нашуд, барои бародаронат ҳам мол намешавад. Рост ба хонаи Абодилло рав. Ман дар вақташ ӯро аз чанголи аҷал халос карда, дар Вуж-Пидрӯд

замин дода будам. Вай инсони намакшинос аст. Бигӯ, ки ман туро ба ӯ, ӯро ба Худо супурдам.

Дар ҳамон ҷо Икронбегим аз падару модар ҷудо шуд. Модараш нолаву фиғон бардошт. Падар ӯро базӯр аз оғӯши модар канда, ба сина пахш карду аз пешониаш бӯсид ва нимшунаво гуфт:

– Духтарам, ба молу давлат дил набанд, дил ба Худо бибанд. – Ва ҳамёни чарминеро ба дасташ қапонд. – Ин тангаҳо ба даҳ соли ҳаётат мерасанд, пӯшоку палосат бо туст, ин аспу ду хачирро ҳам ба ту бахшидам.

Ва ӯро ба асп шинонду ишора кард, ки ҳаракат кунанд. Афсар Икронбегимро бо ду хачир бор ба хонаи Абодилло расонду рафт. Абодилло, марди баландқомати пуррапайкари сурхгун ҳамроҳи занаш Бибидавлат духтарро бо чеҳраи кушоду шодии беинтиҳо қабул карданд.

Пас аз як моҳ хабар расид, ки падараш дар қишлоқи Барсем мурдаву ҷасадашро ба Баҳрпанҷа овардаанд. Абодилло Икронбегимро барои гусели ҷаноза ба Баҳрпанҷа бурд, вале онҳоро ба дарун раҳ надоданд. Ҳарчанд Абодиллохон зора кард, ки Икронбегим бояд наъши падарашро бинад, қалъадор розӣ нашуд. Ин буд, ки Икронбегим ҳам, дар қатори мардуми дигар, тобути падарашро дар назди дарвозаи қалъа диду бо оҳу шевани фалаксӯз аз ҳамон ҷо ба роҳи охират гусел намуд. Абодилло аз паси ҷаноза ба гӯристон рафт, Икронбегим ҳарчанд лобаву зорӣ кард, ки ӯро ба назди модару бародаронаш роҳ диҳанд, касе гапашро нагирифт. Гуфтанд, ки бародарон ҳар ду дар Рӯшонанду модараш дар Барсем мондааст. Пайт ҷуст, ки ҳамроҳи дарбориёни аз маросими дафн баргашта ба қалъа дарояд, боз ҳам комёб нашуд. Гуфтанд: дастур чунин аст, ки касеро роҳ надиҳанд. Ба умеди даромадан ба Баҳрпанҷа, ҳамроҳи амакаш, як ҳафта дар Баҳшор монданд, вале муродашон ҳосил нашуд. Охир, дилшикаставу паршикаста бо адовату нафрати бепоён ба Юсуфалихону Муҳаббатхон, ба Вуж-Пидрӯд баргашт. Ҳанӯз ашк дар чашмонаш хушк нашуда, се рӯз пас хабар омад, ки ду бародари дӯстдоштааш – Абдулшаҳиду Абдулғозиро, ки якумӣ ҳафтсолаву дувумӣ нуҳсола буданд, дар Ғунд тир зада ҳалок кардаанд. Икронбегим орому карорро аз даст дод. Он қадар гиристу гирист, ки аз ҳуш рафту се шабонарӯз ба худ наомад. Гумон карданд, ки ғуссакаф шуда мемурад. Аммо субҳи рӯзи чорум аз хоби гарон бедор шуду то рӯзи дигар ноҷунбон дар рӯи бистараш нишаст. Абдулшаҳиду Абдулғозӣ бо ӯ модарҷудо бошанд ҳам, барояш аз

тамоми бародаронаш азизтар буданд. Икронбегим дар Саройи санг ҳамроҳи онҳо айёми ширини кӯдакиашро гузаронда буд. Бо онҳо ба сайругашт мебаромад, ҳамроҳашон дарс мехонд, дар ҳуҷраи онҳо зиндагӣ мекард. Модарашон Сафармоҳ зани зебои рӯшониасл буд. Вай Икронбегимро баробари фарзандони худ дӯст медошт, ӯро ҳар рӯз чун арӯсак орову торо медоду ба ҳар ҷо, ки мерафт, ҳамроҳи худ мебурд. Сабабаш ин буд, ки Сафармоҳ духтар надошт ва бар он буд, ки агар Икронбегимро дӯстдорӣ кунад, фарзанди ояндааш ҳатман духтар мешавад. Модари Икронбегим барои парҳезкориву озодагиаш ба Сафармоҳ эҳтироми хоса дошт. Бинобар ин, шавҳараш он қадар розӣ набошад ҳам, ба муносибати неки байни духтару модарандар халал намерасонд. Нигаронии Абдураҳимхон аз он буд, ки Сафармоҳ мазҳаби шавҳарашро қабул накард ва фарзандонашро ҳам ба тариқати худ тарбия медод. Азбаски падараш шахси соҳибнуфуз буд, шоҳ ҷуръат надошт, ки иродаи худро ба сари духтари ӯ бор кунад. Ғайр аз ин, ҳокимияти тӯлонии қатағаниҳо сунниёну исмоилиёнро маҷбур кард, ки бо ҳам дар мадорову муросо зиндагӣ карда, ба эҳтироми суннату русумоти мазҳабии ҳамдигар одат кунанд. Бо ҳамаи ин, Абдураҳимхон ба ҳеҷ ваҷҳ намехост, ки фарзандони Сафармоҳ валиаҳди ӯ бошанд ва Муҳаббатхон ҳам чун ба шоҳӣ расид, барои он ки мабодо тавассути бародарони модарҷудояш ҳокимият ба дасти исмоилиён биафтад, онҳоро ба қатл расонд.

Он ҳангом ақли Икронбегим чунин нозукиҳои сиёсатро намегирифт, вале ҳис мекард, ки дар марги падар ва Абдулшаҳиду Абдулғозии азизи ӯ бародарони худхоҳаш даст доранду дар Барсем мондани модараш ҳам афсонаи бофтаи онҳост. Амакаш Абодилло, ки ҳафт пушти аҷдодаш ҳокими Шохдара гузашта буданд, албатта, медонист, ки сарчашмаи зиддиятҳо дар куҷосту кадом ҳоким чӣ гуна нафас мекашад, вале ба ғайр аз писараш Азизхон, ба касе дар хусуси сиёсат даҳон намекушод. Ӯ аз таҷрибаи талхи худ медонист, ки бо ҳокимон бозӣ кардан чӣ фоҷеаҳое дошта метавонад. Барои он ки Абдураҳимхон бар Шохдара ҳокими мутлақ гардад, бобояш Қурбонҷонро заҳр хӯронд, амакаш Мир Ҳотамбекро ба дасти худи шохдараиҳо ҳалок намуд, падараш ҳам қурбони ҷангҳои ташкилкардаи ӯ гардид. Ба толеи некаш, ӯву Абдураҳимхон холабача буданд, набошад, ҳоло дар кадом кунҷи Шохдара зери хоки сиёҳ мехобид. Шоҳ ба ӯ раҳм карду вақте ки барои ҳоким таъйин намудани писараш Амирбек ба Шохдара омад, Абодиллохонро ҳамроҳи худ ба пой-

тахт оварду дар деҳаи Вуж-Пидрӯд барояш замин ҷудо кард, ки хонаву дар бисозад. Дар ин ҷо Абодиллохон зери назорати ӯ қарор дошт ва наметавонист, ки барои ба даст овардани тоҷу тахти авлодаш шӯришу исён бардорад. Аз ин рӯ, вақте ки аз вазъи рӯзгор чизе аз ӯ мепурсиданд, чашмони дарёрангашро нимпӯш карда, сар меҷунбонду ин байтро мехонд:

> **– Аз тақозои замона қандро гӯям намак,**
> **Хирсро хонам тағою хукро гӯям амак.**

Дар ҷангу муқобилатҳое, ки ҳамдеҳагонаш бар зидди Муҳаббатхон бардоштанд, бетарафиро ихтиёр намуд. Писараш Азизхонро, ки ҷавони хунгарми бакитфу бозуе буду ба шӯришгарон пайвастан мехост, таъкид кард, ки агар ба чунин кор даст бизанад, қадамашро ба хона нагузорад.

– Фикр накун, ки падарат тарсончаку беҳамият аст, – сабаби рафторашро тавзеҳ дод падар. – Мо бояд ба ватани худамон баргардем. Агар ба ҷанҷолҳо ҳамроҳ шавем, ҳафт пушти ояндаамон ҳам дигар рӯи Шохдараро намебинад. Ин золимон бе ману ту ҳам якдигарро чун кирм хӯрда, нобуд месозанд.

Рӯзе, ки Юсуфалихон ба тахт нишасту худоии Муҳаббатхонро дод, Абодилло ҳам ба маърака рафта буд. Аммо Икронбегим нахост. Гуфт, ки кайҳо он манҳусро аз хонаи дилаш бароварда, пеш кардаву башараи хунукашро дидан намехоҳад. Он рӯз Юсуфалихон ҷонибаш як сар ҷунбонду дигар аҳамият надод. Аммо баробари ба тахт нишастани ӯ, дар дили Абодиллохон иштиёқи бозгаштан ба Шохдара он қадар ҷӯш зад, ки нийят кард, рӯзи сешанбеи ҳафтаи оянда ба Баҳрпанҷа рафта, бор мепурсаду ин масъаларо дар назди шоҳ мегузорад. Вай ба кушоиши ин кор он қадар эътимод дошт, ки ҳатто ба писараш Азизхон аз деҳаи Тавдем духтари дӯсти овони ҷавониаш Ҳасаншоро хостгорӣ кард. Ва тобистон ба деҳаи Шувҷев рафта, хонаи валангоршудаи бобоиашро барқарор намуд. Се писараш дар Баҳшору Вуж хонаву дар ва рӯзгори осуда доштанд, духтаронашро шавҳар дода буд. Акнун мехост, ки сари пирӣ ба ватани азизаш баргашта, Азизхонро кадхудо кунаду чароғи хонаи падарро аз нав барафрӯзад.

Ба ҳамин сабаб, хабари ногаҳонии ба хонааш ташриф овардани шоҳ, Абодиллоро чунон хурсанд кард, ки ҳатто бо соҳиби сур хайрухушро ҳам нася гузошта, ҷониби хонааш тохт.

Баракси Абодилло, Икронбегим намехост, ки Юсуфалихон бо ҳузури номубораки худ хонаи амакашро касиф созад. Ӯ риштаҳои охиринро аз ғидора бадар оварду зарфи рангобадорро барои нигаҳдорӣ ба бордон даровард. Онро дар хоначаи торик ба тоқчае, ки партави офтоб аз дари нимбоз рӯяш афтода буд, гузошту банохост андешае вуҷудашро такон дод. Он қадар башиддат, ки духтар ларзидани банди дилашро ҳис кард. “Вақте дар офтоб ранги сурхро мебинӣ, бахтат мекушояд!”. Ҷилваи ранги сурх бар асари равшании як ламъа нур дар хонаи тирафом суханони Мирҷамоли дарвешро ба ёдаш оварданд.

Ин марди қаландарнамои нофароҳамтабиат ду сол пеш, ба чи коре ба хонаашон омад. Икронбегим дар лаби ҷӯй танҳо нишаста, зарф мешуст. Мард рӯбарӯяш истод, салом кард, баъд бидуни ҳарфу истиҳола даст бар сари духтар гузошту ба пешонии худ ниҳод ва ба лабонаш пахш карду бӯсид. Духтар бесаранҷом шуд, вале ӯ оромона гуфт:

– Духтарам, ман Мирҷамол ҳастам. Маро чилтанон назди ту фиристоданд. Гап назану гӯш кун: аз шоми ҳамин рӯз ту бояд як умр рӯза бигирӣ. Дар ин бора ба касе даҳон накушо. Иҷро накардӣ, ягон андомат қайд мешавад[1]. Лозим шудӣ, ба наздат қосид меояд. Ин сирро бо худат ба гӯр мебарӣ. Муздатро дар он дунё мегирӣ.

Икронбегим дар ҷойи нишастааш шах шуд. Чун ҳушаш ба сар омад, фикр кард, ки шояд сари ҷӯй ғанабаш бурдаву он мард ба хобаш даромада бошад. Аммо вақте ки ба хона даромад, марди қаландармашрабро бо аҳли хонаводааш гарми суҳбат диду ба хоб набудани паёми гирифтааш бовар кард.

Мирҷамол вақти рафтан шонаи ялаққосии гӯсфандро, ки гӯшташро покиза хӯрда буд, ба ҳаво бардошта, муддате аз назар гузаронду ба Икронбегим рӯ овард:

– Духтарам, медонам, ки дарун-дарун месӯзӣ. Аммо бепарво бош. Вақте ки дар офтоб ранги сурхро мебинӣ, бахтат мекушояд, вақте ки аз бом хун мерезад, шавҳар мекунӣ.

Аз ин пешгӯии муаммосурат аҳли хонавода ҳамагӣ ҳайрон монданд. Икронбегим аз хиҷолат даступо хӯрд ва дасторхонро бардошту башитоб аз хона баромад. Паёми асроромезу фоли Мирҷамол дар хотираш монданд. Шоми ҳамон рӯз, баъди адои на-

[1] Қайд шудани андом – маслуқ гаштан

моз, рӯза гирифт. Дар таҳи дилаш бовар дошт, ки фоли он марди ғайбдон рост мебарояд. Аммо кай ва дар куҷо? Дар партави офтоб ягон ранги сурхро ҳар рӯз дидан мумкин, вале аз бом хун рехтанро тасаввур карда наметавонист.

Садои Бибидавлат духтарро ба худ овард:

– Икронбегим, ту дар куҷоӣ?

– Дар бордон, ҳозир меоям.

Ба назди Бибидавлат расид, ки амакаш низ башитоб омад.

– Занак, хӯроки дуруст пухтан даркор, чи ҳунаре, ки доред, ба кор баред.

– Гӯшти гӯсфанде, ки парер куштӣ, ба бист кас мерасад, лекин дар қадамаш ҳам бояд хуне бикунем, – гуфт Бибидавлат.

– Буққаи сесоларо мекушем, – қарор дод Абодилло, – шоҳ ҳар рӯз намеояд-ку? Ҳамсояҳоро ба ёрӣ бихон.

Гашти рӯз Юсуфалихону Сайид Фаррухшоҳ ҳамроҳи шаш савор дар рӯи ҳавлӣ фаромаданд. Одамони обрӯманди деҳ онҳоро гарм истиқбол намуда, ба хона дароварданд. Юсуфалихон Абодиллоро ба оғӯш гирифт ва гуфт:

– Ҳамон Абоде, ки чандин сол пеш дида будам, боз ба пешвозам баромад. Боракаллоҳ, тағйир накардаӣ.

– Шохдараӣ барин махлуқи ҷонсахт дар дунё нест, – шӯхиомез духӯра ҷавоб дод соҳиби хона ва меҳмононро ба хона даъват кард.

Навкарон ду хачир савғотиро ба даҳлез дароварданд. Абодилло шоҳро сари суфа шинонду дасти пирро бӯсида, ба чашм молид. Сайид дар паҳлуи шоҳ нишаст ва меҳмонони дигар низ суфаро пур карданд. Сайид Фаррухшоҳ даст ба дуо бардошт:

– Аз барои муборакатии кори хайр ва амри хайр, кори хайр ва амри хайрро Худои таоло муборак гардонад. Тахте ва бахте соаташ неку, умраш дароз, бунёдаш сабзро аз хазонаи ғайби худат ато фармоӣ. Аллоҳу Акбар!

Маъракаи зиёфат то наздики шом давом кард. Вақте ки шоҳ мақсади ташрифашро баён намуд, Абодилло ба ду гӯшаш бовар накард, ки пири мулк, Сайид Фаррухшоҳи овозадор, аз ӯ дасти Икронбегимро металабад.

– Хоҳарамро ту калон кардӣ, ҳаққи падарӣ ҳам бар ӯ ту дорӣ, – гуфт Юсуфалихон. – Гапи охир аз ман нест, аз туст.

Аз банохост хандидани бахти духтархондаш, ашки шодӣ ба рухсораҳои Абодилло шорид. Барои он ки ихтиёрашро даст гирад,

ба баҳонаи пурсидани ризоияти духтар берун баромад. Икронбегим, ки дар ошхона гапи мардонро шунида буд, рӯяшро бо рӯймол пӯшида, гиря мекард. Вақте ки Абодилло дар паҳлуяш нишаст, ба ҷуз Бибидавлат, занони дигар ошхонаро тарк карданд. Абодилло сари духтархондашро оғӯш карда, гуфт:

– Дилатро сабук кун, духтарам, ба ин ҳақ дорӣ. – Ва сарашро силакунон пурсид: – Ихтиёр бо туст, аммо ман фикр мекунам, ки Худованд фарохтарин даричаи инояташро ба рӯят боз кард. Ту ризои Худоро ба даст овардӣ, духтарам.

– Албатта, розӣ аст, – ба гап ҳамроҳ шуд Бибидавлат, – бози давлат худ омада, сари китфаш нишаст. Худо подоши маҳрумиятҳояшро дод.

Абодилло пешонии Икронбегимро бӯсиду хабари ризоияти духтарро ба меҳмонон бурд. Сайид Фаррухшоҳ ба хотири барор гирифтани хостгорӣ дасти Юсуфалихону Абодиллоро бӯсид ва дуои хайр карда, бархостанд. Соҳибхона ба меҳмонон пойтахсиҳо[1] доду ҳангоми видоъ муддаои дилашро шӯхиомез арз кард:

– Шоҳам, гуноҳи мани ғариб ҳам афв шудагист, шояд ба ватани худ баргардам.

Юсуфалихон ба ишораи миннатдорӣ каф ба кафи Абодилло гузошту гуфт:

– Дар ин ҷо ҳама чиз дорӣ, дар Шохдара то сариштаи зиндагиатро меёбӣ, ки Азроил ҳам ба суроғат мерасад.

– Намешавад, чи қадар солам равад, ҳамон қадар хоки диёр маро сӯи худ мекашад.

Шоҳ ба китфаш даст гузошту гуфт:

– Сури духтаратро гузарон, баъд кӯчатро банд.

Қарор бар он шуд, ки сур баъди як моҳ барпо гардад.

То расидан ба Бахрпанҷа Юсуфалихон дар хусуси баъзе масъалаҳои муҳим андешаҳои Сайид Фаррухшоҳро пурсид. Шоҳ, пеш аз ҳама, мехост, ки бо тамоми пирон муносибати дӯстона дошта бошад. Вале азбаски онҳо дар нуқтаҳои гуногуни Помир – аз Ёрканд сар карда, то Читрору Дарвоз дар масофаи даҳҳо фарсах аз ҳамдигар дур зиндагӣ мекарданд, барояш нафаре лозим буд, ки дар лаҳзаҳои зарурӣ, ба ҳайси намояндаи онҳо, амру қарорҳои ӯро дастгирӣ намояд. Ва он намоянда, ба сабаби дурии роҳ ё тангии

---

[1] Пойтахсӣ – савғое, ки соҳиби хона ба меҳмон бидиҳад.

фурсат, бо пирон машварат карда натавонад ҳам, эшон дар қавлу қарори ӯ шакку шубҳае надошта бошанд. Чунин шахс, албатта, Сайид Фаррухшоҳ аст. Дар аснои роҳ шоҳ ин андешаашро низ ба миён гузошт. Сайид Фаррухшоҳ чанд бор қамчини дасташро қату росткунон ин пешниҳоди ҷолибро тааммул карду чунин посух дод:

– Ман ба ҷону дил чунин ваколатро ба уҳда мегирам, аммо, барои қонунӣ шуданаш, ройи тамоми пиронро ба даст овардан лозим аст. Мо ҳама дар назди Ҳозиримом баробарем, ҳар як пир ҷавоби худро дар назди Он Шахс худаш медиҳад. Агар ману ту ин корро аз пеши худамон анҷом диҳем, он боиси эҷоди тафриқаву нифоқ мегардад, на салоҳу созиш. Беҳтар ин аст, ки тамоми пиронро ба дарбор даъват кунӣ ва қазияро дар миён гузорӣ.

Маслиҳат ба шоҳ писанд афтод:

– Фикри пухта, – гуфт ӯ, – кай даъваташон кунем?

– Беҳтарин вақт рӯзи Наврӯз аст. Ба баҳонаи тамошо коратро бо онҳо маслиҳат мекунӣ.

– Бошад, – розӣ шуд шоҳ, – дар Наврӯз дилҳо мулоимтаранд.

– Аммо, шоҳам, ман бояд то Наврӯз барои халқи Поршинев як кори муҳимро анҷом диҳам, ки ба ҳиммати ту сахт вобастааст.

– Чӣ будааст он кор? – бо мароқ пурсид шоҳ ва ҳатто лаҷоми аспро кашид.

Сайид Фаррухшоҳ ҳам аспашро нигоҳ дошту арз кард:

– Ҷӯйбори калони Поршинев он қадар пур шудааст, ки як-ду сол пас замину боғи мардум ба биёбон табдил меёбад. Агар аз хазинаи шоҳӣ ба он пул ҷудо нашавад, аз дасти фуқаро коре намебарояд. Агар дар ин кор ба халқ ёрӣ диҳӣ, суди он ҳазорон маротиба аз сарфиёташ бештар хоҳад буд.

Юсуфалихон ба чеҳраи зебои пир нигоҳи тунде афканду пурсид:

– Корро кай сар сар карданиед?

– Агар гапи ман қабул бошад, пагоҳ.

– Сар кун, охири ҳар моҳ миқдори хароҷотро ба ман коғаз кун[1], медиҳам.

Сайид Фаррухшоҳ ба Юсуфалихон даст дароз кард. Пиру шоҳ дасти ҳамдигарро маҳкам фишурданд.

[1] Коғаз кардан – мактуби расмӣ

# ДАР САРЕЗ

Пилкҳояш гӯё аз сурб буданд. Ҳарчанд зӯр мезад, кушодан наметавонист. Гӯшҳояш ғуввос мезаданд, чаккаҳояш метапиданд, аз ташнагӣ месӯхт. Дилаш об мехост, оби сарди ташнашикан. Хост овоз барорад, ки “обам диҳед”, аммо лабонашро ҷунбонда натавонист. “Худоё, як қатра об!”. Холо агар чакраҳаки обе ба лабаш расад, танаш ҷон мегираду аъзои қуфлзадааш ҳамагӣ боз мешаванд. Вале, афсӯс, фиғонаш ба гӯши касе намерасад. Дар ҳамин ҳол, чи қадар дар азоби ташнагӣ сӯхт, намедонад, аммо, билохира, муяссараш гашт, ки пилкҳоро ба гаронии кӯҳ аз рӯи чашмон бардорад. Бардошту нигоҳаш ба ҷавоне афтод, ки бо саллаи сурху ҷелаки сафед ва пеххои бандҳояшон пӯпакдор рӯбарӯяш истода, ноҷунбон ба сӯяш менигарад.

– Об, обам бидеҳ, бародар, – нолишкунон овоз баровард Сарвиноз.

Аммо ҷавон таваҷҷуҳе накард.

– Илтимос, обам биёр, ки ҷонам мебарояд. – Зан овозашро баландтар кард.

Аз санг садо буду аз ҷавон не. “Шояд хобаш бурда бошад”, – андешид зан, агарчи бо чашмони бозу рост истода хобидани одам аз тамоми эҳтимолот дур буд. Ӯ навмедона панҷаҳояшро чанд бор бемадорона қату боз карда, сарашро қапид ва воқеаҳои охири ҳаёташро ба ёд овардан хост. Аввал лошаи бадбӯи хар ба ёдаш расиду баъд кашола шудан дар ресмон. Тамом. Баъд чӣ шуд? Ҳа, аз пеши чашмонаш чароғакҳо мегузаштанд. Баъд ... рӯйи монанди анор сурхи марди сарбараҳна бо мӯйи ҷингила. Ва садои батакрори “Сарез”. Сипас боз чароғакҳои сусузани даргузар.

Сарвиноз нимхез шуд ва гардани шахшудаашро ба зӯр тоб дода, хонаи нимторикро аз назар гузаронд. Ба гумони ғолиб, он меҳмонхонаи начандон калон буд. Деворҳои нозук ловида ва тиру вассаҳои сафеди шифт аз он гувоҳӣ медоданд, ки онро ба наздикӣ сохтаанд. Сутуни зебои нақшдори байни хона бомро рӯи қомати устувораш бардоштааст. Дар девори рӯбарӯи дар сетор, рубоб ва даф паҳлуи ҳам овезонанд. Ба фарши бесуфа аз ҷониби дар ду бӯрё ва дар ҷое, ки Сарвиноз хоб кардааст, намади калони бирҷандии омехтаи рангҳои сурх, сабз ва сиёҳ бо гулҳои салибмонанди норинҷӣ густурдаанд. Асосу палоси хона аз шахси давлатманд, баҳунар ва соҳибзавқ будани соҳиби хона дарак медод.

Аммо чӣ соҳибхонаи номеҳрубоне! Ҳатто аз ҷо ҷунбиданро ба худ раво намебинад. Якзайл нигоҳ мекунаду нигоҳ. Аз ин хирагӣ зан хиҷолат кашид. Палмосон рӯймолашро ёфта, ба сар гирифт ва рӯяшро пинҳон кард. Муддате нафас ба дарун зада нишаст. Ва бо як чашм аз роғи рӯймол нигоҳ кард. Ҳоли ҷавон тағйире надошт. Ба дили зан ваҳм афтод. “Шояд мурда бошад?!”. Ба ёдаш омад, ки қирғизҳо мурдаро то бардоштан, ба тани девор рост мекардаанд. Сарвиноз рӯи ӯро бадиққат аз назар гузаронд. Ягон зарра ба қирғиз монанд нест.

– Ту одамро дар умрат надидаӣ, ки ин қадар шах шуда, нигоҳ мекунӣ?

На ҷунбише, на садое. Вай тамоми қувваташро дар гулу ҷамъ карду дод зад:

– Ҳой мардум, ин бача соҳиб дорад ё не?

Дар кушода шуду зане ба сари ӯ расид.

– Лекин, ба худ омадӣ, хола?

Ҷавонзане буд бист-бистудусолаи сап-сафед, ки аз фарбеҳӣ кӯлула метофт. Лаҳҷааш на ба шуғниҳо монанд, на ба рӯшониҳо.

– Ман дар куҷоям?

– Ин ҷо Сарез аст, хола, Сарез.

Бо шунидани ин хабар ба тани Сарвиноз якбора ҷон дамид, дилаш хурсанд шуд.

– Сарез?! – нобоварона пурсид ӯ – Кӣ маро ба ин ҷо овард?

– Амакам Тӯроншо ва боз як марди равмедӣ, номашро намедонам лекин.

– Об биёр, духтарам, ҷигарам доғ шуд. Ин ҷавонро ҳарчанд зора кардам, аз ҷояш наҷунбид.

– Кадом ҷавонро, хола?

– Ана дар пуштат истодааст-ку?

Ҷавонзан ба пасаш назаре карду қиқиррос хандид.

– Лекин ҳамин Вадакро мегӯӣ, хола?

– Вадакаш кист?

– Э ту Вадакро намедонӣ? Вадак, яъне лухтак. Лекин, наход лухтакро надида бошӣ, холаҷон?

Аз хандаи софу зиндадилонаи ҷавонзан, аз ҷову ноҷо “лекин” гуфтанаш ва ниҳоят аз гап задани худ бо хӯсаи беҷон, ки мисли одами зинда ба назар мерасид, Сарвиноз ҳам беҳолона хандид, аммо мавҷи ханда дар гулуи аз ғояти ташнагӣ хушкшудааш дармонд.

– Илтимос, об биёр, – гуфт ва сар ба болин гузошт.

– Мебиёрам, албатта. Лекин, ба хусурам ҳам хабар медиҳам, ки ба ҳуш омадӣ.

Ҷавонзан мисли тӯб бо ду ҷаҳиш худро ба дар расонд ва берун рафт. Чашми Сарвиноз боз ба лухтак афтод. Дилаш мехост хандаи баланде занад, вале аз бемадорӣ сулфаи пасте аз синааш бадар омаду халос.

Чанд дақиқа пас аввал ҷавонзан, аз қафояш марди ҷингиламӯи ҳузарбе, ки дар тан қатмаи зард дошт, даромад ва хурсандона гуфт:

– Салом, валъамат, бозгаштат ба ин дунё муборак шавад! Мо дасту дил шуста будем.

Сарвиноз бо ҷунбондани сар ба саломаш посух доду косаи оби дарозкардаи занро ҳарисона дам кашид. Об, гарм бошад ҳам, сӯзи дарунашро фуру нишонд.

– Ҳазор раҳмат, бародар, – изҳори миннатдорӣ кард бемор, – Илоҳо, дарди фарзандро набинӣ.

– Омин, – даст ба рӯ кашид мард ва афзуд: – Валъамат, синҳорам дар ихтиёри туст, чи хизмате бошад, баҷо меорад. Баъди соате занак ҳам гову молашро саришта карда, меояд. Ман дар такудави сурам, ҳамин ки фориғ шудам, хабар мегирам. Фақат як насиҳат: оби хунук нахӯр, дармонгар тамоман манъ кардааст.

Мард баромада рафт. Ҷавонзан нишаст ва даст ба пешонии Сарвиноз ниҳоду гуфт:

– Лекин, табат гузашт, хола. Ин қадар сӯхтӣ, ки гармиат аз як қадам ҳис мешуд. Бовар надоштем, ки сиҳат мешавӣ, лекин.

Сарвиноз дасти ӯро ба кафаш гирифта, бӯсид ва беовоз ба гиря даромад. Дили ҷавонзан ганда шуд, сари ӯро дар оғӯш гирифту чашмони худаш ҳам нам гирифтанд.

– Чӣ ном дорӣ, ҷонам? – пурсид Сарвиноз, пас аз он ки каме таскин ёфт.

– Палпал.

Сарвиноз бори нахуст чунин номро мешунид.

– Номи аҷиб ва ба худат мувофиқ.

– Чӣ хел мувофиқ?

– Чеҳраат чун офтоб хандон, аз вуҷудат нур мерезад[1].

– Тасаддуқ, холаҷон. Лекин номи худат чист?

---

[1] Палпал (шуғнонӣ-рӯшонӣ) – дурахшон

Сарвиноз гумон дошт, ки ҳангоми беёдӣ шояд номашро ба забон оварда бошад, аз ин рӯ, ба дилаш ташвиш афтода буд. Зеро агар ба гӯши Юсуфалихон расад, ки зинда мондааст, ҳатман ба нобуд карданаш амр медиҳад. Он гоҳ тамоми Бартанг зери хатар мемонад.

– Чӣ, вақти алой гуфтан, номамро ба забон наовардам? – аз рӯи эҳтиёт пурсид Сарвиноз.

– Не, хола. Лекин чанд бор номи Гулнозро гирифта, мегиристӣ, гоҳе кадом як Асафро лаънат мекардӣ.

Бо шунидани номи “Гулноз” вуҷуди зан тагурӯ шуд, вале танҳо ба баҳонаи дард оҳе кашиду гуфт:

– Гулноз хоҳари ман аст, қатағанҳо ӯро ба фурӯхтан бурданду ман аз дасташон ба ин тараф гурехтам. – Ва пас аз сукут илова кард: – Асаф марди бераҳмест, ки халқро асир карда, мефурӯшад.

Аз гапи бемор ба дили Палпал изтироб афтод. Вай бо ҳарос пурсид:

– Ин қатағанҳо чӣ тоифаанд?

– Золим, нокас, хунхор, – Сарвиноз ба мисли шохаи тар даргирифт. – Аз дасташон на мир зиндагӣ дорад, на фақир.

– Холаҷон, илтимос, таҳлука накун лекин, – Палпал кӯрпаи Сарвинозро дуруст кард, – Ҳоло ман бароят амочи серқатағ[1] мебиёрам. Хушдоманам ба дасти худаш пухтаст.

Ва ҳангоми баромаданаш гунаҳкорона табассуме карду пурсид:

– Лекин то номатро надонам, дилам ковок меистад, хола.

– Номам Сангинбахт, – калимаи аввали ба хаёлаш омадаро ба забон овард Сарвиноз ва бемаҷол чашмонашро пӯшид.

– Номи аҷоиб, лекин, – гуфт Палпал ва қаноатманд бадар рафт.

Барои он ки номи нав дар хотираи заъифшудааш бимонад, Сарвиноз онро чанд бор такрор кард ва ногоҳ фикрашро сари ин нукта нигоҳ дошт, ки ин ном ҳосили фикри яклаҳзаинааш нест. Он солҳои сол дар умқи синааш талотум задааст, аммо оғозаш дар куҷо будааст, намедонад. Шояд рӯзе, ки Муҳаммадкарим ӯву модарашро асир гирифт, шояд вақте ки маҷбуран ба Абдураҳимхони мӯйсафед никоҳаш карданд ва аҷаб нест, ҳатто, вақте ки Муҳаббатхон сарфи назар аз он ки моиндараш буд, ӯро ба занӣ гирифт, аммо қаблан бо ишқи шигифтангези худ дар тамоми мамлакат бадномаш сохт. Ҳаройина, Сарвиноз як умр сарнавишти сангин дошт ва кӣ медонад, ҳоло ҳам, ки

[1] Амочи серқатағ – умочи серкурут

тақдир ба ватанаш расондааст, ӯро чӣ пешомаде интизор аст? Сангинбахт набошад, магар номи худашро пинҳон медорад? Айни замон, ҳатто, падарашро, ки солҳои сол ҳасрати дидорашро ба дил дорад, рӯйрост суроғ карда наметавонад. Аз ин хаёлоти мағшуш табъаш хира гашт, ҷарангоси пастшудаи гӯшҳояш аз нав авҷ гирифт. Сар ба болин гузошт ва чашмонаш боз дар баробари лухтак қарор гирифтанд. "Аҷабо, чунин лухтаки калонро ин мардум чӣ кор мекарда бошанд? – аз дил гузаронд ӯ. – Боз ин қадар либоси базеб пӯшондаанд, ки гӯё одами зинда бошад". Лухтакро бефарқ тамошокунон, ғарқи мулоҳизаи муҳити нави бароящ бегона гашт.

Риштаи хаёлоташро ғиҷирроси дар барканд. Зани баландқомати гандумгуни қавиҳайкале бо сарандози сафед ва куртаву калтачаи сурх, аз пасаш Палпали шинос, даромаданд.

– Салом, валъамат, – зан дузону заду корсони ҳавраш баромадаистодаро рӯи намад гузошт ва аз ду рухсори Сарвиноз бӯсид. – Моро хеле тарсондӣ, хоҳарҷон. Сад шукр, ки Худованд дубора ҷонатро бахшид.

Сарвиноз ташаккур гуфтанӣ шуд, ки зан ангушт ба лаб гузошту суханашро давом дод:

– Гап назан, мумкин нест, маҷолатро эҳтиёт кун. Даҳ рӯзи расо беҳушу ёд дар оташи таб сӯхтӣ, пеш аз вай чи азобҳое кашидаӣ! Осон аст ба ҷарии бетаг афтодану зинда мондан? Ҳоло чанд чиб[1] амочи гарм ба даҳонат мерезам.

Палпал зери сараш ду болишти дигар гузошту Сарвинозро нимхез кард. Зан ба гарданаш ошхора[2] басту пайиҳам чанд чибро ба даҳонаш рехт. Амочи гарму хушлаззат баданашро гарм карда, роҳат бахшид. Ташнагиаш шикасту чашмонаш нур гирифтанд, ҷарангоси гӯшҳояш ҳам хеле паст шуд.

– Бас, – зан чибро даруни табақ гузошт, – меъдаат одат кунад, тарафи чошт боз мехӯрӣ. – Пас бо нидоҳои "сари гург дард кунад", "сари саг дард кунад", "сари пишак дард кунад" се бор каф ба пешонии бемор бурдаву ба замин зада, гӯё дардро ҷамъ карда партофту афзуд. – Аловат паст шуд. Ҳоло бихоб, қувват бигир.

Пас аз гашти рӯз иштиҳои Сарвиноз кушод. Вай як коса гардсӯзи болаззатро нӯши ҷон карду бо ёрии Палпал бапо хест. Пойи

---

[1] Чиб – қошуқи чӯбин
[2] Ошхора, ошхорак – пешдоман

захмдораш аранге дард кунад ҳам, ба он такя карда метавонист. Онро бо дастори сафед баста буданд.

– Захми поямро худат бастаӣ? – ба китфи Палпал такя карда, пурсид ӯ.

– Холаҷон, ман рӯймоли сарамро баста наметавонаму, – ҷавоб дод Палали шӯх, – чи расад ба бастани захму зангор. Лекин, рӯзи аввали оварданат, Шаҳтути дармонгар захмҳоятро малҳам молида, басту ҳар хел гиёҳ дод, ки бинӯшонем. Хушдоманам ду рӯз дар миён захмҳоятро мебандад.

– Аҷаб одамони некед шумо! Як зани ношиносро аз мурдан наҷот додед-а? Амакат куҷост, ки лоақал раҳматаш гӯям?

– Вай, лекин, дар Савноб зиндагӣ мекунад. Туро ҳамроҳи як мардаки дигар ба ин ҷо расонданду рафтанд.

– Чӣ ном дорад?

– Тӯроншо.

– Ҳа, воқеан, гуфта будӣ. Хусуру хушдоманат чӣ ном доранд?

– Хусурам Шайдо, хушдоманам Сабзпарӣ.

– Чи номҳои зебое! Лекин номи худат аз ҳама зеботар будааст. Шавҳарат куҷост?

– Ду рӯз пас иди Меҳрбонӣ дорем, барои вадакталбӣ ба хонаи Руштак рафт.

Сарвинозро чӣ будани “вадакталбӣ” бештар ҳайрон карда бошад ҳам, аз пурсиданаш истиҳола намуду саволи дигараш дод:

– Иди Меҳрбонӣ? Ин гуна ид ҳам будаст?

– Чӣ, дар ватани шумо Меҳрбонӣ нест?

– Дар ҷое, ки меҳр нест, меҳрубонӣ ҳам буда наметавонад, – бо ҳасрат оҳ кашид Сарвиноз ва дигар чизе напурсида, ҷониби дар равон шуд. Палпал бо шафқат ба рӯяш нигаристу аз бозуяш гирифт ва ҳар ду аз хона баромаданд.

## МЕҲРУБОНИҲОИ ЮСУФАЛИХОН

Мирзоазизро дил ба хондан кашол буд, то ба мансабдорӣ дар Бахрпанҷа. Рӯзи аввали кораш бо куштани Қозиву Занҷир ва дарра задани оқсақолон – онҳое, ки бар мардум ихтиёрдориву ҳукм мекарданд, оғоз гардид. Ҷавон бошад ҳам, ба назараш чунин менамуд, ки шоҳ дар мавриди девонбегӣ ва оқсақолон адолатро нигоҳ надошт.

Агар девонбегӣ ба Муҳаббатхон захр намедод, Юсуфалихон ҳоло ҳам саркути ғарибӣ мечашиду бори миннати шоҳи Бадахшон мекашид. Агар ҳузураш дар дарбор боиси ташвишу нигаронӣ мебуд, ё аз мансаб барканораш мекард, ё бадарға. Вале ба беҳуда қатл намудани чунин шахси ғаюру муътабар аз он дарак медод, ки Юсуфалихон ҳам аз бародари ҳалокшудааш беҳтар нест. Оқсақолон ҳам занҳои мансабдорони қаблиро бо хоҳиши худ нагирифта буданд. Чӯбашон зад, дар назди халқ таҳқирашон кард, аммо таракаи молу мулкашон чӣ зарурат дошт? Даҳҳо хонаи обод вайрон, даҳҳо бачаву кача гушнаву саргардон. “Агар давлатдорӣ ҳамин бошад, гумон аст, ки ман ҳам дар ин макон обрӯ биёбам”.

Вале Юсуфалихон ба вай ниҳоят меҳрубон буд. Барои сариштаи кору бори хона ду нафар хизматгорро ба ихтиёраш дод; аз ҳисоби хазинаи давлат фармуд, ки шикасту рехти хонаашро тармим намуда, шиғи[1] атрофи боғро барканда, гирдаш сафил[2] созанд; ба модараш як каниз вобаста кард, то дар корҳои рӯзгор ёрӣ диҳад. Дар муддати як моҳ хонааш чунон обод гашт, ки Мирзоазиз ин сон хонаву дари бошукӯҳро тасаввур ҳам карда наметавонист. Бахусус, вақте ки саҳни ҳавлиро бо девори баланд иҳота карданд, он ба қалъачаи дастнорас монанд гардид. Агар бобояш зинда мебуд, ба ҳеҷ вачҳ розӣ намешуд, ки даргоҳашро бо девор панаҳ созанд. Шуғниҳо чунин расм надоштанд ва онро як навъ худписандӣ ба шумор меоварданд.

Аммо шоҳ на танҳо ба ӯ, балки ба сипаҳсолор Гулпочову чаҳор садае[3], ки Гулпочо тоза барои сарварӣ бар лашкар баргузида буд, ҳамин гуна ғамхории хосса зоҳир мекард. Рӯзҳои шанбеву сешанбе, баъди зуҳр, онҳоро ба ҷаргаҳ[4] мехонд ва дар хусуси тадоруки гирдоварии сипоҳ, тартибу низоми он гузоришашонро шунида, дастурҳои нав медод. “Барои он ки хонаатон ободу аёлу авлодатон осуда бошад, чизе дареғ намедорам. Лекин шумо ҳам ба мисли паҳлавон Ҷаҳонгир барои Шуғнон лашкаре омода созед, ки ҳар мардаш посухи даҳ ҷанговарро дода тавонад”, – таъкид мекард Юсуфалихон. Тибқи супориши ӯ, барои ёрӣ додан ба Гулпочо, Манзаршоҳ афсари ҷангозмудааш – Ҷанговарро аз Рӯшон ба Баҳрпанҷа фиристод. Бо омадани ин марди далеру пуртаҷриба тамрину қавоиди сипоҳ сурати тоза гирифт.

---

[1] Шиғ ё шағ – девор аз хор ё навдаи дарахт

[2] Сафил – ҳотаи сангӣ

[3] Сада – фармондеҳи сад сарбоз ё даҳ даҳа; ҳамчунин раиси сад хонавода.

[4] Ҷаргаҳ (шуғнонӣ: ҷаргā) – гирд омадан, давр нишастан, маҷлис, ҷамъомад

Юсуфалихон дар замони тӯлонии будубошаш дар Бадахшон, дар орзуи ба даст овардани тахти Шуғнон, фақат лашкардориву илми ҳарб меомӯхт. Худ дар майдондорӣ аз ягон паҳлавон камӣ надошт, аммо Манзаршоҳ дигар буд. Ин марди хастагинопазир дар кори майдондорӣ лаҳзае аз кӯшиш намеосуд. Ҳар рӯз машқ мекарду сипоҳиёнашро машқ медод. Аз афсарони номдори Бадахшон шеваҳои нави сафоройӣ, ҳуҷум ва мудофиа азбар мекарду ба зердастонаш меомӯзонд. Юсуфалихон ҳам барои аз даст надодани неруву малака, дар асптози шоҳаншоҳӣ бо лашкариёни Файзобод пайваста машқи масоф мегузаронд ва сипоҳдори хубе шуда буд.

– Барои он ки сипоҳ музаффар гардад, дар ҷисми варзидааш бояд рӯҳи бешикаст дошта бошад, – гуфт Юсуфалихон дар ҷаргаҳи навбатии афсарон. – Ҳиндувон сарбозони махсус доштаанд, ки ба навкарон қиссаҳои ҷангӣ нақл карда, рӯҳашонро қавӣ мегардондаанд. Чӣ мешавад, агар лашкари мо низ ҳамин гуна шахс дошта бошад?

Ин пешниҳоди ногаҳонии шоҳ афсаронро дар ҳайрат гузошт. Гулпочо пушти сар хорид ва пурсид:

– Ин шахс чӣ касе бояд бошад?

– Сарбозу сипоҳӣ буданаш шарт нест. Донишманду кушодазабон бошад, шуд. Чунон ваъзе гӯяд, ки шунавандаро ду гӯш камӣ кунад.

Мирзоазиз хурсандона нидо дод:

– Чунин шахс охон Мулло Хишол аст!

– Чӣ касест ин Мулло Хишол? – пурсид шоҳ.

– Мактабдорест дар Баҳшор, – кӯтоҳ посух дод Гулпочо, вале чун дид, ки шоҳ тавзеҳи бештар мехоҳад, афзуд: – Марди донову баимону китобхон аст, шеър ҳам менависад.

– Мирзо, фардо субҳ охонатро назди ман биёр.

– Фармонбардор, шоҳам, – ба шеваи ҳарбиён кӯтоҳ ва аз он ки шоҳ пешниҳодашро бе таваҷҷуҳ нагузошт, хурсандона посух дод Мирзоазиз.

Юсуфалихон, пас аз хотимаи машварат бо афсарон, ба ҳоҷиб рӯ овард:

– Дегрезу Шоҳантарро даъват кун.

Дақиқае пас Дегрези таҳмевии ба Мирзоазиз шинос ҳамроҳи марди баландқомати лоғарандоми уқоббинии чолоке даромада, ба нимтаъзим салом доданд. Шоҳ ба ҳар дуяшон даст дода, ҳол пурсид ва гуфт:

– Давлат бояд ду сутуни бақувват дошта бошад: лашкар ва хазина. Ин бародарон дар пур кардани хазина бояд ба мо ёрӣ расонанд.

Шоҳ сукут карду ба афсарон назар дӯхт. Афсарон ба Дегрезу Шоҳантар, ки шивинчу[1] пеҳҳои одиашон ба ҳеҷ ваҷҳ сарватманд будани онҳоро нишон намедоданд, бо ҳайрат нигаристанд.

– Чӣ тавр ёрӣ мерасонанд, шоҳам? – нобоварона суол кард Ҷанговар.

– Бо донишу таҷрибаашон, – тавзеҳ дод Юсуфалихон. – Шуғнон се маъдани пурқимат дорад, ки ба хироҷи дунё меарзанд: лаъл, лоҷвард ва тилло. Ғорони мо бо лаълаш машҳури олам аст, вале, худатон медонед, ки пас аз шӯриши Бароту Рустами бетармолӣ хони Қундуз бо аҳолиаш чӣ кард. Муҳаммадмуродхон ғорониёнро хонахез бурда, ба ботлоқҳои Хуросон партофт. Ягонтааш барнагашт. Ин халқе, ки аз Хонободу Тахор ба Ғорон овардаанд, илми ҷавоҳиротҷӯӣ надоранд. Кор дар Кӯҳи лаъл мурд. Пас аз пайу суроғи зиёд ҳамин Шоҳантарро ёфтем, ки айёми наврасиаш дар кони лаъл кор мекардааст. Дар Лоҷварддараи Шохдара одам дорем. Дегрез кашидани тиллову гудохтани оҳанро медонад. Мақсад – ҳар ду конро ба кор андозем, мулкамон обод мегардаду аз дастнигарии Бадахшону Қундуз халос мешавем.

– Наход дар мулки мо ҳам баровардани тиллову гавҳар мумкин бошад? – ҳайраташро ба забон овард Гулпочо. – Агар ин кор муяссар бигардад, ба тилло тиҷорат мекунему чорпову ғаллаамон, ки бо молу колои Хитою Ҳиндустону Хуросон иваз мешавад, ба худамон мемонад.

– Боракаллоҳ, беҳуда “сипоҳиро сӣ поя” нагуфтаанд, – шоҳ ба китфи сипаҳсолор даст гузошт, – молу ғаллаамон сарфа мешавад, мулкамон обод мегардад. Аммо ҳоло ин дуро барои он даъват кардам, ки бароящон панҷнафарӣ навкар дода, фардо Дегрезро ба Бартангу Шоҳантарро ба Ғорон гуселонед. Инҳо коргар ҷамъ оварда, корро сар кунанд.

– Шоҳам, ба Ғорон шоҳи Вахон даъво дорад, мабодо наранҷад? – боэҳтиёт суол дод Шоҳантар.

Юсуфалихон ришашро панҷазанон гапи Шоҳантарро мулоҳиза карду гуфт:

---

[1] Шивинч – яктаҳи нимдошти пахтаӣ

– Рост мегӯӣ. Худи пагоҳ ба Вахон нома мефиристам. Агарчи айни замон вай ҳам дар суроғи Ғорон нест. Вале эҳтиромашро бояд нигоҳ дорем.

Вақте ки аз ҳузури шоҳ баромаданд, Мирзоазиз аз суханони Юсуфалихон гӯё болу пар бароварда буд. "Ба ин хел шоҳ хизмат кардан меарзад, – бо шодмонӣ аз дил гузаронд ӯ, – гапаш фақат аз ободиву адолат аст". Наздики шом ҷониби мактаб асп давонд ва аз болои зин сабук ҷаҳида, рост ба хонаи охон давид.

– Шодиёна, охон, шодиёна! – Мирзоазиз Мулло Хишолро озод бардошта, ба канор гирифт.

– Чӣ шуд, Мирзо? Сар деҳ, ки миёнам дард кард, – дасту по зад охон ва вақте ки Мирзоазиз ӯро сар дод, гӯшашро тофту гуфт: – Саломат куҷост, одоби шогирдӣ чӣ шуд?

– Салом, – гунаҳкорона сар хам кард Мирзоазиз, – мебахшӣ, лекин агар ҳозир гапи диламро бигӯям, ту ҳам аз хурсандӣ ба гарданам меовезӣ.

– Бигӯ канӣ!

– Шоҳ хоҳиш кард, ки фардо субҳ ба наздаш дароӣ.

Мулло Хишол на ин ки хурсанд нашуд, балки тасбеҳи дасташро ба пешонӣ бурду "астағфуруллоҳ" гуфт. Мирзоазиз даступо хӯрда, сар хам карду истод.

– Ба ман чӣ кор доштааст?

– Барои лашкар воиз лозим будааст.

– Воиз? Воиз барои лашкар чӣ лозим?

– Бо қиссаву ривоятҳо сипоҳиёнро рӯҳбаланд мекардааст.

Мулло Хишол даме андешиду пурсид:

– Номи маро дар назди шоҳ кӣ ёд кард?

– Ман.

Охон пӯпаки қозии тасбеҳро бо миёни ду ангушт чанд бор молиш доду гуфт:

– Аз ту баромада бошад, хуб, вале, бибин, ки пирамон чӣ мефармояд:

**Чу шаҳ гирад туро дар сояи хеш,**
**Нигаҳ дорӣ дар он дам пояи хеш.**
**Макун дар хашми шаҳ оташфурӯзӣ,**
**Марав наздики оташ, то насӯзӣ.**

– Охон, агар Юсуфалихон дар фикри ободии мулк намебуд, ман худам ҳам як соат дар хизматаш намеистодам. Лекин мебинам, ки шабу рӯз барои ҷамъугири давлат мекӯшад. Мехоҳад, ки фақирон зиндагии хуб дошта бошанд.

– Ҳаройина, дигар ҷойи фолу истихора ҳам нест. Субҳ биё, меравем.

Мирзоазиз дасти охонро бӯсид ва аспро этак карду бо қадамҳои реза роҳи хонаро пеш гирифт. Сабаби қадамшумориаш пайдо кардани баҳонаи нав барои модар буд. Як моҳ боз дар хона гапи модар фақат аз кадхудо кардани ӯст. Дар чи мавзӯе гап занад, хулосаи он ҷуфт кардани сари Мирзоазиз мешавад. Ҳар рӯз номи ду-се духтарро ба забон меораду фикри ӯро донистан мехоҳад. Вале Мирзоазиз гӯш хобонда, ё дам намезанад, ё баҳонае пеш оварда, суҳбатро мавқуф мегузорад. Азизмоҳ ба танг меояду абрувони зебояшро чин зада, аз ӯ даст мебардорад. Аммо модар аз дили писараш огоҳ нест. Намедонад, ки Мирзоазиз то модарашро ба Мулло Хишол ба шавҳар дода, васияти бобояшро иҷро накунад, зан намегирад. Ҳамин хел қавл додааст ба худ. Вале забонаш намегардад, ки бигӯяд. Касе ҳам ба ҷояш ин корро карданӣ нест. Тамоми бахшориён васияти Ҷаҳонгирро медонанд, лекин ҳеҷ кас – на хеш, на бегона – дар ин бора гап намезанад. Ҳатто аммааш, ки зуд-зуд онҳоро хабар мегирифт, дар назди модараш аз осмон то ресмон сухан мегуфту дар ин бора лаб намекушод. Агар Ҷаҳонгир Азизмоҳро ба шахси дигар васият мекард, Мирзоазиз он қадар талош ҳам намеварзид. Вале Мулло Хишолро дӯст медорад. На танҳо барои он ки аз ӯ калимаву хат омӯхтааст, балки бештар ба ин ҷиҳат, ки дар симои вай падарро мебинад. Бахусус, вақте ки бобояш аз миён бархост, вай ба Мулло Хишол зиёдтар дил баст. Бар асари тавонмандиаш ба касе гардан намефаровард, аммо дар назди ӯ, тавассути кадом қувваи ноаёне, хоксору мутеъ мегашт. Ҳар сухани Мулло Хишолро чун оҳанрабо мекашиду мисли ганҷ дар ниҳонхонаи сина ҷо мекард, чун гӯшвори зарин ба гӯш меовехт. Дар ҳузури вай худро аз тамоми осеби дунё масуну бехатар мепиндошт. Чи лаззати аҷибест падар доштан!

Аммо рӯзи дигар гиреҳи ин мушкили сарбастаро, ғайричашмдошти Мирзоазиз, худи Юсуфалихон кушод.

Шоҳ аввал ба Мулло Хишол вазифаи навашро батафсил фаҳмонд ва таъкид кард, ки дар муддати як моҳ боз ду нафарро, ки

мисли худаш хушсаводу суханвар бошанд, ёфта, бо онҳо ба ҳузураш дарояд. Мулло Хишол пешниҳоди Юсуфалихонро бо хушнудӣ қабул карду гуфт:

– Ба ин мақсад ман ҳамагӣ як китоби “Амир Ҳамза” дораму халос. Барои он ки мавъизаҳоямон ҷолибу дилкаш шаванд, бояд китобхонае дошта бошем.

– Номи китобҳоро ёддошт кун, амр медиҳам, ки биёранд, – бидуни нигароние гуфт шоҳ, – ҳар як дарбор бояд китобхонае дошта бошад. Аммо, ба ғайр аз китоб, дар фикри зиндагиат ҳам бош, охон.

Ҷумлаи охирини шоҳ Мулло Хишолу Мирзоазизро нигарон кард.

– Зиндагиам бад нест, – чи ҳадаф доштани ин суханро надониста, посух дод Мулло Хишол.

– Шунидам, ки як васияти муҳимми паҳлавон Ҷаҳонгирро баҷо наовардаӣ.

Мулло Хишол мақсади шоҳро дарк карду сар ба зер афганд.

– Паҳлавон шахсе набуд, ки ба беҳуда ҳарф зоеъ кунад. Фикр накун, ки ин гапро ба ман Мирзоазиз гуфта бошад. Одамони хайрхоҳ бисёранд.

Шоҳ, мунтазири ҷавоби Мулло Хишол, хомӯш монд. Охон риши базебашро тор-тор молиш дода, охируламр наҷво зад:

– Миннатдор, шоҳам. Ҳамин як-ду рӯз аз пайаш мешавам.

Юсуфалихон барояшон тавфиқ хосту то дами дар гуселонд.

Охону шогирд аз қалъа баромаданд. Шамоли сарди тирамоҳӣ сар ба девору кунгураҳо соида, батадриҷ шиддат мегирифт. Баргҳои зумуррадгун ба мисли гунҷишкони заринбол села-села ба ҳаво бархоста, бозикунон сари роҳашон мерехтанд. Мулло Хишол пас аз паймудани ними роҳ, дасти Мирзоазизро ба ду кафаш гирифта, меҳрубонона фишурд ва гуфт:

– Мирзоҷон, акнун ба қалъа баргард. Рӯзи ҷумъа ҳамроҳи ду мӯйсафед ба хона меоям. – Ва нигоҳашро гурезонду бо қадамҳои сабук роҳи манзилашро пеш гирифт.

Мирзоазиз, барои он ки аз паси охон давида, ба оғӯшаш нагирад, чи кор карданашро надониста, болои санге нишаст. Дар вуҷудаш эхсоси хушбахтӣ талотум мезад.

# МУҲАББАТИ МАРДУМ

Манзаршоҳ дар ошёнаи аввали қалъаи Вомар барои худ ҳуҷраи фарохи панҷарадор интихоб ва ба ташкили умури давлатдорӣ шурӯъ кард. Пеш аз ҳама, сипоҳро дар навкархонаҳои ду тарафи саҳни ҳавлии қалъа ҷойгир кунонд. Ба дидбонгоҳҳои Шидз, Почвар ва Хуфу Бартанг дастаҳои ҳафтнафарӣ фиристод. Баъзе мансабдорони ба назараш шубҳаноки дохили қалъаро иваз намуд. Ба интихоби оқсақолону мансабдорони дигар даст назад, зеро бе амри ҳоким чунин кори масъулиятнокро анҷом дода наметавонист. Аммо се ҳафтаи расо гузашту аз Қубодхон дараке набуд. Манзаршоҳ барои донистани ҳол чопоре ба Баҳрпанҷа фиристод. Вай пас аз ду рӯз баргашту хабар овард, ки ҳафтае пас худи Юсуфалихон ба Рӯшон омаданист. Манзаршоҳ қарор дод, ки то омадани шоҳ ба зодгоҳаш рафта, хешу таборашро, ки шаш сол боз надидааст, хабар бигирад.

Субҳи барвақти рӯзи сафар оқсақоли Вомар Заренро ба қалъа даъват намуд. Зарен савори аспи тезтаки сурхмӯйи баландболо ба саҳни ҳавлӣ даромада, рост дар пеши бинии Манзаршоҳ чолок ба замин ҷаҳид ва бо садои пур аз шодиву масаррат хитоб кард:

– Салом, мирбачаи туғёнӣ, дар Файзобод-ку рӯзамон надодӣ, лоақал дар ҳамин ҳамин ҷо мон, ки дақиқае зиёдтарак хоб равем.

Дӯстон дастбӯс салом карданд. Манзаршоҳ гуфт:

– Ману ту дигар ҳаққи хоб кардан ҳам надорем, андувол. Дурӯза ба Йӯрх меравам. Қалъаро ба ту месупорам. Бандиёнро таҳти назорат гир, ки нагурезанд. Худат медонӣ, ки матали рӯшониён “як ба мо хеш, даҳ ба хешони мо”-ст. Охири ҳафта Юсуфалихон меояд. Ҷазояшонро худи ӯ медиҳад.

– Қубодхон ҳокими Рӯшон мешавад гӯй. “Омад ба сарам, аз он чи метарсидам”.

– Хостаи шоҳ чизе бошад, ҳамон мешавад. То баргаштанам бузкашону паҳлавонони номиро аз Бартанг сар карда, то Шидз ба Вомар биёр. Барои сад дег хӯрок маҳсулот омода бошад. Юсуфалихон бояд дар назди душманонаш тантана кунад.

Манзаршоҳ ҳамроҳи Бибианор ва Меҳтаршоҳу Лахман дар мушоияти ду навкар лаб-лаби дарёи Панҷ ҷониби офтобнишин ҳаракат карданд. Лахман акнун узви хонадони ӯ буд. Шабҳо ҳамроҳи Меҳтаршоҳ дар як ҳуҷра мехобиду рӯзона қадам ба қадам падархон-

дашро ҳамроҳӣ мекард. Он қадар чолоку бақувват буд, ки кори даҳ касро анҷом медод.

Дар Баҳрзуд хусураш Қубод онҳоро интизор буд. Ӯ ҳам мехост, ҳамроҳи домоду духтараш ба Йӯрх рафта, қудоҳояшро хабар гирад. Баробари ба хона даромадан, Манзаршоҳ ба хушдоманаш рӯ овард:

– Модаки бомазапаз, сӯзонӣ[1] дорӣ ё чаманӣ[2]?

– Ҷонам қурбонат, сӯзонӣ омода аст, соате пас чаманӣ ҳам мешавад.

Манзаршоҳу Бибианор бо аҳли хонавода оғӯш ба оғӯш салом карданд.

– Сӯзониятро биёр, мод, ҳоло танҳо фурсати хӯрдану хестан дорем, – гуфт Манзаршоҳ ва болои суфа дар паҳлуи хусураш нишаст.

Дарзамон хон густурданду корсонҳо пеши меҳмонон гузоштанд. Қубод даст ба таъом бурду дигарон ӯро пайравӣ карданд. Манзаршоҳ ба чеҳраи хусуру хушдоманаш зеҳн монд. Дар шаш соли ҷудоӣ ожангҳои рӯяшон бештар шуда, қомати ҳар ду андаке хам задаву ҷуссаашон аз гӯшт фаромадааст. "Чи қадар барои ман, чи қадар барои духтарашон обу абгор шуданд", – аз дил гузаронд ӯ. Агар волидони худаш зинда мебуданд, кӣ медонад, ғами фироқи ӯ бар онон чӣ сон мегузашт?! Тасаввур кард, ки барои Бибианору Меҳтаршоҳаш чӣ табу тобҳое дошт! Ҳатто бо куштани Булато низ тафси дилаш паст нагардид. Ҳарчанд занаш қатли Булаторо ҷазои ноодилона шумурд, – зеро ба гуфтаи ӯ, оқсақол на ин ки дар ҳақаш зулму тааддӣ раво надид, балки боре ҳам аз ҳуқуқи шавҳариаш истифода набурд, – Манзаршоҳ заррае эҳсоси пушаймонӣ надошт. Булато инсони дурусткор мебуд, сар медоду бонуи соҳибникоҳро ба занӣ намегирифт. Ирода надоштааст, ки аз амри беадолатонаи шоҳ сар бипечад. Манзаршоҳ бошад, одамони беиродаро дар шумори инсон намегузошт. Чунин мепиндошт, ки мулку ҷомеаро маҳз ҳамин тоифа табоҳ месозад, чун ба хотири аз даст надодани ҷони беарзиши худ ба ҳама гуна зулму ситам гардан мениҳад. Манзаршоҳ дар рӯзи аввали ба қалъа даромадан мехост, ки тамоми мансабдорони зиноварзидаро ба дарахтони гирди майдони Регак ба дор овезад, вале азбаски Юсуфалихон аз ӯ дида бештар ташнаи хуни онҳо буд, ин корро то омадани шоҳ мавқуф гузошт. Дар ин муддат Бибианори раҳмдил ду бор хоҳиш кард, ки гунаҳкоронро ба куш-

[1] Сӯзонӣ – анвои хӯрокҳои нарми бегӯшт
[2] Чаманӣ – анвои хӯрокҳои сахти гӯшту равғандор

тан надиҳад, зеро агар Муҳаббатхон маҷбур намекард, онҳо ба чунин амали зишт даст намезаданд. Аммо Манзаршоҳ ҳар бор ангушти моҳсангдори занашро ба лаб гузошта, мебӯсиду мегуфт: “Фаромӯш накун, ки бо ту чӣ карданд!”. Бибианор ангуштариашро медиду сар ба синаи шавҳар гузошта, сокит мешуд. Нигини дукафони моҳсанг ҳоли аҷибе дошт: як порааш сиёҳ монду пораи дигар ба ранги мусаффои аслии худ баргашт. “Заноне, ки дар асорати онҳо буданд, агар ҳамин гуна ангуштар медоштанд, ранги он чӣ хел мешуд?” – бо даҳшат аз дил мегузаронд Бибианор. Аммо боз ҳам мутамин буд, ки гунаҳкори асосӣ Муҳаббатхон аст, на мансабдоронаш. Аз ин рӯ, ҳоло ҳам аз баҳри мулоим кардани дили Манзаршоҳ намегузашт. Бовар дошт, ки шавҳараш, аз ғояти ишқи сӯзоне, ки ба ӯ дорад, гапашро мегираду хуни ҳамватанонашро намерезад.

Оре, Манзаршоҳ Бибианорашро ниҳоят дӯст медошт. Дар тамоми олам, ба ҷуз Бибианор, чашмонаш зани дигаре намедиданду дилаш дар баробари ҳусну ҷамоли бонуе ба бозӣ намедаромад. Дар шаш соли ғарибии тӯлонии худ ҳам танҳо ба ёди ҳамсараш зист. Иддае аз ҳамроҳонаш тоқат накарда, зан гирифтанд. Баъзеашон зан нагирифта бошанд ҳам, ё канизаке хариданд, ё ба суроғи бағалхобон мерафтанд. Вале барои Манзаршоҳ ин қисмати зиндагӣ моҳияташро гум кард. Сипаҳсолори оҳанинирода ба шаҳсувори рӯинтане табдил ёфт, ки ба ғайр аз тиру камон ва аспу майдон касеву чизе ӯро ҷониби худ моил карда наметавонист. Ӯ дар сар ҳамагӣ як орзу мепарварид: озод кардани Шуғнон аз зулми Муҳаббатхон ва як ҳавас дошт: дубора расидан ба висоли Бибианори худ. Дигар олам барояш ҳеҷ гуна арзише надошт.

Ҳоло ҳам соате бе Бибианор буда наметавонист. Ҳарчанд занаш муштоқи дидори волидон буд, ҳамагӣ як шаб иҷоза дод, ки дар хонаи падар истода, ҳаваси дидор бишиканад. Ин рӯзе буд, ки Манзаршоҳ, пас аз баробар кардани ҳисоби деринааш бо Булато, ҳангоми аз Шидз ба Вомар омадан, дар Баҳрзуд сари роҳ ба хонаи хусураш фаромад. Рӯзи дигар саворе фиристод ва ӯ Бибианору Меҳтаршоҳро ба қалъа, ба маконе овард, ки Муҳаббатхон ӯро дар ҳамин ҷо зӯран ба шавҳар дода, бадбахт гардонид. Ба ин сабаб, вақте ки аз дарвоза ба дарун қадам ниҳод, тамоми вуҷудашро ҳисси изтироб фаро гирифт. Хотираҳои ғамангези моҳҳои дурударози муҳосира ва ҷудоӣ аз шавҳари диловараш дар они воҳид пеши чашм омаданд. Бинобар ин, баробари аз рикоб ба замин расидани пояш, хитоб кард:

– Манзарҷон, ин бор маро чанд сол дар фироқат месӯзонӣ?

Манзаршоҳ бо нигоҳи саршор аз муҳаббати беинтиҳо ба умқи чашмони занаш нигарист ва посух дод:

– Ин бор то охирин нафас бо ҳам хоҳем буд. Қавл медиҳам.

Сухани орому боварибахши шавҳар Бибианорро дарзамон ором кард. Ӯ мутеъона сар ҷунбонду дасти Меҳтаршоҳро гирифта, ҷониби ҳуҷра қадам гузошт.

– Бибӣ, шояд домодам иҷоза диҳад, ки то баргаштанаш ҳамроҳи ман бошӣ?

Овози ширадори модар риштаи хаёлоти Бибианорро барканд. Ӯ бо нигоҳи саволомез ҷониби шавҳараш нигарист. Манзаршоҳ шӯхиомез ҷавоб дод:

– Модҷон, Бибианор чӣ тилисме дорад, ки на шумо аз дидораш сер мешавед, на ман. Дар Йӯрх ҳам хешу таборам бо дафу рубоб аз ҳоло ба пешвозаш баромадаанд. Аз он ҷо, ки баргашт, як ҳафта ба ихтиёри худат месупорамаш.

Модар ноилоҷ ба аломати ризо сар ҷунбонд.

Вақте ки Манзаршоҳу ҳамсафаронаш аз хона баромаданд, дар чакалаки назди ҳавлӣ анбӯҳи одамро дида, ҳайрон шуданд. Мардум баробари намоён шудани Манзаршоҳ ба ҷунбиш даромаду чанд нафар ба наздаш омаданд. Қубод ба ҳамдеҳагонаш рӯ овард:

– Ягон ҳодиса рух дод?

– Дилатон дур наравад, тинҷист, – гуфт марди танумандe, ки дар миёнбандаш дос овезон буд, – мардум мехоҳад, ки Манзаршоҳро аз наздик бибинад.

– Магар арзе доштед? – пурсид Манзаршоҳ пас аз салом кардан бо ҳар яке аз онҳо.

– Арзи мо ин аст, ки, – гуфт марди дигар, – дуову саломи халқи Баҳрзуду Дерзудро ба ту расонем ва бароят сафари бехатар талабем.

– Тамоми халқ барои ҳамин гап ҷамъ омадааст? – Манзаршоҳ аз ғояти ҳайрат даст ба фарқи сар гузошт.

– Барои ҳамин, мир, – қариб ба як овоз тасдиқ карданд онҳо.

Манзаршоҳ лаҷоми аспро ба додарарӯсаш Баҳром доду ҷониби издиҳом рафт. Мардум ӯро бо нидоҳои шодиомез ба ҳалқа гирифтанд. Ҳар марду ҳар зан мехост ба вай салом диҳаду дасташро фишорад, баъзеҳо ҳатто домани чакманашро ба дида молиданӣ мешуданд.

– Эй мардум, ин чӣ корест, ки шумо мекунед? – садо баланд кард сипаҳсолор. – Ман ягон назарӣ[1] ё шайх набошам, ки зиёрат кунед. Ин чӣ бедодист?

Аммо тӯда ором намегирифт. Ба посухаш ҳар касе чизе мегуфт:

– Шайху мураббии мо ту ҳастӣ!

– Ту ифтихори мой, Манзаршоҳ!

– Дастгири мо, бечорагон, ту бошӣ!

– Ба бахти мо зинда бош, мир!

Қубод дид, ки ҷамоат домодашро ба зудӣ раҳо карданӣ нест, фарёд кашид:

– Эй мардум, вақти мирро нагиред, ки сафар дорад!

Тӯда сокит шуд ва Манзаршоҳ аз иҳотааш баромаду гуфт:

– Барои меҳрубониатон ҳазорон сипос. Ҷонам фидои якояки шумо! Агар хоҳише доред, бигӯед.

Марди досбамиён пеш баромад ва гуфт:

– Номи ман Мастоншоҳ, ҷамоат гапи худро дар даҳони ман гузоштааст.

– Бигӯ, бародар, – хоҳиш кард Манзаршоҳ.

– Пирони батадбир ва ҷавонони равшанзамир аз паҳлавон як илтимос доранд: бегонагони золимро ба ҳокимияти Рӯшон раҳ надеҳ. Ин вазифаро худат ба уҳда бигир. Ту аз мо ҳастиву дилат ба ватанат месӯзад. Ин мунофиқон як бори дигар Рӯшонро ба ҷанг кашанд, тухмамон мешиканад.

Аз байни мардум садоҳое амсоли “дуруст”, “ҳақ асту рост”, “бале, Манзаршоҳ!” ба гӯш расиданд.

Пешниҳоди Мастоншоҳ он қадар ғайричашмдошт буд, ки Манзаршоҳ чи ҷавоб доданашро намедонист. Вай саволомез ба хусураш нигоҳ кард. Қубод ҳолаташро пай бурда, сухани Мастоншоҳро тавзеҳ дод:

– Писарам, ҳанӯз дар Бадахшон будӣ, ки ин гап байни мардум пайдо шуд. На фақат халқи Баҳрзуд, балки тамоми рӯшониён ба фармонраво гаштани ту умед доранд.

Манзаршоҳ, ки орзуи ҳокими мулк шудан дар гӯшаи хаёлаш ҳам набуд, дақиқае ба рӯи Қубод андешманд нигаристу билохира чунин гуфт:

---

[1] Назарӣ – назаркардаи Худо

– Агар ин кори саҳлу содае мебуд, падарону бобоёни мо барвақт ба он даст меёфтанд. Аммо ноумед набошед. Ману Юсуфалихон аҳди бародарӣ дорем. То зиндаам, Рӯшону рӯшониён хор намешаванд!

Гапи росту самимонаи сипаҳсолор дили ҳозиронро ба таҳрик овард. Нидоҳои шодиомез баланд шуданд:

– Шаҳ бош, Манзаршоҳ!

– Ба калонкардаат раҳмат!

– Шери нар!

– Худо қувватат бибахшад!

Мастоншоҳ гӯё болу пар гирифта бошад, аз ғалаёни фараҳ рақскунон чархе зада, Манзаршоҳро дар канор гирифт ва гуфт:

– Мавло сарафрозат кунад, ки сухани моро шунавидиву сарафрозамон кардӣ! – Ва даст ба дуо бардошт: – Ё Раб, ба ҳаққи каррубиён ва рӯҳониён ва ба ҳурмати ҷумлаи ҳуҷҷатон ва доиён! Зафар ёрат, Худованд мададгорат бошад!

Издиҳом Манзаршоҳу ёрони сафарашро то охири деҳа гуселонд. Сипаҳсолор, ки дар умри пурмашаққаташ бори нахуст меҳрубонии садоқатмандонаи мардумро ба худ медид, вонамуд накунад ҳам, сахт ба риққат омада буд. Эҳсоси фавқулодаи хушбахтиву болидарӯҳӣ вуҷудашро фаро гирифт. Вақте аз ҷамоат дур рафтанд, ба Қубоди солдида, ки дар қабаташ асп меронд, рӯ овард:

– Пид, рост бигӯ, ин мардумро кӣ ҷамъ кард?

Қубод бурутханде заду гуфт:

– Муҳаббат.

– Кадом Муҳаббат?

– Муҳаббате, ки дар дили халқ нисбат ба ту ҷӯш мезанад.

– Ман барояшон ягон кори сазоворе накардаам, ки дӯстам доранд.

– Кардаӣ, ки дидоратро мехоҳанд, писарам. Халқ ба ихтиёри худ барои диданат ҷамъ омад, пас туро шоистаи дӯстдорӣ мешуморад. – Мӯсафед бо хушҳолӣ дастаи қамчинро ба синааш зад ва илова кард: – Набошад, ҳазор калтак занӣ ҳам, даҳ мардро барои аҳсант хондан ба Қубодшоҳ ҷамъ карда наметавонӣ.

Аз ин шӯхии ҳикматомез ҳамсафарон хандида, бо табъи чоқу рӯҳи болида гашти савориҳояшонро тезониданд.

Аммо ҷамъомади халқ бо деҳаи Баҳрзуд қатъ нагашт. Сари роҳ ба ҳар деҳе, ки мерасиданд, занон бо дафнавозиву мардон бо суруду рақс пешвозашон гирифта, ба ошу нон даъват мекарданд. Манзаршоҳ, чун

ҳар шахси низомӣ, чунин тантанаву намоишкориро нахоҳад ҳам, барои нигоҳ доштани хотири мардум, соате меҳмонашон мешуд. Тамманнои халқ дар ҳама ҷо як хел буд: дигарбора роҳ надодан ба зулм, раҳм овардан бар фақирон. Онҳо ба Манзаршоҳи гурд чун ба наҷотбахши худ менигаристанду аз ӯ умедҳои калон доштанд.

На Манзаршоҳ, на Қубоди куҳансол дар умрашон ин гуна рӯҳбаландии сартосариро дар диёрашон надида буданд. Мардуми фироркарда аз Дарвоз, Вахё, Кӯлоб, Қундуз, Исфара, Андиҷон ба зодбуми муқаддаси аҷдодиаш бармегашт. Дар деҳкадаҳо ҳаёт аз нав ҷӯш мезад. Халқ дар талаби оромиву амният буд.

Мулоқоти ғайримунтазир бо мардум нақшаи Манзаршоҳро тағйир дод. Корвони хурдашон, ба сабаби фаромадани торикӣ, маҷбур шуд, ки шаб дар қалъаи Шидз монда, рӯзи дигар, субҳи барвақт аз рӯди Панҷ гузарад. Баробари расидан ба соҳил, йӯрхиён меҳмонони деринтизори худро аз салҳо фаровардa, ба оғӯш кашиданд. Шодии Шайхзода, бародари Манзаршоҳ, ҳадду ҳудуд надошт. Вай додарашро, ки китфу кӯпол ва дасту синааш ҳар яке аз неруи бузург доштани вай шаҳодат медоданд, дар канор гирифту нидо дод:

– Мубораки сайли баргашт, бародари паҳлавони ман! Дидаҳои мо аз раҳпоӣ мухра, ҷонҳои мо ба беқарорӣ шухра гаштанд!

Манзаршоҳ бародари ба ҷон баробарашро ба сина пахш карду қатраҳои ашк чашмонашро сӯзонда, ба рухсораҳояш давиданд. Сипаҳсолори муштоқи ёру диёр ҳар ҳамдеҳаи шиносу ношиносашро бағалкаш зиёрат намуду ба ҳамроҳонаш рӯ овард:

– Бисёр сафар кардам, шаҳру рустоҳои зиёд дидам, аммо беҳтар аз хоки Йӯрху оби кӯлаш хоку обе наёфтам. – Ва ба зону афтоду замини диёрашро бӯсид. Сипас бархосту афзуд: – Ман ҳам, шумо ҳам, бояд ҳамеша азизаш бидорем.

Ҳамдиёронаш фикр мекарданд, ки сарлашкари номвари Шуғнонзамин барояшон аз корнамоиву душманкушӣ хоҳад гуфт. Вале ӯ ба онҳо талқин мекунад, ки ба қадри зодбумашон бирасанд. Чунин рафтору самимиву гуфтори одӣ ба дилашон таъсири амиқ гузошт. Онҳо дарзамон қаробати беандозаи Манзаршоҳро ба рӯҳу ҷони худ ҳис карданд: ин мард на ҳоким аст, на акобир, балки порае аз онҳост!

Йӯрх онҳоро бо хазонрези тиллогун, осмони софи нилобӣ ва хирманҳои барчоши ғалла пешвоз гирифт. Манзаршоҳ манзараҳои аз тифлӣ барояш шиносу азизи деҳаашро бо дидаи носер тамошо мекарду чашмонаш нуру дилаш қуввати тоза мегирифтанд. Бӯйи киштзоро-

ни даравгашта, ғаллаҳои навкӯфта, ғарамҳои коҳи сафед ва тарчиқи[1] махмалии боғу роғ ӯро махмуру хушҳол гардонданд. Чун ба деҳа даромаданд, дар ҳалқаи садҳо пешвозгиранда, ки аз деҳаҳои атроф низ ба Йӯрх омада буданд, то ба майдони назди хонаи падарӣ пиёда қадам зад. Дар ин ҷо ӯро бо дафу рубоб истиқбол гирифта, болои суфаи гилемфарши зери дарахтон шинонданд. Пас аз он ки рақсу сурудхонӣ поён ёфт, Манзаршоҳ бархост ва ба мардум чунин хитоб кард:

– Имрӯз мову шумо ба хурсандиву хушҳолӣ ҳақ дорем, чунки ба бахтамон шоҳи адолатпарвар Юсуфалихон дубора бар тахти салтанат баргашт. Дари ғам баста ва дари шодӣ боз гардид. Муддати ду рӯзи аз Вомар то ба Йӯрх омадан, бо чашми худ дидам, ки фуқаро аз ин воқеа чи қадар хурсанд ва умедвори осудагиву адолатанд. Ҳисоб кунед, ки орзуятон бароварда шуд. Ман ба шумо қавл медиҳам, ки минбаъд кас ба кас ғараз намегирад – на мир ба фақир, на мосал ба деҳқон, на бегона ба таҳҷоӣ. Вазъи риққатбори халқамро медонам. Ман ҳам аз байни шумо баромадаам. Медонам, ки то аз равзанамон дуде бархезад, ба чи машаққатҳое тан медиҳем. Агар табиат ба мо бераҳм аст, мо бояд ин бераҳмиро ба ҳамдигар ҷуброн намоем. Яъне, ба ҳам меҳрубон бошем, дар иттифоқ ба сар барем, ғамхору сарпарасти дармондагон, беваҳо, беморон ва танозурдагон бошем. Чанд рӯз пас шоҳ қадами муборакашро ба Вомар мегузорад. Ман аз ӯ илтимос мекунам, ки то пур шудани анборатон аз ғалла ва оғилатон аз гову мол хироҷро аз мо бардорад...

Нидоҳои “шаҳ бош!”, “эй хуш ба ҳолат!”, “дар забонат шакар!” сухани сипаҳсолорро бур935

сухани сипаҳсолорро буриданд. Пас аз сокит шудани ҳамдиёрони бавачдомада Манзаршоҳ нутқашро хотима бахшид:

– Ман ба ягон муъҷиза бовар надорам. “Ҳар кӣ парид, чарид, ҳар кӣ хобид, хоб дид”. Дигар гап надорам.

Мардум ба базм нишаст, Манзаршоҳ ба хонаи падарӣ рафт. Дар ин ҷо ӯро хешу табор мунтазир буданд. Вай бо ҳамаашон муштоқона салом доду ҳол пурсид, домани пиронро ба чашм молид, наврасону кӯдаконро бинавохт, дар ҳаққи гузаштагон фотеҳа хонд. Соате пас калонтарони деҳоти Чоснуд, Човад, Шайххо, Почвар ва Рубот ба саломаш омаданд. Суҳбат то фаромадани торикӣ давом кард.

Рӯзи дигар қарор бар он шуд, ки Манзаршоҳ деҳаҳои ин қисмати қаламрави Шуғнонро, ки аз пойтахт ниҳоят дур воқеъ бу-

[1] Тарчиқ – сабзае, ки пас аз дарав бархезад.

данд, чарх зада, аз ҳоли мардум бохабар шавад. Субҳи барвақт бо ду савори ҳамсафараш роҳи Чоснудро пеш гирифт. Чоснудиён онҳоро бо муттафиқии шигифтоваре, ки дар ин хитта танҳо хоси онҳо буд, пешвоз гирифта, рост ба хонаи халифа Ҳоҷимаҳмад бурданд. Манзаршоҳ ҳанӯз дар замони оқсақолиаш бо ин марди бузург, ки ҳам халифа, ҳам қозӣ, ҳам пешвои билоивази чоснудиён буд, дӯсту бародар гашта буд. Соҳибхона сипаҳсолорро дар дакони рӯи ҳавлиаш пешвоз гирифт. Вай бо ҷуссаи ба мисли чанори куҳан тановару баланд ба азоб чанд қадам ба сӯйи меҳмони гиромӣ гузошт ва бо садои равғании марғуладораш хитоб кард:

– Манзари вологуҳари ман, хуш омадӣ!

**Суи пирон ба ҳурмат гар гароӣ,**
**Ту дар пирӣ зи пирон бартар оӣ.**

Бисёр бибахшам, ки аз пову пар мондаам, набошад, то лаби дарё ба истиқболат меомадам.

Манзаршоҳ бо ду-се ҷаҳиши сабук худро ба мӯйсафед расонда, ба оғӯшаш гирифту зиёрат кард.

– Ҳар қадами муборакӣ худат баробари як фарсанг аст, пирам. Дуову ниёишат буд, ки зиндаву саломат баргаштам.

– Инояти Худои Таъолову меҳрубонии Мавлои замон туро дубора ба мо расонд, бачам. Ҳар қадамат болои дида. – Ҳоҷимаҳмад нишаст ва Манзаршоҳро дар паҳлуяш шинонд. – Бишин, писарам, ки дилам аз ҳамнишиниат қувват бигираду ташнагии дидорат бишиканад. Фақат маро пир нагӯй, ман як бандаи хокии худовандам.

– Пид, медонӣ, ки ман туро бароям пир гирифтаам ва то ҳастам, ҳамин тавр хоҳад буд. Дуои зебоятро ниҳоят ёд кардаам.

Ҳоҷимаҳмад даст ба дуо бардошт:

– Худоё! Моро аз ҷумлаи касоне бигардон, ки тариқи итоатро бар лутфи хеш дар манозили аброр барояшон осон намудӣ ва ба онон ҳаёт бахшидӣ ва ба худ наздик гардондӣ, каромат кардӣ ва ба хидмати худ эшонро зиннат бахшидӣ. Парвардигоро! Салавот ва баракот ва раҳмати худро шомили ҳолашон созӣ ва ба воситаи онҳо моро дар дунё ва охират чун муқаррабонат бинавозӣ. Аллоҳу акбар!

Манзаршоҳу ҳамроҳонаш муддати як соат дар суҳбати бузургмарди чоснудӣ нишастанд. Соли мӯйсафед аз сад гузашта бошад ҳам, тавассути зеҳни дарроку хотираи муҳкам, аз тамоми воқеаҳои мамлакат бохабар буд ва ҳанӯз ҳар кадомашро таҳлил кардаву баҳои

дуруст дода метавонист. Ҳангоме ки Манзаршоҳ иҷозаи бархостан талабид, Ҳоҷимаҳмад гуфт:

– Ман дар бораат бисёр фикр кардам. Хулосаам ин аст, ки минбаъд ҳокими Рӯшон ту хоҳӣ шуд, на каси дигар. Бидон, ки қатағанҳо миёни халқи моро шикастанд. Туро Худованд барои эҳёи Шуғнон қуввату иқбол додааст. Ба ин мақсад миёнатро маҳкам банд. Собитқадам бош. Ба ду чиз бовар макун: таърифи дӯстону кам дидани душманон, ки ҳар ду туро аз роҳ мезананд. Акнун вақти он расид, ки амонати бобоят Шайхзодаро бароят таслим кунам.

– Чӣ будааст он? – бо ҳайрат пурсид сипаҳсолор.

Бо ишораи мӯйсафед, писараш аз хона халтаи чармини лӯлае берун кашид ва ба дасти падар дод. Ҳоҷимаҳмад боэҳтиёт онро кушоду аз дарунаш парчаи кабуде бароварда, бархост ва онро дудаста болои сар бардошт. Чашми Манзаршоҳ ба парчаи барафрохта афтоду беихтиёр нидои “аҷабо!”аз даҳонаш баромад.

– Чаро “аҷабо” гуфтӣ, Манзаршоҳ? – пирамард парчаро баробари сина фароварду дар ҳамин ҳол қарор гирифт.

– Аҷабам омад, ки бобоям кокулзарӣ доштаасту мо бехабар.

– Шодам, ки кокулзариро медонистаӣ! – навбати таҳайюр ба Ҳоҷимаҳмад расид. – Боракаллоҳ, дилам дар хусуси шахсияти ту беҳуда гувоҳӣ намедодааст.

– Бале, пирам, медонам. Ин дирафши Шуғнон аст. Аз таърихаш огоҳие дорам, – Манзаршоҳ аз тавзеҳи дар боргоҳи Юсуфалихон диданаш худдорӣ кард.

– Зери ин дирафш Шайхзода бар зидди золимон ситезид ва хокашонро безид, – гуфт Ҳоҷимаҳмад. – Вақте ки асираш гирифтанд, сипоҳие ин ливоро ба ман оварду аз номаш чунин гуфт: “Кокулзариро ба зинҳор ба ту месупорам, то ба соҳибаш боз дода бошӣ”. Ман ин ҳама сол барояш аз ту сазовортар касе пайдо накардам. Акнун ин амонати деринаро ба дастат месупораму беормон аз дори дунё меравам.

Ҳоҷимаҳмад қадаме пеш гузошт ва дирафшро ба дасти Манзаршоҳ дод. Манзаршоҳ онро дудаста барафрохт. Парчаи осмониранг бо шуълаҳои зардфоми хуршед, ки гӯё дар гирди чархандаи сабз давр мезаданд, ҷолибу мухташам назаррабоӣ мекард.

– Чи дирафши пурнуре! – беихтиёр хитоб кард Лахман, – падар, иҷозат деҳ, онро ман бардорам.

Сипаҳсолор сар ҷунбонду дирафшро ба дасти писархондаш дод. Ҳоҷимаҳмад Манзаршоҳро ба оғӯш кашиду гуфт:

– Ин парчаи муқаддасро чун мардумаки чашмат эҳтиёт кун. Он тилисми бешикастии давлати мост.

## АЗ ЧОҲ БА МОҲ

Ду ҳафта барояшон чун ду моҳ гузашт. Тану ҷони ба заҳмат одаткардаи мусофирони рӯшонӣ машғулияти ҷисмонӣ мехост. Рагу пайҳо аз бори неруи бисёр гӯё мекафиданд, дилҳо беқарорӣ мекарданд. Бекорӣ ду паҳлавони азимҷуссаро азият медод, аммо эҳтиёҷе ҳам ба кору дарёфти рӯзӣ вуҷуд надошт. Соҳибназари Қаландар хонаро аз ҳар гуна озуқа пур кардаву як хизматгори чусту чолокро ба ихтиёрашон гузошта буд. Ин марди тахминан чиҳилсолаи миёнақади пурқуввати сермӯю риш, ки Анбарӣ ном дошт, рӯзу шаб бо як садо ё ишораашон давида меомад ва ду даст рӯи сина гузошта, "бифармо, сиб" мегуфт. Дигар ягон гап аз даҳонаш намебаромад. Ба саволҳо кӯтоҳ "бале" ё "на хайр" посух медоду халос. Шабҳо дар ҳуҷраяки даромадгоҳи хона болои пӯсти паланг мехобид. Рӯзона хона мерӯфт, хӯрок мепухт, либос мешуст. Хайримаҳмаду Доробшоҳ ҳанӯз дар рӯзи дуюми меҳмониашон ҷандаҳои худро партофта буданд. Шайх барояшон дудастӣ кутиву шалвори фарохи хушдӯхт, кафшҳои чармини роҳат, саллаворӣ ва камзӯлҳои гаронбаҳои тугмадор ҳадя дода, шӯхиомез гуфт: "Либос нишони одамият нест, аммо танҳо одам аст, ки либос мепӯшад. Лиҳозо, тоза бошад, дар чашми мардум ширинтар менамоед".

Барои беҳуда талаф наёфтани вақт Хайримаҳмад хост ба сабақомӯзии Доробшоҳ ҷиддӣ машғул шавад. Барои ин коғаз, қалам ва китоби осонфаҳм лозим буданд. Аммо барои хариданашон на шогирд пул дошт, на охон. Албатта, агар ба шайх муроҷиат мекарданд, дарзамон харида медод. Вале барои чунин як масъалаи хурд ба ӯ муроҷиат намуданро эб донистанд.

Рӯзе тасодуфе афтоду ин мушкил ҳам ба осонӣ ҳал гардид. Ба ошёнаи дуюм, чунонки соҳибхона гуфта буд, "марди ангрезӣ"[1]-е омад. Аробаи пӯшидаи зебои дуаспа ӯ ва борашро, ки иборат аз ду ҷомадони сиёҳи ялаққосии калон буд, фароварду рафт. Мард боронии дарози сиёҳашро кашиду рӯи оринҷ гузошт, кулоҳи баландашро

[1] Ангрез ё ангрезӣ – шакли вайроншудаи «англис»

гирифта, сари мӯяш заб-зарди назифона пасткардаашро ҷониби Хайримаҳмаду Доробшоҳ ҷунбонда, лабханди бенуре заду хаста-ҳолона ба хона даромад. Хизматгори ҳузарби ӯ, ҷавони зангии саро-по сафедпӯши ҷингиламӯй, ҷомадонҳояшро сабук бардошту дунболи хӯҷаинашро гирифт.

Посе аз шаб гузашт, ки банохост Анбарӣ дар кӯфту бедорашон кард. Хайримаҳмаду Доробшоҳ зуд либос пӯшиданду берун баромаданд.

– Ангрезӣ бемор шуд, шояд ёрие карда тавонед, – ба ташвиш овоз баровард хизматгор.

Дӯстон саросема ба охири бино давида, тавассути зинаҳои чӯбӣ ба ошёнаи дуюм баромаданд. Ангрезӣ болои тахти васеи сафедбистар парӯ хобида, ба таште қай мепартофту хизматгор рӯбарӯяш диккак нишаста, чӣ карданашро намедонист. Хайримаҳмад аввал даст ба пешонии ангрезӣ гузошту табашро, сипас, банди дасташро байни ду ангушт фишурда, набзашро санҷид ва пурсид:

– Хоҷа имрӯз чӣ хӯрда буд?

– Субҳ пиёлае мосту нуволае нон, – базӯр садо баровард бемор.

– Чанд муддат шуд, ки бемор ҳастед?

– Як ҳафта. Истанбул расида будам, ки нохуш шудам. Намедонам, чӣ балое буд. Чизе, ки хӯрдам, пас гардондам.

– Агар қабз мебуд, таб мебаровардӣ. Ба гумонам, гилнофак шудаӣ.

– Чизе буд, ҷонамро дармеорад, – дили ангрезӣ шӯриду сарашро ҷониби ташт дароз кард, вале аз даҳонаш чизе набаромад.

Хайримаҳмад, гӯё тахминашро яқин карда бошад, ба аломати тасдиқ сар ҷунбонду беморро озод бардошта, ба ишкам рӯи кӯрпачаи фарш хобонду гуфт:

– Агар гилнофак бошад, ним соат пас сари ҳол меоӣ.

Ӯ миёни ангрезиро луч карда, даме молид, баъд бархосту танашро байни ду по гирифт ва пӯсти миёнашро чанд бор боло кашид. Овози пасти шараққос задани чорбандро[1] Доробшоҳу марди зангӣ ҳам шуниданд. Бемор "оҳ" гуфту бархостанӣ шуд. Хайримаҳмад намонд:

– Ҳоло кор тамом нашудаст, хоҷа. Дам бигир.

Зангиву Доробшоҳ ба кори Хайримаҳмад ҳайрон менигаристанд.

---

[1] Чорбанд – пайвандгоҳи устухонҳои миён

– Шумо чӣ мардуме ҳастед? – бе он ки сар бардорад, пурсид ангризӣ.

– Мо аз Шуғнонем, – ҷавоб дод Хайримаҳмад.

Ин ҷавоб барои ангрезӣ он қадар ногаҳонӣ буд, ки ҳолаташро фаромӯш карду нимпаҳлу гашт ва гуфт:

– Шуғнон? Ба ростӣ?

– Хоҷа, наҷунб, – Хайримаҳмад даст ба тахтапушташ гузошту ӯро ба фарш пахш кард. – Бале, мо шуғнӣ ҳастем.

– Аҷабо, чӣ хубе! – боз ҳам хурсандона нидо баровард ангрезӣ. – Шуғнон, Вохон, Марғов, Помир – замини орзуҳо!

Хайримаҳмад беморро бо лиҳоф пӯшонд ва таъкид кард:

– Хоҷа, ним соат ноҷунбон бихоб, гап назан.

Бемор дам ба дарун зад. Хизматгор меҳмононро бо ишора ба кунҷи муқобил даъват кард, ки мизи пасте дошт. Вай дар ду финҷон ба наздашон чойи хунук гузошт ва нимшунаво арзи сипос кард:

– Мерси, саиб, шумара Худа би ма расанд. Намибудид, мистер мимурду аз дасте ман карӣ нимиамад.

– Хоҷа аз куҷост? – пурсид Хайримаҳмад.

– Мо аз Инглистан астим.

– Ин дар куҷост?

– Дар Аврупа.

– Дар Рус?

– Аз Рус ҳам дуртар.

– Охири дунё бигӯ, – ба гап ҳамроҳ шуд Доробшоҳ. – Дар ин ҷо чӣ гум кардаед?

Зангӣ лабханде заду ҷавоб дод:

– Инглисҳа ҳамара сафидпӯст кардан михаҳанд.

– Мо он қадар сияҳ ҳам нестем, бародар, дуруст, ки каме сабзинагӣ дорем, – сухани зангӣ ба Доробшоҳ нафорид.

– Дар назаратан чонин минумаяд, ликин дар Аврупа ману шума барабар сияҳпӯст астим.

– Э, туву хӯҷаниат барои чӣ одамворӣ гап намезанӣ-а? – аз шеваи суханронии хизматгор ба танг омад Доробшоҳ.

– Манзуретан чие? – озурдадилона пурсид зангӣ.

– Гапҳоро шикаста, беҷо мекунед, чӣ гуфтанатонро намефаҳмам.

– Бибахшид, ма фарсӣ ҳарф мизаним, шома дарии забулӣ.

– Забулӣ гап зан, ки гӯшҳом тафсид.

Ин гапи Доробшоҳ ба зангӣ хуш омад. Вай хандиду гуфт:

– Дӯстам, дар Инглистан ма фарсӣ ёд мигирим, дар ун дияр даризабанҳа нистанд. Хоҷе чанд сал дар ин ҷа мибашад, дариру яд герефте.

– Чӣ ном дорӣ, бародар? – мавзӯъро дигар кард Хайримаҳмад.

– Умар.

– Ту, чӣ, мусулмон ҳастӣ? – нобоварона пурсид Доробшоҳ.

– Аре, муслим, мусалман.

Доробшоҳ гиребон дошт ва то ки ҳамсуҳбаташ нафаҳмад, ба рӯшонӣ гуфт:

– Наход одами сиёҳ ҳам мусулмон шавад?

– Он мамлакатҳо ҳам мусулмон доранд? – Хайримаҳмад ҳам изҳори ҳайрат кард.

– Бисяр-бисяр дарад, саиб.

Хайримаҳмаду Доробшоҳ аз фарохии ҷаҳону шигифтиҳои он дар тааҷҷуб монданд.

Хайримаҳмад ба сари бемор рафт ва хоҳиш кард:

– Акнун бархезу ба дилат гӯш кун.

Ангриз бархосту даме ба ҳоли худ фуру рафт:

– Шукр, мистер табиб, дилам ба ҷояш омад.

– Ба пушт бихоб.

Ангриз ба пушт хобид. Хайримаҳмад ангушти ишорат ба нофаш даровард ва гирдаш давр зада, тофтан гирифт. Ба ҷуз бемор, Доробшоҳу зангӣ ҳам ба чунин тарзи табобат ҳайрон шуданд. Пас аз он ки Хайримаҳмад даст аз кор боздошт, ангриз гуфт:

– Мистер, дастат дард накунад, шумо дар кадом мактаб тиб омӯхтаед?

– Модарам дар табобат чизе медонист, аз вай гирифтам.

Ангриз ба аломати сипос ё ҳайрат сар ҷунбонду гуфт:

– Шуғнон ҳикмату асрори зиёд дарад. Хеле сабук шудам. Исмат чист?

– Хайримаҳмад

– Мистер Хайримуҳаммад, шумо маро аз марг наҷот додед. Ин гелноф чӣ дардест?

– Чӯкидани миён ё кӯчидани ноф.

Ангриз дақиқае ба андеша рафт ва гуфт:

– Дуруст мегӯед, вакти поин омадан аз киштӣ бастаи бузурге сари шона гирифтам. Баъди ҳамон бемор шудам. Худо шуморо ба

ман расонд, вагарна мемурдаму касе дардамро намедонист – на аврупоӣ, на хуросонӣ. Чӣ мардуми наҷибед шумо!

– Хоҷа, – гуфт Хайримаҳмад, – боз шаш бор нофатро бояд битобам, ҳар рӯз пеш аз хоб. Агар чунин накунем, дард бармегардад.

– Албатта, бегуфтугӯ, мистер Хайримуҳаммад, – Чанд рӯзе бифармоед, дар ихтиёратон ҳастам. Мерси, шукр.

– Ашёи вазнинро набардор, оби хунук нанӯш, дар оби сард танатро нашӯй.

Ангриз аз шодмонӣ дасти Хайримаҳмадро фишурду гуфт:

– Чи инсони меҳрубоне будаед, ман як умр чокаратон шудам. Нэп Элиас ҳастам, ходими давлатхонаи Инглистонам. Агар амре доред, дар хидмататон ҳастам.

Бо ҳамин Хайримаҳмаду Доробшоҳ барои мистер Нэпу хизматгори сиёҳпӯсташ Умар одамони худӣ шуданд. Рӯзи дигар наздики чошт Умар онҳоро ба назди хоҷааш даъват кард. Нэпи тандурусту хушҳол ҳар дуро бо навозиш пешвоз гирифту сари дасторхони пурнозу неъмат шинонд. Вай инсони шӯхтабиат, фозил ва дидадарое будааст. Хайримаҳмаду Доробшоҳ бори нахуст аз гапи вай фаҳмиданд, ки давлатҳои дунё дар ҳудуди ҳамдигар давлатхонаҳо доштаанд. Онҳо чашму гӯши подшоҳони худ буда, касе ҳақ надоштаст, ки ба корашон дахолат кунад. Сипас саргузашти меҳмононашро пурсид. Хайримаҳмад дар хусуси зулми шоҳи Шуғнон, ҷанги чандмоҳааш бо Юсуфалихон, гурехтан аз маҳбас, тарки ватан кардан, шиносоиашон бо Соҳибназари Қаландар ва қарор гирифтанашон дар хонаи ӯ батафсил ҳикоя кард. Нэп бо диққати тамом ин ҳамаро гӯш карду гуфт:

– Бисёр хуб шуд, ки бо Соҳибназар ба Кобул омадед. Дар ин ҷо шумо барои ватанатон хизматҳои бузург карда метавонед.

– Чӣ тавр? – бо ҳайрат нидо баровarданд меҳмонон.

– Табобатро ки охир овардед, ман мегӯям, ки чӣ кор бояд кунед, – бо табассуми малеҳ посух дод Нэп. – Ҳоло Кобулро чакар бизанеду дил хуш бидоред. – Ӯ аз ҳамёни чарминаш пул бароварду панҷоҳфунтӣ дар пешашон гузошт.

Хайримаҳмад пулро баргардондан хост, вале Нэп исрор варзид:

– Дӯстам, ҷони як инсон чӣ қадар арзиш дошта бошад, ман дар наздат ҳамон қадар қарздорам. Ин заррае аз он аст, ки бояд бароятон бидиҳам. То дар Кобул ҳастед, кулли харҷатон бар гардани ман мебошад.

Вақте ки ба ҳуҷраи худ баргаштанд, Доробшоҳ норозиёна гуфт:

– Андувол, на ту, на ман ҷуръат накардем, ки қаламу коғаз бипурсем. Бисёр мехоҳам, ки ҳар чи зудтар навиштанамро такмил бидиҳам.

– Ба пуле, ки дод, худамон мехарем, – посух дод Хайримаҳмад. – Айб аст, ки ҳам пул бидиҳаду ҳам қаламу коғаз бипурсем.

Доробшоҳ, ба мисли ҳар фарди одии кӯҳистонӣ, дар бобати муомила бо пул чизе намедонист. Дар Шуғнон фақирон молу колоро фақат ба молу коло иваз мекарданд. Сокинони як деҳа, дар зарурат, чизи лозимшударо ба якдигар ройгон медоданду мегирифтанд. Ин таомул "ҳамсоя – дастсоя" ном дошт ва яке аз нуктаҳои муҳимми одоби ҷавонмардиву ҳамсоядорӣ ба шумор меомад.

Доробшоҳ фунтро аз кисааш бароварда, паҳлугардон бадиққат тамошояш карду гуфт:

– Аҷабо, зӯри ин кочор[1] ба баҳои коғаз мерасида бошад?

– Бояд расад, – дар дили Хайримаҳмад ҳам шубҳа афтод. – Нарасад, пули худамро ҳамроҳ мекунам. – Ва андешиду афзуд: – Анбариро пурсем, медонад.

Анбарӣ пулҳояшонро аз назар гузаронду гуфт:

– Ба ҳар яке аз инҳо як бозор мол харидан мумкин аст, чи расад ба китобу коғаз. Фақат, вақте ки ба бозор меравед, маро бо худ бигиред, то саррофон фиребатон надиҳанд.

– Саррофаш ягон дузд ё қаллоб аст? – хавотиромез суол кард Доробшоҳ.

– Шахсе, ки пулҳои гуногунро табдил мекунад. Агар нобалад будани одамро бидонад, фиреб доданаш мумкин.

– Намешавад, ки рост ба назди савдогар равем?

– Мешавад, вале пули бозор рупия аст, на фунт. Савдогар намегирад.

Хайримаҳмаду Доробшоҳ тамоман гаранг шуданд.

– Асокаши мо худат мешавӣ, набошад, на танҳо пул, балки худамонро ҳам дар бозор гум мекунем, – шӯхиомез хулоса кард Хайримаҳмад. – Ҳоло ки рӯз сафед аст, биҷунбем.

Онҳо бо мамнуният дар бозори калони серғавғо, ки рӯзи аввал дида буданд, чарх зада, нахуст дафтару қалам, сонӣ тоқиву попӯш, покуву миқроз, ҷӯробҳои нафиси фарангӣ ва чизҳои дигари зарурӣ хариданд. Анбарӣ бозоршиноси беҳамто баромад: даҳ фунташонро бо нархи баланд ба рупия иваз намуд, бо тоҷирон барои ҳар як фулус

---

[1] Кочор – чиз

то сурху сафед шудан баҳс ва ҳар як молро ба дараҷаи ниҳоӣ арзон карда, ҳамроҳонашро ба ҳайрат овард. Вақте ки ӯ бо савдогарон гарми суҳбат мешуд, Хайримаҳмаду Доробшоҳ ягон калима гапашонро нафаҳмида, фикр мекарданд, ки ҳоло аз гиребони ҳам мегиранд. Баъдтар, вақте донистанд, ки ин ҳама ҷанҷолу харҳаша сари як ё ду танга меравад, Доробшоҳ эътироз кард:

– Аро, Ҳанбарӣ, ба ин шавқуне, ки ту мехезонӣ, ман савдогар мебудам, либоси танамро бепул ба ту медодам. Наход, барои ним пул ин қадар ҳарбада кунӣ-а?

Анбарӣ хандиду гуфт:

– Савдо кайф дорад, кайф. Гап дар як фулусу ду фулус не, дар ҳаловати харидуфурӯш аст.

Аммо қобилияти дарки эҳсоси ӯро на Доробшоҳ дошт, на Хайримаҳмад. Онҳо ҳар бори ворид гаштани Анбарӣ ба “ҳафту ҳашт” бо тоҷире, мушт гиреҳ карда, омода мешуданд, ки бо як ишораи рафиқашон ба ӯ дарафтида, адабашро бидиҳанд.

* * *

Рӯзи ҷумъаи ҳамон ҳафта Умар онҳоро ба годие[1] савор карда, ба кӯшки дутабақаи зебое бурд, ки дар маркази Кобул, миёни боғи сердарахте ҷой гирифта буд. Мусофирони шуғниро акнун шинохта намешуд: либосашон тозаву озода, ба по бутҳои локзадаи фарангӣ, ба сар кулоҳҳои пупакдори ҳиндӣ доштанд. Медонистанд, ки дар кӯшк онҳоро Соҳибназари Қаландар ва дӯсти ангрезиашон Нэп интизоранд, аммо ба ин савол, ки аз чӣ ба ду кӯҳистонии фақир ин ду арбоби баландмақом чунин таваҷҷуҳ доранд, ҷавоб намеёфтанд.

– Охон, чи қадар мардуми неканд инҳо! – хитоб кард Доробшоҳ ба Хайримаҳмад, вақте ки аз годӣ мефаромаданд. – Як мӯй некии аз мо дидаашонро кӯҳ карда бармегардонанд.

– Ҳамин тавр менамояд, – қариб ношунаво овоз баровард Хайримаҳмад ва аз паси зангӣ қадам гузошт.

Умар ҳамроҳонашро ба хонаи калоне даровард, ки дарҳои гарони зардфоми чӯбӣ, ду нишастгоҳи дароз ва курсиҳои пуштакдори чармӣ дошту аз чор тирезаи фарохи шишабандиаш рӯшноии зиёд даромада, онро чун рӯз равшан мекард.

Дар курсиҳои чармин Соҳибназари Қаландар, Нэп, як ҷавони бисту панҷ-сисолаи резапайкари фарангипӯш, дар нишастгоҳи даро-

[1] Годӣ – фойтун.

зи зери девори муқобил шаш нафар – панҷ мард ва як зани хушлибос менишастанд. Аввал шайх, сипас Нэп меҳмонро бағалкаш пешвоз гирифтанд.

– Шумо ва Нэп ҳар сеятон имрӯз меҳмони ман мебошед, – бо чолокии одатиаш Соҳибназар Хайримаҳмаду Доробшоҳро бо илтифот аз бозувонашон дошта, ба курсиҳо шинонд. – Марҳабо ба хонаи мо! – Ва аз нигоҳҳои ҳайратомези онҳо рамуз гирифта, ба саволи надодаашон посух дод: – Ин ҳуҷраи аврупоисохти ман аст. Дар ин ҷо меҳмонони аврупоиамро қабул мекунам.

– Шайх, аҷаб гапе гуфтӣ, – шӯхиомез нидо дод Доробшоҳ, – дигар аз ману Хайримамад аврупоитар дар дунё касе нест.

Ин ҳангом зан парида, аз ҷо хест ва ба лафзи рӯшонӣ фарёд кашид:

– Вирод, тāйат Доробшо нисто?[1]

Доробшоҳ низ тунд бархост ва кулоҳ аз сар гирифта, ба миз партофту бо хурсандии шигифтомез бонг зад:

– Йах Марҷон, тā қабулак сāwум, идат тāё?[2]

– Ба он тараф гузару хешонатро зиёрат кун, – гуфт Соҳибназар ва аз дасти Доробшоҳ гирифта, ба ҷониби муқобил гузаронд.

Марҷон гирякунон худро ба оғӯши Доробшоҳ андохт. Ҳаяҷони зан он қадар пуршиддат буд, ки ҳуш бохту мадор баданашро тарк кард. Доробшоҳ вайро шинонду сарашро ба оғӯш гирифта, худ дар паҳлуяш нишаст. Соҳибназар ба истаконе об рехту ба сарашон шитофт.

– Ин қадар ҷони суст доштаӣ, сайида! – хитоб кард шайх ва истаконро ба Доробшоҳ дод. – Бинӯшон, ки ҳушаш ба сар биёяд.

Марди ҳампаҳлуи Марҷон пешдастӣ карду истаконро гирифт ва занро нӯшонд. Дар ҳамин ҳол нигоҳи Доробшоҳ ба рӯйи мард афтиду аз қаъри солҳо чашмони дарёрангу бозигари дӯсти овони кӯдакиаш Балхиёр дар хотирааш эҳё гаштанд.

– Балх! Балхиёр!!

Дар хитоби Доробшоҳ масаррату изтироб ва шакку яқин он қадар тавъам садо доданд, ки ҳатто Нэп бархосту салиб кашид ва ба нимовоз гуфт:

– Модархудоё, банӣ Одамро аз оворагӣ нигоҳ дор!

Аз таъсири оби сард Марҷон ба худ омад. Доробшоҳу Балхиёр ӯро раҳо карда, якдигарро ба оғӯш кашиданд. Чор марди дигар ҳам,

---

[1] Бародар, ту Доробшоҳ нестӣ?

[2] Хоҳарам Марҷон, садқаат шавам, ин туӣ?

ки ҳамагӣ шуғнонӣ будаанд, чун хешу табори худӣ онҳоро канор гирифта, пурсупос карданд.

Ду хизматгори чуст болои миз дасторхон густурда, дар чанд дақиқа онро аз лаъливу лаълича, чумчаву чангча, кордчаву дасторча, шарбату шароб, кабобу гӯштоб, моҳиву мурғ ва меваву сабзавот пур карданд. Бо ишораи Нэп, Умар ба чанд қадаҳ майи сурхранг рехт. Нэп як қадаҳро ба Умар дароз карду ба ҳозирон рӯй овард:

– Ҷанобон! Мо ҳамагӣ шоҳиди лаҳзаи риққатбори баъди солҳои тӯлонии фироқу ҳасрат ба ҳам омадани ин одамони зиндаҷудо гардидем. Бибинед, сарнавишти талх бо инсонҳо чӣ мекунад? Аммо, ман мутмаинам, Худованд ба мо чунин ихтиёр ҳам дода, ки тақдирамонро ба дасти худ бигирем. Бояд донем ва арҷ гузорем, ки агар шайх машаққати сафари Шуғнонро ба уҳда намегирифт, Доробшоҳ сад соли дигар ҳам ба дидори пайвандонаш намерасид. Ман ин пайкро барои соҳиби ин қасри дилрабо, дӯсти донишманду меҳанпарастам Соҳибназари Қаландар менӯшам.

Нэп ва Умар қадаҳҳоро холӣ карда, даст ба сабзавот бурданд. Соҳиби хона гирди миз гашта, ҳар як меҳмонро бо лутфу меҳрубонӣ ба сарфи ғизо ташвиқ намуд. Доробшоҳу Хайримаҳмад, ки бори нахуст сари дасторхони ба шеваи аврупоӣ ороста менишастанд, чи карданашонро намедонистанд. Ба ҷойи хӯрдан ба чи тавр истифода бурдани асбобу ускунаи хӯрокхӯрӣ меандешиданд, ки роҳи косаву табақҳои таъомро баста буданд. Ин асно Соҳибназари Қаландар ба сарашон расида, чумчаҳоро даруни косаи гӯштоб гузошту аз табақи калон ба лаълиҳо кабоб кашид.

– Албатта, дар Рӯшони нурафшон хӯрок мехӯранд, на шишаву оҳан, вале ин таҷруба ҳам ягон вақт коратон медиҳад, – гуфт нимшӯхиву нимҷиддӣ соҳибхона ва меҳмононро аз вазъи нобоб раҳонид.

На Хайримаҳмад, на Доробшоҳ ҳеҷ тасаввур карда наметавонистанд, ки барои сарфи чанд луқма хӯрок ба дасторхон ин қадар зарфу асбоб гузоранд ва зери арақ монда, одоби хӯрдан риоя намоянд. Аз он ки тарзи истифодаи чумчаву шохаро намедонистанд, танҳо об менӯшиданду халос. Вале, ба ҷуз Марҷон, аз рафтори ҳамдиёрони дигарашон маълум буд, ки на як бору ду бор сари чунин дасторхон менишинанд. Марҷон, рӯмоли сарашро ба рӯ кашида, бесадо ашк мерехт.

Нэп ва Умар чун ҳамқадаҳи дигар наёфтанд, ду ҷоми дигарро низ ба саломатии сари соҳиби хона бардоштанд. Соҳибназари Қаландар,

пас аз чанд бор чарх задан дар гирди миз, ба курсиаш нишаст ва бо овози ширадору нарми худ мақсади ҷамъомадро эълон кард:

– Дӯстони азизам, қудрати Парвардигори Азза ва Ҷалларо бингаред, ки моро аз гӯшаҳои гуногуни рубъи маскун, аз моварои ҳазорон фарсанг роҳ, дар хоки поки Кобул баҳам расондааст. Чи ифтихори бузурге имрӯз насиби ҳар яке аз мо гашта, ки кордори бузурги давлатхонаи Инглистон ҷаноби Нэп Элиас ва ду бародари муътабари мо – Хайримуҳаммаду Доробшоҳ аз Шуғнон ба маҷлиси унси мо пайвастаанд. Яке аз бузургони мо чи хуш фармуда:

**Раҳӣ пешат бад-он уммед оянд,**
**Ки соя аз пайи хуршед оянд.**
**Чу вақту ҷой нест, эй зиндагонӣ,**
**Чӣ гуна хоҳам аз ту муждагонӣ?!**

Аммо ҳоло мо аз зиндагонӣ муждагонӣ дорем. Чун дар ин вақту ҷой раҳиёни моро изн дод, то ба дастбӯси ҳамдуволони дурафтодаи худ бирасанд. Ман дар ивази некиҳое, ки аз мардуми Шуғнон дидам, нийят кардам, ки онҳоро дар хонаам ҷамъ биорам ва андаке ҳам бошад, ғубори ғарибиро аз лавҳи синаҳояшон бизудоям. Ҷаноби Нэп ҳам бисёр мехоҳад бо ин қавм дӯстӣ ва наздикӣ дошта бошад. Аллоҳи Таъоло ҳамаи моро ба муроду мақсуд бирасонад!

## ТАҲЛИЛИ ШЕЪР

Қудрат аз хоб сер нашуда бошад ҳам, ба маҳзи ба ёдаш расидани навбати осиёб бо як ҳаракати чобук аз бистар бархоста, дар нимторикӣ аввал курта, танбон, ҷӯроб, баъд пӯстину пех пӯшиду барои он ки ҳамсару бачаҳояшро бедор накунад, дарро бесадо кушода, берун баромад. Аз осмони пурабри моҳи қавс зарра-зарра барфи нуқрафом мерехт. Қар-қари дастаҷамъонаи зоғони сиёҳ ба он далолат мекард, ки барф дар давоми рӯз шиддат хоҳад гирифт. Ҳаво ба сабаби абрнокӣ сарди бад набошад ҳам, кори осиёб фориғболӣ намепарварад. Мабодо чарх ях баста, аз гардиш монад, бар замми бардошти бори маломати мардум, даҳ фай[1] гандумро, барои ба кор андохтани он, ба усто додан лозим меояд. Худо накарда, агар чарх осебе гирад, ними халта ба коми усто меравад.

---

[1] Фай – бели чӯбӣ

Барои Қудрати сербача ҳар пиёла орд қимати як танга тиллоро дорад. Ӯ дар Баҳрхоруғ замин надошт. Волидон, то соҳиби ақлу идрок шуданаш, паси ҳам аз дунё рафтанд. Агар аммааш ӯро бо худ ба Дарвоз, ба хонаи шавҳараш намебурд, Худо медонад, вай ҳам зинда мемонд ё на? Вақте ки дар чордаҳсолагӣ ба зодгоҳ баргашт, хонаашро макони миримушон ёфт. Заминашро хешу ақрабо байни худ тақсим карда буданд. Онҳо ҳеҷ гумон надоштанд, ки Қудрати ятиммонда ба суроғи хонаи падар меояд. Фикр мекарданд, ки шӯйи аммааш, мири Дарвоз – Саидбек, вайро дар ҳамон диёр соҳиби хонаву дар менамояд. Агар дили Қудрат ба хонаи падариву зистан дар ҳалқаи решапайвандон кашол намебуд, шояд як умр маскуни Киврон мегашт. Саидбек дар андешаи хонадор карданаш ҳам шуд, вале гапи ҷавон якто буд: “Ман ба Шуғнон меравам!”. Аммааш ҳам, азбаски як умр ҳасрати зодгоҳ мекашид, бисёр мехост, ки бародарзодааш ба Хоруғ раваду дару парандари бобоиашро обод кунад. Саидбек розӣ шуд, вале, барои он ки мабодо хешу табори занаш вайро ба парасторӣ карда натавонистани ятимбача гунаҳкор нашуморанд, ҳаққашро ҷудо намуда, шахсан худаш ӯро бо асосу палос, косаву табақ, чанд даст мӯзаву либос ба Хоруғ овард. Ҳатто гирифтани ҷомаворӣ, рӯймол ва кафшу мӯзаҳои барои сураш омодакардаро ҳам аз ёд набаровард. Хайрият Саидбек ҳамроҳаш буду оқсақоли Хоруғ ба эҳтироми вай хонаи падарашро, ки як хешаш ба он ҳам чашм ало карда будааст, ба номи Қудрат васиқа кард. Агар Саидбек намешуд, яқинан, хешовандонаш ӯро гашта ба Дарвоз мефиристоданд.

Қудрат ба осиёб расид. Дар хомӯшии сабоҳи мардон садои чархиши забарсанг мураттаб ба гӯш мерасид – парраҳо ях набастаанд. Дилаш пур шуд. Лукро аз зулф бароварду дарро кушода, дарун даромад. Тавонг[1] аз орд пур шуда буд. Аз дӯр[2] донаҳои охирини гандум сарозер мешуданд. Панҷ дақиқа дер мекард, забарсанг аз бедонагӣ худро месоид. Вай як буҷин гандумро озод бардошта, ба дӯр рехту сигзбандро андаке кашид. Нойи дӯр фарохтар гардиду микдори донаи резанда бештар. Сипас ба холӣ кардани тавонг пардохт. Сулфидаву нафастанг шуда, ордро бо фай ба буҷин бардошту сап-сафед шуда, берун баромад. Пӯстинашро кашиду ба барф шаппонда, тоза кард. Тиббитро ҳам ба танаи беди лаби ҷӯй зада, гардашро афшонду

[1] Тавонг – ташти сангини зери осиёсанг, ки орд дар он ҷамъ гардад.
[2] Дӯр – зарфи аҳромшакли сарозер барои рехтани гандум.

ба сар гузошт. Чун мутмаин гашт, ки пок шудааст, пӯстин ба бар карду луки дарро гузаронда, роҳи хонаро пеш гирифт.

Рӯзи беофтоб равшан мешуд. Барф аз сари қуллаҳои осмонбӯс то пасттарин ҳамвориҳои Хоруғро ба ранги сафед наққошӣ карда буд. Ҳатто шохсори дарахтон ҳам симандуд гашта, ҳар яке дар алоҳидагӣ, бо шаклу намудҳои булаҷаби худ, мусавварахои афсонавиро ба хотир меоварданд. Ҳар унсури ин маҷмааи зебоӣ ба сари худ бинандаро дар шигифт мегузошт. Шоири мафтунгашта ба шоҳроҳ баромада, истод, нафас боздошту гӯшбақимор истод. Сукути мутлақ ҳукм меронд. Ҳатто зоғе "қар" намегуфт. Зоғон ҳам гӯё ба садои пурасрори рехтани заррахои гардунсайри барф гӯш дода, ба хотири нашикастани оҳанги ин нафосат, овози дағалашонро дар гулу бастанд. Шоири фараҳёфта чашмонашро пӯшид. Вай мехост садои деринтизори зимистонро бишнавад. На ин ки бишнавад, балки бо гӯши дил дарёбаду аз байни тӯдаҳои барф чун оҳанрабо берун кашад. Он шабеҳи ҷарангоси зангӯлаи ноаёнест, ки рӯ-рӯи барф ба борикии ришта ва суръати нур давида, дар як мижа задан ба чор тараф нопадид мегардад. Барф чи андоза баланд бошад, эҳтимоли шунидани ин садо ҳамон қадар бештар аст.

Аммо ба ҷойи он ғарч-ғарчи якмароми поеро шунида, чашм боз карду ҷониби овоз нигарист. Аз дурии дусад-сесад қадам саворе меомад. Қудрат даме наззорааш карду роҳашро давом дод. Аз дуди мӯрӣ маълум буд, ки занаш барои субҳона ош мепазад. Қудрат ба пушти хона гузашту дари оғилро кушода, гову молашро берун баровард. Бо нардбон ба бом баромада, аз байни лайи алаф се-чор дарзаро кашид ва бандҳояшонро кушода, рӯи замин тит кард. Ҳайвонҳо саросемавор ҳамдигарро тела додаву шох зада, ба он дарафтоданд.

– Ба шоири бузурги Шуғнонзамин, нури дидагону тоҷи сари нухбагон, салом ва таъзиму игром!

Қудрат ба ҳавлӣ нигарист. Савори дар шоҳроҳ дидааш дар пеши хона аз болои асп ӯро шодбош мегуфт. Зеҳн монд, вале нашинохташ. Одоби гапзаниаш дили шоирро даррав ба ӯ моил сохт.

– Валайкум ассалом, раҳгузари шаҳсувор, марҳамат фармой.

То Қудрат бомро ним давр гашту сари нардбон омад, ки савор аз асп фаромада, дар таги он истода буд. Бе мадади дастон, қадрост аз нардбон фаромадани соҳиби хона боиси хушнудии ҳайратомези меҳмон гашт.

– Чашм нарасад, номи Худо, бози паррон будаӣ, – хитоб кард меҳмон ва синаи фарохашро кушода, Қудратро оғӯш гирифту чашмонашро бӯсид. – Хоги поят шавам, эй суханвари беназиру ситораи тобони осмони адаби мамлагат! Ман яг мухлиси ношуду нолоиқи туам. Исмам Ғазанфар, аслам аз Ғунд, горам муҳассилист. Аз роҳи дароз дар ин зимистони сард ба гулбонги ту омадам.

**Рафт овозааш ба Балху Бухор,**
**Ҳама шоҳу гадо қаландар шуд.**
**Қудрати хушхаёлу равшанфигр**
**Хоги по аз барои дилбар шуд.**

Қудрат, ки дар умраш ба ин гуна марди бетакаллуфу китобигуфтор бори нахуст дучор меомад, чи гуфтанашро надониста, чун ғазали худро шунид, таоруф кард:

– Дар Ғунд ҳам шеърамро мехонанд?

Ғазанфар рӯҳ гирифт:

– Хондан чӣ, месароянд! Суре нест, ки созандаҳо нахонанду раққосон парной[1] нагашанд.

– Ба ҳавои ман омада бошӣ, ба хона даро. Одами чақчақии зирак менамоӣ.

Меҳмони нохонда ба Қудрат сахт писанд омад.

– Ҳазор раҳмат, шоир, ман хари сиёҳи оғилат шавам. То савғотиамро қабул нагунӣ, ба хонаат пой намегузорам.

Меҳмон банди чилбурро кушоду ҷуволеро аз асп фароварда, сари китф гузошту ба даҳлез даровард.

– Ин чист? – соҳиби хона ҳайратзада аз паси ӯ қадам гузошт.

– Гӯшти нахчир. Барои ҷиянҳоям овардам. Дар ин сармо шурбои гарми сермурч хӯранд, гасал намешаванд.

Рафтору гуфтори ин марди серҳаракату зиндадил чунон самимиву табиӣ буд, ки бачаҳои Қудрат дар гирди ӯ парвона шуданд. Пас аз хӯрдани ош Ғазанфар дуои дарозе хонду ба хонадон баракат хост.

– Хуш омадӣ ба диёри мо, бародар. Аз боло омада бошӣ, аз поён омада бошӣ, аз ҳар куҷо, ки омадӣ, ҳатман хаста шудӣ, дам бигир.

– Дар забонат асал, ман дар Баҳрпанҷа горе дораму соате пас бармехезам. Агар аз мақсадам савол гунӣ, савганд ба дидорат, ги ас-

---

[1] Парпарзанон ракс кардан

лан ба ҷуз аз диданат чизе нест. Аммо таманное ҳам дорам. Агар иҷозат бидиҳӣ, арз гунам, агар на, хайр.

– Агар аз дастам барояд, бар ҷону дил.

– Чунин гор дар тамоми мамлагат фақат аз дасти ту мебарояд, эй марди пурдурдаҳон! Ҷонам ба фидоят. Мани хомхаёли пошнатаргида гоҳе машқи шеърнависӣ мегунам. Барои чунин густохиву галлапурбодӣ ба сарам хоги сиёҳ! Легин ба дил гуфтам, ки хиҷолати тамоми шармандагони оламро бигашам ҳам, боре ин чарандпарандҳоямро аз назари муборагат бигзаронам.

Қудрати аз гуфтори Ғазанфар мафтуну ҳайронгашта гуфт:

– Ба ин забону баёне, ки дорӣ, ман бояд шеърамро назди ту биозмоям, бародар. Дар кадом мадраса таҳсил кардаӣ?

– Валлобилло, агар рӯи мадраса дида бошам. Падарам саводамро бароварду худ ин оҳанро хоидам[1]. Ҳоло дар назди магтабдори деҳа Галомуллоҳ азбар мегунам.

Қудрат “субҳоналлоҳ!”-гӯён мавҷи тааҷҷубро аз сина сар доду пурсид:

– Чандсола шудӣ?

– Панҷоҳ, шугри Парвардигор.

Соҳибхона мехост гӯяд, ки дар ин синну сол дар мактаб шогирд истодан хандаовар аст, аммо худдорӣ карду гуфт:

– Бисёр навиштаӣ?

Ғазанфари маътали ҳамин ишора даст ба кисабағал бурда, як бастаи чармин баровард ва чорзону зада, таъзимкунон назди ӯ гузошт.

– Бисмиллоҳи раҳмониррахим, балои бачаҳот ба сарам.

Қудрат аз даруни ҷилд чанд коғаз бароварда, ба дасти Ғазанфар дод:

– Бихон.

– Дар чашмот бимурам, худат хон. Ман ибо мегунам.

– Савод медоштам, шеъри худамро ба коғаз менавиштам.

Ғазанфарро гӯё барқ зада бошад, чанд сония бо даҳони воз, ноҷунбон, ба рӯйи Қудрат дида дӯхт.

– Чӣ хел ... яъне, навишта наметавонӣ?

– Наметавонам, алифро аз таёқ фарқ намекунам, – гуфт бепарвоёна Қудрат.

---

[1] Оҳан хоидан – дар Шуғнон ба маънии илм омӯхтан ба кор мерафт.

Ғазанфар чашмони калони пиёламонандашро аз ҳайрат нимпӯш кард.

– Дарам баста гардад, агар бовар гунам! Баъд чӣ хел шеър менависӣ?

– Наменависам, мегӯям.

– Мактаб нахонда бошӣ, порсӣ аз куҷо медонӣ?

– Ман дар Дарвоз калон шудаам, тақсир. Забони зиндаи порсиро медонам. Ятим, ки будам, касе дар андешаам набуд.

Ғазанфар ба аломати афсӯсу надомат – ё аз он ки муродаш ҳосил нагардид, ё аз бесаводии шоири машҳур – сар ҷунбонду хитоб кард:

– Горест боварнагарданӣ. Охир, шеъри туро мардум азбар мехонанд, легин шеъри Саидҷаъфарро не. Ҳол он ки вай на фақат савод, балки мактаб дораду таълим медиҳад.

– Гап дар он, ки Ҷаъфар китоб хонда, шеър менависад, ман зиндагиро шеър мекунам.

Сари Ғазанфар тамоман гаранг шуд. Дигар чӣ гуфтанашро надониста, коғазҳояшро ба ҷилд андохтан гирифт, аммо Қудрат монеъ гашт:

– Бихон, охир, ё бесавод буданамро дониста, аз раъят гаштӣ?

– Рост? – чашмони Ғазанфар барқ заданд. – Ман фақат мехоҳам бидонам, ки навиштаамро дар маъракаҳо бихонам ё на. Илоҳо, ниёзмандат бимирам.

– Бихон, ман ба ҷону дил гӯш карда, фикрамро мегӯям.

Ғазанфар вароқи аввалро ба даст гирифту хонд:

**Харгӯши ҷангалат шавам, эй шоҳ Юсуфалихон,**
**Гӯрмуши чоҳи ту шавам, эй шоҳ Юсуфалихон.**
**Рӯзе ба мани мискин назар кунӣ аз дурӣ,**
**Оҳуи пуштаат шавам, эй шоҳ Юсуфалихон.**
**Бо галла медавам, кунӣ агар ба ман ишорате,**
**Бо аспам фидоят шавам, эй шоҳ Юсуфалихон.**
**Ман аз амрҳои ту сар ба осмон мегашам,**
**Саги даргоҳат шавам, эй шоҳ Юсуфалихон...**

Ғазанфар, барои он ки таъсири шеърашро донад, тавaққуфе карду ба рӯи Қудрат нигарист. Шоир бо ду даст даҳонашро пӯшида, аз шиддати хандаи сарнадода суп-сурх, гӯё болои лахчаҳои оташ менишаст.

– Чӣ хел? – пурсид Ғазанфар бетоқатона.

Қудрат ба эҳтироми меҳмон хандаашро фуру бурду гуфт:

– Хеле бад.

– Наход? – Ғазанфар нобоварона ва ба умеди тараҳҳум ба шоир нигарист.

– Бо ин гуна шеър хандахариши маърака мешавӣ, андувол. Ғайр аз ин, шоир набояд дар назди шоҳи золим гардан каҷ кунад.

– Чӣ хел золим? – ба овози шикаста пурсид Ғазанфар.

– Одаме, ки падарашро кушт, магар золим нест?

Ғазанфар аз нороҳатӣ пушти сар хорид.

– Ё ягон мансаб гирифтан мехоҳӣ?

– Шоҳ маро ба ҳузураш даъват гардааст. Барои мулоим гардани дилаш ин чизҳоро навиштам. Мабодо ...

Ӯ гапашро давом надод. Қудрат дар чашмонаш сояи тарсро мушоҳида карду гуфт:

– Ягон гуноҳ кардаӣ-чӣ?

– Гадом бандаи Худо бегуноҳ аст? – номуайян посух дод меҳмон ва афзуд: – Дили шоҳонро гӣ медонад?

Қудрат дарёфт, ки Ғазанфар гапе дорад, ки гуфта наметавонад. Дилаш сӯхт. Каме фикр карду чунин маслиҳат дод:

– Агар хоҳӣ, ки дили Асфалӣ мулоим шавад, дар наздаш ҳамин шеъратро бихон.

– Ҳаминро?! Ин шеър набудаст-гу.

– Солим нест, лекин дили вайро фақат ҳамин чиз мулоим карда метавонад. Бовар кун.

– Саги даргоҳат шавам, ҷон шоирҷон, наход ҳамин гор диҳад?

– Бовар кун, бародар. Агар кор надод, биёву ришамро қоқ битарош.

– Қурбони ҳар тори ришат, ки яг фариштаи Худост, аз гуҷо медонӣ, ки гор медиҳад?

– Ин шеърро ба ҳамин нийят навишта бошӣ, ҳеҷ чизи дигар ҷояшро гирифта наметавонад. Дили шоҳро фақат ҳамин тир мешикофад. Дигар ҳеҷ чиз.

Маслиҳати ғайриодии шоири машҳур ба Ғазанфар писанд омад. Ӯ коғазҳояшро боэҳтиёт ба талича андохту аз ҷо хест, ба шоир се бор таъзим карду даст ба дуо бардошт.

# ВАДАКСУР

Садои ҷунбуҷули одамон ва ҷарангоси дегу зарфҳо дар пушти хона аз шурӯъ гаштани маърака дарак медоданд. Барои қафо намондан аз тамошо, Сарвиноз гилеми қатмаи гарми сурхеро, ки соҳибхоназан барояш дода буд, пӯшиду ба Вадаке, ки рӯзи нахустини ба ҳуш омадан, боиси масхарааш дар назди соҳибони хона гашта буд, бо лабханд нигариста, ба рӯяш ҳупоқе заду поварчин ба саҳни ҳавлӣ баромад. Чанд мард буққаи зардрангеро, аз банди шохаш кашидаву тела дода, барои куштан ба майдончаи болои хона мебурданд. Занон барои пухтани хӯрок давутоз доштанд.

Хонаи Шайдо дар пуштакӯҳи ҷануби Сарез воқеъ гашта, аз рӯи даргоҳи он тамоми деҳа, чун дар кафи даст, намоён буд. Деҳа дар ду ҷониби рӯди сероби Марғов ҷой гирифта, анбон-анбон[1] заминҳои кишт, анбӯҳ-анбӯҳ ҷангалзорони сердарахт дошт. Дар ин субҳи босафои тирамоҳ, чакалакҳои даравшуда, бешаву марғзорони хазонрез, ҳатто пуштаву доманакӯҳҳо, дар партави шуълаҳои ба тозагӣ сарзадаи хуршед, зарандуд тофта, Сарезро ба қишлоқи тиллоие монанд карда буданд, ки Сарвиноз афсонаи онро борҳо шунидааст. Аз равзани даҳҳо хона дудҳои морпеч баромада, ба маҳзи баланд гардиданашон ба ҳаво, шаклҳову рангҳои гуногун гирифта, осмони софи деҳаро ба нигористони ҳазорнақш табдил медоданд.

“Ҳатто дуди деҳаи ман ин қадар зебост!” – зери лаб хитоб кард зан ва ҳавои тозаи дармонбахшро ҳарисона дам кашид. Дилаш фараҳ ёфт. Кудурат аз ҷонаш бархост. Худро сабук ҳис кард, ҳатто ҷарангоси гӯшҳояш ношунаво гашт. Ҷойи онро садои гову моле гирифт, ки аз даҳҳо хона баромада, қисме ҷониби пушта, қисме ба сӯи дашту заминҳои даравшуда мешитофт. Сарвиноз аз кунҷкобӣ ба шумориши хонаҳо пардохт. Даҳ, бист, панҷоҳ, ҳафтод ... Ба ҳафтоду ҳафт расид, ки аз пасаш овози Палпал баланд шуд:

– Лекин маро намепурсӣ? Даҳ даҳаку шаш даҳак[2]. Се даҳаку се ӯ бари дарё, боқӣ ин бари дарёстанд.

Бо шунидани чунин тарзи ҳисоб, қалби Сарвиноз лаҳзае аз тапиш бозистод: модари дилбандаш ашёро ҳамин хел мешумурд! Бо меҳри бепоён дасти Палпалро гирифта, бари рӯяшро бӯсиду гуфт:

---

[1] Анбон – ченаки замин

[2] Δус δусакат хӯw δусак (ҳисоби шуғнонӣ-рӯшонӣ) – яксаду шаст.

– Салом, духтарҷон! Сарез ин қадар калону зебо будаст! – Ва даҳон ҷуфт карда, пурсиданӣ шуд, ки “Хонаи Пасор дар куҷост?”, вале аз бими ошкор шудани сирр, ҳамоно аз раъяш гашт.

Палпал аз дасташ кашид.

– Хусурам гуфт, ки тепкашол карда, ба хона дарорамат. Каме ҷон гирифтӣ, лекин, бодӣ шудӣ.

Сарвиноз бо дили нохоҳам аз пасаш равон шуд. Палпал бидиррос суханашро давом дод:

– Имрӯз ид дорем, Вадаксур мегузаронем, туро ҳам бояд орову торо диҳем. Тамоми халқ ба хонаамон меояд. Лекин, аҷаб тамошое мешавад! Сарезбазм мекунем!

– Ин қадар мардумро дар куҷо мешинонед?

– Болои сарамон, лекин! – қиқирроси баланд зад Палпал, – замини Худо фарох аст, базм бошад, ҷой меёбем.

Онҳо дастибадаст ба хона даромаданд. Шайдо ҳамроҳи чанд мард дар сӯфа, занон дар гирди Сабзпарӣ болои танӯр нишаста, ош меошомиданд. Баробари пайдо шудани Сарвиноз, Сабзпарӣ чолок фаромаду барояш фурсати салом ҳам надода, бо нидои “Шогун шавад, муборак бархостан аз беморӣ!”-гӯён вайро ба суфаи поён баровард, шинонду ба Палпал рӯ овард:

– Равғаншӯрбо[1] биёру худат ҳам бо меҳмон бихӯр.

Аз мард то зан, ҳамагӣ ба Сарвиноз дида дӯхтанд. Вай хиҷолат кашиду рӯяшро ба як бари шол паноҳ кард.

– Муборак шавад, духтарҷон! – хитоб кард хӯҷаини хона, – Шукри беҳад Парвардигорро, ки дар ин рӯзи муборак туро бапо хезонд. Иди Меҳрбонӣ иди худат мешавад. То баргаштани мо аз хонаи арӯс, занак барои ту ҷомабуррон мегузаронад. Дилхушӣ карда, ғами дилатро мебарорӣ.

Сарвиноз аз гапи Шайдо ҳайрон шуд, зеро маъракаи “ҷомабуррон”-ро танҳо барои арӯсу домод барпо мекарданд. Барои ҳамин беҷуръатона пурсид:

– Шумо маро шӯй доданиед, тағо!

Мардону занон баробар қоҳқоҳ заданд. Рӯи Сарвиноз аз ғояти шарм сӯхт. Сабзпарӣ ӯро аз ҳоли ноҳинҷор баровард:

---

[1] Равғаншӯрбо – гардсӯз

– Пурра сиҳат шавӣ, шӯй ҳам медиҳем. Ба ту барин зани хушрӯй даҳҳо талабгор мебарояд. Лекин имрӯз нийят ин аст, ки бароят пӯшок дӯзем.

– Барои чӣ? Ман ба шумо на аз валӣ хеш бошам, на аз васӣ. Ин чӣ маънӣ дорад?

– Духтарам, барои сарезиҳо баҳонае лозим аст, ки дилхушӣ кунанд. Агар занакҳо ба чунин қарор омада бошанд, гапашонро пири мулк ҳам гардонда наметавонад.

Сарвиноз сар ҷунбонду дигар дам назад. Зеро акнун сарфаҳм рафт, ки ин корро барои он мекунанд, ки вай, дар ҳақиқат, либос надошт. Либоси даридаи танашро бароварда, куртаву поҷомаи фарохи соҳибхоназанро ба вай пӯшонда буданд. “Аҷаб мардуми баландҳиммату сахиянд ҳамдиёрони ман! – бо ифтихор аз дил гузаронд ӯ – Кош, пойтахти Шуғнон Сарез мебуд”.

Баъди он ки Сарвиноз аз хӯрдан фориғ гашту дасторхонро бардоштанд, хона аз мардум пур шуд. Халифа ва калонтарони деҳ дар суфаи боло, созандаву навозандаҳо дар кунҷ ҷо гирифтанд, дигарон, ҳар кас мувофиқи мартабаи худ, ҳар ду суфа ва ҳатто чаҳлаку пойгаҳро пур карданд. Сарвинозро ҳамроҳи чанд зани обрӯманди деҳ дар суфаи паст, занони дигарро, тибқи одат, дар суфатанӯр шинонданд. Аз гирду навои хона овози ҳайқириғи бачаҳо ба гӯш расида, маъракаро шаҳомати тоза мебахшид. Дили Сарвиноз ба ёди Гулнози гумшудааш тазйиқ хӯрд. Табъаш хира шуд. Барои он ки занони ҳамнишин хира гаштани табъашро пай набаранд, рӯяшро пӯшонд ва чашмони намзадаашро номаълум пок кард.

Муддате пас дасторхон густурданду аввал табағӣ, баъд шикана[1] оварданд. Ҳама хомӯш саргарми сарфи таом шуданд. Ба хотири назокати ҳамтабақӣ, Сарвиноз гоҳ-гоҳ даст ба табақ мебурд, аммо ҳушу ёдаш ба мардум банд буд. Ба умеди дидани чеҳраи фаромӯшшудаи падар, аз роғи сарандоз рӯи ҳар як марди маъракаро синчакунон аз назар мегузаронд. Ба ҳар як ҳарфашон диққат медод, ки яке номи падарашро ба забон оваранд. Вале, ҳайҳот, меҳмонон танҳо ба ҳамтабақони худ гап мезаданд ва он ҳам чунон паст, ки чизе шунида намешуд.

Вақте ки дасторхонро бардоштанду халифа дуо хонд, банохост тахти ҳаёҳую ғиреви мардум, хирси бадҳайбате наъракашон ба хона даромад ва дар пойгаҳ нишастагонро задаву тела дода, бадар ронду

---

[1] Шикана – хӯрокест иборат аз нон, шӯрбо ва гӯшт, ки дар корсон кашанд.

барои худ ҷой холӣ кард. Агар пехҳояш наметофтанду ширинкор буданаш ошкор намешуд, яқинан, Сарвиноз аз тарс рӯ ба гурез мениҳод. Созандаҳо мақом навохтанд. Хирс худро ба ҳар навъе ҷунбондаву овозҳои ҳархела бароварда, ракс мекарду ҳозирон қоҳқоҳ механдиданд. Ин асно, шикорчие камон дар даст, даромаду худро ба замин партофт ва хирсро ба нишон гирифт. Азбаски хирс ҳар сония ҷой иваз мекард, шикорчӣ, барои дуруст нишон гирифтан, гоҳ хеставу гоҳ хазида, бо ҳаракатҳои хандаовар базмро бештар метафсонд. Кулӯхакзанӣ[1] сар шуд: тамошобинон ҳам ба хандаву шавқун маҳдуд нашуда, хирсу шикорчӣ ва ҳамдигарро бо чормағзу ғулинг задан гирифтанд. Ҳатто аз равзан ба хона кулӯхак меандохтанд. Дар авҷи базм, банохост, хирс ба як ҳамла, шикорчиро зада афтонд ва ба гулуяш пой гузошт. Ҳаёҳӯю мусиқӣ пасанда шуд. Хирс даври шикорчӣ гашта, бо ҳаракоти хандаовар, гоҳ ба по, гоҳ ба даст, ӯро шапаллоқ зада, донистан хост, ки вай мурдааст ё не. Мард намеҷунбид, аммо хирс ба мурданаш бовар надошт. Бинобар ин, ба кандани торҳои ришаш даст зад. Ҳар торашро, ки меканд, шах шуда, ба рӯяш нигоҳ мекард. Чун ба ин ҳам қонеъ нагашт, яктаҳашро кашида, мӯи синаву шикамашро кандан гирифт. Баъд таҳти хандаи тамошобинон, даст ба фаровардани танбонаш бурд. Шикорчӣ дудаста нефаашро қапид. Хирс ба хашм омада, ҷонибе давид, то санге бардошта, бо он шикорчиро зада, ҷонашро барорад. Дар ин фурсат шикорчӣ аз ҷо ҷаҳида, танбонҳояшро дошта, рӯ ба гурез овард. Хирс аз пасаш сур карда, аз хона баромад. Хандаву кулӯхакзанӣ аз нав авҷ гирифт.

Ин ҳангом як даста зан, дар суфатанӯр, ба навохтани даф шурӯъ карданд. Сабзпарӣ дар сӯлак бар табақе лахча бардошта, онро ба лаби танӯр гузошт ва ситирахми равғанолудро болояш рехт. Хона дар як дам аз дуди гуворо пур гашт. Ин асно дар кушода шуду таҳти нидоҳои шӯхиомези "Вадак омад, патак бархез!", Вадак сари дӯш, ҷавоне даромад ва ӯро дар суфаи боло, дар ҷое, ки домодро мешинонанд, ба девор рост кард. Ду ҷавони пасшоҳ[2], ончунон ки қоида аст, ба сар тоқиҳои сурх, ба тан либоси тозаи шинам, дар ду бари Вадак нишастанд. Сарвиноз ангушти ҳайрат газид, зеро ҳеҷ гумон надошт, ки лухтаки ҳамхонаашро ҳақиқатан ҳам домод мекунанд. Бо "Омин!"

---

[1] Кулӯхакзанӣ – дар ҷараёни базм бо қанду курс ва чормағзу қоқ задани ҳамдигар.
[2] Пасшоҳ – ду ҷавоне, ки вазирони шоҳ-домод ҳисоб ёфта, ӯро дар тамоми маъракаҳояш ҳамроҳӣ мекунанд.

гуфтани халифа, ҳама хомӯш шуда, даст ба дуо бардоштанд. Халифа фотеҳаи муборак хонду сипас, марди ҳузарберо, ки ба шаҳсутун такя зада менишаст, нишон доду хитоб кард:

– Паҳлавон Зиреҳбонро ясавули маърака таъйин кардам ва адабчӯбро ба ӯ биспурдам! – Халифа калтаки дар пушташ хобидаро ба вай дароз кард. – Итоаткоронро меҳрубонӣ, беитоатонро чӯби султонӣ!

Зиреҳбон адабчӯбро се бор рӯи пешонӣ гузошт ва рӯ ҷониби Вадак даст ба дуо бардошт: "Тахти подшоҳ – бахти подшоҳ, теғаш бурро, душманаш зери по!" ва дасти халифаро бӯсиду дар паҳлуяш рост истод.

Соҳибони хона Шайдою Сабзпарӣ назди халифа рафта, дасташро бӯсиданд. Сартарошон сар шуд. Дар ғалбери калоне либос оварда, назди шоҳ гузоштанд. Созандаҳо даст ба дафу рубоб бурданд.

Фардбайтхон:

**– Имрӯзак чӣ рӯз? Сартарошоне,**
**Сараки шоҳ тарбузи ғелоне.**

Ҳамсароён:

**– Имрӯзак чӣ рӯз? Сартарошоне,**
**Сараки шоҳ тарбузи ғелоне.**

Пасшоҳи дасти рост поку гирифту саллаи Вадакро кушод ва хитоб кард:

– Ясавуло, сари шоҳ кал будаст, падарашро пурс!

Ясавул бо калтак ба сари Шайдо давид ва чанд зарбаи сабук ба пушташ фаровард:

**– Ба ин сари кал, туӣ муваккал,**
**Товонашро деҳ, накун ту кал-кал**[1]**.**

Шайдо аввал неву нестон кард, вале таҳти фишори ясавул тоқиеро аз кисабағал бароварда, ба ясавул дод. Зиреҳбон тоқиро гирди сар чархондаву рақс карда, ба зери пои шоҳ партофт. Пасшоҳ даст ба пешонии шоҳ гузошт. Фардбайтхон:

**– Имрӯзак чӣ рӯз? Сартарошоне,**
**Пешонии шаҳ тахти Сулаймоне.**

---

[1] Кал-кал – гапи бисёр

Ҳамсароён:

**– Имрӯзак чӣ рӯз? Сартарошоне,**
**Пешонии шаҳ тахти Сулаймоне.**

Пасшоҳ:
– Ясавуло, поку кунд баромад, инро кӣ оварда бошад?
Касе гуфт:
– Сарадбайг овард.
Чанд нафар шоҳидӣ доданд:
– Бале, Сарадбайг овард, бо ду чашми худ дидем.
Ясавул аз гиребони Сарадбайг дошт:

**– Ё товони покуро бидеҳ,**
**Ё гардан ба теғаш бинеҳ!**

Пас аз кашокаши кӯтоҳ бо мухотаб, ясавул кордеро бо ғилофаш аз Сарадбайг ситонда, бо лаъбу бозӣ ба дасти пасшоҳ дод.
Овохонон:

**– Имрӯзак чӣ рӯз? Сартарошоне,**
**Рӯяки шаҳ моҳи тобоне.**

Пасшоҳ:
– Ясавул, ту куҷоро нигоҳ мекунӣ? Шоҳи мо риш надорад! Назди арӯс шарманда мешавем.
Ясавул:
– Вадакро кӣ ба дунё овард?
– Усто Зарик.
Ясавул бо нигоҳаш Зарикро кофта, ёфту ба сараш давид:
– Ё товони риш бидеҳ, ё ришатро қоқ метарошам!
Усто гурехтанӣ шуд, ки чанд кас аз доманаш қапида, фарёд кашиданд:
– Ясавуло, ин гунаҳкорро аз даст надеҳ!
– Ришашро бикану ба Вадак часпон!
– Ба хонаи арӯс ғуломаш бар!
Ясавул бо калтак ба пушти Зарик зада, оқибат бо гирифтани як носкаду аз “гуноҳ”-аш гузашт.
Сарояндагон базмро давом медиҳанд:

**– Имрӯзак чӣ рӯз? Сартарошоне,**
**Яктаҳи шаҳ нуқрагиребоне.**

Пасшоҳ:

– Ту чӣ гуна ясавулӣ, ки яктаҳ гиребон надорад!

Ясавул:

– Ин хел яктаҳи ноқисро кадом нозанин дӯхта бошад?

– Холааш Моҳпайкар, – ҷавоб дод касе.

Чанд зан якбора садо баровbooрданд:

– Бо ду чашми худ дидем, бо ду даст парвосидем, Моҳпайкар оварда буд.

Ясавул ба суфатанӯр баромада, ба пушти Моҳпайкар, ки зери рӯймоли зане сар ниҳон кардааст, чанд зарба навохт ва ӯро тахти фишор гирифт. Моҳпайкар, ҳарчанд кӯшид, ба ясавулу занони атрофаш муқовимат карда натавонист ва ангуштпонаеро дар кафи ӯ гузошт.

Сарвиноз чунон маҳви тамошои ин базми гарму самимӣ гашт, ки тамоми ғуссаву ғами олам аз ёдаш рафт. Вай дар базмҳои бисёри калону хурди дарбор иштирок карда, ҳунарнамоии машҳуртарин одамонро дидааст, аммо ин дилхушии одӣ чизи дигар аст! Халқ барои шод кардани дили якдигар, барои сарҷамъиву ризои хотири ҳам чунин маъракаи дилписандро сохтааст! Оре, агар ҳокимон аз халқ тарсида, ба ҳар баҳона озораш надиҳанд, халқ худ медонад, ки чи сон зиндагӣ кунад. Нонашро ҳам меёбад, мулкашро ҳам обод мекунад, шарафи инсониашро ҳам нигоҳ медорад. Аммо вақте ки ҳокими золим миёни мардум медарояд, тавозуни зиндагӣ вайрон мешавад, дар синаҳо кинаву адоват меафтад, орому саботи ҳаёт барҳам мехӯрад. “Худоё, Худовандо, дар сари ҳеҷ ҳокиме ҳавои Бартанг наафканӣ!” – зери лаб дуо мекард Сарвиноз.

Ясавул “барои танг будани мӯза” бо ду зани ҳамсоя, ки бинобар тасдиқи ҳозирон, гӯё онҳо харида бошанд, кашокаш дошт.

– Чашмотон дар куҷоянд, ки якеро сурх харидаед, дигареро зард? Магар шоҳи мамлакатро масхара мекунед?! – уштулум мекард Зиреҳбон. – Товони зарарро бароред, набошад, шоҳ анборатонро ба хонаи худ мекашонад.

Боз ғалоғулаи пурнишоти аҳли маърака ба фалак печид. Кулӯхакзанӣ авҷ гирифт. Ясавул аз занон ҷарима ситонда, ғолибона китфу даст ҷунбонда, арғушт рафт.

Сартарошон бо суруди “Шоҳи зебоние, курта-гиребоние” ва рақси дастаҷамъона ба охир расид. Халифа бархоста, бо овози баланд номи онҳоеро, ки ба хонаи “арӯс” мераванд, эълон кард ва

дуои сафар хонд. Пасшоҳон Вадакро аз ду ҷониб бардошта, роҳи сафар пеш гирифтанд.

Суруд, рақс, шавқуну ҳангомаи осмонкаф дар берун ҳам давом кард. Пасшоҳи дасти рост бо Вадак ба асп савор шуд ва ӯро бо рӯймоле ба пушташ баст. Пасшоҳи дуюм ҷилави аспро гирифт ва "аҳли рикоб" саворaю пиёда аз дунболашон ҳаракат кард. Азбаски хонаи "арӯс" дар канораи дигари деҳа воқеъ аст, раҳбараҳ одамони зиёд – чи хурду чи бузург, чи зану чи мард, бо ҳаёҳӯю шӯхию бозӣ ба суракиҳо ҳамроҳ мегарданд. Сарез ба тарабгоҳи азиме табдил ёфт.

Сарвиноз бо чанд зан ва марди хоҷагӣ дар хона монданд. Рӯҳи ҳама болида, вақташон хуш буд. Шайдо як банд ҳезумро ба даҳани танӯр тела доду ба занаш рӯ овард:

– Меҳмонамон аз шиканаат луқмае ба даҳон набурд. Ягон авқоти табъи дилашро тайёр кун.

Зан, гӯё мунтазири ҳамин амр бошад, бо ду ҷаҳиш аз танӯрсуфа ба назди Сарвиноз фаромаду гуфт:

– Хоҳарҷон, ширбат пазам, амоч пазам, ҳалво пазам? Дилат чӣ мехоҳад?

– Валъамат, чи қадар ки тавонистам, хӯрдам. Дигар ташвиш на-каш, ки куфрони неъмат мешавад.

Сабзпарӣ "куфрони неъмат"-ро нафаҳмида, ба шавҳараш чашм дӯхт.

– Одами хондагӣ менамоӣ, хоҳар, – Шайдо ба суфа баромаду дар наздашон чорзону нишаст, – ин хел гапҳоро зани бесаводи ман аз куҷо медонад? Росташро гӯям, худам ҳам намефаҳмам.

– Ман ҳам шунидагиам, таға, аз куҷо чашми хат дорам?

– Аммо, маълум, ки ҷаҳондидаву пойтахтиӣ, хоҳар. Бартангӣ гап занӣ ҳам, шуғнӣ буданат аён аст.

Аз ин гап ба дили Сарвиноз изтироб афтод, вале сир бой надоду пурсид:

– Пойтахтӣ мебудам, ҳолам чунин мебуд?

Шайдо ҷавоб дод:

– Ба овринг мир ҳам меафтад, фақир ҳам. Худованд худаш туро нигоҳ доштааст, вагарна ҳеҷ кас дар ёд надорад, ки аз парини Верз касе зинда баромада бошад. Бешак, кори бисёр зарур доштаӣ, ки аз-ми Сарез кардаӣ. Ибо накарда, бигӯ, ҳар чи бошад, иҷро мекунем.

Самимияту инсондӯстии сарезиён Сарвинозро чунон тасхир кар-да буд, ки мехост дилашро канда, рӯи кафи онҳо гузораду кӣ будани

худро ошкор созад. Аммо боз ҳам таҷрибаи талхи зиндагӣ далолаташ менамуд, ки сипоҳигариро аз даст надиҳад. Лекин кию ба кадом мақсад ба ин диёри пушти кӯҳи Қоф омаданашро низ бояд гӯяд. Дар акси ҳол, содатарин бартангӣ ҳам тахмин зада метавонад, ки ӯ гуреза аст, онҳое, ки дар Шуғнону Рӯшон ба таъқиби ҳокимон дучор мешуданд, бисёрашон сари худро дар Бартанг паноҳ мекарданд. Он гоҳ муносибат ба вай аз рӯи эҳтиёт ва шакку гумон сурат мегирад.

– Ман як зани бадбахте ҳастам. Гузаштагони дурам аз ҳамин Сарез ба Шуғнон рафтаанд. Дар Шуғнон таваллуд шуда, дар ҳамон ҷо падарам маро ба марди бозоргоне ба шавҳар дод. Он бозоргон мурду як бевамарди ҳамсоя маро гирифт. Соле зиндагӣ кардем, ки он мард қабзи ишкам шуду ҷон дод. Мани бадбахт боз ба хонаи падар баргаштам. Ду сол пас боз шавҳар кардам. Ин бор ҳам толеъам пастӣ кард: шавҳарам ҳангоми бузкашӣ аз асп ғалтид; гарданаш шикасту мурд. Дар ин байн падару модарам ҳам вафо карданду бойи қишлоқамон ба ман чашм ало карда, ба никоҳи худ даровард. Вай, ба ғайр аз ман, ду зани дигар дошт. Як моҳ пеш мурду байни палонҷҳоям барои тақсими хонаву дар низоъ афтод. Азбаски онҳо ҳардуяшон шуғнӣ буданду фарзанддор, ба мани бепуштупаноҳ чизе нарасид. Гузашта аз ин, ба ҷонам қасд карданд. Чун беилоҷ мондам, роҳи ватани бобоиямро пеш гирифтам. Дар ин ҷо ҳам қисмати сиёҳ амонам надоду аз болои пул ҷар шудам.

Нақли дар муддати чанд рӯз бофтаву сохтаи Сарвиноз ҳозиронро сахт мутаассир сохт. Вай махсус худро чун зане, ки сари чор шӯйро хӯрдааст, нишон дод, ки ин гап овоза гардаду ягон мард бо чашми ҳавас ба ҷонибаш нигоҳ накунад. Чанд зан оби дида рехт. Шайдо афсӯсхӯрон сар ҷунбонду гуфт:

– Аҷаб замони баде расидааст. Наход ба як оҷиза чунин зулм раво бинанд-а? Номи бобоятро донӣ, авлодашро ёфтан осон.

Сарвиноз даст ба пешонӣ гузошта, дақиқае андешиду гуфт:

– Маро маломат накунед, илтимос. Шояд хато кунам, лекин падарам мегуфт, ки номи бобоят Дарвеш буд.

Зан аз дурӯғи ба забон омадааш шарм дошту сар поин андохт. Ҳозирон ба ҳар оҳангу лаҳн “Дарвеш, Дарвеш”-гӯён ба ҳамдигар нигаристанд.

– Дар тамоми Сарез як Дарвеш дорем, лақабаш Заршӯй аст. Шояд бобои ӯ бошад? Падараш Мискин ном дошт, бобояш Пирак. Он тарафашро намедонам.

– Ман ҳам намедонам, – аз чунин сурат гирифтани ҳол хурсанд шуда, гуфт Сарвиноз, – падару модарамро дуруст напурсидам, ягон хешу табор ҳам аз Бартанг намеомад.

– Фардо, баъд аз сур туро бо Дарвеш шинос мекунам. Агар аз авлоди вай бошӣ, дудат равғанӣ мешавад. Агар не, парво накун, дар хонаи ман ҳам хор намегардӣ. – Ва даст ба кисабағал бурду халтачаи пӯстине бароварда, ба дасти Сарвиноз дод. – Ин амонатро Тӯроншо ба дастам дода, гуфт, ки моли туст. Акнун ки ҳушат ба сару хотират ҷамъ ҳаст, ба дастат месупорам.

Сарвиноз халтачаро бадиққат аз назар гузаронду ба ёдаш омад, ки ҳангоми охирин бор давиданаш ба таги шах, он гиреҳбаста дар нӯги расан чи тавр аз пушташ кашола шуда буд. "Дарунаш чӣ бошад?" – аз дил гузаронд Сарвиноз ва забон кушода гуфтанӣ шуд, ки халта моли ӯ нест, вале Сабзпарӣ ба миёна даромад:

– Хоҳарам, даҳанашро накушодем, чунон ки дӯхтаӣ, ҳамон тавр истодааст.

Ин лаҳза Сарвиноз ҳам андешид, ки агар бигӯяд, ки "халта аз ман нест", пурсуков бештар мегардаду ӯ ба ягон савол посухи омода надорад. Бинобар ин, чунин гуфт:

– Ҳазор раҳмат. Намедонам, қарзи ин қадар одамгариҳоятонро чи сон баргардонам? Хоҳед, як умр покори дари хонаатон мешавам.

– Ин тавр нагӯ, хоҳар, – рӯ туруш кард Шайдо, – "бошанда барои раванда аст" гуфтаанд. Набошад, ин молу маноли дунёро барои чӣ ҷамъ мекунем? Шукри Худо, ки як-ду касро нон дода метавонем.

Аз ин суханони пурмуҳаббат дили Сарвиноз такон хӯрду ашк аз чашмонаш равон гардид. Шайдо гунаҳкорона аз ҷо хест, Сабзпарӣ сари меҳмонро дар канор гирифту навозишомез:

– Парво накун, хоҳарҷон, баъде, ки дастатро тоза мекунем, бахтат, албатта, омад мекунад, – гуфт.

Сарвиноз аз ин гап чизе нафаҳмид:

– Чӣ хел *дастамро* тоза мекунед?

Зану шавҳар дар навбати худ ҳайрон шуданд.

– Ҳамин хел расм аст-ку, – шарҳ дод Сабзпарӣ, – дасти занеро, ки чор бор шавҳар кардаву ҳар чораш нобуд шуда бошанд, бояд тоза кард.

Дили Сарвиноз таҳ кашид.

– Росташ, намедонам.

Зан ҳайрон ба шавҳараш нигарист. Шайдо китф дарҳам кашид.

# МАҶЛИС ДАР ПАСТХУФ

Ду рӯз баъди сафари зодгоҳ баргаштанаш, Манзаршоҳ аз шоҳ нома гирифт, ки ҷамъомади халқро на дар Вомар, балки дар дашти Пастхуф гузаронад. Ӯ дарёфт, ки Юсуфалихон, маҳз дар назди хуфиён, ки дар ҷанги зидди Муҳаббатхон тарафи шуғниҳоро гирифта, боиси шикасти лашкараш гаштанд, тантана кардан мехоҳад.

Манзаршоҳ барои қабули шоҳ ва хабар кардани раият супоришҳои лозимиро доду худ ба омӯзиши номаи аъмоли бандиён шурӯъ кард. Онҳо ҳаштоду се нафар – аксарашон оқсақол, баъзеашон кордор ё танхоҳхӯри дарбори Муҳаббатхон, хулоса, пешқадамтарин ва бадавлаттарин шахсони Рӯшонзамин буданд. Барои он ки дараҷаи олудагиашонро пеши худ муайян созад, Манзаршоҳ, дар ҳузури қозӣ Раҳмихудо ва Шоҳдаврони ҳофиз, ки беғаразтарин инсонҳои диёр буданд, аз субҳ то шоми он рӯзи поизӣ бо ҳар якашон суҳбат намуд. Оқсақолон, ба мисли Булатои шидзӣ, ҳар яке зани оқсақоли давраи Юсуфалихонро бо амри Муҳаббатхон ба занӣ гирифта буданд. Дигарон дар қаробат доштан ба дарбор айбдор мешуданд. Гуноҳи ду кас батамом вазнин буд: Нурмаҳмади хуфӣ ба куштани зани ба ӯ додааш муттаҳам мешуду Хоҷаки бартангӣ ба хабаркашӣ ва улчакӣ кардани бачагон. Пас аз фориғ шудан аз бозпурсӣ, вақте ки сари хон нишастанд, Манзаршоҳ хулосаи ёрони ҷаргаҳашро[1] пурсид.

– Писарам, ман чунин фикр дорам, ки, – гуфт Шоҳдаврон, – дар ҳукми ин одамон аз аламҳои кашидаамон бояд бигузарем. Инҳо қобилтарин ва кордонтарин мардуми Рӯшонанд. Куштан кори саҳл аст, як теғ мезанӣ, одам нест. Лекин барои он ки ҷойи чунин инсонҳо пур шавад, солҳо лозим аст. Инҳо ҳам ба монанди ман маҷбур буданд, набошад, нонхӯри зиёдӣ ба кӣ даркор?

Шоҳдаврон гапашро тамом карду ба умеди дастгирӣ ҷониби қозӣ нигарист. Қозӣ, марди миёнақади чорпаҳлуи солхӯрдаи шерозариш, дастони рағанолудашро бо дасторе бадиққат пок карду бо садои базӯр шунаво ба гап даромад:

– Дар Рӯшон одаме, ки аз ин шоҳгардишҳо ҷабр накашида бошад, нест. Ман дарду алами туро медонам. Худам ҳам моҳи гузашта аз ғарибӣ баргаштам. Хонаи маро ҳам чулу чаповул карданд. Агар аз

---

[1] Ёрони ҷаргаҳ – аъзои маҷлиси машварат

рӯи ғазаб кор гирам, бояд ман ҳам боми хонаи касеро ба сараш фуру резонам. Хашму кинро савор шавем, дар халқ обрӯ намемонаду дар мулк ободӣ. Салоҳи кор ин нест.

Шоҳдаврон аз тақвият ёфтани фикраш хушҳол гардид. Манзаршоҳ ба рӯи онҳо нигоҳи тунде афканду пурсид:

– Пас чӣ кор кунем? Рухсаташон кунем, бираванд?

– Аз баҳри хунашон гузар, дигар чи ҷазое хоҳӣ, бидеҳ, – ҷавоб дод қозӣ.

– Гирем, ки ман касеро ба куштан надодам, лекин ҳукми охир дар дасти шоҳ аст, на ман.

Қозӣ ба ишораи инкор сар ҷунбонд.

– Мо забон як кунему шафоат талабем, Юсуфалихон аз гапамон намегузарад. Лекин ту бояд дилатро яқин кунӣ. Агар дудила шавӣ, гапатро гузаронда наметавонӣ.

– Гирем, ки ман якдил шудам, оё шоҳе, ки дар Баҳрпанҷа мухлифонашро кушту шиканҷа дод, ин рафторамро чун тарафгирӣ аз душманони рӯшониаш намефаҳмад?

– Писарам, агар хоҳӣ, ки эҳтироми халқро аз даст надиҳӣ, бо халқ бош. Дидӣ, ки мардум туро чӣ гуна истиқбол карду чӣ умедҳо дорад? – ба гап ҳамроҳ шуд Шоҳдаврон.

Раҳмихудо охирин далелашро баён кард:

– Ба ғайр аз ин, Юсуфалихон писари тамоман ҷавонашро ба дилқувватии ту дар Рӯшон монда меравад. Ту набошӣ, Қубодхон чӣ кор карда метавонад? Шоҳе, ки ҳокимиятро амалан ба ту месупорад, ба кадом ақл ба рӯят по мегузорад? Бо раияти Рӯшон ту кор мекунӣ, на Юсуфалихон.

Маслиҳати ду пири равшанзамир ба Манзаршоҳ хуш омад. "Фармонравоӣ аз роҳи куштору зулм шеваи хонҳои бегона аст, ман аз ин халқам ва бояд сазовори муҳаббаташон ҳукм ронам", – хулоса баровард вай ва гуфт:

– Ман розӣ. Ҷаноби қозӣ, дар назди шоҳ ҳукматро барои ҳар кас фарданфард худат гузориш медиҳӣ. Бигузор, донад, ки дар Рӯшон ҷазову сазо дар дасти қозист.

– Ҳар чи ки фармоӣ, – даст ба сина гузошт Раҳмихудо, – ҳамин шаб ин ҳамаро коғазу муҳр карда, субҳ нишонат медиҳам.

– Фардо ҳуҷраи пеши дарвозаро бароят холӣ мекунам. Дар ҳамон ҷо кор мекуниву ба доди халқ мерасӣ, – гуфт Манзаршоҳ ва ҷаргаҳро баст.

Гашти рӯзи дигар Юсуфалихон бо бист савор ба Пастхуф фуруд омад, вале, ба ҳайрати пешвозгирон, дар байнашон Қубодхон наменамуд. Диққати ҳамаро марди рӯяш сип-сиёҳе ҷалб сохт, ки ба хари сиёҳ шинонда, пойҳояшро аз зери шиками хар баҳам баста буданд. Манзаршоҳ дар байни аҳли рикоб Мирзоазизро диду пас аз зиёрати шоҳ, ӯро дар канор гирифт.

– Хуш омадӣ, Мирзоҷон. Рикоби шоҳ муборак шавад! – ва ба шӯхӣ гузашт. – Албатта, барои рангорангии маърака як зангӣ намерасид, ки овардед.

– Ба ин сумкетӣ[1] хари сиёҳ ҳам ҳайф аст, лекин шоҳ чунин фармуд, – посух дод Мирзоазиз ва афзуд: – Инро дар ягон вайрона банд ниҳед.

Манзаршоҳ ва ёронаш меҳмононро мувофиқи мартабаву манзалати эшон дар се хона ҷой дода, наздашон обу таом гузоштанд. Марди харакиро дар оғиле ҳабс карданд.

Бо ғуруби офтоб дар хонаи оқсақоли Хуф зиёфати шоҳона сар шуд. Ба маърака ҳофизону ширинкорон, минҷумла, Шоҳдаврони овозадорро ҳам даъват намуданд. Мӯйсафед бо ғижаки худ чунон суруд хонду чунон чормағз барин чарх зад, ки ҳама моту мабҳут монданд. Вақте ки Шоҳдаврон пайташро охир овард, Юсуфалихон аз ҷо баланд шуд ва бо дастори худ арақи сару рӯи вайро пок карда, дар паҳлуи худ шинонд.

– Шоҳдаврон, шунидам, ки бетармолӣ Муҳаббатхон ба ту як духтархонаи хеши наздикатро ҳадя додааст ва ту вайро духтархонд гирифтаӣ. Оё ин рост аст? – пурсид шоҳ.

Шоҳдаврон сар дар пеш афканд ва пӯзишхоҳона посух дод:

– Рост гуфтаанд, шоҳам, ба ҷуз ин ки духтар хешам набуд. Ман аз ту ва аҳли Рӯшонзамин бахшиш мехоҳам, ки ба чунин ҳол гирифтор омадам. Рӯям дар ду олам сиёҳ.

Қозӣ Раҳмихудо ба тарафдории Шоҳдаврон лаб кушод:

– Шоҳам, кош, тамоми одамони мамлакат виҷдони Шоҳдавронро медоштанд. Ин мард ҳам сари худро ва ҳам он духтари фақирро аз беномусшавӣ наҷот дод.

Шоҳ гуфт:

---

[1] Сумкетӣ - дарбадар

– Ба сари ин бандаи Худованд чи зулмҳое, ки наомад! Ман ба тоқату инсонгариаш борҳо қоил шудаам. Пири хирад, имрӯз аз ман чизе, ки хоҳӣ, муҳайё мекунам.

– Шоҳам, ба ҷуз аз давлати пояндаи туву осудагии мулк чизе намехоҳам, – гуфт Шоҳдаврон ва дасти шоҳро бӯсид.

– Фардо ҳар кас музди сазовори худро мегирад. – гӯё ба мӯйсафед рози дил мекарда бошад, гуфт Юсуфалихон, – Ман имрӯз бо худ касифтарин рӯсиёҳи бетармолии Шуғнон Абузари баҳшориро савори хари сиёҳ, ба ин ҷо овардам. Ба туҳмати ин палидак, Муҳаббатхон чандин бегуноҳро дар Саройи санг бандӣ карда, ба дасти худаш паронд. Ҳафтае қабл даракашро ёфта, гирифтораш овардам. Фармудам, ба рӯяш ҳар субҳ аризм[1] бимоланд ва ба хари сиёҳ шинонда, дар мамлакат бигардонанд. Бигзор, мардум панд бигиранд ва забон аз бадгӯиву буҳтон боздоранд.

Базм то як поси шаб давом кард. Сипас Юсуфалихон дар меҳмонхона, Манзаршоҳ ва Мирзоазиз, барои посбонии вай, дар даҳлез хоб рафтанд. Манзаршоҳ фурсатро муносиб дониста, дар боби падари Мирзоазиз сухан кушод:

– Дар Шуғнон дами беғаме пайдо накардем, ки бо ҳам дуруст бинишинем. Ман дар хусуси амакат Маҳмадазими гурд гуфтаниам. Ин баъдҳо сурат гирифт, ки ману вай ба сифати ду сарлашкар ба ҷанги ҳам баромадем. Вале то ҳуҷуми Муҳаббатхон ба Рӯшон, вай сипаҳсолори мулк буду ман сипаҳдори Рӯшон. Шояд шунида бошӣ, ки дар ҳамдастӣ ману вай лашкари Бухороро шикаст дода, Шуғнонро аз балои бардаи манғит шудан наҷот додем.

– Бар зидди бухориҳо? Наход? Ман шунидам, ки ҳар ду бо сипоҳи калони Дарвоз задухӯрд кардаед.

– Бале, сипоҳ аз шумори халқи Дарвоз буд, лекин фармон аз амири Бухоро. Сироҷхон бародари модарии Юсуфалихону Муҳаббатхон – Амирбекро дар дарбори худ нигоҳ медошт. Ҳамон сол нийят кард, ки Шуғнонро ҳам ба мисли Дарвоз забт карда, салтанаташро ба Амирбек бахшад. Лекин ман аз ин бари Панҷ, Маҳмадазим аз он бари дарё, ба сараш чунон ҳуҷуме бурдем, ки коре аз дасташ наомад. Баъд аз ором шудани мамлакат Маҳмадазим ду ҳафта дар Вомар меҳмони ман буд. Худо биёмурзадаш, ба як зарба барзаговро аз по меафтонд.

---

[1] Аризм – сиёҳии дег

– Баъд дар ҳамин Пастхуф номардона куштандаш... – луқма партофт Мирзоазиз.

– Вақте ки ману падарат найза мезадем, кадоме аз таги санг тир андохта, ӯро аз пушт захмдор кард. Ман саргарми масоф бо Муҳибу Давлатқадам гаштам. Дар ин миён шуғниён Маҳмадазимро ба қароргоҳи худ бурданд. Бисёр умед доштам, ки Маҳмадазим зинда мемонад, афсӯс, паймонааш пур шуда будааст.

Манзаршоҳ лаб басту интизори гапи Мирзоазиз шуд. Аммо паҳлавони ҷавон хомӯш буд. Манзаршоҳ ҳам сукут ихтиёр кард.

* * *

Рӯзи дигар, баробари сар кашидани хуршед аз паси кӯҳ, қиёматбозори Юсуфалихон ҳам шурӯъ шуд. Сарморезае, ки бар замини пурнами субҳи тирамоҳӣ нишаста буд, шолнамади нафисеро мемонд, ки гӯё ба иззати халқи ҷамъомада густурдаанд. Ба Пастуф аз деҳаҳои дурдаст оқсақолону мосалон, аз Баҳррӯшон то Шуҷанд тамоми сокинони қобили ҳаракатро даъват карда буданд.

Пеш аз баромадан ба назди халқ, дар сари субҳона, Юсуфалихон ба Манзаршоҳ чунин хабари ногаҳонӣ расонд:

– Андувол, Қубодхонро наовардам. То марди солор гаштанаш тақдири як қаламравро ба дасташ дода наметавонам. Ба манзалати қоиммақом Рӯшону Бартангро аз имрӯз эътиборан ба ту месупорам. Чанд сол пас, чун ҳолурӯзи табаа беҳ гашту ба қудрати мо дил ниҳод, шоҳзодаро мефиристам. Ман ба ту чун ба худам эътимод дорам.

Манзаршоҳ ба нимтаъзим дасти шоҳро бӯсиду гуфт:

– Шоҳам, зимоми мо ба дасти туст ва ҳар чи амре, ки намоӣ, фармон туростъ. Аммо дар ҳаққи ман, ҳазорон маротиба бештар аз он ки ҳастам, илтифот фармудӣ. Аз замин то осмон миннатдорам.

Шоҳ дасти Манзаршоҳро фушурд ва гуфт:

– Давлатро чунон нигоҳ дор, ки дар Файзобод аҳд карда будем. Дар Рӯшон оҳан мегудохтанд, дар Бартанг зари соф мебехтанд. Ҷангу ҷидол миёни ин корҳоро шикаст. Акнун ту ҳунармандонро ба ин санъат ташвиқу сардорӣ кун. Ба Бартанг одам фиристодам. Коншиносони диёрро ёбу ба кор андоз.

Ин гап барои Манзаршоҳу ҳамнишинонаш тамоман ногаҳониву ҳайратовар буд. Онҳо, аз он ки шоҳи тозаҷулус дар фикри ободӣ буд, мутаассир шуданд.

– Дар ин бора муфассал баъд гап мезанем, – суханашро давом дод Юсуфалихон. – Ҳоло бигӯед, ки нисбат ба хиёнаткорон чӣ муҷозот доред?

– Дирӯз бо қозӣ Раҳмихудо дар ин боб машварат кардем, – шарҳ дод Манзаршоҳ. – Агар иҷоза диҳед, қозӣ бигӯяд.

Шоҳ сар ҷунбонд. Қозӣ ҳукмномаҳои худро бо садои гуворояш хонд. Шоҳ бадиққат гӯш доду баъди ба охир расидани қироати Раҳмихудо норозиёна гуфт:

– Булатоно худат ҳалок кардӣ. Дигарон аз вай чӣ фарқ доранд, ки ба молики дӯзахашон намесупорӣ?

– Шоҳам, сари ғазаб бидуни пурсишу бозхост, Булатоно куштаму баъд фаҳмидам, ки вай ба завҷаам дастдарозӣ накардааст. Бинобар ин, фикр кардем, ки чун никоҳҳо бар алайҳи хоҳиши оқсақолон, ҷабран баста шудаанд, ҳукми қатл дар ҳақашон беинсофист. Агар Муҳаббатхон маҷбур намекард, инҳо дар умри сарашон ба чунин разолат даст намезаданд.

– Ҳақ ба ҷониби мир аст, шоҳам, – арз кард қозӣ, – инсофро болотар аз тоат гуфтаанд. Аммо дар ҳақи Нурмаҳмади хуфӣ, ки зани оқсақоли Баҳррӯшонро зада кушт ва дар ҳақи Хоҷаки бартангӣ, ки мисли Абузар думдори Муҳаббатхон буду халқ ба онҳо нафрат дорад, ҳукми куштан низ равост.

Шоҳ, бо шунидани калимаи “Хуф”, рӯ турш кард ва хашмолуд гуфт:

– Оҳ аз ин Хуфу хуфиҳо! Ман бо инҳо кор дорам. Бетармолиҳои хокшермиҷоз кори дунёро масхара гумон кардаанд? Барои хиёнаташон ин кофаронро чунон ҷазое диҳам, ки ба ҳафтод пушти авлодашон дарси ибрат шавад. Алъон калонтарашон кист?

– Ҳамин Нурмаҳмад аст, – ҷавоб дод Манзаршоҳ.

– Чӣ, вайро то ба ҳол маъзул накардаӣ? – шӯридахотир пурсид шоҳ.

– Маъзул кардам, вале халқ ягон каси дигарро қабул надорад.

– Халқ? Қабул намекунад? Ин малахсуратон кистанд, ки ба гапи ҳоким гардан наниҳанд?!

– Шоҳам, фурсат нашуд, ки ба ин мардум сарбасар шавам. Инҳо сахт муттаҳиданду намегузоранд, ки одами бегонае бе иҷозат ба дарaашон бароянд. Ҷобаҷо мекушанд. Ба ин мулоҳиза, маслиҳат он аст, ки то мулоим кардани дилашон, Нурмаҳмадро зинда нигоҳ дорем.

Шоҳ хеле андешиду гуфт:

– Бале, ин палидро ҳар вақте ки хоҳем, кушта метавонем. Ҳоло ба мусолимат дили ин ёғитаборонро нарм карда, ҷазои молӣ медиҳем. Халқашон ҳузур дорад ё наомадаанд?

– Тақрибан чиҳил нафар намоянда фиристодаанд, шоҳам, – ҷавоб дод оқсақоли Пастхуф.

– Ту ҳам аз қавми ҳамин бетармолихостӣ? – шоҳ ба оқсақол рӯ овард.

– Падарам баҷувӣ, модарам хуфист, шоҳам.

– Ба ин бараҳнахушҳолон расон, ки вақти дарабандиашон гузашт. Падарбабобояшон барои шоҳони Шуғнон ғулом буданд, писарбанабера ғуломи мо мемонанд. Ба ман дандон тез накунанд, ки Хуфашонро гӯристонашон мекунам!

Оқсақол гардан каҷ намуд ва маҳзуну беҷуръат садо баровард:

– Албатта, шоҳам, албатта.

– Ба ғайр аз ин Нурмаҳмад боз гапи киро гирифтанашон мумкин?

– Гапи Keke бароящон қонун аст, шоҳам.

– Keke?! – шоҳ бо ҳайрат ба оқсақол нигарист. – Ин хел номро бори аввал мешунавам.

– Ман ҳам, – луқма партофт Манзаршоҳ.

– Ҳоло ҳузур дорад?

– Шоҳо, маъракадорашон ҳамин Кекест, бе вай ягон хуфӣ кори муҳиммеро сар намекунад, – ин бор ҷасуронатар посух дод оқсақол.

– Номи худат чист? Боз Пепе набошад? – бо қиёфаи ҷиддӣ шӯхӣ кард Юсуфалихон.

– Шоҳниёз, шоҳам.

– Кекеи овозадоратро назди ман биёр.

Вақте ки Шоҳниёз баромад, Юсуфалихон ба Манзаршоҳ рӯ овард:

– Манзар, агар хуфиёни худозада раҳнамо намешуданд, мо Муҳаббатонро шикаст медодему ғарибу саргардон намешудем. Бадии ин мунофиқонро фаромӯш накун. Чунон биҷафашон, ки мағзи устухон аз биниашон барояд.

Манзаршоҳ гуфт:

– Хуфиён мардуми бадроманд, лекин илоҷашонро меёбам. Инҳоро маҷбур кардан лозим, ки барои тамоми Шуғнон оҳан бисозанд.

– Ин касб ҳоло ҳам ривоҷ дорад?

– Дорад. Халқи Хуфу Баҷув дар ин шӯру валвала побарҷо монд. Барои ҳамин ҳам нон доранду ҳам дамашон баланд аст.

– Фикри оличаноб, ин ландаҳуронро як соат бекор намон. Бигузор, барои сипоҳамон найзаву шамшер, тиру ҷавшан бисозанд.

Ин ҳангом оқсақол Кекеро ба ҳузур расонд. Вай марди шастшаступанҷсолаи қоқи дарозе буд бо рӯи хандон ва риши борики сапсафеди то ноф. Ба сар саллаи сурх, ба тан қатмаи дарози ранграфта, ба по пеххои баланди навдӯхта дошт. Баробари даромадан дарзамон даст ба дуо бардошт:

**– Шоҳо, ки туро тахт муборак бошад,**
**Бар тахт нишастанат муборак бошад.**
**Дар авҷи фалак фариштаҳо мехонанд:**
**Ҳамроҳи ту Ёсину Таборак бошад.**

Ҳама даст ба рӯ кашиданд. Шоҳ синчакорона ба рӯи Кеке нигаристу гуфт:

– Номи аслиат чист?

– Кеке.

– Падарат чӣ?

– Қандак.

– Чӣ машғулият дорӣ?

– Кеке остонбон аст.

Шоҳ бо пузханди таҳайюромез ду даст ба зону зада, ба қозӣ рӯ овард:

– Наход остонро ҳам бонӣ кунанд?

– Дар бисёр деҳаҳои девлохӣ чизҳое аз мазҳаби қадима боқӣ мондаанд. Остонбонони қадим ҳамин халифаҳои ҳозираанд, шоҳам, – тавзеҳ дод қозӣ Раҳмихудо.

– Барои халқ чӣ коре анҷом медиҳӣ? – шоҳ дубора ба Кеке мутаваҷҷеҳ шуд ва аз дасташ кашида, бархезонду ишора кард, ки болои синҷ нишинад.

– Кеке ниёзашонро қабул мекунад, далилак меафрӯзад, мурда шавад, гӯрбонӣ мекунад.

Аз шеваи гуфтори Кеке ҳайрати шоҳ бамаротиб афзуд.

– Ту барои чӣ дар бораи худ аз номи одами дигар гап мезанӣ?

– Оини остонбонон чунин аст.

– Ту нестӣ-чӣ? – ба шӯхӣ пурсид шоҳ.

– Остонбон одами ин дунё нест.

– Ин қадар рӯят механдад? Ягон дилхушӣ дорӣ?

– Худо Кекеро чунин қавора дода бошад, чӣ кунад?

Дар дили Юсуфалихон ҳисси мағшуши бимомезе нисбат ба ин марди дарозриши арвоҳмонанд роғ зад.

– Ту ба як саволи ман ҷавоб дода метавонӣ?

– Кеке донад, албатта, ҷавоб медиҳад, – посух дод Кеке.

– Барои чӣ дар ҷанги Пастхуф қавми ту тарафи Муҳаббатхонро гирифту ба ман хиёнат кард?

Рӯи хандони Кекеро табассуми фарохи ӯ бануртар сохт.

– Барои он ки хуфиён шуғниянд, на рӯшонӣ. Ҳамин қадар сабаб дорад.

Юсуфалихон лаҳзае аз ғояти ҳайрат шах шуд. Вай ҳеҷ гумон надошт, ҷавоби муаммое, ки чандин сол азобаш медиҳад, ин қадар сода аст!

– Ба рӯшониҳо чӣ бадбинӣ доред, ки ҳокиматонро фурӯхтед? – шоҳ ситезаолуд ба Кеке нигарист.

– Инҳо ҳар як хуфии ба водӣ мефаромадаро мезананд, молашро мегиранд, ҳатто луб-луч карда, ба дара месуронанд. Азбаски моро кофар мешуморанд, ғулому хизматгорро истисноан аз фақирони мо мегиранд. Пас моро, ки одам намешуморанд, мо ҳам чи бадие, ки аз дастамон меояд, дар ҳақашон раво медорем.

Шоҳ теғкашон ба Манзаршоҳу Раҳмихудо назар андохт. Манзаршоҳ китф дарҳам кашид ва гуфт:

– Шоҳам, худат медонӣ, ки зодгоҳам сад фарсах аз ин ҷо дур асту ман ин қавмро хуб намешиносам. Қозӣ ватандори ҳамин ҷост, шояд беҳтар донад.

Раҳмихудо дар ҷояш дурусттар нишасту забон ба шарҳ кушод:

– Ростӣ, дар Рӯшон хуфиҳоро он қадар рӯи хуш намедиҳанд. Лафзу суннати инҳо аз мо хеле фарқ мекунад. Гапи Кеке дар хусуси задану таҳқирашон дуруст аст. Лекин инҳо ҳам бисёр халқи гарданшаху бехунанд.

Гапи охирини қозӣ хашми Юсуфалихонро барангехт. Вай даст ба ҳаво бардошту бонг зад:

– Ман гардани гарданшахонро мешиканам, хуни бехунонро мерезонам! Ва бароям фарқ надорад, ки Кекею махлуқони девлохиаш шуғниянд ё рӯшонӣ. Ин бадлаҷубатро дафъ кунед!

Кеке бархосту боз бо ҳамон рӯи хандоне, ки даромада буд, чобук ҷониби дар рафт. Оқсақол ӯро гуселонд. Юсуфалихон як пора тутпис ба даҳон партофта, хойид ва пас аз он ки асабаш ором гирифт, гуфт:

– Баромадем. Рӯзи сиёҳи ин бетармолиҳо расид.

Онҳо аз хона берун шуданду ба тахтасанги миёни боғ, ки бар он намадҳо густурда буданд, баромаданд. Дар рӯбарӯяшон мардум даста-даста, дар рӯи замину болои сангҳо ҷой гирифта, баробари падид омадани шоҳ, ҳамагӣ дам ба дарун заданд. Дар ҷониби рости саҳнаи сангӣ як гурӯҳ бандиёни зонузадаро навкарони мусаллаҳ посбонӣ мекарданд. Мирзоазиз, нухтаи хари Абузари баргаштабахт дар даст, байни бандиёну ҷамоат меистод. Абузари ҳабашинамо, ки яктаҳу шалвори тунуки шивинчии чиғдаву ифлос ба тан дошт ва пойҳои лучашро аз таги шиками хар баҳам баста буданд, дарақ-дарақ ларзида, ҳар замон садои мубҳами хирросие аз банди гулу мебаровард. Ин манзара риққатбор бошад ҳам, одамони аз қазия бехабар, онро ширинкорӣ гумон карда, паст-паст механдиданд. Мирзоазиз бисёр мехост, ки ба гардани он хиёнаткор муште фароpаду ҷони вайро аз ин азоби алим ва ҷони худро аз чунин вазифаи ногувор бираҳонад, вале ба хотири таъкиди шоҳ дар хусуси зинда ба Шуғнон расонданаш худдорӣ мекард.

Хомӯшии мутлақро бо садои баланди андак шамолхӯрдааш Юсуфалихон шикаст:

– Шумо ин субҳ ба саломи шоҳи Шуғнонзамин Юсуфалихон ибни Абдураҳимхон, ки шаҷарааш ба ҳазрати Имом Ҷаъфари Содиқ ва ба тавассути ӯ ба ҳазрати Алӣ ва ба тавассути ӯ ба ҳазрати Муҳаммад сали Аллоҳ алайҳи олиҳи ва саллам мерасад, шарафёб шуда, ҳисоб кунед, ки саодати бузурге дарёфтед. Ман шаш сол бар шумо ҳокимӣ кардам ва худ беҳтар медонед, ки бо амири муқтадири Бухоро панҷа зада, нагузоштамаш, ки Рӯшону Шуғнонро ғуломи ҳалқабагӯши худ созад. Чашми ҳар бадбинро кӯр кардам, то раъиятам амону мамлакатам ором бошад. Аммо душманон бародарам Муҳаббатонро бар зидди ман шӯронданд. Вай дар ҳамин Пастхуф бо ман сарбасар шуд. Коре ҳам аз дасташ намеомад, чунки лашкари ман паҳлавононе дошт, ки аз ҳайбаташон паланг мисли муш ба худ мелapзид. Вале, Худованд дар асфаласофилини ҷаҳаннам туъмаи мору карбашашон кунад, ба хиёнати хуфиёни гумроҳ Муҳаббатхон бар Рӯшон тасаллут ёфт ва худ шоҳид гаштед, ки бо модару хоҳар ва хешу ақрабоятон чӣ зулмҳое раво дид. Инҳо умед доштанд, ки Юсуфалихонро аз давлатдорӣ маҳрум сохтанду ӯ дигар захраи ҳукумат надорад. Бигӯед, оё ҷамоати кӯрмушу рӯбоҳ роҳи шери жаёнро гирифта метавонад? Оё дами сели равонро бастан мумкин аст? Пас бидо-

нед, ки ман ҳамон шери жаён ва ҳамон сели равонам! Барои он ки хуфиёни кӯрнамак зиёни овардаашонро талофӣ созанд, чил аспи яккачини ҷангӣ, чил бошаи шикорӣ ва дусад сар бузу гӯсфанди худамро барои парвариш ба онҳо месупорам. Хуфиён аспонро ҷаврост, бошаҳоро ҳадафрост созанд, агар аз моламон як гӯсфанд ё як буз талаф диҳанд, ба ҳолашон мурғони ҳаво хоҳанд гирист.

Шоҳ араҷи пешониашро бо дасторча пок карду ҷониби тӯдаи мардум нигоҳи хашмолуд андохт. Фақирон ангор даруни пӯсташон мурда буданд: касе на меҷунбид, на садое мебаровард.

– Ман туғрои ҳокимии Рӯшонро ба писарам Қубодхон додам. Алҳол шоҳзода машғули дарсу омӯзиш аст, ба ин сабаб Мир Манзаршоҳро кафили ҳокимият таъйин намудам. Минбаъд зиндаву мурдаи ҳар яки шумо дар дасти Манзаршоҳ аст.

Юсуфалихон суханашро охир оварду ҷониби қозӣ сар ҷунбонд. Раҳмихудо коғазҳояшро дудаста қапида, бо садои абрешимӣ, ки лаҳни хуши афсонагӯёнро мемонд, ба қироати ҳукмномаҳо оғозид. Чанд оқсаққол ба дурра хӯрдан, баъзеҳо ба ҷуброни зарар бо мол, дусе нафар ба кори маҷбурӣ дар замини ашхоси зарардида маҳкум гардиданд, аммо ҳукми ваҳмбарангези қатл, ки ҳозирон бо дилҳои тапанда мунтазири садо додани он буданд, ба ягон муҷрим раво дониста нашуд. Аз чунин сурат гирифтани ҳодиса мардум чунон хурсанд шуд, ки иддае домани гиряро сар доданду баъзеҳо бо нидоҳои шодиву масаррат шоҳу муқаррабонашро офарин хонданд. Ҳукми қатли Нурмаҳмад, ки хуфиёни гӯшбақимор бо изтиробу нигаронӣ мунтазири он буданд, ба фаротар аз дараи Хуф по нагузоштани вай иваз гардид. Сахттарин ҷазо ба Хоҷаки бартангии хабаркаш ва бачафурӯш дода шуд: ба рӯяш аризм молида, дар хари сиёҳ пуштнокӣ ба пушти Абузар бастанд. Чун зарари Хоҷак ба тамоми халқ расида буд, чунин довариро дар ҳаққаш аз рӯи дод ҳисобиданд. Ҳатто гурӯҳе ин ҷазоро сабук шумурда, фарёд кашиданд, ки агар шоҳ иҷозат диҳад, он ҳар ду рӯсиёҳро сангсор кунанд. Вале Юсуфалихон даст бардошта, мардуми ба эҳсос омадаро ихтор доду хитоб намуд:

– Орроомм! Мо дар хусуси ин ду муттаҳам ва ҳар касе, ки зиндагии осудаи раъиятро халалдор месозад, ҷазоеро раво дидаем, ки аз куштану сангсор бадтар аст. Мо ин гуна бетармолиҳоро хонахез кӯчбанду ғариб ва молу заминашонро подшоҳӣ мекунем. Бигузор, дар ғарибӣ чи атои Худо будани ватан ва қавму қаробатро донанду пеш аз он ки Азроил ба сарвақташон бирасад, ҳар рӯз сад бор

ҷонашон барояду боз дарояд. Акнун худатон фикр кунед, ки ҳукми мо сахттар аст ё ҳукми шумо?

Аз байни издиҳом овозҳои “Ҷазои сазовор!”, “Ҳукми шоҳ ҳазор бор беҳтар!”, “Кӯчбанд шаванд!” баланд шуд. Шоҳ боз даст бардошту пас аз даст додани хомӯшии тамом суханашро давом дод:

– Аммо, шукри Худо, ки мамлакат аз ашхоси баномусу покниҳод холӣ нест. Баракси инҳое, ки ба ҷазои сазоворашон расиданд, бибинед, ин марди пайғамбарзамир духтареро, ки шоҳи собиқ базӯр ҳадяааш кард, фарзанд гирифт, он ятими бекасро тарбия намуд, он рӯзҳои сиёҳро бо дили сафед пушти сар гузошт ва он амонатро бидуни хиёнат ба хонаводааш баргардонд. – Вай пас гашту ба ишора Шоҳдавронро ба сӯи худ хонд ва дасташро чун дасти гӯштигири ғолибомада ба ҳаво бардошт. – Зиҳӣ, эй Шоҳдаврони соҳибэҳтиром!

Нидоҳои таҳсину офарин аз байни халқ ба фалак печид. Шоҳдаврон саллаашро ба гардан овехта, дузону зад ва оби дидагонаш шашқатор шуд. Мӯйсафеди хирадманд аз муқовимат карда натавонистанаш ба никоҳи зӯран дар миён афтода аз халқаш узр мехост. Шоҳ ҳофизи овозадорро ба по рост карду бонг зад:

– Ман барои садоқату шикастанафсиаш ба Шоҳдаврон аспи бодпои худамро бо зину абзораш ҳадя мекунам. Биёредаш!

Мирохӯр дарзамон аспро ба назди тахтасанг кашид. Ғулғулаи шодӣ байни издиҳом афтод. Шоҳдаврон назди шоҳ дузону зада, заминро намоз бурд ва бархосту рӯ ба мардум овард:

– Шоҳи адолатпаноҳ аз марҳамати худ дили халқи Рӯшонро пурнур гардонд ва илҳоми ҷавонии маро бори дигар бедор кард. Агар иҷозат бидиҳад, суруде бихонаму шукри меҳрубониашро ба ҷо биёрам.

Нидои шодмонии халқ ба фалак печид. Юсуфалихон қаноатманд сар ҷунбонду саҳнаро ба ихтиёри Шоҳдаврон гузошт.

## ДАР БАЙНИ СЕ ХАБАРКАШ

Як ҳафта пеш аз сафар кардан дар рикоби шоҳ ба Рӯшон, Мирзоазиз ниҳоят васияти бобояшро ба ҷо овард: модараш ба Мулло Хишол шавҳар кард. Писар ҳарчанд мехост сури калоне гираду одами бисёре даъват кунад, на модар розӣ шуд, на Мулло Хишол. “Писарам, мегӯянд, ки “Худозада бошу арвоҳзада не”. Аз арвоҳи хусу-

рам метарсам, набошад, кайҳо аз сари ин андеша гузаштаам. Халифаю чор мӯйсафед ҷамъ омада, никоҳро гузаронанд, бас”, – гуфт модар ба Мирзоазиз рӯзе, ки Мулло Хишол ҳамроҳи ду хешовандаш ба хостгорӣ омад. Домод ҳам чунин фикр дошт, вале Мирзоазиз чанд созандаю бунаҳои ҳамтабақи худро ҷаҳт кард. Пас аз анҷоми расми никоҳ, чанд акобир аз дарбор ба табрик омада, туҳфаи шоҳро, ки иборат аз даҳ сар мол ва як хачир колаву қанд буд, ба хона расонданд.

Тибқи маслиҳати қаблӣ, Мулло Хишол кӯчу бори худро ба хонаи занаш оварду сарвари оила гашт. Мирзоазиз хонаро ба шавҳару зан вогузошту худ ҳуҷраи шафати даҳлезро ихтиёр намуд.

Мулло Хишол воизу китобдори дарбор шуд, вале шуғли асосиаш – муаллимиро тарк накард. Як шогирди хушсаводро ба омӯзгорӣ гумошту худ мудирияти мактабро ба даст гирифт. Дар қалъа низ корро ба роҳ гузошт. Барои қироат нахуст “Шоҳнома”- ро баргузид. Ҳар ҳафта, рӯзҳои сешанбеву ҷумъа, ба ҷанговарон ин достони бузурги мамлу аз қаҳрамониву шуҷоатро мехонду шарҳ медод. Мирзоазиз бо камоли рағбат дар ин маҳфилҳо иштирок мекарду ҷаҳон-ҷаҳон лаззат мегирифт.

Рӯшон бо дилрабоиву паҳноварии худ ба Мирзоазиз писанд омад. Аммо сафар дар рикоби Юсуфалихон ба ӯ тамоман нафорид. Ҷавонпаҳлавон мехост ба мисли бози паррон озод бошаду ба ҳар куҷое, ки дилаш хоҳад, пар бикашад. Вале дар тӯли сафари даҳрӯзааш имконе наёфт, ки лоақал ба вусъати мурғи хонагӣ пар кушояд: рӯзона пайбапайи хари сиёҳ асп рондан ва шабона нафас накашида, дар посбонии шоҳ истодан ба дилаш зад. Дар Пастхуф Хоҷаки бартангиро ба қунҷиғаи Абузари худозада шинонданду дарди сари Мирзоазиз ду баробар зиёд гашт. Шоҳ фармуд, ки он ду муттаҳамро то Деррӯшон бурда, ба халқ намоиш диҳаду шаб ба Вомар расонад. Мирзоазиз ба ҳамин баҳона деҳаҳои сари роҳро тамошо карда бошад ҳам, муносибати ноодилонаи баъзе одамон табъашро хира сохт. Ҳарчанд як рӯшонии ба Мирзоазиз ҳамроҳкардаи Манзаршоҳ ба мардум чи ҷинояткори нобахшиданӣ будани бандиёнро мефаҳмонд, баъзеҳо дашному ҳақораташ медоданд, ки ду бандаи Худовандро чи гуна хору залил кардааст. Дар Баҳррӯшон барои раҳо намудани маҳбусон ҳатто ба сараш ҳуҷум оварданд, лекин вақте ки се нафар лагади обдори Мирзоазизро хӯрда, нақши замин гаштанд, дигарон пушт доданд. Чанд бор даст ба шамшер ҳам бурд, ки он ду палидакро кушта, ба шахе партояду

ҷаҳонро аз ҳузури номуборакашон холӣ кунад, аммо ҳар дафъа дастури шоҳ садди раъяш мегашт.

Дар Баҳрпанҷа як рӯз ба иҷозаи шоҳ хумори дидори модару падарандарро шикасту субҳи дигар ба дарбор ҳозир шуд. Юсуфалихон ӯро ба меҳрубонӣ қабул карду барои баромадан аз уҳдаи мувозибати бандиён офаринаш хонд.

– Мирзоҷон, ман дар ту тамоми сифатҳои паҳлавонии бобоятро равшан мебинаму синаам боғ-боғ мешукуфад. Ба хости Худованд, як-ду сол пас сипаҳсолории лашкарро ба ту медиҳам. То он замон ба ягон духтари базоту авлод кадхудоят мекунему марди ҳақиқӣ мешавӣ. Ҳеҷ дар фикри арӯс ҳастӣ?

– Не, – ноҳинҷор посух дод Мирзоазиз.

– Ба ин сурату неруе, ки дорӣ, якбора бояд ду-се зан бигирӣ, – бо лабханди фарох шӯхӣ кард шоҳ ва риштаи суҳбатро ба дигар сӯй бурд. – Бандиёнат чӣ ҳол доранд?

– Абузар пӯст ба устухон хушк шудагӣ, бартангӣ маро бинад, даҳон ба лобаву зорӣ мекушояд.

– Ба душман ҳеҷ гоҳ раҳм накун, бавижа, агар хоин бошад. Халқ бояд донад, ки ин сон ноҷинсонро чӣ шармандагие мунтазир аст. Ҳар дуро ба ҳамон тарз ба хар шинону муддати як ҳафта дар қишлоқҳо бигардон. Барои он ки ҷони зормондаашон набарояд, рӯзе як бор ягон заҳру зуқумашон бидеҳ. Кори ту танҳо посбонист, муддаои моро ба мардум Сияҳсар мерасонад. Вай дастур гирифтаву чи карданашро медонад.

Наздики чоштгоҳ Мирзоазизу Сияҳсар асирони харсаворро пеш андохта, худ савори аспҳои ҷавмаст рӯ ба роҳи Дарморахт оварданд. Сияҳсар марди сабзинаи сивупанҷ-чилсолаи серҳаракати чобукмиҷозе буд бо пӯшоки аз салла то мӯза сип-сиёҳ. Аспаш низ аз ғояти сиёҳӣ зоғи азимҷуссаеро мемонд. Мирзоазиз ин мардро намешинохт. Аҳёнан дар қалъа гоҳе дучораш меомад, аммо киву чикора буданашро намедонист.

Сияҳсар бо вуҷуди беқарории симобвораш, ягон калима гап намезад. Пас аз тай кардани як фарсанг хомӯшии мурдавор ба ҷони Мирзоазиз зад. Вай аспашро ба таковари Сияҳсар баробар карду пурсид:

– Амак, барои чӣ гап намезанӣ?

Сияҳсар норозиёна нигоҳе афканду гуфт:

– Чӣ гӯям?

– Лоақал бигӯ, ки ба кадом деҳаҳо меравем?

– То Докхона рафта, ба он соҳил мегузарем, – овози дупӯстаи нофорамаш чунон дурушт буд, ки гӯши Мирзоазизро харошид, – баъд Хоруғу Сучонро гирд гашта, ба Поршиневу Сохчарв муроҷиат мекунем.

– Ту дар дарбор чӣ вазифа дорӣ, амак?

– Чопори шоҳ. – Ва аспашро тамоман наздик оварда, гӯшакӣ кард: – Дар назди инҳо ҳар гуна гапро гуфтан мумкин нест.

Мирзоазиз сар ҷунбонду ба сағрии хар тозиёнае фаровард, то гашташро тез кунад. Бандиёни пуштбапуштбаста дар болои хар ҳоли басо ногуворе доштанд. Азоби чандрӯзаи роҳи Рӯшон онҳоро почарез лакот карда буд. Ҳанӯз устухонҳояшон аз дард намонда буданд, ки боз ба рӯяшон аризм молида, ба ин шиканҷаи нав гирифторашон карданд. Харашонро, ба сабаби раҳкӯфта шудан, ба хари сиёҳи калонтар иваз карданд, аммо ба ҳоли онҳо дили касе насӯхт. Дар тамоми муддати маҳбусӣ танҳо ҳамин саҳар хӯроки дурусташон доданд. Хаёл карданд, ки ғазаби шоҳ паст шудаву акнун ба озодӣ мебароянд. Вале, гумонашон ботил баромад. Ин бор барои он ки дар шебуфарозҳо сарозер нашаванд, бар замми ба ҳам бастани пойҳояшон, чилбуреро ҳам гирди миёнашон чанд ҳалқа тоб дода, ба танаи хар бастанд. Зеро дар Рӯшон чанд маротиба каллапо шуда, қариб якҷоя бо хар ба ҷарӣ меафтиданд.

Раҳгузарону мусофирони дучормеомада онҳоро дида, канор гурехта, роҳ холӣ мекарданд. Вале ҳангоми гузаштан аз деҳот, бачаҳо атофашонро печонда, харсаворони булъаҷабро бо шавқуну ғалоғула мавриди масхара қарор дода, ҳатто ба сангу кулӯх мезаданд. Гурӯҳе пеш-пеш давида, “Эй харсавори раҳгум, шайтони беёлу дум”-гӯён каф кӯфтаву ба як овоз фарёд кашида, мардумро маҷбур менамуданд, ки ба тамошои ин манзара бароянд. Дар чунин мавридҳо, барои он ки ба бандиён осебе нарасад, Мирзоазиз шамшери бараҳна болои сар гардонда, бачаҳоро метарсонду Сияҳсар бо овози ногуворояш дод мезад:

– Худо ҳеҷ касро ба ғазаби шоҳи ҷаҳон Юсуфалихон гирифтор насозад. Ҳоли зори Абузари баҳшориву Хоҷаки бартангиро бибинед. Рӯяшон дар ду олам сиёҳ, ки чун шақшақа хабар мекашанду кӯдаконро улчакӣ мекунанд. Ба амри шоҳ, ин куҳриён ва касоне, ки феълу атвори инҳоро доранд, ба кӯчбанд маҳкум гардида, хонахез ба Қуқанду Ёрканд бадарға мешаванд!

Вақте ки ба Докхона расиданд, рӯзи кӯтоҳи фасли хазонрез ба шоми торик табдил ёфт. Сияҳсар онҳоро ба айлоқи холии

даромадгоҳи деҳ фароварду амр дод, ки шабро дар ҳамин ҷо мегузаронанд. Мирзоазиз дасту пои бандиёнро кушод ва гуфт, ки метавонанд то субҳ нафаси озод бикашанд.

– Яке гурезанд, чӣ ҷавоб медиҳем? – норозиёна ғурунгид Сияҳсар.

– Гурезанд, дастгир карда, аз пояшон ба дарахт меовезам, – ҷавоб дод Мирзоазиз ва ба маҳбусон рӯ овард: – Ё дови[1] гурехтан доред?

– Не-е, – бандиён аз беҷонӣ базӯр овоз бароварданд.

– Вақтатон сар накарда бошад, албатта, намегурезед, – гуфт Сияҳсар. – Гурехтанӣ набошед, пас ҳезум биёред, ки ишками дӯзахиатонро сер кунем. Хару аспонро ҳам ба чаро сар диҳед.

Аз чунин муносибат бандиён рӯҳ гирифта, пайи чидани ҳезум рафтанд.

– Дар ин вайрона чӣ хел хӯрок мепазем?

– Занро дар айлоқ озмоянд, мардро дар сафар, – Сияҳсар нимтабассуми айёронае кард, – ин айлоқи зани Девонашоҳи меҳмонкӯб аст. Вай дар вақти кӯч дегу табақро ба хона намебарад, то ки мусофирони шабрасида дар ин ҷо дами гарме хӯрда тавонанд.

– Девонашоҳи меҳмонкӯб? Номи аҷибе доштааст шавҳараш.

– Як девонаи ҳот, – ҷавоб дод Сияҳсар, – боре меҳмонаш шудам, вақти гусел чунон шаллоқам зад, ки ҳоло ҳам ҷуръати ба хонааш наздик шудан надорам.

– Барои чӣ? – ба шигифт афтод Мирзоазиз.

– Девона-да. Як маро не, садҳо раҳгузарро лагадкӯб кардааст.

– Пагоҳ дида метавонем?

– Девонаро?! – ваҳмомез пурсид Сияҳсар. – Чӣ даркор? Одаме нест, ки кирои дидан кунад.

– Бо вай гуштӣ гирифтан мехоҳам.

– Бо он барзагови девсурат? Ин хаёлро аз сарат берун кун, ки говро ба як даст мебардорад.

– Боз беҳтар, – ҷавоб дод Мирзоазиз, ки аз тавсифи Сияҳсар ғайрати паҳлавониаш ба ҷӯш омада буд.

Сияҳсар китфҳо дарҳам кашиду гапро дигар дар назди маҳбусон, ки бо бағалҳои пурҳезум даромаданд, давом додан нахост. Оташ даргиронданд. Мирзоазизу Сияҳсар аз кӯлборҳои худ яхнӣ бароварда, ба дег партофтанд. Чун гарм шуд, дар корсоне бардошта, рӯи дасторхон

[1] Дов – нийят, мақсад

гузоштанд. Бандиҳо, ки ҳатто барои фиреби шикам тӯша надоштанд, дар назди оташдон дуқат нишастанд. Мирзоазиз чанд пора гӯшт болои як нони калон ниҳода, ба онҳо дароз карду гуфт:

– Бихӯред, ки намуреду дар балоятон намонем.

Бандиҳо "Бар калонкардаат ҳазорон раҳмат!", "Аз умрат баракат ёбӣ!"-гӯён дар ҳақаш дуои нек карда, даст ба хӯрок бурданд. Ба Сияҳсар ин худсарии Мирзоазиз писанд наомад, вале дам назад.

Баъд аз таом Мирзоазиз дасту пои бандиёнро басту ҳамагӣ сар ба хоб гузоштанд. Шаби бемаҳтоби кӯҳистон чодари зулмат бароф-рохта, оламро гӯё ба гӯри торик табдил дода буд. Танҳо садои чарс-чарс сӯхтану шуъла кашидани ҳезуми даруни оташдон ҳавли тира-гиро фуру нишонда, гаронии хомӯширо ба андозае коҳиш медод. Пилкҳои ҷавонпаҳлавон акнун вазнин гашта буданд, ки банохост ав-вал овози хуррок ва аз пасаш хирроси гулуии касе баланд шуду хоби тозаомадаашро парешон сохт. Садоҳои гӯшхарошу дилтарош аз даҳону бинии Сияҳсар мебаромаданд. Мирзоазиз муддате худро ба карӣ андохт, ҳатто ду остини чакманро гирди гӯшҳо печонд, вале овози дилбеҳузуркунанда ҳамоно чун тир ба мағзи сар мехалид. Тоқаташ тоқ шуду дар ҷояш нишаст. Дар нимторикӣ ба паҳлуи суро-би сиёҳи Сияҳсари масти хоб нихтае зад, то овоз набарорад. Вай ба ҷои хап шудан, чун гург нӯлаи пасте кашида, аз паҳлу ба пушт гашт. Акнун барои хурроку хирроси чандлояаш фазо тамоман боз гардиду ба биниву даҳон дасту поҳо низ ҳамроҳ гаштанд: баробари хуррок даст ба паҳлу меандохту баробари хиррос пушти по ба замин мекӯфт! Мирзоазиз, ба умеде, ки бедор мешавад, чанд бор ҷунбондаш, аммо бенатиҷа. Хост ба рӯи кареҳаш торсакие бизанад, аммо дар охирин лаҳза хирад бар ғазаб пирӯз гашту аз ин нийят даст кашид: эҳтироми калонсол будани ҳамсафараш боло гирифт. Хобаш парид. Бархост, то берун раваду аз азоби ҳамшафатӣ бо Сияҳсар ҷон халос кунад, ки пичирроси Абузар ба гӯшаш расид:

– Мирзоҷон, маро ҳам бо худ барор.

Мирзоазиз ба сараш рафту вайро якдаста озод бардошта, берун баромад. Дар питоди[1] ҳел дасту пояшро кушоду ҳар ду нафаси сабук кашиданд.

– Ба ин ноформӣ хобидани одамро бори аввал мебинам, – ба зарда ғурунгос зад Мирзоазиз.

---

[1] Питод – саҳни ҳел барои оромиши молу гов

– Мирзоҷон, илтимос, маро дигар дарун надарор. Аз шунидани хурроки дӯзахии он палид, дар ин ҷо аз хунукӣ мурам, сад бор беҳ, – ба оҳанги зора илтимос кард Сияҳсар.

– Худат, ки дар палидӣ аз вай кам нестӣ, чӣ таънааш мезанӣ? – истеҳзоомез пурсид Мирзоазиз.

– Дуруст, лекин бо ин ҳама ман ба гарди Сияҳсар намерасам.

– Чаро?

– Чун ман ҳар чи кардам, ошкоро кардаму мардум ҳама медонад. Вале ӯ ҳар коре, ки мекунад, пинҳон мекунаду худро дар назди халқ соф нишон медиҳад.

– Ин қадар ҳам аз ҳамдигар фарқ надоштаед, – гуфт Мирзоазиз ва бо кароҳат ба замин туф кард.

– Не, паҳлавон, ба ҳар ҳол, ман фақат як палидакаму халос. Сияҳсар бар иловаи палидӣ боз мунофиқ аст. Агар номи касифашро ба ин зам кунем, гуноҳаш боз ҳам вазнинтар мегардад.

Сухани Абузар ба Мирзоазиз писанд омад, вале заҳрханде заду гуфт:

– Ҳар дуятон аз як гӯред, лачарҳои[1] нобакор. Чӣ фарқ дорад, ки халқи худро ба бегонагон пинҳон мефурӯшед ё ошкоро? Ту ва ту баринҳо ҳаққи зиндагӣ дар Шуғнонро надоред.

Абузар бо сарҷунбонии тӯлонӣ гапи Мирзоазизро тасдиқ намуда, ба ҳасрат оҳе кашиду гуфт:

– Оҳ, агар дар он рӯзи наҳс ба шарти гузоштаи Муҳаббатхон розӣ намешудам, мемурдам, аммо имрӯз ангуштнамои халқ намегаштам.

– Муҳаббатхон чӣ шарт гузошта буд?

– Дар овони навҷавонӣ сахт шаҳвонӣ будам. Аз ғояти ғайрат хун ба сарам мезаду то ба зане ҳамхоба нашавам, қарор намегирифтам. Зан гирифтам, аммо вай ҳам шиддати шавқамро паст намекард. Барои ҳамин аз пайи занони мардум шудам. Пайт поида, шаб аз равзан ба хонаи зани танҳое, ки мардинааш ба сафари дур мерафт, мефаромадам ва даҳонашро баста, коми дил меситондам. Вақти рафтан метарсондамаш, ки агар ба касе шикоят кунад, сарашро мебурам. Баъзеҳо аз бими ман, баъзеҳо аз тарси бадном гаштан, дар ин хусус лаб намекушоданд. Бо мурури вақт ба деҳаҳои ҳамсоя гузаштам ва ба даҳҳо зан чунин рафтор кардам. Аз қазо боре ба хонаи қозӣ даро-

[1] Лачар – паст, дурӯя

мадаму ба бало гирифтор омадам. Завҷаи вай зани паҳлавоне будааст. Баробари даромаданам ба ҷогаҳаш, маро аз ҳавли ҷон бардошта, чунон ҳаво дод, ки сарам ба чаҳлак бархурду беҳуш ғалтидам. Зан доду вой бардошта, ҳамсояҳоро ба сарам овард. Онҳо маро банд ниҳода, рӯзи дигар ба ҳабсхонаи Баҳрпанҷа бурданд. Қозӣ аз сафар баргашту рӯзам сиёҳ шуд. Барои қасос гирифтан, тагпурсии бисёр карда, ба воситаи занаш баъзе занони дастзӯркардаамро ёфта, шоҳид оварду ба сангсор карданам ҳукм баровард. Ду рӯз пеш аз иҷрои ҳукм, вақти тезии шаб, зиндонбон даромаду дастонамро баста, берун баровард. Умед аз ҷони худ бардоштам. Гумон кардам, ки пеш аз муҳлат мекушандам. Аммо зиндонбон маро ба ҳуҷраи танге даровӯрда, дар назди касе ба зону шинонд ва худ бадар рафт.

– Маро шинохтӣ? – пурсид он шахс.

Сар бардошта, дар рӯшноии чароғ Муҳаббатхонро дидаму аз тарс табларзаам гирифт. Шоҳ аз ришам кашида, ба поям хезонду гуфт:

– Сангсор кардани одамро ягон бор дидаӣ?

Сар ҷунбондам, ки не. Шоҳ ҳамоно ришамро кашидаву маро хаму рост карда, шарҳ дод:

– Туро луб-луч то ноф мегӯронанд. Баъд садҳо нафар ба рӯят туф карда, лаънатат мехонанд. Сипас дастаҷамъона чунон сангат мезананд, ки аз сар то миён, ягон устухон дар танат барҷо намемонад. Танҳо аъзои аз ноф поёнат осеб намегиранд, то дар рӯзи қиёмат шоҳидӣ диҳанд, ки бо кадом зан чӣ хел зино кардӣ.

Бовар кун, аз даҳшати нақли шоҳ, бе ягон сангзанӣ, устухонҳоям банд-банд гӯё шикаста, гӯшту пӯстам ҳамагӣ аз ҳам рехт. Пас аз шиканҷаи дуруст доданам шоҳ пурсид: “Зинда мондан мехоҳӣ?”. Аз ин гап дар баданам ҷон дамиду дар дилам шуълаи ҳаёт дурахшид. Ашкам шашқатор рехту гуфтам, ки “бале, бисёр мехоҳам зинда бимонам”. Шоҳ ришамро сар доду чунон телаам кард, ки ба девор бархурда, нақши замин шудам. Баъд пояшро ба сарам ниҳоду гуфт: “Агар бисёр хоҳӣ, ки ҷони сагонаат дар бадан битапад, эътиборан аз ҳамин дам ҷосуси ман мешавӣ. Байни халқ мегардиву ҳар як хабарро начакондаву нарезонда ба ман мерасонӣ. Лекин бо ҳамин ҷонат халос нест. Улчакидори хосаи ман мешавӣ. Дар куҷое як бачаи базеб бошад, таги чашм мекунӣ. Фаҳмидӣ?!”. Дигар чӣ илоҷе ҳам доштам? “Фаҳмидам” гуфтаму ба пояш афтидам. Шоҳ ба синаам шаллоқе кӯфту рафт. Рӯзи дигар маро ба ҳузури қозӣ бурданд. Вай ҳукм баровард, ки ба ивази

сангсор хонаву заминам ба суди давлат тарака гардад. Занам аз ман рӯ тофт ва бачаҳояшро гирифта, ба хонаи падар рафт. Осмончул мондам. Бар замми занборагӣ ба хабаркашиву улчакидорӣ ҳам бадном шудам. Ҳоло фикр мекунам, ки дар зери санг мемурдам, ҳазор бор беҳ буд, то ба ин беиззатӣ дар зери нанг мурдан. Лекин мурам ҳам, дар он дунё азобам аз ин дунё сабуктар нест.

Абузар лаб фуру басту бесадо гирист. Аз нақлу вазъи риққатовари ӯ табъи Мирзоазиз билкул хира гашт. Ин асно садои Хоҷак баланд гардид:

– Ҷони худоӣ, ёрӣ диҳед!

Мирзоазиз бо чанд ҳаллос ба хона даромада, худро ба сари ӯ расонду изтиробомез пурсид:

– Чӣ шуд?

– Калон, илтимос, агар ҷони маро гирифтанӣ бошӣ, ба дасти худ бигир, аммо аз ин сияҳхона берунам каш, ки дигар тоқати вовайлои ин буғузхукро надорам.

Сияҳсар ҳамоно бепарво ғарқи хоби пурғавғои худ буду аз дамаш боми ҳел гӯё меларзид. Мирзоазиз Хоҷаки лӯндаро сари китф бардошта, берун баромад ва дар паҳлуи Абузар ба замин гузошт. Хурроккашии Сияҳсар дар ҳамин ҷо ҳам ба гӯш мерасид.

– Калон, намешавад, ки ӯро бедор куниву мо каме хоб равем? – илтиҷоомез пурсид Абузар.

Мирзоазиз дасту пои Хоҷакро кушоду гуфт:

– Намешавад, чанде кардам, бедор нашуд. Минбаъд дар ҷое мехобонем, ки безорамон накунад. – Ва эҳсос кард, ки сардӣ бар баданаш корагар гаштааст. – Ҳоло беҳтараш гулхан афрӯзем, ки то баромадани офтоб ях накунем.

– “Аз боди баҳор баҳра бардор, аз боди хазон худро нигаҳ дор” мегӯянд бартангиён, – дасту по ёзонда, хурсандона гуфт Хоҷак, – аҷаб кори хубе кардӣ, калонҷон!

Онҳо дар чанд дақиқа ҳезуму тапак ғун карда, гулхани пурмавҷе афрӯхтанду дар гирдаш бар сангҳо нишастанд. Бартангӣ аз хонача як табақ гӯшт оварду онро бо чойҷӯши пуроб болои лахча гузошт. Пас аз фурсате чойю гӯшти навҷӯшида сардиро аз баданҳо бароварду ҷонҳоро неруи тоза бахшид. Хоҷак бо рафтору гуфтори зиндадилона ва ғайраташ ба Мирзоазиз писанд афтод. “Наход ҳамин хел як одами дурустнамо хабаркашу мардумозор бошад?” – аз дил гузаронд ӯ. Барои он ки шубҳаашро бартараф созад, пурсид:

– Хоҷак, ба ту чӣ намерасид, ки девормуши хон шудӣ?

Бо шунидани ин гап, гӯё ба сари Хоҷак оби сард рехта бошанд, каллаашро дудаста дошту карахт шуд. Абузар сукутро шикаст:

– Ту ҳам шояд аз маҷбурӣ ба ин роҳ рафта бошӣ. Гап зан, шаби дарозро кӯтоҳ кун.

Хоҷак дид, ки ҷои гурез несту ҳамсуҳбатон бесаброна чашм ба рӯяш дӯхтаанд, бо шохае аловро кофта, тез карду лаб ба сухан кушод:

– Калон, хабаркашӣ дарди бедавои ман аст. Дар даҳонам об гарм намешавад. Ҳар ҳодисаи дида ё шунидаамро то ба касе нагӯям, дилам қарор намегирад. Дар айёми кӯдакӣ бародарону хоҳаронамро бо ин феъли бадам ба дод оварда будам. Атса зананд, дарзамон ба падар ё модарам мерасондам. Ба ивазаш борҳо гӯшмолу шаллоқ хӯрдам, вале хӯйе, ки бо шир дарояд, бо ҷон барояд. Чун пойи рафтор пайдо кардам, хабари ин хонаро ба он хона, гапи ин одамро ба он одам бурда, аз ҷангу ҷанҷоли андохтаам лаззат мебурдам. Деҳаи тинҷамон ноором, аксари сокинонаш ба ҳам ҷангиву қаҳрӣ гаштанд. Дувоздаҳ сол доштам, ки падарам бори маломати мардумро дигар бардошта натавониста, маро оқ кард. Аз алам тарсидаву пурсида, ба деҳаи Савноб рафтаму аз болои падарам ба оқсақол шикоят бурдам. Оқсақол гапамро шунида, гуфт, ки оқ кардани фарзанд ҷиноят нест, агар падарат дар назди давлат гуноҳе дошта бошад, он гоҳ вайро ба маҳкама кашида метавонам. Барои он ки шикоятам беҳуда набарояду қасосамро аз падар бигирам, арз кардам, ки ӯ ду анбон замини пинҳонӣ дораду аз он молиёт намесупорад. Оқсақол пурсид, ки дар деҳаатон боз киҳо замину моли пинҳонкарда доранд? Ман чизи медонистаамро ба ӯ гузориш додам. Вай чунон хурсанд шуд, ки дар ширхонаи оғилаш бароям ҷойи хоб дод. Баъд аз он ки хабарҳои кашидаам дуруст баромаданд, оқсақол маро хабарбиёр гирифту помузд муқаррар кард. Ана, ҳамин тавр, калонҷон, хабаркаши ҳақбигир шудам. Ба касофати касбам безан мондам. Ба чандин хона хостгор фиристодам, вале ягон кас духтарашро ба ман надод. Мардум аз ман ҳама чун аз дев ҳазар мекунад.

Хоҷак боз ду даст ба сар гузошту лаб фуру баст. Хомӯшии гарон ба миён омад. Саргузашти талху ғайриодии ин мард ба дили ҳар ду ҳамнишин таъсири бад гузошт. Абузар чашмони нимвояшро молиду хоболуд ғурунгид:

– Ҳолат аз ман бадтар будаст, ҷӯра. Ман лоақал зану бача дорам.

Мирзоазиз ҳис кард, ки пушташ хунук хӯрдааст. Балки аз шунидани саргузашти ин марди раҳгум бар андомаш сардӣ афтод. Барои гарм шудан пушт ба оташ гардонду гуфт:

– Бовар намекунам, ки хабаркашӣ ин қадар дарди бедаво бошад. Даҳонатро маҳкам бибанд – тамом!

– Намешавад, калон, намешавад. Борҳо худро санҷидам, нашуд. Масалан, ҳозир ҳазор савганд хӯрам ҳам, баробари дидани Сияҳсар маҷбурам, ки тамоми гапи ин ҷо задаамонро якбаяк ба ӯ расонда, диламро холӣ кунам.

– Нагӯӣ чӣ? – пурсид Мирзоазиз.

– Дилам мекафад.

– Забонатро буридан лозим, – хулоса баровард Мирзоазиз, – он вақт ҳам халқ аз бадат меосояду ҳам худат.

Хоҷак аз тарс гардан даруни китфон кашиду дигар дам назад. Абузар заҳрханде заду гуфт:

– Паҳлавон, акнун бовар кардӣ, ки ҳар сеи мо нутфаи Шайтонем?! Фарқ дар он аст, ки дирӯз мо ҳукумат доштем, имрӯз – Сияҳсар. Дилам бар ту месӯзад, ки ба ҷойи айшу нӯш бо ягон нозанин, ҷамъияти хабиси моро таҳаммул мекунӣ.

Мирзоазиз бархосту бо қадамҳои тунд ба сиёҳхона даромад, Сияҳсари масти хобро чун кӯдак рӯи дастон бардошт ва берун баровард, рӯи питод партофту гуфт:

– Даромадем!

Онҳо аз паси ӯ даромада, ба кунҷҳо хазида, ором гирифтанд. Мирзоазиз дасту пояшонро аз сар басту бе ташвиш сар ба хоб ниҳод.

* * *

Вақте ки хунукӣ аз ҳафт андоми Сияҳсар гузашту бедор шуд, хуршед дар болои қуллаи нуқратоби кӯҳ нишаста, ба ҳоли заминиён ханда мезад. Бадани шахшудаашро базӯр бардошту ба по хест ва ба ҳайрат афтод, ки чи тавр аз сиёҳхона ба питоди пур аз пишку тапак афтодааст. Миёну гарданаш шах шуда буданд, устухонҳояш дард мекарданд. Аввал, ба гумони он ки ҳамроҳонаш вайро ба ин ҷо оварда бошанд, аз ғазаб хун ба сараш зад, вале баъд гоҳе хобгардӣ карданашро ба ёд оварду ба лаби чашма фаромад. Дасту рӯй шуста, ба саллааш хушк карду барои гарму мулоим шудани бадан, ба чакалаке қадам гузошт, ки ҷӯйи чашма онро ба ду ҳисса ҷудо мекард. Осмони абрнок метавонист ҳар соате, ки хоҳад, ба сари рӯзи турушрӯи тирамоҳӣ май-

дaбopoнe нисop нaмудa, тaмoми ҷoнвapoни pӯи oлaмpo зepи сapпaнoҳҳoяшoн биpoнaд. "Худи ҳoзиp шиpи гapм хӯpдaн лoзим aст, нaбoшaд, хунукӣ aз пo мeaфтoнaд", – бo ҳapoс aндeшид Сияҳсap, зepo мeтapсид, ки aгap бeмop шaвaду супopиши шoҳ нoиҷpo мoнaд, Юсуфaлихoн нaмeбaхшaдaш. Аммo бapoи хӯpдaни шиp aввaл oнpo бoяд ёфт. Дoкхoнa як бунa – Дeвoнaшoҳи мeҳмoнкӯб, дopaд, ки Сияҳсap ҳoтуфи[1] ӯpo хӯpдa буду зaҳpaи нaздик шудaн бa хoнaaшpo нaдoшт. Тo бa oн сoҳил гузaштa, бa oбoдӣ мepaсaнд, ки дигap нa шиpи гapм paҳи бeмopиpo гиpифтa мeтaвoнaд, нa чизи дигap. Пaс aз фуpсaтe мулoҳизaву дудилaгӣ, бими лoҷaвoбӣ дap нaзди шoҳ бoлo гиpифту Сияҳсap ҷoниби хoнaи Дeвoнaшoҳ қaдaм гузoшт. Он дap oхиpи дeҳ дap бaлaндиe ҷoйгиp буду aз чop тapaф бa чaшм мepaсид. Аз paвзaни хoнa дуди тунукe бa ҳaвo хeстa, aз oн дapaк мeдoд, ки сoҳибoни хoнa хӯpoк мeпaзaнд. Дили Сияҳсap бa бӯи дуд қуввaт гиpифту қaдaмaшpo тeзoнд. Бa тaги бaлaндӣ paсидa буд, ки бaнoхoст чaҳop мapди шивeзндop, ки мусaллaмaн aз хoнa бapoмaдa будaнд, бo ҳaёҳӯ бa сapaш тoхтaнд. Нидoҳoи вaҳмбapaнгeзи "Бигиp!"-у "Бизaн!" сукути субҳгoҳoнpo хaлaлдop нaмуд. Пeш aз oн ки пушт дoдa, pӯ бa гуpeз ниҳaд, Сияҳсap қoмaти бaлaнду мӯйи пapeшoни Дeвoнaшoҳpo бaйни тaъқибкунaндaгoн тaшхис кapду тapсу изтиpoбaш як бap дaҳ aфзуд. Аз бими куштa шудaн, пoбaдaст чунoн дaвид, ки ҳaфт aндoми шaхгaштaaш дapзaмoн бoз гapдид. Сияҳсap чeклингтapин тaбaaи Шуғнoнзaмин буд. Бa як шaст poҳи бaйни Бaхpпaнҷaву Фaйзoбoдpo пиёдa дap як pӯз мeпaймуд. Бapoи ин қoбилият, ҳaмчунин бapoи дилёбу aйёpи бeҳaмтo будaнaш, Юсуфaлихoн, aз ҷумлaи тaмoми ҷoсусoнaш, бa вaй бeштap apҷ мeгузoшт. Тo Дeвoнaшoҳу ҳaмpoҳoнaш бa ҳaмвopӣ фapoмaдaнд, ки Сияҳсap бa aйлoқ paсиду дoд зaд:

– Миpзoaзиз, бapхeз, ки мeкушaнд!

Миpзoaзиз бapҷaсту бepун дaвид.

– Киpo мeкушaнд? – хoбoлуд бa чop тapaф нигoҳ кapдa, пуpсид ӯ.

– Бa oн сӯ нигap, – Сияҳсap ҷoниби чopнaфapoни дaвидa oмaдa истoдa ишopa кapд, – Дeвoнaшoҳу aвбoшoнaш қaсди ҷoни мo дopaнд!

Миpзoaзиз ҳapфe нaзaду бa пeшвoзи ҳуҷумкунaндaгoн шитoфт. Сияҳсap, ки ҷaнгoвapи чиpaдaстe ҳaм буд, шaмшepи худpo гиpифту aз пaсaш дaвид. Онҳo дap шибapзopи нaзди чaшмa бa ҳaм paсидaнд.

[1] Ҳoтуф хӯpдaн – бaлo кaшидaн (дидaн)

Мирзоазиз шивезни ба сараш кашидаи Девонашоҳро дар ҳаво дошту ба тарафи худ чунон кашид, ки Девонашоҳи қавиҳайкал аз ӯ чанд қадам гузашта, якпаҳлу ба замин афтид. Се нафари дигар ҳам бо як зарби даст ё пои Мирзоазиз ба ҳар сӯе ғелиданд. Девонашоҳ бархосту бори дигар ба ҳуҷум гузашт. Сияҳсар аз пушт бо шамшер ба сараш заданӣ шуд, ки Мирзоазиз монеъ гашт:

– Назан! Бигзор, ҳамла кунад.

Даст ба гиребони Мирзоазиз бурдани Девонашоҳ ҳамон буду ба ҳаво хестани ду пову ба замин расидани тахтапушташ ҳамон.

Сияҳсар шамшер ба синааш гузошту пурсид:

– Эй девонаи ҳор, пеш меҳмонатро мезадӣ, ҳоло ба куштан гузаштаӣ? Ин роҳзанон кистанд?

Девонашоҳ ҳарсасзанон ҷавоб дод:

– Агар ин ҷавонак намебуд, ҳоло ҷоят қаъри дарёи Панҷ мешуд.

– Ҳо-ҳо, – ба истеҳзо гузашт Сияҳсар, – муши мурда будӣ, чизе нагуфтандат, шери ғуррон шудӣ? Аз шоҳи Вахон гурехтӣ, Шуғнон паноҳат дод, акнун мехоҳӣ бо шоҳи ин мулк сарбасар шавӣ? Ё аз фарбеҳӣ равған ба сарат задааст?

Нафарони шаллоқхӯрда аъзои зарбдидаи баданашонро молиш дода, бархоста, аз тарси дубора мушт нахӯрдан, бо гарданҳои каҷ истоданд. Мирзоазиз ҳар якашонро бо нигоҳи хашмолуд аз назар гузаронду бонг зад:

– Шумо кистед ва чаро ба сари мо даст бардоштед?

– Эй ҷавони хуб, – кебидаю забонаш гирифта, лаб кушод марди баландболои олусчашме, ки аз дуи дигар калонсолтар ба назар мерасид, – илтимос, даст аз Девонашоҳ бардоред, гунаҳкор моем, на ӯ. Мо се бародар аз деҳаи Шидвудем. Чанд сол ба Ҳиндустон мардикорӣ рафтем. Моҳе пеш баргашта, хонаамонро вайрон ёфтему занҳоямонро ҷигарбирён. Гуфтанд, Сияҳсар ном ҷосус фарзандони моро ба бадахшиҳо фурӯхтааст. Номуси мардиямон боло гирифту ба ҷустуҷӯяш баромада, дирӯз дарак ёфтем, ки ҳамроҳи ту бандиҳои бадбахтеро дар мулк мегардонад. Омадем, ки сарашро аз тан ҷудо бикунему мамлакатро аз шарри ин ноҷинс наҷот бидиҳем.

Мирзоазиз ба Сияҳсар нигарист, ки чӣ мегӯяд. Вай хандаи зоғонае ба ҳаво сар доду гуфт:

– Шуморо кӣ ҳақ додааст, ки ба муқобили ман бароед? Шукрона гӯед, ки занонатон барҷо мондаанд. Агар дар ҳамин ҷо хунатонро бирезам, касе ҳатто намепурсад, ки чаро чунин кардам! – Ва шам-

шерро ба синаи Девонашоҳ зер карду пурсид: – Ту вахии ғарибгӯрро ба ин шидвудиҳо чӣ муносибат, ки пушташонро мегирӣ?

– Барои ман мазлум, фарзанди чи тоифае бошад, мазлум аст, – гуфт Девонашоҳ, – Инҳо дирӯз меҳмонам шуда, саргузашташонро қисса карданд, дилам ба ҳолашон сӯхту савганд хӯрдам, ки туро куллук карда, ба дарё мепартоям.

Хашми Сияҳсар ҷӯш заду шамшер ба ҳаво бардошт, ки ҳарифашро гардан занад. Мирзоазиз ба як ҳаллос теғ аз дасташ рабуду гуфт:

– Афтодаро задан ҷавонмардӣ нест.

Сияҳсар дупӯста садо баровард:

– Ту чаро тарафи ин роҳзанро мегирӣ? Ё фаромуштат шуд, ки сипоҳии шоҳ ҳастӣ?

Ин асно Девонашоҳ ҳам ба по хест ва бонг зад:

– Эй рӯсиёҳи ду олам, фикр накун, ки тамоми мардум ранги ту бадзоту ҳайвонсириштанд. Агар заҳраву ҷоне дорӣ, инак майдону инак марди майдон.

– Туро бо авлодат кӯчбанд накунам, номам Сияҳсар набошад, – ба аломати савганд дасти росташро чун теғ бар фарқи сар бардошт ҷосус.

– Хобатро ба об бигӯ, эй лаънаткардаи халқу Худо, ман бо авлодам кушта мешавам, аммо аз Доклона намеҷунбам.

Ғайрату ҳамияти Девонашоҳ ба Мирзоазиз сахт писанд афтод. Барои он ки ба муноқиша хотима гузорад, ба миёна даромад:

– Барои файсалаи ин кор ба Баҳрпанҷа шикоят баред. Алҳол аз шоҳ супориш дорему касе садди роҳамон шавад, хунаш бар мо ҳалол аст.

Бародарон, аз бими Мирзоазиз, ноилоҷ довашонро шикастанд. Девонашоҳ ба ҷавон рӯ овард:

– Агар ту дар пушташ намебудӣ, ҷаҳон аз ин хас пок мегашт. Бигӯ, кистӣ, ки бабри баён тоби як зарбатро надорад?

Ҷавонпаҳлавон ба оҳанги эҳтиром посух дод:

– Мирзоазизам, писари Маҳмаднасим, набераи Ҷаҳонгири гурд.

Бо шунидани ин номҳо, чеҳраи Девонашоҳ якбора шукуфт. Оғӯш боз карду Мирзоазизро канор гирифт ва аз ду рухсораш бӯсид.

– Эй ҷавони офтобнажод, ҷонам фидоят! Илоҳо, дастам бишканад, ки ба сарат бардоштам. Хоки поят шавам, маро бибахш, ки чунин зиштие бар ту раво дидам.

Мирзоазиз ба ишораи оштӣ дасти паҳлавони солхӯрдаро фишурд ва гуфт:

– Ҳар чи кардӣ, аз нанги мардӣ буду расми паҳлавонӣ. Ҳоло Сияҳсарро ба ман бибахш, ки шоҳ ҷонашро ба ман бовар кардааст.

Девонашоҳ ба нишони ризо сар хам карду ду даст ба ҳаво бардошт ва гуфт:

– Имрӯз намемонам, ки аз қаламравам по фаротар гузорӣ. Агар ба кулбаи вайронаам қадам нагузорӣ, бомашро хоки дар месозам.

Мирзоазиз ба рӯи аз ғазаб тиратар гаштаи Сияҳсар нигоҳе афканду даъвати деҳхудоро пазируфт:

– Чанд соате буда метавонем.

Девонашоҳ аз хурсандӣ по бар замин кӯфт ва хушгапӣ кард:

– Як рӯзи тирамоҳ худаш ҳам чанд соат аст, Мирзопаҳлавон! Туро Худованд имрӯз ба ман расонд, то бароят саргузаштеро қисса кунам, ки бо падарат доштам. Озмудаам, ки то шаллоқе нахӯрдаам, ба ормонам нарасидаам. Ин муштро ҳам барои шикастани ормони ҳамнишинӣ бо авлоди Ҷаҳонгири ҷаҳонпаҳлавон хӯрдам.

## СУР ВА ҚУРБОНӢ

Ду сол қабл, вақте ки Икронбегим банохост рӯ ба рӯзадории доимӣ овард, аҳли хонаводаи Абодиллохон ҳамагӣ дар шигифт афтоданд. Рамазон кайҳо гузашта буду дар дигар моҳҳо, ба ҷуз як-ду нафаре, ки рӯзаи Алӣ[1] медоштанд, ҳеҷ кас рӯзаи тӯлонӣ намегирифт. Вақте ки муддати худдории рӯзонаи Икронбегим аз обу таом ба як ҳафта расид, аввал Бибидавлат, баъд шавҳараш, ба ташвиш афтоданд. Нигарониашон бештар аз он буд, ки мабодо шоҳдухтар худро дар хонаи онҳо ошхори зиёдатӣ[2] шуморидаву дар дилаш ғуборе афтода бошад. Аммо вақте мутмаин шуданд, ки духтар танҳо ба хотири дину тақво ба ин кор даст задааст, эҳсоси нигаронишон аввал ба ҳайрат, сипас ба эҳтироми бепоён ба шахсияти вай табдил ёфт. Барои он ки, бар асари нахӯрдан, мабодо бемор нашавад, Бибидавлат хост дасти Икронбегимро аз корҳои муқаррарие, ки барои рӯзгор ҳамеша анҷом медод, холӣ созад, аммо вай гардан наниҳод. “Валъамат, ман худро бардам ҳис мекунам. Баракс, агар дастам ба кор набошад,

[1] Рӯзаи Алӣ – рӯзаест, ки рӯзҳои 11, 12 ва 13-уми ҳар моҳи қамарӣ мегиранд.
[2] Ошхори зиёдатӣ – ба маънии сарбории хонавода

ланҷу гаранг мешавам. Аз хизмати модар бенасиб мондам, иҷоза деҳ, ки дастатро сабук карда, ормон шиканам" – гуфт. "Духтарҷон, метарсам, ки заиф шавию ҷисмат иллате пайдо кунад", – таҳлукаи дилашро ба забон овард соҳибхона, – ғайр аз ин, борҳо гуфтамат, ки шоҳзодаиву қурбатро бояд нигоҳ дорӣ. Худо накарда, ба хотират малолие аз мо роҳ ёбад, дар ҳафт пуштамон дигар на хайр намемонад, на баракат". "Кошкӣ падарам шоҳ намебуду ман ҳам дар қатори одамони ҳақиқӣ одамвор зиндагӣ мекардам. "Оҳи меш барраро мегирад" гуфтани оқилон ҳамин сарнавишти ман будааст".

Пас аз як моҳи раҳи рӯзаву парҳезро пеш гирифтан, Икронбегим баррачаи навзоди чун барф сафедро қурбонимол интихоб кард. Он аз гӯсфанди худаш зода шуд. Модари баррачаи зебоpo як рӯзи иди Наврӯз Азизхон ба хоҳари боғиаш тухфа кард. Икронбегим дар оғили калони амакаш як гови хушзоти сершир ва даҳ сар мол дошт, ки ба пули додаи падар харида буду ба туфайли суди онҳо ба рӯзгор худро узви баробарҳуқуқи оила мешуморид. Агарчи Абодиллохону занаш ба вай тавре муносибат мекарданд, ки гӯё соҳиби хона Икронбегим бошад, на онҳо. Ва сабаб на танҳо он буд, ки зану шавҳар хотири падарашро гиромӣ медоштанд. Икронбегим бо ақлу фаросат ва тавозуъписандии худ онҳоро доимо ба ваҷд меовард. Азизхон низ хоҳархонди худро бағоят дӯст медошт, бинобар ин, барои изҳори иродату муҳаббат, ҳамин гӯсфандро пеши пояш оварду гуфт: "Хоҳарҷон, инро ба нийяти бахтбӯсӣ ба ту мебахшам. Он ҳалолтарин моли туст", – ва табассуми малеҳе карду дасташро бӯсид. Як субҳи ҷумъа, вақте ки гӯсфанд баррачаи нуқрагуни худро ба дунё овард, дар баробари дидани он, дидаҳои Икронбегим пурнуру дилаш саршори шодӣ гашт. Баъди он ки гӯсфанд бачаашро ба меҳри модарона лесид, он ба марвориди дурахшоне монанд шуд, ки ба тозагӣ аз садаф берун оварда бошанд. Икронбегим, ба қасди макондан, даҳони барраро, ки ҳанӯз ба по устувор истода наметавонист, сӯйи пистони очааш бурду сонияе аз ҳайрат шах шуда монд: чашмаш ба ду риштаи кашоли гарданаш афтод, ки дар дар нӯгашон кулӯлаҳои мухрамонанд мелапиданд. Духтар риштаҳоро ба навозиш пармосид. Дарозиашон ба се ангушт мерасид, ғафсиашон ба андозаи як риштаи виноғ буд. "Баррай мухрадор!" – банохост ҳамин ибора дар хаёлаш дурахшид. Намедонист, онро кадом вақт ва аз кӣ шунида бошад, вале, дилаш гувоҳӣ дод, ки дар оғилаш, яқинан, ҳайвони хушпоюқадами нишонадор ба дунё омад! Ва ҳамон лаҳза аз дилаш гузашт, ки баррача маҳз барои моли қурбонии вай шудан, дар

ҳамин субҳи рӯзи муборак, пой ба олами ҳастӣ гузоштааст. Икронбегим ба ғутғуту почакзаниҳои талвосаомези гӯсфанд нигоҳ накарда, онро боэҳтиёт бардошта, ба хона даровард. Азизхон, ки миёни чаҳлак ба оташдон ҳезум меандохт, баррачаро аз дасташ гирифту ба Бибидавлати сари танӯр нишаста нишон дода, хурсандона нидо дод:

– Нанҷон, нигоҳ кун, хоҳарам чи барраи нозанине бо худ овард!

Бибидавлат аз танӯр ва шавҳараш аз суфаи боло ба пойгаҳ ҷаҳида, ба тамошои барра омаданд.

– Нар будааст, – гуфт Абодилло, – ба зоти худ туркии[1] пурчаласке[2] мешавад, ки биё тамошо! Як ҳафта басерӣ фалла мехӯрем.

– Муҳраҳои зебояшро нигоҳ кун! – бо масаррат нидо баровард Бибидавлат, – ин барра чи шарофате дорад. Зуд модарашро ба зечгоҳ[3] даровarда, барояш ордобаи ғафс тайёр кардан лозим.

– Амак, ман нийят кардам, ки ин барраро барои қурбонӣ бипарварам, – Икронбегим навзодро ба чаҳлак гузошта, таманнояшро ба соҳиби хона ифроз дошт.

– Худованд дар ин рӯзи бузург туро ба муродат бирасонад, духтарам, – рӯ ба қибла дуо кард Абодилло ва афзуд: – Қурбонӣ нийяти неку кори сахт ҷиддист, ҳайвонатро тоза нигаҳ бидор.

Икронбегим барраро болои пӯстаке хобонда, сарашро силакунон гуфт:

– Албатта, муҳрадори худро барои ризои Худованд покиза калон мекунам.

Ӯ номи барраро Сифсак[4] гузошту он ба ҳама писанд афтод. Парваришу навозишаш ба яке аз машғулиятҳои муҳимми рӯзгордории Икронбегим табдил ёфт. Подоши модарашро низ аз ёд намебаровард. То бист рӯз, чун ба занони навзоида, ки то баромадани чил, хӯроку нигоҳубини махсусашон таъйин мекунанд, барояш ордобаи ғафси сершира пухта мехӯронду зечгоҳро ҳар рӯз тоза мекард. Гӯсфанд бо иштиҳо ордоба мехӯрду Икронбегим, Сифсакро бағал гирифта, барояш зери лаб, чун ба кӯдаки худ, “Лайлайик”[5] мехонд. Баррача ҳам ба оҳанги суруд гӯш фаро медоду роҳату фориғбол меорамид. Сипас духтар пистони гӯсфандро ба оби ширгарм шуста,

[1] Туркӣ – як навъ зоти гӯсфанд

[2] Пурчаласк – сергӯшти батанутӯш.

[3] Зечгоҳ ё зечагоҳ – мавзеи махсуси гарм барои нигоҳубини моли навзоида.

[4] Сифсак (шуғнонӣ: сифц – муҳра, -ак – пасванди хурдиву навозиш) – Муҳраяк.

[5] Суруди алла.

аввал барраро то сер шудан мемаконд, баъд боқимондаи ширро ба хурмае медӯшиду очаву бачаро дар канори ҳам гузошта, хона мерафт. Пас аз он ки Сифсак аз шир баромад, Икронбегим онро заволарост кард. Дар хона ош мепухтанд ё умоч, кулча мепухтанд ё нон, ду заволаро ба Сифсак ҷудо мекарданду Икронбегим ба вай мехӯронд. Мехӯронду сарашро сила менамуд, бо дастони нозуки худ баданашро масҳ мекашид, хорумолаш мекард ва ояи «фадайноҳу бизибҳин азим»-ро бар пешониаш медамид. Барра, баробари падидор шудани соҳибаш, дар кадом кунҷе, ки набошад, ба лаъбу хуррамӣ ҷонибаш мешитофт ва дар гирдаш ҷастухез мезад. Ҳатто ба ду по рост шуда, ба истиқболаш гӯё ба рақс медаромад. Мобайни як моҳ байни ҷавондухтару барраи қурбониаш ҷазабае шабеҳи меҳри модару фарзанд падид омад. Икронбегим ҳеҷ бовар намекард, ки инсон як ҳайвони бешуурро ин қадар дӯст дошта метавонистааст. Ҷондоре, ки на ба чизе меандешад, на сухан гуфта метавонад, на худро мешиносаду на олами атрофро. Аммо, яқинан, меҳроварӣ чизе дигар будааст. Макони он на андеша будааст, на забон, балки шаклеву қолабе надорад. Ва муҳим нест, ки барои изҳораш ҳатман одам бошӣ. “Ҳатто бар санге солҳо рухсора бисоӣ, он суфта мегардад. Оё ҳамин ҳам нишони изҳори муҳаббат нест?” – меандешид духтар, ки порсоиву покизагӣ дар вуҷудаш даричаҳои нави шинохти дунёро боз менамуданд. Вай бо таъсири чунин фикрҳо, ки гоҳ-ногоҳ ба мисли барқ дар мағзаш шуълавар гаштаву як кунҷи торики дилашро чароғон месохтанд, рӯз то рӯз зиндагиро бо чашми дигар медидагӣ шуд. Ва дилаш ғанҷ мезаду эҳсоси гуворои мамнуният аз парҳезкорӣ муғчаи тозаи нахли муҳаббатро дар он мешукуфонид. Боре сар ба пешонии Сифсак ниҳоду дар ҳамин ҳол аз шарори андешае, ки дар синааш чароғак зад, соате ҷуръати ҷунбидан накард. “Ҳамон тавр ки ин Сифсак ҳеҷ гоҳ нахоҳад донист, ки ту ӯро бо муҳаббатат барои қурбонӣ ба Худованди худ омода месозӣ, худат ҳам ҳеҷ вақт донista наметавонӣ, ки Соҳибе низ туро барои қурбонии бузурге дар роҳи ризои Худо омода мекунад”. Ва ин кушоиш андешаи духтарро ҷониби боз гаштани гираҳи дигаре такон дод: ҳама ашёи олам ба хотири қурбонӣ шудани яке барои дигаре ҳаст шудаву мақсади ҳаёт низ ҳамин будааст! Агар як чиз фидои чизи дигаре нашавад, моҳияти ҳаёт аз байн маравад, бе он зиндагӣ ҳеҷ маъное дошта наметавонад. Бидуни мавҷудияти ин мақсади олӣ на аз омадушуди ҳайвон суде, на аз зиндаву мурдаи инсон манфиате. Вай ин фикри шигифтангезро то охир дунболагирӣ

карда наметавонист, аммо ҳамин таҷаллии он ҳам ботинашро тагурӯ карда тавонист. Ба ғайр аз талаботи одамону муҳити атроф, боз тақозоҳои ниҳоние ба ҳаёташ вуҷуд доранд, ки дархурди идроки инсони одӣ нестанд. Икронбегим гӯё дафинаи зар ёфта бошад, аз шодии бениҳоят ба худ болид ва шабаҳи Мирҷамоли аҷоибхислатро дар рӯбарӯяш диду зери лаб гуфт: “Худованд азизат нигаҳ дорад, ки чашми дигареро дар замири дилам кушодӣ!”. Шабаҳ дарзамон нопадид гашт. Духтар бархосту баробари сар додани нафаси жарф, Худовандро аз умқи дил сипос фиристод, ки ба тавассути Мирҷамол бандаи назарногиреро чун ӯ дар шумори чил тани поки худ баргузидааст. Ва ҳамоно саволеро, ки ба ҷуз худ ба каси дигаре дода наметавонист, бесадо сари забон овард: “Ин чилтанон кистанд?”. Вай дар бораи панҷ тани поку чор ёри Мустафо хабарҳои зиёде шунида буд, вале боре ҳам нашунавида, ки касе дар бораи чил тан гапе гуфта бошад. Ин рози ниҳонро танҳо Мирҷамол барояш кушода метавонист, вале ӯ дар кадом деҳаи Поршинев, дар он соҳили Панҷ зиндагӣ мекунаду Худо медонад, Икронбегим бори дувум ӯро медида бошад ё не. Агар вай як тан аз чиҳил абдол бошад, пас боз сиву нуҳ нафари дигар дар Шуғнон ё шояд фаротар аз он, вуҷуд доранд, ки ба мисли ӯ ба тақвою парҳез муваккал гаштаанд. Киёнанд онҳо? Дар куҷоянд? Нишонашон чист? Дар мазҳаб чӣ нақшеву манфиате барояшон муқаррар шуда? Чунин саволҳои беҷавоб ба сари духтар бисёр ҳуҷум меоварданд, вале ӯ изн намедод, ки дар дилаш маскан гузида, беқарораш созанд. Ба зикри «ло ҳавла вало қуввата” онҳоро аз сараш меронд, ки мабодо дар имонаш ба андозаи мӯе рахна ворид насозанд. Дилаш гувоҳӣ медод, рӯзе мерасад, ки боз касе меояд ва ба пурсишҳояш посух мегӯяд. Аммо агар наояд ҳам, боке не, барояш ҳамин бас, ки дар роҳи дин вазифаи махсусе ба уҳдааш гузоштаанд. Акнун мадҳияю муноҷотҳое, ки дар мансубаҳо сароида мешуданд, барои вай маъниву ҷилваи тоза пайдо карданд. Бахусус, ин байт, ки ҳангоми хондани мадҳияи дарозе аҳли маърака чандин маротиба онро якҷоя тараннум мекарданд, Икронбегимро болу пар мебахшид:

**Ғами дин хӯр, ки ғам ғами дин аст,**
**Ҳама ғамҳо фурутар аз ин аст!**

Эҳсос мекард, ки вай ҳам бар дунёи гӯяндаи чунин шеърҳои пурмағз андаке тасаллут ёфтааст. Дилаш гуворо гум мезад, ламъаи рӯшноие вуҷудашро мунаввар нигоҳ медошт.

Дар соли дувуми ҳаёташ Сифсак ончунон ба соҳибаш бадомӯз гашт, ки аз дасти каси дигар чизе намехӯрд. Икронбегим хонаи ҳамсоя равад, аз пасаш мерафт, ба саҳро дарав ё ба боғ мевачинӣ барояд, чун соя аз қафояш кашол мешуд. Шохҳои замшранг пушти гӯшҳояш ҳалқа давонданд, ҷуссаи пургӯшту бақувваташ назар мерабоид, пашми сафеди ялаққосиаш дидаҳоро роҳат мебахшид. Бо чунин сурату зебоӣ баъид набуд, ки ноинсофи ҳасуде чашмаш кунаду заҳматҳои Икронбегимро барбод бидиҳад. Барои пешгирӣ аз вуқуи чунин ҳодиса, духтар бати бамазае пухту дар ивази он аз муллои хушнафаси деҳаи ҳамсоя чашморӯ[1] гирифта, ба шохи Сифсак овехту дилаш таскин ёфт: акнун пурчашмтарин одам ҳам ба вай зараре расонда наметавонад!

Аҳли деҳа ба ҳамроҳии доимии Икронбегиму Сифсак одат карданд. Калонсолон – баъзеҳо ба ҳайрат меафтоданд, қисме аз нигоҳубини ҷондори қурбонӣ ибрат мегирифтанд; хурдсолон онҳоро бо камоли хушнудӣ истиқбол карда, мекӯшиданд, ки ба Сифсак даст расонанду хӯрдание бидиҳандаш. Зеро бовар доштанд, касе, ки ба қурбонимол меҳрубонӣ кунад, гуноҳаш мерезад. Кӯдакон ба Икронбегим лақаби “Хола баррадор” гузоштанд ва он дар муддати кӯтоҳ дар забони тамоми сокинони Вуж нишаст. Вақте ки лақаби Икронбегим ба гӯши Бибидавлат расид, рӯзе байни гап, дар ин хусус чунин ишора кард: “Валъамат, медонӣ, барои Сифсак ба ту чӣ номе гузоштаанд?”. “Не, нашунидаам, – гӯшбақимор ҷавоб дод духтар, – аҷиб, чӣ будааст он?”. “Хола баррадор”, – боэҳтиёт посух гуфт Бибидавлат. Баробари шунидани лақаби худ, Икронбегим он қадар хурсанд шуд, ки қаҳқаҳаи хандаи беғашаш чун зангула дар гӯши Бибидавлат садо доду вай ҳам ба он ҳамроҳ шуд. “Чи номи зебову бамаъние! – нидо кард духтар, – Хола Сифсакдор мегуфтанд, беҳтар мебуду ҳаминаш ҳам бад не”.

Як моҳ ба иди Қурбон монда буд, ки Икронбегим дар тараддуди омода сохтани ҷомаи сафари Сифсак шуд. Аввал ба вай калтача бофт, баъд ду леша[2] дуруст кард. Рӯзе, ки ин лешаҳоро ҳамроҳи гесувории арӯси Азизхон ба ғидораи ранг андохт, банохост пири мулк худи худаш ба хостгории вай омад! Духтар бори дигар мутмаин гашт, ки ба ҳақиқат, Сифсак аломатест аз сӯи Худованд ба ӯ. Аҷиб намояд ҳам,

---

[1] Чашморӯ – тӯмор аз захми чашм

[2] Леша – банди аз риштаҳои рангоранг бофташуда.

гӯё хушбахтии ӯ дар ҷони ин ҷондори ғайриодӣ нуҳуфтааст. Икронбегим парваришаш медиҳад, чун фарзанд тимораш медорад, ба он чун ба ҷигарбанди худ одат мекунад ва як рӯз ба хотири ризои Худо сарашро зери теғи қассоб гузошта, қурбонаш менамояд. Аз фикри ба гулуи Сифсак гузошта шудани корд дили духтар хун мешуд, андешаи пора шудани андом ва ба дег афтодани узв-узви барра ҷигарашро бирён менамуд. Чӣ розе дошта бошад ин таомул? Чаро барои хушнудии Худованд ҳатман махлуқеро, ки ба ҷон мепаровариву мекӯшӣ, ки ягон узваш иллатеву осебе нагирад, бояд беҷону пора-пора созанд? Наход роҳи дигаре вуҷуд надошта бошад? Чӣ муаммои сарбастаест ин олам? – духтар калон мекуниву ӯро бо ду дасти адаб ба марди бегонае месупорӣ; падару модаратро дӯст медориву лоилоҷ онҳоро ба роҳи охират гусел мекунӣ; гапи бисёр мегӯиву он ба боди фано табдил ёфта, бебозгашт гум мешавад; ба инсоне дил мебандӣ, аммо рӯзе ё зиндагӣ ё марг бераҳмона ӯро аз канорат мерабояд. Икронбегим гоҳе ки ба ин чигилҳо меандешид, эҳсоси оҷизӣ дар назди Худованд вуҷудашро фаро мегирифт ва бузургиву азамати Ӯро амиқтар дарк намуда, мавҷи имону умеди растагорӣ дар замираш бештар ҷӯш мезад. Гоҳе ки ба Сифсаки фориғбол аз шодиву ғами дунё назараш меафтод, беихтиёр, ин рубоии дар кадом маъракае шунидаашро ба забон меовард:

**Эй чархи фалак, чарха ба мо сохтаӣ,**
**Ҷон дар тани мо амонат андохтаӣ.**
**Бо ҳукми Худо, ки мебаранд хонаи нав,**
**Ин хонаи беравзан ба мо сохтаӣ.**

Як ҳафта пеш аз иди Қурбон хешиталабони[1] Сайид Фаррухшоҳ бо ҳадяву мол расиданду гуфтанд, ки пир соати никоҳро як рӯз пеш аз ид, сурро дар рӯзи ид таъйин кардааст. Қарор шудааст, ки Юсуфалихон субҳи рӯзи никоҳ омада, домодро ҳамроҳи аҳли хонаводаи Абодилло пешвоз гирад.

Деҳаи Вуж ба тараддуди сур афтод. Сури Икронбегим танҳо ба хонадони Абодиллову чанд ҳамсояаш дахл надошт, он маъракаи тамоми деҳкадаҳои пойтахт ба ҳисоб мерафт. Шоҳи мамлакат хоҳари худро ба муътабартарин пири мазҳаб ба шавҳар медиҳад! Дар ин билод байни дарбору мардум нифоқу низоъи бисёр иттифоқ афтодаву

[1] Хешӣ ё хешиталабӣ – маъракаест пеш аз никоҳ

суру дилхушии ҳамагонӣ аз ёҳо баромадааст. Ҳамин Вуж чанд моҳ қабл ба майдони ҳарбу зарб табдил ёфта, оромиаш билкул аз байн рафта буд. Вужиҳо ҳукми қатли ҳамдиёрашон – девонбегӣ Қозиро аз рӯйи адолат нашумурданд, вале азбаски ба хиёнат нисбат ба валинеъмати худ даст заданаш гуноҳи сахте буд, эътирози ҷиддӣ ҳам карда наметавонистанд. Баъзеҳо ҳатто мегуфтанд, ки Қозӣ барои теғ кашидан ба сари хешу табори худ ба ҷазои сазовор расид. Ғайр аз ин, фуқаро аз шоҳи навбахт меҳрубониву адолат интизор буданд ва ҳамхона шудани ӯро бо Сайид Фаррухшоҳ ба фоли нек мегирифтанд.

Барои ҳамин, Хуршедшоҳ, писарамаки Қозии фақид, ки пас аз сардори шӯришгарон шудан, чун пешвои аҳолии деҳкадаи Сарчашма эътироф гардид, ҷанговарони худро, ки акнун бо шунидани бонги хатар дарзамон муташаккилона ҳозир мешуданд, амр дод, то маъракаро дар сатҳи олӣ баргузор намоянд. “Ҳар чи гузашт, гузашт, – гуфт Хуршедшоҳ, – мо бояд на танҳо ҷанговарони бебок, балки табааи вафодор буданамонро ҳам ба шоҳамон нишон диҳем”. Ин буд, ки чун Абодилло дар пайи омодагӣ афтод, субҳи ҳамон рӯз дувоздаҳ ҷавонмард ба пешкории Хуршедшоҳ дар ҳавлиаш ҳозир шуданд. Соҳиби хона, ба гумони он ки дастаи шӯришгарони собиқ нийяти баде доранд, овоз баланд кард: “Маъракаи маро вайрон накунед, ки байни халқ низоъу хусумат меафтад”. Вале, вақте донист, ки онҳо ба хизмату дастгирии вай омадаанд, болу пар бароварду зану писаршро фарёд кард, ки берун бароянд.

– Бибӣ, дигар ҳеҷ вақт нагӯ, ки шуғниҳо ба қадри шохдарагиҳо намерасанд, – бо шӯхӣ ба занаш рӯ овард вай, – Хуршедшоҳ дар ҷанг ин қадар навкар надошт, ки барои хизмат ба сури мо овардааст.

Бибидавлат аз хурсандӣ дасти Хуршедшоҳро гирифту ба хона кашола кард.

– Писарам, биё, ҳамаатон ба хона дароед. Шуморо Худованд худаш расонд. Ҳамаи ин толеи баланди Икронбегим аст. Чашм нарасад.

Хуршедшоҳ дасташро аз чанги Бибидавлат базӯр раҳо карда гуфт:

– Модар, мо хизмат омадаем, на меҳмонӣ. Сур, ки баобрӯ гузашт, баъд нишастан – тани мо. Ҳоло шумо амр диҳед, мо иҷро кунем.

Абодиллову Азизхон бо корёрон ба машварат истоданд, Бибидавлат тозон ба хона даромад ва ин хабари хушро ба арӯс расонд. Дили Икронбегим ба мисли ғунча шукуфт.

– Чи бачаҳои баномус дорад ин деҳа! Хуршедшоҳ худаш омада бошад, диламон пур, ки маъракаамон обод мегузарад.

– Икрон, духтарам, бовар кун, дилат ки софу яқин аст, мушкилат худ ба худ кушода мегардад. Номи Худоро гардам, ки туро чи қадар дӯст медорад!

– Худо туву амакамро дӯст медорад, ки мани ятимро сарпаноҳ дода, калон кардед, – гуфт Икронбегим, – шумо маро ба гардан намегирифтед, ҳоло гадои кӯча мебудам.

– Ту ба хонаи мо фарру баракат овардӣ, ману амакат бо ту фақат рӯзҳои нек дидем. Се бачаи маро калон кардӣ, Илоҳӣ сербачаву хушбахт шавӣ! Толеъатро бин, мардакҳо ба пойи худашон ба хизматат омаданд, ҳоло занон ҳам ба ҷомабурон мерасанд. Ту ба онҳо нишон деҳ, чи тавре ки хоҳӣ, ҳамон тавр бароят медӯзанд.

Бибидавлат чевари номдори деҳкада – Гулхинзоро ба саркорӣ даъват кард. Маъракаи намадмолони Икронбегимро низ ҳамин зани пурҳунар сарварӣ карда буд. Ин валъамати пуррапайкари зиндадилу маъраказеб, устои камназири дӯзанда ва гулафкани пуштиро танҳо одамони сарватманд даъват карда метавонистанд. Чун ба сифати поймузд як пис гӯсфанд, барои дастмузд як ҷомаворӣ кола мегирифт, дасти камбизоатон ба даъваташ кӯтоҳӣ мекард.

Маросими ҷомабурон серғавғою самимӣ сар шуд. Анъанаи маросим чунин буд, ки то анҷом ёфтани он хона пурра ба тасарруфи занон медаромад. Ягон мард – на худӣ, на бегона – ҳуқуқ надорад, ки ба хона дарояд. Даромад, тамом – дар балои занон мемонад. Барои барпо кардани дилхушӣ, одамони шӯхтабиат мардеро ба фиреб ба хона равон карда, вақте ки ӯ ба шиканҷаи занон гирифтор меомад, аз тахти дил ба ҳолаш механдиданд. Он рӯз қаҳрамони маърака Шонакҳатиллои собунпаз шуд. Вай, кисаи собун дар даст, ба ҳавлӣ по гузошт, ки Абодилло ба истиқболаш давиду гуфт:

– Салом Шонак, гӯё фаҳмида омада бошӣ. Дар хона як кулча собун нест, ки занон даст шӯянд. Зуд бош, ки панҷ-шаштоашро якбора мефурӯшӣ.

Шонаки саросемакор, ба умеди савдо шудани собунҳояш, ҷавоби саломро ҳам аз ёд бароварда, ба хона давид. Дақиқае пас шӯру мағали занон боми хонаро ба ларза овард. Мардон, ки машғули тоза кардани гирду атроф ва тармими шикастурехти хона буданд, ҳамагӣ гӯшу ҳуш шуданд. Чанд нафар ба бом баромада, дар

атрофи равзан ба тамошо нишастанд. Ҳоле ки Шонак дошт, насиби саги сиёҳ накунад. Баробари ба дупеча по гузоштан, занон кори худро партофта, ба сараш ғавр карданд. Дар сонияҳои аввал саллаву тоқиаш ғайб заданд, ду дақиқа пас ҷелакаш дастбадаст шуд, баъд дар миёни пойгаҳ ба тахтапушташ афтонданду кадом зани ғаюртар даст ба шалвораш бурд, ки бикашад. Шонаки бечора нефаашро маҳкам қапида, дод зад: "Рӯи калонкардаатон сиёҳ, танбонама даст наковед!". Аммо додувойи ӯ ба оташи ғайрати занон равған рехту бас. Ду нафар яктаҳашро кашида, ҳаво доданд, чанд зан ба пеҳҳояш часпиданд. Шонаки қадпасти шикамкалон чун ҳайвони бисмил даступо мезад, ба пушту паҳлу меғелид, ҳақоратҳои гӯшношунид мекард, вале ҳамааш барабас – тазйиқ нафас ба нафас бештар мегашт! Сару синаву ишкамашро диданд, боке не, танбонро сахт қапидан даркор, ки агар фарояд, шармандаи ду олам мешавад. Ду даст ба нефа, коре карда, рӯ ба замин тоб хӯрд ва дид, ки илоҷи дигари ҳифзи номус надорад, аз дашному носазо ба зориву тавалло гузашт.

– Лали оғилатон шавам, хокистари танӯратон ба сарам, лаҷани ҷумлаи кӯдаконатон ба даҳонам, ба мани бечора раҳм кунед, чи амре доред, иҷро мекунам, аммо танбонамро накашед.

Ин асно овози ҷарангосии Гулхинзои саркор ҳангомаро пахш кард:

– Ором шавед, занакҳо! Аблаҳро ба ман супоред.

Занон аз ӯ дур шуда, роҳи дарро гирифтанд, ки нагурезад. Шонак ҷаста ба по хест, ки Гулхинзо ду даст ба паҳлу ниҳода, рӯбарӯяш истоду бонг зад:

– Шонак, номардиро ба гардан мегирӣ?

Дигарон ҳамовоз шуданд:

– Мегирӣ?

Шонак ҳамоно ду даст ба нефаи шалвор, бечораҳолона посух медиҳад:

– Мегирам.

– "Албатта", бигӯ! – хитоб мекунад Гулхинзо.

– Албатта, мегирам, – ба овози ларзон мегӯяд Шонак.

– Аз баҳри саллаат гузаштӣ?

– Гузаштам.

Занон "саллаи аблаҳ ба мо монд" гуфта дод мезананду каф мекӯбанд.

– “Албатта” бигӯ, нешуд!
– Албатта, гузаштам, саркор.
– Аз баҳри тоқиат гузаштӣ, занкалон?
– Албатта, гузаштам, – ин бор бехато посух медиҳад Шонаки шармзада.
Занон дод мезананд: “Тоқии аблаҳ ба мо монд”.
– Аз баҳри ҷелакат гузаштӣ, нохалаф?
– Албатта, гузаштам, саркор.
Занон:
– Ҷелаки аблаҳ ба мо монд!
Саркор:
– Аз баҳри яктаҳат гузаштӣ, хасис?
– Албатта, гузаштам, валъамат.
Занон:
– Яктаҳи аблаҳ ба мо монд.
Саркор:
– Аз баҳри пехҳоят гузаштӣ, ифлос?
– Албатта, гузаштам, валъамат.
Занон:
– Пехҳои аблаҳ ба мо монд.
Саркор:
– Аз баҳри шалворат гузаштӣ, мумсик?
Шонакҳатилло таваллo мекунад:
– Қасам ба арвоҳат медиҳам, бад кардам, тавба кардам, шалворамро ба ман мон!
Гулхинзо ғамзакунон амр медиҳад:
– Зону зан, сарбараҳнаи нимҷон!
Мард зону зада, лоба мекунад:
– Иҷозат деҳ, биравам, валъамат.
– Занакҳо, ин аблаҳи бераҳа чанд собун овард?
– Даҳто, – баробар дод мезананд чанд зан.
– Шонак, агар хоҳӣ, бигириашон, ҳар даҳро як ба як ба сарат зада, майда-майда мекунем, агар бибахшӣ, ҷони нодаркоратро каҷ куну гурез!
– Девори қабрам шаванд ин собунҳо, монед, ки равам.
– Ҳоло ки ба фикри дар бузкуш овезон карданат наафтодаем, бигурез, бадбахт ва минбаъд дилхушии занонро вайрон накун. Дарро кушоед!

Дарро мекушоянд, Шонак, ду даст дар нифаи танбон, тирвор берун меҷаҳад ва таҳти хандаҳои гулдурросӣ ва нидоҳои “Қит! Гизор! Шарманда! Беобрӯй!”[1] ҷониби хонааш медавад.

Икронбегим дар хонаи дарун масхарабозии ҳамҷинсонашро таҳаммул мекард. Чанд бор хост онҳоро ба оромӣ даъват намояд, вале метарсид, ки худи ӯро, ба ибораи маъруф, “аблаҳ накунанд”. Дар маъракаҳои ҷомабурону саршӯён ба занон ҳар гуна шӯхиҳои ба қавле “аз шаръ берун” иҷоза буд. Ба мардон ҳар шӯхиву расвоиро раво медиданд ва касе ҳақ надошт, ки пеши раҳашонро гирад. Агар аз ҷинси мард туъмае наёбанд, ба ягон васила занеро ба масхара кашида, то ба ҳадди гиряву зора расондан, азобаш медоданд.

Дар охири маърака занон шинамии ҳар як либоси дӯхтаро ба қади арӯс дубориву себорӣ санҷида, табрикаш гуфтанд ва пароканда шуданд. Соҳибони хона нафаси озод кашиданду Икронбегим ба либосҳои Шонакҳатилло як ҷомаворӣ тавор[2] илова карду ба дасти Азизхон дод, ки ба хонааш бурда супорад.

Бибидавлат бо ҳайрат пурсид:

– Либоси Шонакро, албатта, додан лозим, лекин тавори худатро барои чӣ додӣ?

Икронбегим даст ба гардани занамакаш ҳалқа карда, аз пешониаш бӯсиду гуфт:

– Аммаҷон, намехоҳам, ки дар дили он муъмини Худо аз маъракаи ман кудурате монад. Шояд туҳфаи додаам аламашро равонад.

– Аҷаб инсони беозоре ҳастӣ, Икрон, охир ҳама медонанд, ки аблаҳ кардани мардон дар ин маросим одати садсолаи мардуми мост. Касе ранҷад ҳам, бояд аз худаш бинад, зеро дидаву дониста худро ба коми бало меандозад.

Икронбегим табассуми латифе карду гуфт:

– Росташро гӯям, бисёр расми нохубест ин. Зани пир шавам, аз ӯ мехоҳам, ки чунин масхарабозиҳоро барҳам диҳад.

Бибидавлат ба нишони инкор сар ҷунбонду гуфт:

– Ихтиёрат, аммо накунӣ, беҳтар. Охир, суру хушӣ аз мотам бояд фарқ кунад.

Танҳо акнун дили Икронбегим роғ зад, ки парҳезу тақвои сесола ботини ӯро тамоман дигар кардааст. Пештар садои мусиқиву

---

[1] Нидоҳои «ҳайфи ту» дар Шуғнон.
[2] Тавор – як навъ газвори ҷойдорӣ

шавқуни дилхушӣ вуҷудашро ба рақс меовард, ҳоло, баракс, хуш надорад. Бештар танҳо будан мехоҳад. “Ин хуб аст ё бад? – вазъашро ба тарозуи ақл гузошт духтар, аммо дар ҷавоби суол оҷиз монд. – Наход хорумоли Сифсак ва сайругашт бо вай, аз хандаву машлоти[1] одамон беҳтар бошад?”.

Соатҳои бо Сифсак будан ҳам башумор монданд. Як рӯз пеш аз ид, чашми рӯз накафида, бародараш ҳамроҳи даҳ савор ба ҳавлии Абодилло фуруд омаданд. Дарзамон Хуршедшоҳу ёронаш аҳли рикоби шоҳро пешвоз гирифта, ба фаромадану ҷобаҷо гаштанашон ёрӣ расонданд. Абодилло ҳамаро бағалкашу дастбӯс пешвоз гирифт. Пас аз субҳона – ошомиши оши серқатағи боқило, созандаҳо рубобу дафро ба наво оварданду Юсуфалихон ба соҳибхона гӯшакӣ кард, ки Икронбегимро бибинад. Абодиллою Бибидавлат вайро ба хонаи Икронбегим, ки дар охири даҳлез ҷой гирифта буд, раҳнамоӣ карданд.

Икронбегим ба ифтихори ташрифи бародараш бархосту бо садои хушк салом дод ва рӯ бар замин истод. Юсуфалихон дасти хоҳарашро бӯсиду гуфт:

– Медонам, дилат чи туғёнҳое дорад, вале бар гузашта салавот. Ислоҳи он аз қудратамон берун аст. Акнун бояд ба оянда бияндешем, ки дар дасти мост.

**Ҳамин соат, ҳамин лаҳза, ҳамин дам,**
**Дигаргун мешавад аҳволи одам.**

Маро бибахш, ба ҳурмати покиву имоне, ки дорӣ, маро бибахш. Худо рӯзадориатро ба даргоҳаш қабул фармояд.

Ҷумлаи охирин ба дили Икронбегим корагар омад. Вай ба рӯи бародараш бо дидаҳои пурашк нигоҳе афканд, ки дар он ғусса, изтироб, ҳасрат, хастагӣ ва нобоварӣ дарҳам рехта буданд. Сипас сар ҷунбонду худро ба оғӯши Бибидавлат зад. Юсуфалихону Абодилло пасупеш ба рӯи ҳавлӣ баромаданд. Шоҳ муддате дар чакалаки назди боғ қадам зад. Вай хоҳарашро беш аз понздаҳ сол надида буд. Рӯзи хостгорӣ ҳам Икронбегим диданаш нахост. Аммо, ҳоло ки дид, ба ҷои шодмониву мамнуният, ба дилаш гароние нишаст. Икронбегим як себи дукафон сурати модарашро дошт. Модари нозанине, ки як моҳ баъд аз кушта шудани шавҳараш обу адо гашту ҷон ба Ҷаббор супурд. Дар рӯзҳои вопасин ҳарчанд аз Муҳаббатхон

[1] Машлот – ҳаҷву мутоиба; ширинкор

хоҳиш кард, ки духтарашро ба қалъа биёранд, то бинаду ормон бишканад, писари масти ғурури навдавлатӣ, гапашро ҳатто шунидан нахост. Ба ёди ҳамин хотираҳои мағшуш Юсуфалихон сар ба ҷайби андеша фуру бурду зери лаб ба Муҳаббатхон лаънат фиристод. Банохост андешаи зерин дар дилаш барқ заду вуҷудашро такон дод: "Ману Муҳаббатхон, бо вуҷуди бархурдор будан аз имтиёзи ҳокимият, дар назди халқ обрӯву нуфузи Икронбегимро надорем!". Ин фикр писандаш наомад. Лаб инҷ карду қафо баргашт ва ба Абодилло рӯ овард:

– Магар пагоҳ иди Қурбон нест?

– Ид аст, албатта.

– Оё дар чунин рӯз гузарондани сур равост?

– Намедонам, лекин агар худи Сайид фармуда бошад, пас раво будагист.

Шоҳ мушт ба даҳон гузошта, сулфаи қалбакие карду гуфт:

– Қурбонихӯрӣ омадем, гӯй.

– Бале, шоҳам, Икронбегим қурбонибарраи сесола дорад. Пагоҳ забҳаш мекунем.

Акнун ба сари шоҳ зад, ки Сайид Фаррухшоҳ, ба ҳайси пир, дидаву дониста, ҳамин рӯзро баргузидааст. "То куҷоҳо фикр мекардааст ин мардак! – рашколуд фикр кард Юсуфалихон ва бори дигар ба дурандешии Сайид тан дод. – Беҳуда пешвои мазҳаб интихобаш накардаанд!".

Бо ҳамин андеша, бефарқ даме ба рӯи Абодилло нигаристу банохост мавзӯъро билкул дигар кард:

– Ҳоло ҳам орзуи Шохдараатро ба сар дорӣ?

– Албатта, шоҳам, агар иҷоза бидиҳӣ, – рӯҳ гирифт Абодилло.

– Иҷоза медиҳам, лекин агар гӯшам бод барад, ки ту ё ягон авлодат даъвои ҳокимӣ кардаед, валлобилло, гила аз худатон шавад. Аз ман беҳтар медонӣ, ки ба чи машаққат Шохдараро ба Шуғнон тобеъ кардем.

– Ман хонаи падарро обод карда, дар деҳаам ба хок равам, дигар ҳеҷ чиз бароям лозим нест. Баракс, ҳар чи аз дастам биёяд, барои салтанат фидо мекунам.

Юсуфалихон ба қасди бастани аҳду паймон ба писархолааш даст дод. Абодилло онро фишурду рӯи дидаҳо гузошт. Вақте ки ба хона даромаданд, шуълаҳои хуршеди пушти қуллаҳо рӯзро сафед карда, ҳаку ҳамсояҳо як-як барои хизмат ҳозир мешуданд.

Наздики чошт мардум бо дафу рубоб ва рақсу бозӣ домоди муътабарро пешвоз гирифтанд. Сайид Фаррухшоҳ дар ҳалқаи бист савор, ки аксарашон бузкашони номдор буданд, ба ҳавлӣ фаромад. Шоҳ ва Абодилло ӯро пешвоз гирифта, дар қадамаш барзагов хун намуданд. Сайид бо гилеми маҳинбофти сафеди гирди гардану зеҳи остин ва доманаш сурх, саллаи тунуки фашаш то сари китф, риши шерозаи равғанкарда, мӯзаҳои фарангии сиёҳи ялаққосӣ ва рухсори шукуфтаву шугун шоҳзодаҳои афсонавиро мемонд. Юсуфалихон пасшоҳони вайро даррав шинохт: онҳо ҳар ду Авазбек, – яке сучонӣ, дигаре шидвудӣ, – буданд. Авазбеки шидвудӣ низ, чун ҳамноми сучонии худ, бо садоқати сарсупоронааш ба Сайид Фаррухшоҳ дар тамоми пойтахт ном баровcurrently буду дар байни халқ маҳбубияти зиёде дошт. Имонаш он қадар қавӣ буд, ки касе дар наздаш номи Сайид Фаррухшоҳро бе иловаи "Пир" ба забон бигирад, аз вай ҳатман гапи тунде мешуниду дубора ба ғалат роҳ намедод. Чун марди баҳодуру силаҳшӯре буд, аз ҳайбаташ ҳама метарсиданд. Шоҳ дар пушти зини шидвудӣ бузи сарбуридаро диду гуфт:

– Сайид, мисле, ки имрӯз моро тамошо медиҳӣ.

– Сури бебузкаширо дӯғкашӣ гуфтаанд. Ин серкаро се рӯз дар об хобондам, Рустами Дастон кашад, намедарад.

– Мо ҳам ба ҳавас серкае гузоштаем, – аз шавқи мусобиқа каф ба ҳам совид шоҳ, – мебинем, шоҳ мағлуб мешавад ё арӯс.

Пас аз соате дилхушиву тановул, ба ҷуз арӯсу чанд зани ҳамроҳаш, дигарон майдони бузкаширо ба ҳалқа гирифтанд. Шоҳу Сайид Фаррухшоҳ бо муқаррабони худ бар баландие нишастанд, ки аз он тамоми майдон менамуд. Ба ишораи Юсуфалихон бозӣ сар шуд.

* * *

Рӯзи дигар, ҳанӯз ситораҳо осмонро тарк накарда, занон дар хонаи Икронбегим, мардон дар хонаи калон намоз гузориданд. Пеш аз сарфи субҳона чирсу бонҷ[1] оварданду ҳама ба чашм сурма кашиданд.

– Ривоят аст, касе, ки дар иди Қурбон чашм нарӯзад[2], ҳамон сол ӯро мор мегазад, – гуфт Сайид Фаррухшоҳ вақте ки дасторхон густурданд. – Аммо бештари мардум морро ба маънои аслиаш

[1] Чирсу бонҷ – сурмаи сангӣ

[2] Рӯзидани чашм – сурма кашидан ба чашм

мефаҳманд, ҳол он ки он ишора ба бино гаштан бар аъмоли бади худ мебошад, ки ба мисли мор душмани ҷони инсон аст.

– Чи масали аҷибе задӣ, Сайид, – ба ҳайрат сар ҷунбонд Юсуфалихон, – аз хурдсолӣ ба сурма кашидани марду зан дар ин айём ҳайрон мешудам, вале акнун чи маъно доштанашро донистам. Ҳоло ки фурсаташ омад, мехоҳам як масъалаи дигарро ҳам бипурсам.

– Ба ҷону дил! – Сайид мутаваҷҷеҳи шоҳ гашт.

– Чаро дар Шуғнон мардум банавбат қурбонӣ мекунанд, на ҳама якбора?

Сайид ширрӯғани косаашро ба чанд қулт фуру бурду зарфро ба дасторхон гузошт ва посух дод:

– Гап дар забҳи саросемаи ҷондор нест, масъала ин ҷост, ки онро аз рӯзи аввали зодан ба ҳамин нийят бояд парвариш кунанд. Вақте хуни як ҳайвони қатории пешомадаро мерезонем, дақиқае ҳам барояш фикр намекунем, аммо агар моли чун бачаи худ калонкардаамонро мекушем, ҷигарамон барояш доғ-доғ мешавад. Ончунон ки Иброҳим аз амри Худованд сар боз назаду агарчи дилаш хун мегирист, дар роҳи ризои Ӯ бар гулуи писари ба ноз парвардааш корд ниҳод. Охируламр, чунонки Худи Он Зоти Пок дар китобаш мегӯяд, тақвои бандаи хокӣ ба даргоҳи Ҳақ Таъоло мерасад, на гӯшт, на пӯст, на устухони кадом ҳайвоне. Агар дар деҳае се буна қурбонӣ партоянд[1], пас ҳамин се буна ба ҳамин нийят ҷондор парваридаанду дигарон ё нийят накардаанд, ё молашон ҳанӯз ба қурбонӣ нарасидааст.

Юсуфалихон дар Шуғнон зодаву калон шуда бошад ҳам, моҳияти урфу одатҳои мардумро қариб намедонист. Вай ҳам, ба мисли дигар аҳли авлоди худ, ба ғайр аз ҳазари бедалел аз исмоилиён, дигар аз маслаки бобоии хеш огоҳии кофӣ надошт. На ба вай, на ба Муҳаббатхон, на ба дигар пайвандонаш ҳатто тарзи дурусти гузоридани намозро ёд надоданд. Падараш Абдураҳимхон, ғарқи манҷалоби кашокашҳои дарборӣ, вақте надошт, ки ба умури дину мазҳаб машғул гардад. Дуруст аст, ки дар байни афсарону навкарони бадахшиву қундузӣ ашхоси намозхон буданд, аммо шоҳ, фарзандон ва ракикати[2] ӯ ҳақ надоштанд, ки бо ҷамъияти хидматгузорон равуои ғайрирасмӣ кунанд. Ба ин сабаб, дар боби оину кеш дар дили Юсуфалихон саволҳои зиёде гирд

---

[1] Дар Помир баъди забҳ моли қурбониро аз бом ба поён партофта, хунашро дар таште мегиранд.
[2] Ракикат – хешу табори дур

омада буданд, вале онҳоро дар назди ҳар муллои одӣ ба миён гузошта наметавонист. Ҳоло ки муътабартарин пири тариқат дар паҳлуяш нишаставу рӯз ҳам рӯзи маърифату диншиносист, ҳеҷ айбе нест, ки ниҳоят ба саволҳои худ посух дарёбад.

– Аҷаб-аҷоиб шарҳе, Сайид, – бо дастор панҷаҳояшро пок карда, гуфт шоҳ, – бовар кун, ин қадар сол андеша доштам, ки шуғниён ба иди Қурбон эътиқоди комил надоранду баъзе аз онҳо аз рӯи ҳавову ҳавас мол мекушанд. Акнун, пурсиши охиринам ин аст, ки барои чӣ моли қурбониро сон мепӯшонанду ба бом баровarda, забҳ мекунанд?

– Ҳазрати Иброҳим алайҳиссалом ба нийяти қурбонӣ писарашро таҳорат дод, либоси сафеди тоза пӯшонд, баъд бар баландие бурду бар гулуяш корд гузошт. Мардум ҳам дар пайравӣ аз ин ривоят, бо моли қурбонӣ ҳамон мекунанд, ки пайғамбар бо фарзандаш карда буд. Ҳар чизе, ки ба номи Аллоҳи Таъоло анҷом дода мешавад, бояд аз рӯи сидқ бошад. Нишони сидқ дар олами зоҳир покиву назофат аст.

Дар ин лаҳзаҳо Икронбегим, заволаи боқилой дар даст, дари оғилро кушод. Сифсаки чанбаршох чун ҳамеша дар подарӣ ҳозир гашту ба ду по баланд шуда, бо ғутғути гуворо заволаро фуру бурд. Духтар сарашро дар канор гирифт, аз бонҷхалта чирс бароварду чашмони кучқорро бадиққат рӯзид ва аз пешониаш се бор бӯсид. Сипас калима хонду бадараш овард ва дар таги дарахти себ аз офтобаи худ обдасташ дод. Сифсак ҳар як ҳаракати соҳибашро бо хушнудии садоқатмандон қабул намуда, гоҳ дастонашро бӯидаву гоҳ фук рӯи зонувонаш ниҳода, ба соҳиби худ арзи дӯстдорӣ мекард. Икронбегим дар андешаи ҳузнангези ҷудой, ба хорумоли охирини сару тани Сифсаки дилбанди худ даст зад. Ҳайвон, гӯё сӯзи дарунии соҳибашро пай бурда бошад, дар паҳлуи ӯ ҳалқа зад ва сар ба пояш ниҳод. Дили духтар ганда шуд, маҷрои ашки дар сина раҳбаста ба туғён расиду аз дидагонаш чакидан гирифт. Донаҳои сиришк рӯи фуки Сифсак рехта, ба даҳонаш мешориданд. Сифсак забон баровarda, чашмонашро нимпӯшкунон онҳоро мелесид, – ангор, қабл аз он ки сараш аз тан ҷудо гардад, маззаи оби дидаи соҳибашро бар лавҳи ҷон нақш мекард.

Дар ҳамин ҳол Бибидавлат ҳам расид, даст бар китфи духтар ниҳод ва хомӯширо шикаст:

– Медонам, ба Сифсак сахт дил бастаӣ, аммо соати орову торо додани ҳам ту, ҳам Сифсак расид. Пас аз забҳи ҷондор никоҳ сар мешавад.

Икронбегим аз кисаи зебои чармӣ калтача ва лешаҳои Сифсакро бароварду ба Бибидавлат дод ва нимшунаво гуфт:

– Оре, соаташ расид.

– Ту калтача дӯхтаӣ? – шигифтолуд нидо баровард Бибидавлат, – асосан, сонро бо лешаҳо аз ду тараф мебанданду халос.

– Ман барои Сифсак чунин хостам.

Бибидавлат сар ҷунбонду чизе нагуфт. Занон калтачаи сурхро ба қучқор пӯшонда, бо лешаҳои рангин бастанд.

– Барф меояд, – рӯ ба осмон овард Бибидавлат.

Икронбегим ба само назар андохт. Чанд зарра барфи реза бо сардии гуворо рӯяшро навозиш карданд.

– Имрӯз дунё равшанистон мешавад, амма.

Бибидавлат ҷавоб дод:

– Ин сафедии бахт аст, нуран ало нур, духтарам. Чи рӯзи неке!

Пас аз соате мардон Сифсакро ба куштан бурданд. Вай охирин бор ба ду по бархоста, дасти соҳибашро бӯиду мутеъона аз паси Сайид Фаррухшоҳ равон шуд. Чанд мард қучқорро озод бардошта, тавассути нардбон ба бом бароварданд. Забҳи Сифсакро худи домод – пир Сайид Фаррухшоҳ ба уҳда гирифт. Ду мард барои гирифтани хун бо ташти омода зери девор истоданд. Селаи бачаҳои пурғавғо дар талоши ба даст овардани калтачаву лешаҳои Сифсак барои ҳарчи наздиктар шудан ба ҷойи афтодани ҷондор тархаша доштанд.

Сайид ба ёрии Абодиллову Азизхон Сифсакро дар бомгӯша хобонду сарашро ҷониби қибла рост карда, бо овози баланд ба хондани дуо пардохт. Ҳангоме ки корд ба гулуи қучқор расид, ғайриодат, чун аз паси тобути шахси фавтида, садои фалакзании Икронбегим баланд гашт:

**– Ай дӯст, намедонум, муқомут ба куҷост?**
**Ҷонум ба ту пайванду танум аз ту ҷудост.**
**Монандаи абр меравӣ бар гардун,**
**Занҷири муҳаббати ту дар гардани мост.**

Чанд зан сари овози гуворо, вале пурсӯзи Икронбегимро гирифтанд. Хун аз гардани Сифсак фавора заду деворро рангин сохт. Таштдорон зарфро ба девор ҷафс намуданд, то ҳарчи бештар ба ташт резад. Бо дидани ин манзараи вахим гапи Мирҷамол ба ёди Икронбегим расид: "Вақте ки аз бом хун мерезад, шавҳар мекунӣ". Дили духтар таҳ кашид, забон аз фалакхонӣ барбаст. Сайиду Абодилло ҷасади

Сифсакро аз гӯшаи бом раҳо карданд. Садои хушҳолонаи кӯдакон ба фалак печид. Дар они воҳид калтачаву лешаҳои ҳайвон дастобадаст шуданд. Зеро, тибқи ривоят, аз ҷомаи моли қурбонӣ агар тиккае ба касе расад, дар он дунё, он ҷонвар ӯро ба пушташ савор карда, аз пули Сирот мегузаронад.

Икронбегим ҷасади оғуштаи хуни Сифсакро дидан нахост. Ба дови рафтан ақиб гашту ба Юсуфалихон рӯбарӯ омад. Шоҳ бо табассуми малеҳ ангушти ба хуни Сифсак таркардаашро ба пешонии хоҳараш пахш карду гуфт:

– Хоҳарам, арӯсӣ муборак! Акнун хона раву омода шав. Соати шайкунӣ[1] ҳам расид.

Икронбегим сар ҷунбонда, рӯймол ба рӯ кашид ва ҷониби хона қадам гузошт.

## ҒОРИ САРТАРОШ

Нафаси сарди охири тирамоҳ оби Танимасро аз шаст фароварда буд. Буттаву гиёҳи ду соҳили рӯд ҷомаҳои яхӣ ба бар карда, зери бори гарони он хам зада, гӯё ба оби равон сари таъзим фуруд меоварданд. Оби ширранг, ки тобистони дароз ҳамҳамаю дамдамааш ба дили кӯҳ ҳам ҳарос меафканд, акнун дар бистараи худ сар ба хоби роҳат ниҳода, нарм-нармак наҷво мекашид. Барф бо қадамҳои суст аз рафъати қуллаҳо поён хазида, рӯз то рӯз ба ҷангали анбӯҳе, ки Танимаси нозанинро то поёни дара танг дар оғӯш гирифта буд, наздик меомад. Дар баробари бед, рим, ван, видӯғ, гулхор, ангат, ки дар бағали дараҳои кӯҳистони Бартанг радда-радда мерӯянд, дар ин мавзеъ чизе, ки ғайриодӣ ба назар мерасад, фаровонии дарахти дегз аст. Ангор табиат барои дегзи баландболо ва нозукпайкари сафедандом аҷоибхона бино карда бошад. Аз зичии гиёҳу дарахт, одам чӣ, ҳатто аҳли олами вуҳуш, дар дили торики ин беша раҳгум мезанад. Агар инсон чи будани ҳамбастагиро аён ба чашми сар дидан хоҳад, бояд ба Танимас ояд ва соате ҷангалашро тамошо намояд. Ин макони *ҳамнафасии бузург* аст: ҳулбу сар ба канори райҳон, райҳон гардан ба синаи ревоч гузоштааст; карафс дар сунбул печидаву пӯшак дастони ҳазоршонаи худро бар гесувони бешумораи ван фуру нишонда-

[1] Шай кардан – маросими либоспӯшии арӯс

аст; кавар бунгоҳи худро ба ихтиёри раҳдавак гузоштааст, ширинбӯя дар танаи камол хазида, ҳарду такя ба шохсори вихтис задаанд. Чирӯгҷҳо[1] чун тортанҳои азимҷусса аз поин то боло дар тану шохсори дарахтон печидаву ёзида, тамоми бешаро дар пардаи тӯри арғамчинмисоли худ панаҳ намудаанд. Дарахтон низ реша ба реша, тана ба тана, шоха ба шоха муҳаббат меварзанд, – мекӯшанд, ки, – чун мардумони ин даррасорҳо, – дар эътимод ба нерую тавони ҳамдигар, аз тангнои дара сар ба осмони бекарон бароварда, аз дидори хуршеди зиндагибахш файзёб гарданд.

Ин дарасори зарнисор танҳо як буна дорад, ки хонаи пастаки гилрехтааш дар назди Ғори Сартарош воқеъст. Аз ин ғор ҳама бим дар дил доранд, ба ҷуз Дарвеши Заршӯй. Он қадар нотарс аст ин мард, ки девори пушти хонаашро шахи ҳамин ғор баргузида. Танҳо зиндагӣ мекунад. Мӯи жӯлидаи қатронии дароз, риши то ноф паҳну парешон, ҷуссаи қавию қомати баланд ва либоси пӯстихирсиаш ӯро ба вуйди[2] даҳшатнок монанд кардаанд. Фақат сарезиҳо медонанд, ки ин тоқабунаи Танимас вуйд нест. Мардест, ки аз оби рӯд тилло мерӯёнад. Вале онҳо ҳам заҳраи наздик шудан ба манзилгаҳашро надоранд. Аввалан, аз ғор метарсанд – як худи номи Ғори сартарош бас, ки раҳгузар аз ин маҳалли офатӣ як фарсах фосила бигирад. Сониян, Дарвеши Заршӯй ҳам бо кулбаи фақиронаву сарулибоси ғалатиаш балои зиндаест, ки заҳраи Рустами дастонро низ мекафонад. Баъзеҳо дидаву аксар шунида, ки касе ба ин ғор даромадааст, хобаш бурдаву ахиран, бо сари покиза тарошида бадар омадааст. Баъди он гӯё як умр калу качал шуда, боиси хандахариши мардум мешудааст. Ва барои тасдиқи ривояти худ мисолҳо ҳам меоварданд. Баъзеҳо мегуфтанд, ки сари ба ғор даромадагонро ҳамин Дарвеши Заршӯйи савдоимизоҷ метарошад, аммо бисёриҳо бар он буданд, ки пеш аз маскун шудани Дарвеш ҳам дар ин бойи[3] тилисмдор мӯйи сари роҳафтодагонро метарошиданд.

Аммо он чи Дарвеши Заршӯй медонист, касе намедонист. Ҳатто занаш – Гулнамо, ки аз ҷунбиши ҳар мӯре дар хоки Сарез ба чи василае дарзамон огоҳ мегашт, намедонад, ки шавҳараш барои чӣ дар ғори бадвоҳима маскан гузидааст. Фақат медонад, ки чанд сол пеш

---

[1] Чирӯгҷ (шуғнонӣ: чирӯҮч) – як намуд рустании буттаӣ, ки шохаҳояш ба дарахту гиёҳ печида, қад меёзанд. Аз он афзори зарфшӯӣ созанд.

[2] Вуйд – ғӯли нар

[3] Бой (шуғнонӣ) – ғори сангӣ, калф

шӯяш барои тиҷорат ба шаҳрҳо рафту чун баргашт, як моҳ пас ду марди мусаллаҳи қирғизбашара ба хонаашон омада, хоҳаршӯяшро арӯс карда бурданд. Як моҳ пас Дарвеш ба ҷустуҷӯи хоҳараш баромаду шаш моҳи расо бедарак шуд. Аввали баҳор омаду гӯшанишинии Ғори сартарошро ба калла гирифт. Тамом. Гулнамо ҳамин қадарашро медонист. Дигар на дар хобу на дар бедорӣ аз даҳони шавҳар дар ин мавзӯъ гапе кашида натавонист, ки натавонист. Занак тарсид, ки пас аз ғорнишин шудани шӯй, меҳри Дарвеш ба ӯ ва фарзандонаш коста, зиндагиашон бад мешавад. Аммо, баракс, Дарвеш моҳе як-ду маротиба онҳоро хабар гирифта, ҳар бори омаданаш барояшон як харвор либос, ғалла ё орд, гӯшти нахчиру мешак ва ҳар гуна ҳадявории хурду реза меоварду боз ба ғораш бармегашт. Зан ҳайрон мешуд, ки шавҳараш дар ғори аз дунё канда ин ҳамаро аз куҷо меёбад, вале Дарвеш, ба ҷои ҷавоб, агар дар пеши бачаҳо бошанд, "чарғандаи[1] таърифиатро тезтар биёр" мегуфту агар дар хилват бошанд, бо лабони ташнааш даҳони занашро пӯшонда, танг ба оғӯшаш мегирифт. Аз аҳли деҳа омаданашро касе намедид: шоми торик меомаду поси дуюми шаб мерафт. Аз он ки хонаашон дар охири деҳ зери шахпораи баланд ҷойгир буд, омадурафташро ҳам касе пай намебурд. Сару сомони хона дар дасти Тағойбек – писарамаки Дарвеш буд. Тағойбек дар қӯшхонаи паҳлуи айвон зиндагӣ мекарду ҳангоме ки Дарвеш ба хона меомад, субҳгоҳон ба гуселаш баромада, одатан, гашти рӯз ба хона бармегашт. Гулнамо яқинан медонист, ки Тағойбек аз сирру асрори шавҳараш пурра хабар дорад, вале вай ҳам, гӯё савганд ёд карда бошад, дар ин бора сию ду дандон сафед намекард. Гулнамо чанд бор дар назди шавҳараш дов истод, ки Тағойбекро кадхудо кунад. Синни ҷавон аз ҳаждаҳ гузашт, вале Дарвеш ба ин кор кӯшише нишон надод. Худи Тағойбек ҳам дар фикри зангирӣ набуд. "Калонтар шавам, ақлам дарояд, баъд мегирам", – шӯхиомез ҳар бор ба бародарзанаш посух медоду то аз нав ба миён омадани ин гап гӯшашро мехобонд. Зан аз он хавотир буд, ки ҷавон ятимии худро эҳсос нанамояд. Банохост, ғайричашмдошти Гулнамо, як рӯзи баҳор Тағойбек хоҷагидориро ба бародарзодаи калониаш супорид ва ду қанор пуманро[2] ба пушти хар ниҳоду роҳи шаҳрҳои ка-

[1] Чарғанда – ҳасиб. Гӯшти қимаро дар рӯдаи ҳайвон анбошта, мисли нон ба танӯр часпонда, мепухтанд.
[2] Пуман – пашми нарми буз

лонро пеш гирифт. Ва бо ҳамин бедарак шуд. Аз миён се сол гузашт, на хате аз вайу на хабаре. Гулнамову фарзандон ба ташвиш афтоданд, вале Дарвеш парвое надошт. Ба исрори занаш кӯтоҳ ҷавоб медод: "Ягон рӯз пайдо мешудагист". Аз дамдуздиву рафтори шавҳар ва сафари ногаҳонии Тағойбек дили Гулнамои кунҷков қариб мекафид. Зан нигарон буд, ки ба шавҳараш чӣ шудаасту пинҳонкории ӯ фардо ба сари фарзандонаш чӣ ҳодисае меоварда бошад.

Вале Дарвеш андешаи ба хона бозгаштанро билкул аз сар дур андохта буд. Дурусташ, мехоҳад, аммо наметавонад. Роҳаш бастааст! Зану фарзандонаш аз куҷо медонанд, ки орзуи сарватманди бузург шудан ӯро бебанд дар соҳили Танимас гулмех задааст. То оғози тирамоҳи соли оянда ба андозае бояд тилло шӯяд, ки пулаш барои киро намудани чил-панҷоҳ коргари доимӣ расад. Он гоҳ дар муддати як сол бо ёрии Тӯйчибой ба мисли ӯ соҳиби давлату савлат шуда, ба миёнравии хоҳараш ҳокими тамоми Рӯшонзамин мегардад. Сарези нозанинро пойтахт мекунаду дар он чун дар шаҳрҳои калони дидагиаш барои худ қасру кӯшк, барои бозоргонон корвонсарои обод, барои ҳамдеҳагонаш хонаҳои барҳаво месозад. Бигзор, ҳамдеҳагонаш дар сояи ҳокимияти ӯ дар тамоми Рӯшон каттагӣ карда гарданд.

Дарвеш аз падари худораҳматиаш Мискин касби заршӯӣ ба мерос гирифт. Аслан равмедианд, аз деҳаи Равмед, ки чандин фарсанг поёнтар аз Сарез воқеъст. Боре падараш бо коре ба Сарез меояду зебоӣ, серпаҳноӣ ва ҳосилхезии заминҳояш ба ӯ сахт писанд меафтад. Хонаи падариро ба бародари калонаш Муборакшоҳ гузошта, худ ба Сарез мекӯчад. Дар Сарез хона сохта, аз ҳисоби бешазор замини кишт мекушояд. Овозаи кони тилло будани рӯди Танимас дар дили ӯ шӯр меандозаду роҳи душвори он маконро пеш мегирад. Ду рӯз пас ба соҳили рӯди пуртуғён мерасаду аз бисёрии тиллои он чашмаш сиёҳӣ мезанад: аз синаи кӯҳ об не, кони тилло равон буд! Ҳаваси ривоҷ додани касб вуҷудашро фаро мегирад ва дар бари Ғори сартароши дараи Танимас аз сангу чӯбу чахс сарпаноҳе месозад. Бо ҳамин пешаю кори хонаводагиашро дар ин дараи пои инсон нарасида идома медиҳад.

Аҳли оилаи Мискин моҳҳои дарози тобистонро дар лаби рӯди Танимас мегузаронданд. Дар мавзеъҳои алоҳидаи об намад хобонда, реги тиллодор ҷамъ меоварданд. Вақте ки намад ба миқдори зарурӣ пур мешуд, онро берун кашида, регро аз зарраҳои дурахшони тилло ҷудо месохтанд. Аз рӯди пурсаховат дар як мавсим даҳ-понздаҳ киса

зар ба даст меоварданд. Кисаҳоро модар аз пӯсти ошдодаву бо шираи ван рангкардаи падар, ба дарозии як ва паҳноии ним ваҷаб медӯхт. Вақте бо зари хом пурашон мекарданд, барои он ки ба осонӣ боз нашаванд, аз чаҳор сӯрохи даҳонашон милахт[1] гузаронида, кӯргиреҳ мебастанд.

Муштарии доимии падараш Арал ном марди қирғиз буд. Ин шахси давлатманд дар Аличори Помир ба сар бурда, ба ғайр аз бозоргонӣ, дар чорводорӣ низ дасти тамоме дошт. Мискин ва Аралро на танҳо тиҷорату савдо, балки риштаи маҳками дӯстӣ низ ба ҳам мепайваст. Арал бо писараш Ҷӯлдошу Канак ба Сарез меомаду як ҳафта меҳмони Мискин мешуд. Мискин низ бо писараш Дарвешу писари бародари раҳматиаш Тағойбек ба меҳмонии Арал мерафту ба шарофати ӯ дар байни ин қавми ғаюру заҳматкаш ёру ҷӯраҳои бисёр пайдо кард. Писарамаки Дарвеш ҳам ба туфайли Арал Тағойбек ном гирифт. Падари Тағойбек як моҳ пеш аз зода шудани дугониконаш аз қабзи шадиди шикам вафот кард. Мискин бародарзани дуҷонашро аз Равмед ба Сарез, ба хонаи худ овард, то бепарастор намонад. Субҳе, ки Тағойбек ба дунё омад, Арал дар рӯи ҳавлиашон аз асп фаромаду тибқи одат фарёд кашид:

– Тағоятон омад, бидавед, тағоятон омад!

Бо шунидани садои ошнои Арал Дарвешу хоҳараконаш берун давида, худро ба оғӯши тағои қирғизашон андохта, сабқаткунон муждаи равшан шудани чашми зани амакашонро ба ӯ расонданд. Ин асно Мискин ҳам баромаду дӯсташро дар оғӯш гирифт. Арал табрикаш намуд:

– Муборакӣ тирандоз, дӯсти азиз!

– Худо муборак, якто ҳам не, ду тирандоз! – Мискин аз ғояти шодӣ дӯсташро оғӯшкашон бардошта, чархе зад. – Калонӣ номи падараш Мубораккро тоза мекунад, хурдиро ба пойи қадамат Тағойбек ном мемонам.

– Ба ман чунин шарофат раво дида бошӣ, ҳазорон қуллуғ, ошно. – меҳмон чунон хурсанд шуд, ки қалпоқашро ба ҳаво партофта, ба забони худ нидое дардоду онро дар дами афтодан чолок қапида, боз ба сар ниҳод. – Бахудо чашмдор набудам, ки тоҷике маро ин қадар эҳтиром мекунад. Худо шоҳид, ки ин бача ман барин бойу бадавлат ва баиқбол мешавад.

---

[1] Милахт – риштаи чармӣ.

Ҳамин тавр, байни чанд номи тоҷикӣ дар хонадони Мискин як исми туркии Тағойбек пайдо гашту ба шарофати он дӯстии Мискину Арал ба хешовандӣ табдил ёфт. Бадбахтона, Муборакшо дар семоҳагӣ нобуд гардиду модараш низ пас аз чанд муддат аз камхуниву бемаҷолӣ ба худ наомада, ҷони ҷавонашро аз даст дод. Танҳо Тағойбек зинда монд. Арал Тағойбекро писар хонд ва ончунон ҷиддӣ ба вай ғамхорӣ мекард, ки гӯё дар ҳақиқат ҳам писараш бошад. Ҳар боре ки ба Сарез меомад, барояш дастовези махсус меоварду ҷудогона дӯстдориаш мекард. Вақте ки Тағойбек ба ҳафт қадам гузошт, аввали тобистон аҳли хонаводаи Мискинро ба Аличор бурда, ба муносибати ҳафтсолагии писархонди худ тӯйи калон дод. Ҳамон рӯз дар ҳузури хонаводаи худу Мискин дар бораи Тағойбек чунин гуфт:

– Бидонед, ки Тағойбекро дар забон фарзанд нахондаам. Ин бача дар баробари Канаку Ҷӯлдош дар назди ман қадр дорад. Ба ёд дошта бошед: ман зинда бошам, набошам, Тағойбек аз хонаи ман, аз моли ман, аз чарогоҳи ман ҳисса дорад. Агар ҳозир талаб кунад, медиҳам, агар калон шуда, талаб кунад, медиҳам, агар ман мурдаму талаб кунад, бидиҳедаш. Насиҳату васияти ман чунин аст, ки дар ҳузури қавми худам ва қавми Тағойбек гуфтам. Ва дигар: кадом вақте Тағойбек ё кадом аҳли хонаводааш ба хонаи ман омад, шаб аст ё рӯз, фарқе надорад, бидонед, ӯ ба хонаи худ омадааст. Бошам, набошам, кадоме аз авлоди ман ин гапро нагирад, баракати худро аз вуҷудаш меравонам.

Қаробату равуои ин ду хонавода баъд аз вафоти Аралу Мискин ҳам идома ёфт. Вале тохтутози Муҳаммадкарими роҳзан ба Бартангу маҳалҳои тоҷикнишини атрофи Аличор ба ин хушбахтӣ завол овард. Ин ғоратгари бераҳм қирғизонеро, ки бо тоҷикон паймони бародархондагӣ доштанд, ё ҳафтоду панҷ дарра мезад, ё молашонро ба яғмо мебурд. Азбаски дастаи Муҳаммадкарим намегузошт, ки ӯйғурҳову хитойиҳо сарҳади Помирро шикананд, қирғизон ба ҳамин хотир, ба дастаи ваҳшисирати вай муқовимат нишон намедоданд. Дар ин сурат, тоҷикон як роҳ доштанд: ҳангоми ҳуҷуми роҳзанони қирғиз ба деҳаҳояшон, муташаккилона ба ҷанг бархоста, молу номуси худро муҳофизат мекарданд.

Дарвешу Тағойбек муштариёни қирғизи худро аз даст доданд. Моле, ки харидор надорад, зар ҳам бошад, ба кӣ даркор? Заҳмат кашиву суде набинӣ, на дилат ба кор мечаспаду на дастат. Бародарон

дар пайи ёфтани илоҷи дигари муштариёбӣ шуданд. Боре Мискин гуфта буд, ки дар дуриҳои дур, дар паси кӯтале бо номи Сағридашт Самарқанд ном шаҳри ободе вуҷуд дорад, ки сокинонаш ҳамагӣ бойу бадавлатанд. Ин шаҳр аз тиллои холис сохта шудааст. Мардумаш, чи мард, чи зан, ҳамагӣ либоси зарбафт мепӯшанд. Дар деги тиллоӣ хӯрок мепазанд, аз чумча сар карда, то косаву табақашон тиллоист. Дар тамоми дунё танҳо самарқандиён ба қадри зару сим мерасанд. Заргарон, заркорон ва зардоронро ин мардум гиромӣ медоранд. Тиллоро онҳо се-чор маротиба бештар аз арзишаш харида, дар хазинаҳои зеризаминӣ нигоҳ медоранд. “Ман, – бо ҳасрат мегуфт падари Дарвеш, – умре орзу мекардам, ки колои худро ба Самарқанд барам, вале саргармии рӯзгор иҷозатам надод. Шумо – писарони азизам, агар ба Самарқанд роҳатонро кушоед, хоки даргоҳатон аз зар мешавад”.

Рӯзе Тағойбек ҳамин насиҳати падарро ба ёди Дарвеш овард. Дарвеш гуфт, ки вай ҳам дар ҳамин андеша аст, вале азмашро ҳеҷ ҷазм карда наметавонад. “Поям намекашад ба мамлакате равам, ки соҳибдараке дар он ҷо надошта бошам. Дуюм, порсӣ намедонам. Дигар, метарсам, ки ба дасти роҳзанон афтаму ҳам зарам ба боди фано равад, ҳам сарам”. Тағойбек гуфт: “Ҷони додар, ду даст ба қазо шинем, касабаамон аз равнақ меафтаду дигарон онро соҳиб мешаванд. Пас ба ман иҷоза бидеҳ, ки равам. Он сарзаминро Туркистон гӯянд. Порсӣ надонем, қирғизӣ медонем. Касе қирғизӣ донад, туркон ҳам гапашро мефаҳманд”. Аз ин гап чеҳраи Дарвеш равшан шуд. Вай хурсандона гуфт: “Аҳсант ба доноии ту! Каллаи пӯкам дар хок! Бале, қирғизиро медонам-ку! Аз мулло Султонҳайдар соати сафарро мепурсаму ҳаракат мекунам. Ҳар чи шавад, бо ман шавад, бо ту не. Ту хонаро саробонӣ кун. Ғайр аз ин, як чории тамошозебро ҷудо куну ба Султонҳайдар бибар ва хату савод биомӯз. Агар сафарам бахайр анҷомаду дар Самарқанд харидор ёбам, бояд забонашонро донем, ки муомила карда тавонем”.

Ҳафтаи дигар, сабоҳи мардони рӯзи сешанбе, Дарвеш бо бародар ва зану фарзандонаш паноҳбахудо карду асои бақуввати дегзӣ ба даст, кӯлбори тӯшаю либоси гарм бар пушт, корди дудамаи худсохт дар ғилоф, чор кисаи зари хом баста ба миён, пиёда ба сафар баромад. Дилаш бисёр мехост, то ҳафтод қадам касе дучораш наояд, зеро агар одами бадтинат бошад, сафараш барор намегирад. Қадами ҳафтодумро шумурда буд, ки рӯбоҳе думи чун пӯшакҷорӯб фаххосиашро ларзон-

даву ҷунбонда, роҳро дар як мижа задан гузашту дар сангтӯдаи лаби рӯд нопадид шуд. “Фоли нек, – зери лаб гуфт Дарвеш, – рӯбоҳ дар роҳ бароял, сафар ба хайр меанҷомад”. Дилаш пур гардид, изтиробаш фуру нишаст, қадамзанияш устувору баэътимод гашт.

Пурсида-пурсида, раҳгумзанону раҳёбон пас аз тай кардани дашту водӣ, кӯҳу кӯтали зиёд ба Дарбанд ном мавзеи Қаротегин расид. То ин ҷо, аз бими он ки мабодо зар доштанаш ошкор нашавад, дар ягон деҳа наистод. Дар лаби чашма ё даруни калфе шабро рӯз мекарду нону яхниашро тановул карда, боз роҳашро идома медод. Аз одамон худро канор мегирифт. Фақат барои муайян намудани роҳ гоҳе ба шахси мисли худаш раҳгузар мурочиат мекарду халос. То ин ҷо қирғизидониаш боре ҳам ба кор наомад. Баракс, шахсоне буданд, ки гапи омехтаи порсиву шуғниашро медонистанд ва муддаояшро мефаҳмиданд. Аз маҷбурӣ, бисёр калимаҳои порсиро, ки ё аз чӯпонбачаҳои ғоронӣ дар Помир ё аз китобхониҳои мулло Султонҳайдар дар шабнишиниҳои зимистонӣ дар Сарез ба зеҳнаш нишаста буданд, дар хотирааш зинда карда, ба порсӣ каме забонаш кушода шуд. Дар роҳ касе озораш надод. Сабабашро баъдтар донист: либос, мӯйи сар, риш, кӯлбор ва асояш ӯро ба қаландарон монанд карда буданд; расм чунин будааст, ки ба қаландар на шоҳ, на гадо – касе кор намегирифтааст. Баракс, ба дасташ чизе дода, гусел мекардаанд.

Аммо дар Дарбанд ҳодисае рӯй дод, ки на танҳо хатти сафар, балки хатти сарнавишташро ҳам тағйир дод. Он рӯз гоҳе борон меборилу гоҳе офтоб чеҳра менамоид. Дарвеш, баробари шунидани ғуранбаи навбатии осмон, ба таги чанори сершохубарге давид. Барои он ки тар нашавад, пӯстини палангиашро ба сар кашида, зери чӯбакзании борон хобаш бурд. Банохост ба пушташ чанд зарбаи калтак расиду касе аз гиребони пӯстинаш кашид. Дарвеш гумон кард, ки роҳзане ба ғораташ даст задааст. Бо асояш ба ҳимояи худ бархост. Дар як шаст се нафарро ба замин ғалтонд, ки нидоҳои шодиомези одамон ба фалак печид. Ҳушашро ба сар оварда, нигоҳ кард, ки гирду атрофаш пури одам. Онҳо ба ҳоли рафиқони зарбхӯрдаашон механдиданд. Дарвеш роҳи гурез пеш гирифтан хост, ки марди саллакалони хушлибоси пуррапайкари туркнамое бо лаби пурханда ба наздаш омаду гуфт:

– Боракаллоҳ, қаландар, боракаллоҳ! Навангӣ ба инҳо гуфтам, ки дар пӯсти бабр фақат одами палангчангол буда метавонад, ин аблаҳон бовар накарданд.

Дарвеш гапи он мардро дуруст нафаҳмид, аммо аз оҳангаш пай бурд, ки нийяташ бад нест. Худро ба даст гирифт ва салом дод.

Мард ба ӯ даст дод ва гуфт:

– Мебинам, ки порсӣ хуб намедонед. Навангӣ аз кадом қавм ҳатед?

Ба хотири Дарвеш расид, ки қирғизҳо бартангиёнро "тоҷик" меномиданд, бинобар ин, зуд ҷавоб дод:

– Тоҷик.

– Пас барои чӣ порсӣ намедонед?

Дарвеш ин суханашро пурра фаҳмид ва чунин посух дод.

– Порсӣ кам донам, қирғизӣ хуб донам.

Мард бо тааҷҷуб ба Дарвеш нигарист ва ба туркӣ гузашт:

– Туркӣ донед, боз беҳтар. Аз куҷое, ки омадаед, навангӣ, як қаландари Худоҷӯе ҳастед. Рафтем ба хаймаи ман.

Дарвеш рад кард:

– Илтимос, маро бигзор, ки ба роҳам равам.

Аммо мард аз бозуяш дошту ба меҳрубонӣ гуфт:

– Натарсед, барои савоб наволаи ноне аз дастам бихӯред, баъд ба куҷое хоҳед, биравед.

Дарвеш ноилоҷ аз пасаш кашола шуд. То ба хайма расидан, аз байни аспу уштурони зиёде гузаштанд, ки борашонро фаровварда, дар зери чодари бузурге тал мечиданд. Дарвеш акнун фаҳмид, ки корвоне ӯро дарёб кардаву ин марди босалобат сорбони он аст. Мард ӯро ба хаймаи тоза росткарда дароварду гуфт:

– Чи қаландари аҷоибед шумо, навангӣ! Зӯри палангро доред. Оҳанги гапзаниатон ба ягон тоифа монанд нест. Порсӣ базӯр медонед, афтатон ба мардуми Дарвоз монанд, аммо, навангӣ, дарвозиҳо агар туркӣ донанд, узбакӣ гап мезананд. Ҳоло ман хӯрок мефармоям, шумо бихӯреду саргузаштатонро ба ман қисса кунед.

Дарвеш кӣ, куҷоӣ будан ва азми Самарқанд доштани худро ба Тӯйчибой арз кард. Тӯйчибой бо мароқи зиёд гапи ӯро гӯш карду гуфт:

– Дар хусуси Бартанг чизе нашунидаам, аммо аз роҳи Ӯш ба Хитой чанд бор сафар кардаам. Навангӣ ҳам аз Тошқӯрған меоям. Дар он ҷо мулки шуморо Помир мегӯянд. Бисёр мехостам, ки ба Помир сафар кунам, вале аз баландии ағбаҳояш метарсам. Инро бинед, навангӣ, Худованд худаш шуморо ба ман расонд.

– Ман бароят чӣ карда метавонам?

– Дӯстам, ман бозоргон ҳастам. Дар мамлакати шумо ҳам, албатта, моле ҳаст, ки, навангӣ, берун аз он даҳ баробар бештар нарх дорад.

Дар ҳамин ҷо забони Дарвеш сӯхту пеш аз он ки биандешад, мақсади асосии сафарашро баён дошт:

– Албатта, ҳаст, масалан, тилло.

Бо шунидани ин гап Тӯйчибойи паҳлузада ба ду дасташ такя карда, нимхез шуду нишаст ва саросемавор пурсид:

– Наход? Шумо аз куҷо медонед?

Дигар тир аз камон ҷаста буд. Дарвеш дар дилаш худро маломаткунон пушти сар хорида, андешид, ки чун нӯки гапро баровард, акнун мақсадашро ба ҳамин мардаки сарватманди сер гӯяд, ҳазор бор беҳтар аз он ки дар ин диёри ношинос бори дигар ба тоифае дучор ояд, ки ҳам азобаш диҳанду ҳам зарашро гиранд. Шояд калиди кушоиши кораш дар дасти ҳамин шахс бошад.

– Аз он, ки касби худам заршӯист.

Дақиқае сукут ҳукмрон шуд. Меҳмон аз зери пешонӣ таъсири суханашро ба мизбон месанҷиду мизбон аз ҳайрат дастонашро қуфл карда, ангушт мешикаст.

– Заршӯӣ мекунам гӯед, – Тӯйчибой ду-се нидои хандамонанде баровард, – навангӣ, одами аҷоибе будаед шумо. Мабодо тиллоятонро ба Самарқанд бурданӣ нестед?

Дарвеш сар ҷунбонду мунтазири тасмими минбаъдаи мизбон гашт. “Агар роҳи зӯрӣ пеш гирад, мезанаму мегурезам”, – азмашро ҷазм намуд ӯ. Аммо Тӯйчибой ягон ҳаракати ноҷое зоҳир накард. Ба ду зону нишасту барояш аз чойники гулдори чинӣ чой кашиду гуфт:

– Исми шарифатон чист?

– Дарвеш.

– Ман Тӯйчибой, аз Тирмиз гуфтанӣ тумани Бухороям. Навангӣ, молу пуле, ки дорам, дар он вилоят фақат ду-се бой дораду халос. Худои Таъоло чашмамро серу толеъамро нек гардондааст. Аз падарам ин қадар молу замин мерос гирифтаам, ки навангӣ, тиҷорат барои ман саёҳату дилхушист. Ман шуморо бо худ ба Тирмиз мебарам. Дилатон чи қадар хоҳад, дар хонаи ман меистед. Чизе бо худ доред, аз они шумост. Агар хостед, ба ман мефурӯшед, нахостед, одами ман шуморо ба Самарқанд мебарад. Лекин, навангӣ, гапи маро гиреду аз баҳри Самарқанд гузаред. Метарсам, ки тани танҳо туъмаи гургони дупо нашавед.

Дарвеш, бахт аз таваккал, пешниҳоди бозоргонро пазируфт. Тӯйчибой меҳмонашро ба уштуре шинонду аз азоби пиёдагардӣ халос кард. Баъди се рӯз ба Тирмиз расиданду барои Дарвеш ҳаёти нав сар шуд. Наздик ба як моҳ дар яке аз хонаҳои Тӯйчибой истод. Дар ин муддат гоҳе ҳамроҳи ӯ, гоҳе ҳамроҳи хизматгузоронаш, киштзорони нопайдоканор, боғҳои серҳосили фароҳдоман, чарогоҳҳои пур аз галаи аспу астару гов ва рамаи молашро тамошо карда, ҳар бор ангушти ҳайрат мегазид, ки чи тавр як одам ин қадар молу сарват дошта метавонад? Баъди ин ҳама тамошоҳо ва чашидани маззаи зиндагии пурфароғат дар хонаи Тӯйчибой, дар дили Дарвеш низ орзуи сарватманди калон шудан ошён гузошт. Бисёр мехост, ки ба мисли ин мард дар Бартанг корҳое кунад, ки одамон бинанду офарин гӯянд. Зари Танимас ба вай чунин имкон медиҳад, лекин ба танҳоӣ аз дасташ коре намебарояд. Бе раҳнамоиву пуштибонии ягон шахси соҳибнуфуз ин орзуяш орзу мемонаду бас. Дарвеш ба шоҳону мирони Шуғнону Рӯшон на пайванди хунӣ дошт, на ягон баҳонаи рафтуомад. Агар онҳо донанд, ки вай бойу бадавлат шуданист, дар роҳаш чунон монеъаҳое мегузоранд, ки муши девори хонааш ҳам роҳи гурезро пеш мегирад. Чанд рӯз дар сари ин масъала фикр карду ба қароре омад, ки аз Тӯйчибой дида, мураббии бақудраттаре намеёбад. Аммо намедонист, ки гапашро ба вай чӣ хел фаҳмонад. Гиреҳи ин муамморо худи Тӯйчибой боз намуд. Як рӯз рост ба хона ба наздаш омаду баъд аз саломи гарм шӯхиомез пурсид: “Оё бабри Помир дар биёбонҳои сӯзони Тирмиз нафастанг нашудааст?”. Дарвеш посух дод, ки аз гармӣ азоб мекашад. Тӯйчибой гуфт: “Ду рӯз пас ман аёламро ба чорбоғи серуни лаби Ому мекӯчонам. Агар Самарқанд рафтанӣ набошед, шуморо ҳам бо худ мебарам”. Дарвеш гуфт, ки хаёли Самарқандро аз сар дур кардаасту зарашро ба ӯ нишон доданист. “Фикри пухта, – хурсанд шуд бозоргон ва ба шӯхӣ афзуд: – заршиносе беҳтар аз ман дар ин ҳудуд пайдо намешавад!”.

Вақте ки Дарвеш як киса зари хомашро рӯи дасторхон рехт, баробари дидани он, аз синаи Тӯйчибой нидои ваҷдомез баланд гашт:

– Ҳо, ин неъмати Худоро бин! Навангӣ, софтар аз ин тиллоро дар ягон ҷои олам надидаам.

Вақти бозоргон чунон хуш гашт, ки Дарвешро оғӯш гирифту аз пешониаш бӯсид. Яқин, мақоли маъруфи “гӯё кони тилло ёфта бошад”-ро дар ҳамин маврид гуфтаанд.

– Шумо Дарвеш не, навангӣ, шумо Қоруни замон, дӯстам! Чи хел ҷуръат карда, бо чунин молу маноли бебаҳо ба роҳ баромадаед?! Ба дилу гурдаатон қоил ман, қоил.

Дарвеш медонист, ки зари ӯ баландиёр аст, вале чашмдор набуд, ки шахси давлатдидае чун Тӯйчибой онро ба ин дараҷа қадр мекунад.

– Моли моро то ин дараҷа ҳеҷ кас таъриф накардааст, бародар, – бо қаноатмандӣ гуфт Дарвеш.

– Ё заршинос набудаанд, ё харидорони маккор будаанд. Кони ин зари холис куҷост?

– Оби Танимас.

– Дарёи равон гӯед.

– Оре, зимистону тобистон равон.

Тӯйчибой каллаи саллакалонашро чанд бор ба ҳар тараф ҷунбонда, шоду мамнун наҷво зад:

– Шукри Аллоҳи Таъоло. Навангӣ, ҳамаашро худам мехарам. Ин хел ганҷи ба пойи худ омадаро фақат аблаҳон аз даст медиҳанд. Худи ҳамин рӯз нарху наво карда, пулатро медиҳам.

Вай хонаро андешмандона чанд бор чарх заду сипас дар бехи гӯши Дарвеш ба нимовоз гуфт:

– Навангӣ, ман шуморо аз даст додан намехоҳам. Шумо бабри кӯҳистониву ман як гурги даштӣ. Пулатонро ки гирифтед, дигар гардатонро намеёбам. Аммо ман намехоҳам, ки шуморо аз даст диҳам. Мефаҳмед? Ман ба шумо чӣ қадар некӣ карда метавонам! Навангӣ, бо ин зари худододаатон хонаву дар, хешу ақрабоятонро чӣ қадар бой карда метавонед! Ҳатто подшоҳи Помир шуданатон мумкин.

Дарвеш ҳам, чун дид, ки муносибтар аз ин пайте барои амалӣ шудани орзуяш пайдо нахоҳад шуд, гапи дилашро ба забон овард:

– Барои ман меҳрубонииву бародарӣ аз сад хирвор зар қиматтар аст.

Тӯйчибой ба содадилии дӯсти помириаш аҳсант хонд:

– Яъне, ту аз ман на шарикӣ, балки бародарӣ мехоҳӣ. Боракаллоҳ, ҳеҷ гумон надоштам. Сарамро ба осмон расондӣ. Медонӣ, дар кадом як кунҷи олам, дар сари қуллаҳои барфпӯш як бародар доштан, дили одамро чи қадар бақувват мекунад. Ба ғайр аз ин, дар тамоми муддати ошноиамон мушоҳида кардам, ки дар дилат, навангӣ, зррае шайтанат нест. Бисёр инсони поку садоқатманде ҳастӣ. Аз ин мебарояд, ки мардуматон ҳамин хел тарбияту одоб дорад.

– Наход? – изҳори тааҷҷуб кард Дарвеш.

– Ба ҷои шумо ягон каси дигар мебуд, навангӣ дар байни савдогарони мо ёру ҷӯраҳо пайдо карда, зарашро барвақт мефурӯхту то ин дам як-ду бор пулашро мечархонд. Аммо шумо тоқат кардеду хотири маро шикастан нахостед. Навангӣ, шарики бозор ёфтан мушкилие надорад, аммо пайдо кардани ёри мувофиқ дар дунёи пурфиреби молу коло ба кам касон муяссар мешавад.

– Қуллуғи бисёр, бародар, хушбахтам, ки Худованд маро бо ту дучор овард. Ҳар чи аз дастам ояд, бароят мекунам.

Тӯйчибой чанд дақиқа ба андешаи амиқ рафт. Сипас даст ба дасти Дарвеш гузошту сухане ба забон овард, ки дар банди дилаш ларза афтод:

– Биё, ману шумо хеш мешавем.

– Чӣ хел... хешш?

– Ранги тамоми инсонҳои рӯи замин, ки зан мегиранду шавҳар мекунанд.

Дарвеш чӣ гуфтанашро намедонист:

– Зан? Шавҳар?

– Навангӣ, сивушашсолаам. Ду зан дораму панҷ кӯдак. Қудратам ба нигоҳ доштани чандин зан мерасад. Лекин бо худ аҳд кардаам, ки ба се иктифо бикунам. Агар розӣ бошед, бо мадади шумо аз қавматон зан мегирам.

– Охир, ин чӣ хел мешавад? – Дарвеш тамоман дасту по хӯрд, пешониаш арақ кард.

Тӯйчибой малеҳ хандиду аз бағалаш дошта, ҷониби боғ қадам зад.

– Медонам, навангӣ, ин гап дар мағзатон намеғунҷад. Мардум чӣ мегӯянд, хешу табор маломат мекунанд, мазҳаб дигар аст ва ҳоказо. Аммо ману шумо навангӣ ақл дорем-ку? Каллаҳомонро дуруст ба кор андозем, на сих месӯзад, на кабоб. Агар масъалаи мазҳаб шуморо ба ташвиш гузорад, бояд бигӯям, ки, навангӣ, дар мо ба ин гапҳо ҳоло ин қадар аҳамият намедиҳанд. Медонед чаро? Албатта, шумо аз куҷо медонед? Амирамон аз мост, вале қӯшбегии давлат аз шумост, навангӣ, яъне шеа. – Ва овозашро паст карда, қариб ба пичиррос гапашро давом дод: – Ин, яъне, банди раият аслан дар дасти онҳо, яъне, ки мардуми шумо мебошад. На осмон ба замин рехтааcту на замин ба осмон часпидааст. Тинҷу осуда зиндагӣ карда гаштем.

– Қӯшбегияш чӣ хел коргар аст? – аз гапи Тӯйчибой чизе нафаҳмид Дарвеш.

– Вазир, медонӣ, ваз-з-зир! Садри аъзам, гардани амир, ба ҳар ҷонибе хоҳад, тоб медиҳад.

Суханони боҳарорати Тӯйчибой изтиробу дудилагии Дарвешро фуру нишонданд. Ҳатто, аз он ки дӯсташ дар роҳи кушоиши корҳоиояндаашон нақша кашидан мехоҳад, эҳсоси мамнуният вуҷудашро пур кардан гирифт. Бинобар ин, шӯхиомез гуфт:

– Ошно, чӣ кор карданамро медонистам, ба Тирмиз намеомадам.

Дар рӯи Тӯйчибой табассуми фарохе гул кард:

– Дуруст мегӯед, ӯртоқ. Акнун қаҳри кӯҳистониатонро таги қабурғаатон гиреҳ бандеду ба як саволи ман ҷавоб диҳед.

– Гӯш дорам.

– Дар хона, навангӣ, хоҳари шӯйнакарда доред?

Ба рагу пай Дарвеш оташ давид, вале таъкиди ошнояш кор дод: дақиқае дар ҷояш истода, ғалаёни қалбашро паст карду гуфт:

– Як хоҳарак дорам, хурди хонаамон.

– Ба чанд қадам гузошт?

– Сездаҳро пур мекунад.

– Ин хел бошад, хоҳаратонро аз шумо хостгорӣ мекунам.

– Кай?

– Навангӣ, худи ҳозир.

– Чӣ хел “худи ҳозир”?

Тӯйчибой бозистоду рост ба чашмони Дарвеш нигариста, ҷавоб дод:

– Худатон беҳтар медонед, ки ман ба дарасори шумо рафта наметавонам. Волидайнатон фавтида бошанд, акнун шумоед соҳиби хоҳаратон. Барои ин, ҳақ дорам, ки дасти он касро аз шумо пурсам. – Ва лаҳзае сукут варзиду афзуд: – Ман ҳамшираатонро ҳатто надида, гирифтаниам, чунки барои ман, навангӣ, пайванду қаробат бо шумо аз ҳама чиз муҳимтар аст.

Ба ҳамин тариқ маслиҳати Дарвеш бо Тӯйчибой пухту вай ба ивази зари хомаш бо даҳ хачири пурбор ба диёраш рахти сафар баст. Тӯйчибой пули маҳри арӯсро алоҳида ба дасташ доду гуфт, ки як моҳ пас ду нафарро барои овардани арӯс мефиристад. Баъди ду моҳи он, вақте Дарвеш ба дидани хоҳараш ба Тирмиз меояд, онҳо нақшаи минбаъдаи истихроҷи зар ва роҳҳои ба бозорҳо баровардани онро

муфассал муҳокима менамоянд. Бозоргони ҷаҳондида ба роҳи Фарғона ба Помир рафтанашро беҳтар шуморида, барояш се хизматгор ҳам дод, ки то шаҳри Ӯш корвонашро расонанд. Ҳангоми хайрухуш Тӯйчибой сари Дарвешро дар канор гирифту гуфт: "Ба бабри кӯҳӣ роҳи сафед металабам. Дӯст будем, бародар шудем. Ба гуфтаҳоям кор кунед агар, иншоаллоҳ, шуморо шоҳи Помир мекунам. Лекин Худо накарда, гапамро ба замин монед, ё ба касе дар ин бора лаб кушоед, ё мураббии дигар ёбед, тамоми аҳли деҳаатонро ба Тирмиз оварда, ғулом мекунам. Ҳамин хел қудрат ҳам дорам".

Дарвеш сиҳҳату саломат ба Бартанг баргашт. Худоии калон доду ба бевави бечораҳо якчуволӣ гандум хайр кард. Расо пас аз гузаштани сӣ рӯз ду марди мусаллаҳи муғулшакл ба хонаи ӯ омаданд. Дарвеш бидуни даъвати ҳамсояҳо, онҳоро зиёфати шоҳона доду ба хоҳару занаш гуфт:

– Акнун ба гапи ман гӯш кунеду дам назанед. Инҳо вакилони дӯстам аз шаҳри калон ҳастанд. Вай одамест, ки давлату дунёяш ҳисобу китоб надорад. Садҳо ғулому каниз, ҳазорон анбон замин, молу сутур, қасру кӯшк моли шахсии ӯст. Дар ғарибӣ дастамро гирифту дар хонааш ҷоям дод. Ёру бародар шудем. Ҳамин гуна шахси бузург аз хонаи ман умед карда, хоҳарамро ба занӣ хост. Ман рад карда натавонистам. Даст додему аҳду паймон кардем. Инак, ин ду нафар омаданд, ки одамашонро баранд.

Хоҳараш Гулдаста домани фиғону гиряро сар дод, аммо Дарвеш амри зарур будани ин заношавҳариро ба ӯ фаҳмонду тамоми арвоҳҳоро гӯрхез карда, ба рӯяш кашид, то бародарашро лоҷавобу мулзам насозад. "Хоҳарҷон, дар Бартанг покори хусуру хушдоман мешавӣ, аммо дар он ҷо дар қасри боҳашамат зиндагӣ мекуниву садҳо ғулому каниз дар ихтиёрат мешаванд. Баъди муддате худам хабарат мегирам, агар аз ману аз такдират розӣ набошӣ, бигузор, арвоҳи падар маро рӯсиёҳи ҳар ду олам гардонад". Баъде ки навкарон ҷомаву газворҳои зарбофт, зарфҳои ялаққосии филизӣ, муҳраву дастпона, гарданбанду рӯймолҳои рангбаранг, маҳсӣ, мӯза ва кафшҳои пардоззадаи гуногун, атру гулобҳои хушбӯй ва чаллаву гӯшворҳои тиллоиро ба пеши пои Гулдаста пош доданд, даҳони ҳама воз монд. "Инҳо барои аҳли хонавода, ҷиҳози арӯс дар сандуқи дигар аст", – гуфтанд навкарон. Вақте ки моли даруни он сандуқро баровcovered, Гулнамо аз хурсандӣ Гулдастаро ба оғӯш кашиду нидо кард: "Худоё, аз замони бинои Бартанг ба ягон духтаре дар ин мулк чунин

бахт насиб нашудааст. Гулдастаҷон, муборак шавад!”. Гулдаста аз ҳайрату эҳсоси хушбахтии ногаҳонӣ дар ҷояш нишасту оби чашмаш шашқатор гашт. Гулнамову духтаронаш пас аз обтаниву орову торо, субҳи барвақт арӯсро бе доираву суруд гусел карданд. Дарвешу Тағойбек ба навкарон яккисаӣ, ба хоҳарашон чаҳор киса зар ҳадя дода, онҳоро то Аличор ҳамроҳӣ намуда, дар он ҷо паноҳашонро ба Худо супурданд.

Аз қисмати ояндаи хоҳараш дили Дарвеш заррае мушавваш набуд. Бовар дошт, кор ҳатман тавре сурат мегирад, ки вайу Тӯйчибой тарҳрезӣ карданд. Аммо дар ҳақиқат сухани хона ба бозор рост намеомадааст. Вақте пас аз ду моҳ, мобайни фасли тирамоҳ, Дарвеш ба Тирмиз расид, на Тағойбекро дар хонаи вай пайдо карда тавонисту на хоҳараш Гулдастаро. Сархизматгори шинос ӯро гарм истиқбол гирифту ба хонае бурд, ки зиндагӣ карда буд. “Хоҷа амр доданд, ки то баргаштани ӯ шумо дар ҳамин ҷо бошед. Ба ягон ҷо наравед, аз касе чизе напурсед, минҷумла аз ман. Вақте омаданд, худашон ҳама чизро гуфта медиҳанд”. “Хоҳарамро дида метавонам ё не?” – аз пинҳонкории мардак Дарвеш ба таҳлука афтод. “Ҳамааш баъди омадани хоҷа. Ман ҳар субҳ шуморо хабар гирифта, обу таом меорам”.

Субҳи рӯзи шашум, ҳангоме ки косаи сабри Дарвеш лабрез гашту дилаш аз номуаяйнии тақдири хоҳараш қариб мекафид, Тӯйчибой пайдо шуд. Рангаш коҳидаву чашмрас лоғар шуда буд. Вай худро ба оғӯши Дарвеш афканду бо овози хиррӣ гуфт:

– Маро бибахшед, дар наздатон дурӯғчиву забонкӯтоҳ шудам.

Дарвеш аз гиребонаш дошта, бонг зад:

– Ту хоҳари маро куҷо кардӣ?

– Худо шоҳид, ки айби ман не. Вай ҳатто ба Тирмиз нарасид. Аз роҳ бурданд.

Дасту пои Дарвеш суст шуд. Гиребони Тӯйчибойро сар доду шах шуд.

– Навангӣ як моҳ аст, ки мековамаш. Парер даракашро ёфтам.

– Дар куҷо будааст? – ба тани Дарвеш мадор даромад.

– Дар қасри амир.

– Амираш боз кӣ?

– Амири Бухоро Сайид Музаффариддин.

Дарвеш гиребонашро дошту аз ҳайрат базӯр овоз баровард:

– Амири Бухоро? Подшоҳи мулк?

Тӯйчибой гунаҳкорона сар хам карду қазияро шарҳ дод:

– Дидам, ки дер карданд, навангӣ, ба суроғашон рафтам. Бозоргонони ошно дар Хуҷанд гуфтанд дар роҳи Бекобод ба савороне дучор омаданд, ки авратеро бо ду шахси маҳбус ҷониби Бухоро мебурданд. Онҳо кӣ будани саворонро мушаххасан намедонистанд. Аз Хуҷанд ба Бухоро рафта, тамоми ёру ҷӯраҳоямро ба по хезондам. Ниҳоят дирӯз дарак ёфтам, ки навангӣ, ҷосусони амир хоҳаратонро ба арк бурдаанду хизматгоронамро ба зиндон андохтаанд.

Аз ин хабари шум дили Дарвеш қариб аз задан монд. Тӯйчибой ба вай дар пиёлае об овард.

– Шукр, ки зинда будааст, – миқдоре ба худ омада, гуфт Дарвеш, – акнун чӣ кор мекунем?

– Бо амир панҷа зада наметавонем, албатта. Фақат як илоҷ дорем: ба ҳузурашон роҳ ёфта, зулми дар ҳаққи оҷиза рафтаро барояш маълум кардан.

– Кай?

– Ду рӯз тадоруки сафар бояд. Ҳадяҳои дархури амирро тайёр кардан лозим. Рӯзи ҷумъа ба роҳ мебароем.

Дар Бухоро, пас аз ширин кардани коми чанд мансабдор ва супурдани ҳадяҳои гаронбаҳо ба хазинаи мулк, Тӯйчибой дар рӯзи ҳафтум ба ҳузури амир даромада тавонист. Амир гуфт, ки аз қазия хабар надораду таҳқиқ карда, ҳафтае баъд ҷавобашро мегӯяд. Баъди як ҳафта, дар ҳақиқат, Тӯйчибойро қабул карду гуфт, ки он духтари соҳибҷамоли шуғнӣ зеби ҳарами амирро дорад. Тӯйчибой, албатта, ба ғайр аз ризо шудан, дигар ба амир чӣ ҳам гуфта метавонист? Ба ӯ муяссар гашт, ки мувофиқати амир дар хусуси озод намудани хизматгорони бегуноҳи худ ва пас аз ду моҳ ба хабаргирии хоҳараш омадани Дарвешро ба даст оварад.

Онҳо ба Тирмиз баргаштанд. Тӯйчибой барои аз даст додани духтари, ба қавли амир, "соҳибҷамоли шуғнӣ" ғам мехӯрд. Дарвеш таскин ёфта, ифшо накунад ҳам, хурсанд буд, ки имкон дорад, хоҳараш зани амири Бухоро шавад. Он вақт, ба қавли бухориён, "буҷулаш олчӣ мехезад"-у дар муддати кӯтоҳ ба орзуҳояш мерасад.

Баъди ду моҳ амир қавли додаашро иҷро кард: Дарвеш дар дарбор ба дидори хоҳараш расид. Гулдаста ҳамроҳи кадом як зани пуррапайкари баландқомат ӯро дар хонаи барҳавое интизор буданд. Агар Гулдаста "вай му виродик!"[1] гуфта, худро ба оғӯшаш намепартофт,

[1] «Вай му вродик!» (шуғнонӣ-рӯшонӣ) – «Ваҳ, бародарҷони ман!»

Дарвеш дар зери фаранҷӣ ӯро шинохта ҳам наметавонист. Духтар хабар дод, ки амир ӯро ба ихтиёри Шамшод ном занаш супурдаасту ин зан ба ӯ хеле меҳрубон будааст. Ҳангоми хайрухуш ҳарамдор ба дасти Дарвеш як ҳамёни зебои ғафс дароз карду гуфт: "Ҷаноби олӣ бо дасти мубораки худашон дар ин ҳамён пул гузошта, фармуданд, ба шумо расонам, ки "хешу таборамон дар назди мо манзалати баланд доранд". Ҳоло фурсати қабули шуморо надоштаанд, аммо дар моҳи саратон мунтазири ҳузуратон ҳастанд". Дарвеш, он сон ки Тӯйчибой таъкидаш карда буд, дузону заду ҳамёнро се бор бӯсида, ба чашм молид. Сипас бо хоҳараш паноҳбархудо карду бадар рафт.

Аз он ки қазияи Гулдаста дар ниҳояти кор ба некӣ анҷомид, баҳри дили Тӯйчибой қадре боз гардид. Вай Дарвешро муборакбод карду гуфт: "Навангӣ, Худо агар бидиҳад, намепурсад фарзанди киӣ. Набошад Бартанг куҷову Бухоро куҷо, амир куҷову он фақир куҷо? Навангӣ ба маънои "бо худододагон ситеза накун" гуфтани мардум расидам".

Қисса кӯтоҳ, Дарвеш аз Тӯйчибой иҷоза хосту аз худи Бухоро роҳи Помирро пеш гирифт. Агар то саратони соли оянда дар Тирмиз истад, миёни кораш дар Танимас мешиканад. Тӯйчибой барои тиллояш чанд харидори, ба қавли худаш, "асил" ёфта буду намехост, ки Дарвеш истихроҷи зарро ҳатто ба муддати як рӯз қатъ намояд. "Навангӣ, гапи маро гиред агар, аз дарёи тиллоиятон намонед. Амир ҳам одамони бадавлатро дӯст медоранд. Коратон равнақ гирад, ҳокими ояндаи Помир шумоед".

Дарвеш миёнаҳои моҳи девона[1] аз роҳи Марғов ба Сарез расид. Ба тани зану бачаҳо ва Тағойбеки аз раҳпоӣ хасташуда ҷон дамид. Барои он ки даҳони ғайбатчию ҳангоматалабонро, ки дар хусуси банохост ғайб задани хоҳараш ҳар гуна қиссаву ривоятҳо бофта буданд, бандад, ба муддати як ҳафта базму зиёфат оросту эълон кард, ки Гулдастаро дар Фарғона ба шавҳар дода, сурашро бадабдаба гузаронида, инак, бо ҳадяҳои ҳангуфт ба деҳа баргаштааст. Ва баробари об шудани барф, пас аз ҷашни Наврӯз боз ба кулбааш баргашту бо ғайрати дучанд ба заршӯӣ пардохт. Барои ду ҳавуч зар як киса медӯхту дар ғори Сартарош пинҳон мекард. Ҳамёнҳои пули коғазиву филизии дар Бухорову Тирмиз бадастовардаашро низ дар ғор нигоҳ медошт. Агарчи хуб медонист, ки ба ғори даҳшатнок на танҳо одам,

---

[1] Девона (моҳи тақвими шуғнонӣ-рӯшонӣ) – 21 январ-20 феврал

балки даррандагон ҳам ҷуръати даромадан надоранд, бо вуҷуди он, ҳар рӯз ганҷи пинҳонкардаашро хабар мегирифт. Як рӯз набинад, дилашро гургон тала мекарданд, шаб хобаш намебурд. Он қадар побанди кору ғор шуд, ки чил рӯз қабл аз моҳи саратон баданашро хунук гирифта, миёнаш шах шуд. Ба ин аҳвол ба ҳеҷ ваҷҳ сафар карда наметавонист. Аммо амир шахсе нест, ки ба ҳузураш соате дер бирасӣ. Дер мону қандата зан. Ҳам хоҳаратро зери маломат мегузорӣ, ҳам худат аз иноятaш як умр маҳрум мегардӣ. Барои эҳтиёт карда натавонистани саломатиаш худро маломат мекард, аммо чӣ суд? Об сард буду ғор аз он сардтар. Ҳар сол суғур шикор карда, ҳар саҳар як биг равғанашро менӯшид. Имсол барои шикор вақт ҷудо накард. Ана оқибаташ. Ба азобе хона омаду чанд рӯз ноҷунбон хобид. Дид, ки ҳолаш беҳ шуданӣ нест, Тағойбеку писари калонашро ба шикори суғур фиристод. Онҳо суғури фарбеҳеро зинда оварда, куштанду Дарвеш пӯсташро гармогарм ба миёнаш печонд. Равғанашро ҳам хӯрдан гирифт. Дардаш сабуктар шуд, аммо пурра сар намедод. Илоҷи ягона фиристодани Тағойбек ба ҳузури амир буд. Бинобар ин, як бегаҳ миёнашро дошта, оҳувоҳкунон ба ҳуҷраи Тағойбек даромаду масъаларо ба вай фаҳмонд. Тағойбек аз гапи шунидааш ҳангу манг шуд. Ҳеҷ бовар намекард, ки Гулдастаи онҳо дар қасри худи амири Бухоро зиндагӣ мекунад. “Барои он ки бовар кунӣ, ба Бухоро рафтанат даркор. Аз роҳи Ӯш нарав, хатараш бисёр. Ба Рӯшон фаромада, аз тариқи Дарвоз ба Дарбанд баро. Ҳеҷ кас раҳи як фақири беозорро намегирад. Аз Дарбанд он тараф номи Тӯйчибойи тирмизиро бигӯ, ба ду дасти адаб қабулу гуселат мекунанд. Ба Тирмиз расидӣ, рост ба хонаи Тӯйчибой рав. Ду ҷувол пуман ба хар бор куну ду киса зар ба миёнат банд. Пуманро ба дасти Тӯйчибой расонӣ, беҳтар. Дар он вилоят ба қимати гарон мехаранд. Мабодо дар аснои роҳ мушкиле пеш ояд, бидеҳу ҷонатро вораҳон. Кисаҳои зарро ҳам ба Тӯйчибой таслим кун. Онҳоро бинад, яқин мекунад, ки дар ҳақиқат одами ман ҳастӣ. Вай туро ба Бухоро бурда, раҳнамоӣ мекунад. То тирамоҳ маро интизор шав. Баъд, Худо хоста бошад, ҳар дуямон бармегардем”.

Ду рӯз пас Тағойбек хоҷагидориро ба ҷиянаш супориду ба сафар баромад. Чун бори аввал ба роҳ мебаромад, дилаш амн набуд. Андешаи гирифтор омадан ба дасти дузду роҳзан хаёлашро тарк намекард. “Агар даст ба миёнам баранд, кисаҳоро ёфта, мегиранду Тӯйчибой ба гапам бовар намекунад. Беҳтараш, як кисаро ба худ мемонаму дигарашро ба ҷуволи пуман меандозам. Агар инашро биги-

ранд, ваяш мемонад: хӯрҷини пур аз пашмро ҳеҷ кас намековад”. Ба ҳамин хаёл як кисаро ба нӯги чилбур басту ба мақсади дар вақти зарурат осонак кашиданаш, онро ба андозаи як оринҷ дар қабати пашм баҷо кард ва бо дили пур роҳашро давом дод. Вақте ки ба парини Верз расид, аз дидани пули ҳавоӣ чашмаш сиёҳӣ зад. Ба ҳар ҳол, калима гардонду харро пеш андохт. Хар чанд қадам гузошту зуъм кард. Тағойбек хеле телааш дод, аммо ҷонвар байни пул расиду дигар ваҷабе пеш рафтан нахост. Харро ҷунбиши пул тарсонда буд. Тағойбек илоҷе карда, аз таги хар гаваккашон гузашту хост, ки нухтаашро гирад, зоро, бимаш зоил шаваду ба ҳаракат дарояд. Вале ин ҳам ба кор наомад: хар харигариашро давом дод. Тағойбек аз ғазаб дар куҷо буданашро ҳам аз ёд бурду ба кашокаш даромад. Ӯ нухтаро ба сӯи худ мекашиду хар ба сӯи худ. Хеле ба ҳам зӯр оварданд, ки дар лаҳзае хар башаст ақиб рафту пояш ғеҷид. Пул ҷониби ҷарӣ лаппише заду баргашта, ба танаи кӯҳ бархӯрд. Хар мувозинаташро аз даст доду сарозер шуд. Хайрият, ҷавон дар лаҳзаи охир нухтаро сар дод, вагарна то расидани ҷисмаш ба буни дара, ҷонаш, яқинан, олами фаноро падруд мегуфт. Ба пушт афтоду то ором шудани пул дар ҳамон ҳол нишаст. Сипас бархоста, пулро гузашту ба поин назар афканд. Хар на даруни об, балки дар канори он, байни ҷангалаке афтода буд. Шаххҳои лайс фаромадан ба ин жарфои хатарнокро номумкин месохтанд. Хар, пуман ва, аз ҳама муҳим, кисаи пур аз тиллои хом аз даст рафтанд. Тағойбек ба зинда мондани ҷони худаш шукр карду роҳашро давом дод.

Хулласи калом, баъди як моҳ сиҳҳату саломат ба Тирмиз расид ва Тӯйчибойро ёфт. Бозоргон ӯро хуш қабул намуда, хонаи алоҳидае дар ихтиёраш гузошт. Барояш ду даст либоси фохири дархурди дарбори амир харид, тарзи муносибат ба амиру атрофиёнашро фаҳмонд ва рӯзи якуми моҳи саратон роҳи Бухороро пеш гирифтанд. Ду рӯз пас ба пойтахт расиданду дар корвонсарои бузурге ҷой гирифтанд. Субҳи дигар Тӯйчибой вориди арк шуду хоҳиш кард, ки амирро аз омадани амузодаи канизи шуғнонӣ огоҳ намоянд. Баъд аз намози пешин хабар омад, ки амир Тағойбекро ҳамроҳи Тӯйчибой фардо пас аз намози аср ба ҳузур мепазирад. Тағойбек ҳайрон буд, ки ба амир чи дастовезе барад. Бо ин савол ба ҳамсафараш муроҷиат намуд. Вай гуфт:

– Парво накунед, бори хачире, ки бо мост, ҳама газвори абрешими сармадӯзӣ ва зарфи нафиси чинист. Амир чи қимат доштанашонро медонанд.

Тағойбек хиҷолат кашид ва гуфт:

– Шояд аз худам зари хомро бидиҳам?

– Лозим не, нигоҳ доред, рӯзе ба худатон ба кор меояд.

Рӯзи дигар се сандуқ ҳадяашонро дар назди дарвозаи арк фаровара буданд, ки марди қадбаланде ба пешвозашон баромад. Вай номашонро пурсиду ба посбонон амр дод, ки сандуқҳоро дарун дароваранд. Меҳмонон дунболи ӯро гирифтанд. Ду роҳрави гилемфаршро гузашта, ба чап тоб хӯрданд. Мард дари вазнини кандакориро кушоду даст ба сина гузошт ва гуфт:

– Ҷаноби олӣ шуморо интизоранд.

Тағойбек тасаввур дошт, ки амир болои тахт нишаста бошаду онҳо зону зада, салом мекунанд. Аммо ин тавр набудааст: амир – марди миёнсоли чорпаҳлуи қадаш аз миёна баландтар, хилъати сабуки сабзфом дар тан, тоқии сурхранги қуббадор ба сар, тасбеҳи дарози муҳраҳояш сабз дар даст, бо табассуми кушод дар миёни ҳуҷра истода, онҳоро пешвоз гирифт. Тӯйчибой ба як зону нишасту дасти дарозкардаи амирро ба чашм молид. Тағойбек ҳам зону зад, ки амир аз бозуяш бардошту гуфт:

– Хуш омадед ба Бухорои мо.

– Хуш бошед, олиҷаноб, – азбаски ба порсӣ забонаш кушода набуд, Тағойбек ба қирғизӣ ҷавоб дод.

Амир табассум карду ба туркӣ гузашт:

– Боракаллоҳ, ки шумо қирғизӣ медонед, ҳамшираатон на туркӣ медонистааст, на порсӣ. Ҳамин ду моҳи охир кам-кам гап мезадааст. Аз гапаш як чизро дақиқ донистам, ки аз авлоди заршӯён аст.

Муносибати одии амир гаронии дили Тағойбекро зоил сохт. Музаффариддин онҳоро рӯи курсиҳои паст шинонду худ низ дар рӯбарӯяшон нишаста, гапашро давом дод:

– Аҳволашон хуб аст. Аммо хешу таборашонро бисёр сахт ёд кардаанд. Моҳе қабл дар хидмати шаҳбонуи салтанат ба Кармина рафтанд ва дар ҳамон ҷо мебошанд. Хоҳаратон ба шаҳбону хеле писанд афтоданд.

Тағойбек бархост, ду даст ба сина гузошту гуфт:

– Сарам ба осмон расид, ҷаноби олӣ! Ин ҳама аз меҳрубонии шумост.

Амир ба Тӯйчибой рӯ овард:

– Тӯра, ба шумо ҳам ҳазорон қуллуқ барои амалҳои шоистаатон. Шумо, ки бо ин кас рафоқат доред, моҳе дигар мувозибаташон намо-

ед, то расму русуми Бухороро ошно шаванд. Ман дастур додам, ки барояшон манзили хуб омода созанд. – Ва сукуте карду афзуд: – Барои мо хешовандонамон азизанд. Хосса, аз Шуғноне, ки дар он канори дунёст.

Тағойбеку Тӯйчибой ба таъзим аз ҷо баланд шуданд. Амир ба ишораи даст монеъ гашт. Тағойбек гуфт:

– Ҷаноби олампаноҳ, инҳо мардуми содаву покманишанд. Ба рӯзии Аллоҳи Таъоло қаноат карда, ба неку бади олам коре надоранд. Банда бо инҳо, навангӣ, чанд сол дӯстӣ дорам.

Амир тасбеҳро бо таконе дар мушташ ҷамъ оварду гуфт:

– Кори хайре барои давлат мекунед шумо. Нестанд касоне, ки бо он диёр муомила дошта бошанд. Ин вазифаро ҳоло ба шумо фармоиш медиҳам.

Тӯйчибой аз хурсандӣ болу пар бароварда, домани хилъати амирро ба чашм молид.

– Ҷону дилам фидоятон, олампаноҳо! Навангӣ, боварии шумо барои банда аз тамоми моли дунё қиматтар аст.

– Ин ҷавонро тарбия кунед, подошашро ҳам мебинед. – Амир бархосту амромез илова кард: – Ҳоло бо одаме, шуморо наздам овард, ба манзили нави Тағойбек меравед. Пас аз намози шом ҳар дуятон биёед. Ба хотири хешамон зиёфат мехӯрем.

Меҳмонон аз ҳузури амир хушбахттарин одамони дунё шуда баромаданд. Аз ғалаёни хурсандӣ заминро дар зери по ҳис намекарданд. Марди қаддароз дар роҳрав пешвозашон гирифту секаса роҳи манзили Тағойбекро пеш гирифтанд.

Раҳорах Тағойбек аз Тӯйчибой ба саволе, ки дар ҳузури амир дар дилаш пайдо шуд, аммо ба забон оварда натавонист, ҷавоб хост:

– Дӯстам, амир гуфт, ки "барои мо хешовандонамон азизанд". Ман ҳеҷ нафаҳмидам, ки бо амир чӣ хешовандӣ пайдо кардаем?

Тӯйчибой ҳам бо ҳайрат посух дод:

– Ростӣ, ман ҳам нафаҳмидам. Ҳамин қадар гуфтанд, ки ҳамроҳи шаҳбону ба Кармина рафтаанд.

– Кармина дар куҷост?

– Начандон дур аз Бухоро. Лекин навангӣ чӯрии шаҳбону ба кадом далел хеши амир мешудааст, ҳеҷ намефаҳмам.

– Аз роҳбаладамон пурсед, шояд ин мардак донад.

Тӯйчибой саволи Тағойбекро ба роҳбалад такрор кард. Вай норозиёна қамчини дасташро алвонҷ доду гуфт:

– Шумо ҳар дуятон хешии хешатонро надонед, ман бояд аз куҷо донам? Лозим шавад, ҷаноби олӣ худашон гуфта медиҳанд. Вазифаи ман нишон додани хона аст, на рост кардани ному насаб.

Аз чунин ҷавоби хашмолуд ва айни замон мутоибанамои роҳбалад бар лабони Тӯйчибою Тағойбек табассум дамид. Тӯйчибой ҳам, ба оҳанги гапи роҳбалад, вазъи ҳазломези бамиёномадаро тақвият дод:

– Ҳаройина, “бе меш бошу бе хеш не” гуфтани оқилон бе ҳикмат набудагист.

## САРВИНОЗ ПАДАРАШРО МЕҶӮЯД

Ҳафтаи сеюми будубошаш дар хонаи Шайдо Сарвиноз билкул сиҳҳат ёфт. Меҳрубониву ғамхории бародаронаву хоҳаронаи аҳли ин оилаи одӣ ва доруву марҳамҳои Шаҳтут зани маҳкум ба маргро аз нав ба по хезонданд. Вақте ба пуштакӯҳи пур аз буттаву гиёҳи атроф ба тамошо баромада, аз ҳавои роҳатбахш нафас мегирифт, аз кушодаболиву сабукрӯҳӣ худро парандаи озод ҳис мекард. Парандае, ки тамоми осмони барфароз дар ихтиёри ӯст. Парандае, ки ба ҳар кунҷи замин дилаш хост, по мегузорад. Эҳсоси хушбахтии раҳидан аз уқобайни[1] чаҳордевори Саройи санг дар тамоми вуҷудаш ғанҷ мезад.

Чӣ нашъае доштааст одами одӣ будан!

Подшоҳи тану ҷони худ будан аҷаб лаззате дорад!

Танҳо чизе, ки Сарвинозро маъюс мегардонд, ёди ҷигарбандаш Гулноз буд. Он гоҳ-ногоҳ ба мағзи устухонаш ништар мезаду болидагиашро дарзамон ба мушти хокистар табдил медод. Зан тасмим гирифт ба ҳар баҳое, ки набошад, духтараки маъсумашро пайдо менамояд. Чун ҷасадашро наёфта буд, ба зинда мондани ӯ эътимод дошт. Барои расидан ба ин орзу васила ҳам дорад. Он як киса зари хом буд, ки Худованд дар буни оврнги ваҳшатзо ба дасти аз ҷони худ шустааш расонидааст. Набошад аз баландии кӯҳи осмонбӯс афтода, ба ҷои реза-реза гаштану мурдан, соҳиби тиллои холис шудан дигар чӣ маъное дошта метавонад?!

Он рӯз, пас аз гусел кардани суракиҳо, Сарвиноз дар хилват кисаи чарминро кушоду аз мавҷхези шигифт дилаш гӯё даме аз тапиш

---

[1] Асбоби шиканҷа

бозистод. Он пур аз зари комилиёри ногудохта буд! Сарвиноз дар муайян намудани қимати зару сим дониши тамом дошт. Дар ҳарами шоҳ ягона машғулияти дӯстдоштаи занон ба ҳамдигар намоиш додани зару зевари худ ва таърифу тавсифи он ба ҳисоб мерафт. "Чи халқи Худотарсанд инҳо! На онҳое, ки нақотам доданд, на инҳо, кисаро даст назадаанд",– ҳайратзада ба худ андешид зан. Рӯзе нест, ки ҷавонмардӣ, инсондӯстӣ ва зинҳордории бартангиён Сарвинозро ҳайрон насозад.

Барои он ки дараки падару духтарашро ёбад, ба назди мардум баромада, ба гапашон гӯш додан лозим аст. Дар хонаи Шайдо ин корро кардан мумкин нест, чунки хавфи фош гаштани асрораш вуҷуд дорад. Як рӯз, ки барфи реза мебориду шояд аз тағйир ёфтани ҳаво, Сарвиноз худро тамоман тандуруст ҳис кард, аз Шайдо хост, ки ӯро ба хонаи Дарвеши заршӯй барад.

– Аввал пурсиданиам, ки саломатиат бақост? Мабодо сарчарх нашавӣ ё поят сустӣ накунад?

– До, бовар кун, худро бисёр хуб ҳис мекунам. Ҳатто ғуввоси гӯшҳоямро қариб намешунавам.

– Набошад ба пеш! Аз шунидам, Дарвеш дирӯз хона омадааст. Зуд равем, ки нони вай ҳамеша дар анбон аст[1].

Сарвиноз кисаро таги бағал карду аз болои пероҳан гилеми сиёҳи пашмиқутосӣ, ба по пеххои соқпасти Сабзпариро пӯшида, кеши қаҳваранги ӯро ҳам ба сар андохта, аз паси Шайдо ба роҳ даромад. То расидан ба он канори деҳ – ба хонаи Дарвеш, Шайдо дар бораи ин марди маҷнунсифат, ки дар даҳани ғори бимноки Сартарош кулба сохта, зиндагӣ мекарда ва хоҳарашро ба кадом фарғонагии номаълум шӯй дода, писари амакашро ба суроғи вай фиристодаву вай ҳанӯз барнагаштааст, маълумот дод.

– Бойтарин одам дар байни сарезиёни дунбахӯр ҳамин Дарвеши ғорнишин аст, лекин сирру савдояшро касе намедонад, – ҳикояташро хулоса кард Шайдо.

– "Сарезиёни дунбахӯр"? – аз чунин ибораи ғалатӣ завқ бурда, суол кард Сарвиноз.

– Ҳа, хоҳарам, сарезиёни мо бо ҳамин лақаб машҳуранд.

– Чаро дунбахӯр будаанд?

– Мо халқи серу пуре ҳастем. Замину моли бисёр, ки дорем, зиндагиамон нисбат ба тамоми деҳоти Бартанг чандин маротиба

---

[1] Нон дар анбон будан ё нондаранбон – омодаи сафар будан

беҳтар аст. Падару бобоёни мо чи будани қаҳтию гуруснагиро намедонистанд, шукри Худо, мо ҳам. Барои ҳамин “дунбахӯр” мегӯянд.

Раҳбараҳ Шайдо ба кӣ тааллуқ доштани хонаҳои сари роҳро якяк номбар кард, вале Сарвиноз ибораи деринтизори “ана, ин хонаи Пасор аст”-ро нашунид. Хонаи Дарвеш дар канори офтоббарои деҳ, дар зери шахи калоне, ки шояд замоне аз кӯҳ канда шуда, ба ин мавзеъ афтодааст, воқеъ будааст. Аз равзани хона дуд мебаромад, бӯйи гуворое низ шунида мешуд.

– Омаданамон беҳуда нест, Дарвеш дар хона будааст, – дар назди дар истода, гуфт Шайдо.

– Аз куҷо медонед?

– Аз бӯйи чарғанда. Дарвеш фақат чарғанда мехӯрад.

Сипас дари даҳлезро кушода, аз рӯи таомул бар остона пой кӯфту гулу афшонд. Садоро шунида, ҷавони болобаланди навхате баромад ва салом доду бо ҷорӯб пойафзори меҳмононро аз барф тоза карду гуфт:

– Хуш омадед, дароед, – ва худ пеш гузашт.

Дарвеш ба истиқболашон дар дупеча истода буд. Ӯ қомати баланд, китфу бозуи варзида, пешонии қариб чоркунҷа, чашмони барроқи дар косахона дарун нишаста, риши сип-сиёҳи то сари ноф расида ва мӯйи ҷингилаи то китфон фаромада дошт.

Шайдову Сарвиноз “салому алайк”-ро пурра ба забон наоварда, Дарвеш Шайдоро ба оғӯш кашид:

– Ту, Шайдо, аҷаб марди бузургӣ, ки дар чунин рӯзи барфрез ба суроғамон омадӣ, – ва дасташро бӯсиду ба писараш амр дод: – Фармон, кашфи амакатро бикаш!

Гулнамо, ки аз танӯр чарғанда меканд, корашро партофта, бо нидои:

– Валек салом, ин бемори шуморо Худо ба по хезонд, муборак шавад, хоҳар! – ба қабули Сарвиноз фаромад. Рухбӯсиаш карда, кафшҳояшро канду аз боло гузаронд.

Даррав дасторхон кушоданду Гулнамо чарғандаи таърифии худро дар ду табақ рӯи он гузошт. Дар обгинаҳо афшураи зардолу, олуча ва себ оварданд. Сарвинозро қолину сӯзанӣ, кӯрпачаву болишт, обгина, косаву пиёлаҳои чинии хонавода дар ҳайрат гузошт. Чунин ашёро танҳо ашхоси ниҳоят давлатманд дошта метавонистанд. Маълум, ки молашон аз шаҳрҳои дури бузург оварда шудааст. “Чу-

нин зарқу барқро танҳо шоҳи Шуғнон дорад. Чӣ заршӯйи тавонгаре будааст ин мардак!” – аз дил гузаронд Сарвиноз.

Вақте ки Шайдо мақсади ташрифашонро баён кард, Дарвеш чанд дақиқа чи гуфтанашро надониста монд.

– Ба ҳаққи Худо, ин гапро бори аввал мешунавам, – дар ниҳоят гуфт вай, – агар дар Шуғнон авлоде медоштем, падар ё бобоям ҳатман чизе мегуфтанд.

– Ту шахси ҷаҳондидае ҳастӣ, шояд Худованд гиреҳи мушкили ин хоҳарро ба дастат кушоданист, – барои он ки вазъи ноҳинҷорро аз байн барад, фазлфурӯшӣ кард Шайдо.

Сарвиноз пайтро мувофиқ ёфту андешаи Шайдоро тақвият дод:

– Бародари азиз, ман аз роҳи дур ба чандин машаққату ранҷ ба диёри шумо расидам. Барои ин умедамро ба ин осонӣ аз даст намедиҳам. Агар иҷозат диҳед, як-ду рӯз дар хонаатон меистам. Қиссаҳои саргузаштам дуру дарозанд. Шояд бафурҷа нақл кунаму чизе ба ёдатон бирасад.

Албатта, таомул иҷоза намедод, ки соҳибхона меҳмонро қабул накунад. Хосса, ки зан асту худаш ба забон омадааст.

– Дар қадамат ҳазор таъзим, – даст рӯи дил гузошт Дарвеш, – чи қадаре, ки дилат хоҳад, ҳамроҳи мо бош.

Гулнамо, ки аз шиддати кунҷковӣ забонаш мехориду дилаш мекафид, аз посухи шавҳараш рӯҳ гирифт:

– Хоҳарҷон, шукри Худо, хонаамон калон, боз ду меҳмонхонаи ороставу пероста дорем. Кадоме, ки маъқулат шавад, дар ихтиёрат мегузорем. Аз меҳмон дида, баракатдортар дар дунё чизе нест.

Ҳамин тавр, Сарвиноз, – барои сарезиён Сангинбахт, – дар хонаи Дарвеш монду Шайдо ба хонааш рафт. Гулнамо бидирросзанон дару паландари худро ситоиш намуда, ӯро дар хонае, ки Тағойбек зиндагӣ мекард, ҷой дод. Онро оташдоне, ки дудбарояш дар танаи девор сохта шуда, ба бом мебаромад, гарм мекард. Қолинҳои қиматбаҳо, чанд сандуқи кандакории туркӣ, ду шамъи захими мумдор, як оинаи калони ба девор часпонда ва болишту кӯрпаҳои наппанави хушдӯхти қӯшхонаро дида, зан тамоман моту мабҳут гашт. Ҳатто дар Сарои санг Сарвинози зани шоҳ ҳамин гуна оинаи калону сандуқҳои зебо надошт. “Ин Дарвеш бебало нест! – чунин андеша банохост дар сараш барқ зад. – Доманашро сахт қапидан лозим”.

Субҳи дигар, ба баҳонаи хурӯҷи дарди по, Сарвиноз барои ношито ба хонаи калон рафтан нахост. Гулнамо дасторхонро дар ҳуҷра

густурду онро аз кулчаву нону сарширу чурғоту равғану меваи хушку гӯштоб пур кард. Меҳмон хоҷагидории соҳибхоназанро тавсиф намуду гуфт, ки то бародари азизаш Дарвеш сари хон нанишинад, даст ба таом намебарад. Гулнамо пазируфту шавҳарашро ба назди ӯ даъват кард. Сарвиноз баъди адои салом шӯхӣ кард:

– Бародарҷон, дар Шуғнон вақте “фалонӣ ҳафт дар ободӣ дорад” мегуфтанд, ман тасаввур карда наметавонистам, ки он чӣ бошад. Имрӯз лекин ба чашмам дидам. Ту ҳақиқатан ҳам сарезии дунбахор будаӣ.

Дарвеш хандиду гуфт:

– Ҳамагӣ се дар дорам, хоҳар. Ба ҳафт дар нарасидаем.

– Акнун чорумашро барои ман месозӣ. Қабул дорӣ-надорӣ, аз раҳи дур шуморо хеш гуфта, ба остонаатон омадам.

Дарвеш то чӣ дараҷа ҷиддӣ будани гапи меҳмонро мулоҳиза намуду чунин посух дод:

– Қабул, ба ҷону дил. Ҳамагӣ як хоҳар дорам, ӯ ба ҷойи дур шавҳар кард. Ҷояшро ту дар хонаам мегирӣ. Касе хоҳар дорад, болу пар дорад. – Ва ба занаш рӯ овард: – Гул, ту чӣ мегӯӣ?

Гулнаморо аз хурсандӣ рухсора шукуфт:

– Аҷаб аҷоиб мешавад. Ман ҳамроҳдор мешавам. Синҳорам духтари ҷонона, лекин кӯдак, гапам ба вай намепазад. Аммо ту ҳамсоли худам. Хоҳару дугона, ғамбарори якдигар мегардем. Мебинӣ, ки хешу таборатро ҳам ёфтем...

– Ана дидӣ, хоҳар, – Дарвеш гапи занашро бурид, – ситораат ба занак рост омад. Ман соле шаш-ҳафт моҳ дар хона намешавам. Шумо медонеду хонадориатон.

Гулнамо барои овардани кабоб ба хонаи калон баромад. Сарвиноз кисаи зар аз остин бароварду болои дасторхон гузошт. Бо дидани он чашмони Дарвеш пиёла шуданд, рангаш пуркид. Дузону нишасту онро ба даст гирифт, пармосид, вазнашро санҷид ва бо овози хирросӣ пурсид:

– Тилло дорад?

– Ҳа, зари хоми иёраш баланд.

– Инро аз куҷо ёфтӣ?

Вуҷуди Дарвешро ҳиссиёти нохуши шубҳаю нобоварӣ ба зан фаро гирифт.

– Худо расонд.

– Чӣ хел “Худо расонд”?

– Дар парини Верз аз пул сарозер шудам. Худо маргамро намехостааст. Рост ба болои мурдаи харе афтодам, ки бораш ҷуволи пашм будааст. Зинда мондам ва ба подоши азобҳоям Худо аз даруни ҷувол ҳамин ганҷро ба ман расонд.

Дарвешро гӯё хала зада бошанд, беқарор ҷунбиду ташвишомез пурсид:

– Мурдаи одам набуд?

– Не. Хари нимпӯсида буду халос. Ва ҳамин киса, ки ризқи ман будааст.

– Барои чӣ ба ман овардӣ?

– Ба кӣ ҳам мебурдам? Заршӯй ки ҳастӣ, қадрашро аз ҳар касе беҳтар медонӣ. Инро бигиру дар ивазаш ба ман ёрӣ деҳ, ки авлодамро ёбаму сари пирӣ танҳо намонам.

Дарвеш баъди мулоҳиза кисаро ба дасташ гузошту гуфт:

– Ба худат насиб кунад. Ман бе ҳамин ҳам ба ту ёрӣ мекунам. Мебинам, ки зани одие ҳам нестӣ. Бигӯ, кистӣ ва аз ман чӣ мехоҳӣ?

– Барои чӣ зани одӣ набудаам?

– Аз гуфтору муносибатат маълум, ки корфармо будаиву коргар не.

Зан ҳамёнро дар остин гузошта, андешид, ки бо ин мард рӯйрост гап занад, беҳтар. Аздусар хеш набаромаданаш бо ӯ боиси гапу калоча ва шубҳаю гумон мешавад. Беҳтараш, рости гапро ба вай бигӯяду хоҳиш кунад, ки дурӯғи хешованд буданашро рост намояд.

– Ман ба зинҳори мардиат сиррамро пеши ту мекушоям, чун бовар дорам, ки ба даргоҳат омаданам хости Парвардигор аст.

Дарвеш ба аломати савганд се бор каф рӯи пешонӣ гузошт ва гуфт:

– Бигӯ, андаруни ман гӯшти шутур мепазад.

– Кӯтоҳи сухан ин аст, ки ман зани шоҳи Шуғнон Муҳаббатон будам. Вай мурду бародараш Юсуфалихон ба тахт нишаст ва фармуд маро ба парини Бартанг ҳаво дода, бикушанд. Худованд мурданамро нахосту зинда мондам. Падарам аз ҳамин Сарез аст, номаш Пасор...

Зан сухан мегуфту Дарвеш аз ҳайрат ду даст ба миён гузошта, мижа назада, андармони тамошои исту бисташ гардид. Ин асно, ду косаи ҳаврхез дар даст, Гулнамо даромаду бо хитоби:

– Шавдегиамон шурбо не, ҳалво шудаст! – дарро ба пояш кушода, даромаду миёни гапи ӯро шикаст.

Дарвеш номаълум ангушт рӯи лабон гузошт, ки “дар назди занак дар ин бора суҳбат накун!” ва косаҳоро аз дасташ гирифта, рӯи хон гузошт.

– Хоҳар, хӯрокҳои Гулнамо ҳеҷ маъқулат шуданд?

– Чӣ дасти бамазае доштаст кучи[1] ту! – мамнуну шӯхиомез ситоиш кард Сарвиноз, – аз шаб то ҳол чанд бор забонамро газидам.

– Ҳамааш аз баракати шавҳарам. Чашм нарасад, калонтари калонтарони Бартанг ин хел зиндагӣ надорад, ки ман дорам. Дар таърих ин хел марди пайдогар[2] нагузаштаст.

– Рост мегӯӣ, – шӯхиро давом дод Сарвиноз, – охир, дар дасти шӯят хок зар мегардад, дар дасти калонтар – ҳамагӣ мужуку ҷавдор.

Онҳо ба шӯхиву хушгапӣ ноштиоро анҷом доданд. Дарвеш дуои субҳона хонду Гулнамо дасторхон барчид. Вақте зан баромад, шавҳараш имкон ёфт, саволеро, ки дилашро тагурӯ мекард, ба забон орад:

– Ай рӯям сиёҳ! Бигӯ, ки зани худи шоҳ ҳастӣ?

– Будам. Ҳоло бевaву бечора шудам. – Зан сиришки дар дидагон ҷӯшидаашро ба нӯги кеш поккунон зардоби дилашро ниҳоят кафонд. – Духтарам бо ман буд, намедонам, ӯро чӣ кор карданд. Куштанд? Бурданд? Худо накарда, ясир[3] карданд?

Дарвеш хавотиромез ҷониби дар нигаристу гуфт:

– Хоҳарҷон, илтимос худатро ба даст гир. Ин қисса аз байни ману худат берун наравад. Гӯши *инҳо* бод набарад, ки дар бало мемонӣ. – Ва лабханде заду афзуд: – Ҳоло хабари хуше бароят мегӯям.

– Нек бош[4], – бо ҳасрат овоз баровард зан.

– Падарат агар Пасор бошад, зиндаву саломат аст.

– Аллоҳу аълам! – барои он ки ба гӯшҳояш бовар кунад, Сарвиноз ду бари кешашро бардошт. – Наход падарам зинда бошад?

– Оре, зинда аст, фақат дар Бартанг нест.

– Дар куҷост?

– Дар Булункӯл.

– Дар он ҷо чӣ кор мекунад?

---

[1] Куч (шуғнонӣ-рӯшонӣ – вожаи кинояву ҳазл) – зани дӯстдошта, маъшуқа.

[2] Пайдогар – кӯтоҳи «одаме, ки ризқу рӯзии фарох пайдо мекунад».

[3] Ясир кардан – дастзӯрӣ, таҷовуз ба номус.

[4] «Нек бош» – ин ибораро дар ҷавоби касе гӯянд, ки гапи муҳиммеро арза кардан мехоҳад.

– Қирғизкушӣ мекунад.

Аз ин гап пушти Сарвиноз бичиррос ларзид.

– Наход? Роҳзанӣ мекунад гӯй.

– Не. Аз қирғизҳое, ки зану духтарашро ба асорат бурданд, як-як қасос мегирад. Ду писар дорад. Тӯфону Тӯфалон. Ҳарду паҳлавон, шикорчӣ, човандоз. Ду ё се духтар ҳам дорад.

Зан ҳис кард, ки дилаш даме аз тапиш монд.

– Занаш аз куҷост? – базӯр овоз баровард Сарвиноз.

– Аз ҳамон тарафҳои Помир.

Амвоҷи паёпайи сӯзу дард бо шасту ғалаён синаи занро бо ҳазор сӯрох шикофида, дар тори сараш кӯргиреҳ заданд. Гӯшҳояш зангӯла навохтанд, дунё дар назараш торик шуду якпаҳлу афтид. Дарвеш сарашро болои зонувон гузошту фарёд кашид:

– Об биёред, об!

Гулнамо дар дами дар пайдо шуд ва ҳоли бади меҳмонро дида, дар пиёлае об оварду ба рӯяш пош дод. Сарвиноз ба худ омаду хестан хост, аммо Гулнамо болиштеро таги сараш гузошту гуфт:

– Илтимос, соате наҷунбида, дам гир. – Ва ба шавҳараш рӯ овард: – Ба меҳмонамон чӣ шуд?

– Намедонам, шояд дардаш аз нав хурӯҷ карда бошад. Бемор аст-ку, – посух дод Дарвеш ва занонро танҳо гузошту худ берун баромад.

Зани шоҳи фақид будани меҳмон хотирашро мушавваш сохт. "Агар ба Шуғнон хабар расад, ки зинда ҳаст, ҳатман пайи бозхосташ мешаванд. Тиҷоратам зери хатар мемонад, аммо ҳимоя накардани як зани бадбахт, ки сар ба остонаам гузоштааст, номардии мутлақ аст. Тадбире бояд андешид". Дарвеш, бо ҳамин фикрҳо, шохҷорӯби навбастаро аз душохии бед кашида гирифту ба рӯфтани барфи наврехтаи рӯи ҳавлӣ шурӯъ кард.

## ДАР ОСТОНИ ТЕҒБАРАҲНАГОН

Рӯзи танги тирамоҳ поён меомад. Шамоли сабук аз парраҳои дара гузашта, бӯи барфи қуллаҳои осмонбӯсро ба ҳар ҷониб мепароканд. Ҳар сол ҳамин тавр – ҳафтае бӯи барф замину осмонро пур мекунад, баъд худи барф меояд. Чунон барфе, ки дар муддати ду рӯз, баъзан ҳатто як рӯз накашида, то соқ мебораду дараводии Хуфи но-

занинро зери гомӯи[1] захими худ паноҳ месозад. Аммо барф ягон касро ғафлатгир намеёбад. Ҳар як хонавода, ба андозаи лозим, озуқаву ему ҳем захира кардаасту зимистон танҳо дам гирифта, кӯфти заҳматҳои дар баҳор, тобистон ва тирамоҳ кашидаашро мебарорад. Барфи баланди зимистон барои ин мардум танҳо ду кори нисбатан вазнин пеш меорад: сер кардани гову мол ва тоза кардани барф. Тамом! Дигар дар танӯр алов куну дар хонаи гарм чистон бибофу афсона бигӯ.

Вале имсол ҳодисае рух дод, ки ҳатто Кекеи равшанбин онро пешгӯӣ карда натавонист: шоҳ амр дод, ки хуфиён аспу мол ва бозҳои шикориашро нигоҳубин кунанд. Кам не, ғам не, чил асп, сад буз, сад гӯсфанд, чил боша! Ин миқдор барои аҳли дара аз шамоли тармаи кӯҳи Ҷирай, ки гоҳе лайҳои рӯи бомҳоро ҳам чаппагардон мекард, ногаҳонитару воҳиманоктар буд. “Ҳукмашро баҳор, лоақал тобистон содир мекард, магар мемурд ин шоҳ Тармолӣ. (Хуфиён, ба ба сабаби сари ҳар ҷумла ба забон овардани “бетармолӣ”, Юсуфалихонро ба истеҳзо “Тармолӣ” лақаб гузошта буданд). Не, баҳорро фурӯхту тобистонро фурӯхту тангии тирамоҳро харид. Акнун мард бошу сару ҳисобатро ёб! Ё моли Тармолиро нигоҳубин мекунӣ, ё моли худатро. Ё моли Тармолӣ мемурад, ё моли ту. Чунин ҷумлаҳои нигаронкунанда дар ин шабҳои дарозу рӯзҳои кӯтоҳ сари забони ҳар хуфӣ буданд. Даҳ рӯз пеш бист савори мусаллаҳ сутуру мол ва шаҳбозҳои шоҳро ба деҳа расонда, ба дасти Кекеи остонбон ва Нурмаҳмади қалтабон (мардум пас аз муттаҳам шудан ба қатли занаш ӯро чунин ном мебурданд) доданду як пиёла дӯғ ҳам нахӯрда, изашон сард нашуда, ба роҳи омадаашон баргашта рафтанд. Зоро таъкидашон карда буданд, ки аз дасти хуфиён чизе нахӯранд – шояд заҳр дошта бошад.

Мардум дар хирмангоҳ ҷамъ омаду ҳар кас ба қадри тавоноии худ аз моли зормондаи шоҳ ҷонваре ба хонааш бурд. Касе “не, намегирам” нагуфт. Ва калонтарон ҳам аспе, гӯсфанде, бузеро ба сари касе базӯр бор накарданд. Чунки хуфиён бисёр халқи муттаҳиданд ва медонанд, ки ҳар кас барои кораш дар назди ҷамоат ҷавоб медиҳад. Вазнинии бори ҷамоатро ҳар кас ба андозаи бардошташ ба уҳда мегирифт – кам намегирифт, чунки ба касе гарон меомад, бисёр намегирифт, чунки фардо дар назди Кекеи дарозриш сурху сафед шудан лозим меояд. Ба

[1] Гомӯ – ҷома, чапон.

остони Теғбараҳнагон ҷеғ зада, чунон бозхостат[1] мекунад, ки дар арақ тар мегардиву хушк мешавӣ, хушк мегардиву тар мешавӣ... Чанд бор ба лаби гӯр мебарадату мебиёрад. Аз як пой ниҳодан ба остонаи остон дили кас шуввӣ зада, як ваҷаб поён мефарояд. Туғхонаи қадимаи аз дуду чадак[2] чун дили шаб сиёҳашро намегӯӣ? Ҳар касеро боре барои адаб додан ба ҳузури Кеке оварда бошанд, дубора орзуи даромадан ба ин "маҳкамаи сиёҳ"-ро накардааст. Гуноҳат камтар бошад, аз тирборони насиҳату андарз бо синаи садсӯрох берун меоӣ; агар гаронтар аст, бо "шикастан"-и шамшери дарози вазнин ба фарқи сарат – ҷонат халос; вале агар ҷурмат аз ҳама ҳаддҳо гузаштааст, – Худо ба саги сиёҳ насиб накунад, – Кекеи арвоҳшакли дарозҷомаи сурхсалла ба таги тоқи туғат мебараду ба кадом лафзи номафҳуме дуо хонда, ба шохнафир[3] чунон овозе меандозад, ки дилу ҷигарат мерезад. Ин ҳам таъсират накунад, Кеке тадбири охирини худро ба кор меандозад: дар сари қабри мурдаи нав аз хона баромадаат *на-ме-хо-бад*!! Се шабу рӯз пурсандаҳои бераҳму шафқат ба сари мурдаат чормағз мешикананду ба додаш касе намерасад. Танҳо ва танҳо Кекест, ки се шаби аввал қабрро бонӣ мекунаду азоби бозпурсиро бар мутаваффот сабук мегардонад. Агар Кеке мурдаатро суроғ накунад, арвоҳи вай чунонат мезанад, ки умре на хайре дармеёбӣ, на баракате. Бинобар ин, пас аз "суҳбат" бо Кеке ё муму малҳам шуда, зиндагӣ мекунӣ, ё сари худро гирифта, аз қаламрави Хуф абадулабад баромада меравӣ.

Шоми рӯзи муродбахши ҷумъа Кеке ховандони[4] деҳро ба ҷаргаҳ талабид. Шаш нафар дар соати таъйиншуда расиданду ҳар яке дасти муборaки остонбонро себорӣ бӯсида, чорзону ба ҷаргаҳ нишастанд. Кекеи ҳамешахандонрӯ дуо хонд, далилак равшан намуда, торикиро гурезонду ба ховандон рӯ овард:

– Худо донаду шумо донеду Кеке донад. Савганд ба кароматӣ туғи остони Теғбараҳнагон ва ҷумъаи бузургвор, ки ҳоли хуфиён ин зимистон табоҳ хоҳад шуд. Тармолӣ моро чунон ҷазое дод, ки то Батаём[5] расем ё нарасем. Эй ховандони халқ, агар гапи Кеке дурӯғ бошад, бигӯед!

---

[1] Бозхост – истинтоқ

[2] Чадак – қабати бо мурури солҳо ба шифту деворҳо нишастаи дуд.

[3] Шохнафир – сурнойе аз шохи гов, ки маъмулан дар остонҳои туғдор барои иҷрои баъзе маросимҳо нигаҳдорӣ мешуд.

[4] Хованд – соҳиб; ховандони деҳ – раисони маҳаллаҳои деҳа.

[5] Батаём – иди ҳалво, ки чил рӯз пеш аз Наврӯз гузаронда мешуд.

Ховандон ҳамагӣ сар ҷунбонданду гуфтанд:

– Ҳар чизе, ки ту мегӯӣ, дуруст асту рост.

Кекеи хандонрӯй гапашро давом дод:

– Агар гапи Кеке рост бошад, пас бояд чорае андешид, ки мардумамон зиндаву тандуруст ба ҳосили дигар расад. Шумо чӣ маслиҳат медиҳед?

Ховандон пушти сар хориданд, нафас набароварда, фикр карданд ва гуфтанд:

– Маслиҳат маслиҳати худованди остон аст.

Кеке ховандони гирднишастаро як гирд гашту гуфт:

– Кеке андеша намедошт, шуморо ба ҷаргаҳ намехонд. Акнун гӯш кунед, ки Кекеи ҳушёру зирак чӣ зикроме[1] дорад.

– Гӯшамон ба даҳони туст, эй худованди остон! – гуфтанд ховандону бесаброна чашм ба рӯи ҳамешахандонаш дӯхтанд.

– Чораи кор дар фармудаи худи шоҳ Тармолист. Агар ҳукми он капаркалларо ҳарф ба ҳарф иҷро кунем, шоҳ ҳам дар ҳимояи худ чизе гуфта наметавонаду ҷони тамоми хуфиён ҳам аз азоби молбонии вай халос мешавад.

Ховандони деҳ аз ғояти тааҷҷуб ангушт шикастанду ангушт газиданд, ки наход Кекеи хирадманд роҳи ҳалли ҳамин мушкили саъбро ҳам ёфта бошад. Ва гуфтанд:

– Ҳукмашро иҷро карда истодаем, ки бахши якмоҳаи ҷаву коҳамонро дар як рӯз мехерем[2], – гуфт яке.

– Акнун бишунавед, ки Кеке чӣ мегӯяд? Шоҳ дар назди садҳо нафар раъият чунин гуфт: “Хуфиёни кӯрнамак аспонро ҷаврост, бошаҳоро ҳадафрост созанд, агар аз моламон як гӯсфанд ё як буз талаф диҳанд, ба ҳолашон мурғони ҳаво хоҳанд гирист”. Гувоҳӣ медиҳед, ки чунин гуфт?

– Оре, гувоҳем ва гувоҳӣ медиҳем.

– Пас, биёед, барои таҳқир кардани хуфиёни хубрӯи хушнамо шоҳро бо ҳамин гапаш ҷазо бидиҳем!

– Чӣ тавр? – аз шунидани ин сухан дар раги ховандон хуни номусу ғайрат ҷӯш зад.

---

[1] Зикром – сухане, ки то маҷбур нашаванд, ба забон наоранд.
[2] Херондан – сарфи озуқа

Чун Кеке тазвири андешидаашро нукта ба нукта баён кард, нафаси ховандон ях баст. Надонистанд, ки Кекеи хандонрӯй шӯхӣ мекунад ё ҷиддӣ мегӯяд.

– Ё тадбире аз ин беҳтар аз каллаи шумо мебарояд? – пурсид Кеке, чун дид, ки аз санг садо ҳасту аз ховадон не.

– Эй худованди остони муқаддас, оё шоҳ инро ба мо мебахшад? – ба изтироб омад хованд Шамшершоҳ.

– Оё ин кор бозии муш бо думи шерро намемонад? – риши ғӯлиашро панҷа зад Эраҷшоҳ.

– Магарам кафанҳоямонро пешакӣ бидӯзем, – сарашро дошт Имомназар.

Аммо ин азми Кеке заррае ҳам накоҳид. Вай гирди ҷаргаҳ гирде заду риши дарозашро дудаста ба сӯи нишастагон ёзонд ва гуфт:

– Пас риши панҷоҳсолаамро қоқ битарошед, хавручон[1]! Агар баъд аз ему ҷави даҳдаҳак гӯсфанду даҳдаҳак бузу чаҳордаҳак аспу чаҳордаҳак бошаи шоҳи адолатпаноҳ як нафар хуфӣ то Гамунд[2] зинда бимонад, қабри маро биканад ва бар устухонҳоям бишошад.

Ховандон сар ба ҷайби андеша даровcovered даровarданд. Андешиданд, андешиданд ва гуфтанд:

– Оре, гап гапи туст, Кекеи хирадманд. То он вақт гумон аст касе ба унвони ному нишон аз халқи Хуф зинда бимонад.

– Пас, оё беҳтар он нест, ки моли шоҳро нӯши ҷон кунему гӯшту равған бибандему ҷонамон ҳазз кунад?

– Беҳтарин тадбири оламро ту донӣ, эй Кекеи бузургвор! – ба як овоз гуфтанд ховандони Хуф.

Кеке масъалаи ҷаргаҳро чунин хулоса кард:

– Бетармолӣ мехоҳад қавми моро битолонад, дар покориву гуруснагӣ бимиронад. Аммо хуфиёни хубсурату хушнамо ба вай чунон лоғу қилоғе[3] нишон диҳанд, ки номаш дар тамоми олам ба дафтарҳо равад.

Кеке ба расми қабули қарор саллаи сурхашро таппӣ ба миёни ҷаргаҳ гузошт. Ховандон низ, ҳар касе каллапӯши худро болои он ниҳоданд. Аҳду паймон баста шуд.

---

[1] Хавруч (рӯшонӣ) – хитоб ба бачагони байни наврасиву ҷавонӣ.

[2] Гамунд – иди Наврӯз

[3] Лоғу қилоғ – масхараю истеҳзо.

# РОҲҲО ҶУДО МЕШАВАНД

Дар кӯчаву бозор, хонаҳои пасту баланд, қалъаву кӯшкҳои ободу нимободи шаҳри пурғавғои Кобул зиндагӣ ҷӯш мезад. Ҳатто гирду навоҳи девори дарозу баланди тепаҳои Шер-Дарвоза, ки қалъаи қадима доштү рӯзи дароз пойи низомиёни мусаллаҳ аз даргоҳаш канда набуд, аз савдогарону харидорон ва ҳар гуна бозигароне, ки бо нағмаву усул аз тамошобинони сершумор пул ҷамъ меоварданд, гӯё чун рӯди кӯҳӣ дар ин фасли гармо ба худ медамид. Баландиҳои соҳили Вазирободу Бибӣ Маҳрӯ низ ҳамин ҳолро доштанд. Аз миёнаҳои баҳор то оғози сардиҳои тирамоҳ пуштакӯҳҳои атрофи Кобул аз чодару хаймаҳои гуногуншаклу гуногунранги аҳолии худи шаҳр ва мардуми аз ҳар ҷо омада пур мешуд. Шахсе, ки бори нахуст дар чунин мавсим ба Кобул омада бошад, албатта, гумон мекунад, ки ба шаҳр лашкаре ҳуҷум кардаву дар муҳосирааш гирифтааст. Мақбараҳои Темуршоҳу Бобур аз субҳ то шом зиёраткунандаи бисёр дошт. Аммо фарқ дар он буд, ки баракси бозору адирҳо, дар ин мавзеъҳо аз даҳони касе овое барнамехост. Ҳатто дуову фотеҳаи зоирон ба нимовоз сурат мегирифт. Ин хомӯширо нидои дастаҷамъонаи “ҳақ дӯст!”, ки гоҳ-ногоҳ аз ҳанҷараи дастаи қаландарон ба ҳаво бархоста, маросими зиёратро шукӯҳу шаҳомат меафзуд, халалдор мекарду бас.

Барои Хайримаҳмаду Доробшоҳ шаҳри Кобул оламе менамуд, ки шигифту шигарфаш на ҳад дошт, на ҳудуд. Бахусус, серҳаракативу пуртакопӯии кобулиён онҳоро ба ваҷд меовард. Рӯзҳои аввал гумон мекарданд, ки шояд ғалабае афтода бошаду мардумро саросемаву безобита карда бошад. Аммо бо мурури вақт донистанд, ки зуд андешидану тез амал кардан сифати фитрии аҳолии шаҳр будааст. Дар шаҳр вақт одамро мефишурдааст. Дар Рӯшони онҳо агар чунин тунд роҳ равию кор кунӣ, мардум гумон мекунанд, ки майнаат ҷунбидааст. Осемасариро ҳатто аломати наздик расидани аҷал мешуморанд. Дар он ҷо баракс – одамон вақтро фишурда, чун гилем зери по кардаанд. Хоҳанд, дар болояш хоб меравaнд, хоҳанд, роҳ мегарданд, хоҳанд, ба таги девор лӯла карда мепароянд. Дар Кобул одамон вақте надоранд, ки ҳоли якдигарро пурсанду зангор аз дилҳо бишӯянд. Дар Рӯшон як рубъ соат ҳолу аҳвол мепурсанд, ба ғами ҳам гӯш меандозанд, ба шодии ҳам шодӣ мекунанд. Дар он ҷо вақт он қадар қадр надорад, ки инсон; дар ин ҷо инсон он қадар қадр надорад, ки вақт.

Зиндагии мардуми одии Кобул он қадар бад набуд. Ҳамин даво-дави ғайратмандонаашон аз пайи ризқу рӯзӣ ва осудагие, ки баъд аз торумор шудани лашкари англисҳо ва қатъ шудани даргириҳо дар пойтахт ҳукм меронд, имкон медод, ки мардум бидуни тарсу ваҳм, тиҷорат кунанд, хона созанд, ба касбеву коре машғул бошанд. Аммо ононе, ки ба мисли Марҷону Балхиёр ба сифати канизу ғулом ба ин шаҳр афтода буданд, рӯзи сиёҳе доштаанд. Ба қавли Марҷон, одамони ин шаҳр онҳоро одам ва ҳайвоноти ин шаҳр онҳоро ҳайвон ҳисоб намекарданд. Аз он рӯзе, ки вайу Балхиёр ба дасти Султоншоҳи дарвозӣ, асир афтоданд, барояшон дунёи равшан ба дӯзахи торик табдил ёфт. Султоншоҳ ҳамроҳи як марди бухороӣ, ки фармондеҳи лашкари Дарвоз будааст, онҳоро аз Рӯшон рост ба Қундуз овард. Асирон ҳашт нафар буданд – чор писару чор духтар. Се писарро дар Қундуз ба ғуломӣ фурӯхт. Балхиёрро ҳам ба савдо монд, аммо гиряву зории Марҷон ба дилаш раҳм андохту ӯро бо духтарон ба Кобул бурд. Сабаби писаронро дар Қундузу духтаронро дар Кобул фурӯхтан он будааст, ки дар Қундуз ғулом қимати гарон доштааст, дар Кобул – каниз. Дар бозори калони шаҳр ҳар чаҳорро дар савдои “кӣ зиёд?” ба сарватмандони кобулӣ фурӯхту таъкид ҳам кард, ки “инҳо худро мусулмон мегӯянд, аммо шумо бовар накунед”. Он вақт Марҷон ба гапаш сарфаҳм нарафта буд, аммо баъдҳо донист, ки шариат харидуфурӯши мусулмонро ба мусулмон раво намедидааст.

Марҷонро Мирзо Абдуллоҳ ном сарватманде харида будааст. Ин мард ба фоидаи корхонаи англисии истеҳсоли аслиҳа ба савдои ҳар гуна яроқ машғул буда, дар доираи аҳли дарбор обрӯю нуфузи калон доштааст. Ду сол пеш Шералихон англисҳоро аз Кобул зада, бадар карду Мирзо Абдуллоҳ низ ҳамроҳашон ба ҷониби Ҳиндустон гурехта рафт. Аҳли оилаашро бо худ гирифт, вале ғуломону канизонашро ба посбонии хонаҳояш гумошт. Шералихон, баъди он ки Кобулро фатҳ намуд, хонаҳои Мирзо Абдуллоҳро бидуни пурсишу қазоват ба ихтиёри фармондеҳони хидматнишондодаи лашкараш гузошт. Соҳиби нави хона – як марди паштутабори барзангибашара бо номи хотирозори Гандал, ҳусну ҷамоли Марҷони нозанинро дида, шефта гашту ӯро ба худаш каниз кард. Ҳамин тавр, рӯз дар кору шаб дар бағали он мурдор, қариб ду сол гузашт, ки шоҳ ӯро ба куҷое ба ҷанг фиристоду ҳафтае пеш хабари хуши ҳалок шуданаш ба гӯши Марҷон расид. Марҷон дар фикри фирор аз он хонаи ғуломборагон афтод. Дар хона ба ғайр аз ӯ боз ду сарбозе мезистанд, ки нигаҳбонии хона-

ро ба уҳда доштанд. Баъд аз шунидани хабари ҳалокати Гандал, онҳо ба Марҷон бо чашми харидорӣ нигоҳ кардан гирифтанд. Аз ин ҳол оташи рағбати гурехтан дар дили зан алангаи бештар зад. Ӯ қарор дод, ки шаб, вақте ки сарбозон хоб мераванд, ҳарчи бодо бод, ба ҳар тарафе, ки бошад, мегурезад. Аз шаҳр, ки баромад, самти Рӯшонро аз ягон кас мепурсаду ҷониби ватани азизи худ роҳ пеш мегирад. Ба ҳамин мақсад, либосу тӯшаашро дар бухчаи сабуке гиреҳ басту мунтазири хоб рафтани сарбозон шуд. Банохост дарвозаро сахт кӯфтанд. Сарбозон ҳар ду сӯи дар тохта, "Кист?" гӯён садо баланд карданд. "Мо аз қасри шоҳ ба кори муҳимме омадем". Сарбозон камонҳоро омодаи паррондан карда, дарвозаро кушоданд. Як марди рӯҳонинамо ҳамроҳи ду ҷавонмарди ҳузарб даромада, дӯстона салом доданд. Марди муллонамо гуфт: "Ман шайхулислом Соҳибназари Қаландар ҳастам. Бо суфориши Садри аъзам шуғниёни муқими Кобулро дар дарбор гирд меорем. Дар ин хона канизе бо номи Марҷон ҳаст?". Сарбозон "Бале, соиб, дорем" гуфтанд. Дили Марҷони гӯшбақимор ба бозӣ даромад. Вай ҳис кард, ки илтиҷояш ба даргоҳи Худои Таъоло мустаҷоб гардидаву соати озодиаш фаро расидааст. Шайх хоҳиш кард, ки занро дарзамон ба рафтан омода созанд. Пас аз соате Марҷонро ба хонаи калоне, ки соҳиби он худи Соҳибназари Қаландар будааст, оварданд. Дар ин ҷо даҳ марди шуғнии дигарро ҳам ҷамъ оварда будаанд, ки дар байнашон Балхиёри хеши Марҷон низ буд. Баъд аз салому ҳолпурсии ҳамдиёрон, Марҷонро ба ҳаммом бурда, либоси нав пӯшонданд ва рӯзи дигар ба дидори бародараш Доробшоҳ расонданд.

Баъд аз маросими вохӯрии шуғниҳо дар ҳавлии Соҳибназари Қаландар, ба иҷозаи соҳиби хона, Доробшоҳу Хайримаҳмад Марҷону Балхиёрро ҳам ба ҷойи зисти худ оварданд. Балхиёр дар ҳуҷраи васеи онҳо, Марҷон дар ҳуҷраи ҳамшафат ҷой гирифтанд. Марҷон ҳеҷ бовар намекард, ки тақдир боре ҳамин гуна меҳрубониро дар ҳаққи ӯ раво медида бошад! Рӯзе, ки аз бағали модари азиз ҷудояш карданд, ҳамагӣ дувоздаҳ сол дошт. Ҳанӯз бӯйи шири модар аз даҳонаш нарафта, ба мисли кадом як бузғола дар бозори Кобул фурӯхтандаш. Ҳанӯз ба гӯшту устухонаш шираи балоғат надавида, Мирзо Абдуллоҳи ба монанди хук фарбеҳи бадбӯй, ҳатто силаву навозишро барояш ҳайф дониста, ӯро зери нояш хобонд. Сурати хубу қомати мавзуни модаровардаш балои ҷонаш гаштанд. Дар муддати ду сол Мирзо Абдуллоҳ ба духтари бечора чӣ таҳқирҳое раво

дид! Ҳатто дар ҳузури мардони ба мисли худаш сарватманди бангӣ ба рақсу усул маҷбураш мекард ва иҷоза медод, ки онҳо ба танаш даст расонанд. Ин даюси ҳаромхиштак ҳатто фикр намекард, ки пас аз пароканда шудани меҳмонон, боз Марҷонро ба шабистони худаш дароварда, ба оғӯш мегирад. Синаи танги духтар моломоли нафрати сӯзон ба Мирзо Абдуллоҳу мулки фисқпарвари ӯ гардид, аммо ба ғайр аз селоби ашк рехтан аз ду дидаи пурхун дигар илоҷе надошт. Чанд бор ба маҷлиси ӯ рафтан нахост, вале он золим ба ин баҳона чунон ба шаттаву шаллоқаш печонд, ки дигар ба як ишора дар наздаш ҳозир мешуду дилаш хун гиряд ҳам, чеҳраашро хандон мегирифт. Дар соли дуюми будубош, баъди он ки порсиро ёд гирифт, дар ҳавои байту сурудҳое, ки дар маҷлисҳои айшу ишрати хоҷааш пайваста мешунид, ҳамин сатрҳо аз банди ҷигараш ҷӯш зада баромаданд:

**Эй бод, биё, бод биё, борон кун,**
**Селоба биёву Кобула вайрон кун.**
**Мардоша бикуш, агар на, ними ҷон кун,**
**Занҳоша канизи мардуми Рӯшон кун.**

Агар Мирзо Абдуллоҳ бо бераҳмияш Марҷонро азият медод, Гандали девсурат бо ишқбозии ғайриодиаш дили ӯро аз оламу одам сард гардонида буд. Ин низомии олирутаба ҳафтае чаҳор шабро дар хона саҳар мекард. Одаташ чунин буд, ки гӯшти қариб як гӯсфандро дар як нишаст мехӯрд ва Марҷонро ба хонаи дарун дароварда, ба бистар мекашид. Лухт мешуду ба дасти Марҷон сӯзан дода, маҷбур мекард, ки баданашро холкӯб намояд. Духтар ба танаш сӯзан мехалонду Гандал аз завқ монанди буққаи бисмилшуда фах-фах садо бароварда, лаззат мебурд.

Марҷон раҳо гардидан аз асорати чандинсоларо аз тараҳҳуми Аллоҳи Таъоло бар ҳоли зораш медонист ва аз Худои Бузург миннатдор буд. Вале Хайримаҳмаду Доробшоҳ аз меҳрубонии беҳудуди шайх дар ҳаққи хеш вақтҳои охир эҳсоси шубҳаву нигаронӣ мекарданд. Таҷрибаи зиндагӣ барояшон мегуфт, ки Соҳибназари Қаландар ин ҳамаро танҳо барои он ки ду-се моҳ нони шуғниҳоро хӯрдааст, созмон надодааст. Албатта, аҳли тақвою мазҳаб бо хайру эҳсон ва лутфу сахо аз аҳли тиҷорату сиёсат хеле фарқ доранд, аммо на ба ин ҳудуду ба ин андоза. Бахусус, озод кардани Марҷону Балхиёр ва дар ҳузури Нэп ҷамъ овардани мардони шуғнӣ иқдоми шигифтоваре буд аз ҷониби шайх. Ду ҳамдиёрашон – Шаҳбозбек ва Шоҳзодаэрон аз

таъқиби Муҳаббатхон ҷони худро раҳондаанд. Оқсақоли деҳкадаи онҳоро Муҳаббатхон мекушаду ин ду нафар, ки ҳамроҳаш будаанд, гурехта, ба Кобул меоянд. Шуғниҳои боқимонда ҳамагӣ бозоргон буданд.

– Падарам маро ин қадар нозиён[1] накарда буд, ки ин қаландар, – гуфт рӯзе Доробшоҳ ба Хайримаҳмад. – Намедонам, барояш чӣ коре кунам, ки виҷдонам ором гирад.

– Даҳ-понздаҳ рӯзи дигар маълум мешавад, ки шайху дӯстонаш аз мо чӣ мехоҳанд, – ҷавоб дод Хайримаҳмад.

– Чӣ мехоста бошанд, андувол?

– Возеҳ намедонам, вале дар олам ҳама чиз ҳисобу китоб дорад.

– Дар ивази он ки хоҳарамро ба ман расонд, як умр ғуломи даргоҳи ин бузургвор бошам, боз ҳам кам аст.

– Меарзад, албатта, меарзад, – Хайримаҳмад дили рафиқашро қувват бахшид, аммо фикраш ба ин банд буд, ки ин бор бо шайх бояд суҳбати рӯбарӯи ошкоре дошта бошад.

Аммо Соҳибназари Қаландар ин маротиба ҳам пешдастӣ кард. Ҳафтае пас, субҳи барвақт ба наздашон омад ва Хайримаҳмаду Доробшоҳро ба гардиш дар боғи пушти хона фаро хонд.

– Падари ҷаннатмакониам, як ҳафта пеш аз вафоташ, дар зери ҳамин дарахтон ба ман васият кард, ки дари ин ҳавлиро доимо ба рӯи дӯстони ҷониам боз нигоҳ дорам, аз онҳое, ки дар ин ҷо маҳмил меандозанд, пашизе наситонам. Медонам, шояд дили шумо дар ин муддати мадид дур рафта бошад, ки ман аз шумо чӣ мехоҳам? Оё ҳамин тавр нест?

Хайримаҳмад, ки бори дигар ба заковати шайх тан медод, чунин посух дод:

– Худованд равони падаратро шоду дару даргоҳатро ободу дорад, шайхи бузург! Моҳи чорум аст, ки чун Ҳотами Тай моро мехӯрониву мепӯшонӣ, хоҳарамонро аз канизӣ, бародарамонро аз ғуломӣ озод кардӣ. Дар ивази ин ҳама некиҳоят моро намегузорӣ, ки бароят пиёлае об бидиҳем, ки диламон тар шавад. Рости гап, мехоҳем, ки акнун рухсатамон бикунӣ, ки ҳар якамон кореву манзиле пайдо кунему дигар дарди сарат надиҳем.

Шайх қадам боздошту дастон ба гардани ҳарду гузошт ва ба рӯи ҳар дуяшон нигоҳҳои гарме карду гуфт:

[1] Нозиён – эрка

– Ба ин вазъе, ки дар Кобул дорем, баракс, шояд ману Нэп муддате аз шаҳр биравему шумо бимонед.

Дасту пои Доробшоҳу Хайримаҳмад аз ин хабари ногаҳонии нохуш суст шуд. Онҳо бо ҳайрати саволомез ба рӯи шайх нигаристанд.

– Шумо – бачаҳои содаи кӯҳистонӣ, албатта, аз куҷо медонед, ки дар олам чӣ гапу хабар мегузарад, – суханашро давом дод Соҳибназари Қаландар. – Кӯтоҳи гап ин аст, ки Ингилистон гуфтанӣ мамлакати пурзӯр мехоҳад, ки Афғонистонро саробонӣ карда, аз фақру ақибмондагӣ наҷот диҳад. Вале шоҳи феълии Афғонистон чунин нийяти Ингилистонро дастгирӣ накарда, ба муқобили он ҷанг эълон кардааст. Намояндаи давлатхонаи Ингилистон сэр Элиас, дӯсти ману шумо, ба Кобул омада, хост, ки бо шоҳ Шералихон гуфтугӯ кунад, лекин вай қабулаш накард. Зиёда аз ин таҳдид кардааст, ки аз Афғонистон бароед, дар акси ҳол, сарашро аз тан ҷудо месозад.

Шайх аз сухан бозистоду ба шунавандагонаш нигарист. Онҳо моту мабҳут шуда буданд.

– Ҷаноби шайх, бо ин гапат моро хуб тарсондӣ, – гуфт Доробшоҳ, – лекин, охир вай... Авғонистон гуфтӣ номаша? – шайх сар ҷунбонда, тасдиқ кард, Доробшоҳ давом дод: – Авғонистон ба Кобул чӣ дахл дорад?

Шайх хандиду тавзеҳ дод:

– Хуш ба ҳолат, Доробшоҳ! Ту намедонӣ, ки ин кишвар Афғонистон асту Кобул пойтахти он?

– Ин мулк магар Хуросон нест? – ба гап ҳамроҳ шуд Хайримаҳмад, – Авғонро шунидаам – қавмеанд, ки дар Ҳиндустон зиндагӣ мекунанд, лекин Авғонистонро бори аввал мешунавам.

Шайх дар тааҷҷуб афтод:

– Чӣ мардуми хушбахте мебошед шумо шуғниҳо! Дар Афғонистон зиндагӣ мекунеду намедонед, ки Афғонистон дар куҷост? “Мо дар чӣ хаёлему фалак дар чӣ хаёл?”.

Соҳибназари Қаландар қоҳ-қоҳзанон хандаи ҷигарие сар дод. Хеле хандиду баъд аз он ки ором гирифт, Хайримаҳмад изҳори тааҷҷуб кард:

– Чӣ хандаи аҷибе кардед, соиб?

– Баъзан одам бояд ба ҳоли худаш сахт бихандад, – мармуз посух дод шайх. – Хушбахттар аз шумо қавме дар ягон билод надидам. Ҳо, Аттори шакаргуфтор чи хуб фармуда, ки:

**Касе дорад ба олам дору боре,**
**Ки дар олам надорад ҳеҷ коре.**
**Фароғат ҷӯй, то бошӣ даме хуш,**
**Ки то осон гузорӣ оламе хуш!**
**Чу мебинӣ, к-аз ин тоси нагунсор**
**Бало мебора аз садгуна ҳамвор.**
**Агар дар офият, эй мӯр, дар тос**
**Ба шаб орӣ, ту қадри рӯз бишнос!**

Қасам ба наваду нуҳ исми муборакиАллоҳи Таъоло, ки аз шумо хушбахттар мардуме дар рӯи замин нест!

Хайримаҳмад ҳис кард, ки шайх дарде дар дил дораду гуфта наметавонад, Доробшоҳ чизе нафаҳмид, аммо, чун хандаи самимонаи шайхро бори нахуст медид, хушҳолона гуфт:

– Аҷаб матали хубе гузарондӣ, шехи бузург! Лекин ман доманатро сар намедиҳам. Кучое равӣ, ман ҳам бо ту меравам.

Қиёфаи шайх ҷиддӣ гашт. Вай гардишро давом дод. Онҳо низ аз пасаш ҳаракат карданд.

– Ман ихтиёрро ба худатон мегузорам, – Соҳибназари Қаландар гӯё худ ба худ гап мезада бошад, ба онҳо нигоҳ накарда, роҳравон мавқеъашро шарҳ дод. – Вазъият чунин аст, ки фармонравоёни Хуросон, яъне Афғонистон, ба ҳам ҷӯр нестанд. Қундузу Бадахшон дар талоши ғасби якдигаранд. Аввал Қундуз бар Бадахшон тасаллут дошт, ҳоло Ҷаҳондоршо Қундузу вилоятҳои шимолиро ба Бадахшон тобеъ кардааст. Дар сарҳадоти Ҳиндустон инглисҳо истеҳкоми пойдор доранд ва мехоҳанд, ки дар он ҷо истода, бо Кобул ҷанг кунанду қудрати аз даст додаашонро барқарор созанд. Шералихон инглисҳоро аз Кобул, Ҳирот ва бисёр вилоятҳои марказии мамлакат берун карда, онҳоро бераҳмона мекушад. Аз Ҳирот он сӯи Форс мехоҳад, ки заминҳои аз даст додаашро бозгардонад. Хулласи калом, халқ дар байни чаҳор оташ монда, сару ҳисобашро гум кардааст. Барои он ки сари по устувор истода бошанд, инглисҳо мехоҳанд, ки ба тобеи Бадахшон, Шуғнон, Вахон ва Помирот дастёб гарданд. Шералихон ҳам мехоҳад, ки Бадахшон ба вай итоат кунад. Аз он тарафи Ому русҳо Бухорову Қуқандаро забт карда, ба Помиру Бадахшон чашми тамаъ дӯхтаанд. Муддате қабл байни инглисҳо ва русҳо тақсими сарҳад сурат гирифт, аммо фикри Афғонистонро, ки соҳиби аслии ин сарзаминҳост, касе напурсид.

Мо ба Шералихон мегӯем, ки ба инглисҳо муттаҳид гашта, русҳоро аз сарҳадоти худамон берун ронем, ин мардак ҳошовукалло қабул намекунад. Мегӯяд, ки ба мо на ингилисҳо лозиманд, на русҳо, Афғонистон бояд мухтору озод бошад. Чанд бор ба воситаи садри аъзам коре карда, мистер Нэпро ба ҳузури шоҳ даровардем. Гапашон напухт. Дар вохӯрии охирин амр додааст, ки Нэпро аз Кобул бадарға созанд. Ба сад роҳу восита ӯро ба Кобул дароварда, хостем дили Шералихонро мулоим намоем, нашуд. Агар ду рӯз пас аз шаҳр хориҷ нашавад, ба зиндонаш мепартоянд.

Шайх дар назди дарахти чинор истод ва гӯё хаста шуда бошад, даст ёзонду ба танааш такя зад. Ҳамсуҳбатон аз чунин мавзӯи ғайриодӣ лолу гаранг шуда, ба рӯяш менигаристанд. Шайхе, ки ҳама вақт аз дину оин ва шеъру адаб сухан мегуфт, ин бор дар хусуси давлату ҳукумат ҳарф зада, онҳоро билкул дар ҳайрат гузошт.

– Аҷабо, русҳо Шуғнонро гирифта будаанду мо бехабар, – изҳори ҳайрат кард Хайримаҳмад. – Барои чӣ дар Рӯшон ин хабарро нашунидем?

– Давлатдорони Шуғнон саргарми хурӯсҷанги байни худ, кай вақт доранд, ки ба олами атроф назаре андозанд, – шарҳ дод Соҳибназари Қаландар. – Айнан ба мисли шоҳони мо – байни худ ба созише наомаданду мамлакатро муфт ба дасти Ингилистон доданд. Акнун мехоҳанд, ки бо ин забардасти олам низ панҷа бизананду халқро нобуду мулки харобро хароботар созанд. Барои он ки аҳволи мардуми мусалмон аз ин бадтар нагардад, роҳи ягона ин аст, ки ба қудрати низомии инглисҳо такя карда, роҳи русҳо ва бухороиҳои ба онҳо фурӯхташударо ба давлати паҳноварамон бибандем. Аз Помир то Дарвоз ба як давлати мусалмонободи Афғонистон муттаҳид шаванд. Барои расидан ба ин мақсади олӣ мо ба ёрии шумо – бародарони шуғнӣ, ниёз дорем.

Шайх барои донистани вокуниши Хайримаҳмаду Доробшоҳ лаб аз гуфтор фуру баст. Онҳо, сар ба ҷайби хаёл даровaрда, ҳар яке моҳияти гапи Соҳибназарро дар тарозуи хирад баркашиданд. Ниҳоят, гумони Хайримаҳмад рост баромад: темордории шайх бетамаъ набудааст. Вай мехоҳад, ки онҳо дар роҳи тобеъ намудани Шуғнон ба Афғонистон ба ангрезиҳо мадад расонанд!

Аввал Доробшоҳ ақидаашро баён кард:

– Ҳагар ин ҳангрезҳо монанди Нэп бошанд, чи мардуми хубе астанд, шех. Амин ту ба онҳо бовар дорӣ, шуд. Зулми хонҳоро аз

сари мардуми Шуғнону Рӯшон дафъ кунад, фақиронро монад, ки ҳосуда нафас кашанд, фарқ чӣ, ки ягон шуғнӣ шо аст ё ягон ҳангризӣ. – Ва ба Хайримаҳмад рӯ овард: – Ё гапам нодуруст?

Хайримаҳмад пӯзханди шигифтолуд бар лаб, бо чашмони пурандешаи нимпӯш хеле чурт заду ниҳоят чунин посух дод:

– Ин ҳама гирду гардиш ... дуруст, аммо, Доробшоҳ, рӯҳу нафси мо соҳиби дигар дорад. Мо бояд аввал донем, ки ҳидояти Соҳиби замон чист, баъд амал кунем.

Доробшоҳ чашм ба даҳони Соҳибназар дӯхт. Шайх заррае тааҷҷуб зоҳир накарду гуфт:

– То ҷое, ки ман воқиф ҳастам, имоми шумо дар ин қазия ҷонибдори англисҳост. Дар ҳар сурат, то ҳол бар зидди онҳо расман дар ҷое сухан нагуфтааст.

– Ту аз куҷо медонӣ, ки имом чӣ ақида дорад? – ҷавоби осону бепарвоёнаи шайх ба Хайримаҳмад нафорид.

– Дӯстам, пеш аз он ки ҳамқавмҳои шуморо дар ҳузури Нэп гирд оварем, ин масъалаи барои мардуми шумо муҳимро ҳам омӯхтем. Афғонҳо не, англисҳо дар ин бора маълумоти муфассал доранд.

– Ту гуфтаниӣ, ки ҳамин Нэпи ингризӣ дар бораи Мавло чизе медонад? – аз ҳайрату ҳаяҷон садои Хайримаҳмад дупӯста баромад.

– Албатта, ҳамдувол, ин ингризҳо на афғонанд, на турк, на тоҷик, ки носанҷида ба ягон кор даст зананд. Дар бораи дину оин ва ҳолу аҳволи мо чизҳое медонанд, ки подшоҳонамон аз даҳ якеашро намедонанд.

Доробшоҳ ба Хайримаҳмад илтиҷоомез чашм дӯхт, мазмун: ту ҳам розӣ шав. Хайримаҳмад, – чунон ки дар лаҳзаҳои мушкил барояш одат шуда буд, – зери лаб дуоеро хонда, сипас орому қатъӣ мавқеъашро чунин муайян кард:

– Шайхи муҳтарам, аммо ман то фармони Соҳибуззамонро ба чашми худам набинам, ё аз забони пири тариқат нашунавам, ба амале даст зада наметавонам. Маъзарат мехоҳам.

Соҳибназари Қаландарро на танҳо авзоъ тағйир наёфт, балки бо дили саршори меҳр даст ба китфаш ниҳоду гуфт:

– Ихтиёр бо туст, Хайримаҳмад. Дар оғози суҳбат гуфта будам, ки ихтиёр бо шумост. Ман барои ду ҳафта аз Кобул бадар меравам. Нэпро бояд ба Пишовар бараму зиндаву саломат ба давлатхонаи Ингилистон супорам.

– Соиб, агар деру диранг кунӣ, дили мо аз бекорӣ дар ин ҷо мекафад, – гуфт Доробшоҳ. – Бовар кун, аз буғузхук бадтар шудем.

Шайх хандиду гуфт:

– Минбаъд шуморо бекор намегузорам. Ду фарсанг берун аз шаҳр палтане дорем. Қарор додаем, ки бадахшиҳо, вахиҳо ва шуғниҳоро ҳафтае пас ба он ҷо баранд.

– Палтанаш чист? – пурсид Доробшоҳ.

– Лашкар ба забони пашту.

– Ҳаҷаб ҳаҷоиб коре мешавад! – нидо дардод Доробшоҳ, – Ба ҷону дил меравем. Аз ту баҳақлтар ҳодам дар дунё надидам.

Соҳибназари Қаландар қаноатманд суҳбатро хатмшуда ҳисобида, гуфт:

– Фақат як хоҳиш: гапҳое, ки задем, дар ҳамин ҷо бимонанд. Ҳоло биравем хона.

Шайх бо қадамҳои чолок пеш даромад. Хайримаҳмаду Доробшоҳ дунболашро гирифтанд. Вақте ба назди бино расиданд, Хайримаҳмад фикри дар поёни суҳбат ба сараш омадаро ба шайх баён намуд:

– Соиб, як хоҳиш арз кунам?

– Бифармо, дӯстам.

– Илми ҳарбро зиёд дӯст дорам, вале бисёр мехоҳам маро ҳамроҳи худ ба Ҳиндустон бибарӣ.

Шайх нигоҳи беғубори меҳрубононаашро рост ба чашмони Хайримаҳмад дӯхту ҷавоб дод:

– Мебинам, ки рағбати зиёрати дарбори имом дар дилат аланга мезанад. Ман ба чашм қабул дорам, вале Доробшоҳ чӣ мегӯяд?

Доробшоҳ аз чунин гардиши ногаҳонӣ ба андеша афтод ва пас аз мулоҳизае бо дили нохоҳам гуфт:

– Агар хоҳарам намебуд, ҳамроҳат мерафтам, лекин вайро танҳо гузошта ҳам наметавонам. Умедворам, ки ҳамроҳи бадатро мебахшӣ.

Хайримаҳмад сари дӯсташро ба оғӯш гирифт:

– Ҳар кас дар ин дунёи сафед сарнавишти худашро дорад, Дороб. Иншоаллоҳ, Худованд моро боз ба ҳам мерасонад.

Соҳибназари Қаландар барои видоъ ба ҳар ду даст доду гуфт:

– Маслиҳат гул кард. Фардо ба сафар мебароем.

**Сар зи мастӣ барнагирад то ба субҳи рӯзи ҳашр,**
**Ҳар кӣ чун ман дар азал як ҷуръа хӯрд аз ҷоми дӯст.**

Шайх ин байт гуфту ба ҳуҷраи Нэп равон шуд. Хайримаҳмаду Доробшоҳ ӯро бо нигоҳҳои пурмеҳр гуселонданд.

## ОВОЗАИ ТАҚСИМИ САРҲАД

Он сон ки рӯзона маслиҳат рафта буд, Муборак поси шаб дари шабистонро нарм-нармак ангушт зад. Дақиқае пас нахуст садои шарфаи по, сипас овози қариб ношунавои Юсуфалихон ба гӯш расид:

– Омад?

– Бале, – пастакак посух дод Муборак ҳам.

– Ҳоло меоям.

Муборак бо қадамҳои беовоз долони на он қадар дарозро гузашта, ба боргоҳ даромад ва ба чап тоб хӯрду дари ҳуҷраеро кушод. Даромаду ба эҳтироми шоҳ дарро боз нигоҳ дошт. Дар мобайни ҳуҷра дар равшании ду чароғи пурсӯзи хушбӯй Сияҳсари ҷосус пушт ба девор истода буд.

– Ҳоло меояд, – Муборак ду калимаи ба забон овардаи шоҳро айнан ба Сияҳсар расонду худ дар остона истод.

Чанд дақиқа пас Юсуфалихон, халтаи росткунҷаи чармине дар даст, ба ҳуҷра ворид шуд. Муборак дарро аз пасаш пӯшид, Сияҳсар зону заду заминро намоз бурд. Шоҳ бо садои ҳанӯз хоболудаш амр кард:

– Гап зан, айёр.

Шоҳ ба курсии пасте нишаст, Сияҳсар забон баркушод:

– Шоҳо, тахту бахтат поянда бод! Тамоми қаламравро давр задам. Фуқаро дуои ҷони подшоҳро мекунанд. Хешу табори ашхоси гуфтагиатро, то ҷое тавонистам, дар тамоми деҳот маълум кардам. Рӯиҳамрафта, дусаду сиву се буна ҳисоб кардам.

– Номашонро ба коғаз овардӣ?

– Оре, – ва аз кисабағал коғазе лӯлапеч бароварду ба дасти шоҳ дод.

Юсуфалихон онро кушода, назаре афканду ба халта гузошт ва гуфт:

– Давомаш...

– Мирдавлат хабар овард, ки лашкари авғон Қундузу Қатағанро аз тобеъияти Файзобод баровардаву Султонмурод ном шахс ба болои

Бадахшон ҳуҷум карда, Ҷаҳондоршоҳро ба Чатрор гурезондааст. Агар бар Файзобод пирӯз гардад, навбат ба мо мерасад.

– Дуруст мегӯӣ. Ба Мирдавлат ягон шахсро ҳамроҳ кун, ки мисли худаш ҳушёру тайёр бошад. Мирдавлат бо Ҷаҳондор, ҷосуси дувум бо ишғолгарони Файзобод кор кунад.

– Ба гумон аст, чунин одамро пайдо кунем.

– Барои чӣ? – абрувон гиреҳ зад шоҳ.

– Дар ин ҷо касе забони авғонӣ намедонад.

– Султонмурод авғон нест, гаранг. Як марди ғӯрист. Порсиву туркӣ гап мезанад, на авғонӣ. – Ва лаҳзае андешиду афзуд: – лекин, гапат рост, ин бетармолиро лашкараш авғон аст. Ба Тахтапул рафта, аз Файзмуҳаммадхони авбош навкар гирифту авғонро ба сари халқи худаш овард. Лаънатӣ! – Шоҳ бо кароҳат туф кард. – Дуруст ков, наход дар як мамлакати калон як-ду нафаре, ки паштунӣ донанд, набошад? Пули калон ваъда кун, садқаи сар, медиҳем.

– Албатта, меёбам, шоҳам.

– Ҳарчи зудтар! То ба ҳол Бадахшон ихтиёрдори Қундуз буду моро ғараз намегирифт. Чархи фалак тоб хӯраду Бадахшон мутеъ гардад, бетармолии Султонмурод орзуи Шуғнон ҳам мекунад. Вале ман на бозичаи Бадахшон будан мехоҳам, на Қундуз. – Дар чашмони Юсуфалихон сели ғазаб мавҷ зад. – То зиндаам, ба касе ҳақ намедиҳам, ки бар сарам тоқии дуюм бошад!

– Бешак, шоҳам, бешубҳа, – Сияҳсар аз ғазаби шоҳ сар даруни китфон кашиду ҳамин ҷумларо чанд бор такрор кард.

Юсуфалихон сартопои ҷосусашро бадиққат аз назар гузаронда, хашмашро фуру бурду гуфт:

– Бархез, ки биниятро замин нахарошад. – Сияҳсар чолок бархосту нимтаъзим истод. Шоҳ пурсид: – Сайид чӣ ҳол дорад?

– Сайид Фаррухшоҳ бо халқи Поршинев ба тоза кардани наҳр машғул аст. Рӯз то бегоҳ корёронро амру маслиҳат медиҳад. Мардум бисёр розӣ.

Шоҳ қаноатманд сар ҷунбонд:

– Дар ин ду моҳ як ғалбер тиллоро ба комашон задам. Албатта, розиянд. Аз конҳо чӣ хабар?

– Одамони таъйинкарда ба Бартангу Рӯшон рафтанд. Дар Шохдараю Ғорон кор ривоҷ дорад. Мувофиқи амр, ду ҳафтаи дигар лаълу лоҷварди кандаро оварда, ба хазина месупоранд.

– Он ду рӯсиёҳро бо аҳли хонаводаашон авор кун.

– Шоҳам, ҳар дуро дӯшбадӯш ба хари сиёҳ баста, дар қишлоқҳо гардонда, шармандаи халқи Худо кардем. Кӯчбандашонро ба Мирзоазиз супорӣ, беҳтар. Ин ҷавон дар задухурду гирудор аз бобояш ҳам баҳунартар будаст.

– Ба ҳамин мақсад Мирзоро ҳамроҳат фиристодам, ки ҳам мамлакатро ба чашмаш бинад, ҳам димоғаш бар зидди душманони мулк парварда шавад. Чӣ гуна бача будаст?

– Зӯри филро дорад ин ҷавон. Дар пеши чашмам Девонашоҳи Меҳмонкӯбро ба як зарба аз по афтонд.

– Он бетармолӣ ба саратон тохт?

– Се шидвудӣ ӯро бар ман шӯрондаанд. Агар Мирзоазиз намебуд, реза-резаам мекарданд.

– Ба он шидвудиҳо чӣ бадӣ кардаӣ?

– Чанд сол пеш, ба амри Муҳаббатхон, бачаҳояшонро улчакӣ кардам. Падарҳошон набуданд, муздурӣ рафта буданд. Имсол баргаштаанду дар пайи қасос шудаанд.

Шоҳ ришханде заду ба тамасхур гуфт:

– Каллаи кадуятро эҳтиёт кун, андувол. Ба дами теғаш назанӣ, ки дар пеши ман хиёнат ҳисоб мешавад.

– Худо нигаҳ дорад, шоҳо!

– Нигаҳ дорад, – такрор кард Юсуфалихон ва афзуд: – Боз дар кулворат чӣ дорӣ?

– Ҳафтае пеш як тоҷири ҳинду гуфт, ки русҳову инглисҳо сарҳади Авғонистонро ҷудо кардаанд...

Юсуфалихонро гӯё барқ зада бошад, аз курсӣ барҷасту гапашро бурид:

– Чӣ хел *ҷудо кардаанд*?

– Намедонам, шоҳам.

Шоҳ тоқӣ аз сар гирифта, дар мушташ фушурд ва амр дод:

– Офтобхез он тоҷирро ҳозир мекунӣ.

– Ба чашм, шоҳам.

Сипас ба Муборак, ки бо тавозӯъ дар пеши дар истода буд, рӯ овард:

– Дари хазинаро кушо.

Муборак сар ҷунбонду ҷониби девори ҷанубии ҳуҷра рафт, аз ғилофаки камарбандаш калиди калонеро берун кашиду пас аз шақаршуқури зиёд дари оҳаниро боз карда, дарун даромад. Дақиқае пас аз машъалҳои афрӯхтааш хона равшан гашту овозаш баланд шуд:

– Марҳамат кунед.

Сияҳсар аз дунболи Юсуфалихон ба хонаи калони сард қадам гузошту аз бисёрии чизу чораи дохили он чашмонаш барқ заданд. Дар рӯшноии шаш машъале, ки даруни сокинакҳои ба деворҳо часпонда месӯхтанд, кандуҳои тахтагини даҳонашон маҳкам, сандуқҳои бузурги гуногунҳаҷм, баставу бухчаҳои бо назофат баставу болои рафҳои васеи қади деворҳо чида, асбобу ускуна ва ҳар гуна силоҳу пӯшоки ҷангӣ ҷилва мекарданд. Вай бори нахуст ба ганҷури марказии давлати Шуғнон, ки таърифи сарвати онро аз забони аъёну акобир бисёр шунида буд, қадам мегузошт. Шоҳ, ду даст ба пушт, бо салобату кибре, ки баробари даромадан ба хазина дар ваҷоҳаташ буруз намуд, аз тамошои зарқу барқ ду чашмашро наканда, пурсид:

– Эй Сияҳсари сиёҳбахт, поят ягон бор ба ин остон расидааст ё на?

– Ҳеҷ гоҳ, шоҳам.

– Муҳаббатхон туро ба чаҳор сӯи олам медавонд, аммо давлату дунёашро ба ту бовар намекард-а?

– Ҳамин хел, шоҳам.

– Аммо ман ба дӯстонам бовар дорам. Тамошо кун: инаш бастаи таҳвор, болояш ду той нахи абрешим, онаш сад газ хомпӯи мулавван, ана ин радаи шоли кашмирист, вайаш радаи парчаҳое, ки баҳояшонро гӯям, чашмҳоят канда шуда, ба замин меафтанд. – Шоҳ ба кунҷи сандуқҳо расиду истод ва зулфи чанде аз онҳоро пармосида, гӯё қуфл будан ё набуданашро санҷиду ба гапаш давом дод: – Тилову нуқраи мамлакат ҳамагӣ даруни ҳамин қӯттиҳост – лаъл, лоҷвард, ёқут, ҳар гуна сангҳои дигари бақимат. Тамоми нозу нахвати мо бастаи серии шиками инҳост. Сандуқҳо сер бошанд, мо зиндаем, гушна шаванд, ҷони мо мебарояд. – Ва тунд баргашту аз халтаи чармини дасташ коғазе бароварда, ба Муборак дод: – Пули тақозокардаи Сайидро худи ҳозир омода кун! Фардо одамаш ки омад, ба дасташ супор.

– Тасаддуқ, шоҳам, – даст рӯи дил гузошт Муборак.

Шоҳ сайрашро давом дод.

– Дар ин саф зуруфи нафисаест, ки ҳар яке ба хироҷи як сада[1] меарзад. Дар инаш либоси гуногун, ҳар чи хоҳӣ, ҳаст: пӯстинҳои навъ аз пӯсти далахафак, самур, рӯбоҳ, шоҳпаланг...

[1] Сада – дар ин ҷо ба маънои ҷамоати сад хонавода.

Онҳо ба радаи аслиҳа расиданд. Шоҳ теғеро аз наём кашиду ба гапаш давом дод:

– Шамшери ҳиндӣ. Дар муҳориба ҳамто надорад. Силоҳе, ки ҳоло дорем, ба даҳ ҳазор сарбоз мерасад. Ин зиреҳҳои довудиву ин гурзҳои говсарро бин! Чанд навъ сипару найзаву шофу ханҷар дорем – чинӣ, туркӣ, кобулӣ. Лекин милтиқҳои пилтагиамон дигар кор намедиҳанд. Ин бетармолиҳо барои шикорчии бафурсат қадре доранд, аммо дар ҷанг, ана, ин навъ камонҳои қулфдори ингилисиву русӣ лозиманд дигар. Аз Кобул харидан хостам, ки Шералихон пӯстинашро чаппа пӯшид. Одамон ба Қуқанд фиристодам, ки аз он ҷо бихаранд.

Юсуфалихон чолок чархе заду бо гомҳои фарох аз хазина баромад. Ҳамроҳон ба дунболаш шитофтанд.

– Аҳсант, хазинаро хеле батартиб овардаӣ, – ба китфи Муборак даст гузошт шоҳ. – Ҳамин Сияҳсар ҳимояат кард, набошад, рӯи туро ҳам сиёҳ мекардам.

– Дилат бузург аст, шоҳам, – пушт дуто намуд Муборак. – Худо подоши сари амонёфтаамро ҳазорчандон диҳад.

– Девонбегигии ман ҳунари ҳар бетармолӣ нест. Рӯзу шаб дар андешаи пур кардани хазина нафас бикаш. Номи ононеро, ки боҷу хироҷ намедиҳанд, ба Сияҳсар бидеҳ. Ин золимбунлод супурдани фарзи давлатро ба нодонтарин нодон ҳам нишон дода метавонад. Ё гапам нодуруст?

Сияҳсар зуд зону зад:

– Дар роҳи ризои ту дастам ба ҳар гуна коре, ки зарур бошад, мечаспад.

Шоҳ мамнун сар ҷунбонду амр дод:

– Акнун хобатонро бипазед, ман ҳам пинаке мезанам.

Муборaку Сияҳсар шоҳро то дари шабистон гусел карданд.

* * *

Юсуфалихон занашро нороҳат кардан нахосту ба кунҷи муқобил рафт, лиҳофи ғафси пашмиуштуриро ба танаш печонда, болои кӯрпачаҳои дуқабата сар ба болин гузошт. Аммо хабарҳои бади ҳуҷуми афғонҳо ба Файзободу гурехтани шоҳаншоҳ ва тақсим шудани марз хобашро ҳаром сохт. “Аз афташ, тӯфон мехезад, – баташвиш сарашро ба болин совид шоҳ, – дурусташ, бархоставу ҳоло ба Шуғнон нарасидааст. Ҳудудро аз куҷо ҷудо карда бошанд?

Шуғнонро ба Рус дода бошанд, хуб. Чун хеле дур аст, зимоми давлатро аз дасти ман намегирад. Вале агар ба ингилисҳо расида бошем, авғонҳо то одами худро ба тахт нашинонанд, ором намегиранд. Ин Ҷаҳондоршоҳро бин, ҳатто ба ман аҳволе накард, ки ёриаш бидиҳам. Яқин, ба ин дараҷа зӯр будани душманашро намедонист. Фардо ба Чатрор одам фиристодан даркор, ки шоҳаншоҳро бинаду хабари саҳеҳ биёрад".

Юсуфалихон, ки пас аз ин қадар маҳрумияту азоб, ба ивази куштани падару ду бародараш, охируламр, нав соҳиби тоҷ гардид, мехост, ки акнун орому осуда, чи тавре ки дилаш мехоҳад, ҳокимият ронад. Аммо ҳанӯз раҳкӯфтагии айёми ғарибӣ аз устухонаш бадар нарафта, чархи каҷрафтор мушкили авғону русу инглисро пеш овард. Чунон ки мегӯянд – "бало – аз буҷулаки по". Ин Инглистону Рус чи давлатеанд, ки мехоҳанд ба мисли Искандари Зулқарнайн тамоми дунё дар нигинашон бошад? Амири муқтадири Бухороро болои тахти худаш занҷирпеч кардаанд, Кобулу Эрону Ҳиндустонро нафас кашидан намемонанд. Умеди ҳама ба писарони Дӯстмуҳаммадхон буд, онҳо ҳам гоҳе тарафи инглисҳоро мегиранд, гоҳе чун хурӯсон ба ҳам дармеафтанд. Бадахшон моли меросии Ҷаҳондоршоҳ аст, инглисҳо чӣ ҳақ доранд, ки ӯро аз он маҳрум созанд? Тахти Шуғнон падарбабобо моли маврусии Юсуфалихон бошад, чаро бояд рус ё инглис онро аз дасташ кашида, зери пойи кадом як безоту сифот бигузорад? Зӯри Бухорою Авғонистон ба ин забардастони олам нарасида бошад, оё аз Ҷаҳондоршоҳу Юсуфалихон коре мебарояд? Танҳо Он Мокирулмокирини Беҳамто, агар бар мусулмонон иноят фармояд, он ду кофари маккори шайтонхаёл мағлубу шарманда аз мамолики мусулмонобод берун меравaнд. Юсуфалихон бовар дорад, ки Аллоҳи Таъоло, албатта, чархи савдосаройро ба суди мусулмонон – ин миллати баргузидаи Худ – тоб медиҳад. Аммо барои расидан ба ин мақсад, дастбарқазо нишастан иштибоҳи маҳз аст. Якум, шоҳони минтақа бояд ба муқобили кофарон аз як гиребон сар бароранд, дувум, Юсуфалихон сари бадхоҳону бадбинони кавкаби иқболи худро бояд бераҳмона бикӯбад. Зеро аз мори саҳро дида, каждуми таги бӯрё ҳазорон бор хавфноктар аст.

Сари субҳона ҳам шоҳ бо ҳамин фикру хаёли изтиробомез нишаст. Ҳалвои шири дӯстдоштаашро чумчае хӯрду канор гузошт, ду тухмро бо дирангу лоқайдӣ пӯст канду хаёлкунон хоид ва аз болоя-

шон чойи хушлаззати ҳиндӣ нӯшиду бархост. Беиштиҳоиву хаёлолудии шоҳ занаш Ниёзбегимро ба ташвиш гузошт. Чӣ хел мушавваш нашавад, – мардаке, ки дар як нишастан як ҳалабӣ ҳалворо ба сар мекашиду даҳ тухм ё чор-панҷ чӯҷаро қариб нахоида фуру мебурд, ин саҳар чунин камҳавсала шудааст?

– Юсуф, ин қадар чуртонӣ[1] менамоӣ? Мабодо бемор нашуда бошӣ? – зан ҳам бархосту дар баробараш истод ва ба чашмонаш нигоҳи озмоишкорона андохт.

– Ягон бор маро бемор дидӣ, ки чунин мепурсӣ?

Ба ростӣ, дар тӯли беш аз сӣ соли ҳамсариашон, зан ёд надорад, ки шавҳар боре аз тандурустиаш шиквае ба забон оварда бошад.

– Надидааму тани гарм, инсон аз санг нест-ку.

– Хаёлам банди Файзобод. Султонмуроди тахорӣ бо лашкари авғон ҳуҷум карда, бародарат ба Чатрор паноҳ бурдааст. Дар ин андешаам, ки ба вай чӣ гуна ёрӣ расонам.

Авзои зан беҷо шуд:

– Худоё, барвақттар намегӯӣ? Зуд лашкар бифирист, ки дер шудааст.

– Лашкар мефиристам, аммо, аввал фикри ӯро донистан лозим. Мехоҳад, намехоҳад? Агар ҷанг карданӣ бошад, мо барояш кай, дар куҷо мадад расонем. Муҳориба ин нест, ки по ба рикоб андозиву ба сари душман бирезӣ.

Хабари шум маҷол аз тани шоҳбону зоил кард. Ба оҳистагӣ боз ба ҷояш нишаст ва бемадорона гуфт:

– Илтимос, Юсуф, коре кун, бародарам ба ту ин қадар некӣ кард. Ҳоло навбати некӣ аз туст.

Шоҳ сар ҷунбонду шабистонро тарк кард.

Ба боргоҳ даромадан замон, Сурхалишоҳ – ҷавонмарди хушодоби пидрудӣ, ки мирзои дарбор буд, хабар дод, ки ду нафар дар интизори боранд: Ғазанфари ғундӣ ва як бозоргони ҳинду. Бо шунидани номи дӯсти деринааш чеҳраи шоҳ якбора равшан гардид:

– Аввал Ғазанфар дарояд.

Чанд дақиқа пас, камзӯли хушбофти остинҳояш зардӯзӣ ба тан, мӯзаҳои ялаққосӣ ба по, телпаки қиматбаҳо аз пӯсти далахафак ба сар, Ғазанфари чун ҳамеша зиндадили серҳаракат, баробари ворид шудан зону заду даст ба дуо бардошт:

---

[1] Чуртонӣ - хаёлолуд

– Шаҳо, бузургворо, олампаноҳо, банданавозо! Теғатон бурро, душманатон зери по, дӯстонатон масрур, душманонатон мақбур, давлататон бегазанд, иқболатон баланду баланду баланд бод!

Юсуфалихон ба ҷонибаш қадам гузошт. Ғазанфар сабук давиду пеши пояш афтод ва домани ҷомаашро ба чашм молид.

– Қабул, боракаллоҳ, Ғазан, – шоҳ аз аз оринҷаш дошта, ба по хезонд ва ба оғӯш кашид. – Хуш омадӣ, дӯсти азиз, сафо овардӣ. Куҷо шудӣ, ки кухна шудему нав ба ёдат расидем.

– Савганд ба дидори муборагатон, ки акнун ҷуръат намудам. То дар ҳаққатон қасида нанавиштам, азмам ҷазм нагашт.

– Қасида навиштӣ? Яъне шеър? – ҳайрати шоҳ поён надошт.

– Бале, шоҳам, шеър. Дар мадҳи шумо. Иҷозат фармоед, бихонам.

– Ту ҳамеша ягон шигифтие дорӣ, Ғазан, – чашмони Юсуфалихон аз хурсандӣ барқ заданд. – Канӣ, шунавем.

Ғазанфар коғазе аз бағалкиса бароварду аз нав дузону зад ва ба қироат пардохт:

**Харгӯши ҷангалат шавам, эй шоҳ Юсуфалихон,**
**Гӯрмуши чоҳи ту шавам, эй шоҳ Юсуфалихон.**
**Рӯзе ба мани мисгин назар гунӣ аз дурӣ,**
**Оҳуи пуштаат шавам, эй шоҳ Юсуфалихон.**
**Бо галла медавам, гунӣ агар ба ман ишорате,**
**Бо аспам фидоят шавам, эй шоҳ Юсуфалихон.**
**Ман аз амрҳои ту сар ба осмон мегашам,**
**Саги даргоҳат шавам, эй шоҳ Юсуфалихон.**
**Сар бисовам ба қатмаи заминрӯбат, зоро,**
**То ки хоки поят шавам, эй шоҳ Юсуфалихон.**
**Дар Бахрпанҷа нишаста, таҷалло дорӣ,**
**Қурбони таҷаллоят шавам, эй шоҳ Юсуфалихон.**
**Худо бигирад ин Ғазанфари шуғнониро,**
**Агар ҷудоят шавам, эй шоҳ Юсуфалихон.**
**Аз гуноҳҳоям гузарӣ, нагузарӣ, ихтиёрат,**
**Обу адоят шавам, эй шоҳ Юсуфалихон!**

Шоҳ, ки бо шунидани ҳар мисраъ дари синаашро як мавҷи ханда мекӯфт, ба маҳзи тамом шудани шеър, тӯфони қаҳқаҳаро аз банди гулуяш сар дод. Хандиду хандид, гоҳ дастонро ба зонувон задаву гоҳ ишкамашро дошта, дукат шуда, аз таҳти дил хандид. Қаҳқаҳаи шоҳ

аввал ба Сурхалишоҳ, баъд ба Ғазанфар сироят кард. Онҳо низ расму одоби ташрифотро аз ёд бурданду ба Юсуфалихон ҳамсадо гаштанд. Тӯфони ханда ҳаворо ба ларзиш овард. Онро шунида, Муборак ба шитоб даромаду аз ғояти ҳайрат шах шуда, ба тамошои манзара истод. Вай то ҳол боре ҳам хандаи шоҳро надида буд. Шоҳ, баробари дидани вай, Ғазанфарро нишон дода, дар байни қиқирросу сулфа, ба девонбегӣ рӯ овард:

– Ин шоири навбаромада... бин-е, Муборак! Ғиёсӣ дар наздаш об хӯрад. Астағфуруллоҳ, ҳо, Ғазанфари бетармолӣ-е, ғами дунё маро накушт, шеърҳои ту мекушад.

Ғазанфар дарҳол қиёфа ҷиддӣ карду ба тавозӯъ истод. Сурхалишоҳ ҳам, аз беодобиаш пушаймон, лаб фуру басту гунаҳкорона сар хам намуд. Муборак лаб инҷ карду пурсид:

– Мулло Ғазанфар магар шеър мегӯяд?

Шоҳ коғази Ғазанфарро аз дасташ гирифту ҷавоб дод:

– Намегӯяд, менависад, – бо пушти даст арақи пешониашро пок карда, посух дод шоҳ, – чунон навиштааст, ки ғами чандинсоларо дар як дам аз мағзи устухонам баровард. Бори нахуст, ба мисли ҳар шоҳи ҳақиқӣ, дар васфи худ мадҳия шунида, дар ҳақиқат, роҳат кардам. Ба вазну қофияаш кор надорам. Аммо самимияту содагии соҳибаш вақтамро хуш кард. Инро ба ягон шоир нишон деҳ, қалам занад, дурусттар мешавад.

– Ба шоир Қудрат нишон додам.

– Қудрат? Ин номро дар куҷое шунавидаам.

– Бале, Қудрат, шоҳам. Аз Баҳрхоруғ.

– Ин Қудрат чӣ гуфт?

– Гӯш гарду маслиҳат дод, ҳамин тавре, ки навиштаам, дар ҳузуратон бихонам.

– Одами оқил будаст ин шоир. Ягон рӯз ба дарбор биёраш. Мо ҳам як шоир дорем, базме тартиб медиҳем. Акнун ба расми султонон ман ҳам бояд ба ту силие бидиҳам. Бигӯ, чӣ мехоҳӣ аз ман?

Ғазанфар чашмони пиёламонандашро боз ҳам калонтар кушода, ба ҳайрат пурсид:

– Шумо ҷиддӣ мегӯед, шоҳам?

– Тамоман ҷиддӣ. Шоир қасида гуфт, бояд муздашро бигирад. Дар акси ҳол на ту шоир ҳастӣ, на ман шоҳ.

– Аз гуноҳҳоям гузаред, бароям дигар чизе лозим нест, шоҳо!

– Ту ягон гунохе накардай, ки ман аз он гузарам, Ғазан! Ман дӯстамро аз душманам хеле хуб фарқ мекунам. Чизи дигаре бихоҳ.

Ғазанфар дузону зад, заминро намоз бурд ва гуфт:

– Давлататон поянда бод, шоҳам! Тақаззои[1] бандаи шарманда чунин бошад, ги изн фармоед, бо ингилисҳо дар хусуси тиҷорат гуфтугӯе дошта бошам.

– Ингилисҳо?! – пурсид шоҳ ба оҳанги таҳлукаомез.

– Оре, шоҳам, худи худашон.

– Ту ба онҳо робита дорӣ?

– Надораму доштан мехоҳам. Дар ҳар сурат, минбаъд Баҳрпанҷа қаламрави онҳосту Ғунд қаламрави русҳо. Ба онҳо забон наёбам, раву ба Файзободу Чатрор душвор мегардад.

Шоҳ бо шунидани хабаре, ки шабро дар интизори он саҳар карда буд, – ва он ҳам тасодуфан аз забони шахсе, ки барои пӯзиш хостан наздаш омадааст, – гӯш ба қимор гашт, аммо барои он ки беиттилоии худро фош насозад, гуфт:

– Албатта, бо англисҳо бояд иртибот дошта бошем, лекин русҳоро ҳам набояд аз назар берун андозем. Ту ин гапи навро аз куҷо медонӣ?

– Чӣ хел нав будааст, шоҳам? Се моҳ қабл як дӯсти кошғариам меҳмони ман шуду гуфт, ки вакилони Ингилистону Русия ба Тошқӯрғон омада, гуфтаанд, ки аз дарёи Панҷ он тараф хоги Рус, ин тараф – хоги Инглис.

Аз ин хабар пойҳои Юсуфалихон суст шуданд, вале худро нигаҳ дошту баъди як дам мулоҳиза гуфт:

– Медонам, дарак дорам, – ва мавзӯъро тоб дод, – Андувол, ту имшаб меҳмони ман бош, бафурҷа дарди дил мекунем. Муборак, Ғазанро ба меҳмонхонаи хос бару чойу нон кун. Ман пас аз чоштгоҳ холӣ мешавам.

Ғазанфар миннатдорӣ карду ҳамроҳи Муборак баромад. Шоҳ бемадорона ҷониби тахт рафт ва титу пит нишаст.

Сурхалишоҳ беҷуръатона пурсид:

– Бозоргони ҳиндуро пурсида будӣ.

– Дарор.

Марди чил-чилупанҷсолае дар либоси ҳиндувони сикҳӣ даромад ва таъзим намуду истод.

---

[1] Тақаззо – вайроншудаи «тақозо», ки дар Шуғнон бисёр роиҷ аст.

– Шунидам, ки дар тарафҳои шумо инглисҳо фуқароро ба дод овардаанд, ин гап рост аст?

– Ҷенабашан дуруст шанедаанд, амма на факат инглисҳа. Авганҳо аз девране Дустмаҳмадхан ба ма ҷанг сар карданд, ке Ҳендра тасарруф шаванд. Вай мурду бачаҳаш давам даданд. Инглисан микӯшанд Ширалиханро аз ҷанг ба сикҳа баздаранду давлате ба наме Авганстан бесазанду ба дасташ бедҳанд. Хили камяб ҳам шуданд. Вале Ширалихану барадараш Азимхан михаҳанд ҳар ду ҳам шаҳи Авганстан башанд, ҳам ба инглисан мутеъ набашанд, ҳам Ҳендастан дар фармане Авганстан башад.

Мард аз бими он, ки мабодо пургӯӣ накарда бошад, аз сухан бозистоду аз зери абрувони ғафсаш ба Юсуфалихон назар дӯхт. Шоҳ қаноатманд сар ҷунбонду гуфт:

– Хуб аст. Дар сарҳадот чӣ хабар?

– Ба ма, базарганан, убуру мурур хилӣ дошвар шуда, ҷенабе алӣ. Масалан, ҳалӣ намданим, ки аз Памир ин тараф ҳудуде Авганстан мибашад, я аз Шиваву Файзабад ан тараф. Унҳа ҳам бадж мигиранд, енҳа ҳам бадж мигиранд. Қемате кала бланд рафт, харидар кам шуд.

– Дар Шева авғонҳоянд ё бадахшиҳо?

– Аз Четрар то Шугнан авганро надидем. Гуфтанд меҳтар Ҷаҳандаршаҳ гурехтаву авганҳо Файзабадро тасарроф шудаанд.

Мард посухашро гуфту мунтазири суоли дигар, ба даҳони шоҳ чашм дӯхт. Юсуфалихон, ғарқи андешаи худ, фурсате бефарқ ба рӯяш хира гашту билохира табассуми сарде карду гуфт:

– Дар Шуғнон агар душворие дорӣ, бигӯ, ёрдам кунам.

– Дарам, ҷенабе шаҳ.

– Бигӯ.

– Дар Баҳшар дар ханае йик дӯстам манзел дарам. Ду ҳафта шудаст, фарзандатан ҷенабе Кубадхан духтаре вайра ба ханааш бурда ва бозпас намидеҳад. Елтамас дарам, ба дадаш берасед.

Табъи хирагаштаи Юсуфалихон тамоман хира гашт. Вай Қубодхонро зан доду дар боғи паси Саройи санг барояш хонаи алоҳидае сохт, ки “то ақл ёд гирифтан”, бо занаш, аз чашми мардум паноҳ, зиндагӣ кунад. Андешид, ки ба маҳзи кадхудо шудан, аз кирдори зишт даст кашидаву ба давлату дунёдорӣ рӯ овардааст.

– Номи дӯстат чист?

– Фаросатшоҳ.

– Бираву дар ин бора ба касе даҳон накушо. Ман духтаракро бармегардонам.

Ҳинду кафи дастонашро рӯи ҳам теғвор ба пешонӣ гузошта, расми таъзим ба ҷо овард ва боргоҳро тарк кард. Шоҳ ба Сурхалишоҳ рӯ овард:

– Шунидӣ?

– Бале. Чӣ кунам?

– Ҳамноми бобоям намебуд, аз пӯсташ қамчин месохтам. Барои чӣ як даҳан ба ман намегӯӣ, ки он бетармолӣ ба чӣ кор машғул аст?

– Валлоҳ, хабар надорам, шоҳам. Чаҳор ҷавонмарди рӯшониро посбон гирифтаву онҳо касеро ба хонааш раҳ намедиҳанд. Мегуфтааст, ки ман шоҳи Рӯшонам, фақат рӯшониҳоро бор медиҳам.

– Занаш ҳам додам, ҳафташ як пул[1]. Гулпочоро бигӯ, ки духтари ҷабрдидаро ба хонааш баргардонаду минбаъд ҳар қадами Қубодро зери назар бигирад. Ин бетармолиро одам карда натавонистам.

– Тасаддуқ, иҷро мекунам.

– Ягон ҳадя дода, аз дили падару модараш бароред. Тафтиш кунанд, ки боз бо кадом занон робита кардааст.

– Амрро мерасонам, – таъзим кард Сурхалишоҳ.

Баъди расидагӣ ба чанд кори дигар, Юсуфалихон ба назди меҳмони азизаш – Ғазанфари ғундӣ ташриф бурд. Ғазанфар, баробари дидани шоҳ, аз ҷо барҷасту дуқат шуда, ба хушгӯӣ забон кушод:

– Олампаноҳо, раҳмати Худованд бар саратон ҷориву сорӣ бод, ги ин саги сиёҳи дайдуро дар қатори одамон ба боргоҳи муборагатон роҳ додед ва пеши роҳи пурмонеъаашро гушодед. Маззаи намаге, ги аз хони пур аз шелонатон чашидам, ҳеҷ гоҳ, ба ҳеҷ ваҷҳ, ба ҳеҷ сабаб, ба ҳеҷ баҳона аз даҳон ва забон ва мазоқи ҷонам нахоҳад рафт. Дар қадаматон сафо, дар ҳузуратон зиё овардед.

Юсуфалихон ба китфи Ғазанфар тап-тап заду хандид:

– Беҳуда номатро Ғазанфар наниҳодаанд. Ба ҳақиқат шер ҳастӣ, шери нар. Аз шабравон бештар ҷавонмардӣ дорӣ, аз суханварон бештар суханварӣ. Ману ту, пеш аз ҳама, дӯстем, Ғазан. Миёни дӯстон такаллуф чизи зиёдист.

– Оре, мо дӯсти ба яг пӯстем, аммо шоҳ сояи Худо дар рӯи замин асту тагриму тамҷиди дигарро аз муъминон тақозо дорад. Сояи Худованд ба сари гасе афтад, булбули гӯё мегардад.

[1] Ҳафташ як пул – ҳолати бетағйир.

Дили мушаввашшудаи Юсуфалихон аз нав шод гардид. Вай дӯсташро сари дасторхон бознишонду гуфт:

– Чун ҳарвақта дар лаҳзае, ки хидматат лозим аст, пайдо шудӣ. Чаро дер омадӣ?

Ғазанфар шаҳкосаҳои чашмонашро чанд бор басту кушод, ангуштони рӯи зонувонашро ба ҷастухез овард ва ниҳоят нимшунаво гуфт:

– Росташ, чӣ ҷои пинҳон гардан, тарсидам. Ҳа, тарсидам.

– Аз ман тарсидӣ? Чаро? – яқинан ҷавоби Ғазанфар ба шоҳ нафорид.

– Чаро мегӯед? Шунидам, сари чанд агобирро ба ғарағара задаед, заҳраам гум шуд. Охир, ман ҳам дар ин гор шариг будам.

– На танҳо шарик будӣ, балки кори асосиро худат анҷом додӣ. Ту ба Файзобод намеомадӣ, ман аз куҷо медонистам, ки Қозӣ дар қасди ҷони шоҳаш афтодааст. Ин гуна кори хатарнок, албатта, аз як даст намебарояд. Акнун ки ҳодиса гузашт, бигӯ, ки ғайр аз туву Қозӣ аз захр додани Муҳаббатхони бетармолӣ боз касе хабар дошт?

Ғазанфар, ки аз рӯзи ба тахт нишастани Юсуфалихон ин саволро садҳо маротиба дар хаёлаш мегардонд, ба худ қавл дода буд, ки ба ҳеҷ ваҷҳ – фарҷомаш чи нек бошаду чи бад – исми дӯсти ба ҷон баробараш – Ширинбекро ба забон намеорад. Ба ин сабаб, бидуни дермоние, орому боварибахш ҷавоб дод:

– Ман будаму девонбегӣ Қозӣ, дӯстам.

– Ту ба дари Қозӣ чӣ гуна роҳ ёфтӣ?

– Оё даре вуҷуд дорад, ги дар баробари Ғазанфар боз нашавад?

Шоҳ шакарханде заду гуфт:

– Яқинан вуҷуд надорад. Дӯстам, шарикии ту дар ин гардишот дигаргуна аст, шарикии онҳо – дигар. Онҳо мансабу давлат мехостанд, ту сидқу бародарӣ. Онҳое, ки қасди ҷони Муҳаббатхон карданд, чаро қасди ҷони ман накунанд? Барои ҳамин, аз рӯи замин дида дар зери замин бошанд, ҳазор маротиба беҳтар.

Ин суханон шакку гумони Ғазанфарро аз дилаш баровмарданд. Вай домани ҷомаи шоҳро ба чашм молиду гуфт:

– Шоҳам, инаг, сарафрозтарин марди ин мамлагат манам, ги дар бари шумо нишастаам! Сано Он Ягтои Беҳамторо, ки аз овони туфулият ошноии шуморо насиби мани хогзада гардонд ва изнам дод, ги ба дилқувватии шумо гулбаҳакамро обод бигунам. То вопа-

син нафас вуҷудам бори миннати шуморо мегашад, то рамақе ба ҷони ширин дорам, сарам фидои хидмати шумо хоҳад буд.

Юсуфалихон ба ҳайрат сар ҷунбонду гуфт:

– Дӯстам, ин забоне, ки ту дорӣ, морро осмонкирму гургро гӯсфанди ҳалол мегардонад. Гӯё чандин сол шогирди Сайид Фаррухшоҳ будаӣ.

Хонсолор бо табақҳое, ки ҳаврашон бозӣ мекард, даромаду миёни суҳбатро шикаст.

– Ширфатир бо равғани зарду асали тирамоҳӣ, – гуфт вай ва табақҳо бар хон гузошт.

– Хеле хуб, – гуфт шоҳ ва шӯхӣ кард: – ягон чамании гӯштиро ҳам биёр, ки мардуми Ғунд то гӯшт нахӯрад, аз зиёфатат сер намебарояд.

Хонсолор таъзим карду гуфт:

– Товакабоб бо лаззати одамгиёҳ низ омодааст. Баъди соате ҳалимови чӯҷагии дар анзур хобонда тайёр мешавад. Агар чизи дигаре лозим бошад, бифармояд.

– Дастат дард нагунад, бародар, ман гуҷо будаму лаби дастархони шоҳ гуҷо? Зиёд заҳмат нагаш, ҳамин бас аст.

Хонсолор табассуми малеҳе карду баромад. Ғазанфар сухани буридаашро давом дод:

– Ман барин чалламуллои даҳлезнишин Фурқонро об гарда хӯрам ҳам, ба гарди домани он бузургвор намерасам. Дар омади гап гӯям, ду бор барои хидмате наздаш рафтам, гапамро ба замин гузошт.

– Чӣ будааст он хидмат?

Ғазанфар дастонашро поккунон сукуте варзиду ҷавоб дод:

– Хари сиёҳ шавам, шоҳо, ин мавзӯъ ба шумо дахле надошт. Аммо чун изҳори рағбат фармудед, арз гунам, ги бисёр мехоҳам насабамро ба сайидзодаҳо бипайвандам. Ба ин мақсад ба эшон муроҷиат бурдам. Зафқунуллоҳ гардам, эшон розӣ нашуданд.

Шоҳ хандиду гуфт:

– Аз ҳамон кӯдакӣ талошварз будӣ, мондӣ. Медонам, мехоҳӣ, ки туро “Сайид Ғазанфаршоҳ” хонанду авлодатро “сайид” донанд, дигар касе намемонад, ки сагатро “чих”-у мурғатро “ту” бигӯяд. Ҳо Ғазанфари ҳушёру тайёре!

– Тасаддуқ, дӯсти ба ҷон баробарам, балги ҷигарбанду бародарам. Охир, ба исми авлоди банда ин галимаи муқаддас часпад, магар

оби Панҷ дармегирад ё гӯҳи Поршинев чаппа мегардад? Барагс, горе мегунам, ки мардуми қирғизу хитою ӯйғур чи шарофат доштани сайидро бо чашми сари худ бибинанд.

Юсуфалихонро шикваи ширини Ғазанфар бисёр писанд омад.

– Ба ин ақлу фаросат ҳазор маротиба ба сайидӣ меарзӣ. Имшаб меҳмони ман меистӣ, фардо ба номи Сайид Фаррухшоҳ руқъа менависам, ки номи авлодатро дар шаҷараи сайидони авлоди ман илова гардонад. Мешавад?

Ғазанфар домани шоҳро дудаста қапид ва ба чашмонаш молиду гиряолуд гуфт:

– Субҳоналлоҳ, алҳамдулиллоҳ! Мани номуроди гунҷишгрӯзиро, ги шарафи ба ҷули хари оғили шумо гуҳанпоргӣ шуданро надорам, ин қадар ҷамолу ҷалол эъто фармудед. Худоё, қувватам деҳ, ги ин хушбахтиро таҳаммул гарда тавонам.

Оби дидаи Ғазанфар дона-дона ба рухсорааш шоридан гирифт. Юсуфалихон дастори тоза ба дасташ гузошту гуфт:

– Ашконатро пок кун, ки ҳозир хонсолор медарояд. Некие, ки ту ба ман кардӣ, дар назди ин хурд қадри арзане арзиш надорад. Ман ба ту гапи дигаре дорам. Пас аз дидани Фаррухшоҳ аспатро ҷониби Хитой маҳмез бизан. Дар Аличор Отизулро суроғ куну ӯро ҳамроҳат бигир. Забони мурғонро мурғон беҳтар донанд. Бигӯ, ахбори дақиқу дуруст ба даст ораду гуноҳашро дар наздам бишӯяд. Бо худат ба Шуғнон баргардад, то молу мулкашро аз нав соҳиб шавад. Хабареро, ки дӯсти тоҷират овардааст, ба таҳқиқ гиред, коре карда, худи инглисҳоро бибинед. Чи микдор пул лозим бошад, аз хазина бигир.

Ғазанфар ашк аз чашму риш тоза карду ҷавоб дод:

– Шоҳам, бандаи пошнатаргидаро ҳамин бас, ги маро дар қатори азизон ва бузургони шоҳхомӯшӣ одам шуморидед, Аз хазина тангае лозим надорам, ҷону молам фидои шумо! Пасфардо ба сафар мебароям.

## ОФТОБНИҲОЛИ ЗИМИСТОН

Рӯшон дар ҳукми зимистони сафедпироҳан қарор дошт. Даймоҳ обро дар ҷӯйборон ба оина, барфро дар замин ба нукраи хом табдил дода буд. Одатан, дар ин моҳ барф дар Вомару деҳаҳои соҳили рӯдхона то зону мерезаду баробари расидани чилла, бориш

қатъ мегардад. Он дар деҳоти бағали доманакӯҳҳо бештар мешинад – сардию барфрезӣ ба баландиҳо қариб як моҳ пештар аз водӣ мерасад. Аммо баробари охир омадани даври ҳисобҳо[1], осмон соф мегардаду аёси туфкун-яхкун оламро зери шаҳпарҳои ноаёни худ мегирад. Чил рӯз сардӣ ба мағз-мағзи замин даромада, оламро аз сабзишу рӯиш бозмедорад. Оре, замин ҳам, ба мисли ҳар ҷондори зинда, бояд муддате дам бигирад. Ончунон ки дар чиллаи тобистон ҷӯшида, ҳамаро месабзонаду мепазонад, дар чиллаи зимистон карахт шуда, тамоми ашёро мехобонаду аз ҷунбишу кӯшиш мемононад. Ҳатто, осмон ҳам нафас рост мекунад: то чиҳилу як рӯзи чилла нагузарад, намеборад. Ғолибан, дар тамоми ин муддат ҳаво соф боқӣ мемонад. Се рӯзи охири тирамоҳ ва шаш рӯзи аввали зимистон – нуҳ рӯз – табиат дар ҳукми офтобниҳоли зимистонист. Дарёи Панҷ дар қабати захими меғ мепечад, бистараи он, бахусус, субҳгоҳони бешамол Роҳи каҳкашони самовиро мемонад. "Дарё дуд мекунад" – мегӯяд халқ. Вақте офтоб аз теғаи қуллаҳо сар берун меораду нурҳои заррини он дар қабати ғафси кӯрак ба ҳазор намуд мешикананд, дарзамон қатор-қатор ҳафтрангҳои зебо сабзида, қад меафрозанд ва ду соҳили рӯдхонаро ба мисли пулҳои ҳавоӣ ба ҳам мепайванданд. Мардуми хуршедпараст бовар дошт, ки офтоби оламоро дар замин ниҳолҳои осмонӣ мешинонад, то бандагони Худо донанд, агар табиат аз сабзиш монад ҳам, сабзиши рӯҳонӣ хеҷ гоҳ қатъ намегардад. Ба ин сабаб онҳоро "офтобниҳол" ном гузошт. Дар ин нуҳ рӯз одамон тамоми кори дунёро раҳо намуда, ба холӣ намудани дуди синаи худ машғул мегарданд. Офтобниҳоли зимистонро, асосан, ба Худову расул, офтобниҳоли тобистонро, ғолибан, ба нағмаю усул мебахшанд.

Дар ин мавсим ҳам, гоҳе абрҳои сафед галла-галла, ба ҳар шаклу андоза, чарогоҳи гардунро зер менамоянд, аммо ҳар қадар сару тан бияфшонанд, аз вуҷуди яхбастаашон, шабеҳи гарде аз халтаи анбоштаи орд, фақат барфрезаҳое ҷудо мегардаду халос. Ин резаҳо рӯи барфи куҳна нишаста, онро нав месозанд, рангашро ҷилои тоза мебахшанд – асари наққоши азалро эҳтишому таровати ҷадид эъто менамоянд.

---

[1] Даври ҳисобҳо – шумори рӯзҳои сол тибқи тақвими мардумии «Офтобдармард» аз рӯи тартиби аъзои бадан (аз нохун то фарқи сар ва баракс). Азбаски чиллаҳои тобистону зимистон ба он дохил намешаванд, ин ҳаштоду ду рӯзро аз «даври ҳисобҳо» берун медонанд.

Дар маҷмӯъ, дар кӯҳистон зимистон фасли хӯрдану хуфтану гуфтанҳост. Ва ин се амал дар гирди оташдони пурсӯзи хона сурат мегиранд. Чаҳлаку оташдон дар тӯли панҷ-шаш моҳи тантанаи сардиву аёс ба наҷотгоҳи саломату ҳаёти ҳар хонавода табдил меёбад. Дар танӯр нону ҳар гуна хӯрок мепазанд, оташи он хонаро гарм месозад, дар лахчааш шавдегии хушлаззат меҷӯшонанд, пас аз хуфтани оташ даври даҳанаш поовезон нишаста, хунукиро аз рагу пайванд мебароранд, суҳбат мекунанд, саргузашти калонсолон мешунаванд, китоб мехонанд, афсона мегӯянд, бо чистону кистон даҳанбандӣ менамоянд. Дар барфистону яхбандон инсон, ба ғайр аз оташ, боз ба чӣ муъҷизае умед баста метавонад? Агар оташпарасту хуршедпараст ҳам шуда бошад, аз он аст, ки ҳазорон сол ҷонашро оташу ҳаёташро офтоб нигоҳ дошта омадаанд.

**Ташна шавӣ, алов кун,**
**Гушна шавӣ, алов кун,**
**Ҳар чи шавӣ, алов кун!**

Ин гуфтори амиқро оташу нур ба дилу забони зодаи кӯҳистон гузоштаанд!

Дар яке аз чунин рӯзҳо Манзаршоҳу Зарен дар қалъаи Вомар дар ҳуҷраи фароғати ҳоким дар ду паҳлуи сандалӣ гарми суҳбат буданд. Сухан аз самара додани заҳматҳои кашидаи Манзаршоҳ мерафт.

– Мир, ҷанговари беҳамто буданатро бо чашмони худ дидам, аммо, хафа нашаву гумон кардам, ки давлатдор аз ту намебарояд. Лекин ту ҳамаро қоил кардӣ.

Манзаршоҳ рӯ турш намуд:

– Як бори дигар ситоишам кардӣ, хафа мешавам.

– Ин хушомаду ситоиш нест, андувол, ҳақиқати ҳол аст, ки бояд бигӯям. Хазинаамон, ба ғайр аз молу колое, ки аз Бадахшон бо худ овардем, дигар чизе надошт. Ҳоло бибин, аз равған сар карда, то орду аҷноси дигар хик-хику қоп-қоп дорем.

– Говро хорумол кардӣ, шираш фаровон мешавад. Халқ ҳам ҳамин хел – одам барин муносибат кунӣ, нон чӣ, ҷонашро ҳам бароят медиҳад.

То фаро расидани чиллаву аёс Манзаршоҳ барои беҳбуди зиндагии раъият кори зиёд анҷом дод. Пеш аз ҳама, деҳа ба деҳа гашту аҳволи халқро бо чашми сар дид. Бар асари ҷангу фирор

киштзорон аз кишт монда буданду хонаҳо аз ободӣ. Аксар бунаҳо аз Фарғонаву Кошғар, Дарвозу Сангвор тоза баргашта буданду акнун хонаю дар обод менамуданд. Дасти мардони соҳибмулку танхохӯр ҳам ба ободкорӣ намечаспид: ҷазодиҳии мансабдорон баъди ҳар шоҳгардиш, онҳоро маҷбур менамуд, ки то пурра барқарор гаштани ҳокимияти нав ё ба ягон мулки бегона бигурезанд ё дар хона нишинанду дар интизори ҳал шудани тақдир даст ба косаи тар назананд. Овозаи ба кӯчрон ҳукм фармудани мансабдорони Шуғнону Шохдара аз ҷониби Юсуфалихон, аъёну акобири Рӯшону Бартангро сахт ба ташвиш овард. Бадии кор дар он буд, ки агар ин тоифаи аҳолӣ Рӯшонро тарк созад, сарвату молашро низ ҳамроҳи худ мебарад. Он гоҳ қаҳтии сартосарӣ сар мезанаду ҷони тамоми мардум зери хатари ҳалокат мемонд. Барои он ки мулки харобгашта қомат рост кунад, Манзаршоҳ эълом дошт, ки то ҳукумат дар дасти ӯст, арбобе, оқсақоле, давлатманде, бозоргонеро озор намедиҳад. Ба ҷуз ин, амр дод, ки тамоми намуди молиёт аз аҳолӣ бардошта шавад.

Тобистону тирамоҳ бо чунин такопӯҳо паси сар шуданд. То рехтани барфи аввал деҳаҳо аз одам пур гаштанду деги ҳаёт дар Рӯшон аз нав ба ҷӯш даромад. Деҳқонон дуои ҷони Манзаршоҳи одилу диловарро карда, ҳатто аз дурдасттарин деҳаҳо, дастовезе гирифта, ба саломи ӯ меомаданд. Дӯсту ҳамсилоҳаш Зарен, ки оқсақоли Вомар буду девонбегии дарборро ҳам Манзаршоҳ бар уҳдааш гузошт, ҳар рӯз аз даҳ то понздаҳ нафарро ба боргоҳ медаровард. Ягон нафари ба саломомада ноумед намерафт. Зеро Манзаршоҳ таъкид карда буд, ки “касе ба гулбонги ман ба қалъа ояд, хоҳ давлатманд бошад, хоҳ дарвеш, рост ба назди ман оваредаш”. Шаш моҳ нагузашта, хазина пур гашт. Барои гузарондани меҳмононе, ки аз Шуғнон, Дарвоз ё Бадахшону дигар минтақаҳо меомаданд, Манзаршоҳ пулу моли шахсии худашро сарф менамуд. Барои он ки фарзанди нав ба ҳокимият расидаашон ба чизе муҳтоҷ набошад, хешу табори Манзаршоҳ аз Йӯрх, ҳамдиёронаш аз деҳоте, ки ӯ дар гузашта оқсақолашон буд, барояш банавбат озуқаву чорво мефиристоданд. Хусури ҷавонмарду куҳанбунааш Қубод низ бо аҳли авлоди худ домодашро аз ҷиҳати молиявӣ дастгирӣ мекард. Девонбегӣ Зарен, ки қариб тамоми мардуми Вомар хешу табораш буданду беҳтарин заминҳои водиро дар ихтиёри худ доштанд, потахсиву ҳадоёи меҳмононро таъмин менамуд. Ба ҳамин тариқ, дар

тамоми қаламрави Рӯшон зиндагии осудаҳолона маҷро гирифту ҷону моли халқ аз зулму тороҷ раҳо гардид.

– Мир, гуфта будӣ, ки офтобниҳол дарояд, шабшунавӣ[1] мекунем, пагоҳ, рӯзи аввали офтобниҳол аст – қавс бисту ҳашт мешавад, – сухани Манзаршоҳро ба хотираш овард Зарен.

Манзаршоҳ хушнудона каф ба пешонӣ заду гуфт:

– Дар ин гуна корҳо амри маро интизор нашав, андувол. Фардо шаб маъракаро даъват кун.

– Сароиш кунем ё ситоиш[2]?

– Албатта, ситоиш. Оғози кор аз ёди Худову расул беҳтар. Моле бикушему худоие бидиҳем, ба корамон хайр мафзояд.

– Бидуни чиллаи зимистон ҳам ҳафтае бояд як рӯзи маърифат дошта бошем. Соҳибҳунарону соҳибилмон дар он рӯз ҷамъ оянду моро баҳраманд гардонанд. Аҳли сухан аз ёдат набарояд. Марватшоҳро дилгарм кун, Мирзо Ибодро ҳар моҳ армуғоне фирист. Аҳли маърифатро гамхорӣ кунем, на фақат зиндагии мо, балки зиндагии тамоми халқ бамаънитар мегардад.

Ин дам дарбон дар кӯфт ва сар дарун кашиду гуфт:

– Мир, аз Хуф марде ба салом омада.

– Аз Хуф? – ба гӯшаш бовар накард Манзаршоҳ, – гӯ дарояд.

Ҳайрати мир сабаб дошт. Баъд аз он ки Юсуфалихон молу сутуру бошаҳои худро барои парвариш ба онҳо супурд, дигар хуфие аз дарааш ба Рӯшон нафаромад ва ягон рӯшониро ҳам ба Хуф роҳ намедоданд.

Ҷавонмарди сӣ-сиву панҷсолаи қадбаланди серриш, ки пӯстини наппа-нав ба тан дошту аз болои пеҳҳои то зону кафшҳои чӯбӣ пӯшида буд, баробари даромадан каллапӯши пӯсти рӯбоҳиашро аз сар гирифту салом дод. Миру девонбегӣ ба истиқболаш бархостанд.

– Валек салом, ку биё, ҷавони нозанин! – муроот кард Манзаршоҳ.

Чавонмард дасти мизбононро бӯсиду баъд аз он ки онон нишастанд, дар ҷойи нишондодаи Зарен дузону зад.

– Ба хуфии хушпойқадами[1] мо авқот биёред, – садо баланд кард Зарен ва пурсид:

---

[1] Шабшунавӣ – маҳфилҳои дилхушӣ ё мадҳиясарой, ки шабонгоҳон баргузор мешуданд.

[2] Сароиш – суруд, ситоиш – мадҳия, наът.

– Хуш омадӣ, андувол, дар ин карагаф[2] чӣ тавр бандатро канда тавонистаӣ?

Ҷавонмард сар поин андохта, беҷуръатона гуфт:

– Дар ҳақиқат, касеро берун рафтан намемонанд, лекин ман гуфтам, ки аҳволи вазнини халқро ба ҳоким расондан даркор, шояд чорае бинад. Барои ҳамин рухсат доданд.

– Номат чисту чикораӣ? – гапи меҳмон Манзаршоҳро мутаваҷҷеҳ сохт.

– Маҳмадқосим, кам-кам шеър менависам.

– Аҷиб, дар он дараи пурмоҷаро ҳам шеър менависанд? – дар шигифт афтод Зарен, ки чунин ҷавобро аз сокини Хуф ҳеҷ мунтазир набуд.

Меҳмон аз хиҷолат каллапӯшашро ғиҷим кардаву молида, ҷавобе надод.

– Меҳмонро аввал нон диҳанд, баъд бозхост кунанд, – гуфт Манзаршоҳ, то ки ҷавонмард аз вазъи ноҳинҷор барояд.

Зарен дасторхони овардаи дарбонро дар миёна густурд, дарбон се коса гӯштоба, яктабақӣ нону мева оварду хонаро тарк кард.

– Акнун ҳамроҳ мехӯрему гапи дилатро мешунавем, Маҳмадқосим, – гуфт Манзаршоҳ ва табассуми ширине карду афзуд, – охир, ту намояндаи як мамлакати дигарӣ-ку.

Маҳмадқосим шӯрбои косаашро ба як бардоштан ҳурт кашиду ба хӯрдани гӯшт даст зад.

– Бахшиш мепурсам, сахт гурусна мондам. Субҳ сафед нашуда, сафар карда будам. Гап дар сари он, ки аз моли шоҳ ба ман як аспу дувоздаҳ сар бузу гӯсфанд вобаста намуданд. Алафу ғаллаи ҷамъовардаам то Хирчизон[3] мекашад ё не. Калла қапидаму илоҷи корро фикр кардам. Ягона тадбири дуруст дар он дидам, ки ба назди Мир Манзаршоҳ раваму коҳу ҷав талабам. Ин гапро пеши Кеке ба миён гузоштам, пазируфт. Вале гуфт, ки аз мир фақат барои худат напурсу бигӯ, ки тамоми аҳолии Хуф чунин аҳвол дорад. Дар ин хусус як шеърак ҳам гуфтам:

---

[1] «Хуфии хушпойқадам» – иборае дар сифати хуфиён. Ба бовари мардум, хуфӣ ба ҳар хонае, ки дарояд, хушбахтӣ меорад.

[2] Карагаф – шамолбарф

[3] Хирчизон (шуғнонӣ: офтоб дар зону) – ҷашни дуюми қувват гирифтани Офтоб (вақте ки ҳисоб аз рӯи тақвими Офтобдармард ба зону мерасад ва он аз Хирпичор 18 рӯз фосила дорад, 1-уми хут, баробар ба 20 ё 21-уми феврал таҷлил мегардид).

**На беда дорам, на коҳ,**
**Чӣ мегӯям ман ба шоҳ?**
**Гӯсфанду буз кашад оҳ,**
**Ба додам рас, Манзаршоҳ!**

**Аспи шаҳ аждаҳо аст,**
**Бузаш нофи шайтон аст,**
**Мешаш балои ҷон аст,**
**Ба додам рас, Манзаршоҳ!**

**Шоҳ андохтамон товон,**
**Мардуми Хуф шуд толон,**
**Зинда намонад як ҷон,**
**Ба додам рас, Манзаршоҳ!**

Маҳмадқосим шеърашро ханду ба умед ба рӯи Манзаршоҳ чашм дӯхт. Рафтори озоду шеъри содаву дилраси ҷавонмард ба мир ниҳоят писанд афтоданд. Зарен ҳам сахт мутаваҷҷеҳ гардиду дилашро эҳсоси эҳтирому иззат ба меҳмони доно фаро гирифт.

– Боракаллоҳ, андувол, – изҳори хушнудӣ кард Манзаршоҳ, – қоил кардӣ, ба ҳақиқат, дар он лозаристон[1] ҳам шоир меруӣдааст. Гапат рост, деҳқонони Хуф ин қадар сарбории аз шаръ бурунро бардошта наметавонанд. Вой бар ҳоли шумоён! "Зимистон бузе лайеро хӯрад" мегӯянду тасаввур кун, ки чил аспу дусад сар мол чиҳо хоҳанд кард? Хоки Хуфро мелесанд! Ман ба додатон мехоҳам бирасам, лекин кор сахттар аст. Ба ин маърака тамоми мардуми Рӯшонро равона кардан лозим меояд.

Дарбон бо ду лаган моҳибирён даромаду Манзаршоҳ суханашро қатъ кард. Бӯйи иштиҳоовари моҳӣ димоғҳоро чоқ намуд.

Зарен лаганҳоро аз дасти дарбон гирифта, рӯи дасторхон гузошт ва гуфт:

– Баҳ-баҳ, ана ризқу мана пешомад! Маҳмадқосим, ту дар ҳақиқат хушпойқадам будани хуфиро исбот кардӣ. Мир гапатро қабул кард, боз ба моҳибирён зиёфатат дод. Пойи қадаме аз ин хуштар мешавад?!

Маҳмадқосим табассуми ширине карду гуфт:

[1] Лозар – лозур, пирях

– Бовар дорам, ки ба пойқадами ман раҳи хуфиён ҳам ба Рӯшон боз мегардад.

– Бегуфтугӯ, – гуфт Манзаршоҳ, – имсол, ҳарҷумарҷи зиёд доштем, фурсат нашуд, ки ба Хуф бароям. Соли дигар, хуфиён раҳ диҳанд-надиҳанд, ҳатман ба саломи Кеке мерасам.

Манзаршоҳ "бисмиллоҳ" гӯён даст ба таом бурду моҳиеро ба Маҳмадқосим дароз кард. Меҳмон "ҳазорон сипос" гуфту ба ду-се дандон задан, гӯшти моҳиро хӯрду устухонашро рӯи дасторхон гузошт.

– Бисёр чизи бамазза будааст, – даст ба моҳии дигар бурда, гуфт меҳмон, – бори аввал дар умрам мехӯрам. – Шукри Худованди барҳақ, ки туро ба мо расонд. Ҳоло ягон узбак ҳоким мебуд, ба дарвозаи қалъа раҳам намедоданд, чи расад ба нишастан сари як дасторхон бо вай. Худо ҳукумататро поянда нигаҳ дорад!

Аз таърифи ҷавонмард гӯшҳои Манзаршоҳ тафсиданду худро норoҳат ҳис кард. Ба пиёлае чой рехта, ба меҳмон дароз карду гуфт:

– Чанд рӯзе, ки дар Вомар бошӣ, меҳмони ман ҳастӣ. Сайлат, ки пир шуд, аз ин мард, – мир ба чашм ҷониби Зарен ишора кард, – пойтахсиатро мегириву ба Хуф бармегардӣ. Аз номи ман ба аҳли хонаводаат, ба Кекею ҷумлаи ховандон салом мерасонӣ. Мо аз ҳамин рӯз дар пайи тадоруки ёрдам ба хуфиён мешавем. Рӯшониён бародарони худро дар сахтӣ танҳо намегузоранд.

– Худи донистагӣ барин омадӣ, – гуфт Зарен, – шоми пагоҳ шабшунавӣ дорем, иштирок мекунию ҳунаратро нишон медиҳӣ.

Маҳмадқосим аз хурсандӣ дар куртааш намеғунҷид.

– Савганд ба нури Худованд, ки чунин меҳрубониро чашмдор набудам. "Ҷигар ҷигару дигар дигар" гуфтаанд, ки рост будааст. Ман мадои[1] бисёр аз ёд медонам ва бо рубоб хонда ҳам метавонам.

– Маъракаамонро обод мекунӣ, бародар, – ҳузури меҳмони соҳибмаърифат дар дили Манзаршоҳ шуълаи тозаи муҳаббат афрӯхт. – То дар ҳамин қалъа масъулият дорам, намемонам, ки хуфиеро, баҷувиеро, бартангиеро дар Рӯшон озор диҳанд. Ман лофи бародарӣ намезанам, ман бародарам, вассалом.

---

[1] Мадо(ҳ) – мадеҳаву наът.

* * *

Манзаршоҳ бо Хуфу хуфиён ва Бачуву бачувиён он қадар ошноии хуб надошт. Ин ду дараи домани қуллаҳои сарбаафлок қалъаҳои фатҳношуданиро мемонданд. Сокинонашон ба водӣ кам мефаромаданд. Он ҳам барои иваз намудани ягон навъи мол ё чорво ба газвор, мева ва оҳанворӣ. Ба ғалла, гӯшт, равған, ҳезум ва дигар намудҳои озуқа эҳтиёҷ надоштанд, зеро замину ҷангалу айлоқҳояшон имкон медоданд, ки хӯроку пӯшок ва аловии хонаводаи худро то ҳадди кифоят фароҳам оваранд. Мардуми водӣ ба ин дараҳо ниҳоят кам мебаромад. Аввалан, роҳ дуру мушкилгузар буд, сониян, онҳо ҳар гуна одами бегонаро ба ватанашон роҳ намедоданд. Метарсиданд, ки ҷосусе набошаду ба сари қабилаашон балое наёварад. Манзаршоҳ дар замони ҳокими Рӯшон будани Юсуфалихон ҳамагӣ як бор ба Хуф баромада буду як бор ба Бачув. Он ҳам барои гирифтани навкар, соле, ки ҷанги байни Шуғнону Дарвоз иттифоқ афтод. Он вақт, ғайричашмдошти Манзаршоҳ, меҳтарони Хуфу Бачув ӯро гарм пазируфта, бе ягон баҳона саратарин мардони диёри худро дар ихтиёраш гузоштанд. Аз Бачув сӣ нафар гирифт, аз Хуф чил. Ҳар яке ба сари худаш Рустаме буду Исфандиёре. Пайкарҳо шаҳчинор, синаҳо кунда, қоматҳо сарв. Барои ҷанг Хуф сӣ харвор озуқа дод, Бачув – чиҳил. То охир ҷангиданду дар пирӯзии лашкари Шуғнон корномаи сазовори мардони гурд нишон доданд. Даҳ-дувоздаҳ нафарашон шаҳид шуданд.

Вақте ки Юсуфалихон хуфиёнро барои хиёнаташон дар ҷанги бар зидди Шуғнон ба ӯ, ба балои азим – нигаҳдории галаи аспу рамаи мол ва селаи боша гирифтор сохт, Манзаршоҳ ин додситонии ноинсофонаро хуш қабул накард, вале ба хотири ҳамдамии дерсолае, ки бо шоҳ дошт, эътирози дилашро даруни сина фуру нишонду чизе нагуфт. Дар он андеша ҳам буд, ки ба чӣ роҳе ба онҳо мадад расонад, аммо ин қавми худпараст роҳи дараашонро ба рӯи бегонагон баст. Дар чунин ҳол, Манзаршоҳ ҳам боздид аз Хуфро ба шаъни худ муносиб надонист. Аммо ба додхоҳӣ омадани Маҳмадқосим ҳокимро дубора ба андешаи ёрдам ба хуфиён водор намуд. Агар худи Кеке ба ин иқдом иҷозат дода бошад, пас, гумони ғолиб он аст, ки ӯро тақдири ҳамтабаронаш ба ташвиш овардаасту ба ин васила аз Манзаршоҳ мехоҳад, ки ба сарвақти хуфиён бирасад. Ёрихоҳии Маҳмадқосим ва соҳибҳунарии ӯ ба Манзаршоҳ ниҳоят писанд омад. Вай тасмим ги-

рифт, ки дар рӯзи нахусти ҷашни офтобниҳол, дар ҳузури меҳтарон ва аҳли адабу ҳунари Рӯшон, масъалаи расидан ба мадади хуфиёнро дар миён гузорад ва кордорони дарборро барои ҷамъ овардани озуқаву олуфа ба деҳаҳо баргуморад.

Манзаршоҳ дар пушти қалъа, дар соҳили Панҷ, мустағриқи чунин андешаҳои ҷолиб, офтобниҳоли болои рӯдро тамошо карда, оҳиста-оҳиста қадам мезад. Пӯстини хирсӣ, каллапӯши далахафакӣ ва пеҳҳои дарунашон пур аз пашм сармои шадидро ба баданаш роҳ намедоданд. Ғарач-ғуручи барфи зери по ниҳоят хушоҳанг ба гӯш мерасид. Пеш-пеши ӯ ду саги шикории дастпарварди худаш, гоҳе бозикунон ба ҳам дарафтодаву гоҳе аз пайи бӯе ба ҷонибе давида, хурсандона ҳаракат мекарданд. Тақрибан панҷоҳ қадам дуртар аз пасаш камонҳо сари китф, якто-якто қадам партофта, суҳбаткунон Камонгиру Лахман меомаданд.

Пас аз паймудани даштаки лухт, ки ҷойи машқи навкарон буд, ҷангали анбӯҳ сар мешуд. Буттаву дарахтони гуногуни барфпӯши он ҳайкалҳои ҳархелаи сафедро мемонданд. Танҳо шохсорони охири беду тиракҳои болобаланд барф надоштанд: шамоли даймоҳ ҳарчанд суст бошад ҳам, маҷолаш ба афшондани онҳо мерасид. Дар ин ҷангал, ки қад-қади соҳили рости рӯдхона ба дарозои чанд фарсанг доман паҳн кардааст, ҳама гуна ҷонвари ваҳшии хоси табиати Рӯшон – аз заргӯш сар карда, то шоҳпаланг, зиндагӣ мекунад. Дар ин фасл ҳатто галлаи оҳувони қуллапайморо ҳам дучор омадан мумкин аст. Дар фарозҳо гулу гиёҳ зери барфи яхзада мемонад. Илоҷи ягона фаромадан ба ҳамвориҳои пурғизост. Барои ҳамин, аз қадим ин мавзеъ шикоргоҳи шоҳони Рӯшон буда, мамнӯъгоҳ ба шумор меомад. Манзаршоҳ чун ҳар баҳодури хунгарм шикорро бисёр дӯст медошт. Дар замони сагбониаш ҳам шикорчии беҳамтои дарбор буду ҳоло ҳам, ки ба мансаби ноиби қоиммақоми Рӯшон расидааст, пештозии худро дар байни аҳли ин касб аз даст надодааст. Чун ҳар шикорчии касбӣ дилбастаи бозу саг буд. Бахусус, сагбозиву сагтозиро сахт дӯст медошт. Пас аз баргаштан ба Рӯшон, вақтҳои охир ба кордбозӣ иштиёқи калон пайдо кардааст. Бегоҳи ҳар рӯз, дар як кунҷи асптози қалъа ҳамроҳи Зарен, Камонгир ва Лахман корд мебозанд. Дар муқобили Манзаршоҳ фақат Лахмани ҷавону таҳамтан истодагарӣ карда метавонист. Вай бозиро ба авҷи шиддат мерасонду дар охирин дақиқа бой медод. Вале Манзаршоҳ ҳис мекард, ки бой додани Лахман танҳо ба хотири нигоҳ доштани эҳтироми бузургсоливу ҳокимии ӯст.

Бар марзи ҷангал ҳанӯз нарасида, банохост ҳар ду саг гӯшбақимор истоданд. Ин аломати он буд, ки онҳо ё бӯйи сайд гирифтаанд, ё аниқ онро дидаанд. Манзаршоҳ қулфи камонашро савор карду бо қадамҳои нарм аз сагҳо пеш гузашта, ба пайроҳаи миёни ду раддаи ангатзор дохил шуд. Раддаи дарозрӯяро гузашту дар ҷояш таққӣ истод: тахминан ба дурии сад қадам даҳ-понздаҳ сар буз шохаҳои хучро ларзондаву таконда, баиштиҳо мехоиданд. Дар ин субҳи бешамол нахчирони гурусна ҳатто пай ҳам набурданд, ки моҳиртарин шикорчии сарзамин каллаи посбонбузи онҳоро ба нишон гирифтааст. То буз мили камони ҷонибаш ростшударо дид, ки тир пешониашро шикофту аз болои тахтасанг ба дохили буттазорон сарнагунаш сохт.

Сагҳо ҷониби сайд давиданд. Садои тирро шунида, Камонгиру Лахман ҳам давон омаданд.

– Сайд муборак, мир! – хитоб кард Камонгир.

– Аз куҷо медонӣ, ки расид ё не? – камонро сари китф овехта, гӯлпурсӣ кард Манзаршоҳ.

– Дасти шакарзахма[1] доштанатро кӣ намедонад, мир? Як тир – як ҷондор, – ба ҷои Камонгир ҷавоб дод Лахман ва корд аз ғилоф кашиду бо шавқу шодӣ ба сӯи ангатзор давид.

– Дидӣ, нийят пок бошад, ризқ ба пои худаш меояд, – гуфт Манзаршоҳи аз барори шикораш хурсанд ва ба шӯхӣ гузашт: – Барои мадҳу санои Худову расул гӯштро худи фариштагон фиристоданд.

– Нагӯ, – хандид Камонгир, – сари як гӯсфанди Зарен дар амон монд.

– Пагоҳ навбати шикор аз ту. Ба қуввати гӯшти сайдат шаб мешунавем.

– Ба ҷону дил, аз дӯст як ишорат, аз мо ба сар давидан.

Онҳо гапзанон ба сари нахчир расиданд. Лахман ҷонварро забҳ карда, ба сафед кардани пойҳояш машғул буд. Манзаршоҳу Камонгир ҳам даст ба ёрӣ заданд.

Наздики шом аҳли адабу мазҳаб ва аъёну акобир дар меҳмонхонаи калони қалъаи Вомар ҷамъ омаданд. Шоҳдаврони овозадор, савори аспи туҳфакардаи Юсуфалихон, аз ҳама охир ба ҳавлӣ даромад. Ба пешвозаш худи Манзаршоҳ баромада, оғӯшаш гирифу нидо дод:

[1] Шакарзахма – тири нишонрас; сайёди нишонзан.

– Булбули Рӯшонзамин, имшаб зимистонро бар мо гулистон мекунӣ!

– Барои мардон ман, барои занон Беҷодамоҳ, – рубобу дафашро ба дасти Манзаршоҳ дода, гуфт созандаи солхӯрда.

– Оре, занони кордорони дарборро ҳам даъват кардаем, лекин оё Камонгир розист, ки хоҳараш суруд бихонад?

Шоҳдаврон бо ситези сохта овоз баланд кард:

– Ин чилимдоратро гап зан, ки ба кори ман дахолат накунад. Падари Беҷодамоҳ ман ҳастам, на Камонгир. Ман духтарамро барои он мусиқӣ ёд надодам, ки зери бинии худаш қум-қум кунад. Вай одами маърака ҳаст, медонӣ, маърака!

– Албатта, ҷое, ки падар ҳукм фармояд, аз дасти бародар чӣ ояд? – ба оҳанги сухани мӯсафед ҳамнаво шуд Манзаршоҳ. – Рафтем дарун.

– То духтарамро набинам, аз ҷоям қади мӯ намеҷунбам. Чоштгоҳ худам ба хонааш рафта, таъкид кардам. Гуфтам: барои ҳарами Манзаршоҳ хизмат мекунӣ.

– Барои ҳарами ман? – Манзаршоҳ аввал чин бар ҷабин зад, баъд ҳазлбозии Шоҳдаврон ба хотираш расиду хандид: – Эҳ, машлоте, бе шӯхию шӯрандозӣ нафас кашида наметавонӣ-а? Ба ду каси дигар бигӯӣ, дар тамоми вилоят бадном мешавам.

– Андувол, шоҳу мир ки шудӣ, хоҳӣ-нахоҳӣ, фикри мардум дар бораат чунин аст. Агар ҳараму лоақал даҳ зан надошта бошӣ, эҳтиромат намекунанд.

– Ин гапат ҷон дорад. Хонҳои мо занро ба ҳайвони безабон табдил доданд. Аммо ман дар суннату кеши худ боқӣ мемонам: Худо ҳамин як зану кӯдаконамро ба ман бичарбонад, дигар тамоми занонро модару хоҳару духтар хондаам.

Ин асно Беҷодамоҳ ҳам дар ҳалқаи чанд зану духтар расид. Вай, дар тан камзӯли пумании мисли барф сап-сафеди остину гиребонаш таркдӯзӣ, дар по пеххои баланди нақшдор, дар сар кеши ҷигариранги кашмирӣ, аз занон ҷудо шуду рост ба назди онҳо омад, дастонашонро бӯсиду:

– Офтобниҳол муборак! – гӯён сар ба синаи падархондаш гузошт. Шоҳдаврон аз пешониаш бӯсиду сарашро дар канор гирифт.

– Ба ту ҳам муборак шавад, духтарҷон! – гуфт Манзаршоҳ, – агар базмамонро гарм кунӣ, мо ҳам дилатро ба муждае гарм карда метавонем.

– Албатта, амакҷон, ба дуои ҳар дуи шумо – бузургворон, гарм мекунем, – гуфт духтар ва шарм дошт бипурсад, ки мир ба ӯ чӣ муждае дорад.

Зани Манзаршоҳ – Бибианори пурнигор, ҳамроҳи чанд хизматгор баромаду ҳар як занро бо бӯсаву оғӯш пешвоз гирифт. Онҳо аз илтифоти бонуи аввали мулк рӯҳ гирифтаву ҳавлии қалъаро аз хандаву садои пурнишоти худ пур намуда, аз паси ӯ ба меҳмонхона рафтанд.

Вақте занон ҳавлиро холӣ намуданд, Шоҳдаврон пурсид:

– Ба Беҷодамоҳи ман ягон гапи хуш дорӣ ё шӯхӣ кардӣ?

– Не, ҷиддӣ мегӯям, мӯйсафед, ба духтаратон хостгор баромадааст.

Аз шунидани ин сухан дили Шоҳдаврон лаҳзае ғалаён карду чизе дар гулуяш печид.

– Хос... тг...ор? – забонаш такар заду садояш дупӯста баромад, – Кӣ будааст ӯ?

– Рафтем, ҳавои хунук ҷои гуфтугӯ нест, – гуфт Манзаршоҳ ва бозу ба бозуи мӯйсафед даровapp ҷониби дар қадам гузоштанд. – Дастомӯзи худам, номаш Сипинёр, ту ӯро мешиносӣ, Беҷодамоҳ ҳам.

– Албатта, мешиносам, паҳлавон, нозанин, лекин оё духтар розӣ мешуда бошад?

– Барои чӣ розӣ нашавад? Ин хел шаҳсуворро аз Рӯшон то Шуғнон дар рӯзи сафед бо чароғ намеёбӣ.

– Гапат рост, лекин “дили модар – ба писар, дили писар – ба дилбар” гуфтагӣ барин, Беҷодамоҳ, дар интизори як ҷавонмард, чандин бухчаро пас гардондааст.

– Он ҷавон кӣ будаасту дар куҷо?

– Номаш Доробшоҳ, дӯсти Камонгир. Ҳамроҳи Хайримаҳмади вамдӣ аз маҳбаси Муҳаббатхон гурехта, тарафи Дарвоз ғайб задаанд.

– “Рафагию мурдагӣ – як” гуфтаанд, мӯйсафед. Ба умеди вай шавад, бешавҳар мемонад. Сипинёр Камонгирро забон задааст[1], акнун навбати ту расидааст. Духтарат аз гапат намегаштагист. Ман баъди маҷлис муждаамро ба ӯ мерасонам, пагоҳ ману Зарен ба хонаатон хостгорӣ меоем.

– Худат меоӣ? – Шоҳдаврон аз ҳайрат дар ҷояш истод. – Вай ҷавон ба ту кӣ мешавад?

---

[1] Забон задан – дили касеро бо сухан ба даст овардан; чарбзабонӣ.

– Ҳисоб кун, ки додари ман аст. Як баччаи шуҷандист, падараш мурдагӣ, модараш ба Шуғнон шӯй карда рафтааст.

– Ин хел бошад, салларо ба гардан овехтан лозим меояд, – гуфт Шоҳдаврон, – ба мири мулк не гӯву қандата зан.

– Тамоми ҳунаратро ба кор бар, андуволи пир, Худованд аз ҳеҷ даргоҳе маро ноумед нагардондааст.

Онҳо ба меҳмонхона даромаданд.

## КӮЧБАНДИ ХОНАДОНИ ИСҲОҚ

Баъд аз он ки лашкари қатаған Шуғнонро тарк кард, Юсуфалихон амр дод, ки навкар танҳо аз ҳисоби мардуми Шуғнон гирифта шавад. Ин ҳангом шоҳи Бадахшон Ҷаҳондоршоҳ – пушту паноҳи Шуғнон, афсари қатағаниҳоро дар Қундузу Тахор нагун сохта, дирафши худро бар марзҳои шимолии Афғонистон барафрошта буд. Муҳаббатхон қатағанҳоро барои ҳимояи ҷону моли худаш нигаҳ медошт, зеро ба садоқати шуғниҳо эътимод намеварзид. Лашкари Ҷаҳондоршоҳ ҳам дар Файзобод асосан ақвоми турку муғул буданд – онҳое, ки дар гирудорҳои Ҷаҳондоршоҳ алайҳи Қатағания бархе таслим шуда буданд, баҳрае, азбаски ҷанговари касбӣ буданду аз дасташон кори дигаре намеомад, баъдан, ба хотири таъмини маош, ба сипоҳи ғолиби Бадахшон пайвастанд. Аз сарҳади Дарвоз сар карда, то Тағурмаи Чин ҳама қаламрави Шуғнон ба шумор меомад ва Юсуфалихон низ чун шоҳони қаблӣ аз ин сарзаминҳо хироҷ меситонд.

Бо шунидани хабари фирори Ҷаҳондоршоҳ ва овозаи тақсим шудани сарҳад, ба пӯстини шоҳи Шуғнон кайк даромад. Вай фикр мекард, ки Ҷаҳондоршоҳ камаш панҷ соли дигар фармонфармоӣ мекунад ва ӯ дар ин муддат лашкари ба ҳар гуна зарба тобоварро ташкил дода, аз ҳисоби кандани ҷавоҳироту тавлиди оҳан, нуқра ва тилло пояи иқтисоди давлаташро чунон мустаҳкам менамояд, ки дар ҳеҷ замоне Шуғнон ба он дастёб нашудааст.

Вале дар соли дуюми ҳокимияташ ҳодисаҳое рух доданд, ки шоҳ ба ҳеҷ ваҷҳе чашмдорашон набуд. Инсон мехоҳад, ки чархи фалак ба коми ӯ гардад, нақша мекашад, талош меварзад, барои ба мурод расидан даст ба хубию зиштӣ мезанад, аммо гардуни гардон низому реҷаи худро доштааст. Ин низому ин реҷа, ин қонуну ин қоидаро на шоҳ дигар карда метавонад, на гадо. Вақте ба ҷонибе тоб

хӯрд, пеши роҳашро на касе гирифта метавонаду на чизе. Дар ин лаҳза на зории мазлумон кор медиҳад, на зӯрии золимон, на зари дунёдорон! Зеро ҳамин мазлумон имкон доданд, ки он золим ба сарашон бало шаваду ҳамин нодорон шароит ба вуҷуд оварданд, ки он доро ба ҳаққашон соҳиб гардад. «Зӯр аз зӯриаш миннатдор аст», «сода набошад, зирак зиндагиашро сомон дода наметавонад». Ва ин Чархи Бузург мазлуму золим, дорову нодорро яклухт зер карда, месоваду мегузарад. Он қадар шасту суръат дорад, ки баъд аз гузаштанаш, аз кӯҳе осмонбӯс шояд ғубораке ба андозаи гарди гул боқӣ бимонад, чи расад ба одам, ки як қатра хун дораду кмуште устухон!

**Омад-шудани мову ту дар дунё чист?**
**Омад магасе падиду нопайдо шуд!**

Ин бор чархи гардун самти ҳаракаташро ҳангоме дигар кард, ки Юсуфалихон бар тоҷи шоҳии худ ғарра буду Мирзоазиз аз фаровонии неру дар пӯсти тунуки хеш намеғунҷид. Он қадар қувва дошт, ки гумон мекард, вақте қадам мегузорад, замин дар зери пояш меларзад. Бадани варзидааш шахпораеро мемонд, ки ҳайкалтароши пурҳунаре онро бо илҳоме саршор аз муҳаббату дӯстдорӣ офаридааст. Мушакони синаву китф, дасту бозу ва рону зону он қадар дамидаву расида буданд, ки ҳар яке дар ҷои худ бо тани таҳами ӯ бозӣ мекарданд.

Муносибати ғамхоронаи шоҳ ба вай қурбу манзалаташро дар байни аҳли дарбор баландтар бурд. Хонаву дараш обод, боғу заминаш ҳосилхез, хизматгорон чор фасли сол дар хоҷагиаш дар чунбуҷул. Ба ҳар ҷое мерафт, дилаш пур буд, ки модари азизаш бемададгор нест. Шоҳ на танҳо ба Мирзоазиз пулу мол ва ёриву дастгириашро дареғ намедошт. Гулпочои сипаҳсолору афсарони дигар низ аз ҳамин гуна имтиёзҳо бархурдор буданд.

Чизе, ки дар рафтори Юсуфалихон ба Мирзоазиз тамоман намефорид, бераҳмии ӯ нисбат ба муҷримон ва онҳое буд, ки ба ин ё он васила зери шубҳаву гумони шоҳ меафтиданд. Айнан, чун Муҳаббатхон, Юсуфалихон низ ба мардуме, ки дар замони ҳукмронии бародараш ҷоҳу ҷалоле доштанд, кинатуз монд. Ба муҷарради нишастанаш бар тахт, чанд нафарро қатл карду аксарро ҷазоҳои гуногун дод, аммо дилаш боз ҳам ором нагирифт. Агар Мирзоазиз ба чашми сараш нолаю фарёди ҷигаргудози раддимулкшавандаҳоро намедид, дарди бахайр буд. Аммо баъд аз он ки шоҳ ӯро барои назорат аз болои кори навкароне, ки амри кӯчбандро анҷом медоданд, ба деҳаҳо

мефиристодагӣ шуд, дар дили ӯ рӯз то рӯз шакку шубҳа нисбат ба боадолатона будани ин кор бештару бештар мегашт. Виҷдони ҳанӯз чун оина софу беғубори ҷавон вайро азоб медодагӣ шуд. «Хоҷаку Абузарро нобудашон, – ба худ меандешид Мирзоазиз, – онҳо ҳар ду палид буданду авор гаштанашон аз Шуғнон билкулл подоши сазовор, ҳатто сабук буд. Ҳукм дар дасти ман мешуд, ҳар дуро зинда ба зинда саркалапо ба дор овехта, то мурданашон ангуштнамои мардум мекардам, ки барои дигарон ибрат шавад. Он ду рӯсиёҳи хабис бо хабаркашиашон мардуми одиро мефурӯхтанд, вале инҳое, ки ҳоло ба сарашон таарруз дорем, ба ғайр аз он ки Юсуфалихон дар Шуғнон зистанашонро намехоҳад, гуноҳи дигаре надоранд. Оё шоҳ ҳақ дорад, ки бидуни исботи гуноҳашон одамонро мувофиқи табъи худ муҷозот фармояд? Оё дастуре вуҷуд дорад, ки дасташро аз содир намудани ҳукми ноодилона боздорад?».

Ду рӯз пеш Мирзоазиз дар маъракаи кӯчбандии хонаводаи Исҳоқ иштирок карду синааш тоси хун шуд. Аҳли хонаводаи собиқ оқсақоли Баҳшор бор мебастанду хун мегиристанд. Занаш зора мекард, ки лоақал иҷрои ҳукмро то ҷон гирифтани офтоб мавқуф гузоранд, ки дар ин фасли аёсу яхбандон ба Ғунд нарасида, ҳалок мешаванд. Аммо кӣ ҷуръат дорад, ки гапи шоҳро дуто кунад? Мирзоазиз, то анҷом ёфтани банду бори колову ашё, туфанг дар даст карахт истода, фикр мекард, ки «Ҷазои Исҳоқро Худованд худаш доду дар ғарибӣ ҷонашро қабз кард. Зану фарзандонаш чӣ бадӣ кардаанд, ки Юсуфалихон дар зимистони сарду пурбарф онҳоро ба коми аҷали яқин тела медиҳад?». Ин асно аспе бо ду савор – ҷавонмард ва дар қунҷиғааш зане – башаст омаду рост дар назди Мирзоазиз истод. Савор худро ба замин партофту дарзамон ба гиребони Мирзоазиз чанг андохт ва зӯр овард, ки ба заминаш ғалтонад. Мирзоазиз банди дасти аз гиребонаш гирифтаро чунон фишурд, ки ҷавонмард аз шиддати дард «воҳ» гуфта, дар ҷояш нишаст. Ин асно зан худро аз асп рост ба сари Мирзоазиз партофту гулуяшро дудаста маҳкам қапида, буғӣ кардан гирифт. Мирзоазиз даст боло бурд, ки занро аз сари дӯшаш баргирад, ин дам ҷавонмард фурсат пайдо карда, бархосту бо каллаащ ба шиками ӯ зад. Мирзоазиз болои ях лағжиду мувозинат гум кард ва пуштнокӣ ба замини пурбарф ғалтид. Зан дар баробараш афтод, вале чун рӯдапои маҳкам нишаста на танҳо аз гарданаш ҷудо нагашт, балки хафа карданашро ҳамоно давом дод. Ҷавон болои синаащ баромад ва низ палангосо даст ба гулуи Мирзоазиз зад. Мирзоа-

зиз ба як даст бозуи ҷавон, ба дасти дигар оринҷи занро ба чанг оварду дар панҷаҳои фӯлодиаш чунон фишурд, ки дили ҳар дуяшон заъф карду ҳуш бохтанд. Сипас сабук аз ҷо баланд шуду онҳо ба мисли ҷуволи холӣ паҳлуи ҳам нақши замин гаштанд. Ду навкар – ҳамроҳони Мирзоазиз ва зану бачаҳои оқсақол Исҳоқ афтударафтро, ки қариб бесадо анҷом ёфт, дида, ба сари афтодагон омаданд. Шарофатбегим онҳоро шинохту оҳу фиғонаш ба фалак дакка зад:

– Эй беинсоф, ту инҳоро куштӣ! Ҳайфи номи баланди Ҷаҳонгир бар ту, ки халкро хонавайрон мекуниву бечорагонро мекушӣ! Илоҳӣ, арвоҳи падару бобоёнат туро бизанад!

Дили Мирзоазиз ганда шуд. Бори аввал дар умраш дуои бади модари муштипареро дар ҳақи худ мешунавид. Зӯғи[1] зан ба раг-раги ҷонаш чунон таъсир кард, ки аз миён то ба буни гарданаш мурғак давиду аз рухсора то буногӯшонаш лаввас сӯхт. Хост назди модар ба зону афтаду узр пурсад, аммо андешид, ки ин амал ба шаънаш намезебад. Ҳарфе назаду як каф барф гирифта, ба рӯи ҳушбохтагон молид. Аввал ҷавонзан, сипас ҷавонмард чашм кушод, вале аз ҷо хеста наметавонистанд. Ба ишораи Мирзоазиз навкарон онҳоро кашола карда ба хона даровroutanд.

Баъд аз он ки Шарофатбегим ба онҳо об нӯшонд, ҳушашон тамоман ба сар омаду забонашон кушод.

– Шумо хабаргирӣ омадед? – пурсид Шарофатбегим.

– Ҳа, холаҷон, – ҷавоб дод ҷавонмард, – шунидем, ки бору бунаатонро бастаанд, ба ёрӣ омадем.

– Хола, ин ҷавони далер кист? – ҳайрон шуда пурсид Мирзоазиз.

Шарофат теғкашон ҷониби Мирзоазиз песонду ҷавоб дод:

– Барои ту чӣ фарқ дорад, ки кист? Чӣ кораш мекунӣ? Барои он ки ба ҳимояи ман хест, вай ҳам бояд аз мулк авор шавад?

– «Пурсидан айб нест» гуфтаанд, хола, – гуфт сулҳҷӯёна Мирзоазиз, – росташ, одами бисёр баномус будааст. Барои ту ин қадар муқобилат нишон дод, офарин!

Ҷавон бархосту гуфт:

– Аз ростӣ мегӯӣ ё масхара мекунӣ?

– Сидқан мегӯям, андувол, ҳар кас чунин дилу гурда надорад.

Оҳанги гуфтори Мирзоазиз ҷавонро мутмаин сохт, ки гапаш самимист.

---

[1] Зӯғ (шуғнонӣ) – дуои бад

– Ман Сабзқадам, аз Саричашма, ин ҷабри ногуфтаниро шунида, барои наҷоти холаам омадам.

– Ин валъамат кист?

– Занам, аз Таҳмев. Илтимос, аз холаам даст нигаҳ доред. Ин кампири як пояш ба лаби гӯр расидагӣ ба мамлакат чӣ хатар дошта метавонад?

– Шавҳараш оқсақол Исҳоқ ба гапи Муҳаббатхон даромада, сад нафар шуғниро дар Файзобод фурӯхт. Юсуфалихон амр дод, ки авлоди ин гуна хоинон аз Шуғнон ронда шавад.

– Ана гап дар куҷо будаст? – Сабзқадам оташ гирифт. – Магар худораҳматӣ Исҳоқ ба ин кори зишт аз пеши худаш даст зад? Оё ғариб кардани он сад нафар амри шоҳи Шуғнон набуд? Оё ту ҳоло ба амри дили худат холаамро ҳамроҳи фарзандонаш кӯч мебандӣ? Не? Не! Фардо ҳукумат иваз гардаду аз гиребони занат гиранд, ки барои гуноҳи шавҳарат туро радди мулк мекунем, оё аз рӯи инсофу мусулмонист? Ҳамроҳи амаки Исҳоқ ману ана ин духтар будем, – ба тарафи занаш ишора кард ҷавони чун ҳезуми тар даргирифта. – Чӣ азоб кашиданашро ӯ медонисту мо медонему Худо. Ту фикр мекунӣ, ки дар Файзобод бандиёнро Исҳоқ фурӯхт? Не, бародар! Вай ононро дар Шуғнисарой озод кард. Аммо Юсуфалихон дарак ёфта, худаш фурӯхт! Ана ҳамин мардаке, ки имрӯз туро ба сари беватан кардани аёли Исҳоқи бегуноҳ фирис…

Шарофатбону, ки ду даст ба миён, нутқи шуълавари Сабзқадамро гӯш карда, сар меҷунбонд, ба як ҳаракати тунд каф ба даҳани Сабзқадам гузошту бонг зад:

– Ту чӣ гуфтанатро фикр карда истодӣ? Ё сари бебалоят мехорад?

Сабзқадам ноилоҷ сукут варзид. Гапи охирини ӯ ҳамаро мушаввaш сохт. Чашми ҳама – ҳам навкарон, ҳам ҷабрдидагон – ба Мирзоазиз дӯхта шуд. Суханони ҷавонмард дилашро такон доданд, аммо вай оромиро аз даст надода, лаҳзае пешонии баландашро молиду гуфт;

– Ман ёд надорам, ки холаи Шарофат ту барин ҷиян дошта бошад.

Сабзқадам даҳон ҷуфт карда буд, ки Шарофатбону фурсат надод:

– Ин ҷиян не, писар аст бароям. Исҳоқ дар ҳамон ғарибӣ ҷуръат карда, сури ин ҷавону занашро гузаронда, ҳар дуро гурезонд, ки ба ватан баргарданд. Чароғи шавҳарамро ҳаминҳо равшан кардаанд…

Буғзи дили зан кафиду домани гиряро сард дод. Дили Мирзоазиз ганда шуд. Сар поин афканду ба ҳавои тоза баромад. Сардии шамоломез ба рӯяш заду ҳушашро равшан сохт. «Гап ин хел бошад, рафтори мо аз кофар ҳам ноинсофонатар аст, – андешид ҷавон, – номи некам бад, обрӯи авлодам ба хоки сияҳ баробар мешавад».

Дар чунин вазъ чӣ бояд кард, Мирзоазиз намедонист. Ҳукми шоҳро иҷро накардан ба хиёнати аланӣ баробар аст. Мирзоазиз барои ба як қарор омадан сар ба ҷайби андеша фуру бурду ба назди аспи Сабзқадам рафт, ки чашм ба роҳи соҳибаш сари роҳ меистод. Ҷонвар шахси бегонаро диду ду-се бор сар афшонд ва ором гирифт. «Аспи бақуввати бузкашӣ, – аз дил гузаронд Мирзоазиз, – аз афтударафташ маълум, ки соҳибаш чавандози хубест. Аммо … Чӣ бояд кард?».

Ин дам аз пасаш садои маҳини духтар шунида шуд:

– Киҷон, як тараф биист, аспро барам.

Мирзоазиз қафо баргашта, духтари нозукандоми аз сардии ҳаво рӯяш чун танӯри баъди алов суп-сурхро диду ба ду чашми шалоин ба чеҳрааш хира гашт.

– Мегӯям раҳи аспро холӣ кун, ки бараму ҷаваш бидиҳам.

Мирзоазиз аз чашмони калони пурафсуни духтар базӯр чашм канду пурсид:

– Ту духтари кӣ мешавӣ?

– Духтари касе, ки кӯчашро мебандӣ. Овозаи паҳлавониат дар осмону зӯрат фақат ба бевагон мерасидаст.

Аз ин таънаи рӯйрост хуни ҷавон ба сараш зад, аммо сир бой надод.

– Номат чӣ?

– Ман номамро ба ҳар номарде намегӯям. – Духтар бо чашмони шуълабори зебои беҳаросаш ба Мирзоазиз нафратолуд нигоҳ карду афзуд: – Раҳа кушо, ба номам чӣ кор дорӣ?

– Ман туро мегирам!

– Чӣ хел мегирӣ? – ба гапи ҷавон сарфаҳм нарафт духтар ва дар чашмонаш сояи ҳайрат ҳалқа зад.

– Ҳамин хел, ба мисли дигарон, зан мекунам.

Ин ҷавоби густохона духтарро ба шӯр овард. Нохудогоҳ хам шуда, як панҷа барфи яхзада гирифту рост ба пешонии Мирзоазиз зад. Ҷавонро ҳатто мижааш хам нахӯрд.

– Ғандоли[1] дигаре ҳам бизан.

Хашми духтар ба ҷӯш омаду пайдарҳам чанд ғандолро ба сару рӯяш зад. Мирзоазизро кирдори ӯ хуш омаду қиқиррос хандид. Духтар дид, ки аз барфзаниаш суде нест, мисли паланг бо чанголу нохун ба ҷавон дарафтод.

– Беномуси худфурӯш, – аррос зад ӯ, – гум шав аз назарам, ки ё худро мекушам ё туро!

Доду фарёди духтарро шунида, ҳама аз хона дав-давон ба назди онҳо омаданд.

– Ту ба духтарам даст дароз кардӣ, паҳлавони сари деги ош? – бонг зад Шарофатбону, – оташковро биёред, ки сарашро майда-майда кунам!

Мирзоазиз ҳар ду дасти духтарро ба як дасташ қапида, оромона гуфт:

– Айби ман не, хола, худаш ба ман ҳуҷум кард.

– Духтарам ҷангара нест, аз даҳанат ягон ҳақорат баромадааст. Сар деҳ ӯро!

Мирзоазиз дасти духтарро сар доду гуфт:

– Духтарат гапи хубро аз бад фарқ накунад, гуноҳи ман чӣ?

– Ту ҳам гапи хуб зада метавонӣ?

– Маро тамоми гапҳоям хубанд. Ба духтарат гуфтам, ки туро ба занӣ мегирам, барфи кӯчаатонро ба сарам тарма кард. Ҳамин гап чӣ бадӣ дорад, хола?

Бо шунидани ин сухан ҳама карахту мот шуданд. Шарофатхола аввал хост ба ҷанг бархезад, вале симои ҷиддии Мирзоазизро дида, аз раъяш гашт.

– Ҳоло навкарон бору бунаи бастаро кушода, ҷобаҷо мекунанд. Ман хона меравам. Ду рӯз пас дар ҳамин соату замон охону тағоям хостгорӣ меоянд.

Духтар чунин ранг гирифтани ҳодисаро дида, аз шарм шоли афтидаашро чанг зада, ба сар гирифту «ваайй шармандагӣ!»-гӯён ҷониби хона тохт.

– Ҳатто номашро нагуфта гурехт-е! – бо шакарханд аз паси духтар нидо дод Мирзоазиз ва дасти Шарофатхолаи чун ҳайкал қезаро гирифта, се бор бӯсиду суханашро давом дод: – ту ҳам нагӯӣ, ҳеҷ гап не, рӯзи никоҳ халифа мегӯяд.

---

[1] Ғандол (шуғнонӣ) – кулӯлаи барф

Вай сар дар пеш андохту рост ба ҷониби аспаш, ки ба дарахти сари кӯча баста буд, роҳ гирифт. Бандашро халос карду чобук ба рӯи зин ҷаҳид ва ба қафояш нигоҳ накарда, ҷонварро резачорпо давонд.

* * *

Мулло Хишол он шабу рӯз ҳоли гӯсфанди парвориро дошт. Дар хона зани меҳрубону ғамхор намегузошт, ки шавҳараш лоақал пиёлаи чояшро обгардон кунад. Хизмати марди хонаро ба ягон хизматгор намефармуду худаш иҷро мекард. Дилаш дур мерафт, ки мабодо ба камию костие роҳ диҳанду дар табъи нозуки шӯйи шоираш ғуборе нишинад. Дар қалъа шоҳ барои китобхонааш ҳуҷраи калони қолинфарш ҷудо карда буд, ки ҳам сандалӣ дошту ҳам бухорие, ки мӯрияш аз даруни девор ба бом мебаромад. Ба амри девонбегӣ Муборак, фасли сармо дар ҳар ду оташдон шабу рӯз аловро хомӯш намекарданд. Китобҳо дар дохили сандуқҳои калон, ки бештар аз ними хонаро ишғол мекарданд, нигоҳ дошта мешуданд. Муборак ба илму адаб дилбастагии тамом дошт. Барои ҳамин, ҳар рӯз ду-се маротиба ба китобхона даромада, ба Мулло Хишол ягон шеър ё ҳикояте азбар мехонд, аз вай низ сухани бадеъе мешунид ва боз аз пайи кораш мешуд. Китобхон ҳам буд. Моҳе як-ду китоб мехонду таассуроти аз онон бардоштаашро ба Мулло Хишол нақл мекард. Он қадар ба китобхона муҳаббат дошт, ки расидагӣ ба кори онро дар қатори масъалаҳои муҳимми давлатӣ гузошта буд. Барои харидани китоб пули калон мепардохт. Ба ин сабаб, тоҷирон ба ҳар кишваре, ки мерафтанд, китоб ҳам харида, дар Баҳрпанҷа ба девонбегӣ мефурӯхтанду фоидаи хубе ба даст меоварданд. Ин навъи муомиларо шунида, аз қишлоқҳои дуру наздик, одамони зиёде барои фурӯхтани китобҳои гуногун ба қалъа рӯ оварданд. Дар андак муддат шумори кутуби, ба қавли Мулло Хишол, «ганҷури адаби Шуғнонзамин» аз ду ҳазор гузашт. Аз фаровонии китобу пайдо кардани шунавандаи бисёр охон ба худ меболид. Барои шунидани мавъизаю гуфтори Мулло Хишол, акнун дар баробари навкарон, ба лайлияи[1] онҳо одамони маърифатдӯсти дарбор ва деҳаҳои атроф низ меомаданд.

Яке аз ҳаводорони пурраѓбати китобхонаю маҷлисҳои Мулло Хишол Ширинбек буд. Вай дар ниҳоят, ба туфайли ташкил шудани

---

[1] Лайлия - хобгоҳ

китобхона, маснавии бузурги Фирдавсиро ба даст оварда тавонист. Орзуи мутолиаи «Шоҳнома»-ро ба дилаш оқсақол Сафари худораҳматӣ, ки ба туҳмат аз дасти Муҳаббатхони золим кушта шуд, андохта буд. Сафару Ширинбек пайванди хешутаборӣ доштанд ва ҳар гоҳе Сафар ӯро бинад, мегуфт, ки корномаи авлодашон – шамирони Шуғнон дар «Шоҳнома» сутуда шудааст. Ин китобро ба дархости Мулло Хишол ва амри Юсуфалихон, дар ду нусха аз Ҳиндустон оварданд. Вақте ки Ширинбек онро ба даст гирифта, ҳаҷмашро диду вазнашро санҷид, ба чашмонаш бовар намекард, ки китоб ҳам ин қадар калону захим мешавад.

«Барои хондани ин китоб умрам камӣ мекунад, мулло», – гуфта буд чанд моҳ пеш ба Мулло Хишол, вақте ки онро ба орият мегирифт. «Ин достонро агар ба даст гирифтӣ, то ба охир нарасонӣ, дилат қарор намегирад», – посух дода буд охон ва ҳазл кард, ки, – ҳазрати Фирдавсӣ ба мисли худаш умратро хеле дароз мекунад».

Гапи охон рост баромад. Инак, Ширинбек «Шоҳнома»-ро пас аз мутолиа ба Мулло Хишол месупораду аз рӯзи гирифтанаш андаке бештар аз се моҳ гузаштаву халос. Мулло Хишол китобро бадиққат аз назар гузаронда гуфт:

– Ҳалолат бод, бародар! Ягон нуқсу хароше надорад. Ҳатто ҷилдашро нав кардаӣ, ҳазорон ташаккур, – парвини[1] бахмалии китобро силакунон изҳори миннатдорӣ кард ӯ.

– Ин се моҳ тамоми Демурғон ҳар рӯзи Худо шабшунавӣ дошт. Баъди намози шом дар хонае ҷамъ омада, баъзан то рӯз ин китоби бузургро мехондем. Дар ҳақиқат, гапи калонсолон рост будааст: аз аҷдодам – шаҳмирони шуғнӣ, дар чанд ҷояш ёд шудааст. Чи мардуми мағруру сарбаланд ва ҷанговарони диловар будаанд онҳо! Лекин аз як чиз дар дилам шубҳа афтод.

– Аз чӣ?

– Фирдавсӣ рӯйрост «Шуғнон» ва «шуғнӣ» нагуфтааст. Ҳама ҷо ё «Шингон» аст ё «Шукнон», ё «шукнӣ». Чаро ин тавр?

Мулло Хишол дақиқае сар ба андеша гузошт ва ҷавоб дод:

– Ин ҷо, ба фикрам, мушкил дар талаффузи «Шуғнон» ба форсӣ аст. Аз он ки овози «Ү» дар забонашон вуҷуд надорад, калимаи «Хуүнӯн»-ро порсигӯён ба гӯишашон мувофиқ талаффуз кардаву менависанд. Мо ҳам калимаҳои форсиро ба забони худ мувофиқ кар-

---
[1] Парвин - ҷилд

да, талаффуз мекунем. Ана ҳамин номи ман, ба назарат, чӣ маъно дорад?

– Хишол?

– Бале, Хишол.

Ширинбек асабҳояшро таранг кашида, ҳарчанд андешид, дар майнааш шарорае барқ назад:

– Намедонам. Мани деҳқон ба ин чизҳо аз куҷо сарфаҳм меравам?

Мулло Хишол шакарханде заду гуфт:

– Дуруст мегӯӣ. Забон, аз ҳама пеш, моли деҳқонону чӯпонон аст. Ин хел калимаҳоро, ончунон ки ба гӯшашон расидаанд, дар ёдашон нигоҳ доштаанд. «Хишол» ҳам аслан дар порсӣ «хушҳол» аст, яъне «ҳоли хуш». Лекин аз он ки мо – шуғниҳо, овози «ҳ» надорем, онро аввал чун «хушол» қабул кардем. Баъд дар шакли «хшол» ба забони худ чунон мувофиқ сохтем, ки ҳоло чӣ маъно доштанашро ҳам намедонем.

Ширинбек аз ғояти ҳайрат чанд бор сар ҷунбонду зербурутӣ хандид:

– Чӣ олими бузурге ҳастӣ, охон! Акнун шубҳаам бартараф шуду бо дили пур дар назди душману дӯст худситоӣ карда метавонам, ки Фирдавсӣ дар бораи бобоҳоям сухан гуфтааст. – Ва овозашро туздона паст карду афзуд: – Росташро гӯям, ифтихор дорам, ки шамирон ин қадар қавми боғуруру баномус будаанд.

– На танҳо шамирон, тамоми шуғниён озодмардуми сарафрохта буданд, – шарҳ дод охон. – Рустам ҳам аз ҳамин дудмон буд, Кайқубод ҳам, Исфандиёру Сиёвуш ҳам. Фирдавсӣ чанд бор зикр мекунад, ки шуғниҳо гоҳе бар зидди Тӯрон, гоҳе ба муқобили Эрон лашкар ороставу ҷанг кардаанд. Ман ҳамин рӯҳияро дар замири навкарону афсарони дарбор талқин мекунам.

– Хеле кори савобе мекунӣ, мулло. Шуғниҳо чи қадар таърихдону илмнок шаванд, ба ҳамон андоза дар муқобили душманонашон сарҷамъу якдил мегарданд.

– Чашми бад нарасад, шоҳамон пуштибони илму адаб аст. Ин ҳама шароит ба шарофати дастгириҳои ӯст.

Ин гап ба Ширинбек он қадар нафорид. Чашмони калонашро танг карду риш дар ангуштон фишурда нимшунаво гуфт:

– Ман мегӯям, ки ҳолам хуб аст, аммо ту бовар накун. Ба назарат менамояд, вале диламро касе дида наметавонад. Бовар накун,

мулло. Аз ҳамин Фирдавсии хирадманд ду сатр хондаму ҳамоно дар хотирам нақш баст:

**Зи нопокзода чӣ дорӣ умед?**
**Ки зангӣ ба шустан нагардад сафед.**

Мулло Хишол ангушти ҳайрат ба даҳон бурд. Ӯ аз Ширинбек дар бораи шоҳ Юсуфалихон чунин фикреро интизор набуд. Китф дарҳам кашиду ба ҳамон шеваи баёни оқсақол савол дод:

– Наход ки ба *ту* барин инсони маърифатдӯст бовар накунам?

– Охон, ту аз куҷо медонӣ, ки *баъзеҳо* ба хуфя чӣ корҳои сиёҳе анҷом медиҳанду чӣ нақшаҳои сиёҳе доранд? Ба ту аз он меҳрубонӣ мекунанд, ки дар назари авом одами дурусту адабпарваре битобанд. Лекин ту ҳам ин фурсатро барои китобхонаву мактабат истифода кун. «Аз хирс мӯе» гуфтани бобоҳоямон ба ҳамин маъност.

Ин асно Мирзоазиз даромаду риштаи суҳбаташонро канд. Вай бо қадамҳои тезу чеҳраи ҷиддӣ салом дода, дасти ҳар дуяшонро бӯсиду ба Мулло Хишол рӯ овард:

– Охон, омадам, арз кунам, ки духтари Исҳоқро бароям хостгорӣ кунед.

Охон китобро боэҳтиёт рӯи болишт гузошту аз ғояти ҳаяҷон рухсораҳояш пир-пир париданд.

– Духтари Исҳоқи раҳматиро? – пурсид нобоварона охон.

– Бале.

Ширинбек ба мақсади тарк кардани ҳуҷра бархосту даст ба китфи ҷавон гузошт:

– Савобтарин кори оламро мекунӣ, бачам. Умре, ки дорӣ, рӯҳи он марди ғарибгӯр мададгорат мешавад. Охон, Мирзоазизро аз нийяташ нагардон.

Оқсақол ба аломати паноҳбахудо даст ба рӯ кашиду бадар рафт. Мирзоазизи аз гапаш рӯҳгирифта арзашро идома дод:

– Ман ба ҳамин қарор омадам, охон. Илтимос, «не» нагӯй.

– Мирзо, туро ҳамин рӯз ба кӯчбанди хонаи Исҳоқ нафиристоданд?

– Фиристоданд. Лекин вақти пурсупос маълум шуд, ки Исҳоқ дар назди мардум гуноҳе надорад. Ба фурӯхтани он сад нафар вайро Муҳаббатхон маҷбур кардааст. Исҳоқ бандиёнро ба Файзобод нарасонда, озод карда будааст.

– Аҷиб, – ришашро ханҷолкунон гуфт Мулло Хишол, – қисса ин тавр рафта бошад, авор кардани аёлаш на дар бел меғунҷад, на дар ҳанҷан[1]. Лекин амри шоҳро иҷро накунӣ, аз чашмаш меафтӣ. Ман ҳам…

– Айнан ба ҳоле афтодам, ки як сол пеш Исҳоқ афтодаст, – гуфт Мирзоазиз, – лекин агар ҷабран ин корро кунам, ба номи падарону бобоёнам иснод меорам. Барои ҳамин фикр кардам, ки духтари оқсақоли худораҳматиро ба занӣ гираму ба ин баҳона гуноҳи падарашро аз шоҳ бихоҳам.

Мулло Хишол шубҳа кард:

– Розӣ нашавад-чӣ?

– Бояд розӣ шавад. Се моҳ пеш худаш гуфта буд, ки ҳарчи зудтар кадхудо шавам. Тую Гулпочо ҳамроҳам ба ҳузураш дароед, секаса хоҳиш кунем, аз гапамон намегузарад.

– Кай?

– Гуфтану кардан, худи ҳозир.

– Рафтем, – ба қарори қатъӣ омад Мулло Хишол.

* * *

Гулпочо ин соат ҳамроҳи девонбегӣ Муборак, ясавулбошӣ Мурассаъ, шоҳзода Асламхон – нозири мулки Шохдара, мирзо Сурхалишоҳи пидрӯдӣ, Манзаршоҳ – ноиби ҳокими Рӯшону Бартанг, Ширинбеки демурғонӣ, Шодмонбеки шидвудӣ, Додихудои сучонӣ, Шоҳсабоии ғундӣ ва чанд мансабдори дигар аз Дарморахту Поршинев дар боргоҳи Юсуфалихон ба машварат нишаста буданд. Шоҳ бо тамкин, бидуни ягон эҳсос, – гӯё дар бораи дарави ғалла ё шикастани замини дайм гап мезада бошад, – дар бораи басо печидаву мураккаб шудани вазъи сарҳадот ва фирори шоҳаншоҳи Бадахшону Тахористон Ҷаҳондоршоҳ ба Чатрор сухан гуфту сипас андешаҳои онҳоро шунидан хост. Ин хабари шум ҳозиронро сахт мутаассир сохт. Сукути ноҳинҷори гаронро аввал Асламхон шикаст:

– Агар ин хабар рост бошад, бояд ба ёрии шоҳаншоҳ бирасему ба Файзобод лашкар бикашем. Агар чунин накунем, ба сари худамон сипоҳ мекашанд.

Юсуфалихон сар ҷунбонду чизе нагуфт; медонист, ки ин гапро Ниёзбегим – модари Асламхон дар даҳонаш гузоштааст.

---

[1] Ҳанҷан, анҷан – арғамчини аз навдаи дарахт бофта.

– Шукронаи Худо, ки аз баракати шоҳамон лашкар дорем, – панҷа бар ғилофи ханҷараш гузошт Шодмонбек, – шоҳзода рост мегӯяд. Барф он қадар калон нест, дар ду рӯз ба Файзобод расидан мумкин. Коре кунем, ки ҷанг ба Шуғнон наояд.

Боз хомӯшӣ ҳукмфармо гашт.

– Ясавулбошӣ чӣ фикр дорад? – рӯ ба Мурассаъ овард шоҳ, – ту дар Тахор афсарӣ кардаӣ, шояд роҳи беҳтаре нишон диҳӣ.

Мурассаъ тибқи одате, ки дошт, вазни ҳайкали бузургу қавиашро ба пойи чап партофта, гарданашро ҳам ба ҳамон тараф каҷ карду посух дод:

– Шоҳам, авғонҳо қувваву силоҳ ва таҷрубаи калони ҷанг доранд. Танҳо бо Кофаристон қариб бист сол разм кардаанд. Мо вақте ба онҳо сарбасар шуда метавонем, ки Ишкошим, Вахон, Чатрор, Ёрканд ва Бадахшон дар зери як дирафш муттаҳид гарданд. Агар масъалаи сарҳад ба ин дараҷа нозук шуда бошад, пас авғонҳо танҳо нестанд. Дар пушташон инглисҳо набошанд, ба рӯям туф кунед.

Муҳокимаи Мурассаъ ба шоҳ писанд омад. Вай сар ҷунбонду ба Манзаршоҳ нигарист. Манзаршоҳ гуфт:

– Шоҳам, вақти мардию масоф ҳамин аст, ҷанг бошад, ҷанг мекунем. Агар Ҷаҳондоршоҳ роҳбариро ба зимма нагирад, умедамон фақат ба туст. Мурассаъ дуруст мегӯяд: аз Ёрканд то Дарвоз, аз Бартанг то Ҳунзову Чатрор бояд ба мо сипоҳ бидиҳад. Ба назди мири Кӯлоб ҳам одам фиристодан лозим аст. Ин ҳам, ки бояд зери як дирафш муҳориба кунанд, боиси рӯҳбаландию ҳамдилии ҳама мегардад. Ман дирафши қадимиамонро бо худ овардам. Иҷоза бошад, манзур кунам?

Ҳама чашми тааҷҷуб ҷониби Манзаршоҳ дӯхтанд. Шоҳ иҷоза фармуд:

– Албатта, мир.

Манзаршоҳ чакман аз тан кашиду банди халтаи чармини лӯлаеро, ки дар паҳлуи чапаш овезон буд, аз китфаш бароварда, аз он парчаи кабуде бадар оварду болои сар барафрошт. Офтоби шуълаафшони ҷингилакокул, ки дар марказаш чархандаи сабзфом дошт, гӯё аз паси шонаҳои Манзаршоҳ тулӯъ намуд. Шоҳ лаҳзае онро аз назар гузаронду нигоҳашро ба парчаи рӯи девори пушти тахташ давонд. Ҳозирон ҳам якбора ба ҳамон тараф нигаристанд. Матоъи дасти Манзаршоҳ ва матоъи болои тахт чун себи дукафон монанд буданд!

– Инро аз куҷо ёфтӣ? – ҳайраташро пинҳон дошта натавониста, пурсид Юсуфалихон.

– Аз Чоснуд. Аз бобоям Шайхзода дар дасти пирам Ҳоҷимуҳаммад амонат буд. Чанд моҳ пеш ба ман таслим кард ва гуфт, ки ин парча матоъи одӣ нест, он тилисми бешикастии давлати мост. Барои ҳамин гапи пир бо худ гирифтам, ки дар набард бо душман дили моро неру бибахшад.

Юсуфалихон сухани Шайхзодаро мулоҳиза намуду гуфт:

– Оё ба исми Ҳоҷимуҳаммад ҳам пире вуҷуд дорад? Ростӣ, нашунидаам.

– Вай пири ҳуҷҷатӣ нест, шоҳам, пири худам, инсоне, ки ба фаросату хирадаш эмони комил дорам.

Мурассаъ гапи Манзаршоҳро тасдиқ намуд:

– Шоҳам, ман Ҳоҷиро хеле хуб мешиносам, холаки[1] ҳамин Ширинбеки худамон аст. Инсони соҳибмаърифату саховатпешаест. Соле, ки туву Амирбек дар Почвар музокирот доштед, вай ҳам бо Амирбек ба он ҷо омада буд.

– Ҳамоне ки Амирбеки бетармолӣ дар хонааш зиндагӣ мекард? – аз он ки Мурассаъ лаҳзаи ногувори зиндагиашро ба хотир овард, ҷониби Ширинбек рӯй туруш кард шоҳ, – вале агар ин дирафш барои басечи халқ заррае кор диҳад, ҷои нозу ҳазар нест. «Мӯреву мададе» гуфтаанд. Сайид Фаррухшоҳ ҳам дар бораи дирафш андешае дошт. Фикрашро ки фаҳмидем, ба хулосае меоем.

– Шоҳам, дар ҳар сурат, фавҷи Рӯшон бо ҳамин дирафш ба майдони ҳарб меояд, – гуфт Манзаршоҳ, дарафшро аз нав лӯла кардаву ба ғилофаш гузошта. – Бар сари тахти ту низ ҳамин дирафш аст.

Юсуфалихон ба нимтабассум сар ҷунбонду масъалаи дигарро ба миён гузошт: кадом мулк чӣ қадар сипоҳӣ дода метавонад? Мансабдорон мегуфтанду Сурхалишоҳ дар коғазе менавишт. Хулоса, барои ҳимояи Шуғнон дастикам панҷ ҳазор, барои ҳуҷум ба Файзободу озод намудани Бадахшону Тахористон беш аз бист ҳазор сипоҳӣ лозим дониста шуд. Шоҳ амр дод, ки ҳокимони ноҳияҳои Шуғнон барои тақвияти лашкар, ки аз ду ҳазор сипоҳӣ беш набуд, то иди Наврӯз боз се ҳазор марди ҷангӣ омода намоянд. Ва таъкид намуд, эълон доранд, ки ба ҷанговарон музди хуб ва имтиёзи доимӣ дар супурдани молиёт дода мешавад.

---

[1] Хол, холак – бародари модар; тағо

Вақте машварат ба охир расиду боргоҳ аз аъёну ашроф холӣ гашт, Сурхалишоҳ хабар дод, ки Мулло Хишолу Мирзоазиз гапи заруре доранд. Юсуфалихон худ мароқ зоҳир кард:

– Худам даъват кардан мехостам, дароянд.

Номбурдагон ҳамроҳи сипаҳсолор Гулпочо ворид шуданду салом доданд. Шоҳ ба певозашон чанд қадам гузошту ҳар серо гарм истиқбол намуд:

– Куҷое Мирзоазиз пайдо шавад, ҳодисае бино шавад, – аз гапи шеърмонанди банохост ба забон омадааш хурсанд, нидо дардод шоҳ, – сипаҳсолорро ҳам аз роҳаш гардондед?

– Муҳим коре баромад, шоҳам, – арз кард Мулло Хишол, – Гулпочоро шофеъ гирифтем.

– Мирзоазиз боз гиребони касеро канд-чӣ? – ҷиддишӯхӣ суол дод шоҳ.

– Ин бор гиребон не, домани духтареро гирифт, шоҳам.

Юсуфалихон ба як қадами фарох худро ба паҳлуи Мирзоазиз гирифт ва гуфт:

– Ку қадқадак[1] бикунем, ту дароз ё ман? – ва даст бар сари Мирзоазиз гузошту хандид: – Як ваҷаби дигар ёзӣ, дарёбам мекунӣ, андувол. Домани духтарро қапида бошӣ, табрик! Яъне, ақлат даромадааст.

Мирзоазиз аз шарм суп-сурх шуду сар поин андохт.

– Шоҳам, ин хоназодатро, Худо медонад, ақлаш даромадаст ё зоил шудаст. Барои ҳамин дастури туро мехоҳем, – ба гап ҳамроҳ шуд Гулпочо.

– Қисса кун, – ҳайрон шуд шоҳ.

Гулпочо ба чашм ҷониби Мулло Хишол ишора кард. Охон лаб ба арз кушод:

– Хеле хурсанд шудем, ки охируламр Мирзоазизи мо мардаки зангир шуд, аммо, чунон ки худ дар ҳақаш фармудӣ, ин кораш ҳам бе ҳодиса нест, шоҳам.

– Зангирӣ худаш ҳодиса аст, охон, – шакаррезӣ кард шоҳ, то Мулло Хишол далертар шавад.

– Бале, аммо ин ҳодиса чигилтар аст. Гап дар сари он ки Мирзоазиз ба духтари раҳматӣ Исҳоқи оқсақол дил баставу дар пошнаи мо дирафш халонда, ки вайро барояш хостгорӣ кунем.

---

[1] Қадқадак – паҳлуи ҳамдигар истода, ба ҳам муқоиса кардани дарозии қад. Як навъ саргармии кӯдакон.

Қиёфаи шоҳ якбора ҷиддӣ шуд.

– Мо амр додем, ки он бетармолиро хонахез авор бикун, Мирзо. Ягон каси дигар наёфтӣ?

Мирзоазиз назди шоҳ зону заду гуфт:

– Шоҳам, ба шафоати ин ду мард ва арвоҳи падару бобоёнам гуноҳи он хонадонро аз ту металабам… – Ва пас аз сукуте афзуд: – Қавли мардӣ медиҳам, ки аз онон ба мулку давлатдорӣ зиёне намерасад.

Шоҳ гапи Мирзоазизро дар тарозуи ақл санҷиду гуфт:

– Ин гуна сухан танҳо ва танҳо аз даҳони мардаки комил мебарояд. Хушият ҳамин бошад, ман он хонаводаро комилан ба ту бахшидам, Мирзо! Як суре барпо кунем, ки фақирон сер шаванду мурғони ҳаво ба рақс оянд.

На Гулпочо, на Мулло Хишол, на Мирзоазиз ин сон олиҳимматиро аз Юсуфалихон чашмдор набуданд. Онҳо ба мисли афсуншудагон ба шоҳ менигаристанду бовар намекарданд, ки мушкилашон чунин содаву осон ҳал гардид.

## «ЧУ ФАРҲОД ИН ЗАМОН АЗ КӮҲКАНОНАМ»

Сайид Фаррухшоҳ аз равнақи кори тоза кардани ҷӯйбори калон ниҳоят мамнун буд. Он бо омадани барфу сармо ҳам ягон рӯз қатъ нагашт. Ҳама медонист, ки роҳи ягонаи раҳоӣ аз беобиву пешгирии қаҳту гуруснагӣ тозаву фарох кардани ҳамин ҷӯйи наҷотбахш аст. Хосса, ки шоҳ Юсуфалихон ҳоло даҳони ҳамёни ҳимматро боз кардаву пир Сайид Фаррухшоҳ обу хӯрок ва дастмузду помузди ҳар як коргарро вақт ба вақт мерасонаду мепардозад. Бунаҳои деҳаҳои Поршинев, ҳар яке дар ҳудуди рустои худ, ба коргарони кироя бо ҷидду ҷаҳд ёрӣ мерасонанд.

Рӯҳбаландие сартосарӣ дар фазои деҳкадаи бузургтарини Шуғнонзамин болу пар мезад. Хушвақтии ҳамдиёронашро дида, Сайид Фаррухшоҳ худро хушбахт ҳис мекард. Вай, аз он ки дар назди муридон рисолати пириашро бо амали мушаххасу пур аз савоби хеш иҷро намуда, эътиқоди онҳоро ба мазҳаб боз ҳам афзуд, ба Худои Аззаву Ҷалла дилбастатар гардид. Зеро маҳз Худованд аст, ки аз роҳи лутфу меҳрубонӣ, дар вақти зарурат, ақли ӯро мунаввару забонашро шакаррез мегардонад, то ба хотири осудаҳолии халқу ободии

мулк дурусттарин тадбир ба кор бараду муассиртарин суханон бар забонаш ҷорӣ шаванд.

Нийяти нек накутарин подош ҳам дорад. Ҳамагӣ соле қабл Сайид нийят кард, ки барои ободии деҳааш кори бузурге анҷом диҳад ва худи ҳамон соат масъалаи тоза кардани наҳри калон низ ба вуҷуд омад. Подоши ин тасмими бузург ҳам дер накашид: Сайид Фаррухшоҳ бо порсотарин зани Шуғнонзамин – Икронбегими сӯфимашраб издивоҷ кард ва аз сифатҳои неку собитқадамии ҳамсари наваш дар роҳи ризои Аллоҳи Таъоло ангушти ҳайрат газид! Чизе, ки аз рӯзҳои нахустини ҳамхонагиашон Сайидро ба ҳайрат гузошт, рӯзаи доимии ҳамсараш буд. Сайид Фаррухшоҳ чун тамоми мусулмонон дар моҳи муборакӣ рамазон рӯза мегирифту ҳар моҳ рӯзаи Алиро ҳам пос медошт. Вале Икронбегим ҳар рӯзи Худо, баробари ситорапар рӯза мегирифту баробари ситорарух рӯза мекушод. Ин хислати ҳамсар меҳри шавҳари соҳибтақвояшро ба вай чандин маротиба бештар кард, аммо метарсид, ки ба саломатиаш зараре нарасонад. Бинобар ин, рӯзе хоҳиш кард, ки:

– Валъамат, акнун ки хонадору серташвиш шудӣ, рӯзаи маъмулӣ бигирӣ, беҳтар, зеро намехоҳам, ки обу афгор гардиву мардум гумон накунанд, ки ман бароят оши ҳалол намедиҳам.

Икронбегим шакартабассуме зад ва гуфт:

– Пирам, иҷоза нест.

Икронбегим, ончунон ки то издивоҷ Сайид Фаррухшоҳро «пир» мехонд, баъди шарафи ҳамсариашро ёфтан ҳам ба шавҳараш «пир» гуфта, хитоб мекард.

Фаррухшоҳ ба ин гапи аҷиби занаш ҳайрон шуд:

– Агар пират ман бошам, иҷозат додам.

Зан асроромез ба шавҳараш нигарист, ангушт ҷониби осмон бардошту боз ҳам инкор кард:

– Иҷоза нест…

Аз ғояти тааҷҷубу ифтихор мӯй бар бадани Сайид рост шуд. Вай нохудогоҳ пешонии ҳамсарашро бӯсида, се бор «шукран лиллоҳи вал-ҳамду-л-иллоҳ»-гӯён барои насиби ӯ гардондани чунин ёри мувофиқ Худои Таборак ва Таъолоро сипос гузошт.

– Фардо шаби ялдост, ту онро чӣ тавр мегузарондӣ? – пурсид Сайид.

– Бо зикру намози хуфя, – ҷавоб дод зан, – чун шаби Лайлатулқадр, лекинросташро гӯям, намедонам, ки Ялдо аз Лайлатулқадр чӣ фарқ дорад.

Сайид шарҳ дод:

– Ялдо дарозтарин шаби сол аст, ки дар он Офтоб аз нав таваллуд мешавад. Мо, ки фарзандони Хуршеди оламороем, ба хотири таҷаллии тозаи ин партави ҷамоли Худованди Зулҷалол шабзиндадорӣ мекунем, то ба аҷзи худ иқрор намоему қудрати Парвардигорро гардан биниҳем. Баъд ки ба мард даромаду қувват гирифт, он рӯзро Хирпичор ё Сада гуфта, ид мекунанд. Ҳаждаҳ рӯз, ки аз ин гузашт, ҳисоб ба зонуи мард мерасад ва ин рӯзро Хирчизон меноманд. Дар ин рӯз бат[1] мепазанду хурсандӣ барпо мекунанд ва ин идро Батайём ҳам гӯянд. Яъне, Офтоб аз овони ба ишкам хазидан гузашта, ба чорчангол гаштан мерасад. Вақте ки баъди сӣ рӯз ҳисоб ба дил расид, Офтоб қомат рост мекунад ва ин рӯзро Хидарайём – Иди Бузург ё ба порсӣ Наврӯз меноманд.

Шавҳар суханашро ба охир расонд, зан чун шогирди муаддаб баъди сукути вай дақиқае боз сабр карду сипас ба нармии абрешимӣ наҷво зад:

– Раҳмати Худо нисорат бод, пирам. Вобаста ба гуфтаҳоят ба сарам фикре омад. Арз кунам?

– Албатта, бигӯ.

– Агар муқобил набошӣ, шаби Ялдоро ба коргарони наҳр бибахшем.

– Ту гуфтанӣ, ки ба онҳо худоӣ диҳему то саҳар дар хизматашон бошем.

– Оре, пирам.

Сайид Фаррухшоҳ пешниҳоди занашро мулоҳиза намуду гуфт:

– Ман хостам, ки шоирону олимони маъруфамонро даъват кунам, аммо таклифи ту ниҳоят баҷост. Чунин мекунем.

– Аҳли донишро шаби дуюм даъват кунем-чӣ? Халқи одӣ аз суҳбати пири мулк баҳра барад, дилашон ба ҳаёт гармтар мегардад.

Сайид Фаррухшоҳ ба ақлу фаросати зани донову порсояш офарин хонду амр дод, ки фардо ба коргарон таътил эълон кунанду намози шом ҳамаро ба шабнишинӣ даъват намоянд.

[1] Бат – ҳалво

* * *

Табъи Сайид Фаррухшоҳ пас аз суҳбат бо ҳамсараш тамоман чоқ шуд. Вай ба қироатхона даромаду аз тоқи китобмонӣ қутичаи чӯбинеро, ки devoraҳояш катибаҳои ҳаккокӣ доштанд, гирифта, дар назди мизи пастаке дузону нишаст. Аз қутича давоту килк бароварду аз болои бастаи коғази рӯи миз варақеро сӯи худ кашида, зери лаб «Бисмиллоҳи раҳмониррраҳим» гӯён ба навиштан оғоз кард:

**Ба номи поки Бисмиллоҳи Раҳмон,**
**Худованди замину чархи гардон.**
**Баён созам ба номи шоҳи шоҳон**
**Ҳамебуданд андар мулки Шуғнон.**
**Шунав аз ман асомӣ номае чанд,**
**Ки то гардӣ аз ин гуфтор хурсанд.**
**Фалак ҳар рӯз тарҳи тоза дорад,**
**Ба коми душманон хамёза дорад…**

Аз рӯзе, ки Юсуфалихон пешниҳоди ӯро дар боби тозаю фарох кардани ҷӯйбор пазируфт, Сайид Фаррухшоҳ, ба хотири меҳрубониии шоҳ ба раият, нийят кард, ки дар бораи таърихи шоҳони Шуғнон шеъре бинависад ва ному кори Юсуфалихонро дар он ба некӣ рақам бизанад. Мазмуни он дар зеҳнаш пухт, ба қудрати шоирияш низ бовар дошт, зеро баъзан чизҳое навишта, ба хусураш шоир Саидҷаъфар медод ва аз вай таъриф ҳам мешунид. Танҳо ҳолате лозим буд, ки шоирро таҳрик бидиҳаду сари мизи нависандагӣ бинишонад. Зани азиздурдонааш ҳамин ҳоло хотирашро болида сохт ва ӯро барои рӯи сафҳа рехтани афкору эҳсосаш болу пар бахшид. Симои ҳамсари фариштахӯ чеҳраҳои тамоми аҷдоди вайро, ки пушт ба пушт шоҳони Шуғнон буданд, дар пеши назараш яксон меҳрубону нозанин ба ҷилва овард. Медонист, ки ин ҳолат руъёи фиребо буда, аз воқеият хеле дур аст, аммо як бартарии муҳим дорад: шеъраш дар ниҳояти кор иншо мегардад! Агар пархошу бедоди онҳоро ба назар гирад, мисрае ҳам аз зери килкаш берун нахоҳад омад.

Байтҳои нопайдо, аввал, пайи ҳам аз ганҷури сухани шоир пушти ҳам ба дафтар менишастанд, ба чизи дидашаванда табдил меёфтанд, сонӣ ба забон меомаданду дили офаридгорашонро шод мегардонданд:

**Чунин гӯянд доноёни нотиқ**
**Зи мозии шаҳони даври собиқ:**
**Бузургу номдори аҳди даврон**
**Асомии шарифаш Абдураҳмон.**
**Ба Шуғнон омаду бар тахт биншаст,**
**Пайи хориқ аён кардан камар баст.**
**Чу аз насли шарифаш монд бунёд,**
**Мар он шаҳро бигуфтандӣ Худодод.**
**Чу бар тахти хилофат гашт машҳур,**
**Аз он шуд душманони шоҳ мақҳур.**
**Дигар давлат – шаҳи ҳаждаҳ писар шуд,**
**Шаҳаншоҳи тамоми баҳру бар шуд…**

Пас аз он ки як сафҳа аз навиштаҷот пур шуд, Сайид Фаррухшоҳ ба пешравии иншо бовар ҳосил намуду мақсад гузошт, ки дераш, то чошти фардо қасидаро ба охир расонда, дар маҳфили шаби пас аз ялдо ба меҳмонони соҳибмаърифаташ бихонад. Вай чеҳраҳои шоирони номдор Ҷаъфар, Қудрат, Шоҳабдулло, Назмӣ, Мирзо Кӯчак, Айёмбеки Мунҷониро, ки дар иду айём онҳоро ба хонааш даъват карда, маҳфилҳо меорост, пеши назар оварда, рағбаташ бамаротиб афзуд. То ба ҳол дар наздашон ягон байти эҷодкардаи худашро нахонда буд, – метарсид, ки пучу бемаъно бошаду эътиборашро бикоҳад. Аммо ин бор мехонад, албатта, мехонаду дар ситоиши шоҳи раъиятнавози мамлакат ҳам сухане арза медорад.

Мисраъҳо пайи ҳам рӯи варақҳо қатор шуданд:

**Дигар дар мулки Шуғнон собиқуннаъл**
**Ба тахти хусравӣ биншаста чун лаъл,**
**Бурун омад аз он маъдан чу ганҷе**
**Асомии шарифаш Шоҳ Ванҷӣ.**
**Зи баъди Шоҳ Ванҷӣ, он шаҳи нек**
**Ба машҳурӣ, ки гуфтандаш Амирбек.**
**Накурӯю накухӯю накузод,**
**Саройи дилраборо кард обод.**
**Ба ҳар ҷое зи кӯҳу дашту саҳро**
**Бурун овард ҷӯй аз кӯҳи хоро.**
**Худо розӣ аз ӯ, ҳам халқ розӣ,**
**Чунин буданд он шоҳони мозӣ!**

**Шаҳи Ванҷӣ – амири мулки Шуғнон**
**Бадахшонро гирифта то Калавкон.**
**Ҳама мулки Бадахшон дар нигин шуд,**
**Ба охир манзилаш зери замин шуд.**
**Зи баъди он шаҳи султони олам**
**Қубодхон шуд қубоди мулки хотам.**
**Набуда дар ҷаҳон монанди он шоҳ,**
**Ҳамеша фатҳу нусрат буд ҳамроҳ.**
**Гуле дар гулшани шоҳи Қубодхон**
**Алам зад рояти Абдурраҳимхон.**
**Валии аҳд буд он шоҳи одил,**
**Набуда ҳеҷ кас бо ӯ муқобил…**
**Ҳама шоҳон зи насли Шоҳ Хомӯш,**
**Асомий Абдураҳмон дор дар гӯш.**
**Сайид асту сайид асту сайид аст,**
**Худояш дар ду олам баргузидаст…**
**Чунон аз гулбуни Абдурраҳимхон**
**Баромад дар чаман Юсуфалихон.**
**Ба зебу зиннат он шоҳи накубахт**
**Пас аз аҷдоди худ биншаст бар тахт.**
**Ҳам аз ақлу ҳам аз ҷуду ҳам идрок,**
**Баромад тумтароқи шаҳ бар афлок.**
**Ду номи нек дорад бе тахаллуф:**
**Яке ном аз Алӣ, дигар зи Юсуф.**
**Расонда Юсуфи мисрӣ ба тахташ,**
**Шаҳаншаҳро диҳад иқболу бахташ.**
**Алӣ ёрирасон бошад ҳамеша**
**Канад аз душманонаш беху реша!**
**Бимонад то қиёмат насли он шоҳ,**
**Нагардад мунтақеъ аз фазли Аллоҳ!**
**Худоё, хасми ӯро сарнагун кун,**
**Сӯи Илёсу Хизраш раҳнамун кун!**
**Шунав, эй ёр, аз ҷуду сахояш,**
**Чунон бахшиш намуда бар гадояш.**
**Маро аз фазлу ҷудаш ҳамқарин кард,**
**Зи мирони дигар болонишин кард.**
**Зи рӯи макрамат эҷод фармуд,**
**Саройи дилрабо обод фармуд.**

**Ба ҷуди он шаҳи Юсуфалихон**
**Магар фаррух рухи шоҳи фақирон.**
**Машаққат кард ба чандин қавм анбӯҳ,**
**Баровард ҷӯйборашро аз ин кӯҳ.**
**Зи беҷойии Шуғнон дар фиғонам,**
**Чу Фарҳод ин замон аз кӯҳканонам.**
**Худо обод дорад оби ҷӯяш,**
**Бимонад дар ҷаҳон номи накуяш!**
**Саду ду даҳ аз он Шоҳи Амирбек**
**Шуда вайрона ин обод чун рег.**
**Зи ғайну соду ре гар мешуморӣ,**
**Зи ободи пасинаш ёд орӣ.**
**Наҳангу мор аз таърих кун ёд,**
**Чунин вайронаро кардем обод.**
**Зи фазлу ҷуду тавфиқи бузургон**
**Шавад охир дар ин ҷо боғу бӯстон.**
**Барорам дасти ҳоҷоте тануманд,**
**Кунам «Ё Раб»[1] ба даргоҳи Худованд,**
**Ки, эй Раззоқи ризқи мӯру моҳӣ,**
**Диҳӣ Юсуфалиро подшоҳӣ!**
**Тамоми душманонаш соз мақҳур,**
**Шаҳаншоҳи ҷаҳонро дор масрур.**
**Заифиро ба лутфи худ қарин кун,**
**Ба зери сояи шаҳ ҳамнишин кун.**
**Каримо, Қодиро, Парвардигоро,**
**Нигоҳаш дор аз кулли хатарҳо!**
**Маро дар сояи лутфаш амон деҳ,**
**Амон аз фитнаи охирзамон деҳ.**
**Худовандо, дуоям кун иҷобат,**
**Ниҳӣ зилли илоҳӣ бар риоят.**
**Адолатро ба шаҳ дорӣ мусаллам,**
**Чунин омад дуо, в-Аллоҳу аълам!**

Шеър хеле осон эҷод шуд. Шоир ба мисраи охирин нуқта гузошту варақҳои навиштаро дар партави аз равзан ба суфа афтодаи офтоб, бо ҳавасу кунҷковии модарон нисбат ба тифли навзод, чанд

[1] «Ё Раб» ба шакли «ёраб» дар забони шуғнонӣ ба маънои зорию илтиҷо кардан маъмул аст.

дақиқа тамошо кард. Ду-се ҷоро ислоҳ даровард, баъзе маъниҳоро дар тарозуи мантиқ бори дигар санҷид, сипас аврокро ба талича гузошту даҳонашро баста, ба тоқча монду берун баромад. Фаросатшоҳи хизматгор, ки дар хорасанги назди боғ метин тез мекард, корашро партофта, ба истиқболи хоҷааш шитофт.

– Чӣ хабар? – садои нарму мулоими Сайид Фаррухшоҳ аз қаноатмандии дарунии ӯ дарак медод.

– Гул андар гул, – ибораи дӯстдоштаи худро ба забон овард Фаросатшоҳ, – Аз коргаҳ[1] ду путк, панҷ метин, ҳафт теша, шаш мисрон овардем. Белҳо баъди ду рӯз тайёр мешаванд.

– Анҷан чӣ?

– Аз анҷан камбудӣ надорем, то охири кор мерасад.

– Як бинам, – гуфт Сайид Фаррухшоҳ ва роҳи анборро пеш гирифт. Фаросатшоҳ пеш давиду дари анборро кушод. Дар суфаи чизмонӣ асбобҳои номбаркардаи хизматгор мехобиданд. Хӯҷаин ҳар якашонро ба даст гирифта, вазну андоза ва сифаташонро санҷиду хулоса кард:

– Оҳани Рӯшон аз Ванҷ камтар набудааст-ку. Ҳоло ки пул дорем, бист-сӣ пуд харида, захира кардан лозим.

– Кай одам фиристам, тақсир?

– Ду рӯз пас. Ҳоло ки роҳ кушода аст, набояд дермонӣ кунем. Ду хачири бақувват омода кун.

– Ба ҷон, пирам.

Хӯҷаину хизматгор аз анбор баромада буданд, ки саворе расиду аз боли зин рост худро ба пеши пои Сайид Фаррухшоҳ партофт. Вай хавф бурду худро ду қадам ақиб кашид.

– Салому сад салом, эй пири равшанзамиру оламгири Шуғнонзамин, сайиди олову воло аз гамтарин саги даргоҳи шумо! Бисёр-бисёр хоҳиш ва илтиҷо ва илтимос дорам, ги дақиқае ба забони пур аз лагнатам таваҷҷуҳ фармоед ва маро ба дидори муборагатон шарафёб намоед.

**Муштоқию маҳҷурӣ дур аз ту чунонам гард,**
**Г-аз даст бихоҳад шуд поёни шигебоӣ.**

Сайид Фаррухшоҳ аз бозуи меҳмони нохонда дошта, боло кашид:

---

[1] Коргаҳ – оҳангархона

– Қадатро рост кун, Ғазанфаршоҳ, ту одам барин салом карда наметавонӣ? Агар боз ба ҳавои сайидшавӣ омада бошӣ, на таъзимат ба кор меояд, на тамаллуқат.

Ғазанфар бархосту домани ҷомаи пирро бӯсиду ба чашм молид ва гуфт:

– Пазиред, напазиред, ин дайни муридии бандаи гумноми шумост. Ҳазорон сипос Парвардигори оламро, ги ин сагро ба дидори мубораги шумо расонд ва лаг-лаг бахшишу пӯзиш, ги вақти пурнакди шуморо мегирам, аммо ин бор аз шоҳи шоҳони олам, он султони богарам, яъне Сайид Юсуфалихони соҳибтахту ҷавонбахт ба ҳазрати шумо руқъае дорам. Агар иҷозат фармоед, бар гафи байзоии шумо ниҳода гунам.

Мазоқи Сайид Фаррухшоҳ аз забонварии меҳмони ғалатихисол роҳат ёфт, коғазро аз дасташ гирифт ва кушоду чашм давонд.

– Уҳӯ, ин бор худи шоҳро ба миён даровадай-ку! – Сайид Фаррухшоҳ ба чашмонаш бовар накарда, номачаро ду бори дигар хонду ба ҳайрати ошкоро афзуд: – Ту ба шоҳ чӣ муносибате дорӣ?

– Ҳамин қадар, ги дар Ёрганд чанд сол ҳамроҳ туфулият доштем, ҳазрати пир! Он замон вай ҳамроҳи падараш фирорӣ буд.

Сайид Фаррухшоҳ лаҳзае афту андоми назифи Ғазанфарро аз назар гузаронду гуфт:

– Эй марди пурчашм, кори шоҳ дунёдорист, кори ман – диндорӣ. Метавонам, ки гапи шоҳро нагирам, аммо ба се сабаб хоҳиши ӯро баҷо меоварам.

Ғазанфар рӯҳ гирифту аз нав дузону зада, домани пирро ба рухсораш пахш кард.

– Ҷонам ба қурбонат, эй пири равшанзамир ва эй мири батадбир!

– Аввалан, ин ҳама фидокорие, ки шоҳ дар ҳаққи табааи Поршинев карда истодааст, сониян, ихтиёри ӯст, ки ба авлоди худаш касеро бихоҳад, дохил кунад ва, солисан, ҳиммати баланди худат – барои фақироне, ки ҷӯй мекананд, чӣ хайре, ки мекунӣ.

– Ман барои мардуми диёре, ги чашмаи Пир Шоҳ Носир, остони имом Зайнулобиддин, қадамҷойи гавгаби осмони маърифат Мирсайид Алии Ҳамадонӣ ва пирхонаи шуморо дорад, танамро банда ва ҷонамро фидо мегунам. Фақат шумо ишора фармоед.

– Тану ҷонат, албатта, шарифанд, аммо ҳоло барои мардум моле хайр кунӣ, савобаш бештар мерасад.

Ғазанфар чобук сари по шуд, ба ду ҳаллос худро ба аспаш расонд, лаҷомашро гирифт ва пеш кашиду ба дасти Сайид Фаррухшоҳ ниҳод.

– Пирам, ин модиёнро падараш қирғизӣ, модараш гошғарист. Дар тамоми вилоят зоте аз ин пурбардошттар нест. Инро қабул фармоед, ман ду рӯз пас дар Ғунд ги шудам, боз як модиёну як нарро аз ҳамин зот ба даргоҳатон роҳӣ мегунам.

Сайид Фаррухшоҳ ёлу кӯполи саманди пурқуввату ҷавмастро ба ҳавас тамошо карду гуфт:

– Барои мо ҳоло аз модиён дида, пули модиён муҳимтар аст, андувол.

– Ҳар чи ги фармоед, пирам. Пули ду аспи ваъдагиро ҳам бидиҳам ё зинда расонам?

– Нақд дошта бошӣ, пули боз як модиёнро хайр кун, басанда аст. Аз ин зиёд ба сарат ҷабр мешавад.

Ғазанфар даст ба бағали камзӯлаш бурду ҳамёни калоне бадар овард ва даҳонашро кушоду гуфт:

– Пирам, ал-ваъдаю дайн, пули ду модиёнро ҳамин ҳоло медиҳам, легин аспро ҳам ба даргоҳатон зинда мерасонам. Се шаҳраво[1] дорам – рупия, бухороӣ, ёмбу. Гадомашро шуморам?

Сайид Фаррухшоҳ бо ҳайрат шакарханде заду гуфт:

– Валлоҳ-биллоҳ, ту барин инсони ҳушёру тайёрро бори аввал дучор омадаам. Рупия диҳӣ, беҳтар.

Ғазанфар ба суръати ҳайратовар пули ду модиёнро дар як нафас шумориду зону зад ва ба кафи Сайид Фаррухшоҳ ниҳод:

– Пиҳил гардам ин пули ҳалолро ба номи Аллоҳи Таъоло ба пир Сайид Фаррухшоҳ ва муридони Мавло.

Сайид Фаррухшоҳ пулро ба Фаросатшоҳ доду худ даст ба дуо бардошт. Вақте ки омин гирифтанд, соҳибхона муроот намуд:

– Акнун хона даро, ош ҳам тайёр, ҳалво ҳам.

– Бисёр мехоҳам аз суҳбататон баҳраёб шавам, аммо шоҳ ба оҷиле маро ба Гошғар фиристодаву фурсат даст намедиҳад.

– Ягон ҳодисаи муҳим рух додааст?

Ғазанфар чашмони калонашро ба Фаросатшоҳ дӯхт. Сайид Фаррухшоҳ ишорaро фаҳмиду амр дод:

– Фаросатшоҳ, пулро ба хона дарор.

---

[1] Шаҳраво – пуле, ки дар як мамлакат ба кор меравад.

Вақте ки хизматгор рафт, Ғазанфар аз рӯи эҳтиёт ба чор тараф назар андохту дар масофаи як ваҷаб ба ҳамсуҳбаташ наздик омад ва дар бехи гӯшаш пичпич зад:

– Ҳазрато, медонам, шумо аз ҳама чиз огоҳед, аммо аз қирғизон шунидам, ги ангрезиҳову русҳо Шуғнону Помирро ду бахш гардаанд. Шоҳ барои тафтиши ин ҳол маро ба Гошғар фиристод.

– Аҷабо, – Сайид Фаррухшоҳ ба аломати тааҷҷуб сар ҷунбонду афзуд: – Воқеаи чанд моҳ қабл акнун ба гӯши шоҳ расидаст? Бигардам ин хел давлатдориро.

– Шумо хабар доред, пирам?

– Пир ҳақ надорад, ки соате аз сарнавишти муридонаш дар ғафлат бошад.

Ғазанфар, ки бо огоҳии худ мехост пирро ба ҳайрат гузорад, худ аз огоҳии пир дар ҳайрат афтоду нидо дод:

– Тасаддуқи ҷони шумо, маро бибахшед, ги дар бохабариатон аз оламу ҳаводис нафасе шаг овардам.

Сайид Фаррухшоҳ лабханде заду гуфт:

– Бахшидам. Аммо чун азми Кошғар кардаӣ, чанд маслиҳате дорам.

– Бифармоед, пирам, – даст рӯи сина гузошт Ғазанфар.

– Дар ин ҷо не. Хона дароем, қуте бихӯрему гап занем. Ҳаройина, ман бояд руқъае ҳам бароят бинависам, ки Юсуфалихон дар асоси он туро ба шаҷараномааш дохил намояд.

Ғазанфар, ки ин тарафи масъаларо тамоман фикр накарда буд, ду дасташро чилликвор сари сина гузошта, сар хам карду гуфт:

– Хари сиёҳатон шавам, пири мулг. Галлаи пур аз шамоли ман ҳамин қадар гор мегунад.

Сайид Фаррухшоҳ меҳмонро ба хона дароварду Фаросатшоҳро фармуд, ки аспашро обу ҷав диҳад.

* * *

Саркорон, устоҳои номдор ва коргарони пешқадами тармими ҷӯйбор то субҳи содиқ ба шабшунавӣ нишастанд. Онҳо ҳамагӣ бори нахуст дар маъракаи муътабартарин шахси Шуғнонзамин иштирок мекарданд, Пас аз гузоридани намозу сарфи таом, Саид Фаррухшоҳ гуфт, одамон дар гузаштаҳои дур чун медиданд, ки гармии хуршед дар фасли тирамоҳ батадриҷ кам мегардад, яъне қувват аз танаш меравад, метарсиданд, ки мабодо ғуруб кунаду дигар аз тулӯъ бозмо-

над. Бинобар ин, чун дарозтарин шаб мерасид, ҷамъ меомаданду то рӯз ниёиш мекарданд, ки Осмон Офтоби ҷаҳонтобро аз нав таваллуд кунаду хокиёнро аз нуру рӯшноӣ маҳрум нагардонад. Ба нишони сидқу бовар ба инояти Осмон онҳо дар ин шаб чизҳои тавлиду ихироънамудаашонро ба маърака оварда, ба намоиш мегузоштанд ва то дамидани субҳ ҳар кас дар бораи чизи сохтаи худ ва тарзи истифодаи он нақле мекард. Яъне, бо намоиш додани ашёи таваллудкардаи худ, Осмонро ба дигарбора зодани Офтоб ташвиқ менамуданд.

– Ялдо, ба ҳақиқат, иди шумост, – гуфт Саид Фаррухшоҳ дар давоми гапаш, – шумо ҳастед, ки ҷӯйбори калонро сохта, агар Худованд саргармие пеш наорад, дери дераш ду моҳ пас ба охир мерасонед. «Қул ара-айтум ин асбаҳа мо укум ғавран фамай яътикум бимоъим маъин”[1]. Шумо дар ин муддат чи қадар сабад, бӯрё, намад, табар, теша, чок, ҳанҷан, бел, мисрон ва ғайраҳо сохтед, ба тавассути коратон дар ин шаби бузург ба Он Ҳайю Ҳозир нишон додед, ки аз шумо дида, ба Ӯ бандае наздиктар нест.

Сайид Фаррухшоҳ он қадар суҳбати аҷиб ва нақлҳои ғариб кард, ки фаълаву деҳқони ҳозири маҷлис борҳо ба ваҷд омада, ҳатто баъзеашон ашк рехтанд. Доноию сухангӯйии пир ҳамаро мафтуну афсун сохт. Поси дуюми шаб риштаи суханро ба меҳмонон дод ва хоҳиш кард, ҳар кас чи ҳунаре дорад, бидуни ибою истиҳола манзур бинамояд. Баъд намози бомдод хонданду ҳалимов ошомиданд ва бархостанд. Сайид Фаррухшоҳ ба ҳар кадоме як асбоби дирӯз аз коргаҳ овардаро инъом карду ҳар якеро дуои хайр дода, гуселонд ва худ то чоштгоҳ дар қироатхонааш ба истироҳат ғунуд.

* * *

Офтоб, дар ҳақиқат, гӯё нав ба дунё омада бошад, пас аз сафед шудани рӯз ҳам сарду камқувват ба назар мерасид. Вай дар пушти пардаи абри ба вусъати осмон тунукгашта кӯдаки дар чодари ҳарир печондаро ба хотир меовард. Рӯзи кӯтоҳи зимистон аз чошт гузашт, ки қади баланди Сайидҷаъфар дар рӯи ҳавлии домодаш падидор гашт. Вай рост ба пушти хона гузашт – аз он ҷо садоҳое ба гӯш мерасиданд. Ду мард ҷувонаи забҳгардидаро пӯст меканданд. Занон, қисме деги калонро мешустанд, иддае дар ошхона бо ғолумағол ха-

---

[1] «Бигӯ: «Оё мебинед, агар оби шумо (ба замин) фурӯ равад, пас, кӣ ба шумо оби равонро биёрад?» (Сураи «Мулк», ояи 30).

миру завола мехелиданд. Икронбегим, ки бо ҳавсалаи тамом дег мешуст, ба хусури шавҳараш салом дод. Сайидҷаъфар алейк гирифту гуфт:

– Дастатон дард набинад, валъамат. Туро ба дегу табақшӯӣ чӣ муносибат? Ту кор фармо, инҳо иҷро кунанд.

– Аз бекорӣ сарам варам мекунад, татик. Бе машғулият монам, дастонам мехоранд.

– Палонҷат дар куҷост?

– Дар хонаи дарун.

– Рафтем ба хонаи дарун!

Икронбегим сар боз задан хост, вале ваҷоҳати ҷиддии Сайидҷаъфар маҷбураш кард, ки дунболи ӯро бигирад.

Дар хонаи дарун Ашрафмоҳ падару палонҷашро гарм истиқбол гирифт. Сайидҷаъфар баъди салом ранҷидахотирона пурсид:

– Духтарам, ин чӣ гап, ки духтари шоҳ дег бишӯяду ту дар хонаи гарм биншинӣ? Фақат фикр накун, ки ин гап аз шоҳдухтар баромада бошад.

– Падарҷон, бовар кун, Икронбегимро дар хона табила кӯбӣ ҳам, бандашро меканаду сари дегу табақ медавад. Ман саргарми ҳамин кор берун ҳам набаромадам, ростӣ. – Кадбону узрхоҳона чархи пашмресиашро нишон дод.

– Татик, кадбону ҳам бекор нанишастааст, – гуфт Икронбегим, – ин хел зани даҳ ангушташ пури ҳунарро дар умри сарам дучор наомадаам. Ғайр аз ин, хонаҳои мо ҷудо-ҷудоянд, валъамат аз куҷо медонад, ки ман ба чӣ машғулам.

Сайидҷаъфар аз муносибати дӯстонаи палонҷҳо дилпур гашту насиҳатомез гуфт:

– Шумо ҳар дуятон аз авлодҳои бузургед. Зинҳор ба зинҳор тангшарикию ҳасад ба дил роҳ надиҳед, ки занони мусулмонон қадами худро дар қадами шумо рост мекунанд. Баракат ёбед, илоҳӣ!

Занон «омин»-гӯён даст ба рӯ кашиданд.

Сайиҷаъфар ҷониби дар қадам гузошт. Занон ба гуселаш баромаданд.

– Наберахоям дар куҷоянд?

– Дар бордон, барои алов ҳезум мешикананд.

– Ман ба пирхона медароям, шумо, духтарони азизам, ин панди Шоҳ Носирро аз ёд набаоред:

**Чу ёбӣ дӯсте, сахташ нигаҳ дор,**
**Ба сустӣ доманаш аз даст магзор!**
**Бибояд қарн кардан зиндагонӣ,**
**Ки сарду гарми касро боздонӣ.**

Сайид Фаррухшоҳ хусур ва мушовири хосашро каноркаш истиқбол гирифту баробари ба охир расидани дуои хайраш, арза дошт:

– Бори аввал дил кардам, ки ман ҳам дар ҳузури удабо ин оҷизамро бихонам. Лекин, агар ту маъқул бишуморӣ.

Сайидҷаъфар ду панҷа бар ду чашм ниҳод:

– Боракаллоҳ, чизе, ки аз мазоқи ҷони пир метаровад, фармон аст дигар. Нек бош!

Сайид Фаррухшоҳ дузону зад ва ба қироат пардохт. Пир мехонду мушовир гоҳ-ногоҳ «Бешак!» ё «Истабшаро!» гӯён шодона нидо мебароварду муҳаббати нависандаро ба навиштааш афзунтар менамуд.

Вақте қироат поён ёфт, Сайидҷаъфар дасти Сайид Фаррухшоҳро бӯсид ва гуфт:

– Аҳсант, ҳазор бор аҳсант! Пирам, моле, ки халқу пуле, ки шоҳ дар ин ҷӯйбор сарф карданд, беасар мешавад, вале ин маснавӣ, то ҷаҳон ҳаст, сутурда намегардад.

Сайид Фаррухшоҳ араќи пешониашро ба дастор пок карду посух дод:

– Аммо бар ноҷӯриҳояш чашм пӯшидӣ, падари азиз.

– Оре, ду-се лағжише дорад, аммо «мо дарунро бингарему ҳолро». Ту иддаои шоирӣ надорӣ, ки аз сӯзансалохи накдат гузаронанд. Пир ба ҳар тарзе ки гӯяд, ҳамон шева мақбул аст.

Сайид Фаррушо ба ҳозирҷавобию нуктаёбии хусураш бори дигар тан доду шӯхӣ кард:

– Ту гуфтию ман бовар кардам. Оре, ман нагуфтам, ки шоир ҳастам, гуфтам: «Чу Фарҳод ин замон аз кӯҳканонам». Кӯҳкани бечора ҳамин қадар маҷол дорад.

Ин ҳазли муносиб ҳар дуро ба ханда овард ва синаҳошонро мололмоли фараҳ кард.

* * *

Хонаи калони Сайид Фаррухшоҳ аз меҳмон пур шуд. Чор сияҳчароғи нав сохташуда бо равшанӣ ва бӯйи хушашон димоғи

шабнишинонро чоқ менамуданд. Гулҳои сари сабади маърака – шоирон – аз Назмӣ то Қудрат – дар суфаи боло, мувофиқи синну солашон менишастанд. Ба муроoту исрори аҳли адаб нигоҳ накарда, Саид Фаррухшоҳ, сари болосуфа – нишастгоҳи маъмулии худро ба Назмӣ вогузошта, худ дар пои шаҳсутун ҷой гирифт. Охонон, муллоён ва оқсақолон суфаи поёну ними суфаи болоро пур намуданд.

Дар байни шоирон аз ҳама нодортар Мирзо Кӯчаку Қудрат ба назар мерасиданд. Онҳо ҳар ду гилемҳои аз шустани зиёд санафшуда ба бар ва тӯпиҳои рангпарида ба сар доштанд. Қади аз миёна пасттар, каллаи калони ба танаш номутаносиб ва чеҳраи заҳири Мирзо Кӯчак ӯро ҳақиру касалманд нишон дода, бидуни шарҳе мегуфтанд, ки чаро ин шоир маҳз лақаби «Кӯчак»-ро барои худ баргузидааст.

Вале сурату суммоти Қудрат на танҳо аз вай, балки аз тамоми нишастагон фарқ мекард. Ин марди баландболо, газгӯшт, серҳаракат, чолок бо рӯи сурхинаю чашмони барроқи чун кабӯтарон беқарор ва риши зардчаи пасту бурутҳои ба ду ҷониб сихаш диққати бинандаро дарҳол ба сӯи худ мекашид. Ин ҳол сабаби дигар ҳам дошт: сухани ин шоир даҳон ба даҳон мегашт ва дар бораи табъи равону ҳозирҷавобиҳои заковатмандонааш қиссаю ривоятҳои марғуб мегуфтанд. Шеърҳояш он қадар фаҳмою ҷолиб буданд, ки баробари гуфта шудан, болу пар бароварда, дар андак муддат ба деҳаҳои дуртарин ҳам мерасиданд.

Ҷаъфар, ҳам ба сабаби мактабдорию охонӣ ва ҳам ба сабаби хусури пир Сайид Фаррухшоҳ будан, маликушшуарои шоирони Шуғнонзамин ба шумор мерафт, агарчи ашъорашро кам касон медонистанд ва худ ҳам дар хусуси мақому эътибори шоирияш ҳеҷ гоҳ ҳарфе ба забон намеовард.

Дӯсти дерина ва ҳамнишини дилнишини Сайид Ҷаъфар, шоири забардасти сӯфимашраб Шоҳабдуллои Олимшо бо салла, ҷома ва риши сафеди ғӯлии дарозаш чун ҳамеша зебу зиннати маърака буд. Вай сокиту ором, тасбеҳи дарози туғии ба дасти рост ҳамоилашро гардонда, зери лаб, шояд зикр мекард ё шеърашро ба ёд меоварад – ангор маҷлису суҳбати аҳли маҷлис ба ӯ дахле надоштанд. Ин шоир то сисолагиаш дар кадом шаҳри Форс мадрасаро хатм карда, бо дониши мукаммалу рӯҳшиносиаш маъруфияти тамом дошт. Тобистонҳо ё дар остони Мавлоно Имом Муҳаммади Боқир дар Ғунд, ё дар остони Мавлоно Зайнулобиддин дар Поршинев чила менишаст. Ҳангоми чиланишинӣ чун дигарон кунҷи танҳоӣ намегузид; рӯза мегирифту

ашкрезон бо рубобаш қасидаҳо месуруду ба зоирон ваъзҳо мегуфт. Дар мадҳиясаройӣ мумтоз буду садои нармаш шунавандаро ба ваҷд меовард. Ҳозир ҳам рубоби вай дар паҳлуяш ба девор рост меистод.

Дар бари Шоҳабдуллои сап-сафед Айёмбеки шӯхи сабзинарӯ бо ҷомаю дастори сабзгун нишаста, ба гӯши Қудрат чизе мегуфту қиқирросзанон механдид. Ин марди мунҷонӣ дақиқае хомӯш истода наметавонист – латифае мегуфт ё ашъори маҳрамонаи намакин хонда, ҳамсуҳбатонашро механдонд. Дар ҷое, ки ӯ буд, хурду калон ҷамъ меомаданд ва соатҳо аз суҳбаташ сер намешуданд. Ба лафзи шикастаи шуғнӣ сухан гуфтан гуфторашро лаззати дигар мебахшид. Шеърҳои сабуку сурудмонандашро бесаводу саводнок яксон меписандиданд. Мегуфтанд, ки дар ватанаш Мунҷон пас аз ҷангҳои шадид бо аҷнабиён қаҳтии қаҳҳор ҳукмфармо мегардаду чиҳил-панҷоҳ хонавода барои наҷот ёфтан аз марги яқин ба Шуғнон ҳиҷрат мекунанд. Шоҳи Шуғнон Абдураҳимхон онҳоро барои сукунат ба Шохдараи боло мефиристад, ки нуфуси бисёр надошт. Ҳокими Шохдара Муҳаббатхон мунҷониҳоро ба чанд деҳа тақсим ва ба сабаби марди зираку босавод будан, ҳамин Айёмбекро бар онҳо меҳтар таъйин менамояд. Мунҷониҳо, бо сардории Айёмбек, дар муддати ду сол дар ҳамдастию ҳамёрӣ хонаю дар сохта, ҷӯйҳо бароварда, барои кишт заминҳои нав шикаста, чунон зиндагии хубе ташкил медиҳанд, ки бисёр сокинони таҳҷоӣ орзу ҳам карда наметавонистанд. Аз ин рӯ, ҳасад мебаранду дар пайи бадному таҳқирашон афтода, дар бораашон ба шоҳ чунин бадгӯӣ мекунанд: «Ин мунҷиҳои кофармашраб ҳар моҳ дар хонае ҷамъ мешаванду баробари куштани чароғ, марду зан бо ҳар каси дар торикӣ ба даст афтодаашон мубошират меварзанд. Ва ин расмро «Чароғкуш» мегӯянд». Он замон, барои душворӣ накашидани писари ҷавонаш дар умури давлатдорӣ, Абдураҳимхон Назмии шоирро, ки ҳамон сол мадрасаро дар шаҳри Ҳирот хатм карда, ба ватан баргашта буд, ба симмати қозӣ ба Роҷқалъа фиристода буд. Мардуми таҳҷоӣ ба Назмӣ мурожиат бурданд. Назмии ҷавон сарҳисоби корро наёфта, аз падараш, ки қозии деҳоти Хоруғу Тем буд, маслиҳат пурсид. Падар дар дуруст будани даъвои шохдараиҳо шубҳа намуд ва гуфт, ки чаҳор нафари беғаразро ба муддати се моҳ пинҳонӣ ба таҳқиқи ҳодиса бигуморад ва шоҳидии онҳоро дар ҳалли қазия асос бишуморад. Назмӣ чунин кард ва мунҷиҳоро соф баровард. Гумоштагон шоҳидӣ доданд, ки мунҷониҳо «Чароғкуш»-ро дар сари соли фавти хешу ақрабояшон барпо мекардаанд. Расм чунон бу-

дааст, ки пас аз намози шом одамони ба хонаи азодор ба маросим омада чароғро кушта, мардон ба як овоз дуо мехондаанду занон нолаву ғирев мекардаанд. Ин маросими қадимӣ дар баъзе минтақаҳои Шуғнон ҳам вуҷуд дорад, фақат номаш на «Чароғкуш», балки «Зорӣ»-ст. Ба бовари онҳо, дуое, ки дар торикӣ хонда мешавад, ҷину балоҳои бадкирдорро раҳгум занонда, роҳи аҷалро ба ҷониби хонаи мусибатзада мебастааст. Баъд аз ин воқеа Назмию Айёмбек дӯсти ҷонии якумрӣ мешаванд. Ин шоири ширинсухан, хушсавод ва шӯхтабиат ончунон ба Назмӣ писанд меафтад, ки ӯро мирзои худ таъйин намуда, пас аз барканор шудани Муҳаббатхон аз ҳокимии Шохдара, бо худ ба Тем оварда, ҷою замин медиҳад. Дар замоне ки Муҳаббатхон шоҳи Шуғнон шуду умури қозигиро дар мамлакат барҳам дод, мусулмонон боз ҳам қазияҳои худро ба доварии Назмӣ месупурданд ва қарори ӯро дуруст мешумуранд. Муҳаббатхон чанд бор ба ӯ дандон гиз кард, аммо андешид, ки агар вай ё Айёмбеки бедаҳан дар борааш ҳаҷвияе гӯянд, роҳи онро на ба шамшер гирифта метавонаду на ба динору дирҳам. Бинобар ин, аз қазоват даст накашиданашро донад ҳам, хабарҳои ҷосусонашро ношунида мегирифт.

Бо хоҳиши Сайид Фаррухшоҳ шеърхониро Назмӣ оғоз кард. Вай аз печи дастораш коғазе баровард ва исми Худованд бар забон ронду ин ғазали шӯрангезро ба забон овард:

**Ман дар ғами ишқи он суманбар**
**Маҷнунаму мастаму қаландар.**
**Дар хотири ман дигар нағунчад**
**Ғайр аз майи нобу ёру соғар.**
**Ҷуз риндию ошиқию мастӣ**
**Майлам набувад ба чизи дигар.**
**В-ар хилвати хос дорам имшаб,**
**Маъшуқа ба кому май ба соғар.**
**Ишқ омаду дар дилам ниҳон шуд**
**Он рӯз, ки зодаам зи модар.**
**Аз синаи ишқ дода ширам,**
**Чун доя маро кашид дар бар.**
**Парвардаи ишқ шуд вуҷудам,**
**Аз ишқ гилам шуда мухаммар.**
**Ҳар дил, ки зи ишқ баҳравар нест,**
**Зинҳор, варо ту зинда машмар!**

Нидоҳои таҳсину офарин аз чор кунҷи хона ба гӯш расид. Назмӣ коғазашро баэҳтиёт печонду аз нав ба печи салла халонд ва гуфт:

– Аҳсант ба шумо, ки ба қадри сухан мерасед, вагарна гирем, ки солҳо ин набиштаро болои сар бигардонам, аз пари мурғ фарқе нахоҳад дошт.

Сипас Шоҳабдулло рубобашро рӯи сина гирифта, даме ҷӯр кард ва ин қасидаи зебои пурсаноеъашро суруд:

**Субҳдам чун завраќи заррин ба амри додгар**
**Шуд равон бар рӯи ин дарёи сабзи пардадар.**
**Аз паси парда Зулайхои саҳаргаҳ рух намуд**
**Ҳамчу Юсуф, к-ӯ баровард аз даруни чоҳ сар.**
**Хизри равшанрой берун омад аз оби ҳаёт**
**Чун Сикандар, к-омад аз зулмат бурун бо тоҷи зар.**
**Зангии шаб шуд даруни хиргаҳи зангоргун,**
**Турки рӯз омад бурун аз хайма бо теғу сипар.**
**Сӯхт аз тобидани як дона лаъли оташин**
**Сад ҳазорон лаълу марвориду рахшанда гуҳар…**

Шоҳабдулло якбора ду қасидаи тозаиншои худро сароиду вақте ки охирин захма бар торҳои рубоб навохт, ҳуззори маҷлис шӯру валвала аз банди сина берун андохт.

Баъд аз вай Сайид Фаррухшоҳ ба Қудрати Шуғнонӣ рӯ оварду гуфт:

– Қудратулло, шунидаам, ки дасти қалам надорӣ, аммо шеърҳоятро бадоҳатан мегӯию мегузарӣ. Худои Таъоло ба тамоми нишастагон табъи халлоқият додааст, вале барои ту онро ато фармудааст. Ҳамин ҳоло чизе гуфта метавонӣ, ки моро ҳайрон созад?

Қудрат чорзонуяшро ба дузону иваз кард, рӯ ба Сайид Фаррухшоҳ овард ва посух дод:

– Пирам, гуфтӣ, ки ман дасти қалам надорам. Дар ҳамин бобат чизе ба нӯги забонам омад.

– Бигӯ, бишнавем.

Шоир филҳол ин ду байт ба забон овард:

**– Қудрат алам надорад,**
**Дасти қалам надорад.**
**Бо Шобдуллою Ҷаъфар**
**Лофи сухан надорад.**

Аҳли маҷлис аз ҳайрат даме сукут варзид ва чун Сайид Фаррухшоҳ бархосту:

– Даст марезод, қоил кардӣ! – гӯён каф ба ҳам зад, садои чапакзанӣ ҳавои хонаро ларзонд. Қудрат нимхез шуду таъзиме кард ва боз нишаст. Сайид Фаррухшоҳ суханашро давом дод:

– Ҳар як шоири мо хислати хос дорад, албатта. Қудратро Аллоҳи Таъоло табъи чун оби равон додааст. Инро бояд ҳар кадоми мо эътироф намоем. Ман шунидам, дар овони ҷавонӣ Қудрати пурқудрати мо дар Шохдара ба духтаре ошиқ шуда, дар васфаш ғазале гуфтааст, ки ҳар яки мо аз бар медонему месароем:

**Нозанине, ки дар арақ тар шуд,**
**Нозанин буду нозанинтар шуд.**

Давомашро аз худи гӯянда шунавем.

Ҳозирон чапак заданд, Қудрат гулу афшонду идомаи ғазалашро хонд:

**То ки аз хандаи шакарбораш**
**Нозбӯю бунафша анбар шуд.**
**То ки аз оби ҳар ду дидаи ӯ**
**Лолаю арғувон гули тар шуд.**
**Чанд гӯям мисоли хубии ӯ?**
**Кай Зулайхо ба ӯ баробар шуд?**
**Чанд гӯям сифоти чашмонаш?**
**Саффи мижгон мисоли ханҷар шуд.**
**Рафт овозааш ба Балхи шариф,**
**Ҳама шоҳу гадо қаландар шуд.**
**Қудрати хушхаёлу равшанфикр**
**Хоки по аз барои дилбар шуд.**

Мавҷи боракаллоҳгӯиву чапакзанӣ боз ба ҳаво печид. Ин бор Сайид Фаррухшоҳ ба пойгаҳ фаромад ва пас аз паст шудани ғалоғула гуфт:

– Аз ҳар кадоматон бахшиш ва арзи хиҷолат, аммо шеърҳои зебои шумо диламро он қадар ба шӯриш овард, ки ман низ ҳоло мехоҳам як қаламзади нолоиқонаи худро манзуратон созам. Хостам, то охири муошира сабр кунам, аммо бардошт аз кафам берун шуд. Умедам ин аст, ки пас аз ман Мирзо Кӯчаку Саидҷаъфари ширин-

гуфтор бенамакии сухани маро бо шеърҳои зебояшон ҷуброн менамоянд.

Хабари шеърнависии пири мулк чунон ногаҳонию ғайриинтизор буд, ки ҳама ба даҳон об гирифтагӣ барин хомӯш монданд. Пир аз кисабағалаш чанд варақ баровард, ба тартиб даровард ва ба қироат пардохт. Шеър тӯлонӣ буд, вале чун сухан дар бораи таърихи шоҳони Шуғнон мерафт, ҳозирон онро бо мароқи калон шуниданд. Вақте ки маснавӣ анҷом ёфт, Сайид Фаррухшоҳ дар тафсири он афзуд:

– Медонам, аз дили баъзеҳо мегузарад, ки мадҳи шоҳон ба манзалати Сайид Фаррухшоҳ намезебад. Оре, ман то будаам, мамдуҳам Худову Расул ва Имоми замон будаанд. Аммо мулк танҳо ба дуою «ё Раб!» гуфтан обод намегардад. Барои халқи Худо дару паландари обод, боғу киштзори сабз, обу озуқаи доимӣ лозим аст. Инҳоро шоҳони одил ва мардуми қобил фароҳам меоваранд. Бибинед, ки шоҳамон ҷаноби Юсуфалихон, ганҷи хизонаи худро чӣ сон бар мо арзонӣ дошт, набошад, оё метавонистем ҷӯямонро дар муддати чор-панҷ моҳ аз нав бисозем? Ба маблағу ғайрати худамон ин кор ба ду сол тӯл мекашиду то он вақт боғҳоямон чӯлистон мегашту мардумамон аз гуруснагӣ мисли барги хазон ба замин мерехт. Пас, бигӯед, чунин шоҳони фуқаропарвар оё сазовори таъриф нестанд?!

Соҳибхона ба андешааш нуқтаи таммат гузошту барои шуниданипосух ба меҳмонон рӯй овард. Аз ҳар гӯша нидоҳои «Оре, сазовор аст!», «Худо иқболашро барафзояд!», «Аҳсант бар шоҳи одили мо!» баланд гашт, аммо як гапи Мирзо Кӯчак ҳамаро ба ташвиш андохт ва ҷонибаш мутаваҷҷеҳ сохт:

– Аммо ман мегӯям сазовор нест!

Сайид Фаррухшоҳ бо ҳайрат сӯи шоир нигарист ва нидо дод:

– Аҷабо! Мирзо, чӣ дарде дорӣ?

Мирзо Кӯчак ҷавоб дод:

– Пирам, шикваамро дар як шеърам баён сохтаам. Агар иҷозат фармоӣ, бархонаму баъд арз намоям, ки шоҳи одиламон бо мардум чиҳо мекунад.

Аз ин сухан ба хотири ҳозирон ғуборе нишаст, ҳама дилнигарон ҷониби мизбону меҳмони номутаносибаъзо назар дӯхтанд.

Сайид Фаррухшоҳ сар ҷунбонда, «бишунавем» гуфту дар ҷояш нишаст. Мирзо Кӯчак тарҷеъбанди тавилеро бо овози шира-

дору пурнавозиш, ки он ҳам ба сурату суммоти ғарибонааш билкул номутаносиб буд, қироат кард, ки минҷумла чунин пораҳо дошт:

**Бардор з-офтоби ҷамолат ниқобро,**
**Дар соя аз ҳиҷоб нишон офтобро.**
**Наврӯзи нав бибахш ҷаҳони харобро,**
**Ёбанд аҳли зулму ситам то ҳисобро,**
**Биншон ба тахт хусрави моликрикобро.**
**Аҳли ҳасад рабуда зи дил хӯрду хобро,**
**Дилҳои зору з-оташи ҳасрат кабобро.**
**Дарёб кун мусаллати душманазобро,**

**Бардор ҷурми халқ ба тавфиқи мустаъон,**
**Ё Кошифулҳақоиқу ё Соҳибуззамон!**

**Омад ба ҷон зи таънаи душман равони мо,**
**Коҳидатар зи коҳ шуда устухони мо,**
**Аз дасти зулм шуд ба фалак-бар фиғони мо,**
**Барчида музтаре зи ҳасад хонумони мо,**
**Акнун расид кор ба номусу номи мо,**
**Дигар намонд тоқату тобу тавони мо,**
**Ҳосид нахоҳад ин ки бимонад нишони мо,**
**Ё соҳиби замон, бишунав «Аламон»-и мо.**

**Бардор ҷурми халқ ба тавфиқи мустаъон,**
**Ё Кошифулҳақоиқу ё Соҳибуззамон!**

Мирзо Кӯчак шеърро хонду сиришки ҷӯшидаашро бо кафи дастон пок намуд ва сар поин андохт. Оҳанги шикваомези хонишаш дар фазои хомӯши хона пар мезад. Сукути гаронро Қудрати Шуғнонӣ шикаст:

– Валлоҳ-биллоҳ, кӯҳ-кӯҳ алам доштаӣ, Мирзо! Чунин фаҳмидам, ки ба назди пири мулк шикоят овардаӣ.

Саид Фаррухшоҳ гапи Қудратро тасдиқ кард:

– Тасаввур мекунам, вақте ин абётро гуфтаӣ, чӣ ҳоле туро даст гирифта будааст. Бигӯ, чӣ дарде дорӣ?

– Ё пири дастгир, – маддаи дилашро кафонд Мирзо Кӯчак, – гап дар сари он аст, ки соле пеш ба Довудхон ном писари кадом канизаки

шоҳ Юсуфалихон дар деҳаи мо замини танхоҳ доданд. Ҳафтае пеш ин ҷавони худоношинос ба хонаам омада гуфт, ки заминамро ба вай бидиҳам. Ман, албатта, сар печидам. Вай таҳдид кард, ки ману бородарамро хонахез кӯчбанду авор мекунад. Маҷбур шудаму ба Баҳрпанҷа шикоят бурдам. Касе ба додам нарасид. Аз дард ҳамин шеърро навишта, ба даргоҳат омадам, ки шояд ту ба ман ёрие расонда битавонӣ. Набошад, баробари об шудани барф, бояд тарки ёру диёр бикунам...

Шоир буғзи гулуяшро фуру нишонда, ашки чашмонашро пок кард ва илтиҷоомез ба Саид Фаррухшоҳ нигаристу маҳзунона «ана ҳамин»-гӯён гапашро ба охир расонд.

Димоғи аҳли маърака якбора сӯхт. Ҳама чашм ба даҳони соҳибхона дӯхтанд, ки навакак дар ҳаққи Юсуфалихон «Ҳам аз ақлу ҳам аз ҷуду ҳам идрок Баромад тумтароқи шаҳ бар афлок» гуфта буд. Сайид Фаррухшоҳ, ки дар ҷараёни суҳбат чунин гардиши ногаҳониро интизор надошт, аввал абрувон, баъд манаҳашро молиду ниҳоят посух дод:

– Хуб кардӣ, ки гуфтӣ, Мирзо. Чашми шоҳ ҳам ба ҳама ҷо намерасад, бинобар ин, баъзе бетавфиқон чунин бедодиҳо мекунанд. Хотиратро ҷамъ бигир, ман илоҷи ин душворро меёбам.

Мирзо Кӯчак нимхез шуда, таъзиме карду гуфт:

– Миннатдорам, пири соҳибтадбир, шояд ба поймардии ту мо ҳам ҷуду карами ӯро бибинем.

Ин асно Қудрат овоз баланд кард:

– Пирам, дар Хоруғу Шохдара ҳам навкарони шоҳ ба баъзе хонаводаҳо кӯчбанд ваъда додаанд. Сари халқ аз борони резондаи Муҳаббатхон ҳанӯз хушк нагашта, боз ба новадони Юсуфалихон дуҷор наояд? Ин дарди фақат Мирзо Кӯчаки бечора нест.

Ин гап ороми Саид Фаррухшоҳро тамоман рабуд, аммо изтиробашро фуру нишонду гуфт:

– Ман медонам, ки шоирон аз ҳар касе бештар дарду алами халқро дарк мекунанд. Ҳар кас дар ин бора чизе медонад, пас аз шеърхонии падари азизам Саид Ҷаъфар дар миён бигузорад. Иншоаллоҳ, бо мадади шумо муқаррабони худсари шоҳро аз раъяшон мегардонем.

Навбати сухан ба Саид Ҷаъфар расид. Вай ба қироати ғазали тоза навиштаи худ шурӯъ кард:

**Зарраи меҳри ту дар сина ниҳон аст маро,**
**Ба хаёли ту зиё рӯҳи равон аст маро.**
**Аз раҳи лутфи ту, эй ҷони ҷаҳон, ҳосили умр,**
**Ки ба олам ҳама ҷо шодии ҷон аст маро.**
**Ҳусни хуби ту надидему ба ҳасрат мурдем,**
**Чӣ кунам, бе ту аҷаб дард ба ҷон аст маро…**

## ШИКАСТИ ҶАҲОНДОРШОҲ

Рӯди камоби Панҷ дар ҷойҳои ҳамвору жарф яхи захим дошту дар қитъаҳое, ки ба мисли бабри кӯҳӣ тунд мерафт, на барф ба гардаш мерасид, на ях, на сардӣ. Моҳи далв аз ним гузаштаву шасти аёс ҳанӯз барнагашта. Водии серпаҳнои Султон Ишкошим корвони камшумори шоҳи овозадори Бадахшонро бо шамоли сарду барфи на он қадар баланди худ пешвоз гирифт. Бо ин ҳама, баробари расидан ба лаби дарё, дамои ҳаво тамоман тағйир ёфту одамон ҳатто аранге нафаси гармиро эҳсос намуданд. Ҳама шукрона карданд, ки сардии тоқатфарсои ағбаҳоро пушти сар монданду аҳли дарбори фирорӣ сиҳҳату саломат пой ба хоки Ишкошим гузошт.

Меҳтари Чатрор Амонмалик то охирин дақиқа истодагарӣ кард, ки шоҳаншоҳи Бадахшон дар чунин фасле, ки ҳатто озодапаланг ағбаҳои сарду ваҳширо партофта, ба дараҳо мефарояд, ба роҳ набарояд. Аммо ягон тадбиру баҳона кор надод. Дар олам қуввату қудрате вуҷуд надошт, ки Ҷаҳондоршоҳи зуъму гарданшахро аз нийяташ баргардонида тавонад! Ин марди дар майдонҳои ҳарбу зарб калонгашта дар лаҳзаҳои ҳассосу тақдирсоз танҳо бо як кас машварат мекард: бо худ! Ҳатто, вақте падараш зинда буд, дар чунин вазъиятҳо писарро ба ҳоли худаш мегузошт, то ба табъи дилаш амал намояд. Ва ҳаёт ҳар бор нишон медод, ки роҳи итихобкардаи Ҷаҳондоршоҳ дуруст будааст! Ин марди диловар, матинирода, азимҷусса ва зираку ҳушманд дар муддати се соли аввали нишастан ба тахти Бадахшон, ба сари қатағану узбак чунон лашкарҳое кашид, ки онҳо аз ҳокимияташон дар Қундуз ҳам даст бардошта, мансабҳои асосии давлатро ба тоҷикон холӣ намуданд.

Ғазаби Ҷаҳондоршоҳ нисбат ба турктаборону сипоҳиёни онҳо чандин сол пеш аз расиданаш ба маснади шоҳӣ ҷӯш зада буд. Он ҳангом шоҳзодаи ҷавон ҳамроҳи бист нафар дӯстони наздик ҳар то-

бистон ба дараи хушманзараи Юмгон сайри шикор мерафт. Рӯзҳо бо ҳаёҳу ҷонваре сайд мекарданду шомгоҳон ба водӣ фаромада, базму дилхушӣ меоростанд. Субҳи як рӯз марди побараҳнаву сарбараҳнае додувойкунон ба манзили онҳо расид ва хоҳиш кард, ки ӯро ба назди шоҳзода баранд. Овози пуризтиробашро шунида, Ҷаҳондоршоҳ аз хайма худ ба наздаш баромад ва пурсид:

– Эй мард, манам шоҳзода, бигӯ, чӣ ҷавре ба сарат омада?

Мард худро ба пеши пояш афканд ва нолид:

– Ҷонам фидоят, шоҳзодаи баҳодур, ба доди мо бирас, ки мазори бузургамонро вайрон мекунанд.

– Киҳо? Кадом мазорро?

– Қадамҷойи Ҳазрати Шоҳ Носири Хусрави валиро сипоҳиёни турк ба хок ҳамвор кардаанд. Мардуми деҳкада аз нийяташон огоҳ гашта, атрофи мазорро гирифтанд, аммо сипоҳиён теғу найза доранду раъият калтаку кулӯх. Худованд худаш туро ба мо расонд, эй писари шоҳи Бадахшон!

Ҷаҳондоршоҳ шаҳсуворонашро амр дод, ки ба сари туркон битозанд ва худ аз ҳама пеш ба аспи бодпояш нишаст. Баробари дидани ҷанговарони шоҳзода, қисме аз туркон рӯ ба ҳазимат овwarданд, бархе рӯ ба ҷанг, аммо чун дирафши шоҳзодаро шинохтанд, даст нигоҳ доштанд. Ҷаҳондоршоҳ сипаҳдорашонро пеш хонд ва сабаб пурсид.

– Ба мо фармон шуд, ки гӯри Носири Хусрави рофизиро вайрон кунем, – ҷавоб дод сипаҳдор.

– Кӣ фармон дод?

– Қӯшбегӣ.

– Эй қалтабони палид, Юмгон қаламрави Бадахшон аст. Ба амиру қӯшбегият бирасон, ки на ба носабии Бадахшон кор бигирад, на ба рофизияш. Хосса, ба мазори Носири Хусрав, ки зиёратгоҳи тамоми мусалмонҳост. Ин маротиба ба хуни касифатон ин манзили покро олуда намесозам, аммо дигарбора касе ҷон ба саломат намебарад.

Туркон зинҳор хостанд ва деҳи Ҳазарати Саидро аз ҳузури номуборакашон холӣ карданд. Ҷаҳондоршоҳ панҷ нафар ҳамроҳонашро ба посбонӣ гузошт ва ба шикоргоҳ баргашт.

Ҳақиқати ҳол ҳам чунин буд, ки шоҳони Бадахшон таассуби мазҳабию қавмиро дар давлатдорӣ роҳ намедоданд. Таҷрибаи дерсолаи ҳукмрониашон нишон медод, ки мазҳабситезӣ ҷангу ҷанҷолҳои бардавоми беоқибат ба бор оварда, бо заволи ҳокимият ба поён мерасад. Дар ин билод шииёну сунниён таърихи ҳазорсолаи сукунат ва

намояндагони ҳар ду мазҳаб ҳам ба иштирок дар ҳукумат ва бархурдорӣ аз ҳимояти давлат ҳаққи ҳалоли баробар доштанд. Ба ҷуз ин, аз шоҳон сар карда, то гадоёни Бадахшон бо ҳазорон риштаи хешовандӣ ба ҳам печида, дар ин дарахти тануманд шохаҳои ҳанафӣ, исмоилӣ ва асноашарӣ дар пояю сояи ҳамдигар месабзиданду нашву нумув мекарданд.

Вақте ки Ҷаҳондоршоҳ ҳокимият ёфт, бештар мутмаин гардид, ки бар зидди шииён шӯрондани раъоёи суннӣ сиёсати амалдорони қатағану узбак аст. Онҳо ба ин восита дар байни тоҷикон низоъ андохта, намегузоранд, ки барои ба даст овардани ҳукумат муттаҳид шаванд, ҳатто, дар ин хусус ба дилашон андешае роҳ бидиҳанд. Ҷаҳондоршоҳи хушсавод медонист, ки кӯшиши аз байн бурдани мазори Носири Хусрав низ як ҷузви ҳамин сиёсат аст. Зеро маҳз ҳамин мутафаккири бузург дар мавъизаю ашъораш озодазодагонро даъват мекард, ки барои ба даст овардани давлату салтанати худ аз ҳаммазҳабӣ бо туркон даст бикашанд. Вале он вақт касе ба гапаш бовар накард. На танҳо бовар накарданд, балки худашро кофару зиндиқ эълон намуда, ҳукми қатлашро баровარданд.

Ба мақсади ботил сохтани таъсири сиёсати туркон, Ҷаҳондоршоҳ хоҳарони ҳокимону меҳтарони Шуғнон, Вахон, Ёрканд, Дарвоз, Чатрор ва Гилгиту Ҳунзоро, ки исмоилӣ буданду иддае аз дувоздаҳимомиҳо низ дар ҳудудҳояшон мезистанд, ба занӣ гирифт ва хоҳарони худро низ ба чанде аз эшон, минҷумла, ба шоҳи Шуғнон, ба шавҳар дод. Иқдоми шоҳ ба аҳли дарбор ва ҳатто мардуми одӣ ҳам асар карду миқдори оилаҳои гунонунмазҳаб хеле афзуд. Ҳамин сиёсати дурандешона баъдан замина фароҳам овард, ки Ҷаҳондоршоҳ дар мубориза барои озод намудани ҳудуди Бадахшону Қундуз аз султаи туркон пирӯзӣ ба даст оварад.

Инак, Ҷаҳондоршоҳе, ки бо гирифтани номи вай, душманонаш аз Ёрканд то Қундуз ба худ меларзиданд, рӯй ба гурез овардааст. Гардиши чархи пуршуъбадаро на шоҳ нигоҳ дошта метавонистааст, на пайғамбар! Аз кадом гӯри кухнае – (Ҷаҳондоршоҳ бо кароҳат чунин андеша мекард!) – ба номи авғон қавми ваҳшие ба сари Хуросон рехту хокашро бехт. Бо туркони саркӯбшуда иттифоқ бастанду задаву кушта, ҳатто Файзободро аз дасташ гирифтанд. То Ҷаҳондоршоҳ ба дарки ҳодиса расид, ки душман Роғу Панҷшерро ҳам истило карду ба Файзобод тохт овард. «Аслан, ҳамааш айби худам, – бо надомати ҷигарсӯз пеши худ иқрор мекард шоҳ, – давлатро гирифтаму корро

тамомшуда шуморидам. Фориғбол гаштам, ба мустаҳкам кардани решаҳои худ ҷиддӣ машғул нашудам. Овозаи ғолибияти пайдарпайи авғонҳоро воҳимаю муболиғаи халқ гумон кардам. Ҳеҷ гумон надоштам, ки баъди солҳои дарози ҷанги бебарор бо Кофаристон, ҳавои ғасби Бадахшонро дар сар мепарваридa бошанд. Чанд сол бо Кофаристон панҷа заданд? Қариб бист сол. Аммо ба ғайр аз фавҷ-фавҷ ҳалоку бедарак шудани ҷанговарони худ чизе ба даст оварда натавонистанд! Фикр мекардам, Бадахшон аз Кофаристон мустаҳкамтару пойдортар аст. Аммо ақлам нарасид, ки дар Кофаристон на турк асту на муғул. Тфу!!».

Вале шоҳе, ки ба хирадмандию равшанбиниаш ҳазорон ҳазор раият эътимод дорад, ин гапро ба кӣ гуфта метавонад? Агар ба забон иқрор кунад, ихлоси содиқтарин ҳамсангаронаш ҳам аз вай мегардаду охирин умеди дигарбора ба даст овардани салтанат ҳам аз даст меравад.

Амонмалик бисёр мехост, ки Ҷаҳондоршоҳ ба шоҳони шимолу шарқи қаламрави худ нома навишта, лашкар бихоҳад ва баробари об шудани барф, ба Файзобод тохт орад, вале шоҳаншоҳ ин тадбирро қабул накард.

– Мо бояд барои ба даст овардани пирӯзии аланӣ ба давлати Рус муроҷиат намоем. Коре кунем, ки ё русҳо ё амири Бухоро бо авғонияю қатағания рӯбарӯ шаванд. – Ва нигоҳҳои пурсаволу ҳайратомези дарбориёнашро дида, сабаби тасмимашро бо чунин ҷумлаи барои онҳо на он қадар равшан шарҳ дод: – Тӯпро фақат тӯп зада метавонад, камонғӯлак ин ҷо кор надиҳад.

Корвон аз рӯди Панҷ, ки обаш аз ишками аспон болотар намерасид, сареъан гузашту барои тафреҳ ва шабгузаронӣ ҷониби деҳаи Ишкошим тоб хӯрд. Ин ҳангом аз ҷониби деҳ як гурӯҳ мардон ба истиқболашон баромада, дар фосилаи панҷоҳ қадам истоданд.

– Дар ҷоятон истед! – дод заданд чанд нафар туфанг ба ҳаво бардошта, – Шумо кистед? Дӯст ё душман?

Паҳлавон Мирсолеҳ, сипаҳсолори Ҷаҳондоршоҳ, посух дод:

– Безобита нашавед, шоҳи Бадахшон Ҷаҳондоршоҳ ба даргоҳи шумо омадааст.

Бо шунидани номи Ҷаҳондоршоҳ, мили туфангҳо хамидаду ду мард аз анбӯҳ ҷудо шуда, ба пешвози корвониён тохтанд. Дигарҳо ҷониби деҳа давиданд.

– Инҳо барои чӣ гурехтанд? – ҳайрон шуд Мирсолеҳ.

– Вахиҳо намегурезанд, паҳлавон, даруни деҳа чеб[1] мегиранд. Агар мабодо гапатон дурӯғ бошаду душман бароед, ягонтаатонро зинда намемонанд.

Ҳозирбоши вахиҳо ба шоҳ сахт писанд омад.

– Боракаллоҳ, сад боракаллоҳ, хекҳои[2] диловар, – тасанно хонд Ҷаҳондоршоҳ, – кори дурусте мекунед. Ба ҳар касу нокас бовар додан кори оқилон набошад.

Шоҳ чолокона аз асп худро ба рӯи барфи ғафс партофт ва ба ҳар ду мард даст дода, салом кард. Дигарон ҳам ба ӯ пайравӣ намуданд. Вахиҳо либоси фохиру кулоҳи гавҳарнишони шоҳро дида, узр хостанд.

– Ҳазорон бахшиш, шоҳи олам, ки сари роҳатро гирифтем. Агар шоҳ Фатҳалишоҳ ба мо аҳвол мекард, шумоёнро дигар хел пешвоз мегирифтем.

– Баракс, бо ин коратон маро хеле хурсанд кардед, – гуфт шоҳ, – Фатҳалишоҳ аз сафари мо дарак надорад. Ҷойгузин ки шудем, ба сараш одам фиристед. Аммо ҳоло моро рост ба хонаи оқсақол баред.

– Манам оқсақол, – марди бузбалае, ки дар паҳлуяш шамшери калони ҳиндӣ овезон буд, пеш баромад ва нухтаи аспи шоҳро гирифт.

– Чӣ ном дорӣ? – пурсид Ҷаҳондоршоҳ.

– Шоҳантар. Ҳамроҳам Дилдоршост, кордзани беҳамто.

– Барои ҳамин бо худ гирифтиаш?

– Оре, дар як мижа задан, ба синаи ду-се кас корд мешинонад.

– Бо як корд? – тааҷҷуб кард Ҷаҳондоршоҳ.

– Не, таги гилемаш даҳ-понздаҳ корд дорад. Вақти зарурат чунон чолок мешавад, ки душман чӣ хел корд хӯрданашро пай ҳам намебарад.

– О, шаввозе, барои ҳамин ба худат ҳамроҳ кардӣ? – такроран пурсид шоҳ.

– Барои ҳамин, шоҳам, – хандид Шоҳантар, – аз мабодо. – Ва ба забони вахонӣ ба ҳамроҳаш рӯй овард: – Нив рычыв халқыр хъаныв, к иды дафы рабобын шои пишвоз дырзын[3].

Дилдоршоҳ «хуб» гуфту шамол барин ҷониби деҳа шитофт. Шоҳ мамнунона табассуме карду қадам бардошт ва корвон аз паси ӯ

[1] Чеб – мавзеи ҷангӣ; окоп
[2] Хек – номи вахониён ба забони онон
[3] Акнун бираву халкро бигӯ, ки бо дафу рубоб ба пешвози шоҳ бароянд

ба роҳ даромад. Баробари даромадан ба деҳ, садои дафнавозии занон ва байтхонии мардон ба фалак печиду барзаговеро дар пойи шоҳ сар заданд. Оромии зимистонаи деҳа халалдор гардид: мардум, чи бузургу чи хурд, бо шунидани хабари омад-омади шоҳи Бадахшон, ҳама ба шоҳроҳ рехт ва сабқаткунон ба тамошои корвон пардохт. Навкарони шоҳ гирди ӯро печонда, то расонданаш ба хонаи оқсақол шамшер ба наём нагузоштанд.

Чоряк соат пас деҳа ба сурхона табдил ёфт. Оқсақол шоҳро дар хонаи худ, корвониёни дигарро дар даҳ хонаи ободтари деҳ ҷойгузин намуд ва пазандаҳои беҳтаринро хосту амр дод, ки чанд навъ хӯрок омода созанд. Ба амри Ҷаҳондоршоҳ Шоҳантар чобуксавореро барои огоҳ намудани шоҳи Вахон Фатҳалишоҳ ба пойтахти он – деҳкадаи Намадгут фиристод.

* * *

Як сол пеш, вақте ки Султонмурод ба Файзобод лашкар кашид, Фатҳалишоҳ бо панҷсад ҷанговар ба мадади Ҷаҳондоршоҳ шитофт. Аммо то расидани ӯ душман ними Файзободро тасхир карда буду сипоҳи Ҷаҳондоршоҳ ҷангкунон ақиб менишаст. Вахиёни диловар худро бар лашкари Султонмурод заданд, вале рӯҳияи ҷангии бадахшиёнро бардошта натавонистанд. Сипоҳи Султонмурод зӯр овард. Ҷаҳондоршоҳ ба Чатрор гурехту Фатҳалишоҳ ҳам маҷбур шуд то расидан ба Чатрор ӯро ҳимоя намояд. Султонмурод холуи худ Мизробшоҳро ба тахти Файзобод шинонду худ ба Қундуз рафт.

Дар Чатрор Амонмалики меҳтар шоҳаншоҳро мардонавор тимордорӣ кард. Барояш шароити хуби зист муҳайё сохт, барои лашкари сершумораш дар чанд диж ҷой холӣ намуд. Фатҳалишоҳ ба нишони вафодорӣ бародарашро ба сариштаи ҳокимияти Вахон гумошту бо панҷсад ҷанговари худ дар хизмати валинеъматаш истод. Пас аз ду моҳи будубош Ҷаҳондоршо хабари ба дасти Муҳаммад Азимхон афтодани ҳокимиятро шунида, барои мадад хостан аз ӯ ба Кобул рафт. Фатҳалишоҳ низ дар ин сафар ӯро ҳамроҳӣ кард. Азимхон, ки тоза Кобулро аз дасти бародараш Шералихон кашида, саргарми мустаҳкам кардани ҳокимияти худ буд, ҳатто фурсате надошт, ки бо Ҷаҳондоршоҳ мулоқот кунад, чи расад ба гузоштани лашкар дар ихтиёраш. Албатта, ин зиракӣ ҳам дар миён буд, ки ҳокимони авғон ба тоҷикон бовар надоштанд ва Азимхон ҳам аз ин сиёсат худро канор гирифта наметавонист. Аммо

Ҷаҳондоршоҳ шахсе набуд, ки дилсарду ноумед гардад. Ба Балхи Бохтар, ки баъзе исломзадаҳои сарсахт акнун Мазори Шарифаш мехонданд, мурочиат кард. Сабаб он буд, ки ин вилоят қаламрави Бухоро буду мардумаш ба хеч вачҳ ба ҳукумати авғону Кобул гардан фаровардан намехост. Амир Музаффархон он замон тамоми неруяшро ба хомӯш кардани ошӯбҳои марказгурезонаи вилоятҳои Бухоро, ки ба пешкории истилогарони давлати Рус зуд-зуд ба вуқӯъ мепайвастанд, сарф мекарду дар ҳимояи минтақаҳои хуросонии худ очиз монда, барои чорӣ кардани низому тартиб дар ин минтақа коре карда наметавонист. Начибзодагони Бохтару Балх ба хотири пок кардани хоки Хуросону Бадахшон аз авғонҳо, барои Ҷаҳондоршоҳ сипоҳи тавонманде таҳия намуданд ва ӯ дар муддати як моҳ то Файзобод пеш рафту Мизробшоҳро ба фирор мачбур сохт. Мизробшоҳ бо роҳи Дарвоз ба Кӯлоб гурехт, Ҷаҳондоршоҳ аз нав ба ҳаққи аздастрафтааш соҳиб гардид.

Панч моҳ пас хабари дар Кӯлоб фавтидани Мизробшоҳро шунида, ду рӯз дар Файзобод тӯй доду бо ҳамин фикр кард, ки решаи душманонаш аз беху бун канда шуд. Андешид, ки то зинда аст, дигар касе ёрои даст ёзондан ба точу тахти ӯро надорад. Барои ҳамин, вақте ки овозаи ба чониби Бадахшон тохт овардани Маҳмудшоҳ ном амузодаи Мизробшоҳро шунид, ба ду гӯшаш бовар накард. Аммо Маҳмудшоҳ на шабаҳ, балки шахси воқеӣ баромад: элчие бо муҳру имзои вай номаеро бо таҳдиди «таслим шав, вагарна хокатро дар турбаам чо мекунам» ба дасти Ҷаҳондоршоҳ доду гуфт, ки агар то бегоҳ худро ба Маҳмудшоҳ насупорад, субҳи барвақт ба шикасти ногузир омода гардад.

Инак, Ҷаҳондоршоҳи шикастхӯрда бо занону фарзандон ва содиқтарин надимону афсаронаш барои сеюмбора ба чанг овардани бози давлат тадбири тоза мечӯяд. Ҳоло ки зимистон асту роҳи ағбаи Зебок касногузар, бигзор, Маҳмудшоҳ фикр кунад, ки Ҷаҳондоршоҳ то об шудани барф аз Чатрор намечунбад. Аммо ин чавони мағрур намедонад, ки пеши роҳи Ҷаҳондоршоҳро на барф гирифта метавонад, на бӯрон! То барф об мешавад, ки шоҳаншоҳи аслии Бадахшон аз Қуқанд лашкари гарон овардаву тухми Маҳмудшоҳро аз чаҳон пок карда!

Рӯзи дигар тарафи чошт шоҳи Вахон бо аҳли рикобаш ба хидмати шоҳаншоҳ расид. Ҷаҳондоршоҳ ӯро бародарвор оғӯш гирифту дар паҳлуяш шинонд.

– Хоки дунё ба сарам, ки шоҳаншоҳро дар чунин ҳол мебинам, – гуфт Фатҳалишоҳ. – Тамоми Вахону Ишкошим фидои як даҳан амри туст, агар хоста бошӣ, худи ҳамин соат ба Файзобод ҳуҷум мебарем.

Суханони рӯҳбаландкунандаи шоҳи Вахон Ҷаҳондоршоҳро қувват бахшиданд. Вай бори дигар мутмаин гашт, ки Фатҳалишоҳ, ҳақиқатан ҳам, мардест, ки дар бадтарин вазъият низ шердилию эътимод ба хушфарҷомии қисматро аз даст намедиҳад.

– Ҳиммати олиат бори дигар маро сарафроз кард, андувол, – шоҳаншоҳ бо табассуми фарох даст ба китфи Фатҳалишоҳ гузошт, – аммо аввал таом бихӯрем, ки мағзҳоямон равшантар фикр бикунанд.

– Чизе бифармоӣ, шоҳам, – гуфт Фатҳалишоҳ ва даст рӯи сина гузошт, – «бисмиллоҳ» аз туст.

Ҷаҳондоршоҳ panҷа ба табақ дароз карду луқмае бардошта, ба даҳон бурд, ки банохост зане бо ду маҳмез аз дупеча худро ба наздаш расонд ва дасташро дар ҳаво дошту фарёд кашид:

– Шоҳо, садқаи ҷадди бузургворат, ин луқмаро ба ман бибахш!

Фатҳалишоҳ панҷа бар мӯи зан заду ҷониби худ кашид, вале зан ба дасти Ҷаҳондоршоҳ дудаста часпида, ҳеҷ сар додан намехост.

– Сар деҳ, – амр кард шоҳаншоҳ ба Фатҳалишоҳ, – ин валъамат чи дарде дорад.

– Бале, эй шоҳи олам, дарди сахте дорам, ки ба чунин роҳзанӣ маҷбурам кардааст, – арз кард зан, пас аз он ки Фатҳалишоҳ мӯяшро сар дод.

– Бигир, – Ҷаҳондоршоҳ луқмаро ба дасти зан гузошт, – агар ба дардат ҳамин луқмаи ман даво бошад, бахшидам.

Зан рӯймоли афтодаашро ба сар кашид, дар пойгаҳ дузону зад ва гиряолуд гуфт:

– Шоҳо, писари нозанине дорам. Дар чаҳорсолагӣ мубталои дарде гашту панҷ сол боз рӯи бистар хоб аст. Ба тамоми дарҳо рафтем, шифо наёфт. Як муллои забардастамон китоб дид ва гуфт, ки фақат луқмаи нахӯрдаи шоҳ ба дардаш даво шуда метавонад. Он ҳам дар ҳоле, ки аз дасти шоҳ рабуда шавад. Барои чунин вистохӣ[1] аз як қатра хунам бигузар, ки илоҷи дигаре надоштам.

Зан сар дар китфон кашид ва мунтазири амр нишаст. Сукути гарон ҳукмраво шуд. Ҳама чашм ба даҳони шоҳ дӯхтанд. Фатҳалишоҳи дар ҳоли ногувор монда дӯғ зад:

---

[1] Вистохӣ – густохӣ

– Ту шарму ҳаё надорӣ, занаки бетамиз! Ё сарат болои китфонат зиёдатист?

Аммо Ҷаҳондоршоҳ Фатҳалишоҳро ором кард:

– Андуволо, бар ин заъифа сахт маё, ки модар аз барои фарзанд ба ҳелчаи мор медарояд, чи расад ба рабудани луқма аз даҳани инсон. Бисёр кори дурусте кардӣ, хоҳарам. Агар шифои писарат дар ҳамин луқмаи ман бошад, ҳазор бор ба танаш дармон гардад. Бархезу бирав ва ба ҳамин зудӣ онро ба бачаат бихӯрон.

Зан бархост ва «Илоҳо, бачагонат дар дами пирӣ дастёрат гарданд» гӯён дуое карду ҷониби дар шитофт. Ҳозирон ҳамагӣ оҳи сабук кашиданд, соҳиби хона гунаҳкорона арз кард:

– Шоҳаншоҳам, бар ман бибахш, ки дар ғафлат мондам, набошад, роҳаш намедодам.

– Ин заифа ҳамсояат буд? – пурсид Ҷаҳондоршоҳ

– На, хизматгорам аст, зани ороми хушодобест, аммо, чӣ кунам, ки имрӯз ба чунин нораво даст зад.

Ҷаҳондоршоҳ гуфт:

– Амрам ин аст, ки заифаро барои ин ҷасораташ сарзаниш накунӣ, дар ин хусус ҳатто ёдовар ҳам нашавӣ. Аз гашт вайу бaччаашро шахсан хабар мегирам.

Оқсақол Шоҳантар қомати бузургашро то миён хам заду гуфт:

– Қабул дорам, ҳазрато, бемораш шифо ёбад, мо ҳам, албатта, сарафроз мегардем.

– Худо хоҳад, – наҷво зад Ҷаҳондоршоҳ ва бо сари забон овардани ҷумлаи навбатӣ дар оҳанги гапаш аранге дарди ниҳонӣ роғ зад: – Бадтарин душмани одам фарзанди ӯст.

Дар байни нишастагон ин оҳангро танҳо Фатҳалишоҳ аз ҳама равшантар ҳис кард, зеро медонист, ки шоҳаншоҳ бо писаронаш чӣ муносибате дорад. Муносибаташ на танҳо ба аёлу фарзандон, балки тамоми навкарону ғуломону ҷориягон бисёр тунду дурушт буд. Шояд бо ҳамин роҳ мехост чашмашон битарсад, то аз қаробаташон истифода бурда, дар фикри хиёнат наафтанд. Дар ҳар сурат, ҳама чунин тахмин мезад, аммо иллати аслияшро касе намедонист. Бо аъёну акобир ва ашхоси бегона, баракс, нарму мулоим меомад. Барои гуноҳе агар шахси наздикашро ба дарра задан ҳукм мефармуд, бегонаеро барои ҳамон гуна ҷурм бо ҷаримаи сабук муҷозот мекарду халос. Чунин муносибати ноодилона дар тӯли солҳо боиси дилхунукии аҳли хонаводааш гардида, борҳо ба

рҳархашаи рӯирост оид шуд, вале Ҷаҳондоршоҳ, бо додани ҷазои сахт, ин гуна исёнҳоро ҳамон лаҳза фуру менишонд. Яке аз чунин шахсони «исёнӣ», ки зулми шоҳаншоҳро ҳеҷ таҳаммул кардан намехост, писараш Шердилхон буд. Шердилхонро барои Ҷаҳондоршоҳ зани шуғнонии ӯ – духтари шоҳ Абураҳимхон, зода буд. Ин баччаи тезҳушу ҷасур, ба қавле, аз бало ҳам наметарсид. Ҷангараю гарданшахи гузаро буд. Борҳо падараш ӯро ба зиндон андохт, чӯб занонд, аз маош маҳрум сохт, аммо Шердилхон боз ҳамон Шердилхони порина мемонд. Ба қавли падар, агар раги шуғнигиаш бичунбад, кӯҳи Зебокро ба кулӯхаки мазоре намегирифту дарёи Омуро ба ҷӯяки киштзоре. Хешу табор, чи дар дарбору чи берун аз он, Шердилхонро ҳамагӣ дӯст медоштанд. Зеро вай ҷавонмарди дурусткору бавиҷдоне буду бидуни тарсу ҳарос ҳуқуқу манфиатҳои онҳоро дар назди падараш ҳимоя менамуд. Ба хотири ин аъмолаш Шердилхон обрӯю нуфузи калоне ба даст овард ва ҳатто, метавон гуфтан, ки пешвои ғайрирасмии хонадони шоҳаншоҳи Бадахшон гардид. Бо ҳамаи ин, дар муносибат ба падар инсофу адлро нигоҳ медошт, ба умури давлатдорӣ дахолат намекард, ҳар вазифаеро, ки шоҳаншоҳ месупурд, бо аълотарин кайфият ба иҷро мерасонд.

Ҳоло ҳам Шердилхон дар масъалаи мадад хостан аз амири Бухорою русҳо бо падараш ихтилофи назар дошт. Вай бар он буд, ки агар тамоми шоҳигариҳои тобеи Бадахшон, аз Чин то Дарвоз, ба муқобили Маҳмудшоҳ аз як гиребон сар бароранд, бидуни шакку шубҳа, пирӯз хоҳанд гашт. Мадад талабидан аз давлатҳои дигар, дар ҳар сурат, истиқлоли воқеиро аз ихтиёри шоҳи Бадахшон берун месозад, зеро дар он сурат, бозичаи дасти онҳое мегардад, ки ҳокимиятро аз Маҳмудхон кашида, ба вай месупоранд. Бародаронаш низ Шердилхонро тарафдорӣ мекарданд, аммо касе ҷуръат надошт, ки дар ин бора сухан ба миён оварад: Ҷаҳондоршоҳ дарзамон сарашонро ба бод медод! Барои ҳамин, бо дили нохоҳаму синаи пурэътироз бо зану фарзандони худ миёни корвон мерафтанду намедонистанд, ки иқдоми имдодталабии падарашон барои онҳо чӣ сарнавиштеро пеш хоҳад овард.

Пас аз он ки хӯрок хӯрданду даст шустанд, Ҷаҳондоршоҳ ба Фатҳалишоҳ рӯ овард:

– Се рӯз дам мегирем, субҳи рӯзи чаҳорум ҳаракат мекунем. Ту нафареро барои даъвати Юсуфалихон ба Шуғнон бифирист.

– Ман фикр кардам, ки ба Шуғнон меравӣ? – изҳори ҳайрат кард Фатҳалишоҳ.

– Вақт аз даст меравад. Ҳоло ҳар дақиқа ғанимат аст. Ту сарҳадро сахт нигоҳ бидор, то омадани ман ягон шаҳбачаю мирбача ба Файзобод нагузарад. На шуғнӣ, на вахӣ, на ишкошимӣ! Бигузор, Маҳмуд фикр кунад, ки мо шикаст хӯрдему аз баҳри ҳукумат гузаштем.

Фатҳалишоҳ даст бар сина гузошт:

– Ба чашм, шоҳам.

– Ман кӯшиш мекунам, ки то иди Наврӯз бо лашкари гарон биёям. Он гоҳ бар ҳоли ин Маҳмуди бенамуд мурғони ҳаво хоҳанд гирист!

## МАШВАРАТ ДАР ИШКОШИМ

Мулоқоти Ҷаҳондоршоҳ бо Юсуфалихон дар деҳаи Ишкошим баъд аз чошт сар шуду субҳи рӯзи дигар, бо гусели шоҳаншоҳ ба тарафи Помир, анҷом ёфт. Юсуфалихон аз дарбориён ҳамагӣ чаҳор нафар – Сияҳсар, Асламхон, Сурхалишоҳ, Гулпочо ва Мирзоазизро бо худ ба Ишкошим бурду халос. Мирзоазиз дар тамоми лаҳзаҳои гуфтушуниди шоҳони Бадахшону Шуғнон иштирок кард ва чун фаҳмид, ки шоҳаншоҳи овозадори Бадахшон дар фикри тарк кардани қаламраваш афтодааст, эҳтироме, ки дар дил ба ӯ мепарварид, ба нафрат табдил ёфт. Ҷавонпаҳлавон ҳеҷ тасаввур карда наметавонист, ки шоҳи як мамлакати бузург давлату раъияташро ба душман монда, худ ба кадом кишваре рафтанию лашкар гадоӣ карданист. Ба чунин амал танҳо одами буздил даст мезанад, фикр мекард вай, шоҳи ҳақиқӣ бояд то охирин нафас тоҷу тахту раияташро дифоъ намояд, кушта шавад ҳам, қадаме ақиб нашинад!

То дидор бо Ҷаҳондоршоҳ Юсуфалихон дар тахайюли Мирзоазиз нисбат ба аввалӣ кӯчаку каммиқдор метофт, вале баъди он вазну эҳтишомаш якбора боло рафт. Чунки бе дудилагию калавиш дар чунин лаҳзае, ки тақдири мамлакат ҳал мешуд, истодагарӣ дар муқобили душмани Бадахшону Шуғнонро ба гардан гирифт. Шоҳаншоҳ ба ӯ чунин супориш дод:

– Юсуф, нийят кардаам, ки то Наврӯз аз Фарғона лашкар гирифта биёям, аммо таноби тақдир дар дасти ман нест, дар дасти Ху-

дои Таъолост. Шояд иттифоқе пеш ояд, шояд сафоратам дар Бухоро тӯл бикашад. Худат хуб медонӣ, лашкар рамаи мол нест, ки пешам андозанду даст ба сина гузоранд, ки бибар. То омадани ман ба Маҳмудшоҳ ягон алоқае нишон намедиҳӣ, саломашро беалайку пайғомашро бепосух мегузорӣ. Бар Фатҳалишоҳ зӯр овардани Маҳмуд аз эҳтимол дур нест, вале ту ба ҳеҷ ваҷҳ набояд мағлуб бигардӣ. Ба ин сармояю сипоҳе, ки дорӣ, аз дастат меояд. Шуғнон набояд таслим шавад!

Юсуфалихон ба расми ҳарбиён қоматашро тарангиду даст ба наёми теғ гузошт ва хитоб кард:

– Аз Худо умед дорам!

Он лаҳза Мирзоазиз бисёр мехост гапи дилашро то охирин ҳарф ба сари Ҷаҳондоршоҳ битаконад. Бигӯяд, ки ту чаро худат ба сармояю сипоҳат сару бар шуда, каллаи Маҳмудро сари найза намебардорӣ? Як ҳузури ту миёни лашкар бас, ки навкарон рӯҳбаланд гарданду душманро ба мисли намад зери по бимоланд. Аммо ба ин ҷасорат на синну солаш мувофиқ меомад, на мансабу манзалаташ. Ҷавоне навзанкарда буду ҳамагӣ пойдавони шоҳи Шуғнон. Ночор исёни дарунашро бо фуру бурдани оби даҳан паст карду лаби зеринашро миёни дандонҳо гирифт.

Ҷаҳондоршоҳ рафту Юсуфалихон ду рӯзи дигар ба суҳбату мулоқот бо калонтарони Вахону Ишкошим машғул шуд. Нигаронии шоҳ аз он буд, ки мабодо сафари шоҳаншоҳи Бадахшон ба Бухоро, баъзе ашхоси ҷудоихоҳро, ки дар пайи ба даст овардани ҳокимият дар ин водӣ буданд, шерак кунаду онҳо даст ба эътисоб зананд. Вай писараш Асламхонро, ки расман ҳокими Шохдара буд, аммо дар Баҳрпанҷа ба сар мебурд, таъкид кард, ки аёлу ажғолашро бардораду ба Роҷқалъа бикӯчад.

– Агар ба назар бигирем, ки тарафи баҳор Абодиллохон ба Шохдара кӯч мебандад, ҳисоб кун, ки ҳаводорони тоҷу тахт аллакай ба ҷунбуҷӯш даромадаанд, – насиҳатомезона гуфт шоҳ ба писараш. – Аммо ту набояд ба ин роҳ диҳӣ! Бори дигар бо Сияҳсар рӯйхати бетармолиҳои мунофиқро аз нав дида, ҳар якашонро зери назорат бигир. Ҳоло ки мо бо Маҳмудхон дар чангчасп[1] меоем, намадамон набояд каждуме дошта бошад. Ҳоло лак-лак дӯст кам, як душман барои мо зиёд аст. На фақат дар Шохдара, дар ҳама ҷо. Аз хонае гапи

[1] Чангчасп – панҷа задан; низоъ, муҳориба

нораво баромад, сартиқи[1] аҳли он хонаро дар Шуғнон набинам! Ҳар кордоре, ки гӯшашро хобонд, ман донаму аҳли авлоди вай! Дар ин хусус Сияҳсар огоҳам мекунад, Мирзоазиз ҳукми ҳар ёғиро шахсан худаш ба иҷро мерасонад.

Аз ин гапи шоҳ пушти Мирзоазиз ларзид. Гӯшҳояш садо доданд, – ба дараҷае, ки фикр кард одамони ҳамшафаташ ҳам шуниданд, – кафи дастонаш арақ кард, табъаш хира гашт. «Аҷабо, ин мардак маро ба хари пастаки худ табдил додаву ман бехабар, ҳатто намепурсад, ки чунин пастӣ аз дастам мебарояд ё на». То расидан ба Баҳрпанҷа Мирзоазиз дарун-дарун худро хӯрд. Зимистони яхбандон оламро бо сардии чиллааш сӯз медод, аммо аз фарти азоби виҷдон бадани Мирзоазиз, аз фарқи сар то нӯги по, дар арақ тар гашт. «Ба Сияҳсар хандидаму акнун рӯзаш ба сари худам омад. Шармандагӣ! Гапи хушдоманам рост баромад – ба авлодам иснод меорам! Чӣ бояд кард? – Мирзоазиз пеш-пеши шоҳ асп ронда, хаёлан роҳи халосӣ аз ин вазъи мураккабро меҷуст. – Мулло Хишол ҳамон рӯзи аввал таъкид карда буд, ки аз шоҳ худро дур бигирам. Гапи охонро нагирифтам, гумон кардам, ки шоҳ маро ба хотири бобою падару амакам эҳтиром мекунаду некиҳои аз онҳо дидаашро ба воситаи меҳрубонӣ ба ман ҷуброн кардан мехоҳад. Баробари расидан ба хона гапро ба пияндарам мерасонам. Шояд ягон маслиҳат дода тавонад».

Ҷавонпаҳлавон ду чашми аз аламу надомат ғамолудашро аз масири ҳаракат – пайроҳаи борики пурбарфи лаб-лаби рӯди камоби нуқратоб наканда, ба ёди қиссаи Девонашоҳи Меҳмонкӯб дар бораи падараш – Маҳмаднасими Дуоташа афтод. Он рӯз, ки Девонашоҳи овозадор аз ӯ шикаст хӯрду вақте донист, ки аз тухмаи кист, Мирзоазизу ҳамроҳонашро меҳмон гирифт ва дар бораи корномаи падараш нақле кард, ки на аз бобояш шунида буду на аз каси дигар.

Он замон Маҳмаднасим ё бистсола будааст, ё як-ду соле бештар аз бист. Хулласи калом, охирин соли ҳаёташ дар ҷаҳони равшан. Чун ба як зарб уштури мастро аз по меафтондааст, мардум вайро Дуоташа лақаб ниҳодаанд. Баракси падару бобоёнаш, Маҳмаднасим ба хидмати шоҳон гардан нафаровարда, ба хости дили худ зиндагӣ мекардааст. Чархи даврон чунин тоб хӯрдааст, ки он ҳангом дар байни шоҳони Шохдараю Шуғнон душмании сахт аф-

[1] Сартиқ – нишон, ҳузур

тода, чанд сол давом кардааст. Сабаби адоваташон ин буда, ки шоҳи Шуғнон Абдураҳимхон ва шоҳи Шохдара Қурбонҷон ҳамроҳ ба саломи мири Қундуз Миркалон мераванд. Қундуз Бадахшону Помирро нав забт карда буд ва шоҳон мебоист тобеъияти худро ба мири қатағанӣ намоиш медоданд. Абдураҳимхон аз Шуғнону Рӯшон сад бачаю духтари наврас ҷамъ оварда, бо худ ба Миркалон ҳадя мебарад. Аммо шоҳи Шохдара, ки аз мардуми таҳҷоӣ буду дилаш ба мардум месӯхт, на ғулому каниз, на зару зевар, балки дахтоӣ шохи мешаку нахчирро армуғон мебарад ва шаб амр медиҳад, ки бар деворҳои қасри шоҳи Қундуз биовезанд. Субҳ Миркалон ин манзараи чашмраборо дида, бисёр хурсанд шуда, хирадмандии Қурбонҷонро меситояд. Абдураҳимхон, ки бе ҳамин ҳам барои ба фармони худ даровардани Шохдара сояи Қурбонҷонро аз девор метарошид, аз ғояти рашку ғурур душмани ҷони ӯ мегардад. Баъд аз ин Абдураҳимхон барои мулзам сохтани ҳарифаш чанд бор мекӯшад, ки аз мардуми Шохдара ғулому каниз гирифта, ба Қундуз бифиристад. Аммо ҳар бор ба муқовимати сахти гурдони Қурбонҷон дучор шуда, ба мақсади нопокаш намерасад. Дар ин байн, рӯзе мешунавад, ки шоҳи Шохдара барои гуфтушуниди муҳимме бо қирғизҳо ба Марғов сафар кардааст. Даррав ба чанд деҳаи Шохдара навкар фиристода, беш аз чиҳил писару духтарро аз оғӯши падару модарашон ҷудо намуда, шабошаб тарафи Қундуз равон мекунад. Барои он ки навкарони Қурбонҷон хабар ёфта, асиронро озод карда натавонанд, Абдураҳимхон амр медиҳад, ки корвонро чиҳил сарбоз ҳамроҳӣ намояд. Корвон субҳдам ба Докхона расида, саргузар мешавад. Қазоро Маҳмаднасими Дуоташа, ки барои шикор ба ин мавзеъ омада буд, барои огоҳ гаштан аз қазия навкаронро мепурсад, ки навҷавонони нолону гирёнро куҷо мебаранд? Ин асно навкаре бидуни пурсу пос номардона аз қафо ба китфаш теғ зада, дасти чапашро аз кор мебарорад. Маҳмаднасим бо як даст ба навкарон ҳуҷум карда, ними зиёдашонро зада мекушад ва худ низ аз хунравии зиёд афтода, ҳалок мешавад. Ҷавонон аз фурсат истифода бурда, ба ҳар тараф гурехта, пинҳон мешаванд. Ҳамин тариқ, Маҳмаднасими гурд ба ивази ҷони худ ҷони он ҷавононро аз ғарибию беномусӣ наҷот дода, ягона фарзандаш Мирзоазизро дар шиками модараш ятим мегузорад.

«Падарам барои номуси халқаш чӣ карду мани ношуд чӣ карда истодаам? – ба пешониаш муште зад Мирзоазиз, – оҳ аз ин шоҳони

ҳилагар, ки одамро нахоида фуру мебурдаанд». То расидан ба манзил Мирзоазиз фикр мекард, ки барои чӣ бобою амак, ҳатто модараш, қиссаи фоҷеабори қурбон гаштани падарро барояш нақл накардаанд. Дар ин ҷо чӣ сирре ниҳон бошад? Чанд моҳ қабл, вақте Девонашоҳ ин достонро ҳикоят кард, сахт ба риққат омад, аммо аз чӣ бошад, фикр ҳам накарда буд, ки барои чӣ қиссаеро, ки бевосита ба ҳаёти хонаводаи вай дахл дорад, аз забони марди бегонае мешунавад? «Бегоҳ аз модарам мепурсам, наход надонад, ки шавҳараш барои чӣ кори бузурге шаҳид гашту дар ин бора хомӯшӣ баргузидани аҳли хонаводааш чӣ маъно дорад?».

Мирзоазиз шоҳро ба қалъа гуселонду зуд роҳи хонаро пеш гирифт. Сӯхтагии димоғи ӯ аз назари шоҳи зирак пинҳон намондааст, ки вақти хайрухуш гуфт:

– Мирзо, тамоми роҳ сар дар гиребон кашидӣ? Кадом гапе ба ту нафорид? Минбаъд аз ин қисм гапҳоро зиёд мешунавӣ, лекин ягонтаашро ба дил нагир. – Ва дасташро сахт фишурду хайрухуш кард, – кадом пире дуруст гуфтааст, ки мард бояд санги зерини осиё бошад. Миёнатро сахт бибанд, ки моро санҷишҳои калон дар пешанд.

Вақте ба ҳавлии нисбат ба хонаҳои ҳамсояҳояш ҳашаматноки худ расид, ҳотаву сохтмони он ба назари Мирзоазиз берангу хунук тофтанд. «Ҳамон сиёҳхонаи падарам ҳазор маротиба аз ин гарму гуворо буд, – ба оҳанги дареғ фикр кард ӯ, – наход, он иқоматгоҳи шарофатро ба паногоҳи залолат табдил бидиҳам?».

Азизмоҳ дар ошхона дунбаҷигари навакак аз дег баровардаашро ба пиёз хобонда, дар фатир печонду бо дасторхон пӯшонд. Сипас сари писарашро дар канор гирифту аз пешониаш бӯсид.

– Салом, шаҳсувораки беқарораки нана, дилам гувоҳӣ дод, ки ҳамин рӯз меоӣ. Бароят дунбаҷигари хушмазза пухтам, ки хунукиҳои танатро барорад.

– Сипос, наники дилсӯзакам, – ҳар ду дасти гарми модарро рӯи чашмон гузошту бӯсид писар, – ин қадар ёдат кардам! Раҳорах ба сарам суоле афтоду гуфтам, ки аввал ҳамонро бипурсам.

– Чӣ саволе ба сари бачаам афтодааст?

Ин асно хонтахта ба даст зани Мирзоазиз даромаду риштаи гап бурида шуд. Духтар шавҳарашро диду дарзамон мисли гул аз хурсандӣ шукуфт. Хушдоман шакарханде карду гуфт:

– Э ин ниҳолаки бедимоғака бин, туро диду якбора шоху барг баровард-ку!

Мастурамоҳ хонтахтаро болои танӯр гузошту ба ду каф рӯяшро пӯшонда, бадар гурехт. Садои хандаи хушбахтонаи модар баланд гашту Мирзоазиз ҳам ба он ҳамроҳ шуд.

– Ин духтар ҳоло ҳам ранги рӯзҳои арӯсиаш шарм медорад-е, – гуфт Мирзоазиз. – Баъзан фикр мекунам, ки ҳамон рӯзи барои кӯчбанд ба хонаашон рафтанам ба рӯям ҳамин духтар давида буд ё каси дигар?

– Зевари зан шарму ҳаёст, бачам, шукр кун, ки занат аз ин сарват ба фаровонӣ дорад. Шуморо дар канори ҳамдигар мебинаму умрам бозмеистад. Чашм нарасад. Акнун бигӯ, ки дар Шикошим кадом саволи аҷиб ба сарат омад?

– Наник, падарам барои чӣ кушта шуд? – бидуни забонхоие пурсид Мирзоазиз.

Дарзамон ба чеҳраи Азизмоҳ ғам соя афганд. Ҷабинаш чин зад. Модар баъди сукути вазнин ба наҷвои хастаолуд чунин посух дод:

– Бачам, хоҳ бовар кунӣ, хоҳ накунӣ, дар ин хусус чизе намедонам. Ба ман мурдаашро оварданду дигар чизе нагуфтанд. Китфи чапаш шикаставу дасташ хунолуд буд. – Ва чун дид, ки ҷавобаш Мирзоазизро қонеъ накард, афзуд: – Чанд бор аз бобою амакат пурсидам, гуфтанд, ки мурдаашро дар кадом деҳаи дур ёфтаанду ба чӣ ҳодисае дучор омаданашро касе намедонад.

Мирзоазиз яқин кард, ки модараш, дар ҳақиқат ҳам, дар ин бора иттилое надорад. Ҳайрон шуду гуфт:

– Ман шунидам, ки барои аз бардабарот[1] наҷот додани ҷавонони Шохдара ҳалокаш кардаанд. Лекин барои чӣ ин гапро пинҳон доштаанд, ақлам намегирад.

Модар оҳи сарде кашиду маслиҳат дод:

– Аз охонат бипурс, вай ҳатман медонад.

Бегоҳ, сари дасторхон, Мирзоазиз қиссаи аз Девонашоҳ шунидаашро нақл карду муддаои дилашро назди Мулло Хишол кафонд. Пияндар, андешакунон луқмаи даҳонашро хоида, фуру бурду гуфт:

– Ман хабар доштам, ки Маҳмаднасими Дуоташаро навкарони Абдураҳимхон куштанд, аммо намедонистам, ки ба шумо чизе нагуфтаанд. Албатта, Ҷаҳонгиру Маҳмадазим пурра огоҳ буданд, ки вайро барои чӣ куштанд. Аммо шояд барои он нагуфтаанд, ки ҳар ду афсарони дарбор буданду навкарон аз сипоҳи худашон.

---

[1] Бардабарот – ғуломфурӯшӣ

– Охон, ту гуфтанӣ, ки бобою амакам одамфурӯшии шоҳро қабул доштанд? – норзиёна рӯ туруш кард Мирзоазиз.

– Бачам, ба ҳисоб гир, ки он замон шохдараиҳо душмани шуғниҳо буданду Ҷаҳонгир сипаҳсолори шоҳи Шуғнон. Бобоят, албатта, писарашро дӯст медошт, вале чун афсари бошарофат ин рафтори худсаронаи вайро қабул карда наметавонист. Барои ҳамин, «сари кафида – зери тоқӣ» гуфта, сирри ҳалокати Маҳмаднасимро ба даҳони мардум наандохтаанд.

Мирзоазизро ҷавоби пухтаи падархонд қонеъ кард, аммо ташвиши дилаш бештар шуду камтар не. Аз ин рӯ, вақте ки зану модараш аз хона баромаданд, зуд саволи дигарашро ба миён гузошт:

– Охон, шоҳ амр кард, ки минбаъд ба кӯчбанди мардум ман раҳбарӣ кунам. Сияҳсар маълумот медодаву ман бадарға. – Ва буғзи гулуяшро балъиду гиряолуд илова кард: – аммо ман наметавонам, виҷдонам намебардорад. Падарам сари ин номус ҷон бохту мани фурумоя рӯҳашро меозорам…

Бо шунидани ин хабар дасту пои Мулло Хишол якбора суст шуд. Араќи сард сару рӯяшро зер кард. Писархондаш маслиҳат мехоҳад, вале вай намедонад чӣ бигӯяд. Хеле андешид, андешиду бо садои шикаста наҷво зад:

**– Чу зулме аз ту ояд носазовор,**
**Ҳамеша он амалро ёд медор.**
**Чу доно зулм варзад, ҳаст зулмат,**
**Зи нодон зиллат ояд, ҳаст раҳмат.**
**Бибояд оқибатандеш будан,**
**Бурун аз хешу ҳам бо хеш будан.**
**Ба шодии ҷаҳон дилро макун шод,**
**Ки он дори ғурур омад зи бунёд.**
**Чу пеши ҷоҳиле неъмат ниҳӣ ту,**
**Чу теғе шуд, ки бо деве диҳӣ ту.**
**Ки чун нодон биёбад аз ту қувват,**
**Ҷаҳонеро дарандозанд ба меҳнат.**

Ва бо абрӯвони гиреҳбаста сукут варзид. Мирзоазиз ба абёти хонда андешиду гуфт:

– Дуруст, аммо роҳи халосӣ чист?

– Кори мешуданӣ шуд, писарам. Аз амри шоҳ сар печидан ба сари худ балои азим овардан аст. Дигар ихтиёр аз даст рафтааст. Ам-

мо ҳама вақт, албатта, роҳе вуҷуд дорад. – Охон тоқӣ аз сар гирифту чашмонашро пӯшонд, ба андешаи амиқ фуру рафт ва охируламр хомӯширо шикаст: – Юсуфалихон моро фирефт, мо ҳам вайро мефиребем.

– Мефиребем?! – Мирзоазиз аз ҳайрат сар аз даруни китфон боло кашид. – Чӣ хел?

– Шуғнон мамлакати калонест пур аз дараву девлох. Маҳкумшудагонро ба ягон гӯшаи дурдасти Бартанг, Шохдара, ё Ғунд бурда, ҷой кунӣ, кӣ медонад куҷо рафтанд?

– Ҷосусони Сияҳсар ё ягон кас аз байни худашон хабар диҳад-чӣ?

– Кӯчбастагон ба ивази некӣ бадӣ намекунанд, чунки онҳоро аз азоби ғарибӣ дар мамлакати бегона наҷот медиҳӣ. Лекин барои зиндагишон ҷоеро интихоб кун, ки обу алафу ҳезум дошта бошад. Дигар худ саруҳисобашонро меёбанд. Бар зидди ҷосусони Сияҳсар ҷосусони худатро тайёр кун. Коре кун, ки пояшон ба он мавзеъҳо нарасад. Сипоҳӣ ки шудӣ, акнун сипоҳ бош, ба сиёсат ҳамроҳ шудӣ, сиёсатмадор шуданат даркор.

Мулло Хишол мегуфту Мирзоазиз бо ҳайрат фикр мекард, ки чӣ сон ин марди пурдониш ӯро бо хираду фаросати худ аз чунин чоҳи ба назараш бетаг ҷониби рӯшноӣ мекашад. Иҷрои тадбири пешниҳодкардаи вай мушкил бошад ҳам, дили паҳлавони ҷавонро, ки ташнаи корнамоиву қаҳрамонӣ буд, ба ҷӯш овард. Аз ҷо бархосту оғӯшаш гирифт ва нидо дардод:

– Хуш ба ҳолам, ки чунин падаре дорам!

## ДАР БОРГОҲИ ШОҲБОНУ ШАМШОД

Ду моҳи тобистони гарм дар Бухоро паси сар шуд, аммо Тағойбек ба ҷӯшу хурӯш ва ғавғову машғалаи он ҳеҷ одат карда натавонист. Хонае, ки амир ба ихтиёраш гузошт, ҳамагӣ чорсад-панҷсад қадам дуртар аз мадрасаи машҳури Чорманор, дар пушти майдони Лабиҳавз воқеъ гашта, серодамтарин мавзеи ин шаҳри нопайдоканор буд. Бар замми дукону растаҳои бисёр, дар атрофи обанбори калонаш боз ду мадрасаи бузург – Кӯкалтошу Нодир-девонбегӣ ва як хонақоҳ бо бурҷу манораҳои зебои нотакрорашон ҷилванамоӣ мекарданд. Ғалоғулаи мардум дар ин ҷо ҳатто шабҳо низ қатъ наме-

гардид: қаландармашрабон суруде мехонданд, миршабон ҳангомае барпо мекарданд, машкобон барои навбати обгирӣ аз ҳавз ба сари ҳам дод мезаданд, субҳдамон якбора аз болои чандин манора овози муаззинон баланд гашта, хоҳ-нохоҳ хоби ӯро мепаронд. Илова бар ин, бӯйҳои мухталифе, ки аз кӯчаю паскӯча ва ҳатто боғу ҳавлиҳо бархоста, ба ҳам махлут гашта, ба димоғ мезаданд, ранҷи будубошашро дар хонаи дутабақаи барҳаво дучанд меафзуд. Агар бими ғазаби амир намебуд, тамоми имтиёзу шароити барояш муҳайёгаштаро пушти по мезаду ба ҳар ҷонибе, ки рост ояд, аз ин шаҳри бадбӯйи асабзудо мегурехт. Ба саҳрои кушод ё пуштаи баланде мебаромаду то сер шудани охирин риштаи ҷонаш аз ҳавои тоза! ҳавои пок! ҳавои беолоиш! – аз ин муъҷизаи бебаҳо, нафас мегирифт! Аммо, афсӯс, амир ӯро ба ин «шаҳри ибодату тиҷорат» (Тағойбек Бухороро дар пеши худ чунин номид) бебанд баста мондааст.

Азоби алими дигар дуруст надонистани забон буд. Тағойбек дар пеши мулло Султонҳайдар савод бароварда бошад ҳам, аз он ки порсии медонистагии ӯ ба тарзи гапзании бухороиён мувофиқ намеомад, аз гуфторашон қариб чизе фаҳмида наметавонист. Ба назари вай, ин мардум дар ҳама кор, минҷумла, дар гап задан ҳам, он қадар тезу осема буданд, ки калимаҳои мегуфтагиашонро низ шикастаю бурида ба забон меоварданд. Қирғизии ӯ дар ин шаҳр камтар ба кор меомад, чун сокинонаш ҳамагӣ тоҷик буданду баъзеашон туркӣ донанд ҳам, ба кадом шеваи барояш душворфаҳм сухан мегуфтанд.

Бо ҳамаи ин, гардишу сайри ҳаррӯза ҳамроҳи Тӯйчибой ва муошират доимӣ бо вай бенатиҷа намонд: гӯшаш кам-кам ба лаҳни гуфтори мардум одат карду забонаш ҳам хеле кушода шуд. Бозоргони тирмизӣ соате рафиқи навашро танҳо намегузошт. Метарсид, ки мабодо бо Тағойбек ҳодисае рӯй диҳаду вай ба ғазаби амир гирифтор шавад. Дар ин шаҳри бузург ҳар гуна воқеаро интизор шудан мумкин аст. Билхоса, вақте ки шахс бо дарбор робита дорад. Кӣ медонад, дар паси ӯ чи сирре нуҳуфтаву киҳо дар борааш чи нақшаҳое доранд? Тӯйчибой дар Тирмизи аз Бухоро дур як умр орзу мепарварид, ки боре пойбӯси амири мамлакат барояш муяссар гардад. Ҳоло ки ба тавассути Дарвешу Тағойбек ба ин орзуяш расидааст, онро ба ҳеҷ ваҷҳ аз даст додан намехост. Охир, каси дигар не, худи Музаффариддини ҷалолатмаоб ба вай амр додааст, ки Тағойбекро ҳамроҳӣ кунад! Магар ситораи бахт ба рӯи як бозоргони музофотӣ гармтар аз ин хандида метавонад!

Хонае, ки Тағойбек дар он зиндагӣ мекард, ҳавлии васеи сангфарш, деворҳои рост, дарвозаи дутабақаи баланд, дарҳои мунаққаши чӯбин, боғи пурдарахт, чанд ҳуҷраи барҳавои фаршашон тахтагӣ ва ахтахонаю анбори тозаю озода дошт. Ин хоҷагии на чандон калонро марди ғарибнамое, ки Султонқул ном дошт, ҳамроҳи писараш Асрорқул нигоҳубин мекарданд. Султонқул дар Фалғар гуфтанӣ мавзеи кӯҳистонии дуре сукунат доштаву ба Бухоро барои хонондани писараш омада будааст. Падару писар дар як гӯшаи анборхона зиндагӣ мекарданд ва бар замми озод будан аз пардохтани пули иҷора, Султонқул барои нигоҳубини ҳавлӣ музде гирифта, ба рӯзгор ва таҳсили писараш сарф менамудааст. Ситораи ин марди хушгапи ботавозуъ аз рӯзи аввал дар назари Тағойбек гарм тофт. Бинобар ин, гоҳ-ногоҳ бо вай суҳбат карда, ҳам забони кунди худро ба порсӣ мекушоду ҳам нақлу ривоятҳои мароқовар шунида, лаззат мебурд. Аз ҳамин Султонқул фаҳмид, ки то ду моҳи пеш дар ин ҳавлӣ як афсари фаропояи рус бо занаш зиндагӣ мекардааст. Вай ба забонҳои порсию туркӣ озод гап зада, ҳар моҳ ду-се маротиба коғазҳое навишта, ба ҳузури амир медаромадааст. Ду моҳ пеш, ба кадом сабабе, муносибати ӯ бо амир тундутез мегардаду Бухороро тарк менамояд. «Умуман, амири мо ба русҳо хушбин нест, – гуфт рӯзе Султонқул, – чандин сол бо вайҳо ҷанг кард ва, аз рӯи шунидам, мехоҳад, ки онҳо дар давлати мусулмонободамон мақоме надошта бошанд». Тағойбек, ба нозукиҳои сиёсат сарфаҳм намерафт, аммо аз он ки ҳавлии аз афсари рус боқӣ монда ба ҷиҳати озодагию хушнамудӣ аз ҳавлиҳои атроф билкул фарқ мекард, дар кунҷи синааш ба ӯ эҳтироме қоил буд. Бахусус деворҳои сафедаш ин иморатро аз хонаҳои дигар, ки андоваи маъмулӣ доштанд, фарқ кунонда, назаррабою боҳашамат ба ҷилва меоварданд.

Охири моҳи дуюми зистанашон дар Бухоро, вақте бекорию номуайянӣ ба дили Тағойбеку Тӯйчибой тамоман зад, як субҳгоҳ марди баландқомате, ки онҳоро ба ин ҷо оварда буд, савори як фойтуни қаҳваранги зебо, ба ҳавлӣ даромад ва гуфт:

– Ҷаноби олӣ амр карданд, ки шуморо бо чизу чораатон ба қасри нав бурда форорам.

Онҳо даҳ дақиқа пас асбобу анҷоми худро ба фойтун ниҳода, бо Султонқули фалғарӣ панохбахудо гуфтанд. Фиристодаи амир, ки худ фойтун меронд, аспро резачорпо давонд. Пас аз ним соат кӯчаҳои хамдархами Бухоро пушти сар монданду фойтун аз кадом

дарвозаи боҳашамати шаҳр берун баромад ва роҳи пурчангу ғубори саҳроро пеш гирифт. Баробари рост шудан ба роҳи саҳро, баҳри дили Тағойбек якбора кушод; вай ҳатто чи тавр баромадани дудаю ғизлати дар дилу ҷонаш ҷамъшударо ҳис кард. Ба назараш чунин намуд, кӯрдуди ғализе, ки ду моҳ боз дар танӯри синааш гир омада, ҳафт андомашро тазйиқ медод, дар шакли абри сиёҳе ба ҳаво баршуду оташи гаронсӯзи дилаш якбора озоду сабук ба чор сӯ забона кашид.

Шодмонии Тӯйчибой низ ҳадду канор надошт. Вай ба бо қиёфаи одамони ҷосангин ба роҳаткурсии фойтун пушт барниҳода, ҳалвои барои таҳтӯл гирифтаашро ба даҳон андохтаю лаззат бурда, ба ҳамсафараш мегуфт:

– Ба шумо дурӯғ, ба Худо рост, навангӣ, чунин ҳодисаи аҷиброро дар умри сарам дидагӣ нестам, ки амири кабир сағиреро ин қадар илтифоту навозиш кунанд. Дар ҳақиқат, агар Худо диҳад, писари кӣ буданатонро намепурсидааст. Амир беҳуда ҳар касро қаср ба қаср намегардонанд. Дар ин ҷо, навангӣ, ягон гапи калон, бисёр калон, ниҳоят калон аст, дӯстам. Мана мебинед, ки тахминам дуруст мебарояду шумо одами калон мешавед. О, Худо, кореро, ки ту мекунӣ, шоҳу банда дар назди он оҷизанд!

– Ин қасри навро барои чӣ дар шаҳр не, дар саҳро сохтаанд? – пурсид Тағойбек.

– Чӣ, шумо фикр мекунед, ки фақат дили худатон дар шаҳр бухс мекунад? – шӯхиомез ҷавоб дод Тӯйчибой. – Амир ҳам одаманд, дили он кас ҳам ғализ мешаваду ҷойи бароҳат металабад. Се сол пеш бинои қасри навро анҷом доданду онро ба ихтиёри зани эрониашон вогузоштанд.

– Чӣ хел *эронӣ*?

– Ҳамин хел, эронии соф. Навангӣ, он кас ҳам дар аввал монанди эрониёни ҳоло ба давлат расида каниз буданд, баъд Амир Музаффариддин ошиқашон шуданду ба занӣ гирифтанд. Писарашон Абдулаҳадхони Баҳодур дар Кармина ҳоким мебошанд. Навангӣ, яке толеъмон баландӣ кунаду худи шаҳбону Шамшодмалика моро бор диҳанд, он гоҳ роҳгардиамон болои тангаю тилло мешавад.

– Чаро чунин гумон мекунӣ?

– Барои он ки аз тамоми занҳояшон амир он касро аз ҳама зиёдтар дӯст медоштаанду аз ҳама бештар гапи он касро мегирифтаанд.

Ин тавр шавад агар, навангӣ, додарҷон, буҷули мо чунон олчӣ мехезад, ки мондан гиред.

Саҳроҳои нопайдоканор ҷое сабз буданду ҷое биёбон, ҳар ҷоҳар ҷо пуштаҳои хокистарӣ ба ҳар суратеву шакле баланд гаштаву уфтода, манзараҳои ба ҳам монанди ҳамворзаминро рангу ҷилои тоза ато менамуданд. Киштзорони тиллогун, наҳрҳои сарсабз, боғу бӯстонҳои шоду хуррам, дарахтони гуногуни мевадору бемева, гулу гиёҳҳои ҳазорранг, аз ҳаракати якмароми фойтун, дар ду тарафи роҳ синамолон қафо мехазиданду шамолаки форам димоғҳоро бо бӯйи гуворои чаману бӯстон тарабнок менамуд. Хуршед тобу тавони тобистонаашро ҳанӯз ҳифз карда бошад ҳам, соябони боми тахтагии ароба шасти онро гардонда, ранҷи роҳро бар мусофирон осон мегардонид. Дар осмони андаке гардолуд лаккаи абре ба назар намерасид, фасли ҳамахомпаз табиатро зери фармони гарму нарми хеш оҳиставу ноаён мепазонд. Чанд фарсах пушти сар монд, аммо ғайричашмдошти Тағойбек на кӯҳе пеш омаду на дарае. «Наход замин ин қадар ҳамвору ғаллазору пурдору дарахт ҳам шавад? – ба ҳайрат ба худ меандешид мусофири бартангӣ, – Худованд ин мардумро чи қадар дӯст доштааст, ки чунин замини ҳосилхезу серпаҳноро барояшон ато намудааст! Тамоми Бартанги ман ба андозаи ана ҳамин деҳкада киштзор надорад. – Ва бо надомат зери лаб пич-пич зад: – Мо чӣ гуноҳе доштаем, ки дар он мушхонаҳои танги баланд гунҷишкрӯзиамон карда бошад?».

Баъд аз пешин фойтун ба чорбоғи калони шодобу сердарахте даромаду дар назди бинои боҳашамате истод.

– Ҳӯӯй, чӣ хел зебо, навангӣ! – кафашро бар пешонӣ лапар карда, нидо баровард Тӯйчибой, – ин дурдонаро чӣ ном гузоштаанд?

– Ном надорад, – ҷавоб дод фойтунчии дамдузд, ки тамоми роҳ калимае ба забон наоварда буд, – ҳамту Қасри нав мегӯянд. – Ва чобук ба замин париду роҳи дарвозаро пеш гирифт.

– Ина бинед, ошно, ҳар як кунгурааш ба чени кӯҳҳои диёри шумост, – ба баёни таассуроташ давом дод Тӯйчибой, – эҳ, ба ақлу хирадатон гардам, амирҷони кабирҷон-е! Ин ҷо шаҳр мешавад, навангӣ як Бухорои дигар!

– Ҳавояшро намегӯӣ! – гапи ошнояшро қувват дод Тағойбек, – гӯё нӯшдору хӯрда бошам, ҷонам якбора даромаду бедору ҳушёр шудам.

– Навангӣ дар роҳ гуфтам-ку, амир ҳам барои аз ҳавои гарму нороҳаткунандаи Бухоро паноҳ кардани сари худу хонаводаашон махсус ин қасрро сохтаанд. Шунидам, барои интихоб кардани макони сохтмон, саросема нашуда, ҷойҳои зиёдеро аз назар гузарондаанд. Чандин мавзеъро пешниҳод мекунанд, аммо амир қабул накардаанд. Охири охирон, кадом як донишманд маслиҳат медиҳад, ки, навангӣ, гӯсфанди пӯсткандаро ба майдонҳои интихобмекарда партофта, чанд рӯз мушоҳида кунанд. Дар кадом ҷойе гӯшт аз ҳама дертар бӯй гирад, бинои қасрро дар ҳамон ҷо андозанд. Ҳамин тавр, ошно, гӯшт дар ҳамин ҷо тоза мемонаду амир ба иморати қасри нав фотеҳа медиҳанд.

Ин асно фойтунчӣ расиду чунин хабар овард:

– Тӯраҷонҳо, ҷоятон омода шудааст. Хӯрок мехӯрем, гармоба меравем, фардо субҳ худи шаҳбонуи давлат хонум Шамшоди валинеъмат бо шумо мулоқот гузоштаанд.

– Иншоаллоҳ, мошоаллоҳ, – даст ба дуо бардошт Тӯйчибой, – навангӣ, давлаташонро зиёда гардонад, сояаашонро аз сари ин бандагони зори як назарашон ҳаргиз кам нагардонад, облоҳу акбар!

Тағойбек ба сурати аз ғалаёни ҳаяҷон сурхгашта ва рӯҳи аз ғояти хушбахтӣ болидаи дӯсти тирмизиаш нигоҳ мекарду ҳайрон мешуд, ки барои чӣ ҷону равони худашро чунин ҳолат фаро намегирад? Шояд Тӯйчибой яқин медонад, ки аз мулоқот бо шоҳбону чӣ суде ба даст меорад, вале ӯ ҳеҷ фаҳмида наметавонад, ки дар чунин боргоҳи олӣ ба шахси оҷизу ғариби ӯ чӣ ниёзе дошта метавонанд? Дуруст, ки амакдухтарашро ба дарбор гирифтанд, вале дарбори дастнорас ба мисли Гулдаста садҳо канизаки бефарёдрас дораду зиндаю мурдаашон дар ихтиёри соҳибони ин қасрҳои муҳташаманд. Дар ин миён аз Тағойбеки ҳақиру ғариб чӣ мехоҳанд, ӯ ҳеҷ тасаввур карда наметавонист. Албатта, Тӯйчибой тахминҳое барояш мегуфт, вале ҳеҷ кадомашон дар дили ҳайрони Тағойбек намеғунҷиданд.

Рӯзи дигар роҳбалади қоқинаандом, ки дар тӯли ду моҳ ҳатто номашро нагуфт, Тағойбеки ба мисли домодон либоси тозаю фохир пӯшидаро ба ҳузури малика бурд. Онҳо аз ду роҳрави қолинфарши деворҳояш сабзфом гузашта, вориди ҳуҷраи барҳавое гаштанд, ки ду тирезаи баланд дохилашро ба мисли рӯз равшан мекарданд. Аз ҳавои атрогини ҳуҷра табъи меҳмон болид, асосу палоси гаронқимат ҳам, ки ранги сабзи равшан дар сохтусозаш тасаллут дошт, дидаву ди-

лашро роҳат бахшид. Роҳбалад ӯро сари дасторхони меваву ширинӣ, болои ду қабат кӯрпачаҳои ғафс шинонд ва аз обгинаи зебои кӯзашакл ба истакон шарбат рехта, наздаш гузошту гуфт:

– Хуш омадед ба боргоҳи бегимуссалтанаи Бухорои шариф! Ман берун меравам, шумо мутаваҷҷеҳ бимонед, ки малика бароятон ҳарфе доранд.

Роҳбалад баромаду хона дар сукути гарон печид. Тағойбек дар интизори даромадани малика ба чор гӯша чашм давонду касеро на-дида, ноилоҷ гӯшбақимор истод.

– Ба амузодаи хонум Гулдаста салом мегӯем, – садои дар болои сараш баландгаштаи занона Тағойбекро водор сохт, ки ҷониби китфи рост ба сӯи шифт назар андозад. Як қади одам баландтар аз худ ай-вонаки нимдоирашакли меҳробгунаеро бар девор дид, ки пардаҳои ҳарири нимшаффоф дошт; овози зан аз паси парда меомад.

Тағойбек аз ҷой барҷасту рӯ ҷониби айвон ба расми бухориён таъзим ба ҷо овард.

– Бишинед, бародар, мехостам ба чанд суолам аз шумо посух бигирам. Омода ҳастед?

Тағойбек нишасту ба аломати тасдиқ сар ҷунбонд.

– Хеле хуб, барои он ки гапамро бифаҳмед, суст ҳарф мезанам. Ҳар чиз нафаҳмидед, шарм надореду бипурсед, чун бароям хеле муҳим аст.

Зан ба лаҳну лаҳҷае сухан мегуфт, ки бо равшании талаффуз аз шеваи гуфтори бухороиён фарқ мекард. Ба ёдаш расид, ки халифа Султонҳайдар дар Сарез наздик ба ҳамин лаҳн китоб мехонд.

– Албатта,… – гуфт нобоварона Тағойбек ва ҳис кард, ки дар посухаш шеваи муроҷиат ба шахси зани олимартабаи дарбор наме-расад, чи гуфтанашро базӯр ба ёд оварду афзуд: – валъамат!

– Нахуст аз хоҳаратон бигӯям. Ба ин ҳусну ҷамол ва рахту қомат дар мамлакат дигар духтареро то ба ҳол надидаам. Ман шахсан ху-дам ӯро ба тарбият гирифтам, дар ин муддат назокатҳое барояш ёд додем. Маро фаҳмидед?

– Бале, валъамат, – хурсандона нидо баровард Тағойбек.

– Хеле хуб. Алъон ҳарфе, ки мезанам, бояд миёни ману шумо бимонад-ҳо. Маро фаҳмидед?

– Фаҳмидам, валъамат.

– Хеле ҷолиб, бародар. Дар Бартанги шумо сахттарин савганд кадом аст?

– Қасами сахт…, – андешид Тағойбек, – зинҳор ба номи Мавло.

– Пас ба номи Мавло зинҳоратон бидиҳам?

– Бидеҳ, валъамат.

– Зинҳоратон додам ба Мавлоятон, ин розеро, ки бароятон бовар мекунам, бо худ ба олами бақо бибаред.

– Зинҳор ба зинҳор, валъамат.

– Хеле ҷолиб, акнун гӯш фаро бидиҳед. Шояд бароятон гуфта бошанд, ки маро аслам эронист. Мардуми шумо аз миллати мост. Мо як имом дорем, ки Мавлоно Алии Муртазо мебошад. Ё чунин нест?

Тағойбек, ки ҳатто маргашро дар ин қаср интизор дошт, вале чунин суханро чашмдор набуду ангор ҳуш мебохт, бо шунидани он исм беихтиёр аз ҷо баланд шуд ва ба ҷойи посух изҳори ҳайрат кард:

– Наход?!

– Оре, бародари азиз, дар кӯҳистонҳои Бухоро ҳазорон дохунда дорем, аммо шумо, ба ҳамин сабаб, дигаред. Бишинед ва акнун мақсадамро бишнавед.

Меҳмон дузону амонат нишаст ва бо тамоми вуҷуд мутаваҷҷеҳи шоҳбонуи паси парда гашт.

Баъди фосилае сукут, – шояд гапи мегуфтаашро бори дигар хуб мулоҳиза карда, – шаҳбону ба оҳанги амр, вале нарму хотирмон, ҳарфҳояшро чида-чида, суханашро идома дод:

– Қарорамон чунин шуда, ки хоҳаратонро ба писарам фотеҳа бикунем. Исми шарифашон Сайид Абдулаҳадхон аст, ҷанобашон ҳоло ҳокими Кармина мебошанд. Вале бидонед, ки ин кор вақти тӯлонӣ мехоҳад. Шояд соле лозим бошад, шояд чанд сол. Сабр талх аст, аммо меваашон ширин.

Тағойбеки лолу шигифтзада ду дастро чилликвор бар сина гузошту гуфт:

– Хоки поятон шавам, валъамати бузург! Дигар гапе намедонам, ки бароятон бигӯям.

– Бародар, бароямон дил лозим аст, на гап. Дигар шумо дар ҳамин ҷо зиндагӣ мекунед. Ман ба шумо муаллиме таъйин мекунам, ки баъзе аз улумро бароятон биомӯзад. Ҳоло ба манзилатон ташриф бибаред ва Тӯйчибойи тирмизиро наздам бихонед.

Он рӯз барои ҳар ду дӯст рӯзи таҷаллии саодат будааст. Тағойбек аз чоҳ ба ҷоҳ баромаду Тӯйчибой ваъдаи бархурдор гаштан

аз пуштибонии бегимуссалтана Шамшодро ба даст оварда, ба ин васила ба дарбори амири мамлакат робитаи мустақим пайдо кард. Малика ҳатто барояш мансаби ҳокимияти Тирмизро пешниҳод намуд, вале Тӯйчибойи сиёсатгурез ба илтимоси «гоҳе мушарраф гардидан ба саломи шоҳбонуи аморат» қаноат намуд.

Пас аз намози пешин, вақте ки дӯстон ба сайри бӯстони атрофи қаср баромаданд, Тӯйчибойи хушбахту болидарӯҳ гуфт:

– Навангӣ, кӣ медонист, мани тирмизиро, ки чанд ваҷаб дуртар аз Бухоро зиндагӣ мекунам, аз кӯҳҳои дуродури Помир фаромада, шумо ба дарбори амир раҳнамо мегардед. Ба гардиши фалакиётат гардам, Худоҷоне! Шумо тасаввур мекунед, ки имрӯз ба мо чӣ саодате даст дод? Мо ба дарвозаи заррини давлату давлатдорӣ қадам гузоштем!! Шумо, навангӣ, баъд дарк мекунед, ки ин чӣ маъно дорад. Баъд мефаҳмед, баъдтар, вақте ки ман аз Тирмиз барои диданатон омада, ду-се рӯз интизор бишавам, ки чанд дақиқае дидоратонро дида тавонам.

Гапи Тӯйчибой дуруст буд. Тағойбеки кӯҳистонии содадил он замон на маззаи сарватмандиро медонисту на лаззати мансабдориро эҳсос менамуд. Аммо рафиқи зираку дунёдидааш маслиҳат медоду насиҳаташ мекард:

– Дар ин ҷо хеле вазнин буданатон даркор. Бо ҳар кас гап назанед, нашинеду нахезед. Занҳоро ба хонаатон роҳ надиҳед, фақат бо ашхосе муносибат кунед, ки шоҳбону ба онҳо бовар дошта бошанд. – Ва ба атроф нигаристу бо садои паст гуфт: – Ин гапамро ба хотир гиред: байни шоҳбону Шамшод ва малика Хосса Зумрат, навангӣ, зиддияти калон рафта истодааст. Ин амирро ба тарафи худ мекашад, вай ба тарафи худ. Амир ба Шамшодбону майли тамом дорад, қӯшбегии мулк низ аз табори ӯст. Барои ҳамин, ошноҷон, эҳтиёт шавед, ки шуморо бо шоҳбону душман накунанд.

– Хосса Зумрат ҳам зани амир аст? – барои рафъи шубҳааш пурсид Тағойбек

– Бале, навангӣ, зани аввалашон ҳамон касанд. Шамшодбону зани дигарашон ҳастанд, аммо амир ин касро бисёртар дӯст медоштаанд. Толеи шумо баланд будааст, ошно, рост ба дасти одами аз ҳама даркорӣ афтодед.

Дӯстон он соатҳои масаррату пирӯзиро бо ҳам хуш гузарониданд. Рӯзи дигараш Тӯйчибой роҳи Тирмизро пеш гирифт.

## ДАР ҚАЛАМРАВИ КЕКЕ

– Дар зери тарма монем, ба Худо, агар Юсуфалихон ба хонаҳоямон якҳавучӣ арзан фиристад. Ё гапам нодуруст?

Ношак, ки панҷ-шаш қадам ақибтар аз Ханҷартило асп меронд, боз як бори дигар хавотиромез ба кӯҳҳои осмонхароши ду ҷониби дара назаре афканду:

– Аз даҳонат шамол барад, зоғи сиёҳ барин қар-қар накун, ки алмастӣ мешунавад, – гуфт ва бо нӯки фаш араќи сарди пешониашро пок кард.

– Ту, чӣ, аз мурдан метарсӣ? – хандаи ноҷӯре зад Ханҷартилои пичингдӯст, – Маро тарма назанад, ки шаш фарзанду ҳафт набера дорам. Сари қоқи танҳои ту ба кӣ лозим, Ношак!?

Гапи Ханҷартило ба мисли ҷуволдӯз синаи Ношакро сӯзонда гузашту аз арқааш баромад.

– Пур одами беинсофе ҳастӣ, Ханҷарак, – овози Ношак саршори аламу малӯлӣ буд, – ин қадар сол гӯё дӯсту ошноем, аммо ту заррае рӯйхотир надорӣ. Одам ин қадар берӯ намешавад.

– Мешавад, мешавад, – ба зарда ҷавоб дод Ханҷартило, – ана ман ҳастам-ку. Навкарию тиру туфанг моро маҷбур мекунад, ки на пушт дошта бошем, на рӯй. Хай, магар сари қоқи туро нодуруст қоқ гуфтам? Агар ноҳақ бошам, бигӯ ноҳақам.

– Ноҳақӣ, ноҳақӣ, боз ноҳақӣ, беимон! – ғубори деринаи дилашро сар дод Ношак, – гӯё намедонӣ, ки акнун дар хона духтархонд дораму Худованд азоби бефарзандиро аз сари ману занам соқит гардонд.

– Гулнозро мегӯӣ, нобакор? – Ханҷартило ба паҳлуи асп рикобе заду ба ҳамон оҳанги таънаомез афзуд: – Вайро ҳам ман ба ту ҳадя кардам. Фарзанд, ки аз шиками худат набуд, вайу набуд якеанд. «Бегона худӣ нашаваду нозода фарзанд».

Ин гапи хунук вуҷуди Ношакро ба ларза овард. Дастаи тозиёнаро ба қасди фаровардан ба сари ҳамсафари лачармизоҷаш дар мушти оҳаниаш фишурд, вале дар лаҳзаи охирин даст нигаҳ дошт: Ханҷартило одаме набуд, ки хурдтарин гуноҳро ба касе бахшида тавонад; чунон қасос гирад, ки Ношак бадтар аз лошак шавад. Хашмашро зери дандон гиреҳ басту бо танаффур ҷонибаш туфе андохт.

– Бародарҳо, маҳмез занед, ки ҳоло тарма нафаромадааст!

Ин садои роҳбаладашон оқсақоли Пастхуф Шоҳниёз буд, ки даҳ-понздаҳ қадам пештар аз навкарони шоҳи Шуғнон асп меронд. Ханҷартилою Ношак изтироболуд ба селканди пурбарфи болои сарашон назаре афканда, аспони ҷавмасташонро қамчин заданд.

Даҳаи аввали ҳут буду ҷаҳон ҳанӯз дар ҳукми сармо. Мавзеъҳои фарохофтоби таҳдашт аз барф холӣ мешуданд, аз баландиҳо рӯзона ҷӯя-ҷӯя об метаровиду шабҳо ях баста, гаштугузори мусофиронро то ба қиём омадани офтоб душвор мегардонд. Аксари тармаҳо афтида буданд, танҳо барфи гарданаву селкандаҳои сербуттаю гиёҳ, дар интизори анвори пуртобтаре аз хуршед, ҳанӯз дар хоби осудаи зимистонӣ мезунуд. Кӯҳҳо, шолнамади сафеди барф ба сар, пайи сиёҳи тармаҳои фурурехта бар ҷабин, занони сӯгворро ба хотир меоварданд. Занҷири захими абрҳои аз осмон кандаву сар-сари қуллаҳо печида асрори кӯҳсори хатарзоро дар назари роҳгузарон бимноктар ҷилва медоданд. Ҳар ҷо-ҳар ҷо, лаблаби рӯду қад-қади роҳ, бо дидани саворон, селаи кабкони хӯсида пар-парзанон худро зери бутта ё санге гирифта, хомӯшии субҳи дараи Хуфро халалдор мекарданд. Аммо мусофиронро ба онҳо коре набуд, зеро аз шикори кабки сармозада муҳимтар вазифае доштанд: бо супориши девонбегӣ Муборак барои огоҳ гаштан аз вазъи молу улоғи шоҳӣ ба Хуф равонаанд. Ба дарае, ки ягона роҳаш зери барфу тарма мондаву ҳар кас ҷуръати ба он по гузоштан надорад. Ин хуфиён одат доранд, ки то об шудани барфу пурра кушода шудани роҳ ба водӣ намефароянд. Роҳ дар зери барф мемонаду Хуф бо ҷаҳони кушод робитаашро қатъ месозад. Ҳоло агар оқсақол Шоҳниёз набошад, Худо медонад, навкарони нобалад сиҳату саломат ба Хуф мерасанд ё не.

Ношак қитъаи хатарнокро гузашту барои чи бошад, манзараи аз пули овринг ҷар кардани Савриноз бармало дар пеши чашмаш намоён гашт. Ранги чун каҳи сафед кандаи зани бадбахт ва ба партгоҳ муаллақ шуданаш чӣ даҳшатовар буд! Ҳар гоҳ нидои охирин – «Гулнооз!» гуфта, номи духтаракашро ба забон оварда, фарёд кашидани модар ба хотири Ношак бирасад, аз ҷигараш дуд бармехезад. Дар охирин нафас ҳам модар на ба ҷони худ, балки ба ҷони фарзандаш меандешидааст. Фарзандаш бошад, алҳол фарзанди қотили ӯст. Ношак Гулнози кӯчакро ба занаш ҳадя карду зиндагии онҳо ранги тоза гирифт. Кулбаашон мунаввар гардид, дилашон ба зиндагӣ гарм шуд, ҳаёташон маъно пайдо кард. Гулнози маъсума, мисли кабӯтар, як

моҳ ба ёди модари гумгаштааш қум-қум заду баъд ба модари наваш хӯ гирифт. Номашро ҳам дигар карданд: Гулноз Паринамо шуд. Кӯдак ҳарчанд номи худро хуб медонист, бо мурури чанд моҳ, ба исми наваш ҳам одат карду «Гулноз»-ро ба кунҷи фаромӯшӣ супорид. Модари наваш Гулоим, ба шукри банохост соҳиби чунин як духтари чун маҳпора шудан, тамоми ташвиши оламро як сӯ гузошту ба Паринамо рӯй овард. Ҳар рӯз барояш хӯроки бамаззаи нав ба нав мепухт, либосакҳо медӯхт, чизе мебофт, лухтак барин орою торояш медод. Тоқабуна буданд – дар тамоми Андарситез ҳамин як хона, хонаи Ношпотии оҳандаст мавҷуд буд, – набошад, дилаш бисёр мехост, мардум ноздонаи ширинқадашро бинанду манаҳашон аз ҳайрат фарши замин гардад. Агар ҳаку ҳамсоя медоштанд, Ношак ҳеҷ гоҳ Гулнозро ба хонааш оварда наметавонист – дар ним соат сирраш ошкору каллааш зеби чӯбаи дори Шаҳолеҷой[1] мегашт. Хешу табори наздик ҳам дар ин ҳудуд надошт, зеро, ба сабаби ҷабри модар ба занаш, дар соли дуюми хонадоршавӣ ҳамсарашро гирифта, аз Ҷавшангози Шохдара ба Хоруғ омаданду дар ҳамин мавзеъ маскан гузиданд. Ношпотӣ, ки дар рагаш хуни ҷавонию ишқи Гулоим ҷӯш мезад, дар таги шахи бузург хона андохту дар муддати се моҳи тобистон дев барин кор карда, пӯшонид. Ҷисми чун санг сахт, бахусус дастони чун оҳан гирояш, имкон доданд, ки чунин кори миёншиканро тани танҳо ба охир расонаду то фаромадани сардиҳо зани дӯстдоштаашро соҳиби хонаю дар кунад. Дастонаш ба андозае бақувват буданд, ки наълро ба як зӯр қат мекарданд. Ба туфайли ҳамин боре дар маъракаи дастхобонӣ дар Баҳрпанҷа бар тамоми ҳарифон ғолиб омаду қалъадори дарбор ӯро навкари озод гирифт. Аз навкари озод ҳузури доимӣ тақозо намешуд. Фақат барои иҷрои супоришҳои махсус ба дарбораш мехонданд, вале танхоҳ дошту барои адои ҳар хизмат музди хубе ҳам барояш медоданд.

Хуршед ба нуқтаи баландтарини сайронгоҳаш расиду мусофирон ҳам ба фарози дара баромада, ба деҳаи Хуф ворид шуданд. Дар ин ҷо зимистон бо тамоми шаҳоматаш ҳукм меронд. Барфи то миён чунон сеч[2] баста буд, ки ҳатто зери пои асп ҳам намешикаст. Саворон ба раҳнамоии Шоҳниёз ҷониби хонаи Нурмаҳмад роҳ гирифтанд. Аз

---

[1] Шаҳолеҷой (шуғнонӣ: χāолеҷой (χā (шоҳ) + оле (ғелондан) + ҷой) – шахе, ки дар Баҳрпанҷа ба қатл маҳкумшудагонро аз болои он меғелонданд.

[2] Сеч – қабати болоии яхбастаи барф

равзани хона дуди ғафс ҷониби осмони беғубор баланд мешуду бӯи гӯшти бирён дар ҳаво сайр карда, иштиҳои мусофирони гуруснаро дақиқа ба дақиқа бештар мекушод. Аммо аз бӯи ҷонафзои кабоб дида диққати саворонро манзараи дигаре бештар ба худ ҷалб кард: дар чор сӯи деҳа, ҳар ҷо-ҳар ҷо, суроби сиёҳи одамон ба назар мерасид, ки рӯи барф ҷунбуҷул доштанд. Нахуст дили Ханҷартилои эҳтиёткор таҳ кашид:

– Шоҳниёз, ин мардум дар болои барф чӣ мекунанд? Мабодо ба ҷанги мо набаромада бошанд?

Шоҳниёз даст бар пешонӣ лапар карду пас аз тамошои манзара посух дод:

– Дилат дур наравад, мир, мардум барфро хок мепошанд.

– Рост болои иди Бат фаромадем, гӯй, – лаблесон хурсандона нидо баровард Ношак, ки хӯрданро сахт дӯст медошт – Худо ризқи бандаро дар болои кӯҳ ҳам медодааст.

– Нафаромадем, балки баромадем, – гуфт Ханҷартилои пичингбоз, – садсола шудию баромаданро аз фаромадан фарқ карда наметавонӣ.

– Ту барои чӣ даҳани маро мепоӣ, лачар? – буғзи дар дилаш ҷамъгаштаро охируламр кафонд Ношак, – ё буни гарданат мехорад?

Ханҷартило дар ҷавоб даҳан ҷуфт карда буд, ки Шоҳниёз гапашро бурид:

– Эй мирҳо, сабр! Акнун фаҳмидам, ки ин маталро барои чӣ гуфтаанд: «мир бе кароҳат сухан нагӯяд, шоҳ бе сиёсат». Садқаи риши сафедатон, ҷанҷол накунед. На мефароем, на мебароем, ҳоло медароем – ба хонаи Нурмаҳмади қалтабон.

– Чаро қалтабон? – қариб баробар пурсиданд навкарон.

– Чунки гӯё зани ба ӯ додаи шоҳро кушта бошад. Ҳамдиёронаш баъд аз ин воқеа ба вай чунин лақаб гузоштанд. Дар Хуф ба ҳама лақаб мегузоранд, баъди як рӯз, Худо хоҳад, шумо ҳам бо лақабҳои аҷоиб ба хона бармегардед.

Чунин суханҳоро радду бадал карда, ҳамсафарон ҷониби ҳавлии Нурмаҳмад раҳ сипарданд. Соҳиби хона онҳоро дида, бо чеҳраи кушоду оғӯши боз ба пешвозашон қадам гузошт.

– Ассалому алайкум, Шоҳниёз-андувол! Чи марди бошарофатӣ, ки бо ин ду бародари дигар ба манзили мо дар рӯзи ид баракат овардӣ. Заҳматҳотона бар хуфиён бибахшед, меҳмонон, ки хастаю лакот шудед.

Нурмаҳмад марди баландболое буд бо китфу ёли паҳлавонона, риши чун қатрон сиёҳи ғулӣ, чашмони зираки мешӣ ва пешонии барҷаста. Ба сардии ҳаво нигоҳ накарда, ба тан гомӯи кабудранг, ба пойи беҷуроб кафшҳои чӯбин пӯшида буд. Вай дасти ҳар се меҳмонро як-як бӯсида, иззаташонро ба ҷо оварду ҷониби хона ишора кард:

– Кадбонуямон навакак кабоби бамаззаю серҷаззаро ба корсон кашид. Хушдоманотон бисёр нағз медидаанд. – Ва рӯ ба сӯи хона фарёд зад :

– Шомаҳмад, ҳо Шомаҳмад, меҳмон омад, нарбузи чанбаршохро барору дар пояшон хун кун!

Ба маҳзи расидани меҳмонон ба ҳавлӣ, писари Нурмаҳмад бо ёрии ду баччаи дигар таккаи фарбеҳи монанди барф сап-сафедро дар пеши пояшон сар бурид.

– Дар дегат кабоб биҷӯшад, чӣ ҳоҷат ба моли нав куштан? – эътирозомез гуфт Ханҷартило.

– Хирчизону асту хокпошону шумо барин меҳмонони олиқадр. Ин моли нолоиқро ҳамин рӯз дар қадаматон хун накунем, дигар ба кадом хотир бипарварем? – Ва бо ҷорӯб барфи пойафзорашонро тозакунон афзуд: – Шумо бемалол ба хона дароед, Шомаҳмад обу ҷави аспҳотонро муҳайё месозад.

Ва меҳмононро ба хонаи гарм даровarду ба суфаи боло шинонда, даррав дастонашонро об гирифт. Шоҳниёз дуо хонду идро барои аҳли хонадон муборак гуфт ва афзуд:

– Касе ҳамин рӯз барфи заминашро хок пошад, кишту кораш даҳ-понздаҳ рӯз пеш сар мешавад. Барои ҳамин ҳам доноён гуфтаанд, ки «Батайём рӯзи пок аст, дар даҳони ҳут хок аст».

– Шумо аз хуфӣ хушпоиқадамтар будаед, – хушгапӣ кард Нурмаҳмад, ки дар ин миён дасторхон густурду ду табақ кабобро болои он гузошт. – Марҳамат, оши ҷонатон шавад. Офарин ба ҷуръататон! Ба дараи мо дар ин мавсим сер аз серӣ намебарояду гушна аз гушнагӣ.

Овозаи омадани меҳмононро шунида, ҳамсояҳо як-яку ду-дую се-се ба хонаи Нурмаҳмад омадан гирифтанд. То охири тановул хона аз одам пур шуд. Соҳибони хона ҳар як шахсро бо камоли иззату икром қабул карда, ба пешаш таом мегузоштанд. Вақте Нурмаҳмад мутмаин гашт, ки тамоми одамони даркории деҳа ҷамъ омадаанд, эълон кард:

– Бародарону хоҳарон, ховандону бунагон, хоҳишам ин аст, ки идро дар хонаи ман гузаронем. Яъне, имшаб то саҳар, то пухтани бат, базм дар хонаи ман! Меҳмонони азизи мо аз худи Баҳрпанҷа омадаанд. Шиори мо чист?

– То се рӯз меҳмонро намепурсем, ки ба чӣ коре омадааст, – посух дод хованд Эраҷшоҳ.

– Тасаддуқ, Эраҷшоҳ, – гапашро давом дод Нурмаҳмад, – рӯзи сеюм мепурсему ҳоҷаташро бароварда, то хам-хами сеюм мегуселонем. Медонам, ки аз меҳрубонии шоҳи адолатпаноҳамон Юсуфалихон ва ҳокими саховатмандамон Мир Манзаршоҳ ҳар як буна ба фаровонӣ моли куштанию нони хӯрданӣ дорад.

Меҳмонон, ки баракси ҳолро аз хуфиён интизор буданд, аз ин гап ҳайрон шуданд, аммо сиёсат аз даст надоданду чизе напурсиданд. Ин асно зани соҳибхона «Ё бисмиллоҳ!» гӯён бати хелидаашро дар деги сафолӣ ба лахчазори танӯр гузошту халифа даст ба дуо бардошт:

– Илоҳо, мубракатии кори хайру амри хайрро Худои таоло баровардаю ба хайр гардонӣ! Ганҷ арзон, Хоҷаи Хизр меҳмон, аз ботини Шоҳи Мардон, тани сиҳҳат, дили беғам, бар соҳиби ин хона баракат, Аллоҳу Акбар!

Дигар бат дар танӯр ба ҷӯш даромаду базм дар хона. Базмро шоиру созандаи номдори Хуф Маҳмадқосим бо мухаммаси машҳури Шоҳзиёӣ дар ситоиши марди деҳқон шурӯъ кард:

**Сухане чанд бигӯям ман аз ин нодонӣ,**
**Бишнав, эй дӯст, агар кошифи маънидонӣ.**
**Сифати панҷ бародар ба муҳаббат хонӣ,**
**З-он ки бо назм бигӯям сифати эшонӣ,**
**То ки маълум шавад ҳар кӣ кунад деҳқонӣ…**

Назми танзомез дар бораи чор бародар, ки аввалӣ навкари дарбор, дуюмӣ охон, сеюмӣ шикорчӣ, чаҳорумӣ созанда буданду бародари панҷумашонро барои деҳқони хокпош буданаш доимо таъна мезаданд ва охируламр дар соли қаҳтӣ ба даргоҳаш нонталабӣ омада, касбашро аз ҳама беҳтар мешуморанд, табъи ҳозиронро, ки ҳамагӣ деҳқон буданд, чоқ кард. Бахусус, дар банде, ки созанда ба бародари деҳқонаш бо чунин суханҳо:

**Чанд рӯзест, на ман ошу хамире дорам,**
**Навбаҳорест на ман косаи шире дорам,**

**Ишками гушна чунон бо ту далерӣ дорам,**
**Ҳама хуб аст, вале як зани пире дорам,**
**Ҳамчу гурба даҳанаш ялла шуд аз бенонӣ,**

мурочиат мекунад, кафкӯбию шаҳбошгӯии шунавандагон ба фалак печид. Баъд дафҳо ба фарёд омаданду ҳунармандон ба арғушту бозӣ. Касе пукчӣ[1] зад, дигаре аспакашро ба ҷилва овард, савумӣ бо чумчаҳо ба бозӣ даромад…

Баъд навбатро созандаҳои суфаи поён ба даст гирифтанд. Ин гурӯҳ талош варзид, ки бо ҳунари худ аҳли маъракаро ба ваҷд оварда, созандаҳои суфаи болоро мот созанд. Созандаҳои суфаи боло ҳам паст наомаданд – вақте навбаташон расид, пардаи гӯши фалакро кафонданд. Сабқати созу наво ва шӯхию бозии ҳамагонӣ то дамидани субҳ давом кард. Мардуми хушҳолу густохгашта ҳатто навкарони шоҳро, ки дар ҳалқаи ом иззат нигоҳ медоштанд, тепкашол карда, чанд бор ба ракс кашиданд. Ханҷартилову Ношак аз хушҳолии самимонаи хуфиён ангушти ҳайрат газиданд. Ҳайраташон аз он буд, ки шоҳ, барои хору залил сохтани ин мардум, нигоҳубини молу сутури худро ба сарашон бор кард, аммо инҳо аз аъёну ашрофи дарбор ҳам сертару хурсандтар ба назар мерасанд.

Ханҷартило ин андешаашро ба Шоҳниёзи ҳамшафаташ гӯшакӣ кард. Шоҳниёз ҳам пичиррос зад:

– Инҳо се моҳ пеш ба назди Манзаршоҳ намоянда фиристода, ёрӣ дархостанд. Манзаршоҳ аҳолии чанд деҳаро вазифадор кард, ки барояшон ғаллаву коҳу беда расонанд. Як моҳи дароз аз баровардани бор ба Хуф хастаю лакот шудем. Хайрият барфи калон бориду ҷонамон халос шуд.

– Ҳӯ-ӯ-ӯ! – нидо баровард Ханҷартило, – ин тавр бигӯ, ҳо, шаввозҳое! Ман мегӯям ин дуди равғанинашон аз куҷо бошад?

– Аз Рӯшон, андувол, аз Рӯшон, – таъкид кард оқсақол ва овозашро баланд кард. – Ду-се рӯз меҳмон истед, мардум ид дорад, рафтан ҳеҷ гоҳ дер намешавад.

– Албатта, меистем, – ба гап ҳамроҳ шуд Ношак, – дар ҳамон Шуғнон чӣ гум кардаем, Ханҷар? Се рӯз ба серӣ ҳалвою кабоб хӯрда, бо дастовезҳои қимат ба назди бачаҳоямон баргардем, ягон ҷоямон кам намешудагист.

---

[1] Пукчӣ – рақси қадима. Иҷрокунандааш ба замин нишаста, сари по ба ҳар тараф частухез мезанад.

– «Хонаи мардумон – биҳишт» гуфтаанд, Ношак. Мо ба ин диёр пайи кор омадаем, на ба суру тамошо. Ин ишками зормондаи туро ягон бор сер надидам.

Бо кафидани чашми рӯз ҳалворо табақ-табақ ба дасторхон гузоштанд ва аҳли маҷлис ба тановули он даст бурданд. Чун аз таом фориғ шуданд, Нурмаҳмад дар дупеча истод, ҳамаро қуллуғбод гуфт ва ҳамдиёронашро ба давом додани ид даъват кард:

– Эй хуфиён, ман донаму шумо ҳам донед, ки аз назди шоҳи шоҳон, Юсуфалихони фарбеҳинсоф ҳар рӯз ба девлохи мо намоянда намеояд. Ҳоло ки ин бародаронро ба хабаргирии хуфиён фиристодааст, хуфиён ҳам бояд ин шукратро баҷо оваранд ва меҳмонони азизро ба ҷон парваранд. Ин азизон то чошт дар хонаи ман мебошанд, офтоб, ки миёни осмон омад, навбат аз хованд Шамшершоҳ, торикӣ ки фаромад, навбатро ба хованд Имомназар мегузорем.

Садои таҳсину офарин ба сақф печид. Аҳли маърака ба тараддуди рафтан афтоданд, ки Ханҷартило овоз баровард:

– Андуволон, як дами дигар! Мо ҳамин як рӯзи дигар ба хотири шумо меистем, аммо фардо бояд биравем, ки аз девонбегӣ гӯшмол нагирем. Улоғу моли подшоҳро як мебинему калапо мешавем. Медонем, ки имсол азоби ҷазои шоҳ мекашеду ризқи танге доред.

– Мо ризқи танг дорем? – норизоёна сар ҷунбонд Нурмаҳмад, – Баракс, ин зимистон камбағалтарин хуфӣ ҳам на аз нони сафед камӣ дошту на аз гӯшти равғаншор. Худо умри шоҳамонро дароз кунад! Хуфиён дар ҳеҷ замоне чунин бойу бадавлат набудаанд.

– Мо фикр кардем, ки анборатон то далву оғилатон то ҳут пуфбод мешавад, – охируламр маддаи дилашро кафонд Ношак, – аммо мебинем, ки рӯятон лаъл асту гарданатон кундаи ҷувоз.

Чанд нафар шакарханд, иддае пӯзханд заданд.

– Бародарон! – хитоб кард ба навакарон соҳиби хона, – чи тавр рӯямон лаълу гарданамон кунда нагардад, ки ба инояти Худованд имсол гӯшту равғанмонро шоҳи Шуғнон фиристоду нонамонро ҳокими Рӯшон?!

Ханҷартилоро гӯё кайк газида бошад, дар ҷояш тунд ҷунбиду таҳлукаи банохост дар дилаш пайдогаштаро ба забон овард:

– Гапатро дуруст нафаҳмидам, андувол?

Садоҳои хандаи истеҳзоомез баландтар гаштанд.

– Гап сари он аст, ки моли подшоҳи мулкро ба фуқаро тақсим кардем, фуқарои мо мардуми сербачукач ки ҳастанд, куштанду хӯрданд.

– Чӣ хел куштанд? – начво кашид Ханҷартило.

– Чӣ хел хӯрданд? – фиғон баровард Ношак.

– Куштеду хӯрдед?! – аз ҷо ҷаҳид Шоҳниёз.

Хандаи дастаҷамъонаи гулдурросӣ ҳавои хонаро ба ларза овард.

– Албатта, хӯрдем. Моли табарруки шоҳи олампаноҳро ҳар касе нахӯрад, гунаҳкор мешавад, – хунсарду ҷиддӣ ҷавоб дод Нурмаҳмад.

Навкарон даст бар сар заданд, Шоҳниёз дудаста гиребони соҳибхонаро гирифту дод зад:

– Ҳамин нарбузе, ки барои мо куштӣ, моли шоҳ буд?

Нурмаҳмад дастони оқсақолро аз гиребони худ канду боз ҳам оромона посух дод:

– Ин ҳам моли шоҳ буд, ду рӯз пеш гӯспанди панзалаеро[1] куштам, вай ҳам моли шоҳ буд, чоштгоҳ ҳам бароятон чизе, ки мекушанд, моли шоҳ аст, пешин ҳам締 хованд Имомназар дар пеши поятон як серкаи хамирпарвард сар мезанад, вай ҳам моли шоҳ…

Ханҷартилои аз ғазаб чун анор сурхгашта даст ба корди миёнаш бурд, ки Ношак монеъ гашт:

– Ҳушата ба сар гир, Ханҷар, ки каллаамона мекананд.

Шоҳниёзи оқсақол ба чӣ қазияи бадфарҷом печидани ҳамдиёронашро дарк карда, бо садои шикаста пурсид:

– Эй Нурмаҳмад, оё мефаҳмӣ, ки ба сари мардум чӣ балое меоваред? Чаро чунин кори беақлона мекунед? Ба амри кӣ?

– Гӯё намедониста бошӣ. Хуф як фармонраво дорад: Кеке!

– Кеке?! – таҳти хандаборони мардум ҳар се меҳмон ба як овоз бонг заданд.

– Худди худаш.

– Ин падарсӯхтаро даст баста, пеши ман биёр! – бехудона фарёд баровард Ханҷартило.

– Киро? Кекеро?

– Кекест, Мемест, зуд бигиру биёр!

Нурмаҳмад ҷониби Ханҷартило таъзиме карду гуфт:

– Андувол, мушкил он аст, ки Кекеро *намеоранд, ба наздаш мебаранд*.

[1] Панзала – ниҳоят фарбеҳ

Бо шунидани исми Кеке хуфиён аз хандаи баланд бозистоданд, баъзеҳо бо каф даҳон пӯшиданд, иддае ба пиқ-пиқи ношунаво гузаштанд, аксарро қиёфа ҷиддӣ шуд.

Ханҷартило чун хирси захмхӯрда ғуррид:

– Вай худаш чӣ ноҷинсест, ки намояндаи дарборро ба наздаш баранд?

– Кеке мазорбони мост, андувол, – шарҳ дод Нурмаҳмад, – агар ғуломи дари хуфиён шудан нахоста бошӣ, дашномаш надеҳ.

– Мазорбон?! Ин чӣ масхарабозист? – Ханҷартило аз ноилоҷӣ дигар чӣ гуфтанашро надонисту ба Шоҳниёз рӯ овард: – Ту барои ҳар як пис[1] моли шоҳ бо сарат ҷавоб медиҳӣ, каллаварам! Иззату ҳурмататонро аз биниямон баровардед. Бархезу ҳар як аспу боша, ҳар як бузу гӯспанди шоҳро хона ба хона ба мо нишон деҳ.

– Андувол, Шоҳниёз ин корро карда наметавонад, – ба миёна даромад Нурмаҳмад, – то Кеке амр надиҳад, думи бузғолаеро ба шумо нишон намедиҳем.

Ханҷартило чун хурӯси дакан чанд бор китф ҷунбонду ҷониби дар гардан ёзонд:

– Рафтем ба назди Кекеи но… – ва аз тарс давоми гапашро дар гулу басту пеш даромад.

Соҳибхона ҷониби дар давид, мардуми маъталшуда аз нав хандаи гулдурросиро ба ҳаво сар дод.

Вақте ба остони Теғбараҳнагон расиданд, Нурмаҳмад аввал шамшерҳои навкаронро аз дасташон гирифт, сипас хованд Эраҷшоҳ барфи остонаро се бор ба чашм молиду дарро кушода, дарун рафт. Ханҷартилою Ношак бо ҳайрат остони хоксораки гилрехтаю нимфатаротро аз назар гузаронда, ҳеҷ бовар намекарданд, ки як деҳаи калонро кадом як Кекее аз даруни ҳамин хонаяки мақбарамонанд идора намояд. Ҳайраташон бамаротиб афзуд, вақте Эраҷшоҳ онҳоро дохили хона даровarду ба мӯйсафеди дарозриши мисли лаклак почадарозу чун арвоҳ пӯсту устухон рӯбарӯ кард.

Хуфиён наздаш ба зону афтида, замин бӯсиданд, меҳмонон ҳам лоилоҷ дузону заданд. Кеке саллаи сурхашро дуруст кард, гирди нишастагон давре зад ва рӯбарӯяшон истод:

– Ҳаминҳо аз Шуғнон омадаанд?

Эраҷшоҳ посух дод:

---

[1] Пис – воҳиди шумориши чорпоён

– Оре, ҳаминҳостанд.

Кеке вазни худро ба асои дарозаш партофту пурсид:

– Бигӯед, шуморо шоҳ Юсуфалихон барои чӣ ба Хуфи нозанин фиристода?

Ханҷартило ҷавоб дод:

– Барои хабар гирифтани амонатиҳое, ки тирамоҳ барои парвариш ба хуфиён дода буд.

Кеке ба нишони таассуф калла ҷунбонду гуфт:

– Шоҳи Шуғнон нагуфт, ки бираведу Кекеро хабар бигиред?

Даҳони Ханҷартило воз монд, Ношак ба додаш расид:

– Мо худи шоҳро надидем, андувол, девонбегӣ аз номаш гап зад.

Кеке рӯ туруш кард:

– Кекеро Кеке бигӯ, на андувол, на чизи дигар. Афсӯс, сад афсӯс, ки шоҳ ҳоли Кекеро напурсидаст. – Ва асо бар замин кӯфту боз давре гашту афзуд: – Ин бад аст, бисёр бад аст, – вай нӯги асоро ҷониби дар нигаронду амр дод: – Эй ховандон, ба инҳо галаю селаю рамаи шоҳро нишон диҳеду агар суоле кунанд, боз ба назди ман оред, агар не, пойтахси гуфтаамро арзонӣ дореду дар хам-хами сеюм паноҳашонро ба Худо бисупоред.

Ва дар ҷояш чархе заду шитобон ба ҳуҷраи дарун даромад. Ҳозирон ҳам бархостанду берун баромаданд. Нурмаҳмад пеш-пеш, дигарон аз пасаш то миён ба барф ғӯтидаю лағжидаю афтидаю хеста, ба ҷангалаки лаби рӯд фаромаданд.

– Моро куҷо мебаред? – пурсид Ханҷартилои ҳайратзада.

– Ба лаби дарёча, – посух дод Нурмаҳмад.

– Кушта ба об партофтаниед? – бо таҳлука пурсид Ношак.

– Чӣ, мо ҷаллодем, ки одам бикушем? – аз ин гапи ноҷой Нурмаҳмад барошуфт. – Шумо галаи аспонро дидан хостед, инак, нишонатон медиҳем.

Кош навкарону оқсақол кӯр мебуданду манзараи соҳили рӯдро намедиданд. Қад-қади соҳил хандақи дарозе кандаанду даруни хандақ чиҳил аспи хушзоти шоҳи Шуғнон ях баставу дар пеши ҳар асп турбаи ҷаве ниҳода!

Шоҳниёзро сараш чарх заду дар ҷояш нишаст, Ханҷартилоро гӯшҳо қулф заданд, Ношакро чашмон торик шуданд.

– Ҳар чиҳил аспи шоҳ ҳамин ҷоянд, – гуфт Нурмаҳмад, – бовар накунед, як-як бишуморед.

– Ин чӣ бедодӣ? – фиғон кашид Ханҷартило.

– Чаро чунин кардед? – начво зад Ношак.

– Ман ба шоҳ чӣ ҷавоб медиҳам? – чун сӯгворон нола баровард Шоҳниёз.

– Мебинам, ки ба чашматон мебинеду боз суол доред. Бисёр хуб. Ҳоло меравем ба тамошои бошаҳо.

Хуфиён меҳмонони саргиҷаю дилхурaро аз ҷангалак баровардa, таги пушта бурданд. Эраҷшоҳ хитоб кард:

– Дар ҳамин ҷо биистед ва бошаҳоро бибинед!

Меҳмонон ба шохи дарахтон чашм дӯхтанд, аммо ҷонзоде надиданд.

– Болоро чӣ мебинед, поёнро нигоҳ кунед, – гуфт Эраҷшоҳ ва ҷониби мағоки дарози зери пушта ишора кард.

Оқсақолу навкарон чун диққат карданд, рӯзи сафед дар назарашон шаби торик гашт. Дар мағок паҳлуи ҳам тахтасангҳо хобидаву дар зери ҳар тахтасанге бошае парчин гаштаву пару болаш ба ду тараф ёзида ва рӯбарӯи ҳар бошае кабке дар қафасе шах шуда!

– Ҳар чиҳил бошаи шоҳ ҳамин ҷоянд, – гуфт Эраҷшоҳ, – бовар накунед, як-як бишуморед.

– Ин чӣ бедодӣ? – фиғон кашид Ханҷартило.

– Чаро чунин кардед? – начво зад Ношак.

– Ман ба шоҳ чӣ ҷавоб медиҳам? – чун сӯгворон нола баровард Шоҳниёз.

– Мебинам, ки ба чашматон мебинеду боз суол доред, – гуфт Нурмаҳмад, – шояд инро ҳам пурсиданиед, ки дусад сар гӯспанду бузи шоҳи олам куҷо шуд? Ба ин пурсишатон Шамшершоҳ посух медиҳад.

– Албатта, шоҳ аз мо хоҳад пурсид, – бо чашмони пурумед ба Шамшершоҳ рӯ овард Ношак.

– Ба шоҳи оламу султони бокарам бирасонед, ки аз сад сар буз як буз, аз сад сар гӯспанд як гӯспанд зинда мондаю боқиро хуфиён куштанду хӯрданд ва дар ҳақаш дуо карданд.

Пойҳои Ношак ларзидаанду рӯи барф нишаст, Ханҷартило ҳуш бохту мисли ҳайкал дар ҷои истодааш шах шуд, Шоҳниёз чун мурғи посӯхта ба ҳар сӯ давидан гирифт.

– Эй хуфиёни бадзот, медонед, ки чӣ кардед?! Рӯи мо дар ду олам сиёҳ гашт! Ба ғазаби шоҳ дучор шудем, медонед, ба ғазаби шоҳ! Каппаамон дуд кард-е, хонаамон салот шуд, эй войе, вооой!

Ҷавоби ин қадар талафро кӣ медиҳад? – нола мекард Шоҳниёз, ин сӯ-он сӯ давида.

– Мебинам, саволатон бисёр шуд. Баргаштем ба назди Кеке! – гуфт Нурмаҳмад ва ҷониби баландӣ роҳ гирифт.

Баъди ним соат меҳмонони ҳайрону мизбонони номеҳрубон боз дар назди Кекеи ришдарози салласурхи хандонрӯ зону заданд.

– Мебинам, ки меҳмонони азиз ба Кеке саволҳое доред, – гуфт Кеке бидуни такаллуфу муқаддима, – бипурсед!

Ханҷартило гулу афшонду гуфт:

– Кекеё, ин чи масхарае буд, ки шумо, хуфиён дар ҳаққи шоҳи Шуғнон раво дидед?

– Халқи мо табааи фармонбардорест, хованд, чӣ камбуде аз мо гузашта?

– Магар фармонбардорӣ ҳамин аст, ки дар амонати шоҳ хиёнат кунеду бошаҳо, аспҳо ва бузу гӯсфандони ӯро талаф бидиҳед?

– Мо ҳар чи кардаем, ба амри шоҳ кардаем, – асо бар фарш кӯфт Кеке.

Ғазаби Ханҷартило ҷӯшид:

– Эй Кекеи … – дашноме додан хост, аммо тарсиду забон хоид ва гуфт: – оё шоҳ амр дода буд, ки молашро нобуд кунед?

Кеке гирди нишастагон чархе заду норозиёна ғуррид:

– Ту Кекеро ба нодонӣ гунаҳкор мекунӣ? Эй Нурмаҳмад, ту дар Пастхуф дар маҷлиси шоҳ будӣ, бигӯ, ки шоҳ дар ин хусус чӣ гуфт?

Нурмаҳмад дақиқае андешиду гуфт:

– Шоҳ Юсуфалихон дар Пастхуф дар ҳаққи мо чунин фармон баровард: «Барои он ки хуфиёни кӯрнамак зиёни овардаашонро талофӣ созанд, чил аспи яккачини ҷангӣ, чил бошаи шикорӣ ва дусад сар бузу гӯсфанди худамро барои парвариш ба онҳо месупорам. Хуфиён аспонро ҷаврост, бошаҳоро ҳадафрост созанд, агар аз моламон як гӯсфанд ё як буз талаф диҳанд, ба ҳолашон мурғони ҳаво хоҳанд гирист».

– Эй Шоҳниёз, ту дар ҳамон ҷо будӣ, рӯят ҷониби остони бузурги Теғбараҳнагон аст, оё тасдиқ мекунӣ, ки шоҳ чунин амр дод?

Шоҳниёз даст бар пешонӣ гузошта, даме фикр кард ва гуфт:

– Оре, айнан чунин амр содир кард.

– Ховандон, Шамшершоҳу Эраҷшоҳу Имомназар, шумо сарзиндаю танбанда дар майдон истода будед, оё шоҳ Юсуфалихони ҷаҳонгир чунин нагуфт?

– Чунин гуфт, Кеке, айнан чунин гуфт, – тасдиқ карданд ховандон.

– Пас, эй навкарон, бигӯед, мо кистем, ки амри шоҳро иҷро накунем? Чизе, ки аз забони дурфишони ӯ баромад, ба ҷо овардему дигар ҳеҷ!

Оқсақолу навкарон аз ин гап гоҷу гарангтар шуданд ва ба ҳамдигар нигаристанд.

– Кекеи бузургвор! – салла аз сари кали гарангаш гирифта, пурсид Ханҷартило, – дар куҷои амраш шоҳ гуфта, ки молашро бикушеду бошаҳояшро таги санг кунеду аспонашро дар чоҳ андозед?

Кеке ба сари пурсанда омад, даст бар сари калаш ниҳод ва гуфт:

– Оё шоҳ амр надод, ки аспонро ҷаврост кунем? Дод! Мо ба қади чиҳил асп чоҳ кандем, дар пешашон ҷав гузоштем, ба чоҳ об сар додем, ки ташна нашаванд – аспон шуданд ҷаврост. Оё шоҳ амр надод, ки чиҳил бошаро ҳадафрост кунем? Дод! Мо бошаҳоро пар кушодем, ба болояшон тахтасанг гузоштем, рӯбарӯяшон кабкони хушнаворо дар қафасҳо овехтем – бошаҳо шуданд ҳадафрост. Маъзурамон доред, агар минқорҳои каҷашон рост нашуданд. Оё худи шоҳ амр надод, ки як бузу як гӯсфандашро талаф надиҳем? Дод! Аз даҳдаҳ гӯсфанд нуҳдаҳу нуҳ, аз даҳдаҳ буз нуҳдаҳу нуҳашро халқи нозанини Хуф кушту хӯрд. Ҳамагӣ як бузу як гӯсфанд боқӣ монд. Яъне, як буз ва як гӯсфандро талаф надодем! Мо ҳам нангу номус дорем, ба кадом рӯ фармони шоҳамонро иҷро накунем?

– Оҳ! – фиғон кашид Ханҷартило.

– Воҳ! – фарёд зад Ношак.

– Рӯям сиёҳ! – чун сӯгворон нола баровард Шоҳниёз.

Кеке ба оҳу нолаи меҳмонон аҳамияте надоду асояшро ҷониби дар нигаронд:

– Ҳамон як бузу ҳамон як гӯсфанди боқимондаро ҳадя диҳеду то хам-хами сеюм гуселонед. Меҳмонро дидани пушти сараш хуб аст.

Кеке ба хонаи дарун даромад. Оқсақолу навкарон чун гурбаҳои ошолуд, чун палангони чанголшикаста, чун паҳлавонони шикастхӯрда бедимоғу синадоғ остони Теғбараҳнагонро тарк намуданд.

## НАВРӮЗ Ё ОШӮРО?

Дар бару дӯши риштакӯҳҳои Хоруғу Дарморахт барф ҳанӯз сафедӣ мекунад, аммо кӯҳу пуштаҳои доманфарохи Поршиневи офтобрӯя пайи зимистонро аз дару даргоҳи худ рӯфта, ҷомаи сабз ба бар карда, рӯз то рӯз ҷаззобтару дилработар мегаштанд. Водии соҳили чапи Панҷ низ дар интизори фасли гулшукуфт лой мехушконду ғунча месабзонд. Аввал майсаву себаргаҳо ба истиқболи хуршед сар мекашанду дар зери қадами инсон махмал мегарданд. Ҳафтае пас ширгули нозукбадан қурси хуршед ба сар, оламро бо ҳузури заррини худ ороиши дигаре медиҳад. Ширгул ҳасрати табиати интизори офтоб аст – бо он иштиёқи дидори хуршед аз дили замин сар кашида, чаманистонро ба тарабистон табдил медиҳад. Чанд рӯз баъд ба саҳни чаман сунбулу насрину бунафшаю наргису бобунаю даҳҳо гулу гиёҳи дигар по мегузоранд ва ба забони безабонӣ хуршеди ҷонбахшу баҳори пурдурахшро ҳамду сано мегӯянд. Шуълаҳои ҷонафзои шамси мунир шоҳпаракҳои рангинболи борикмиёнро ба ҳавои атрогин бармехезонанд. Ангор, барои сад гуна гул сад гуна шоҳпарак ба боғу бӯстон баромадаву дар ҳавояшон ба нозу карашма бол меафшонанд. Ангор, шоҳпаракон бӯсаи гулҳоянд, гулҳое, ки аз шодии дидори Наврӯз, аз бахти эҳё гаштану шукуфтан мехоҳанд ҳамдигарро, боғу саҳроро, пуштаву дарёро, осмони мусаффоро, инсони зеборо ширин-ширин ба оғӯш кашанду нарм-нарм бибӯсанд, аммо чун побастаи заминанд, шапалакҳоро – гулбӯсаҳои рангорангро ба ҳаво сар додаанд.

Гоҳе осмон меғурунбад – озарахш ханҷар мекашад, тундар нола аз ҷигар мекашад. Осмонғурунба чун лашкари ғайб[1] ҳаворо меларзонад ва сиришки шодии абрҳои ташнаи ҳусни навбаҳоронро бар замин меафшонад. Замин ҷонамози сафедашро месутурад, намози шукронаи ҳастӣ бар лаб, дар қадами Наврӯзи ҷаҳонафрӯз қолини ҳазорранг мегустурад. Дудаи қар-қари бимангези зоғонро ку-куи диловези кукуҳо аз дилҳо мезудояд. Оре, нахуст ин паранда ба суроғи баҳор мебарояд: “сабза ку-ку?, равза ку-ку?, муғча ку-ку?, ғунча ку-ку?”... Чанд рӯз пас мурғи шодӣ наҷво менавозад ва бо нидои “шодӣ, ғирбола биёр” ба сари оламу одам ғирбол-ғирбол шодӣ нисор месозад. Баъд аз куҷое ҳудҳуди рангинлибоси тоҷдори таннозу зебо ба

[1] Лашкари ғайб – зилзилаи осмонӣ

сайри чаман мебарояд, мехиромаду заминро миннатдор менамояд, фараҳ мебахшаду дил мерабояд. Сипас чокак дили ошиқонро чок-чок менамояду қумрии шӯридасар ғазали тозаэҷодашро замзама мекунад. Мурғи ҳилол низ гарева ба гарева пар мекашад, аз ҷунбуҷӯши тавлиди ҳаёти нав ба ваҷд омада, ҳуштакҳое аз умқи ҷигар мекашад, булбул – ин нағмапардози қиссаҳои ҷонгудоз, лаб ба сароиши қасидаҳои баҳория мекушояд...

Баҳор дар кӯҳистон чун арӯсон бо карашмаю ноз, сабру тоқати одамони муштоқи гармию нармиро санҷида-санҷида, қадам мешуморад.

**Саркӯҳи буланд об надорад, чӣ кунум?**
**Ду чашми сарум хоб надорад, чӣ кунум?**
**Ду чашми сарум раҳи Наврӯз менигаранд,**
**Дер омадааст, тоб надорум, чӣ кунум?**

Ҳисоб, ки ба мард даромад, хуршед ҳаждаҳ рӯз, аз нохун то бағали по, аз Хирпичор то Хирчизон, мушқадам[1] мезанад – хеле сусту дилбазан! Баъд хуршед ба гурбақадам[2] мегузараду рӯзҳо дарозтар мегарданд. Гурбақадам аз Хирчизон то Наврӯз – расо сӣ рӯз, давом мекунад! Аз Хирчизон то Наврӯз мавсими ҳалвою бат аст – мардум бо хӯрокҳои сершираю равғанин бадани дар зимистон заъифгаштаи худро неру мебахшанд, ба шудгору кишт омода мегарданд. Сипас айёми сагқадам сар мешаваду офтоб бо гомҳои фароху боварибахши худ ба сайри осмони бекарон мебарояд.

Аммо... Соли гузашта шуғниён Наврӯзро ҷашн нагирифтанд – он ба иди Ошӯро рост омад. Имсол ҳам охири Ошӯрою аввали Наврӯз ба ҳам омехтанду мардум мотамро бар хушҳолӣ тарҷеҳ доданд.

Юсуфалихон ду ҳафта қабл аз Наврӯз ба чор сӯи Шуғнон чопор фиристода, пирони мазҳаброро ба таҷлили ид дар Бахрпанҷа даъват кард. “Агар дар Наврӯз раъяшонро барои ваколати Сайид Фаррухшо дар умури дину мазҳаб талаб кунам, албатта, ба хотири нашикастани анъанае, ки доранд, ҳеҷ кадомашон не намегӯянд. Он гоҳ лаҷоми пирону халифаҳои сарҳӯйро ҳам ба даст мегирам. Ба хотири аҳли як хонавода шуданамон, Сайид Фаррухшо мувофиқи табъи дили ман

[1] Мушқадам – пӯргwйow (шуғнонӣ)
[2] Гурбақадам – пишwйow (шуғнонӣ)

амал мекунад”, – чунин меандешид ӯ. Аммо вақте аз пирон пайи ҳам ҷавоби рад омадан гирифт, тарбузи умед аз бағалаш афтод. Моликони тариқат, ки ба ҳар баҳонаи ночиз худро аз сиёсату давлатдорӣ канор мегирифтанд, ин бор сабаби хеле ҷиддӣ пеш оварданд, ки шоҳ онро ба назар нагирифта буд: Наврӯз ба панҷрӯзаи охири иди Ошӯро рост меомад. Он барои шииёни тамоми масолику мазоҳиб айёми мотаму сӯгворӣ буд. Даҳуми моҳи муҳаррам, набераи пайғамбари ислом ҳазрати Муҳаммад (с) ва писари Алии Муртазо ҳазрати Ҳусайн дар дашти Карбало аз сӯи Язиду ҷанговарони бешумори ӯ ба шаҳодат расид. Асрҳо гузаштанд, аммо пайравони имомати аҳли байти расул он рӯзи хунборро ҳеҷ фаромӯш карда наметавонистанд.

Табъи шоҳ хира гашт. Барои машварату чораҷӯӣ Сайид Фаррухшоро ба дарбор даъват кард. Сайид ҳам тамоми корашро як сӯ гузошта, либоси маърака пӯшиду пас аз ду соат ҳамроҳи фиристода ба хидмати шоҳ расид.

– Вазъият барои касе пӯшида нест, – шоҳ изҳори муддаояшро чунин сар кард, – Ҷаҳондоршо ваъда дод, ки то Наврӯз бо лашкари гарон баргашта, Файзободро мегирад. Агар наояд, мо бояд ба ҷанг омода бошем. Ҳароина, Маҳмудшоҳи бетармолӣ Шуғнону Вахонро ором намегузорад. Дар чунин ҳол шоҳ бояд фармонравои мутлақ бошад, аммо дилам аз пирону халифаҳо пур нест. Кӣ медонад, дар вақти зарурӣ инҳо ба халқ чӣ гуна роҳ нишон медиҳанд? Ману ту аҳд карда будем, ки дар Наврӯз пиронро фаро хонда, барои ваколатат аз онҳо раъйашонро бигирем. Соли гузашта фурсат нашуд, имсол ба ҳар кадоме, ки одам фиристодам, ҷавоб гирифтам, ки Ошӯросту мотамро вайрон карда наметавонанд. Аммо маслиҳат кардан даркор? Даркор. Барои кушодани муаммо дахолати туро хостам.

Сайид Фаррухшо суханҳои шоҳро таамул карду чунин посух дод:

– Адолатпаноҳо, ташвишу таҳлукаи ту дуруст асту барҷо. Аммо пирон дуруст мегӯянд – касе ҳадд надорад дар мотами мусулмонон суру хушӣ барпо намояд. Халқ даҳ рӯз барои шаҳидони дашти Карбало андӯҳ мегусораду азо медорад.

– Охир, худат чунин андеша ба сари ман андохтӣ, – норизоёна наҷво зад шоҳ, – гуфтӣ, ки ходимони мазҳабро дар Наврӯз ҷамъ орем, беҳтар.

– Ман ҳам он вақт фикр накарда будам, ки Наврӯз ба рӯзҳои шадда рост меояд, – узрхоҳона гуфт пир, – баъдан, чун дидам, ки соли гузашта ин қазияро пеш наовардӣ, ман ҳам фориғбол шудам.

– Пас чӣ бояд кард?

– Боке нест, баъди Ошӯро гузарон. То ҳисоб аз дил набарояд, офтоб дар қаламрави Наврӯз аст, – ҷавоб дод Фаррухшоҳ ва чун дид, ки шоҳ мунтазири шарҳ аст, афзуд: – Се рӯзи аввали моҳи ҳамал, ки оғози иди Наврӯз аст, ҳисоб дар пардаи дил аст, баъд нуҳ рӯз дар банди дил меистад, мешавад дувоздаҳ рӯз, пас аз он се рӯзи дигар дар худи дил қарор мегирад, мешавад понздаҳ рӯз. Ҳамин понздаҳ рӯзе, ки офтоб дар ақсоми дил сайр мекунад, қаламрави Наврӯз ба шумор меравад. Кадом рӯзе хоҳӣ, интихоб кун.

Юсуфалихон ришашро қабзакунон даме андешиду хулоса кард:

– Ин тавр бошад, рӯзи понздаҳум беҳтар. Ҳам ҳаво гармтар мешавад, ҳам шахсони раҳдур баҳона пеш оварда наметавонанд. Илтимос, худат ҳам ба онҳо пайғоме фирист, гапи туро ба замин намемонанд.

– Ба ҷон. Онҳоеро, ки ба саломи ман меоянд, вазифадор мекунам, аммо ба ғайри Рӯшон.

– Чӣ, дар Рӯшон гапат намегузарад? – ҳайрон шуд шоҳ.

– Дар он ҷо ягон мурид надорам, вагарна гапам, албатта, мегузашт.

– Ту дар Рӯшон мурид надорӣ? – шоҳ ба гӯшаш бовар накарда, ба меҳмон наздиктар омад. – Барои чӣ?

– Барои он ки надорам, – табассумкунон посух дод Сайид Фаррухшоҳ.

– Ниҳоят далели қотеъ, – шоҳ ҳам шакарханде зад, – душворе нест, дар он ҷо Манзаршоҳро ҳама гӯш мекунанд.

– Ман ҳам таърифашро бисёр шунидам, инсони муътабаре будааст.

– Манзаршоҳ бародарам аст, ин хел баҳодурро Худо худаш ба ман насиб гардондааст. Шери Рӯшон бо дирафши кокулзарӣ ба ҷанги бадахшиҳо баромаданист.

Сайид Фаррухшо аз ин хабар ноҳинҷор гашт:

– Бо ливои маҷусон?! Ба ин роҳ надеҳ, ки дунё бо пастанааш ба ҳоли мо механдад.

– Барои ман ғалаба бар душман муҳим аст, Сайид, на кафшу дирафш.

– Шоҳо, зери ин дирафш бохти мо пешакӣ муайян аст. Зинҳорат медиҳам.

– Барои чӣ? – дар овози шоҳ оҳанги хавф пайдо гашт.

– Барои он ки агар байроқи кофаронро бар сари мо бибинанд, бадахшиҳо худро ғозӣ эҳсос мекунанд, яъне, куштани шуғниҳо барояшон ба ҷиҳод бо аҳли куфр табдил меёбад. Он гоҳ заҳраю ҷасораташон чанд маротиба зиёд мегардаду мурдан дар роҳи дин – тоқбоз гаштани дари биҳишт.

Аз ин сухан лаҳзае чанд нафаси шоҳ ях баст. Вай ин тарафи масъаларо тамоман фикр накарда буд, агар Сайид Фаррухшо намегуфт, шояд кокулзариро дар вақти ҷанг бар манораи қалъа ҳам бармеафрохт. Як навъ эҳсоси мағлубият дар назди пир ба дили Юсуфалихон роҳ ёфт. Вай дақиқае ин эҳсосро тааммул ва таҳаммул карду пас зери дандон наҷво зад:

– Ҳазор раҳмат барои ин маслиҳат. Лекин Манзаршоҳ ба ин чӣ мегуфта бошад?

– Манзаршоҳ ҳам марди мусулмон аст, наход ҳамин гапи одиро қабул накунад?

– Дар ҷамъомад бо ӯ ҳардуямон гап мезанем. Лекин эҳтиёт бояд кард, ки гоҳе бисёр тунд меравад. Дар пеш ҷанг асту Манзаршоҳ бояд дар сафи аввал бошад.

Сайид Фаррухшо ба назди тахт омада, ба дирафши рӯи девор зеҳн монду гуфт:

– Ин гуна чизҳо бозичаанд, танҳо ислом пойдору ҷовидонист. Ман дирафши ваъдакардаамро он рӯз, албатта, меорам.

– Агар он дар ин ҷанг моро пирӯз гардонад, ҳай-ҳаю во-во[1].

Сайид Фаррухшоҳ чашм аз дирафш канду ба шоҳ рӯ овард:

– Ҷанг!? Магар *роҳи дигар* надорем, ки ҳатман бояд ҷанг бикунем?

Юсуфалихон ба гӯшҳояш бовар накард, ки чунин суханон аз даҳони Сайид Фаррухшо баромаданд. Лаҳзае, бидуни ифодаи маъное, ба рӯи ҳамсуҳбаташ нигоҳ карду сипас китфон дарҳам кашида гуфт:

– Пас ман туро ба кадом мақсад даъват кардам? Амри Ҷаҳондоршоҳ аст, ки Маҳмудро ба Шуғнон роҳ надиҳам. Ё ин гапро бори аввал мешунавӣ?

– Бори чандум мешунавам, аммо фикри ман ин аст, ки то омадани Ҷаҳондоршоҳ даст ба ҷанг назанем, беҳтар. Ваъдаашро вафо кунаду лашкар гирифта биёяд, он гоҳ силоҳ гирифтан маънӣ дорад.

---

[1] Ҳай-ҳаю во-во – нидое ҷойгузини «кош, ҳамин тавр шавад!».

– Набиёяд чӣ? – шоҳ оҳанги ғазабашро пинҳон карда натавонист, – “Пушти ману табари қассоб” гуфта бишинем, ки биёяду як-як моро ба Шаҳолеҷой партояд?

– Набиёяд, боз беҳтар, – оромона посух дод пир, – бо Маҳмудшоҳ забон ёфтан осонтар мегардад.

– Чӣ хел забон ёфтан? Магар ман ҳақ дорам, ки аз фармони Ҷаҳондоршоҳ сар бипечам?

**– Гар аз оштӣ шодӣ ояд ба чанг,**
**Хирадманд ҳаргиз накӯшад ба ҷанг.**

Аз хабарҳое, ки ба ман расидаанд, маълум шуд, ки Маҳмудшоҳ мунтазири ба саломаш расидани шоҳони мулкҳои гирду атроф аст. Ба давлате, ки эътирофаш мекунад, ғараз намегирад.

Шоҳ барошуфт:

– Тақсир, Худо шоҳид, ки аз ту ин гуна камдилиро чашм надоштам. Ройи ту ин аст, ки ман ба рӯи Ҷаҳондоршоҳе, ки ин қадар сол маро парвариш доду духтараш ҳамсари ман аст, пой гузораму дар ин лаҳзаи сахт думи душманашро, он манҳуси бетармолиеро бигирам, ки тахташро кашида гирифт? Набошад, ин қадар сол ба чӣ хотир лашкар машқ додаму пулу силоҳ ҷамъ овардам? Барои он ки дар назди душмани худу душмани дӯстам ба зону биафтам?

Суханони тунди шоҳ оромии Сайид Фаррухшоро заррае баҳам назаданд. Вай теғи нигоҳи ҳамсуҳбаташро бо сукуте асроромез рад намуду гуфт:

– Шоҳо, арз кунам, Шуғнон ин қадар раъияте надорад, ки ба ҳар баҳонае сарашро ба куштан диҳем. Барои мо муҳим бояд осудагии фуқаро бошад, на ғуруру майдонталабие, ки як саломи панҷ-шаш харвор ҳадя онро ҷуброн карда метавонанд.

**Ба ҳар боде маҷунб аз ҷой чун бед,**
**Батамкин бош ҳамчун моҳу хуршед.**

Андеша кун, як саломи бамуросо беҳтар ё ҷанги хунине, ки ба пирӯзии он ҳам на бовар ҳасту на умед?

Юсуфалихон чун ҳезуми тар даргирифт:

– Ман, Юсуфалихоне, ки авлодам пушт ба пушт ҳама шоҳ гузаштааст, ба саломи кадом як Маҳмудаки безоту сифот биравам? Ман барои ҳамин туро даъват кардам, ки дар басечи лашкар мададам расонӣ, иллобилло на барои он ки маро аз раъям гардонӣ!

Сайид Фаррухшо тамкинро аз даст надод, аммо садояш ин бор баландтар баромад:

– Ту фикри маро хостӣ, ман баён кардам. Роҳи аз ҳама осону оқилона ҳаминест, ки бароят гуфтам. Он тараф ихтиёр бо худат. Ман ба пирони дигар фикрамро намегӯям, монеи халқ ҳам намешавам. Дар ҷамъомад низ дар ин бора сухан намекунам. Ба ҳар қароре, ки биёед, ман ҳам ба дастури он кор мегирам.

Аз ин суханон дили шоҳ каме рӯшан гашт.

– Тақсир, ману ту акнун аҳли як хонаводаем, – ба оҳанги узрхоҳӣ наҷво зад ӯ, – худат беҳтар медонӣ, мардум агар дар байнамон роғе ҳис кунанд, ба дарондӯзониҳое даст зананд, ки сиёсати ману ту дар наздашон бозичаи дасти кӯдакро монад. Ин қадар ғами мардумро ҳам нахӯр, пайташонро ёбанд, ришамонро қоқ метарошанд. Инҳоро ба зарби Алӣ натарсонӣ, ба меҳри Алӣ чун рӯдапо, то ҷонат набарояд, ба гарданат савор шуда мегарданд. – Ва то фосилаи по ба по расидан ба Сайид Фаррухшо наздик омаду ҳарчи пасттар гуфт: – Агар Ҷаҳондоршоҳ наомад, боз беҳтар! Оё ин беҳтарин фурсат барои гирифтани Бадахшону ҳоким гаштан бар тамоми ин вилоят нест?

Сайид Фаррухшо аз ҳайрат гиребонашро дар мушт фушурд ва нидо баровард:

– Раббано, ва ло туҳаммилно мо ло тоқата лано биҳ![1] Шоҳо, Худо нокарда, ба коре даст назанем, ки рӯямонро дар ҳар ду ҷаҳон буни дег бигардонад.

Аммо Юсуфалихон ҳеҷ по ба замин гузоштан намехост. Зангӯлаи ба оринҷмони тахт овезонро гирифту башиддат навохт. Дақиқае пас Мубораки девонбегӣ шитобон даромад ва салом доду ба тавозуъ истод.

– Муборак, агар ба ман гапи муҳим надошта бошӣ, ба ҳазрати Сайид хазинаю анбори силоҳро нишон деҳ.

– Дорам, агар иҷозат бошад.

– Бигӯ.

– Ду навкаре, ки ба Хуф фиристода будем, додхоҳӣ омадаанд.

– Додхоҳӣ? Ягон ҳодиса рух дод? – безобита шуд шоҳ.

– Бале, шоҳам. Худашон гӯянд, беҳтар.

– Биёрашон.

---

[1] Парвардигоро, он чи тоқати таҳаммули онро надорем, бар мо муқаррар мадор.

Муборак ҷониби Сайид Фаррухшо чашм дӯхту истод.

– Ҳеҷ гап не, – маънои сукути девонбегиро дарк кард шоҳ, – аз ҳазрат гапи пинҳон надорем.

Муборак пас аз фурсате ҳамроҳи Ханҷартилою Ношак ба боргоҳ ворид шуд. Онҳо баробари даромадан ба зону афтода, сархам истоданд. Муборак гуфт:

– Шоҳам, Ношаку Ханҷартило дина аз Хуф баргаштанд. Мутаассифона, хабари хуш надоранд.

– Гап зананд, – иҷоза дод шоҳ.

Ханҷартило салла ба гардан овехту гуфт:

– Шоҳам, илоҳо, душманат хору залил гардад, аз як қатра хунамон гузар. Аммо бояд бигӯем, ки хуфиёни рӯсиёҳ молу ҳолатонро ҳамагӣ ба боди фано додаанд.

– Чӣ хел? – бесаброна пурсид Юсуфалихон.

– Маҷбурам бигӯям, ки аз тамоми амонати ба онҳо дода ҳамагӣ як гӯсфанду як буз мондаасту халос.

– Он дигар куҷо шуд?

– Мурд... – Забони Ханҷартило аз тарс печид.

– Чӣ хел мурд? Ғумор[1] зад-чӣ?

Ношак дид, ки забони ҳамроҳаш намекушояд, даст бар сар заду ҷавоб дод:

– Хуфиён аспҳоро дар кандакҳо андохта, об сар додаанд, аспҳо ях кардаанд, б... б-бош...

Юсуфалихон аз ғазаб даст ба ғилофи ханҷар бурд:

– Эй баддаҳан, ту чӣ гуфта истодаӣ?

Ношак гардан даруни китфон кашиду аз забон монд.

Ҳузури Сайид Фаррухшо маҷбур кард, ки шоҳ худро ба даст гирад.

– Бошаҳоро ба ҳаво сар додаанд? – Ва чун дид, ки ҳар ду хомӯшанд, дод зад: – Гап занед, мурдорони лошахор!

Ханҷартило боқимонадаи ҷуръаташро ҷамъ оварду забонашро ба кор андохт:

– Не, сар надодаанд, дар таги тахтасангҳо чалпак кардаанд...

– Чалпак? Чӣ хел чалпак?

– Парҳои бошаҳоро ба ду тараф ёзонда, ба болояшон санг хобонда, куштаанд.

---

[1] Ғумор – маҳви сартосарӣ; вабо

– Чил аспу чил бошаро? – хун ба сари Юсуфалихон зад.

Навкарон ба аломати тасдиқ сар ҷунбонда, мунтазири зарбаи ханҷар, пешонӣ бар фарш ниҳоданд.

– Ба чашми худ дидед ё фиребатон доданд?

– Худамон дидем.

– Бузу гӯсфандон чӣ? Ё онҳоро ҳам об сар доданд? Гап занед, маховҳои палид!

– Кушта хӯрдаанд, – забонхоён ҷавоб дод Ношак.

– Ҳамин хел гуфтанд, – илова кард Ханҷартило.

– Аз куҷо медонед, ки як сарӣ бузу гӯсфанд боқӣ мондаанду халос.

– Ба ман як сар буз дода, гуфтанд, ки ҳамин мондааст, бибар, – гуфт Ханҷартило.

– Ба ман як гӯсфанд доданд, ки ҳамин мондаасту ба қалъааш бирасон, – гиряолуд садо баровард Ношак.

Юсуфалихон ба алангаи оташ табдил ёфту ба сари навкарон омад, вале ба хотири меҳмони олиқадр, дар лаҳзаи охир аз лагадмол карданашон даст нигоҳ дошт.

– Инро ҳам, албатта, намедонед, кӣ ба онҳо чунин дастур додааст? – дандон совид ӯ.

– Медонем, медонем! – ларзидаю тарсида овоз дардоданд он сиёҳтолеъон.

– Кӣ будааст он бетармолии азҷонгузашта?

– Кеке.

Аз шунидани ин номи аҷиб дар лабони Сайид Фаррухшоҳу Муборак беихтиёр табассум давид.

– Ҳамон дарозаҳмақи бесоя? – бовар накард шоҳ.

– Худди худаш, – гуфт бо садои шикаста Ханҷартило, – хуфиёни дӯзахӣ ҳамаашон ба фармони вай будаанд.

– Вай ба шумо чӣ гуфт?

Ханҷартило ба Ношак нигоҳ кард, ки яъне, навбати сухан аз туст. Ношак, ки зери таҳдиди Ханҷартило суханони Кекеро чандин маротиба ба хотир овардаву такрор карда буд, бо чашмони пур аз ваҳм имдодхоҳона ба шоҳ рӯ овард:

– Шоҳам, гапи Кекеро айнан бигӯям?

– Гӯшам ба туст.

– Кеке гуфт: “Оё шоҳ амр надод, ки аспонро ҷаврост кунем? Дод! Мо ба қади чиҳил асп чоҳ кандем, дар пешашон ҷав гузоштем,

ба чоҳ об сар додем, ки ташна нашаванд – аспон шуданд ҷавроста. Оё шоҳ амр надод, ки чиҳил бошаро ҳадафрост кунем? Дод! Мо бошаҳоро пар кушодем, ба болояшон тахтасанг гузоштем, рӯбарӯяшон кабкони хушнаворо дар қафасҳо овехтем – бошаҳо шуданд ҳадафрост. Маъзурамон доред, агар минқорҳои каҷашон рост нашуданд. Оё худи шоҳ амр надод, ки як бузу як гӯсфандашро талаф надиҳем? Дод! Аз даҳдаҳ гӯсфанд нуҳдаҳу нуҳ, аз даҳдаҳ буз нуҳдаҳу нуҳашро халқи нозанини Хуф кушту хӯрд. Ҳамагӣ як бузу як гӯсфанд боқӣ монд. Яъне, як буз ва як гӯсфандро талаф надодем! Мо ҳам нангу номус дорем, ба кадом рӯ фармони шоҳамонро иҷро накунем?".

Сайид Фаррухшо хандаи худро нигоҳ дошта натавонист. Шоҳ розӣ буд, ки ин лаҳза замин бикафаду чунин бори гарони хиҷолату шармандагиро бо худ ба гӯри торик бибарад.

– Сайид, ин хуфиён аз ақл тамоман бегона шудаанд магар? Агар ин гап рост бошад, ҳар якашро чунон ҷазое диҳам, ки аз хуфӣ зода шуданаш дар ду олам пушаймон гардад. – Ва ба навакарон рӯ овард: – Ҳоло ҳар дуятон нест шавед, ки қаҳри он бетармолиҳоро ба саратон нарезам! Лекин дур наравед, гапамон тамом нашудааст.

Навкарон ҷониби дар шитофтанд. Муборак аз пасашон дарро пӯшид.

* * *

Овозаи масхара шудани Юсуфалихон аз ҷониби мардуми дараи Хуф дар муддати як ҳафта дар тамоми Шуғнон паҳн гашту то нимаи моҳи ҳамал ба Бадахшону Дарвозу Вахон низ расид. Юсуфалихон пас аз пурсупоси дақиқи Ханҷартилою Ношак хулоса баровард, ки хуфиён бе яроқу бе шӯру мағал бар зидди ӯ исён кардаанд. Аммо гап танҳо дар исёни онҳо набуд. Исёнгаронро ба бадтарин шева ҷазо дода, дили худро тар кардан мумкин, аммо чил аспи яккатозро, ки дар ҷанг бо Бадахшон бояд дар сафи пеши муҳорибаҳо мебуданд, ягон муъҷизае барқарор карда наметавонист. Бошаҳои зебою доно чӣ? Ҳар якаш ба сад хуфии нобакор меарзид! Бетармолиҳо тухми беҳтарин парандагони шикории дарборро шикастанд. Шоҳ таваққуъ дошт, ки тирамоҳи оянда, ба ҷои дусад сар бузу гӯспанд, аз хуфиён чаҳорсад сар талаб мекунаду маҳсулоташонро ҳам ба гарданашон хироҷ меандозад. Агар ҷанг тӯл кашад, бояд як қисми озуқаи лашкар аз ҳамон ҳисоб таъмин мегашт. Аммо, – туф ба рӯи зишти ҳар яка-

шон! – ин баргаштабахтон молашро ғадару ҳадар карданд! Гирад, ки ба зӯру тааддӣ тамоми аҳолии Хуфро бичафад ҳам, ин қадар гову мол гирифта наметавонад. Оҳ, ин хуфиён, чи махлуқанд, ки бори дуюм Юсуфалихонро ба нозуктарин шева мефиребанду ба асбоби хандахариши мардуми олам табдил медиҳанд! Акнун навбати амал аз ӯст. Аз аъёну акобир то деҳқону дарвеш мунтазиранд, ки Юсуфалихон ба хуфиён чӣ ҷазое раво мебинад? Оре, лаҳзаи ҳалкунанда ҳамин аст. Акнун Кекеи ғайрзод мард бошаду тӯфони ғазаби фармонфармои яккаву муқтадири Шуғнонзаминро аз сари ҳамтаборонаш баргардонад! Вақти нишон додани нангу номуси шоҳона расид! Аммо ҷазо ҳам бояд шоҳона бошад; чунон ҷазое, ки ҳафтод пушти оядаи халқи ин дара аз ёд карданаш битарсад, агар ёд кунад, мағз-мағзи устухонаш бисӯзад!

Шоҳ ҷазои андешидаашро ба таъхир гузоштан нахосту ба Манзаршоҳ қосид фиристод, ки бедиранг саркардагони исёни Хуфро ҳамроҳи Кеке ба Баҳрпанҷа расонад. Манзаршоҳ аз қазия зуд огоҳ гашта буд: як рӯз баъди гусели навкарон, оқсақоли Пастхуф воқеаро нарезондаву начаконда, бароях гузориш дод. Вай чунин рафтори зиштро аз хуфиён тамоман чашмдор набуд. Ҳафтод рӯзи тамом, то баста шудани роҳ, мардуми Рӯшон таҳти назорати худаш, барои сабук кардани аҳволашон, он қадар ёриёна ҷамъ оварда фиристоданд, ки ба зимистони дигар ҳам мерасид. Вале, бибин, онҳо ба ин ёриву бародарӣ чӣ ҷавоб доданд? На танҳо ба сари худ бало оварданд, балки Манзаршоҳро ҳам дар пеши Юсуфалихон сархаму хиҷил сохтанд. Ба ин сабаб, то шунидани пайғоми шоҳ, худаш ҳам бисёр мехост, ташаббускорони исёни гӯшношунидро бо чашми худ бинаду по бар ҳалқашон гузорад. Акнун дарк намуд, ки хуфиён на фақат Юсуфалихонро, балки худи ӯро ҳам бо камоли маҳорат фиреб доданд. Маҳмадқосими хушзабонро ба наздаш фиристоданду водораш намуданд, ки тавассути кумак расондан ба онҳо, ӯро ҳам ғоибона ба исёни худ шарик созанд. Оре, Юсуфалихон иқдоми хайрхоҳонаю беғаразонаашро ба аҳли Хуф маҳз ба ҳамин маънӣ мефаҳмад. “Ин кекемуридон боварии Юсуфалихонро ба ман сахт костанд!” – бо таассуф қазияро барои худ хулоса кард Манзаршоҳ ва дар пайи чораҷӯӣ афтод. Аввал бист нафар навкари содиқи худро барои дастгиру ба Шуғнон фиристодани саркардагони ҳодиса ба Хуф равон кард. Сипас бо шахсони доною боътимод ба машварату маслиҳат нишаст. Мансабдорон аксар бар он буданд, ки чун кори хуфиёни

ҷалдабоз ба дасти худи подшоҳ афтодааст, бигузор, ба ҳар тариқе ки хоҳад, ҷазояшон бидиҳад. Аммо қозӣ Раҳмихудои раҳмдил андешаи дигарро ба муҳокима гузошт:

– Ҳамаи мо шубҳае надорем, ки шоҳ аз фарти ғазабу ғурур, бидуни тафтишу тадқиқ, хуфиёнро ба дасти ҷаллод месупорад. Аммо дар қазоват "аввал – пурсиш, баъд – кӯшиш" гуфтаанд. Одам гӯсфанд нест, ки диламон хост, сарашро буридему хунашро барои худ ҳалол донистем. Барои ҳар як ҷоне, ки Ҳақтаъоло ба инсон ато кардаасту мо онро мегирем, дар рӯзи қиёмат ҷавоб додан лозим меояд.

Сухани қозӣ маслиҳати қариб пухтаи ҳозиронро латма зад. Ҳатто ба андозае димоғашонро сӯзонд.

Нахуст оқсақоли Вомар Зарен барошуфт:

– Домулло, раҳму инсоф ҳам ҳадду ҳудуде доштагист. Шоҳ онҳоро ба қатл ҳукм кунад, дар қиёмат ҳам худаш ҷавоб медодагист? Ба ғайр аз овардани мурдаашон кори дигаре аз мо намебарояд.

– Хато мекунӣ, Зарен, – лаҳни орому нимшунавои қозӣ суханашро вазну таъсири дигаре мебахшид, – ҳоло ки ману ту бар сари тақдири хуфиён машварат дорем, дар сафансафо[1] барои қарори баровардаамон моро ҳам мепурсанд. Магар хуфиён табааи Рӯшон нестанд? Оё аз инсофу адолат аст, агар тухмашонро бишиканем? Чӣ, онҳо, ки беадабӣ карданд, мо ҳам бояд по ба пои онҳо гузорем? Адабро бузургон аз беадабон омӯхтаанд. Ҳазор чорпо ба ҷони як кӯдаки гаҳвора намеарзад, чи расад ба мардони яккачин! Медонам, Юсуфалихон ҳоло ташнаи хуни онҳост, аммо оқибаташро ҳам фикр кардан лозим. Қатли инсон ба ягон одам обрӯ наовардааст, ки ба мо биёрад. Хосса, ба Манзаршоҳ, ки дар байни раъият ин қадар ҳурмату эътибор касб кардааст.

Гапи пурмағзи қозӣ тарафдорони қатли гунаҳкоронро дудила сохт. Онҳо чашм ба даҳони Манзаршоҳ дӯхтанд, ки ҳоким ин пешниҳоди ғайричашмдоштро чӣ тавр мепазирад. Вақте хомӯшии дилгиркунанда ба мағзи устухонҳо расид, ниҳоят Манзаршоҳ андешаашро ба забон овард:

– Ҳайрон нашавед, ҷаргаҳ оростани мо ба ҳамин хотир аст, набошад, худам ҳам медонам, ҳар амре бидиҳам, касе онро рад намекунад. Қозӣ рост мегӯяд, мо бояд ба ҷонибдории шахси гунаҳкор ҳам ҳар далелеро ба эътибор бигирем. Аммо дар чунин ҳоле, ки хуфиён

[1] Сафансафо – мувофиқи дараҷаи савобу иқоб саф оростани одамон дар рӯзи Қиёмат.

афтодаанду моро ҳам ба он печондаанд, ростӣ, ман намедонам, ки дар ҳимояи худ ба Юсуфалихон чӣ гӯям?

Козӣ Раҳмихудо посух дод:

– Мавлоно Алӣ фармудаанд, ки бузургтарин ғалаба гузашт аст. Хуфиён медонанд, ки барои исёни махуфашон даҳ-дувоздаҳ нафар кушта мегарданду боз чандин марди дигар маҳбусу хонавайрон. Акнун тасаввур кунед, ки мо ба ҷои зулму таҳқир онҳоро аз чанги аҷал халос кардем. Бовар кунед, дар ду дунё ин некиро фаромӯш намекунанду минбаъд дар лаҳзаҳои ҳассос тарафдори мо хоҳанд шуд.

– Гирам, ки ин гапатро қабул кардем, лекин чил аспу сад сар моли ҳалокшударо аз куҷо меёбем? – манаҳашро хорида-хорида пурсид Манзаршоҳ.

– Нийятамонро нек гирем, молу сутурро қаҳт назадааст. Аз мардум ҷамъ овардан мумкин, нашуд, мехарем.

Ин гап ҳозиронро ба таҳрик овард.

– Хуфиҳоро ин қадар ёрдам кардем, бас будагист!

– Мардум фаҳмад, қабрамонро меканад.

– Ин қадар аҳмақамон карданд, бас набуд, ки боз аҳмақӣ кунем?

– Домулло, ин қадар тарафдориашон мекунӣ, ки гӯё аз Хуф бошӣ.

Садои фармондеҳонаи Манзаршоҳ ахиран ба баҳс нуқта гузошт:

– Оррром! Қозӣ пурра дуруст мегӯяд. Сабаби ба чунин хиёнатҳо даст задани мардуми Хуф он аст, ки мо онҳоро одам ҳисоб намекунем. На танҳо бо хуфиён, балки ба халқи Баҷуву Бартангу Шуғнон ҳам рӯи хуш намедиҳем. Эй мардум, Рӯшон пойтахт аст, дар ин ҷо тамоми бандагони Худо бояд озод гарданду навозишу эҳтиром бинанд. Агар мо ҳоло мардонагӣ нишон диҳему дар чунин рӯзи сиёҳ ба додашон бирасем, бовар кунед, хуфиён минбаъд аз чунин мушбозӣ даст мекашанду дар тангтарин рӯзҳо дастгирамон мешаванд. Шафоаташонро ман аз Юсуфалихон металабам. Акнун бигӯед, ки товони моли талафёфтаро чӣ хел диҳем?

Аҳли ҷаргаҳ ҷумлагӣ ба даҳон об гирифтанд. Маълум, ки ба чунин шеваи гарон ҳал кардани масъаларо хуш надоштанд.

– “Аз дуо хондан ҷӯй пуроб намешавад”, – гапи мирро тақвият дод қозӣ, – ҳар яки мо молеву ҳоле дорем, медиҳем, ба мардум мурочиат кунем, ба хотири Манзаршоҳ сутур чӣ, баччаашро ҳам медиҳад. Бовар кунед ба гапам.

Зарен дид, ки аҳли машварат ҳанӯз дудилаанд, ба ду зону баланд шуд ва хитоб кард:

– Эй андуволон, аз занонатон метарсед, ки забонҳоятон ях бастаанд?! Ман ба фаҳми қарори Манзаршоҳ нав расидам. Ҳар чи мекунад, барои осудагии рӯшониён мекунаду ободии ояндаи диёр. Солҳо ҳукумати худиро орзу кардем, ана, ҳамин аст ҳукумати худӣ. Ҳоло Қубодхон мебуд, амр медод, ки тамоми Хуфро чаппаву чаповул кунанду мардумашро, аз тифли гоҳвора сар карда, то пири бистарӣ ба Бахрпанҷа бурда, дар пеши пои Юсуфалихон сар бибуранд. Аммо Манзаршоҳ мехоҳад, ки ин бало бе хунрезӣ аз сари халқи Рӯшон рафъ гардад. Акнун дидед, ки ҳокими худӣ доштан чӣ маъно доштааст?

Рӯзаки барзудӣ, ки марди баландҳимматӣ соҳибнуфузе буду то ҳол хомӯш менишаст, хулосаи маҷлисро ба забон овард:

– Бародарон, ҳокимамон Манзаршоҳ ҳар чи амр дод, ҳамон тавр амал кардан даркор. Ман шахсан як аспу даҳ сар мол медиҳам. Ҳазор рахмат ба қозиямон Раҳмихудои хирадманд! Худо хайрашро диҳад, набошад, аз каллаи ман чунин фикри оличаноб дар сад сол намебарояд.

– Гуфтан осон, кардан душвор, – норозиёна ғурунгос зад Боғбони мирғазаб, ки бисёр мехост оқсақоли Вомар шавад, аммо қозӣ ба сабабе номзадиашро дастгирӣ накарда буд, – мо дорему як бало карда, чизе медиҳем, аммо худат чӣ дорӣ, ки ҳавои даҳан мекунӣ?

Таънаи рӯирост дили ҳозирони маҷлисро тир барин сӯрох кард. Манзаршоҳ лаб ба коҳиши Боғбон кушод:

– До, ҳар кас бояд ҳурмати ришу мӯи сафеди худро нигоҳ дорад. Бойигарии Раҳмихудо мағзи ӯст. Агар мағз набошад, тана аз беақлӣ дар як рӯз худро ҳалок мекунад.

– Мир, изои муъмин ҳаром аст, – бидуни озурдахотирӣ гуфт қозӣ, – Боғбон рост мегӯяд – ман ҳам дар ҷавоби гапам чизе бояд бидиҳам! – Ва нафас тоза карду афзуд: – Бист сар аспи шоҳро ман бармегардонам.

Ҷумлаи охирини Раҳмихудое, ки ҳама медонистанд, дар бистоташ ба ҷуз се анбон замину чанд сар молу гов дигар чизе надорад, аҳли нишастро лолу ҳайрон сохт. Агар қозӣ мегуфт, ки бо дами дуояш пӯстакҳои хонаро ба ҳам ҷанг меандозад, касе шубҳа намекард, аммо шунидани чунин даъво аз забони шахсе, ки ягон бандаи Худо

як аспи ланг доштанашро ҳам дар хотир надорад, гапе буд хомхаёлонаву хандаовар.

– Шӯхӣ накун, домулло, – Манзаршоҳи ҳайратзада хомӯширо шикаст, – ҳамин роҳи кор нишон доданат аз ҳазор аспу гӯсфанд қиматтар аст.

– Писарам, ҷаргаҳ магар ҷои шӯхист? Чизе, ки гуфтам, давоми як моҳ иҷро мекунам.

– Чӣ хел *иҷро мекунӣ*? – якбора аз даҳони чанд нафар бидуни ихтиёр чунин савол баромад.

– Ин сирро фақат ба Манзаршоҳ мегӯям. Шумо беҳтараш дар хусуси ҷамъ овардани моли боқимонда фикр кунед.

Ҳимматбаландии ногаҳонии қозии дарвешнамо дили ҳамаро қавӣ гардонду сари номус овард. Дилҳо равшан шуданду забонҳо кушода.

– Бист бошаву чил сар бузро ман ба гардан мегирам, – гуфт Манзаршоҳ ва ба аломати баста шудани ҷаргаҳ аз ҷой баланд шуд.

Дигарон ҳам бо дили пуру азми қавӣ маҷлисро тарк карданд.

* * *

Рӯзи охири Ошӯро барои хуфиён ба мотами ҳақиқӣ табдил ёфт. Навкарони Манзаршоҳ бо сардории Шоҳниёзи оқсақоли Пастхуф сабоҳи мардон ба хонаҳои ховандони деҳ ҳуҷум карда, пас аз соате бист нафарро дар остони Теғбараҳнагон ҷамъ оварданд.

Вақте Шоҳниёз дари остонро башаст кушода, дарун даромад ва хост наърае зада, Кекеро ғофилгир кунад, аз манзарае, ки дид, дар дили худаш ваҳм афтод. Остонбони ғалатӣ дар тан рағзаи маҳинбофи арғавонӣ, ба сар саллаи калони суп-сурхи шивинчӣ, ба пой пеҳҳои соқдарози наппа-нави қаҳваранг, дар миёни хона рӯ ба қибла дузону зада, намоз мегузорид. Вай чунон мустағрақи ниёиш буд, ки аз ғиҷирроси дару шарфаи баланди пойи Шоҳниёз сари мӯе наҷунбид. Оромии сарди кулбаву соҳиби он дарзамон шасти Шоҳниёзро фуру нишонд. Бар замми ин, кадом қувваи ноаёне ба китфонаш фишор оварду маҷбураш кард, ки вай ҳам дар қафои Кеке ба замин нишинад. Зону заду акнун ба мушоҳида гирифт, ки тарзи дар намоз нишастани Кеке ҳам аҷиб аст: дасти чапаш дар миён буду дасти рост бо кафи кушода ҷониби осмон. Шоҳниёз саропо гӯшу ҳуш шуд, то садои Кекеро бишнавад, аммо аз санги девор садо буду аз вай не. Чанд дақиқа ба ҳамин минвол гузашт. Навкарон чун диданд, ки оқсақол

диранг кард, барои фаҳмидани вазъ паси ҳам ба кулба даромада, чунин манзараи сеҳрангезро дида, як-як дар паси Кекею Шоҳниёз хомӯшона зону задан гирифтанд. Вақте бандиёни дастбаста огоҳ шуданд, ки пирашон дар намоз истодааст, онҳо низ дохили остон шуданду дар пушти навкарон дузону заданд. Дар берун танҳо чаҳор навкар дар ҳоли омодабош монданду халос. Маъбади танги Кеке аз одам пур шуд, аммо вай ҳамоно, як даст бар осмону як даст ба миён, бо Худои худ бе сухан рози дил мегуфт. Чи манзараи риққатборе! – навкару бандӣ, золиму мазлум, силоҳдору бесилоҳ, бехудову худотарс кашмокашу ғавғои худро лаҳзае як сӯ гузошта, паҳлуи ҳам бар хоки сарди остон нишастанд. Кекеи сурхинапӯш ниёишашро баъди як рубъ соат бафурҷа анҷом доду гаронборона аз ҷо баланд шуд ва рӯ ҷониби нишастагон гардонд. Чеҳраи ҳамешахандони ӯ кулбаи нимторикро гӯё якбора равшан сохт.

– Омадед, ки Кекеро бибаред?

Касе ёрои гап задан накард.

– Оре, ҳар карда ҷазо дорад, – давом дод Кеке, – вақташ ҳам расид. Аммо, эй Шоҳниёз, бандиҳоятро метавонӣ дар ҳамин ҷо рухсат бидиҳӣ, чун дори фалак фақат сари Кекеро талаб дорад. – Ва лаҳзае Шоҳниёзи лолгаштаро аз назар гузаронду хандаи нарме зад, – аммо, албатта, ту бовар намекунӣ. Эй хуфиён, дилатон наларзад, аз ин ҷо Кеке шуморо мебарад, аз он ҷо шумо Кекеро меоред. Меореду ба остонбони нав месупоред. – Ва аз остинаш халтачае бароварду ба Шоҳниёз дароз кард. – Бигиру ба инҳо тақсим кун. Харҷи ошдоду патфару зории[1] Кеке ҳамин аст. Дигар на гов кушеду на мол. Агар вақт пайдо кардед, ояте бихонеду ба Кеке бибахшед.

Шоҳниёз бархосту халтачаро кушод. Он пур аз кулӯлаҳои сурхе буд ба андозаи дулона.

– Ин чӣ бошад? – пурсид Шоҳниёзи ҳайратзада.

– Ин хуни гӯспанди қурбонии Кекест. Табарруктарин моле, ки меҳмони ин ҷаҳони фонӣ дорад, ҳамин аст.

Шоҳниёз китф дарҳам кашиду ба тақсими хуни қурбонӣ пардохт.

– Дӯстед, душманед, бичашед, ки ҳар касе бошед, тани мурандаеду дар он олам ба як зарра шафоат зор мегардед, – суханашро да-

---

[1] Ошдод, патфар ва зорӣ – маъракаҳои се, чил ва соли шахси фавтида, ки аз даврони тоисломӣ боқӣ монда буданд.

вом дод Кеке. – Эй Нурмаҳмад, мурдаи Кекеро дар паси остон бигӯрону ҳамин саллаашро бар танаш кафан кун.

Нигоҳи ҳайратомези ҳозирон ба саллаи сурхи Кеке дӯхта шуд.

– Хамин колаи сурхро? – пурсид Нурмаҳмад.

– Оре. Барои Кеке марг сур асту дар сур либоси сурх пӯшанд.

Аз ин гап дили душману дӯст таҳ кашид, пушти баъзеҳо ларзид, касеро гиря гулугир кард.

– Остонбони нав кист? – садои Нурмаҳмад ин бор маҳзун баромад.

– Касе, бо шохнафир ба ҷанозаи Кеке меояд.

Шоҳниёз тақсими табаррукро анҷом доду халтаро ба дасти соҳибаш супурд. Кеке онро ба киса гузошту дигар ҳарфе нагуфта, бо қадамҳои бардаму рӯи ҳамешахандон ҷониби дар рафт. Дар берун одами бисёр ҷамъ гашта, ғалоғула доштанд: занҳо гиряву зорӣ мекарданд, мардон барои задани навкарон таҷанг истода буданд. Навкарон даррав туфангҳоро ба ҷониби издиҳом рост карданд. Кеке рост ба назди халқ шитофту хитоб кард:

– Ҳой, хуфиён, шумо ба Кеке бовар доред?

– Дорем, – ҷавоб доданд одамони алоҳида.

– Пас бишнавед, Кеке чӣ мегӯяд. Баъди чанд рӯз тамоми ҳамроҳони ман зиндаву саломат ба наздатон бармегарданд. Инҳо Шуғнонро як тамошо мекунанду меоянд. Ҳоло илтимос ин аст, ки хунохаспӣ накунеду моро то хамхами сеюм бигуселонед.

Дарзамон мавҷи гиряҳо хомӯш, оташи ғазабҳо паст гашт. Шоҳниёз аспашро ба назди Кеке оварду гуфт:

– Пирам, ту савор шав, ман пиёда меравам.

– Шод бош, аммо Кеке бандисту бояд ранҷи бандиёнро бикашад, агар чунин накунад, халқро фиреб дода бошад. – Ва ба қатори бандиён гузашту гуфт: – Беҳтараш, дастамро бибанд.

– Ба ин ҳоҷате нест, ҳазрат, – гуфт Шоҳниёз.

– То набандӣ, на Кеке, на ягон бандӣ аз ҷояш наҷунбад.

Шоҳниёз худ ҷуръат накарду ба навкаре ишорат кард, ки дасти Кекеро бандад. Фӯтаи миёни худро кушоду дастони Кекеро ба пушт баст ва дар пояш ба замин афтоду бахшиш талабид.

– Эй инсон, бархез, ки Кеке беҳузур шуд. Худованд моро бибахшад, ки ростро аз чап фарқ намекунем.

Навкар, ба мисли дигарон, аз ин гап чизе нафаҳмид, аммо чун вақти тақалу мавъиза набуд, бархост ва корвон ҷониби дара ҳаракат кард.

* * *

Ин бор пирони Шуғнон баҳонае пеш наоварда, пасопеш, як-ду рӯз қабл аз ҷамъомад ба Баҳрпанҷа омадан гирифтанд. Дигар вақти истихораю баҳона ҳам набуд, зеро сару садоҳои тақсими сарҳад, фирори Ҷаҳондоршоҳ ва ба дасти фармонравои нав афтодани Бадахшон, онҳоро ба ташвиш андохта, водор месохт, ки барои тасмимоти дурусти оянда, ҳам бо шоҳи мамлакат ва ҳам бо ҳамдигар, бояд тавофуқоти тоза дошта бошанд. Юсуфалихон ҳам ба мақсади мустаҳкам кардани ҳокимият ва афзудани обрӯю нуфузи худ аз ин ҳамойиш умедҳои зиёде дошт. Бисёр мехост бо овозаи байни англисҳову русҳо тақсим гардидани Бадахшону Помирот пешвоёни мазҳабро тарсонда, аз онҳо талаб кунад, ки муридони худро ба ҷанги Маҳмудшоҳ талқин намоянду далерӣ бахшанд. “Ин Ғазанфар ҳам заб одами беэътимод баромад. Зимистон низ гузашту аз вай дараке нест. Ба умедаш каси дигареро ҳам ба Кошғар нафиристодам. Агар мебуд, чунон суханҳое меронд, ки пирони худписанд худашон ба сари Маҳмуд метохтанд”, – мегуфт ӯ дар дилаш, ки ҳеҷ вақт аз онҳо пур набуд.

Шоҳ фармон дод, ки дар Баҳрпанҷаю атрофи он дилхушихои наврӯзӣ се рӯз давом кунанд ва рӯзи чорум дар Саройи санг маросими ҷазо додани исёнгарони хуфӣ барпо гардад.

Рӯзи чордаҳуму понздаҳуми ҳамал барои халқия иду дилхушӣ буду барои аҳли дарбор ва меҳмонони хоса – маҷлисҳои гоҳ гарму гоҳ тунд. Пирон гӯё пешакӣ маслиҳат карда бошанд, ягон нафарашон ҷанг бо Маҳмудшоҳро дастгирӣ накард. Ба дили шоҳ бахусус суханони пири сӯчонӣ Сайид Мирзоашраб монанди корди дудама фуру рафта, дупорааш карданд. Ин марди ҷулҳундинамои пӯст ба устухон хушк бархост, мисли паҳлавонони ҳарифталаб ду даст ба миён зад ва бо садои шамолхӯрдааш чунин гуфт:

– Эй шоҳоне, ки дар пӯсти худу дар офоқи Худо намегунҷед, нӯш кардани хуни уммати бечора ҳам бас будагист. Ту худат фикр кун, ки моро ба Бадахшон чӣ муносибату ба шоҳи он чӣ хусумат? Агар Ҷаҳондоршоҳ хусури тусту ту қудои Ҷаҳондоршоҳ, фақиронро аз ин чӣ суду чӣ беҳбуд? Маҳмудшоҳ агар тахти кадом шуғниеро кашида мегирифт, савганд ба нури поки Худованд, ки як тори бурутат

намеҷунбид! Агар Ҷаҳондоршоҳ туро масъул карда бошад, ки бо Бадахшон ҷанг кунӣ, пас авлодатро бигиру бирав ба майдон! Аммо халқи Шуғнон мегӯяд, ки ба саломи Маҳмудшоҳ бираву ҷони моро ба беҳуда зери хатар нагузор.

Юсуфалихонро, ки дар умраш аз касе чунин гапи дурушту заҳролуд нашунида буд, сараш чарх заду ҳатто дақиқае дар куҷо буданашро ҳам фаромӯш кард. Ин асно Манзаршоҳ, ки рӯбарӯи тахт дар сафи афсарон нишаста буд, тунд бархосту бонг зад:

– Эй пирони нуронӣ, агар аз даҳони шумо чунин гапи бӯйнок барояд, пас мани кордкашро бибахшед, агар ҳоло даҳонамро саге билесад. Чӣ шумо намедонед, ки амри шоҳ барои раият воҷиб асту ба хешу нохеш буданаш бо касе ҳеҷ гуна рабте надорад? Билохира, ин ҷо маҷлис дар ҳузури шоҳ аст, на дар пеши тарророни Бағдод. Агар мамлакат ба ихтиёри шумо бимонад, дар як рӯз ё табааи чиниҳо мешавем ё қирғизу манғит. Ҳоло вабои дигаре ба номи авғон сар баровардааст, ки дар таркиби лашкари Маҳмудшоҳ бедодгарӣ мекунанд. Шоҳо, бовар кун, дар Рӯшон ягон пир, ягон халифа, ягон муллоро намемонам, ки бар зидди эъзоми ҷавонмардон ба лашкар овоз баланд кунад. Гумон мекунам, дар Шуғнон ба тухми шермардон қирон наомадааст. Дар ин ҷанг мо, ба монанди аҷдоди бошарофати худ, дар зери дирафши Шуғнони куҳан душманро саркӯб менамоем!

Манзаршоҳ аз халтаи дарозрӯяи дасташ кокулзарии ба аксари аҳли нишаст шиносро бароварду барафрошт. Ҳама ҷониби дирафш нигариста, гапи Манзаршоҳро байни худ ба муҳокима кашиданд. Ғалоғулаи пасти ҳозиронро садои Юсуфалихон хомӯш кард:

– Эй пирони равшанзамир! Ман шуморо ба ин умед ҷамъ овардам, ки иродаи халқро дар муҳориба ба муқобили шоҳи ғосиби Бадахшон қавӣ гардонеду сипоҳиёнро ёрӣ расонед. Лекин мебинам, ки шумо ҳамагӣ бар рағми ман забон як кардаеду аз нӯги бинӣ он сӯятонро дидан наметавонед. Аммо бидонед ва огоҳ бошед, ки ман ба ҳеҷ ваҷҳ ҳозирбоши лашкарро манъ намекунам ва дар аввалин фурсат ба Файзобод ҳуҷум меорам. – Ва даме сукут варзиду ба Манзаршоҳ рӯй овард: – Манзаршоҳ, ҳазор раҳмат барои мардигарӣ, вале дирафшатро қабул карда наметавонам.

Манзаршоҳ кокулзариро боэҳтиёт ба фарш гузошт ва вақте сар боло карду нигоҳаш ба девори пушти тахт афтод, акнун дид, ки дирафши Шуғнон дар ҷояш нест.

– Барои чӣ? – бо ҳайрат суол дод Манзаршоҳ.

– Барои он ки агар зери ин ливо ба майдон бароем, бадахшиён моро кофар эълон карда, тамоми Хуросону Варорӯдро ба хуни мо ташна месозанд.

Манзаршоҳ, ки ба чунин сурат гирифтани ҳол омода набуд, фурсате ангуштшиканӣ карду гуфт:

– Дигаронро намедонам, вале ману ҳамсилоҳонам ба ҳамин дирафш дил бастаему барои ҳамин дирафш каллаи душманро канданием.

Сукути гаронборе ҳукмфармо гашту ҳама ҷониби Юсуфалихон нигаристанд, ки ба Манзаршоҳи дӯстдоштааш чӣ мегӯяд.

– Манзаршоҳ, инро ҳам ба ҳисоб бигир, ки агар тамғаи кофариро бар пешониамон зананд, он гоҳ барои маҳв сохтани мо ҳамин халқи худамон басанда аст. Оё беҳтар нест, ки таҳти дирафши сохтаи Сайид Фаррухшоҳ аз як гиребон сар барорем? Охир ҷанг бо куффор ғазою ҷиҳод асту куштани кофар – ваъдаи биҳишт. Вале, ҷанги мусулмон бо мусулмон вақтинча забон наёфтани як гурӯҳ бо гурӯҳи дигар аст.

Манзаршоҳ лаб хоиду ғурунгос зад:

– Ку, бубинем он дирафши наватонро.

Вай ҷониби Сайид Фаррухшо, ки субҳи ҳамин рӯз дар саҳни қалъа ба ҳам дучор омада, шинос шуда буданд, нигарист. Пир ҳамроҳи ҳамтоёни худ дар суфаи калон, аз ҳама болотар нишаста, бо қаду басти баланду чеҳраи нуронии худ, ба қавле, хонаро пур мекард. Вай бухчаи бахмалиеро, ки дар паҳлуяш мехобид, бешитоб боз кард ва бархосту колаи сабзи дарозию бараш яккулочиро баробари синаи худ ба ду тараф кушод. Тасвири бо ҳуруфи зебо хаттотигаштаи “Бисмиллоҳи Раҳмони-р-Раҳим” – мурғи паркушодаи сараш ҷониби осмони улвиён, аҳли боргоҳро мутаваҷҷеҳ сохт.

– Мурғи Бисмиллоҳ! – шарҳ дод Сайид Фаррухшоҳ – Сару танаш аз калимаи шарифаи “Бисмиллоҳи Раҳмони-р-Раҳим”, пойҳояш – “Ё Муҳаммад” ва “Ё Алӣ”. Ҳоло ки тамоми олам мусулмонобод гаштааст, кокулзарии аҷдодӣ фақат чунин маънӣ медиҳад, ки мо аз ҳаёт садҳо сол ақиб мондаем. Шоҳамон дуруст мегӯяд, бо он дирафш мардуми атрофамон моро дар шумори кофарон дармеоранд. Аммо агар Мурғи бисмиллоҳ бар сарамон бошад, то теғ кашидан хеле фикр мекунанд, чун аз ҷавоби рехтани хуни як мусулмон додан, дар ду олам сангинтар ҷавобе нест.

Аз байни нишастагон садоҳое амсоли “Пир дуруст мегӯяд”, “Ҳақ бо Сайид Фаррухшоҳ аст”, “Дирафши оташпарастон ба кӣ лозим?” баланд шуданд.

– Пас хулоса чист? – баъди пасанда шудани ғалоғула пурсид шоҳ, – кадомашро қабул кунем?

– Дирафши Сайид Фаррухшоҳро! – қариб ба як овоз раъй дод аҳли маҷлис.

– Қабул, – гуфт Юсуфалихон, – аммо акнун бояд пиронамон ризоят диҳанд, ки бо алами Мурғи бисмиллоҳ ба ҷанги Файзобод биравем.

Сукути сангин аз нав пар кушод, чашми ҳама дигарбора ба Сайид Фаррухшоҳ дӯхта шуд. Вай ҷониби шоҳ омад, дирафшро ба дасташ доду гуфт:

– Азизон, андешаи банда ин аст, ки шоҳамон бояд барои маслиҳат аввал ба саломи Маҳмудшоҳ равад, чун ман шунидам, ки шоҳаншоҳи тозаҷулус мехоҳад ҳама шоҳони атроф бо ӯ созишу тавофуқи сулҳу салоҳ дошта бошанд. Агар фармонравои мо ба саломаш рафту баъд аз ин Маҳмудшоҳ ба Шуғнон дасти таарруз дароз кард, он гоҳ маҷбурем, ки аз номуси худ дифоъ бикунем, агар не, неъмате беҳтар аз сулҳу осоиш дар олам вуҷуд надорад.

– Агар имрӯзу фардо Ҷаҳондоршоҳ бирасад, боз ҳам ба саломи Маҳудшоҳ биравам? – Юсуфалихон ба лаҳни тунд гапи Сайидро бурид.

– Агар Ҷаҳондоршоҳ мутмаин мебуд, ки сипоҳи Шуғнону Вахон бар лашкари Маҳмудшоҳ зӯр меояд, ҳаргиз барои ёрӣ хостан ба Бухоро намерафт, – ором босалобат посух дод пир. – Пас мо набояд барои мағлубияти алании худ ба сари бадахшиҳо теғ кашему сари ороми мардумамонро зери ғарғара гузорем. Аммо агар Ҷаҳондоршоҳ лашкаре овард, мо ҳам, албатта, сипоҳи худро ба он ҳамроҳ хоҳем кард.

Юсуфалихон дирафшро болои тахт гузошту гуфт:

– Манзаршоҳ, ту чӣ мегӯӣ?

– Ман фақат амри шоҳро гӯш мекунам, – низомиёна ҷавоб дод Манзаршоҳ.

– Парвардагони Ҷаҳонгир чӣ мегӯянд?

Сипаҳсолори Шуғнон Гулпочо, қоматашро рост карду нидо дод:

– Сипоҳ мунтазири амри туст, шоҳам!

Шоҳ даст бар пуштмони тахт гузошт ва гуфт:

– Ҳазорон шукр, ки лашкариёни вафодор дар паҳлуи ман ҳастанд. Аммо, эй пирони муҳтарам, мебинам, ки дили шумо бо шоҳу сипоҳ яқин нест. Шумо ҳар чи талаб кардаед, ба ҷо овардаам. – Ва барои интихоби ифодаи беҳтар дақиқае забон хоиду афзуд: – Ё боре дидаед, ки ба мисли Шоҳванҷихон шариатро ба саратон бор карда бошам?

Ин гапи таънамонанд пирону халифаҳоро нооpoм сохт. Ба хотири ҳимоят аз мавқеи хеш, куҳансолтарин пири мулк Сайид Мурсал иҷозаи сухан хост.

– Шоҳо, бигирем, ки ман ё панҷ-шаш тан аз мо ҳолати вазъшударо ноҳақ баҳо додаем, вале, худ мебинӣ, ки кулли соҳибони тариқат аз барои амонии мусулмонону мамлакат ба ҳамин хулоса омадаанд. Агар як ҳавуч халқамонро барои ҳар як шоҳгардише, ки ҳар сол дар Бадахшон иттифоқ меафтад, ба ҷанг бархезонем, дар ин қаламрав дигар на шоҳ табаае меёбаду на пир муриде. Бисёр тавалло мекунам, ороямонро сабук нагирӣ.

Вақте Сайид Мурсал аз гуфтан забон барбаст, Сайид Фаррухшоҳ ба тақвияти сухани вай лаб кушод:

– Шоҳи давлатпаноҳ, шахсан банда ҳиммати туро дар ободии мулк дар ваъзҳову хутбаҳоям ба мардум гӯшзад менамоям. Бахусус, пули ҳангуфте, ки соли гузашта барои барқарор сохтани ҷӯйбори Поршинев сарф кардӣ, имкон дод, ки ҷони фуқаро барои сад соли дигар аз ранҷи азими беобӣ ва чанд деҳаи хуррам аз тороҷи хазон наҷот ёбад. То ин дам имкон даст надод, ки ба шеваи муҳсин миннатгузории халқи Поршинев ва дуову санои худро бароят бирасонам. Ҳоло иҷозат мехоҳам, ки дар ҳузури нухбагони мамлакат таманнои худро ба арзатон расонда бошам.

Пир аз кисааш дафтаре бароварду ба хондани қасидаи худ дар васфи Юсуфалихон шурӯъ кард. Овози ширадору оҳанги мавзуни қироат ва байтҳои дилангези шеър батадриҷ фазои гаронфишори маҷлисро мулоим ва асабҳоро ором сохт. Юсуфалихон ягон бор фикр ҳам накарда буд, ки Сайид Фаррухшоҳ қудрати шеъргӯӣ ҳам дорад, бинобар ин, бо ҳайрати ошкоро ба ҷонибаш чашм дӯхту то ба охир расидани қасида ҳолаташро тағйир надод. Бахусус, байтҳои охири мадҳия:

**Заифиро ба лутфи худ қарин кун,**
**Ба зери сояи шаҳ ҳамнишин кун.**
**Каримо, Қодиро, Парвардигоро,**
**Нигоҳаш дор аз кулли хатарҳо!**
**Маро дар сояи лутфаш амон деҳ,**
**Амон аз фитнаи охирзамон деҳ.**
**Худовандо, дуоям кун иҷобат,**
**Ниҳӣ зилли илоҳӣ бар риоят.**
**Адолатро ба шаҳ дорӣ мусаллам,**
**Чунин омад дуо, валлоҳу аълам!**

– ба вазъе, ки шоҳ бар тахт нишаставу пешкорони дину дарбор боргоҳро пур карда буданд, он қадар мувофиқу мутобиқ афтоданд, ки бо расидан ба нуқтаи таммат, садоҳои таҳсину офарин ва кафкӯбии пурмавҷ ҳатто посбононро маҷбур сохт дарро кушода, ҳодисаи рухдодаро бо чашми худ бибинанд.

Вақте мавҷи табрикот фуру нишаст, Юсуфалихон аз тахт фаромада, ба назди Сайид Фаррухшо рафт ва дасташро фишурду гуфт:

– Хеле муҳаббат кардӣ, бародар, ҳар чи додам, пиҳилатон бод! Дар ин байн хеле фикр кардам ва ба ин расидам, ки Шуғнонро ба ҷанг намебардорам, аммо ба саломи Маҳмуди бетармолӣ ҳам намеравам. Ҳама мунтазир мешавем Ҷаҳондоршоҳро. Дигар – ҳар чи бодо бод!

Аҳли маҷлис ҳамагӣ оҳи сабук кашиданд ва аз пайдо гаштани нуқтаи муросо шукрона ба ҷой оварданд.

* * *

Ними моҳи гамунд рафту ҳисоби офтобдармард аз дил ба сина гузашт. Ҳавои нарми баҳори пурлатофат ангор ба болои Шуғнон анбару абир мерехт. Замин ба кишт, деҳқон ба шудгор, мардум ба маросими ҷуфтбаророн омода мешуданд. Моли майда аз асорати оғилу хоидани коҳу бедаи хушк раҳо ёфта, барои ишкамфиребӣ бошад ҳам, дар кӯҳу пуштаҳои атроф ба сабзадавак баромад. Ҷо-ҷо гелосу зардолу гул кардаву дарахтони дигар чун арӯсони навхонадор ғунчағунча тароват баста буданд. Дар ҷабини осмон гоҳе озарахш табассуми фарох мезаду гоҳе тундар қаҳқаҳаи баланд; соате абри сиёҳ чодар зада, бар сари замину заминиён сиришки алам мерехту соате офтоби ҳотамбахш дар синаи мавҷудоти олам нури зиндагӣ меангехт.

Аммо манзараҳои дилрабои табиат дили дарбориёни Шуғнонро ба ваҷд намеоварданд. На Юсуфалихон, на Манзаршоҳ, на Сайид Фаррухшоҳ, на аъёну акобири дигар бо чунин оҳангу хулоса хатм шудани маҷлиси деринтизорро чашмдор набуданд. Юсуфалихону Манзаршоҳ фикр мекарданд, ки пирону халифаҳоро ба ҷанг бо Файзобод моил месозанд, вале афсӯс, аҳли мазҳаб аҳли дарборро ба мадорову муросо маҷбур сохтанд.

Ҳо, Манзаршоҳ чӣ қадар орзу дошт, ки пас аз солҳои тӯлонӣ, ба мисли бобояш, дирафши кокулзариро барафрозаду ба сари душманони Шуғнон тозад ва аз куштаҳояшон пушта созаду овоза дар ҷаҳон андозад! Чӣ қадар мехост!! Аммо аз куҷое Сайид Фаррухшоҳ пайдо шуду орзуяю ҳавасашро дар пеши чашми гарданфарозони мамлакат ба боди фано супурд. Чӣ касест ин марду чӣ қудрате дорад ин пир, ки ҳатто шоҳ ҳам як гапи ӯро ду карда наметавонад? Чӣ тилисме доранд ин аҳли тақво? Сайид Фаррухшоҳ ку як пири соҳибҳуҷҷат асту беш аз ҳазор хонавода мурид дорад, аммо Кекеи салласурхи устухонпора чӣ? Дар Хуфи аз ёди Худову халқ баромада, ба мисли иблисак[1] чунон гирдбоде бархезонд, ки шасти он тамоми Рӯшонро чархонду шоҳи Шуғнонро рӯи тахташ ларзонд. Хайрият, доноёни диёр роҳи ба даст овардани шафқати шоҳу раҳо кардани бандиёнро ёфтанд, набошад ҷанҷол хеле калон мешуд. Ҳазорон раҳмати Парвардигор ба қозии хирадманд Раҳмихудо, ки дар ҳассостарин лаҳза ҳам мағзаш намеҷӯшад. Хашми аҳли ҷаргаҳро баргардонданаш – як тараф, роҳи баргардондани галлаи аспони шоҳро ёфтанаш Манзаршоҳро қоил кард. Агар қозӣ намебуд, яқинан, на Манзаршоҳ, на ягон ҷонзоди дигари Рӯшон сад соли дигар ҳам намедонист, ки дар кадом деҳаи Бартанг марди заршӯю зарфурӯше зиндагӣ мекунаду чил асп чӣ, лозим шавад, тамоми вилоятро харида метавонад! Он рӯзи машварат, пас аз ҷаргаҳ, вақте Манзаршоҳ аз забони қозӣ ин хабарро шунид, дар ҳақиқат ҳам, аз ҳайрат даҳонаш воз монд.

– Шӯхӣ накун, мӯсафед, дар Рӯшони ободшахси тилодор несту дар Бартанги вайрона аз куҷо пайдо мешавад?

– Ганҷ ҳамеша дар вайрона аст, андувол, – посух дод Раҳмихудо. Агар чанд сол пеш қазияи марди заршӯй ба дастам намеғалтид, ман ҳам намедонистам.

---

[1] Иблисак ё блисак – ҷондораки назарногир, ки дар кумзорон гирдбодҳои баланд бархезонад.

– Чӣ қазия будааст он?

– Росташ, ба қазия ҳам монанд набуд, – хандаи нарми базеби қозӣ чеҳраи нуронии ӯро равшантар сохт. – Соле, ки ҳокими Рӯшон Сулаймонхон афроштани қалъаи Вомарро ба охир расонд, бисёре аз бунаҳои бартангӣ хироҷи сохтани онро напардохтанд. Сулаймонхон маро бо ду мосал ба Бартанг фиристод. Мо деҳ ба деҳ гашта, ашхоси қарздорро ба ҷавобгарӣ мекашидем. Як рӯз дар деҳаи Савноб зане ба наздам додхоҳӣ омад ва қиссаи аҷибе ба миён гузошт. Гуфт, ки Дарвеш ном марди ғорнишин, вақте ки шавҳари аз сафари Помир баргаштааш барои истироҳат ба ғоре даромада, хоб мекунад, сарашро қоқ тарошида, чанд мушту лагади дигар зада, метарсонад, ки “дигар ба ин ғор наздик нашав!”. Мардак баъди ин воқеа мубталои ваҳмак гашта, тамоми мӯи баданаш мерезад. Зан аз ман хост, ки он ғӯли ғорнишинро ба маҳкама кашам. Ман қазияро ҷиддӣ ҳам нагирифтам, аммо барои таскини дили он муъмина, хате навишта ба дасташ додам, ки Дарвеш ҳарчи зудтар дар назди қозӣ ҳозир шавад. Ду рӯз пас, вақте мо дар тараддуди баргаштан афтодем, як марди ғӯлмонанде, ки пӯшокаш ҳамагӣ аз пӯсти хирс иборат буд, ба суроғи ман омад. Вай дастонамро бӯсид, домани ҷомаамро ба чашм молиду илтимос кард, ки бо ӯ танҳо ба танҳо суҳбат кунаму зинҳорам дод, ки қазияи ӯро ба даҳони мардум наандозам. Ман ҳам дар танҳоӣ ӯро пурсидам. Вай иқрор кард, ки шавҳари он заифаро дар ҳақиқат тарсондаасту азбаски шифои инсон дар дасти Худованд аст, вай фақат ҳар чизеро, ки занак барои ҷуброни зарар талаб мекунад, барояш муҳайё карда метавонад. Бозгаштро мавқуф гузоштаму он занро ба ҳузур хостам. Занак аввал ҳақорати оламро ба сари он ғӯлбашара боронд, ки мижааш хам нахӯрду дам назад. Баъд талаб кард, ки хонаaашро тармим кунад, барои ду писараш хона созад, се анбон замини обӣ харида, ба номаш васиқа кунад, се гов, ду хар ва ҳаштод сар бузу гӯсфанд товон диҳад. Ман хостам занро ба нигоҳ доштани инсоф фаро хонам, аммо Дарвеш гуфт, ки ҳар як талаби занро нуқта ба нуқта иҷро мекунаду зиёда аз ин, ба ҷои се чор гов, ба ҷои ду се хар, ба ҷои ҳаштод сад сар мол медиҳад. Аз ин иддаои марди хирсинапӯш сари ман гаранг шуду даҳони он зани пурғавғо чун ҳамёни нодорон кушода.

“Мабодо барои фиреб чунин ваъдаҳои осмонхарош бидиҳию баробари рафтани ман аз хотират барорӣ, обрӯи ман чӣ мешавад?”, – аз рӯи нобоварӣ таъкид кардам ман.

“До қозӣ, шири модар пиҳилам нагардад, агар дар қавлам заррае ба хилоф равам, аммо шартам ин аст, ки ин қавлу қарор байни ҳамин се нафар бимонад”, – ҷавоб дод Дарвеш.

Ман занро зинҳор додам, ки дилаш кафад ҳам, ин гапро ба гӯши худаш ҳам пич-пич назанад. Зан қасам хӯрд. Баъдуҳу, вақте даъвогар хурсанд рафт, Дарвеш дар наздам як киса зари хоми аъло гузошт ва гуфт, ки онро чун ҳаққи қазоват бигирам. Ман розӣ нашудам ва гуфтам, чизе, ки бештар аз андозаи ҳаққи заҳмат аст, ришва бошад ва ришваро ислом ҳаром ҳукм кардааст. Дарвеш даст ба киса бурд ва ангуштарини тилоӣ бадар оварду ба ангуштам андохт ва савганд ёд кард, агар онро рад намоям, доди он занро ҳам нахоҳад дод. Ман ба ин хотир ангуштаринро гирифтам ва пурсидам, ки дар он ғор чӣ мекунад. Дарвеш тааммули зиёд карду билохира чунин ҷавоб дод:

“Ман бовар пайдо кардам, ки марди Худотарсу зинҳордорӣ. Зар мешӯяму тиҷорат мекунам, аммо аз тарси ҷон ба касе намегӯям. Ту ҳам ба касе даҳон накушо, ки падарам мегуфт: “он ҷо, ки зар аст, холисӣ бадар аст”. Ман дар умрам ба касе эътиқод набастаам, вале туро пири худ гирифтам. Яке аз гардиши фалак корат ба ман афтад, аҳвол кун, чизе бошад, ба ифтихори бародарӣ иҷро мекунам. “Гоҳ аз шоҳ, гоҳ аз гадо” гуфтаанд бузургон. Даркор бошад, тамоми вилоятро харида, ба дасти ту медиҳам”.

Қозӣ ба Дарвеш номае навишту Манзаршоҳ Зарену Шоҳниёзро ба назди ӯ фиристод. Вале, рости гап, дилаш ба вуҷуд доштани чунин шахси бойе, ки, ба қавли Раҳмихудо, лозим ояд, тамоми вилоятро харида метавонад, ҳеҷ гувоҳӣ намедод. Аммо азбаски боре ҳам Бартанги болоро надида буду мардумашро намешинохт, чунин кушоиши ғайриодиро ба фоли нек гирифт.

Се рӯз пеш, вақте ки ба Баҳрпанҷа расид, аввал ба бандихонаи Саройи санг даромаду бо хуфиёни ҳабсшуда суҳбат анҷом дод. Вай онҳоро барои кори аблаҳонаашон аввал сахт коҳиш кард, баъд гуфт, ки барои халос кардани ҷонашон омадааст. Бандиҳо, ки чунин меҳрубониро аз ҳокимашон чашмдор набуданд, забон ба ситоишаш кушуданд ва гуфтанд, ки агар ин бало аз сарашон рафъ шавад, ғуломи ҳалқабагӯши ӯ мегарданд.

– Барои ман ғуломиатон лозим нест, – насиҳатомез гуфт Манзаршоҳ, – фақат мехоҳам ақлатонро ба ҷояш монеду ҷони мардуми худро минбаъд дар хатар нагузоред. Акнун ки кори намешуданӣ шуд, бояд якҷоя фикр кунем, ки дили шоҳро чӣ хел ба даст

орем, то аз сари ҷонатон гузарад. Товони молашро медиҳем, албатта, ҷои гурез нест, лекин бо ин кор буд намешавад. Гапи асосӣ он аст, ки ба чӣ сабаб хуфиён ба чунин амали зишт – ба масхара гирифтани иродаи шоҳи мамлакат даст заданд? Ана, барои чӣ ман ба наздатон омадам. Вақте Юсуфалихон чунин савол гузорад, ман чӣ ҷавоб диҳам?

Ин асно Кеке, ки хомӯш дар гӯшае нишаста буд, овоз баровард:

– Эй хованди Рӯшон, тадбири ин моҷароро фақат Кеке донад.

– Рост гуфтаанд, ки "буз ғарқ шавад ҳам, думаш сих мемонад", – аз ғазаб дандон совид Манзаршоҳ, – ту мӯйсафеди хушкидамағз мардуми як дараро ба балои азим гирифтор кардию дар ҳамин ҷо ҳам боз маҳмаддоноӣ дорӣ?

– Эй ҷувони диловар, забони Кеке бурида бод, агар носазое дар ҳақат раво бибинад, вале Юсуфалихонро чӣ ҳуқуқ, ки дар ивази аспу молаш сад бунаи Хуфи нозанинро ба гушнагӣ маҳкум созаду бимиронад? Агар шоҳи боҳуше мебуд, бояд ба шукри ба тахт нишастанаш хуфиёнро мебахшид, аммо ин тавр накард. Ту ҳам дар ҷанг бо Шуғнон сипаҳсолораш будӣ, аммо кинаи хуфиёнро ба дил нагирифтӣ. Чаро? Чунки дили тоза дорӣ! Пас, бигӯ, эй хованди Рӯшон, оё равост, ки халқе дар гушнагию хорӣ бимирад, то молу сутури касе гӯшту чарбу пур кунад? Оё беҳтар нест Кеке бимираду хуфиёни нозанин зинда бимонанд?

– Аз куҷо гирифтӣ, ки фақат Кеке мемурад? – пурсид Манзаршоҳ, ки аз муҳокимаронии дисӯзонаи Кекеи нимҷоннамо ба шигифт афтода буд.

– Кеке чанд бор дид, – шарҳ дод остонбони булъаҷаб, ҳамаро бештар ба ҳайрат оварда, – дар ин варта фақат Кеке қурбон мешавад, аммо афсӯс, вақте хуфиёнро чун уштурон ба ҳам мебанданд, аз хок сар бардошта наметавонад.

– Чӣ хел мебанданд? – суол дод Манзаршоҳ, ки суханони Кеке ғуруру сангдилиашро шикаста буданд.

– Ранги уштурони корвон, вой бар ман, эй хуфиёни покизасиришт, ки дардатонро дидам.

Ба дили ҳама аз ин сухан бим афтод. Дар синаи Манзаршоҳ эҳсоси эҳтиром ба ин мӯсафеди аҷоибхислат якбора талотум зад. Аммо барои нигоҳ доштани сиёсат чин бар абру афканду гуфт:

– Кеке, ман ба шоҳ бояд гапе бигӯям, ки дилашро нарм кунад, на хашмашро барангезад.

– Ту оё намедонӣ, ки аз хуфиҳо дида дар дунё мардуме содатар вуҷуд надорад? Магар онҳоро “хуфиёни сода” лақаб нагузоштаанд? Эй хованд Манзаршоҳ, оё аз ин дида далели равшантар барои хуфиёне, ки солҳои сол бе музд хоки дарбори шоҳи Шуғнонро мелесанд, буда метавонад? Кадом як халқи дигар мебуд, барвақт сарашро гирифта то ба охир расидани сифти замин мегурехт, лекин дар Баҳрпанҷа агар як хуфии хизматгор аз гушнагӣ бимирад, дарзамон дуи дигар ӯро иваз менамоянд. Магар дар муддати сад сол шоҳони Шуғнон покорони содатаре аз хуфиён пайдо кардаанд? Инҳо сода набошанд, гапи шоҳро ба ҳамон маънои аслиаш мефаҳманд? Гуфт: аспонро ҷаврост кунед, ҷаврост карданд, гуфт: бошаҳоро ҳадафрост кунед, карданд, гуфт: як бузу гӯсфандамро талаф надиҳед, як бузу як гӯсфандашро боқӣ гузоштанд. Дигар чӣ кунанд, ки шоҳи адолатпаноҳ даст аз ҷонашон бардорад?

– Бале, чунон содаи гӯлу гаранге ҳастед, ки шоиратонро ба наздам фиристодед, то диламро об созаду тамоми Рӯшонро бапо хезонам, ки ба Хуфи лоилоҷ мадад расонанд? – заҳрхандакунон гуфт Манзаршоҳ.

– Маҳмадқосим кори бузурге ба халқи худ анҷом дод, – ҷавоб дод Кеке. – Аммо ёрдам ба Хуф ҳиммати ту буд, на фанди Маҳмадқосиму на дастури Кеке. То ҷаҳон ҳаст, хуфиёни намакшинос ин мардигарии Манзаршоҳро фаромушт намекунанд.

– Инро ба калла мегирам, – иқрор кард Манзаршоҳ, – барои ҳамин ба Маҳмадқосим ғараз нагирифтам.

Манзаршоҳ ба чанд суоли дигари худ посух гирифту ҳамроҳи бандиён ба чунин хулоса омаданд, ки ҳар чи хуфиён кардаанд, аз содагии худ кардаанд, на аз бадқасдию нофармонӣ.

Юсуфалихон пешниҳоди Манзаршоҳро дар хусуси ҷуброн намудани зарари ба давлат расондаи хуфиён бо ҳайрату нобоварӣ қабул намуд.

– Рӯшон Сағридашту Сангвор ё Помир нест, ки аспи зотию моли сара дошта бошад, – эътироз кард шоҳ. – Ғайр аз ин, оё хуфиёни девлохии ношукри разилуттариқи бетармолӣ арзиши шафоат хостани туро доранд? Бигузор, саронашон бимиранд, то махлуқоти дигарашон панд бигиранд.

– Адолатпаноҳо! Аз он ки ховандони ин мардумро гардан бизанем, на хазинаи давлат бой мешаваду на ягон ҳайвон барқарор. Беҳтараш, иҷозат бидеҳ, ки ман ба гарданашон товон андозаму зара-

ри расондаашонро барқарор созам. Ғайр аз ин, мо дар пеш эҳтимоли ҷанг бо бадахшиҳо дорему хуфиёни таҳамтан – ҷанговарони далер. Имконашон бидеҳ, ки дар майдони муҳориба гуноҳи худро бо хуни танашон бишӯянд.

– Ин тиҳиостинон дар сад сол як аспи дархури ахтахонаи моро ёфта наметавонанд, чӣ расад ба чил аспу сад бузу гӯспанд? – ситезид Юсуфалихон.

– Шоҳам, то охири моҳи черизен[1] зарарро талофӣ мекунам, – даст ба сина гузошт Манзаршоҳ – чил аспи бодпоро дар ихтиёрат мегузорам, сад сар моли якачинро ба оғилат медарорам, чил бошаи дастомӯзро ба мири шикор месупорам. Худо накарда, агар ҷанг иттифоқ афтад, то сар рӯи китфон дорам, душмани Шуғнонзамин аз теғи ман дар амон нахоҳад буд.

Юсуфалихонро истодагарии шарофатмандонаи Манзаршоҳ сахт писанд омад.

– Мебинам, ки хуну пӯсти ҳокими ҳақиқиро гирифтаӣ, мир, – таҳсиномез начво зад шоҳ, – агар чунин кор аз дастатояд, дар ҳокимият хеле тавфиқ ёфтаӣ. Гирам, ки ба ин далел ва ба ҳукми бародархондагии ману ту, аз хуни он бетармолиҳо гузаштам, аммо шармандаи халқ гаштани шоҳи мамлакатро бо кадом матоъ бипӯшонам? – Чашмони Юсуфалихон аз нав олудаи хашм гардиданд. – Ё инро ҳам ба гардан гирифта метавонӣ?

– Албатта, барои ман шарафу орияти ту аз ҳама чиз боло меистад, аммо гӯливу содагии хуфиён ҳам дар Шуғнонзамин сари забонҳост. Ягон одами ҳушёр бо шамшери шоҳ бозӣ намекунад, фақат мардуми ҳабатаю даҳаняла чунин беақлӣ карда метавонанд.

– Сода? Даҳаняла? – заҳрханд зад Юсуфалихон, – бовар намекунам, лекин мебинам, ки дилат ба онҳо бисёр месӯзад, Манзаршоҳ! Ин махлуқон, агар содаанд, агар зирак, шоҳи Шуғнонро беобрӯ карданд. Пас, бигӯ, ба кадом далел ман ин масхарабозонро бояд зинда гузорам?

– Ҷони торикашонро ба ман бибахш, шоҳам, дигар чи ҷазое, ки дар ҳақашон раво бинӣ, ихтиёр бо туст.

Юсуфалихон, гӯё таби баландгаштаи баданашро месанҷида бошад, даст бар пешонӣ ниҳода, муддате фикр кард ва оқибат хулосаашро чунин баён сохт:

---

[1] Черизен (чэрижен; шуғнонӣ-рӯшонӣ: шудгорҳо) – моҳи сеюми гоҳшумории шуғнонӣ-рӯшонӣ, баробар аст ба 22 апрел – 20 май.

– Ба Худо савганд, агар Қубодхон ҳам шофеашон мебуд, гапашро намегирифтам, аммо аз рӯи ту гузашта наметавонам. То фардо вақт ҳаст, чунон ҷазое барои бетармолиҳо биандешам, ки риши охирин писарнабераашон абадулабад бирезад.

Манзаршоҳ ба нишони миннатдорӣ дасти шоҳро бӯсиду гуфт:

– Барои ту сарамро фидо, ҷонамро қурбон созам, боз ҳам кам аст, шоҳам. Раҳмати Худованд нисорат бод! – Ва чун дид, ки чеҳраи шоҳ кушода шуд, афзуд: – Агар иҷоза фармоӣ, Қубодхонро бо худ ба Рӯшон барам. Тамоми шароит барои шоҳзода омода аст.

Рӯи Юсуфалихон туруш гашт, маълум, ки писараш ҳоло ҳам ҳамон “Аҳмади порина” аст.

– Не, салоҳ намебинам, Манзар! То равшан гаштани мушкиламон бо Файзобод дар ин ҷо бошад, беҳтар. Ту ҳисоби корро дар он ҷо дуруст ёфтаӣ, вай, ки рафт, рағбату иродаат суст мешавад. Мулк ором гардад, баъд мебинем.

– Шоҳам, банда бо тамоми қобилиятам хизматгоре беш нестам, вале ҳузури авлоди шоҳ дар ҳокимият чизи дигар аст. Агар аз Қубодхон дилат пур набошад, Асламхон ягон камбуде надорад.

– Асламхон? – ба оҳанги мамнуният такрор кард Юсуфалихон, – Бале, Асламхонам баччаи дурусту ҳушмандест, лекин ҳоло Шохдараро ба ӯ супоридаам. Дар Рӯшон туро дорам, вале дар он диёр дилам ба ҳеҷ кас об намехӯрад. Барои ҳамин миёнатро маҳкам банду аз пайи давлатдорӣ шав.

* * *

Сабоҳи мардони рӯзи охирини Наврӯз, дар майдони байни Саройи сангу рӯдбори Панҷ, ки обаш ҳанӯз аз хонаи зимистонии худ берун наомада буд, марди саропо сияҳпӯше пайдо гашт. Кулоҳи қаландарон тарзе сарашро мепӯшонд, ки чеҳраашро касе дида наметавонист. Қаландармашраб бо қадамҳои бардами тез ба баландии ҷониби офтобнишини майдон баромад ва болои тахтасанге чорзону нишасту чашмони маҳзуни нилифоми худро ба сапедадамон, ки осмони ҷониби машриқро аранге равшан мекард, дӯхта, дар ҳамин ҳол мисли ҳайкал шах шуд. Наҷвои гоҳ паст, гоҳ баланди дарё, ҳурроси шамолаки тундсайре, ки садои селаи кафтарони ба ҳаво бархостаро ба хотир меовард ва ав-ави сагони атрофи дижи ваҳмангез ба гӯши мард намедаромаданд. Вай, рӯ ба шафақи субҳ, зери лаб чизе мегуфту гоҳ-ногоҳ чун мадеҳахонон, – он ҳам на он

қадар шунаво, – садои дарозе мекашид. Ин мард чи салобате дошт, ки ҳатто сагони ошуфтамизоҷи посбони диж ҳам, танҳо ҳангоме ки суробашро дар нимторикии саҳар диданд, лаҳзае ғавғо бардоштанду гӯё аз кори кардаашон пушаймон шуда бошанд, дарзамон сокит гаштанд.

Расо ним соат баъд Мубораки девонбегӣ дарвозаи қалъаро ғиҷирросзанон кушоду мувофиқи одат, барои нафас кашидан аз ҳавои ҷонафзои баҳорӣ, берун баромад. Вай гаронхотирона шуълаҳои бар сари қуллаҳо шикастаи хуршеди ҳанӯз сар бадар наовардаро лаҳзае тамошо кард, сипас рӯ сӯи мағриби тирафом оварду ... дилаш тӯрид. Дар рӯбарӯяш сиёҳии одамбашарае сари тахтасанг нишаста, ба ҷонибаш менигарист. “Яқинан, бадхоҳе синаамро ба нишон гирифта, парронданист!” – ба таҳлука афтод девонбегӣ ва аз он ки посбонии шабонаро бо амри худаш дар атрофи Саройи санг барҳам дод, ҳазорон бор пушаймон гашт. Араќи сард пушташро тар намуд, зонувонаш ларзиданд.

– Кистӣ? – ҷасорати боқимондаашро дар гулу ҷамъ оварду садои нимшикаста баровард ӯ.

Аммо аз суроб садое барнахост, ҳатто наҷунбид. “Агар паррондан мехост, ҳоло зинда намемондам”, – аз дил гузаронд Муборак ва бо қадамҳои ноустувор ба баландӣ роҳ гирифт. Шахси сиёҳпӯш ҳамоно беҳаракат мустағраќи тамошои шафақ буду ангор ҳузури Мубораќро пайхас ҳам намекард. Мубораќ назди тахтасанг расида, ба чеҳраи марди ришзард зеҳн монду нидо баровард:

– Худоё, киро мебинам?! Мирҷамол, холҷон, болои ин санги сард чӣ мекунӣ?

Ин шахс Мирҷамоли овозадор буд, ки баъзеҳо ӯро ҷодугар дониста, метарсиданд, бархе муллои исонафас гуфта, эҳтиром мекарданд.

– Дар мотами дӯсти Худо Кекеи софигавҳар нишастаам, – ду даст ба сар зад Мирҷамол, – вой бар ин ҷаҳони мардумшикар, ки ба касе вафо намекунад.

– Кеке? – ҳайрон шуд Мирҷамол, – Кеке дар зиндони қалъа зиндаву саломат нишастааст. Воқеае мешуд, пайрадор ба ман хабар медод.

Мирҷамол пойҳояшро овезон карду хандаи истеҳзоомез зад:

– Имрӯз соати қабзи ҷони ӯст, Муборак! О, чӣ марди диловарест Кеке, ҷонашро ҳам ба диловарӣ медиҳад.

Ба тахтапушти Муборак аз нав араки сард дамид. Вай ҳатто тасаввур карда наметавонист, ки Мирҷамоли поршиневию Кекеи хуфӣ бо ҳамдигар шинос бошанд.

– Ту вайро аз куҷо мешиносӣ?

– Ман тамоми дӯстони Ҳақтаолоро мешиносам.

– Ба ҳам равуо доштед?

– Ҳар рӯз, ҳар соат, ҳар нафас.

Муборак билкул моту гаранг шуд.

– Охир, хонаи Кеке дар Хуф, ту дар Поршинев зиндагӣ мекунӣ, чӣ хел ҳар соат омадурафт доред?

Мирҷамол хандаи маҷнунсифатонаи худро ба ҳавои сокити субҳгоҳ сар доду гуфт:

– Магар ту намедонӣ, ки Худованд тамоми мавҷудоти оламро ба хизмати инсон муваккал кардааст? Обу боду абру борон агар ба ману ту ҳоли дунёро хабар надиҳанд, дигар ба чӣ кор оянд?

Вуҷуди Муборакро гӯё такурӯ карданд, дил бой дод ва худро дар назди ин марди ғайриодӣ хурду ночиз ҳис кард. Ба ёд овард, ки фоли дар бораи мурдани Муҳаббатхон дидааш чӣ пешгӯии пайғамбаронае буд. Он рӯз агар ба назди Мирҷамол намерафт, бешубҳа, ба маҳзи баромадан аз бӯстони Саид Фаррухшоҳ, ба роҳи Рӯшон рост мешуду ҷилои ватан мекард.

– Холҷон, ман ба ростӣ, аз чунин илм фарсаххо дур ҳастам, – ба оҳанги кӯдаке, ки ба гуноҳаш иқрор овардааст, зери бинӣ ғурунгид девонбегӣ.

– Худо ин саройнишинҳоро базл диҳад, ки ба ҷои подшоҳи мавҷудот шудан ғуломи онҳо гаштаанд, – пичиррос зад Мирҷамол ба гӯши Муборак. – Шукр, ки ҷони дурахшони Кекеро ман истиқбол мегирам.

Мирҷамол бо ҳаракати чолоке ба замин ҷаҳиду бидуни хайру манзур ҷониби дарё равон шуд. Муборак, то аз назар нопадид гардидани қомати дарвеши сиёҳпӯш, ҳайрону дилкашол аз пасаш нигаристу бо қадамҳои вазнин ҷониби қалъа роҳ кашид. Рафту рост ба зиндон даромад ва чун мутмаин шуд, ки Кеке осуда ба ибодат нишастааст, ба матбах рафт, то амр диҳад, ки барои бандиён субҳона омода созанд.

* * *

Майдони фарохпаҳнои паҳлуи Саройи санг аз дарёи издиҳом мавҷ мезад. Мардум аз дараҳои атроф ба пойтахти Шуғнон ба тамошои базми шоҳонаи наврӯзӣ рехта, ҳавои роҳатбахши баҳори пурнигорро бо шодмонию масаррат рангу бори тоза бахшида, ба атрофу акноф мепароканданд. Саройи санг ва Баҳрпанҷа чандин сол боз дилхушии дастҷамъонаро надидаанд – Муҳаббатхон то ба дараҷае бадгумону зиштандеш шуда буд, ки чор-панҷ одамро дар ҷое сарҷамъ бинад, ҳатман фикр мекард, ки барои сӯиқасд ба ҷони ӯ гирд омадаанд. Ҳол он ки то ба сарири салтанат нишастани вай Баҳрпанҷа макони таҷлили шукӯҳманди иди Наврӯзи гетиафрӯз буду базму дилхушии ҳамагонӣ дар дарбору гирду навоҳи он се рӯз пайдарпай давом мекард. Дар ин рӯзҳо мардум ҳунару санъати худро ба намоиш мегузошт. Як пойга се намуди сабқат дошт: пиёдапойга, харпойга, аспойга. Гӯштиро наврасон сар мекарданду паҳлавонони номӣ анҷом медоданд. Маҳшару ҳангомае, ки дар майдонҳои бузкашию чавгонозӣ бармехост, пардаи гӯшу кӯки чашмонро медарронд! Дорбозӣ, морбозӣ, лашбозӣ, арғунчакбозӣ, санҷакбозӣ, чашмакбозӣ, саҳнабозӣ, сурудхонӣ, раққосӣ, бузулбозӣ ва даҳҳо саргармиҳои дигар кудурати зимистони сарди дарозро аз синаҳо бароварда, дилҳоро аз нафҳаю умеди зиндагӣ саршор месохтанд.

Имсол Юсуфалихон ҷашни оммавии Наврӯзро аз нав ба дарбор баргардонд. "Бигузор, бартарию халқпарварии маро бо Муҳаббатхони рӯсиёҳ муқоиса карда, ба рӯҳи мақҳураш нафратҳо фиристанд, – бо зарда мегуфт ба худ шоҳ, – ғайр аз ин, аз ҳамин айём дида мавриди мусоидтаре барои намоиш додани ҳайбату воҳимаи сипоҳ вуҷуд надорад. Бимон, дӯсту душман қудрати ҳокимиятамро ҳарчи амиқтар эҳсос намояд". Ба ин мақсад, рӯзи охирини ҷашн аз гузашти низомии фавҷ шурӯъ гашт. Аввал чанд сафи пиёдаҳои найзабадаст, аз паси онҳо шамшербараҳнагон, аз паси онҳо табарзиндорон, аз паси онҳо туфангбакитфон, аз паси онҳо саворанизомиён асптози Саройи сангро саф-саф гузашта, ба дарозии панҷсад-шашсад қадам дар соҳили дарё истоданд. Тамоми навкарон қатмакулӯчашалворҳои хокистарӣ ба бар, кулаҳхудҳои намадии ҳамранг ба сар, пеҳҳои тагчармашон дуқабатаи баланд ба по, бо гашти яксону муназзами худ дили бинандагонро тасхир намуданд. Сокинони Шуғнон, ки бори нахуст шоҳиди гузашти низомии сипоҳи мамлакат

мегаштанд, ба Юсуфалихон таҳсину офаринҳо мефиристоданд. Сипоҳ дар канори Панҷ ба дарозии панҷсад-шашсад қадам истода, ҷашнро шукӯҳу шаҳомати дигар бахшид. Шоҳ, ки ҳамроҳи мансабдорони баландпояю меҳмонони олиқадр аз баландии шафати майдон ин ҳама ҷунбуҷӯшро тамошо мекард, хушҳолона ба Манзаршоҳ рӯ овард:

– Мир, дидӣ, дар умури низоми сипоҳ чӣ корҳое кардем? “То бад набинӣ, нек пеш наояд”. Агар ба Файзобод фирорӣ намегаштем, аз куҷо чунин таҷриба медоштем?

– Дилам бисёр мехост, ки дар сафи пеш бо шамшери бараҳна асп ронам, – гилаомез гуфт Манзаршоҳи аз намоиши сипоҳ баваҷдомада.

– Ту ҳама вақт пештоз будиву мемонӣ, – мамнунона хандид шоҳ, – аммо барои хуфиёни пухтагарангат ҷазоҳои аҷибе андешидаам. Ту бояд аз ин баландӣ тамошо куниву ба эҷодкории ман баҳои сазовор бидиҳӣ.

– Шоҳам, – ба ташвиш омад Манзаршоҳ, – хунашонро бар ман бахшидӣ ё аз аҳдат гузаштӣ?

– Ин чанд ношуди бетармолӣ чӣ хун доранд, ки бароят дареғ дорам, Манзар, – хушҳолона ҷавоб дод шоҳ, – коре сохтам, ки хунашон ба фиғон ояду роҳе пайдо накунад, ки бирезаду биорамад.

Шоҳ ин суханонашро ба дараҷае баланд гуфт, ки ба гӯши аъёну ашроф расида, ҳисси кунҷкобии онҳоро ба таҳрик овард ва дарзамон болу пар кушода, даҳон ба даҳон ба гӯши издиҳом расид. Ин асно дарвозаи диж тоқбоз кушода шуду аввал сагони хашмолуд, аз паси онҳо бандиёни бо расанҳо ба думи сагон баста ба майдон рехтанд. Авави сагон, ғиреви бандиён, ҳаёҳӯйи даҳ навкари калтакдор, ки сагонро киш-киш мегуфтанд ва доду фарёди тамошобинони бешумор майдонро ба ларза овард. Ҳар яке аз бист маҳбусро бо ду расани дуқулочӣ аз ду даст ба думи ду саги шикорӣ, дар маҷмӯъ чил саг баста, ба майдон сар дода буданд. Дар се дақиқаи аввал саллаҳову тоқиҳои бандиён ба ҳар тараф парида, ҷелакҳояшон пури хоку лой гаштанд. Ҳар як бандиро ду саг, ба кадом тараф рост ояд, тоб медоданд; дар натиҷа, бечораҳо афтидаву бархоставу чархида, чун масхарабозон ҳаракатҳои хандаовари аҷибу ғариб мекарданду тамошогаронро ба ваҷд меоварданд. Ғалоғулаву ҳамҳамаи мардум, роҳи аз чор ҷониб маҳкам, думҳои баста ва киш-киши навкарон чиҳил саги тозиро саргуму девона карданд. Ҷони бандиёнро дар ин

сагбозӣ танҳо он чиз аз марги яқин наҷот медод, ки сагони дастомӯзи шикорӣ одати ҳуҷум ба одамро надоштанд ва агар кадоме аз ғояти хашм ба бандие рӯ менамуд, филфавр аз ҷониби навкаре аз раъяш баргардонда мешуд. "Марги гов – тӯйи гургон", – бист хуфии ахтарсӯхта дар асптоз ҷонтанозӣ[1] мекарданду садҳо нафар тамошобини хотирчоқу болидарӯҳ шодиву масаррат, кафкӯбию ҳуштакнавозӣ!

Валвалаю машғала шояд боз ҳам шадидтару пурмавҷтар мешуд, агар ду саге, ки Кекеро ба онҳо баста буданд, бо рафтори ғайримунтазираи худ ба дараҷае шасти онро коҳиш намедоданд. Ин ҷонварон, гӯё як уштур борро мекашида бошанд, мӯйсафеди сурхинапӯшро бо каҳолату сустӣ то миёнаи майдон оварда, се-чор давр гаштанду билохира дар ду тарафи Keke истоданд. Ангор Keke соҳиби деринаашон буду онҳо сагони бовафои даргоҳи ӯ. Ҳамроҳонаш ҷастухез доштанду Keke рӯбарӯи шоҳу муқаррабонаш истода, бо рӯи ҳамешахандонаш гӯё ба ҳоли онҳо механдид. Аз ҷараёни часпуталоши сагону одамон берун мондани ду сагу пирмарди ба думашон баста, албатта, аз чашми тамошобинон пинҳон намонд. Мардум аввал гумон бурданд, ки шояд ин мард бо чунин сурату суммоти ғайримаъмулӣ машлоти дарбор бошаду ӯро, махсус барои рангин сохтани маърака, дар қатори дигарон, ба сагон баставу ба майдон сар дода бошанд. Аммо чун диданд, ки ба киш-кишгӯии ҷиддии пайвастаи навкарон нигоҳ накарда, сагони ҳамраҳи ӯ на танҳо аз ҷой наҷунбиданд, балки ба қасди муҳофизаташ ҳатто ба ҷониби онҳо даҳон гиз кардан гирифтанд, пай бурданд, ки, бидуни шубҳа, пирмард шахси одӣ нест.

Чунин манзараи шигифтовар аз назари шоҳ низ пинҳон намонд.

– Ин ҳамон қабрбони нимҷон нест? – гӯшакӣ кард шоҳ ба Манзаршоҳ.

– Бале, Кекест, – посух дод Манзаршоҳ, ки худ низ ангушти ҳайрат газида буд. – Вақте сагҳои бегона дар як нафас мутеъаш мегарданд, мардуми Хуфро чӣ айбу гуноҳе?

Юсуфалихон бо пӯзханд зери лаб исми "Keke"-ро наҷво заду ҳушу гӯшаш банди рафтори минбаъдаи хованди хуфиён гардид. Ангор дар майдон танҳо Keke ҳузур дошт; на сагҷакӣ буду на талвосаю кашмакаши бандиён. Ним соат гузашт, аммо ягон ҷонзоди майдон

[1] Ҷонтанозӣ – даступозанӣ ҳангоми кандани ҷон

дигар ба Кеке наздик наомад. Шояд мадор аз пойҳояш гусехт, ки ба замин нишаст. Сагон ҳам дар паҳлуяш ҳалқа заданд. Ин ҳаракати Кекею сагони орамида дили ҳамаро якбора мулоим ва эҳсоси тараҳҳуму шафқатро дар синаҳо бедор сохт. Доду фарёди тамошобинон тадриҷан фуру нишаст. Шоҳ чун дид, ки баъди чанд дақиқаи дигар сагбозии ӯ ба туфайли Кеке маъною мақсади худро аз даст медиҳад, ба қатъ кардани намоиш амр фармуд.

Навкарон сагонро ором намуда, дастони бандиёнро кушоданд. Юсуфалихон саҳнаи дуюми андешидаашро бо овози баланд эълон кард:

– Меҳмонони бениҳоят азизи мо аз сагбозӣ хастаю лакот, гушнаю ташна шуданд. Барояшон дар пеши чашми шумо таом медиҳем, то донанд, ки шуғниҳо мардуми меҳмоннавозанду ғарибонро бенаво намегузоранд. Ба шуниди мо, хуфиҳо мардуми бисёр содаанд, ба андозае, содаанд, ки некро аз бад, дуруштро аз нарм, талхро аз ширин фарқ намекардаанд. Мо барои санҷидани ин гап барояшон табағие тайёр кардем. Агар онро бихӯранд, ба содагиашон бовар мекунем, агар канор гузоранд, дар бораи каллаҳои азизи зеби гарданҳои дарозашон фикр мекунем.

Чанд навкар дохили дарвоза рафта, бо рикебиҳо[1] бадар омаданд ва онҳоро ба пеши асирон гузоштанд. Ғалоғула пасанда шуд, ангор ба даҳони издиҳом яку якбора муҳри хомӯшӣ пахш карданд.

– Табақҳо чӣ доранд, шоҳам? – ба ташвиши ошкоро пурсид Манзаршоҳ, ки мабодо хуфиёнро заҳр надиҳанд.

– Туту пишк, – бо хандаи пуристеҳзо ҳарчи баландтар ҷавоб дод шоҳ, – хӯранд, бурданд, нахӯранд, мурданд!

Дар чанд дақиқа ин гапи шоҳ даҳон ба даҳон ба гӯши тамошобинон расиду ҳамагӣ ба мисли гургони гӯсфанддида дам ба дарун зада, мутаваҷҷеҳи бандиён гаштанд. Бандиён лолу ҳайрон гоҳ ба табақ менигаристанд, гоҳ ба ҳамдигар. "Зиёфат"-и шоҳ иборат буд аз тути гӯсфандию[2] пишки хушк! Чанд дақиқа гузашт, аз шоҳ то гадои Шуғнон мунтазиранд, ки хуфиёни масхарабоз масхараи навбатиро чӣ сон қабул мекарда бошанд? Ниҳоят дар сонияе, ки тоқати шоҳ тоқ гашту лаб ба амр кушодан хост, Кекеи хандонрӯй дузону нишаст,

---

[1] Рикебӣ – табақи чӯбин

[2] Тути гӯсфандӣ (ба забони шуғнонӣ: ма¥дӯδ) – тути пастсифате, ки ба чорво дода мешавад.

ҷониби ҳамнишинонаш чашмакие зад, бо овози баланд “бисмиллоҳи раҳмонир раҳим” ба забон ронд ва гуфт:

– Сано ба шоҳи олампаноҳ, ки писандидатарин хӯроки аҳли дарборро аз меҳмонони азизи худ дареғ надошт! Кафмол кунеду дулунҷа хӯред!

Ва ду ҳавуч пури туту пишк карда, ба ҳам совиду намоишкорона ба даҳони бедандонаш ҳаво дод. Ҳамроҳонаш, ки гӯё мунтазири ҳамин фармон буданд, ба ӯ пайравӣ карданд. Ҳанӯз шубҳаи шоҳ дар мавриди тутпишк хӯрдани ҳарифон дар дилаш мавҷ мезад, ки бандиён рикебиҳоро холӣ ва ба навкарон дароз карданд, ки бибаред!

Баъзе тамошобинон ба ҳайрат, бархе ба ханда афтоданд, иддае ба ҳоли бандиён ашк рехтанд; қисме инро масхараи сазовор бар зидди масхарабозии шоҳ таъбир дода, хуфиёнро офаринбод мехонданд. На Манзаршоҳ, на муқаррабони дигар, ки дар назди шоҳ нишаста буданд, муайян карда натавонистанд, ки муҳтавои табақҳоро покиза хӯрдани бандиҳо ба ӯ чӣ таъсире гузошт – қиёфаи Юсуфалихон тағйире накард. Баъди бурдани табақҳо навкарон асиронро ба по хезонда, чашм ба даҳони шоҳ дӯхтанд. Шоҳ бархост ва ба оҳанги таҳдидомез хитоб кард:

– Эй мардум! Ҳоло барои ҳар яки мо ҳаййу тай[1] шуд, ки хуфиён дар ҳақиқат қавми содалавҳу нодонанд. Сода набошанд, магар тутро аз пишк фарқ намекунанд? Аммо боз ҳам дар дили ман шубҳае боқӣ мондааст. Агар хуфиён ин қадар сода бошанд, бигузор, аз ҷояшон давида, худро ба Шаҳолеҷой партоянд!

Нафаси ҳама якбора ях баст – чунин гардиши воқеаро касе интизор надошт! Наход дилхушии наврӯзии мардум бо фоҷеа анҷом ёбад? Аз ғазаб хуни Манзаршоҳ ҷӯшиду муштҳояш гиреҳ хӯрданд, аммо ноаён як-ду нафаси жарф кашиду ҳарчи оромтар ба шоҳ гӯшакӣ кард:

– Шоҳам, қарорамон бар ин набуд-ку? Наход қурби ман ҳамин қадар бошад?

Юсуфалихон бо захрханд ҷавоб дод:

– Сабр кун, Манзар, ин ҷо гап ҳаст. Пишкро намехӯрданд, аз баҳри ин марҳила мегузаштам. Ку бинем, содазираконат ин бор ҷонашонро чӣ хел халос мекунанд.

[1] Ҳаййу тай – аниқу дақиқ

Аммо асирони баргаштабахт ин бор аз ҷони худ даст бардоштанд. Агар ба ҷар напаранд, шоҳ ба ҷурми сода набуданашон онҳоро ва бадтар аз ин, тамоми қавмашоро ба балои бад гирифтор месозад; агар бипаранд, ҷони азизашон қурбони масхарабозии шоҳи Шуғнон мегардад. Дар чунин мавриди муҳлик ҳатто Кеке ҳам лоилоҷ мемонад. Вале "инсон ба умед, шайтон ноумед" гуфтаанд. Чашмони нуздаҳ хуфӣ ҷониби пири батадбирашон Кекеи хандонрӯй дӯхта шуданд. Дар ҳар чашм умеди зинда мондан ба ранге ҷилва мезад. Баъзе чашмҳо мегуфтанд, ки "ба гапи ту ҳамин саргузашт бар дӯшамон афтод, агар балогардон бошӣ, бигардон, ки занонамон бешавҳар, фарзандонамон бепадар мемонанд". Аммо чашмоне низ буданд, ки имдод наметалабиданд; дар онҳо нигоҳҳои қатъии шахси аз ҷони худ гузашта ва нафрат ба шоҳу дарбориёнаш ба ҳам омехта, ҷӯш мезаданд!

Кеке ба ҳамдиёрони бухтзадааш рӯ овард:

– Вақту соати ба фалакёт паридани Кеке расид. Ман ки аз чашм нопадид гаштам, шумо ҳамакаса, боз Кеке гӯяд, ки ҳамакаса!!! тӯб шаведу сӯи партгоҳ бидавед. Дар ин сурат шоҳ шуморо аз паридан бозмедорад, агар не, Хуф бехованд мемонад.

Инро гуфту Кекеи сурхинапӯш "Худоё, маро биомурз!" - гӯён бонге бароварду тамоми қуввати боқимондаи танашро дар пойҳои чун линги мурғоби қоқи дарозаш баҳам оварду ҷониби Шаҳолеҷойи пурдаҳшат тохт. Чунон чобуку башаст давид, ки ангор шаҳбози шикористу сайдеро омоч гирифта бошад. То партгоҳ чор-панҷ қадам монда буд, ки Кеке чун парранда қариб як газ ба ҳаво парид ва гӯё бо оламу одам худоҳофизӣ мекарда бошад, лаҳзае қанотак заду ҷониби дарё сарозер рафт.

Ин ҳангом ғайричашмдошти шоҳу раъияташ нуздаҳ бандии боқимонда якҷо аз ҷо ҷунбиданду чун як тан ҷониби шах дартоз шуданд. Ҷаҳон дар назари Манзаршоҳ торик гашт, шоҳу гадои олам аз ёдаш рафту беихтиёр даст боло бурда, фарёд заданӣ шуд, ки Юсуфалихон пешдастӣ кард:

– Бииистееед! Напарееед! – садои марғуладори омиронаи шоҳ тамоми овозҳоро пахш карду ба гӯши бандиён низ расид.

То партгоҳ даҳ-дувоздаҳ қадам монда буд, ки нуздаҳ бандӣ барҷо истода, бо рангҳои кандаву дилҳои ганда дар ҳамон ҳол шах шуданд. Амри навбатии шоҳ баланд шуду ҷонашон ба қолаб даромад:

– Баррргаррrдееед!!

Аммо бандиён ба ҷойи пас гаштан, ба сари партгоҳ давиданд. Ва манзараеро, ки диданд, ҳамагӣ ангушти ҳайрат газиданд: Кеке дар канори дарё рӯ ҷониби қибла хобида буду марди қаландарнамое манаҳашро баста, барои батартиб овардани афту андомаш тараддуд дошт! Чун ин корро ҳам анҷом дод, рӯ ҷониби Саройи санг оварду аз дили хаста фарёди ҷигарсӯзе кашид:

**– Дарёи калону марди доно аҷаб аст,**
**Гул коштану хор буридан аҷаб аст.**
**Булбул ба қафас, қафас даруни оташ,**
**Оташ сӯзаду қафас насӯзад, аҷаб аст-еее!!!**

Аз зери партгоҳ овоз чунон муассиру ҷонхарош мебаромад, ки издиҳом шоҳу сипоҳ ва дастуру адабро фаромӯш сохту ҷониби Шаҳолеҷой тохт. Мирҷамоли дарвеш ду гӯшашро бандча зада, мемӯиду дар сари наъши Кеке фалакӣ мехонд.

**21 ноябри соли 2016 – 20 ноябри соли 2018.**

## МУНДАРИЧА

Хирпичор ........................................ 3
Иҷрои ҳукм ........................................ 9
Азо ба ҷойи базм ........................................ 15
Сияҳбардорӣ ........................................ 20
Тарҳи хешовандӣ ........................................ 27
Васвасаи ҳокимият ........................................ 34
Бодафроҳ ........................................ 39
Ошкори роз ........................................ 46
Варта ........................................ 54
Аз Рӯшон то Кобул ........................................ 60
Васвасаи таҳсил ........................................ 66
Хостгорӣ ........................................ 70
Шоҳдухтари саргашта ........................................ 78
Дар Сарез ........................................ 88
Меҳрубониҳои Юсуфалихон ........................................ 93
Муҳаббати мардум ........................................ 100
Аз чоҳ ба моҳ ........................................ 110
Таҳлили шеър ........................................ 119
Вадаксур ........................................ 126
Маҷлис дар Пастхуф ........................................ 136
Дар байни се хабаркаш ........................................ 147
Сур ва қурбонӣ ........................................ 161
Ғори Сартарош ........................................ 179
Сарвиноз падарашро меҷӯяд ........................................ 201

Дар остони Теғбараҳнагон .......... 208
Роҳҳо ҷудо мешаванд .......... 213
Овозаи тақсими сарҳад .......... 223
Офтобниҳоли зимистон .......... 237
Кӯчбанди хонадони Исҳоқ .......... 250
«Чу Фарҳод ин замон аз кӯҳканонам» .......... 265
Шикасти Ҷаҳондоршоҳ .......... 287
Машварат дар Ишкошим .......... 297
Дар боргоҳи шоҳбону Шамшод .......... 304
Дар қаламрави Кеке .......... 313
Наврӯз ё Ошӯро? .......... 327

**Ато Мирхоҷа**

# САРОЙИ САНГ

***Романи таърихӣ***
***Қисми дуюм***

Ба чоп 09.10.2019 иҷозат дода шуд. Андозаи 60x84 1/16.
Коғази офсет. Чопи офсет. Гарнитураи Times New Roman.
Ҷузъи чопии шартӣ 23,0.
Теъдоди нашр 500 нусха. Супориши № 341.

ҶДММ "ЭР-граф".
734036, ш. Душанбе, кӯчаи Р. Набиев, 218.
Тел: (+992 37) 227-39-92. E-mail: rgraph.tj@gmail.com



ISBN 978-99975-78-69-3
9 789997 578693

R-Graph